ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

*(Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ)*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

***Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни***

*(Серия 2. Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин)*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

*(Series 2: pedagogy and Phychology, Theory and teaching methods)*

**№3 (13)**

**Душанбе – 2022**

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022 таҳти № 230/МҶ – 97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

***ISSN 2708 - 5759***
**Суроға**: 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Почтаи электронӣ:**
**vestnik. tgpu@gmail. com**

**Сомонаи маҷалла:**
**http: //pedagog.tgpu.tj**

***Сармуҳаррир: Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Муовини сармуҳаррир: Сангинов Дониёр Шомаҳмадович*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Котиби масъул: Холов С.С.***

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР)шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http: //elibrary.ru*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
***Маҷидова Б.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нуъмонов М.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Иматова Л.М.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Нуров А.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022***

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры РТ с 27 января 2022 года под №230/ЖР-97*
**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Электронная почта:**
vestnik. tgpu@gmail. com

**Сайт журнала:**
http: // **pedagog.tgpu.tj**

***Главный редактор: Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло** - доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни.*

***Зам. главного редактора: Сангинов Дониёр Шомахмадович** - доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни.*

***Ответственный редактор: Холов С.С.***

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http: //elibrary.ru*

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

***Маджидова Б.** - доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов М.** - доктор педагогических наук, профессор*
***Шарипова Д.Я.** – доктор педагогических наук, профессор*
***Иматова Л.М.** - доктор педагогических наук, доцент*
***Сайфуллоев Х.Г.** – доктор педагогических наук, доцент*
***Нуров А.** - доктор педагогических наук, профессор*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2022***

*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tatarstan from January 27, 2022 under No. 230 / JR-97*

**Phone:** (+992 37) 224-20-12

**Fax:** (+992 37) 224-13-83

**E-mail:** vestnik. tgpu@gmail. com

**Journal website:** http: // **pedagog.tgpu.tj**

***Editor-in-chief: Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *– Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni.*

***Deputy Editor-in-chief: Sanginov Doniyor Shohmamadovich*** *- Doctor of Low Sciences, Professor, Scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni.*

***Executive Editor: Kholov S.S.***

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova B. -*** *doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nugmonov M. -*** *doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Sharipova D.Y. -*** *doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Imatova L.M. -*** *doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Saifulloev H.G. -*** *doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Aliev S.N. -*** *doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nurov A. -*** *doctor of pedagogical sciences, Professor*

***© Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 2022***

## МУНДАРИҶА /СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Файзализода Ҷ.Х.***
Мавзӯи ишқ ва воқеияти он дар ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ........ 8
***Комилиён Ф.С., Қодирзода Р.С.***
Технологияҳои таҳияи бозиҳои дидактикию компютерӣ ва истифодаи онҳо дар беҳдошти сифати машғулиятҳои дарсӣ ........ 14
***Гиёев А.Х.***
Проблемы нравственного воспитания младших школьников в процессе учебной деятельности ........ 23
***Раҳмонов Ш.М.***
Хусусиятҳои системаи баҳодиҳии сифати таҳсилот ........ 28
***Саидов Н.Т., Шуҳрати Б.***
Нақш ва аҳамияти омӯзиши арзишҳои миллӣ дарташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён ..... 33
***Сабоати М., Кенҷаева З.Х.***
Нақши афсонаҳои халқи дар тарбияи меҳнатии хонандагони хурдсол ........ 38
***Рӯзиева М. Д., Азимова М.Х.***
Ташаккули қобилияти эҷодии кӯдакон дар машғулиятҳои суробсозӣ ........ 42
***Муродова Ш.С.***
Баланд бардоштани сифати таълим дар донишгоҳои олӣ - омили асосии тайёр кардани мутахассиси рақобатпазир ........ 50
***Элмуродова С.Х., Умарова Р.Р.***
Нақши созмонҳои талабагии мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар касбинтихобкунии хонандагон ........ 56
***Тагиров Н.С.***
Нақши таҳсилоти муттасил дар баланд бардоштани тахассуси омӯзгорони оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 62
***Қаюмов М.Ч.***
Инкишофи қобилиятҳои ҳаракатии донишҷӯён бо воситаҳои гимнастика ........ 67
***Мирзоева С.Д.***
Зарурати истифодаи равишу усулҳои муосири таълим ........ 74
***Файзуллоев Ф.Р.***
Омилҳои асосии ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика таъсиррасонанда ........ 78
***Абдуллоева Ш. С.***
Ташаккули шавқу рағбат ба меҳнатдӯстӣ омили баланд бардоштани тарбияи маънавии насли наврас ........ 84
***Сафарзода У.М.***
Тамоюлоти муосири рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ ........ 89
***Ганиева Ф.Ф.***
Ташаккули хусусиятҳои мустақилиятнокии хонандагони хурдсол ........ 95
***Рахматуллаев Д. Н., Рахматуллоева М. Н.***
Эстетическое воспитание как педагогическая проблема ........ 100
***Рахматова П.Ф., Гадоева Ш.М., Ходжаев Дж.Х.***
Особенности физического развития девочек-таджичек 12- летного возраста (на примере Деваштичского района и г. Канибадама) ........ 104
***Раҷабова Н. М.***
Ташаккули фарҳанги маънавӣ ва ахлоқии шахсияти донишҷӯ ........ 107
***Абдуллаева З.М.***
Особенности организации внеаудиторной работы студентов на материале английского языка ........ 111
***Одилбекова З. Ю.***
Масъалаҳои психологӣ-педагогии рушди тафаккури зебоипарастӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ........ 116
***Шахбози Ш.Ш.***
Формирование правовой грамотности и правосознания по предупреждению экстремистских мотивов в молодёжной среде ........ 121
***Хоҷаева Г.***

Ҷойгоҳи Амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ.......................... 127
*Қаюмов М.И.*
Ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ ва сифатҳои маънавию ахлоқии шахсияти донишҷӯён бо воситаҳои якҳарбаҳои шарқӣ.......................... 131
*Хайруллоев Д.*
Муносибатҳои омӯзиши тайёрии касбии донишҷӯёни бакалавр.......................... 137

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Латифзода С.З., Гулова Б.*
Асосҳои методологии профайлинг.......................... 144
*Шарипова З.*
Сабабҳои пайдоиши стресси донишҷӯён ва роҳҳои раҳои аз он.......................... 149
*Маҳмудов Ш.*
Раҳёфтҳои назариявӣ дар омӯзиши мароми фаъолияти таълимӣ.......................... 155
*Сафарова М.С.*
Хусусиятҳои муноқишаҳо ва самтҳои мушкилоти оилавӣ дар шароити муосир.......................... 160
*Шарипов А.М.*
Асосҳои иҷтимоӣ- психологии робитаи иттилоотӣ ҳамчун омили инкишофдиҳандаи маърифатии донишҷӯён.......................... 164
*Чобулова Н. М.*
Таъсири падар дар тарбияи наврасон дар оила дар замони ҷаҳонишавӣ.......................... 168

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ТАБИӢ / МЕТОДИКА ПРЕПОДОВАНИЯ ГУМАНИТАРНЫХ И ЕСТЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН

*Баротзода К.А*
Нақши субъектҳои сикли методӣ дар ташкили фаъолияти илмии омӯзгорони ояндаи биология.......................... 173
*Назаров А.П.*
Технологияи сабукгардонии меҳнати истифодабарандагони протсессори матнии Word...... 181
*Дустов О. Ҷ.*
Муаллими фанни технология ва соҳибкорӣ дар амалишавии корҳои роҳнамоии касбӣ....... 188
*Чариева С.А., Файзуллоева М.М., Музрапова С.Л., Ахмедова Ф. А*
Технологияи «кейс» дар ҷараёни таълими химия ҳамчун воситаи фаъолгардонии эҷодкорӣ ва фаҳмидагирии хонандагон.......................... 193
*Баротзода К.А.*
Нақши таҷрибаи омӯзгорӣ дар ташаккули фаъолияти илмии омӯзгорони ояндаи биология.......................... 198
*Боев Ш.Р.*
Шароитҳои педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ.......................... 203
*Мирзоев А.М.*
Шинос кардани хонандагон ба офати табиии «лағжиши замин (ярч)» зимни омӯзиши мавзӯи «қувваҳои соиш» дар синфи X.......................... 208
*Табаров Д.Д.*
Баъзе мулоҳизаҳо оид ба дарсҳои табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар шароити гуманизатсияи таҳсилот.......................... 215
*Саидова Б.Т.*
Таълими тафриқа ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи маърифати хонандагон.......................... 222
*Қаландарова М.С*
Методи ҳалли масъалаҳое, ки ҳар як унсури амалиётро равшан месозанд.......................... 227
*Ҳасанов Ф.Р.*
Ташаккули натиҷаҳои метафаннии таълим дар дарси информатика.......................... 234
*Назарова М.К., Абдувалиева Н.Ю.*
Мушкилот дар шунидан ва таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайримуқаррарӣ...... 241
*Раджабова С., Холматова Д.Н.*
Самаранокии бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими математика.......................... 244
*Саттарова Ш.А., Эрматова М.Н.*
Оид ба масъалаи таълими касбии забони хориҷӣ.......................... 252

***Табаров Д.Д***
Инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳо аз фанни табиатшиносӣ....................256
***Хидиров Г.Т.***
Использование моделей и анимации для улучшения понимания студентов структуры и функции белков....................262
***Восиев К.В***
Сущность понятия «физическая культура» и ее роль в развитии личности учащегося....................268
***Джураева Н.И.***
Развитие умений будущего учителя иностранного языка использовать родной язык при обучении иностранному....................273
***Сатторова М., Атаева Х. Г.***
Маводҳои таълимӣ барои дарси забони англисии донишҷӯёни факултетҳои ғайритахассусӣ....................277
***Баротов Ҷ. Ш.***
Мавқеи бозиҳои таълимӣ-компютерӣ дар раванди инкишофи қобилиятҳои ақлонии кӯдакони боздории рушди зеҳнидошта....................281
***Ҷонмирзоев Э.Ҷ.***
Истифодаи методу усулҳои фаъоли таълим дар дарси математика....................287
***Бегимов Ҳ.Х.***
Роҳу усулҳои муносибати босалоҳият дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ....................295
***Шукурзода Х. А.***
Ба муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ оиди амалисозии тамоили алгоритмии таълими математика....................303
***Норов Р.С.***
Принсипҳо ва методҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ....................307
***Самиев С.Ф.***
Шароити педагогиии ташаккули салоҳиятҳои тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи саломатии донишҷӯён дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ....................314
***Бадалова М.А., Назаров Д. А.***
Самаранокии таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ....................320
***Хидиров Г.Т.***
Применение новых технологий при обучении биохимии....................325
***Усмонзода Ш.***
Методика обучения иностранным языкам как теория обучения и как наука....................331
***Шомуродова Б.Р.***
Масъалаҳои инкишофдиҳанда дар адабиётҳои фалсафи педагогӣ ва риёзӣ....................335
***Ҷамолбии Ҳ.***
Нақши ҳавасмандгардонии талабагон дар ҷараёни таълими забони англисӣ....................343
***Шукрихудоев М., Ахмедов Б.У.***
Аспекты и направления преподавания русского языка как иностранного в нефилологических вузах....................360
***Давлатзода Б. Д***
Особенности обучения игре на дутарев современных учебных заведениях Таджикистана:(устод-шогирд в современной эргономике)....................359
***Усмонзода Ш***
Методы использование английских видеоматериалов для развития аудирования ... ...........368
***Эшонқулова М. Т.***
Масъалаҳои мазмуни экологӣ дошта дар раванди таълими математика....................371

# МАВЗӮИ ИШҚ ВА ВОҚЕИЯТИ ОН ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

***Файзализода Ҷ.Х.***
*Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»*

Дар таълимоти тасаввуф ишқ ҳамчун ифодаи мавҷи сӯзони ишқ нисбат ба Худованд-офарандаи тамоми неъматҳои моддӣ дар мақоми аввал қарор дорад. Он ҳамчун рамзи неруи бузурги осмонӣ коинотро таҷассум намуда, ҷалби абадӣ, роҳнамои равандҳои фарозу нишеб мебошад, аз ин рӯ, офарандаи падидаҳои органикию ғайриорганикӣ, мавҷудоти зиндаву ашёи беҷон буда, тамоми ҳаракатро тавассути энергияи нисбӣ идора мекунад.

Аз нигоҳи тасаввуф, бо ҳам пайвастани мардум бо шарофати қудрати муҳаббат воқеият пайдо мекунад. Умуман, аз нигоҳи динию фалсафӣ таълимоти тасаввуф бо мафҳуми «ишқ» робитаи зич дошта, ҳамчун фалсафаи динии ишқ, ҳамоҳангӣ ва зебоӣ арзёбӣ мегардад.

Пайравони тасаввуф «барои расидан ба ҳадафи волои худ роҳи ишқу парастишро интихоб мекунанд, зеро ишқ як инсони кӯчакро аз олами ваҳдат ба олами гуногунранг ва ҳамон неру метавонад ӯро аз олами гуногунранг ба олами ваҳдат бозгардонад» [6, с.45]. Табиист, ки шоирон ва назариячиёни тасаввуф барои дарки воқеияти он таваҷҷуҳи зиёд доштанд.

Ба ақидаи Афлотун, он шахс қобилияти олӣ дорад, ки табиатан дорои эроси (саъю кӯшиш ба ҳаёт) фалсафӣ аст ва воқеан файласуф мебошад. Маҳз ҳамин эроси ҳақиқӣ, ҳангоми дидани зебоӣ ҳаяҷонро ба вуҷуд меорад – шавқу рағбат, ишқ, одатан дар аввал он чизеро ҳис мекунад, ки ба дард ва зурзанӣ ҳангоми зоиш монанд аст; вале он дар зебоии ҷисмонӣ муддати тӯлонӣ намеистад, балки ба он зебоие медарояд, ки ба сиришти накӯкор ҳамчун ҳикмат, хирад, амри виҷдон, иҷрои қонунҳо ифода меёбад ва сипас ба сабаби ин ду зебоии маънавӣ ва дар ҳамин ҳаракат қатъ нагардида, баландтару баландтар, то он вақте, ки ба охирин - аввалин - зебоӣ дар худ ва аз худ нарасад - ва танҳо дар ҳамин вақт, ниҳоят, он шиддати дарднок дар ӯ қатъ мегардад [7, с.283]. Тафсири фалсафии ишқи Афлотун ва Плотин таъсири бузурге дошт. Баъдтар ин афкори динӣ ва фалсафии Ғарбу Шарқи асримиёнагӣ фаро гирифта, дар инкишофи таълимоти динии экзотерикӣ (ошкоро, маъмулӣ) ва эзотерикӣ (махфӣ, пушида), ҳамчунин дар соҳаи тафаккури бадеӣ нақши калон бозидааст.

Дар дини насронӣ ҳар як идеали ахлоқӣ бар эҳсоси ишқ асос меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, муколамаи ботинии Августин, ки аз ишқ ба Худо саршор аст, хеле ҷолиб аст: ... «Эй ишқ, ки ҳамеша саршори эҳсос ҳастию хомӯшнашаванда, маро сӯзон, бигузор дар ишқат сӯзам, туро дӯст медорам ... Худовандо, ман туро дӯст медорам, зеро ту аввал маро дӯст доштӣ» [2, с.49].

Августин таъкид менамояд, ки дар олам ду ишқ - заминӣ ва осмонӣ вуҷуд дошта, ду ҷабҳаро ба вуҷуд меорад: Ишқи заминӣ – ин муҳаббати инсон ба худи ӯст, ки то беэътиноии Худованд рафта мерасад. Муҳаббати осмонӣ бошад – муҳаббат ба Худованд мебошад [1, с.103]. Инсон замоне оромиш меёбад, ки ба дараҷаи муҳаббати Худо ноил гардад [2, с.83-84]. Ӯ бояд ҳама чизи дигарро партояд, дар худ ғарқ шавад ва Худоро биҷӯяд: «Дар бистари андешаи худ даромада ба ҷуз Худо ва он чиро, ки ба расидани Ӯ мусоидат мекунад, хориҷ кунад ва дарҳоро баста, Ӯро биҷӯяд. Акнун бо тамоми ҳастият бигӯй: Рӯйи туро меҷӯям, эй Худованд» [2, с.85].

Умуман, дар таълимоти масеҳӣ ду намуди ишқ - заминӣ ва осмонӣ ба таври возеҳ фарқ карда мешавад, онҳоро ҳамчун ду ҷисми мухолиф, мисли биҳишт ва дӯзах муаррифӣ менамоянд. Марям тасвири идеалии муҳаббати илоҳӣ дар муқоиса бо муҳаббати заминӣ буда, ба ибораи дигар, таҷассуми инкори ишқӣ заминӣ мебошад.

Аз тарафи дигар, ашъори дунявӣ дар масъалаи дарки ишқ мухолифи эътиқоди мазҳабӣ буда, эътироф менамояд, ки танҳо муҳаббат ба зан, лаззати ҳақиқӣ меорад ва ӯ ганҷи бебаҳост [13, с.339].

Ин марзи умумии инкишофи батадриҷи ишқро адабиёти асримиёнагии қариб тамоми халқҳо ифода мекунад. Дар Фаронса, дар адабиёти трубадурҳои провансал, ҳар се марҳилаи ин рушд равшан нишон дода шудааст: 1) зани шавҳардор, хонум, 2) зани идеалӣ, парастиши зан, 3) бокираи муқаддас Марям ё Худо [12, с.261].

Аз ин рӯ, инкишофи лирикаи асримиёнагӣ набояд тасодуфан шарҳ дода шавад. Дар ин маврид ба назар чунин мерасад, ки як қонуни умумие вуҷуд дорад, ки ба консепсияи эстетикӣ ва фалсафии асрҳои миёна асос ёфтааст. Эстетикаи асримиёнагӣ арзиши мустақилонаи зебоии мушаххасро эътироф намекунад ва одатан, онро абстракт медонад.

Дар афкори асримиёнагӣ, бахусус, самти эзотерикии он, аз ҷумла яке аз намояндагони он Афлотун ишқро ҳамчун неруи поку созанда, ки инсонро аз сатҳи мавҷудияти нафсонӣ ба сатҳи мавҷудияти илоҳӣ мерасонад, тасвир кардааст.

Тасаввуф, аз ҷумла яке аз симоҳои барҷастаи он Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ моҳияти ишқро дар доираи таълимоти худ дарк мекунанд. Ба ақидаи суфиён, ишқ қувваи пешбарандаи ҳиссиёти динӣ, устувории ахлоқи зоҳид, имони авлиё ва ягона асоси камолоти ахлоқӣ мебошад. Ин маънии даст кашидан аз нафсу сарват, шӯҳратпарастию ҳавасҳо, зиндагӣ ва ҳама чизеро дар назар дорад. Шахс, ки соҳиби ҳамаи ин чизҳо мебошад, аз ин рӯ, набояд ба ивази он чизи дигареро талаб кунад. Дар таълимоти тасаввуф, бахусус ба суфиён инъикоси ишқи илоҳӣ бо рангҳои оддии инсонӣ хос аст. Тасаввуф тафаккури шоиронаеро, ки он замон дар ниҳоди ишқ вуҷуд дошт, комилан ба худ гирифт, вале хатти дарки моҳияти ишқро ба таври таҳаввулотӣ инкишоф дод, онро ба сатҳи фаҳмиши нав боло бурд, ба он хусусиятҳои нави ниҳонӣ, яъне рамзӣ бахшид. Яъне, ба зиммаи лирикаи муқаррарии ишқ вазифаи тасвири ишқи илоҳиро вогузор кард. Чунон ки Р.Николсон қайд кардааст, суфиён ба ин васила сирру асрори худро ба гунае пардапӯш мекарданд, то махфӣ нигоҳ дошта шаванд.

Аз тарафи дигар, ин ифодаи рамзӣ барои он зарур буд, ки тафсири ирфониро талаб мекард. Аз ин рӯ, барои махфӣ нигоҳ доштани афкори ирфонӣ намояндагони тасаввуф вожаҳо ва образҳои бадеии рамзиро истифода бурда, ба ин васила аз тавзеҳи равшани он худдорӣ мекарданд. Орифон наметавонистанд ҳиссиёти аслии худро мустақиман баён кунанд ва ё шарҳ диҳанд. Масалан, рухсораи гулобӣ маънои табиати илоҳӣ, зулфи сиёҳ маънои асрори Худо ва роҳи дарки Ӯ, лабҳои ёқутӣ маънои саодати рӯҳонӣ ва раҳмати ниҳонӣ, шароб муҳаббати Худо, соқӣ маънои муршидро дошта, майхона (ḣarabat) маконест, ки дар он майи илоҳӣ менӯшанд ва ғайраҳо... Чунин усули рамзӣ дар баёни андеша ва тасвири ишқи илоҳӣ аз нуктаи назари ҳиссиёти оддӣ боиси баҳсҳои тӯлонӣ ва ҳалношавандаи миёни донишмандон оид ба дарки моҳияти лирикаи шарқӣ гардидааст.

Душвории ҳалли масъала дар он аст, ки лирикаи шарқӣ - воқеият аст ё ирфонӣ, объекти ормон ва дарки он инсон аст ё Худованд, ва ниҳоят, дар он ишқи инсонӣ тасвир шудааст ё илоҳӣ?! Ҳалли масъала ба ибораи Э.Е.Бертелс, «бениҳоят душвор аст» [3, с.66].

Аз ин рӯ, муқаррар намудани меъёрҳои объективӣ барои фарқ карда тавонистани лирикаи ирфонӣ ва «воқеӣ»-и асрҳои миёна имконнопазир аст.

Сабаби асосии «ҳалнопазирӣ» нодуруст гузоштани савол аст. Ба пиндори мо дар асрҳои миёна (асрҳои XIV-XVII) «шеъри воқеии лирикӣ», ки дар девонҳо тасвир шуда буд, ба дараҷаи баланд мухолифи тасаввуф ташаккул ёфта, аслан ғайривоқеӣ, қариб аз ҳиссиёти табиии инсонӣ, аз шеваҳои маъмулии он тамоман холӣ буд. Ба ибораи дигар, баррасии лирикаи асрҳои миёна дар радифи ду қутби ба ҳам зид - воқеӣ-инсонӣ ва ирфонию абстрактӣ ин худ хилофи қоида аст. Аз тарафи дигар, тасаввуф ишқи башарӣ ва зебоии ҷаҳони воқеиро инкор накарда, баръакс онҳоро фурсати раднопазир ва ҳатто як қадами зарурӣ барои расидан ба ишқи илоҳӣ медонад ва чунин тарзи масъалагузорӣ дурустии онро собит намекунад. Вале бо назардошти ба доираи омӯзиши мавзӯи таҳқиқи мо дахл надоштани масъала, аз шарҳи муфассали он худдорӣ мекунем.

Дар ин ҷо мо ба масъалаи дарки моҳияти ишқ ва ҷаҳонбинии Мавлоно таваҷҷуҳ зоҳир намуда, хусусиятҳои тафсири бадеии ӯро сарфи назар мекунем.

Ба ақидаи Мавлоно, ишқ, пеш аз ҳама, сабаби таҷдиди коинот, асоси дигаргуниҳои кайҳонӣ ва ҳар гуна ҳаракат аст... Ҳама чиз бо он фаро гирифта шуда, дар ҳама ҷо ҳукмфармост ва ба ҳама ҳукмрон аст. Ба шарофати ишқ биҳишт медурахшад, агар ишқ бимирад, ситораҳо низ нопадид мешаванд. Бо ишқ «дол» ба «алиф» табдил меёбад ва бе он «алиф» ба «дол» [8, с.49]. «Агар ишқ намебуд, вуҷуд чӣ гуна пайдо мешуд?! - мепурсад мутафаккир, - нон чӣ тавр мепазад ва дар бадани Шумо чӣ тавр ҷой мегирад? Нон бо кадом сабаб ҳастии ту шудааст?! Аз сабаби ишқ! Дар акси ҳол, нон имкон ва роҳи ба рӯҳ табдил шуданро дорад? Ишқ нони мурдаро ба рӯҳ ва ҷони фаношавандаро ба абадият табдил медиҳад» [10, с.35-45].

Худованд дунё, инсон ва махсусан Пайғамбар (с)-ро тавассути неруи бузурги ишқ офаридааст, пас қувваи ишқ беканор аст. «Аз ишқ баҳр ҷӯш мезанад. Ишқ кӯҳро ба қум табдил медиҳад, осмонро мешиканад, дар он сурохиҳо месозад, ишқ заминро бесабаб меларзад... Чун Муҳаммад (с) баргузида, дар доираи ишқ буд, пас Худованд ӯро дар миёни паёмбарон баргузида гардонид. Агар аз ишқи пок намебудӣ, осмонро меофаридӣ?! Осмонро боло кардам, то ки қадри баланди ишқро дарк кунад... Заминро комилан хор кардам, то бӯи хории ишқро ҳис кунад... [10, с.27-45]. Осмон ба замин салом медиҳад, мегӯяд, ба ту часпидаам, чун оҳан ва оҳанрабо. Осмон мард ва замин зан аст. Ӯ медиҳад ӯ таълим медиҳад, ғизо медиҳад. Агар ба гармӣ ниёз дошта бошад, (осмон) мефиристад, агар (замин) ба рутубат

ниёз дошта бошад, боз мефиристад.... Агар замин намебуд, садбарг чӣ гуна мерӯид, дарахтони Яҳудо, агар об ва гармии осмон намебуд, аз замин чӣ мерӯид? [9, с.415].

Ба ибораи дигар, «инсон, ҳайвон, набохот, булӯр - ҳама барои ҳамдигар маҳбуб ва маҷнунанд [9, с.443]. Аз ин рӯ, ба ақидаи Мавлоно, ишқ такондиҳандаи ҳар як ҳаракат, сарчашмаи ҳаёт, рушди ҷовидона, неруи тағйирдиҳанда ва дигаргунсозандаи олам аст.

Мо имкон надорем, ки аз тамоми гуфтаҳои Мавлоноро доир ба ин масъала ёдовар шавем, аз ин рӯ, бо арзёбии умумӣ, ба дарки маънӣ ва тафсири масъалаи ишқ дар доираи ҷаҳонфаҳмии шоир маҳдуд мешавем.

Ақл ишқро дарк карда наметавонад. Вай duздест, ки танҳо ақлро рабуда, онро мағлуб мекунад.

Агар ишқ бемор бошад, саломатӣ беҳтар нест. Ишқ талхро ба шириниву мисро ба тилло табдил медиҳад.

Дар арсаи ишқ танҳо як ҳукмрон аст – Худованд. Ба қавли Мавлоно, ишқ ин пеш аз ҳама як неруи харобиовар аст, ки падидаҳои ҷинсӣ, ҷисмониро нобуд сохта, рӯҳро ба майдони васеи амал мекашад. Инро дар забони тасаввуфи поксозӣ меноманд, ки маъмулан дар пайи он солик ба камолот мерасад. Албатта, ин ҷо сухан на дар бораи камолоти ҷисмонӣ, балки дар бораи камолоти ҷанин меравад. Чунин ба назар мерасад, ки дар низоми ҷаҳонбинии мутафаккир ҷои асосиро ишқи илоҳӣ ишғол мекунад ва он яке аз нуктаҳои асосӣ ва марказии ҷаҳонбинии ӯ мебошад. Аммо Мавлоно ишқи инсонӣ ва ё заминиро нодида намегирад ва аз он дурӣ низ намеҷӯяд. Мутафаккир чунин ишқро қадами аввалини камолоти инсонӣ медонад ва маҳз «танҳо ба шарофати (ин) ишқи инсонӣ, инсон болотар аз худ мешавад; дар дурахши чашмони маҳбубааш нури худоро мебинад ва бо дастони худ дуру дароз онро ба оғӯш мегирад [5, с.61]. Умуман, сӯфиён зиндагии зоҳидро инкор мекунанд, зиндагии заношӯиро ҳамчун суннат шаръӣ медонанд. Агар роҳиби насронӣ дар зан васваса ва доми шайтониро дар ишқ бубинад, барои дарвеши мусулмон ишқи зан тӯри гузоштаи Худост. Суфиён ишқи инсониро яке аз шартҳои зарурии абадияти ҷисмонии аҳли башар медонанд.

Мавлоно низ дар ин бора чунин мегӯяд: «Шавқу рағбати зан нисбат ба мард ба беҳбуди аъмоли ҳарду мусоидат мекунад... Дунё дар ин ваҳдат то абад бимонад, Худованд дар зану мард рағбати ҳамдигарро бедор кардааст. Вай ба ҳарду тараф рағбатро ба вуҷуд меовард, ки дар натиҷаи якҷояшавии онҳо чизи нав ба вуҷуд меояд» [9, с.4414-16].

Дуруст аст, ки Мавлоно таъкид менамояд, - зебоии зан тӯрест, ки шайтон густурдааст ва бо он ба ҳадафи худ мерасад. Аммо тафаккури диалектикии шоир ҳамеша вуҷуди мафҳумҳои ба ҳам зидро тақозо мекунад. Барои шоир аз ҳама муҳим он аст, ки инсон аз нафси пок тавлид шуда, ба камол расад. Вале агар ҳавас набошад ин имконнопазир аст, мегӯяд ӯ.

Ба ақидаи Мавлоно, зан барои ниёзҳои табиии мард офарида шудааст. Зимнан, танҳо издивоҷ бар ҳавас пирӯз мешавад ва инсонро аз байн бурда метавонад: «Шавқ аз хӯрдан пайдо мешавад, бинобар ин, кам хӯр ё издивоҷ бикун то аз бадӣ дур шавӣ» [10, с.1373].

Мавлоно ҳаёти зоҳидро, ки умуман хоси дини мусалмонӣ нест, маҳкум мекунад. Ба ақидаи ӯ, мусалмон бояд роҳи ҳақиқии зиндагии пур аз хатарро тай кунад, то хислатҳои мусбати худро ошкор намояд. Ва роҳибӣ моли насрониҳост.

Бинобар ин, Паёмбар (с) мефармояд: «Дар миёни мусалмонон роҳибӣ нест». Роҳибон зиндагии зоҳидонаро пеш мебаранд, дар кӯҳҳо қарор мегиранд ва зан намегиранд ва бо ҳамин аз дунё даст мекашанд... Худованди мутаъол роҳи ҳақро ба Паёмбараш нишон додааст. Ин роҳ чист? Занро орзу кардан, бо ӯ камар кашидан, ҳарзаҳои ӯро шунидан, ӯро лаҷом задан, ба хотири камол ва поксозии худ бо ӯ издивоҷ кардан. Дар ҳақиқат, ту дорои хислатҳои зебо ва бузург ҳастӣ» [11, с.86]. Ба андешаи Мавлоно ҳамзистӣ бо зан яке аз роҳҳои поксозӣ аст.

Дар маҷмӯъ, шоир ба ҷинси зан таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Дар асарҳои ӯ ин масъала аз нуқтаи назари гуногун, аксаран аз нуқтаи назари мухолиф баён карда шудааст.

Барои Мавлоно чун ҳар як суфӣ, ишқ нисбат ба зан, ин пеш аз ҳама, василаи боло рафтан ба даргоҳи Худост (аз даргоҳи Худованд). Зан зебогии Худоро ба таври комил инъикос мекунад, зеро вай беҳтарин ва комилтарин шакли зебоии заминист. Зан ҳар ду ҷанбаи Худоро инъикос мекунад: ҳам ғайрифаъол ва ҳам фаъол. Барои ки он зуҳуроти комили Худост. Бартарии зан дар он аст, ки он дар мард ишқро бедор мекунад ва ин ишқ сабаби бедории хосиятҳои илоҳии мард, хоҳиши пайвастан ба Худованд мегардад. Аз ин рӯ, Мавлоно занро нури Худо эълон мекунад..

Лирикаи пуртаъсири шоир бо маънии амиқи фалсафиаш то ба имрӯз дили хонандаро тасхир мекунад

Мавлоно аз байни занон пайравони зиёд дошт, ки бидуни ягон пӯшиш дар маҷлиси муташаккили шоир ширкат мекарданд ва баробари мардон бархурдор буданд. Бархе аз

сӯфиён талош мекарданд, ки тафовути зану мардро аз байн баранд ва чуноне ки мегӯянд, дар даргоҳи бархе аз сӯфиён занон бе рӯймол намоз мехонданд...

Аз ин нуқтаи назар, Мавлоно кори наве накардааст, вале он далел бағоят муҳим аст, ки ки шоир бар зидди зулми занон дар ҷомеа, бар зидди ҳарам ва фаранҷӣ исён карда, ин исёнро басо асил асоснок мекунад: «Дунё чист ва зан кист? Хоҳед бигӯед, нахоҳед нагӯед. Вай корашро тарк намекунад ва он чи буд, мемонад. Гузашта аз ин, агар гӯед, он танҳо бадтар мешаваду беҳтар не. Чи қадаре ки шумо ба зан мегӯед, ки пинҳон шавад, ҳамон қадар ӯ кӯшиш менамояд, ки худро бештар нишон диҳад. Ва ҳар қадаре ки ӯ худро пинҳон мекунад, ҳамон қадар одамон ӯро дидан мехоҳанд. Ҳамин тавр, худи шумо дар ҳарду маврид хоҳишатонро бедор карда, гумон доред, ки кори дуруст мекунед, дар акси ҳол худатон сабабгори нокомии кор мегардед [11, с.87-88].

Ба ақидаи Ҷалолиддини Балхӣ зани дар парда печондашуда, низ ҳиссиётро бедор мекунад. Тавре аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, Мавлоно бо мафҳуми «манъ, мамнуъ» мухолиф аст. Ӯ таъкид мекунад, ки табиати инсон чунин аст, ки вай барои донистани чизи номаълум доимо кӯшиш мекунад.

Ба ақидаи Мавлоно, маҳз ба ҳамин далел файласуфон ба дидори Ҳақ ва ба ҷамоли Худованд мушарраф шудани инсонро ғайриимкон меҳисобанд, зеро вай метавонад дилгиркунанда шавад. Аҳли суннат низ бар ин назаранд, ки агар Худо дар як шаклу як ранг зоҳир гардад, дилгиркунанда шуда, шавқу ҳавас нисбат ба ӯ аз байн меравад.

Мавлоно таъкид менамояд, ки ҳар қадар манъ кардан бештар бошад, ҳамон қадар таваҷҷуҳ ба ҳаром бештар мегардад. Дар баробари ин, шавқу ҳаваси дутарафа - дидан ва ба назар намоён шудан меафзояд. Ҳамин тариқ, мутафаккир назарияи «ҷадвали инкорӣ»-ро ба миён мегузорад, ки таҳқиқи он дар сотсиологияи муосир шоёни таваҷҷуҳ буда, таҳиқиқи махсусро тақозо менамояд.

Хулоса, ба ақидаи Ҷалолиддини Румӣ, зан ҳамчун як падидаи биологӣ барои ниёзҳои табиии инсон офарида шуда, шарти зарурии сард кардани ҳавасест, ки ҳатман дар ӯ вуҷуд дорад.

Ниҳоят, зебоии зан ҳамчун инъикоси комили илоҳӣ ибтидоест, ки эҳсосоти эстетикии моро ба ҳаяҷон меорад. Ба ин муносибат Алигери Данте чунин менигорад: «Чеҳраи зебои занро муддати тӯлонӣ тамошо кардан ғайриимкон аст, зеро дил бо дидани чунин зебоӣ чунон маст мешавад, ки тамоми қудрати худро аз даст медиҳад». Ва онҳое, ки аз зебоии ӯ месӯзанд, «тавлиди нуқсони дар табиати мо бударо нест мекунад». Ҳамин тариқ, «ин зебоӣ қодир аст табиати онҳоеро, ки ба он тааҷҷуб мекунанд, нав кунад, зеро он мӯъҷиза аст». Ҳамин тавр, ба андешаи Данте, ишқ ба зебоӣ, пеш аз ҳама, неруест, ки тинати инсонро пок месозад ва ӯро дубора эҳё намуда, ба асли илоҳӣ мебарад [4, с.182-83].

Ба эътиқоди амиқи Мавлоно, дар ниҳоят ҳадаф аз ишқ яктост: он бояд инсонро дар мулки Худованд боло бардорад ва тасдиқ намояд. Ин ҳақиқати ишқи қавӣ мебошад ва фарқ надорад, ки он ба ашёҳои ин ҷаҳон нигаронида шудааст ё ба падидаҳои ғайривоқеӣ, ӯ менависад:

*Ончи маъшуқ аст сурат нест он,*
*Хоҳ ишқи ин ҷаҳон хоҳ он ҷаҳон.*
*Ончи бар сурат ту ошиқ гаштаӣ*
*Чун бурун шуд ҷон чарояш ҳиштаӣ…[9, с.111]*

Мавлоно зикр мекунад, ки ишқ дар ниҳояти кор ба ишқи Худо баробар мешавад. Вале Мавлои Рум ишқи заминӣ ва зиндагии заминиро мафҳуми гузаранда медонад. Чи гунае ки ба кӯдаки хурдсол барои таълим як шамшери чӯбин медиҳанд, ишқи заминӣ ба мисли ҳамин шамшери чӯбин аст. Баъди он ки ин бадбахтӣ ба охир мерасад, он ишқ ба ишқи илоҳӣ табдил мeёбад [8, с.60]. Умуман, тасаввуф ишқи заминиро ба таври маҷозӣ, ба таври истиора тасвир мекунад.

Ҷалолиддини Балхӣ борҳо таъкид мекунад, ки ишқи маҷозӣ билохира ба ҳақиқат пайваста, бегуноҳии худро собит месозад. Вале шахсе, ки ба ишқи илоҳӣ расида, аз ҳама орзуҳои заминӣ даст кашидааст, муътакид аст, ки ҳама чизи ин ҷаҳон бебақо буда, танҳо барои ба мақсад расидан хизмат мекунад: «Одам вақте ба ҳақ мепайвандад, ба якҷояшавӣ беэътиноӣ мекунад. Агар он чизеро ки ту мехоҳӣ ба даст оварӣ, пас хоҳиши азхудкунии илм аллакай бефоида мегардад. Вақте ки ба фалак меравед, худро дар ҷустуҷӯи нардбон ташвиш додан бемаънигист... Вақте ки оина тоза карда шуда, сайқал медиҳад, боз тоза кардани он аллакай нодонист. Вақте ки подшоҳ туро қабул мекунаду аллакай дар рӯ ба рӯи ӯ нишастаӣ, ҷустуҷӯ кардани миёнараву нома навиштан - шармандагист» [9, с.1400-05].

Дар фаҳмиши Мавлоно моҳияти аслии ишқ маҳз дар он аст, ки ҳангоми баромадан ба арши Худованд он вазифаи нардбонро иҷро мекунад.

Аз ҷониби дигар, ин болоравӣ танҳо вақте имконпазир мегардад, ки агар инсон дилашро бо муҳаббат пок созад. Инсон бояд аз оташи пурқудрати ишқ гузашта, худро пок созад ва ҳама чизеро, ки барои дидани зебоии мутлақ халал мерасонад, бисӯзонад. Дар ин маврид, аз нуқтаи назари мутафаккир ишқ ҳамчун неруи пешбаранда тасаввур мешавад:

*Ақл банди раҳравонаст эй писар!*
*Банд бишкан раҳ аёнаст эй писар!*
*Ақл банду дил фиребу ҷон ҳиҷоб*
*Роҳ аз ин ҳар се ниҳонаст эй писар!*
*Чун зи ақлу ҷону дил бархостӣ*
*Ин яқин ҳам дар гумонаст эй писар!*
*Мард, ку аз худ нарафт ӯ мард нест*
*Ишқ бедард, афсонааст эй писар!*
*Синаи худро ҳадаф кун пеши дӯст*
*Ҳин (ҳушёр) ки тираш дар камон аст эй писар!*
*Синае к-аз захми тираш хаста (захмӣ) шуд*
*Дар ҷабинаш сад нишонаст эй писар!*
*Ишқ кори нозукони нарм нест*
*Ишқ кори паҳлавонон аст эй писар!...[8, с.427-28]*

Дар ин шеъри мухтасар моҳияти ишқи тасаввуфӣ ба таври возеҳ тавсиф ёфта, марҳилаҳои инкишофи он баён гардидааст.

Ба ақидаи сӯфиён, ҷудоӣ аз асли хеш барои инсон фоҷиаи бузург аст. Мавлоно дар муқаддимаи «Маснавӣ»-и машҳури худ маҳз аз ҳамин ҷудоӣ сухан меронад – най аз ҳастии ибтидоӣ ва гумшудаи худ бо алам нола мекунад. Шоир дар ин сарахбори зебо моҳияти асосии ҷаҳонбинии худро ба таври рамзӣ баён кардааст. Эҳсоси ҷудоӣ боиси андӯҳи бузург ва амиқи ошиқ мегардад. Тамоми ишқи ирфонӣ бар ҳамин гуна андӯҳ асос ёфтааст. Андӯҳе, ки дар дили ошиқ ҳукмфармост, бояд ӯро аз ҷиҳати ҷисмонӣ заиф созад, вайро аз ақл бегона созад, зеро бо ёрии ин гуна ишқ ошиқ ба олами беруна, ба ҳастии хаёлӣ робита муқаррар мекунад.

Чи тавре ки аллакай зикр кардем, ишқ дар воқеияти асримиёнагӣ на ҳамчун ҳиссиёти оддии инсонӣ ва падидаи психологӣ, балки ҳамчун категорияи ахлоқию эстетикӣ баррасӣ мегардид, ки ҳадафи асосии он такмили ахлоқии инсон буд. Албатта он наметавонад маҳаки асосии ахлоқи тасаввуф гардад, зеро дар ин муқаррарот ниятҳои «худпарастӣ» ниҳон аст. Зоҳид бо умеди охират ин дунёро тарк мекунад, ки ин ба худхоҳӣ алоқаманд аст. Сӯфиён чунин ниятҳоро маҳкум мекунанд. Ба ақидаи онҳо, фидокорӣ набояд ягон манфиати шахсӣ дошта бошад. Фақат ишқи Худованд пояи ҳақиқии некиро муайян мекунад ва аъмоли нек танҳо барои хайр аст.

**АДАБИЁТ**


1. Августин. Избранные сочинения Блаженного // Августина. Ч.II. [Текст]. - М.,1786. – 203 с.
2. Августин. Избранные сочинения Блаженного // Августина. Ч.IV. [Текст].- М.,1786. - 260 с.
3. Бертельс Е.Э. Очерк истории персидской литературы [Текст]. / Е.Э.Бертельс – М., 1928,- 205 с.
4. Данте А. Малые произведения. (Издание подготовил И.Н.Голенищев-Кутузов) [Текст]. / А.Данте - М., 1969. - 670 с.
5. Дармстетер Дж. Происхождение персидской поэзии [Текст] / Дж.Дармстетер – М., 1925. - 84 с.
6. Инаиять-Хань. Суфийское послание о свободе духа [Текст] / Инаиять-Хань / Пер. с англ. А. Балакина. – М., 1914. - 48 с.
7. Плотин. Избранные трактаты [Текст] / Перевод с греческого языка, под ред. Г.В. Малеванского // Вера и разум.- 1989.- № 19. – С.283.
8. Ҷалолиддини Румӣ. Китоби «Девони Шамси Табрезӣ» (сайр дар «Девони Шамс». [Матн] /Ба қалами Алии Даштӣ; шарҳи ҳоли Мавлавӣ ба қалами Бадеуззамони Фурӯзонфар) / Румӣ Ҷалолиддини - Теҳрон, 1345.-1365с.
9. Ҷалолидддини Румӣ. «Маснавии маънавӣ» [Матн] /Ба сайъ ва эҳтимом ва тасҳеҳи Николсон. Ҷ.III. / Румӣ Ҷалолиддини – Теҳрон: Чопи Пирӯз,1925-1933. с.4414-16.
10. Ҷалолидддини Румӣ. «Маснавии маънавӣ» [Матн] /Ба сайъ ва эҳтимом ва тасҳеҳи Николсон) Ҷ.V. / Румӣ Ҷалолиддини – Теҳрон: Чопи Пирӯз,1925-1933., Т.V. с.941.
11. Ҷалолиддин Румӣ. Китоби «Фиҳи мо фиҳӣ» [Матн] /Бо тасҳеҳот ва ҳавоиши Бадуззамон Фурӯзонфар. / Румӣ Ҷалолиддини - Теҳрон 1330. С. 86.
12. Шишмарев Е.Ф. К истории любовных теорий романского средневековья [Текст] / Е.Ф.Шишмарев // Избр.статьи. - М-Л., 1965. – 353с.
13. Эйкер Р. История и система Средневекового миросозерцания [Текст] / Р. Эйкер // Перевод с немецкого В.Н.Линд. - СПб., 1907. - 391с.

**МАВЗӮИ ИШҚ ВА ВОҚЕИЯТИ ОН ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ**

*Мақола ба яке аз мавзӯъҳои муҳим дар илми психология - мавзӯи ишқ ва воқеияти он дар ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бахшида шудааст.*

*Ба андешваи муаллифи мақола дар таълимоти тасаввуф ишқ ҳамчун ифодаи мавҷи сӯзони ишқ нисбат ба Худованд-офарандаи тамоми неъматҳои моддӣ дар мақоми аввал қарор дорад. Пайравони тасаввуф барои расидан ба ҳадафи волои худ роҳи ишқу парастишро интихоб мекунанд, зеро ишқ як инсони кӯчакро аз олами ваҳдат ба олами гуногунранг ва ҳамон неру метавонад ӯро аз олами гуногунранг ба олами ваҳдат бозгардонад.*

*Ба ақидаи Мавлоно, ишқ, пеш аз ҳама, сабаби таҷдиди коинот, асоси дигаргуниҳои кайҳонӣ ва ҳар гуна ҳаракат аст... Ҳама чиз бо он фаро гирифта шуда, дар ҳама ҷо ҳукмфармост ва ба ҳама ҳукмрон аст. Шоир моҳияти ишқро дар доираи таълимоти худ дарк мекунанд.*

*Мавлоно таъкид менамояд, ки ҳар қадар манъ кардан бештар бошад, ҳамон қадар таваҷҷуҳ ба ҳаром бештар мегардад. Дар баробари ин, шавқу ҳаваси дутарафа - дидан ва ба назар намоён шудан меафзояд. Ҳамин тариқ, мутафаккир назарияи «ҷадвали инкорӣ»-ро ба миён мегузорад, ки таҳқиқи он дар сотсиологияи муосир шоёни таваҷҷӯҳ буда, таҳқиқи махсусро тақозо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷалолиддини Балхӣ, тасаввуф, ишқ, ишқи илоҳӣ, неъматҳои моддӣ, неруи бузурги осмонӣ, ҷалби абадӣ, ҳаракат, қудрати муҳаббат, фалсафи динӣ, пайравони тасаввуф, парастиш, инсон, ваҳдат, эрос, ҳаяҷон, шавқу рағбат, ҳис, ҳикмат, хирад, таълимоти динии эзотерикӣ ва экзотерикӣ, тафаккури бадеӣ.*

**ТЕМА ЛЮБВИ И ЕЕ РЕАЛЬНОСТЬ В СТИХАХ МАВЛАНО ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ**

*Статья посвящена одной из важных тем в науке психологии - теме любви и ее реальности в стихах Мавланы Джалолиддина Балхи.*

*По мнению автора статьи, в учении суфизма любовь стоит на первом месте как выражение жгучей волны любви к Богу, творцу всех материальных благ. Последователи суфизма выбирают путь любви и поклонения для достижения своей высшей цели, ведь любовь может вывести маленького человека из мира единства в мир разнообразия, и та же сила может вернуть его из мира разнообразия в мир единства.*

*По словам Мавланы, любовь – это, прежде всего, причина обновления мироздания, основа космических изменений и всякого рода движения. Ею покрыто все, она властвует везде и над всем властвует. Поэт понимают сущность любви в своих учениях.*

*Мавлана подчеркивает, что чем больше запретов, тем больше внимания уделяется хараму. При этом обоюдный интерес - видеть и быть видимым - возрастает. Таким образом, мыслитель выдвигает теорию «таблицы отрицания», изучение которой достойно внимания в современной социологии и требует специальных исследований.*

***Ключевые слова:*** *Джалалуддин Балхи, суфизм, любовь, божественная любовь, материальные блага, великая небесная сила, вечное влечение, движение, сила любви, религиозная философия, последователи суфизма, поклонение, человек, единство, эрос, волнение, страсть, смысл, мудрость, эзотерические и экзотерические религиозные учения, художественное мышление.*

**THE THEME OF LOVE AND ITS REALITY IN THE POEMS OF MAVLANO JALALUDDIN BALKHI**

*The article is devoted to one of the important topics in the science of psychology - the theme of love and its reality in the poems of Mavlana Jalaluddin Balkhi.*

*According to the author of the article, in the teachings of Sufism, love comes first as an expression of a burning wave of love for God, the creator of all material wealth. The followers of Sufism choose the path of love and worship to achieve their highest goal, because love can take a small person from the world of unity to the world of diversity, and the same power can bring him back from the world of diversity to the world of unity.*

*According to Mavlana, love is, first of all, the reason for the renewal of the universe, the basis of cosmic changes and all kinds of movement. She covers everything, she rules everywhere and rules over everything. The poet understand the essence of love in their teachings.*

*Mavlana emphasizes that the more prohibitions, the more attention is paid to haram. At the same time, mutual interest - to see and be visible - increases. Thus, the thinker puts forward the*

*theory of the "negation table", the study of which is worthy of attention in modern sociology and requires special research.*

***Key words:*** *Jalaluddin Balkhi, Sufism, love, divine love, material wealth, great heavenly power, eternal attraction, movement, power of love, religious philosophy, followers of Sufism, worship, man, unity, eros, excitement, passion, meaning, wisdom, esoteric and exoteric religious teachings, artistic thinking.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Файзализода Ҷумахон Хол*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор. Директори МД «Китобхонаи милии Тоҷикистон». Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Теҳрон, 5, Тел.: (+992) 918506324; E-mail: f.jumakhon@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Файзализода Джумахон Хол*** *- доктор педагогических наук, профессор. Директор ГУ «Национальной библиотеки Таджикистана». Адрес: 734024, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, к. Тегеран, 5, тел.: (+992) 918506324; E-mail: f.jumakhon@mail.ru*

***About the author:***

***Fayzalizada Jumahan Khol*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor. Director of the State Institution «National Library of Tajikistan». Address: 734024, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Tehran, 5, Tel.: +992 918506324.*

**ТДУ 373:004**

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ТАҲИЯИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКИЮ КОМПЮТЕРӢ ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР БЕҲДОШТИ СИФАТИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ДАРСӢ

***Комилиён Ф.С., Қодирзода Р.С.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*«Ба кӯдак барои бозӣ кардан на танҳо вақт додан, балки ҳаёти ӯро бо бозӣ шодоб кардан лозим аст».*

*А.С. Макаренко*

*Хусусиятҳои маърифатӣ ва фароғатии бозиҳои кӯдакона.* Кӯдакон аз синни хурдсолӣ ба ҳар гуна бозӣ майлу рағбат доранд. Агар дар ибтидо бозиҳои кӯдакона ҷанбаҳои шиносоӣ бо муҳити атроф ва дарки объектҳои берунаро дошта бошанд, ҳангоми синни мактабхонӣ ва камолоти кӯдакон онҳо тадриҷан ҷанбаҳои маърифатиро ба худ касб менамоянд.

Ҳадафи ҳар як бозӣ – рафъ намудани ягон навъ монеа аст. Бартараф кардани монеа ҳамчун дастоварди шахсӣ, пирӯзии бузург ва ҳатто ҳамчун як навъ кашфиёт – кашфи шахсияти худ, кашфи қобилиятҳои худ, кашфи имконоти худ ва ғайра аз тарафи кӯдак қабул ва баҳо дода мешавад. Аз ин рӯ, бозиро ҳамеша интизорӣ ва эҳсоси шодии кӯдак пайгирӣ менамояд ва он пайваста бо натиҷаи *«Ман метавонам!»* анҷом меёбад.

Бозӣ ҳамчун шакли асосии фаъолияти хонандагони хурдсол, дар таълиму тарбияи мактаббачагони синфи 5, ки дар ҳолати гузариш аз мактаби ибтидоӣ ба мактаби миёна қарор доранд, ҷойгоҳи махсус дорад.

Бозӣ он гуна шакли фаъолиятест, ки хонандагони ин синну сол бо он машғул шуда, ҳамзамон бо таълим низ фаро гирифта мешаванд. Фаъолияти мазкур – беҳтарин воситаи васеъ, амиқ ва мустаҳкамгардонии сатҳи дониши хонандагон мебошад. Он дар амалия ва назарияи педагогӣ тасдиқи худ ва ҷойгоҳи худро кайҳо пайдо кардааст.

Омӯзгор бо истифода аз бозиҳои педагогӣ (дидактикӣ), беихтиёр ба хонандагон таассуротҳои зеҳнӣ, ахлоқию иродавӣ ва эҳсосотӣ (эмотсионалӣ) мерасонад, зеро дар табиати бозиҳо намунаи барҷастаи синтези шаклҳои гуногуни таъсирҳои педагогӣ маҳфуз аст. Дар муҳити синфхонаи таълимӣ раванди амалишавии бозӣ ҳамеша ба ҳалли ягон масъалаи дидактикӣ равона мебошад, яъне он аллакай, то амалишавӣ, ба ягон мавзуи мушаххаси барномаи таълим алоқаманд ва тобеъ гардонида шудааст. Албатта, дар ин маврид, иҷрои бозӣ аз хонандагон доштани як миқдор малакаю маҳорат ва донишро талаб мекунад, ки барои татбиқи ҳадафҳои он басанда бошанд.

Дар раванди бозӣ масъалаи таълимӣ мустақиман ба хонандагон пешниҳод карда намешавад, балки мавҷудияти он ба таври ноошкор доимо эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, дар

ҷараёни аз бар кардани маводи таълимӣ хусусият ва «табиати дугона»-и бозӣ баръало айён мегардад – тамоюли ҳам маърифатӣ ва ҳам фароғатӣ доштани он. Чунин хусусияти бозӣ шароит ва имконият ба вуҷуд меорад, ки раванди аз худ кардани маводи мушаххаси таълимӣ ба тариқи осуда, озод, бе маҷбурият сурат гирад.

Тавре пештар қайд гардид, бо ёрии бозиҳои дидактикӣ сатҳи дониши қаблан андӯхтаи хонандагонро боз ҳам болотар бурдан, амиқтар ва мустаҳкамтар сохтан ва инчунин дараҷаи малакаю маҳоратҳои таълимии ҳосилнамудаи онҳоро ба зинаҳои нави инкишоф бардоштан мумкин аст. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дараҷаи шиддат (стресс)-ҳои асабию психологии хонандагонро коҳиш медиҳанд, ба пайдоиши эҳсосоти мусбат дар замири онҳо мусоидат мекунанд, ба қабули босамари донишҳои нав боис мегарданд ва ғайра [23].

Гарчанде фаъолияти бозингарӣ як шакли фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба ҳисоб равад ҳам, мактаббачагони хурдсол онро мустақилона ташкил ва амалӣ гардонида наметавонанд. Бинобар ин, бозиҳои дидактикӣ таҳти роҳбарӣ ва идораи омӯзгор, маъмулан дар шакли инфиродӣ ё дастаҷамъӣ, ташкил ва баргузор мешаванд [5; 8; 9].

*Технологияи таҳияи бозиҳои дидактикӣ.* Бозии дидактикӣ як шакли машғулияти таълимии бо истифода аз унсурҳои бозӣ мураттабшудае мебошад, ки принсипҳои асосии амалигардонии омӯзиши фаъолро таъмин месозад. Шакли мазкури машғулияти дарсӣ аз дигар шаклҳои машғулиятҳои дарсӣ бо қонуну қоидаҳои татбиқи худ, сохтори устувор ва низоми мукаммали арзёбиаш ба куллӣ фарқ мекунад [6; 7].

Бозии дидактикӣ ба ҷаззоб гардонидани ҳама гуна маводи таълимӣ мусоидат намуда, рӯҳия ва фаъолияти таълимии хонандагонро фараҳбахш мегардонад ва раванди донишандӯзии онҳоро куллан осон мекунад. Махсусияти бозиҳои дидактикӣ ба имконияти ташкил кардан ва ба вуҷуд овардани вазъиятҳои мувофиқ ва муносиби баргузории ин бозиҳо алоқаманд дониста мешавад.

Дар амалия на ҳар гуна бозии кӯдакона аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ дорад, ба истиснои бозиҳои дидактикӣ, ки онҳо ба худ хусусиятҳои маърифатӣ касб намудаанд. Бозиҳои дидактикӣ байни ҳамдигар аз рӯи мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияи хонандагон, фаъолияти маърифатии онҳо, қонуну қоидаҳои амалигардонии ин бозиҳо, сатҳи муташаккилӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон, нақши омӯзгор дар ташкил ва баргузории онҳо ва ғайра фарқ мекунанд [1].

Бо баҳисобгирии омилҳои зиёди таъсиррасон, шароити дар ихтиёрдошта, имкониятҳо ва хусусиятҳои ташкили бозиҳо, дар зер чанд намунаи имконпазири ба навъҳо ҷудо кардани бозиҳои дидактикӣ пешкаш шудаанд, ки омӯзгори фан метавонад дар заминаи нақшаи пешакӣ омодакардаи худ ягон навъи мушаххаси онро дар раванди машғулияти дарсӣ татбиқ намояд [5; 9; 13]:

*a)* аз рӯи *мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияи хонандагон* бозиҳои дидактикиро ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- бозиҳои ба тарбияи фарҳанги «сенсорӣ» равонагардида;
- бозиҳои рушддиҳандаи маҳорати калимабандӣ ва матнсозӣ;
- бозиҳои мушоҳидавӣ ва шиносоӣ бо табиат ва муҳити атроф;
- бозиҳои ташаккул ва рушддиҳандаи тасаввуротҳои математикӣ ва ғайра.

*b)* аз рӯи *хусусиятҳои фаъолияти маърифатии хонандагон* бозиҳои дидактикиро ба гурӯҳҳои зерин мансуб донистан мумкин аст:

- бозиҳое, ки аз хонандагони хурдсол фаъолияти иҷроиявиро талаб мекунанд. Бо ёрии ин бозиҳо кӯдакон асосан аз рӯи намунаи пешниҳодшуда амал карданро меомӯзанд;
- бозиҳое, ки аз хонандагони хурдсол айнан такрор намудани амали иҷрошударо талаб мекунанд. Ин навъи бозиҳо ба ташаккул додани малакаҳои ҳисоббарорӣ ва санҷишҳои имлоӣ равона гардидаанд;
- бозиҳое, ки дар хонандагони хурдсол маҳорати ҷустуҷӯ ва эҷодкориро тарбия мекунанд [10, с.14].

*c)* аз рӯи алоқамандии бозиҳои дидактикӣ *ба маводҳои таълимӣ* онҳоро ба навъҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- бозиҳое, ки бо ёрии бозичаҳои дидактикӣ баргузор мешаванд;
- бозиҳое, ки бо истифода аз маводи таълимии чопии болоимизӣ баргузор мешаванд;

– бозиҳое, ки бо истифода аз қитъаҳо ва порчаҳои асарҳои адабию бедеӣ баргузор мешаванд;

– бозиҳое, ки бо истифода аз сюжетҳои пешакӣ таҳияшудаи намоишномаҳо баргузор мешаванд.

*d)* аз рӯи *намуди фаъолияти дӯстдоштаи* хонандагони хурдсол бозиҳои дидактикиро шартан ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– бозиҳои ба ёфтани хатсайрҳои сайёҳӣ алоқамандбуда;
– бозиҳои тибқи супоришҳои таълимӣ иҷрошаванда [12; 16];
– бозиҳои ба маънидодкуниҳои пандуахлоқӣ алоқамандбуда;
– бозиҳои муаммоҳалкунӣ;
– бозиҳои муколамавӣ (суҳбатбозӣ) ва ғайра.

Албатта таснифоти овардашуда ҳеҷ гоҳ тамоми гуногунрангии навъҳои бозиҳои дидактикиро пурра инъикос карда наметавонанд, аммо як чиз мусаллам аст, ки онҳо метавонанд ба омӯзгор ба сифати афзори таълимие хизмат расонанд, ки дар фазои бекарони бозиҳои дидактикӣ ӯ имконот ва маҳоратҳои педагогии худро бештар сайқал диҳад, онҳоро амалӣ намояд ва пайваста мукаммал гардонад. Муҳимтар аз ин, боз он аст, ки бозиҳои дидактикӣ ба таври органикӣ ба фаъолияти маърифатии хонандагон омезиш ёфта, бо ҷаззобияти худ раванди омӯзишро пуртаъсир мегардонанд ва ба ҳамин васила ба инкишоф ёфтани қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва беҳдошти сифати машғулиятҳои дарсӣ мусоидат менамоянд.

Мавриди тазаккур аст, ки ҳамаи бозиҳои дидактикӣ сохтори муайяни унсурӣ доранд. Унсурҳои сохтори бозиҳои дидактикӣ дар як вақт онҳоро ҳам ба сифати восита ва шакли омӯзиш ва ҳам ба сифати васила ва фаъолияти бозингарӣ пешниҳод ва амалӣ месозанд.

Ҳангоми таҳияи бозиҳои нави дидактикӣ ба нақша гирифтан ва дар сохтори онҳо ворид намудани унсурҳои асоситарини зерин ба таҳиягар, яъне ба омӯзгори фанни таълимӣ ҳатмӣ дониста мешаванд [3; 4]:

– масъалаи дидактикие, ки бо ёрии бозии мазкур ҳал бояд карда шавад;
– амалҳои асосие, ки тавассути онҳо бозии мазкур бояд иҷро карда шавад;
– қоидаҳои асосие, ки аз рӯи онҳо бозии мазкур бояд иҷро карда шавад;
– тартиби муқарраршудае, ки тибқи он натиҷаҳои ниҳоии бозии мазкур бояд ҷамъбаст карда шавад.

Унсури *«масъалаи дидактикӣ»* унсури марказии бозии дидактикӣ ва машғулияти дарсӣ ба шумор рафта, аз ҳадафҳои таълимӣ ва тадбирҳои тарбиявии мавзуи дарсӣ бармеояд, ки бояд бо истифода аз бозии дидактикии банақшагирифташуда ҳал карда шавад. Он аз тарафи омӯзгори фанни таълимӣ, дар мавриди мо, – омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ, ташаккул дода мешавад ва таҷассумгари афкору сатҳи касбияти фаъолияти педагогии ӯ мебошад.

Дар бозии дидактикӣ вазифаи бозингаронро хонандагони гурӯҳи таълими (хонандагони синфи 5-ум)-и таҷрибавӣ иҷро мекунанд. Масъалаи дидактикиро онҳо дар натиҷа ва зимни амалигардонии ҳадафҳои бозии нақшавӣ ҳал мекунанд. Ҳадафҳои бозӣ, дар навбати худ, амалҳои бозиро муайян мекунанд, ки онҳо ба маҷмӯи вазифаҳои мустақими ҳар як бозингар шомил мебошанд.

Дар ин раванд нуктаи аз ҳама муҳим ва пурарзиш он аст, ки ҳангоми иҷрои бозӣ масъалаи дидактикӣ ҳадафмандона аз бозингарон (хонандагон) пинҳон (рӯйпӯш) нигоҳ дошта мешавад. Хонандагон бидуни хоҳиш ва ихтиёр, тавассути иҷрои унсурҳои бозӣ, албатта ба ҳалли масъалаи дидактикии мавриди назар мерасанд, аммо натиҷаи ниҳоӣ на дар шакли ёфтани ҳалли масъала, балки ҳамчун раванди амалигардонии ғояҳои бозӣ ба даст оварда мешавад, ки ин манзара аз моҳияти худи бозии дидактикӣ бармеояд [1; 17].

Асоси бозии дидактикиро унсури *«амалҳои бозӣ»* (амалбозӣ) ташкил медиҳад. Ҳар қадар амалҳои бозӣ гуногунрангтар бошанд, ҷараёни бозӣ барои хонандагон ҳамон қадар ҷолибтар сурат мегардад ва масъалаҳои маърифатию бозингарӣ бо ёрии он ҳалшаванда ҳамон қадар ҳалли худро муваффақонатар меёбанд. Аз ҳамин сабаб, дар бозиҳои гуногуни дидактикӣ, вобаста ба муҳтавои маводи таълимии азхудшаванда ва синну соли бозингарон, миқдори гуногуни амалбозиҳо истифода мешаванд.

Модели англисӣ, бошад нишондоди идоракунии ва арзёбии худидоракунии ҷамеаи шарикон дар назорати сифати таҳсилот дар асоси баҳодиҳии мутахассисони соҳавӣ ба роҳ монда мешуд [5].

Дар собиқ давлатҳои Шӯравӣ, аз ҷумла дар Русия чунин системаро хеле дертар ба роҳ монданд. Аттестатсияи давлатии хатмро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо талаботҳои хеле баланд ба танзим дароварда, дар ин асос хонандагони болаёқатро барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ интихоб менамуданд.

Новобаста аз ин таъсири омилҳои гуногун барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушкилотҳоро зиёдеро ба миён меовард.

Аз ин рӯ, баҳодиҳии воқеӣ замоне пайдо шуд, ки дар муассисаҳои таълимӣ раванди таълимро ба таври оммавӣ бе ба инобат гирифтани санадҳои меёрии ҳуқуқӣ ва бе нақшаи ягонаи таълим ба роҳ мемонданд[5].

Дар ин раванд бояд сифати таҳсилотро ҳамчун ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои муайяни таҳсилот ба инобат гирифта, тавассути амалигардонии он бояд ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ҳар як зинҳои таҳсилот, таҳия ва амалӣ гардонида шаванд.

Барои идоракунӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот, зарурияти тартиби ҳатмии стандартикунонӣ: иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия. аккредитатсия ва баҳодиҳии маҷмуъӣ ва аудити сифати таҳсилотро дар муассисаҳои таълимӣ, бо низоми муайян даровардан лозим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии воқеъии пас аз ислоҳоти солҳои 2000-ум дар соҳаи маориф ба амал омад, вақте ки аввалин маротиба стандартҳои давлатии таҳсилот барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, татбиқ намудани ин стандартҳо дар истеҳсолот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот

амалӣ гардонида шуд. Аз ҷумла, барои баҳодиҳии сифати таҳсилот ва дараҷаи донишандӯзи донишҷӯён дар муассисаҳои таълимӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2003, №54 "Дар бораи аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ" ба тасвиб расид, ки новобаста аз шакли моликият ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ гузашта, дар ин асос фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз рӯи натиҷаҳои сифати таҳсилот ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён ва дигар меъёрҳо (ҳамагӣ 22-то) баҳо дода мешаванд [7].

Идоракунӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маорифро амалӣ намуда, низоми ягонаи миллии баҳогузорӣ ба сифати таҳсилотро муайян ва самаранокии онро таъмин ва бо усулҳои баҳогузории дохилӣ ва берунӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд.

Се хусусиятҳои баҳодиҳии сифати таҳсилоти олӣ дар раванди баҳодиҳӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мавҷуд аст, ки онҳоро бо аудити муассисаҳои таълимӣ, аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, ва баҳодиҳии маҷмуъии муассисаҳои таълимӣ ҷудо менамоем.

Аз ҷумла, татбиқи низоми аудити сифати таҳсилот дар аксари мамлакатҳо дар даҳсолаҳои охири асри ХХ1 ба амал омад. Татбиқи низоми аудити сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ барои ноил гардидан ба аккредитатсияи дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат намуда, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки новобаста аз низоми бозори хизматрасонӣ соҳаи маориф низоми аудити сифати таҳсилот худ ба худ ҳамчун восита, ба механизми рушди устувори муассисаҳои таълимӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Афзалиятҳои асосие, ки ин низом дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ мегардад, инҳоянд:

-низоми аудити сифат ба муассисаҳои таълимӣ имконият медиҳад, ки талаботи умуми субъектҳои раванди таълимро ба сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ тибқи қонунгузории амалкунанда муқаррар намояд;

-манфиатҳои субъектҳои раванди таълимро (довталабон, донишҷӯён, ҳайати профессорон ва омӯзгорон ва волидони довталабон ва донишҷӯён) мушаххас намояд;

-низоми аудити сифат масъулият удадориҳо ваколатҳои воҳидҳои сохторӣ ва ҳайати профессорну омӯзгорони муассисаҳои таълимиро дар раванди татбиқ ва амалӣ намудани он муқарар менамояд.

Низоми аудити сифат дар маҷмуъ ҳамчун сохтори ташкилӣ, ташхиси раванди ҳуҷҷатгузорӣ, раванди иттилоотӣ, рушди стратегӣ, фаъолияти таълимӣ, таъминотӣ кадрӣ, корҳои тарбиявӣ, идоракунии фондҳои аудиторӣ ва заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимиро дарбар мегидад.

Дар натиҷа низоми ташаккулёфтаи идоракунии аудитии сифати таҳсилот ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот ҳамчун "Раҳнамои сифат" дар раванди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ пешниҳод карда мешавад.

Хусусиятҳои дигари баҳодиҳии сифати таҳсилоти олӣ дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ин аккредитатсияи давлатӣ муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, барои системаи маориф функсияи нави идоракунии танзимкунандаву эътимодноки таҳсилот дар қатори функсияи назоратӣ-ташхисӣ айни ҳол баррасӣ гардида истодааст [4].

Талаботҳои асосии аккредитатсияи давлатӣ иборат аст аз:

-амалҳои мутақобилаи арзишӣ-ташхисӣ, баҳодиҳии барномаҳои таълимӣ дар маҷмуъ мутобиқат ба талаботи меъёрҳо ва стандартҳои давлатии таҳсилот ва дар ин замиа муайян намудани меъёри сифати таҳсилот;

-амалҳои мутақобилаи меъёрӣ — эътирофи мақоми муассисаҳои таълимӣ, мавҷудият ва кафолати устувории натиҷаҳои ҳосилшударо таъминкунанда;

-ҳамкории мутақобилаи боэътимод – ба муҳлати муайян, фароҳам овардани ҳуқуқу ваколатҳо аз номи давлат ва ҷамъият ба муассисаҳои таълимӣ, яъне муассисаи таълимӣ ҳуқуқи додани намунаи ҳуҷҷати давлатии таҳсилот (аттестат, шаҳодатнома. диплом)-ро барои хатмкунандагон пайдо менамояд.

Хусусияти дигари баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот ин баҳодиҳии маҷмӯи ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки он тибқи талаботи банди 30-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 2013) муайян карда шуда, он аз иҷозатномадиҳии аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии навбатии муассисаи таълимӣ дар шакли муттаҳидшудаи ин амалиёт, яъне дар як вақт гузаронидани се талабот оид ба фаъолияти муассисаҳои таълимиро дарбар мегирад, яъне:

-дар як вақт гузаронидани иҷозатномадиҳӣ, атестатсия ва аккредитатсияи такрории муассисаҳои таълимӣ (бо истиснои муассисаҳои таълимии навтаъссис, ки бори аввал аз ташхиси иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсия мегузаранд), додани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ ва дар ин замина муассисаи таълимӣ ҳуқуқи амалӣ намудани барномаҳои таълимиро пайдо менамояд, гузаронидани аттестасияи давлатӣ ва баҳо додан ба фаъолияти муассисаи таълимӣ тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳури Тоҷикистон ва гузаронидани ташхиси аккредитатсионӣ тибқи талаботи меъёрҳои муайяншуда, муайян намудани мақоми муассисаи таълимӣ ва дар ин асос ҳуқуқ пайдо намудани муассисаи таълимӣ, ҷиҳати додани ҳуҷҷати намунаи давлаӣ, барои хатми зинаи муайяни таҳсилоти олии касбӣ;

Дар раванди баҳодиҳии маҷмуӣ сифати таҳсилот аз рӯи хусусиятҳои зерин муайян карда мешавад:

- дараҷаи мувофиқати мақсад ва натиҷаи таҳсилот дар сатҳи системаи мушаххаси таҳсилот (дар сатҳи муассисаи таълимӣ);

- мувофиқат байни параметрҳои гуногун дар арзёбии натиҷаи таҳсилоти шахси мушаххас (донишҷӯён) сатҳ ва сифати дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён, дараҷаи ташаккули малака, маҳорат, солоҳиятнокии онҳо ва ғайра;

-дараҷаи мувофиқати стаҳи дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои назариявӣ ва татбиқи истифодаи амалии онҳо дар раванди истеҳсолоти кишвар, инчунин рушди соҳаи иҷтимоиёт, иқтисодиёт ва фаъолияти касбӣ мутахассисони омодагардида;

-аз рӯи вазифаҳои стратегӣ — ҳалли вазифаҳои дарунӣ (инкишоф) ва ноилшавии талаботи берунӣ (масъулият);

- мақсадҳои амалигардонии стандартҳо ба талаботи истифодабарандагон;

- мувофиқ намудани салоҳият, маҳорат ва малакаи мутахассисони соҳибкасбӣ омоданамудаи муассисаи таълимӣ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хариҷӣ . [2].

Мутаасифона, бояд қайд намуд, ки агарчанде аз соли 2013 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» баҳодиҳии маҷмуии муассисаҳои таълимӣ қабул карда шуда бошад ҳам, вале ин раванд барои баҳодиҳии маҷмуии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби мақомоти марбутаи соҳаи маориф ҳоло низ татбиқ нагардида истодааст, агарчанде чунин шакли назорат ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти таълимии муассисаҳои таълимӣ манфиатбахш аст, зеро муассисаҳои таълимӣ аз соли 2000 то инҷониб якчанд мароттиба аз ташхиси иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, айни ҳол зарурияти дар алоҳидагӣ гузаронидани ин амалиётҳо нест.

Инчунин, тибқи талабот гузаронидани баҳодҳии маҷмуии муассисаҳои таълимӣ, барои гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ, ки яке аз талаботҳои низоми шинохти муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад, мусоидат менамояд.

Сифати таҳсилот аз ҷониби М.Субетто ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ дода шудааст. Аз рӯи ақидаи ӯ сифати таҳсилот ба маънои васеъаш ин: «Мувофиқати мутавозуни таҳсилот, натиҷа раванд ва низом» ба талаботҳои гуногуни ҳадафҳо, низом меъёрҳо ва стандартҳо равона буда, маҷмуъи системавии хусусиятҳои муҳиму муташаккилонаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ доштаи таҳсилот (ҳамчун натиҷа раванд ва низом) мебошад, яъне. ба маънои маҳдуд бошад «сифати таҳсилот» ин маҷмуъи маҳорату малака ва салоҳиятнокии хатмкунандагон мебошад [6].

Сифати таҳсилот ба ақидаи мо, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳо якчанд сола муайян карда шуд, ин натиҷаи донишҳои табиӣ (новобаста аз таҳсилот аз ҳодисаҳои табиат ва ҳаёт омӯхта мешаванд), маҷмуъи донишҳои таҳсилотӣ (дар муассисаи таҳсилоти азбаркардашуда, назариявӣ ва амалӣ), қобилияту маҳорат ва салоҳиятҳои касбии

азбарнамудаи хатмкунандагон барои соҳиб касб гардидан мебошад, яъне инро агар бо форума инъикос намоем:

ДТ +МДТ(н, а)+ҚМ+СК=СТ

Аз нигоҳи профессор Назаров Р. бошад: Сифати таҳсилот ин маҷмуъи хусусиятҳои раванди таҳсилот, муайянкунандаи натиҷа ва амалан ташаккули фаъолу ҳамаҷонибаи тафаккури мутахассис ба шумор меравад [3].

Бояд тазакуур дод, ки натиҷаҳои сифати таҳсилот ва ё сифати хуби таҳсилот фаъолияти ҳамаҷонибаи қобилияти касбии инсонро рушд намуда, барои ташакуули шахсияти комил омили асосӣ маҳсуб меёбад.

Умуман мушкилот ва баҳодиҳии системавии сифати таҳсилот дар тамоми мамлакатҳо вуҷуд дорад. Аммо ҳоло дар ягон мамлакат аз рӯи ин масъала баҳс ва танқидкунӣ мушоҳида намешавад. Маҳз бояд қайд намуд, ки фақат бештар мундариҷаи маводи имтиҳонӣ робита бо мисолҳои абстарктию ҳаётӣ мавриди баҳс қарор дода мешавад.

Хулоса, сифати таҳсилот ва дар рушди он на танҳо соҳаи маориф, балки тамоми соҳаҳои ҷомеъа нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ҳамами соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмини зиндагии арзандаву босифат, рушди тараққиёти давлат, соҳиб шудани мақоми худ дар ҷомеъа ва умуман барои ташаккули хамаҷонибаи шахсият ва тафаккури аҳли ҷомеъа сатҳи сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар баланд бардошта, барои расидан ба дастоварди андозашаванда дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ ва бо дастовардҳои меъёрии сифат, дар сатҳи ҷаҳонии фазои таҳсилот дар асри XX1 бояд рақобатпазирӣ намоем.

**АДАБИЁТ**


1. Гичиев Н.С., Атаханов Р.А. Опыт американского высшего образования для российских универститетов (ВАК ВЕСТНИК Дагестанского государственного технического универститета.– Махачкала, ДГТУ, №4. 2012.
2. Наводнов В.Г. Модели оценивания деятельности образовательных организаций. / В.Г. Наводнов, Г.Н. Мотова-Йошкар-Ола, 1997. - 48 с.
3. Назаров Р. Филасофия качества образования Таджикистан / Р.Назаров -Душанбе, “Дониш”, 2011
4. Кабутов Д. Иҷозатномадиҳӣ аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ. / Д.Кабутов, А.Муллоев, Н.Сангинов, Б.Мирзоев, Ш.Раҳмонов - Душанбе: Шарки озод, 2005. - 208 с.
5. Мотова Г.Н. Модели оценивания деятельности образовательных организаций. / В.Г. Наводнов, Г.Н. Мотова — Йошкар-Ола, 1997. - 48 с.
6. Суббето М. Новое качеста вчсшего образования в современной России. / М. Суббето // Исследование цетр пробема качества подготовки специалистов,1995
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2003,№54 дар бораи «Низомнома дар бораи иҷозатномадиҳӣ аттестатсия ва аккредитатсия муассисаҳои таълимӣ.


## ХАРАКТЕРИСТИКА СИСТЕМЫ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ


*Вопрос характеристика системы оценки качества образования во всем мире остается одним из главных в институциональном аспекте и социально-политических вопросах. Поэтому с использованием методов и способов повышения качества образования в учреждениях высшего профессионального образования республики проведено изучение необходимости проведения различных обследований для определения этих показателей.*

*Рассматривая характеристика системы оценки качества образования как соответствующее требованиям определенных стандартов образования, посредством его реализации должны разрабатываться и внедряться необходимые документы в сфере образования. Для управления качеством образования необходимо внедрение обязательных процедур стандартизации: лицензирование, аттестация и аккредитация образовательных учреждений, оценка результатов испытаний качества образования, внутренний контроль образовательных учреждений с определенной системой.*



***Ключевые слова:*** *характеристика, методы исследования, аудит в система образование, система качество образования, качество образования, управление качеством образования, развитие образования, комплексная оценка (аттестация, аккредитация и лицензированием).*

## FEATURE OF THE SYSTEM FOR EDUCATION QUALITY ASSESSMENT

*The question of characterizing the system for assessing the quality of education throughout the world remains one of the main ones in the institutional aspect and socio-political issues. Therefore, using the methods and ways to improve the quality of education in institutions of higher professional education of the republic, a study was made of the need to conduct various surveys to determine these indicators.*

*Considering the characteristics of the education quality assessment system as corresponding to the requirements of certain education standards, through its implementation, the necessary documents in the field of education should be developed and implemented.*

*To manage the quality of education, it is necessary to introduce mandatory standardization procedures: licensing, attestation and accreditation of educational institutions, evaluation of the results of education quality tests, internal control of educational institutions with a certain system.*

***Key words:** characteristic, education quality system, audit in the education, research methods, quality of education, quality management of education, development of education, comprehensive assessment (attestation, accreditation and licensing).*

***Сведения об авторе:***

***Рахмонов Шариф Мадиномович**-кандидат педагогических наук, начальник образовательный управления Негосударственного образовательного учреждения "Медико –социальной институт Таджикистана" тел: (+992) 000106994*

***About the author:***

***Rahmonov Sharif Madinomovich** - candidate of pedagogical sciences, head of the educational department of the Medical and Social Institute of Tajikistan, Tel: (+992) 000 106994*

## НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН

***Саидов Н.Т.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,*

***Шуҳрати Б.***

*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Арзишҳои миллӣ омили муҳими таъмини ташкил ва ташаккулёбии субъективии умумияти этникӣ, фардишавии он маҳсуб меёбанд. Аз як тараф, онҳо арзишҳои маънавии халқ, аз тарафи дигар меъёрҳо, қоидаҳо ва одатҳои ба таври равшан ба танзим даровардашударо дар бар гирифта, амсилаи рафторро барои наслҳои нав фароҳам оварда, яке аз омилҳои муҳими ташаккулдиҳанда ба шумор меравананд.

Азхудкунии арзишҳои миллӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, одатҳо ва малакаҳои фаъолият ва рафтори ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Арзишҳо ва анъанаҳо вазифаҳои маърифатӣ ва тарбиявиро низ иҷро карда, бидуни иҷрои ин вазифаҳо онҳо маънои ҷамъиятии худро ба таври назаррас аз даст медиҳанд[5, с.113-114].

Албатта бояд қайд намуд, ки мазмуни анъана меъёри умумӣ, принсипи рафтор буда, заминаи арзишҳои миллӣ мебошад. Арзишҳои миллӣ бо амали мушаххас дар вазъияти муайян робитаи сахт надорад. Аз тариқи анъанаҳо пайвастшавӣ ба таҷрибаи иҷтимоии инсоният (анаъанаҳои инқилобӣ, озодӣ, соҳибистиқлолӣ ва ғайра) ба амал меояд. Пайравӣ кардан ба анъанаҳо ба ташаккул ёфтани на танҳо одатҳои мураккаб, балки инчунин ҳиссиёти мураккаби иҷтимоӣ (ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ ва ғайра) низ мусоидат мекунад.

Тавре, ки дар боло ифода гардид, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ аз хусусиятҳои иҷтимоӣ вобаста буда, муносибатҳои байниҷамъиятӣ ва мутаасирнамоии онҳо ба якдигар дар тулли таърих боиси аз байн бурдани баъзе анаъна ва арзишҳои миллӣ мегардад ва ё баракс онро ташаккул медиҳад, ки инро метавон дар ду замина аз нигоҳи таърихи ташаккули тарбияи педагогӣ баён сохт:

1. Инсоният таҷрибаи истехсолию ҳаётӣ ва таҷрибаи фаъолияти якчоя ва ҳамкорӣ ҷамъ карда, кушиш мекард, ки ин таҷрибаи андухтаашро ба наслхои минбаъда гузаронад. Аз ин ру, бо камоли боварй гуфтан мумкин аст, ки пешрафти иҷтимоӣ танҳо аз он сабаб имконпазир гардид, ки ҳар як насли ба ҳаёт дохилшаванда таҷрибаи истеҳсолӣ, иҷтимой ва маънавии аҷдодони худро азхуд мекард. Дар навбати худ, ҳар насл таҷрибаи ниёгони худро ғанӣ гардонида, онро дар шакли бештар инкишоф дода ба авлоди худ мерасонд. Маҳз идеяҳои тарбияи ахлокӣ, шуури ахлокӣ, бешубҳа, натиҷаи таҷрибаи истеҳсолӣ, ҷамъиятию маънавии наслҳои сершумор мебошад.

Ҳамин тавр, ба наслҳои минбаъдаи инсоният интиқол додани таҷрибаи истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ муҳимтарин шарти мавҷудият, рушди ҷомеаи инсонӣ ва яке аз вазифаҳои асосии он гардид, ки дар ин раванд урфу одатҳо ва анъанаҳо зина ба зина ташаккул ёфта, арзиши муайянро дар тарбияи ахлоқии инсонӣ касб намуд.

2. Аз ин ҷост, ки таълими педагогӣ аз худи ҷамъияти инсонӣ ҷудонашаванда ва аз худи ибтидои пайдоиши худ ба он хос аст. Фаъолияти тарбиявӣ ва характери он мисли ҳар як ҳодисаи ҷамъиятӣ дар зери таъсири шароити иҷтимоӣ тадриҷан такмил ва инкишоф меёфт. Дар ҷомеаи пеш аз таваллуд ва дар низоми қабилавӣ кӯдакон дар раванди кор ва муошрати ҳамарӯза бо калонсолон таҷрибаи истеҳсолию ахлоқӣ андӯхтаанд ва таълим дар ин давра ҳанӯз соҳаи махсуси фаъолияти касбии одамон набуд, чун ки ягон муассисаи таълимии махсус вуҷуд надошт. Ҳар кадаре, ки чамъият инкишоф меёфт, муносибатҳои ҷамъиятӣ бехтар мешуд, донишҳои илмӣ низ бештар ташаккул меёфт, тарбияи махсуси наслҳои наврас ҳамон кадар аҳамияти калон пайдо мекард. Таълим ва тарбия бошад, ба талаботи объективии ҷамъияти инсонӣ табдил ёфта, муҳимтарин омили инкишофи он гардиданд. Оҳиста оҳиста таълиму тарбия ҳамчун вазифаи махсуси иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, муассисаҳои алоҳидаи таълимӣ ба вуҷуд омаданд, одамоне пайдо шуданд, ки касбу вазифаашон таълиму тарбияи фарзандон ба шумор мерафт.

Ҷамъияти ибтидоӣ дар аввал як раванди якхела ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ суст таксимшуда буд. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ҳануз вуҷуд надошт. Аввалин олоти меҳнат бо кувваи махсуси истеҳсолкунандаи коллективи ибтидоӣ ҷуброн карда мешуд. Илми муосир ба саволи пайдоиши ахлоқ чавоб дода, аз таълимоти шаклҳои шуури чамъиятӣ бармеояд. Агар дар бораи ахлоқ ҳамчун шакли алоҳидаи шуури чамъиятӣ сухан ронем, пас пайдоиши он масъалаи аз ҷиҳати таърихӣ нисбатан дер аст.

Ҷамъияти инсонӣ ва худи инсон маҳсули тараккиёти дуру дарози таърихӣ мебошад. Рӯй овардан ба умқи таърих имкон медиҳад, ки мураккабии ҳалли масъалаи пайдоиши ахлоқ дарк карда шавад.

Ташаккули шуури одамони қадимтарин ба фаъолияти муштараки истеҳсолӣ бевосита вобаста аст. Дар аввал фикру кирдор аз ҳам чудо набуданд.

Меҳнат ҳамчун муҳаррики аввалиндараҷаи рушди ҷамъият маънои пайдоиши шакли нави интиқол ва ҷамъшавии таҷрибаро дошт, ки аз мутобиқшавии биологӣ ба муҳити зист ва интихоби табиӣ фарқ мекунад, шакле, ки манбаи тавонои рушди худшиносӣ дорад. Дар ҷараёни меҳнат шаклхои оддитарини муносибатҳои ҷамъиятӣ, тартиби мукаррарии ҳаёт ташаккул меёфт[8, с. 388-391].

Мутобиқатӣ дар фаъолияти меҳнатии одамони ибтидоӣ, дарҳол тавассути танзими ахлоқӣ ба даст наомадааст. Дар аввал, он аз ҳисоби иҷрои талаботи истеҳсолии табиӣ ба амал омад. Албатта, ин талаботҳои зарурӣ ба роҳ, дастгирии иловагии маънавӣ ниёз надоштанд, то он даме, ки одамон барои мавҷудияти ҷисмонии худ бештар истеҳсол карданро ёд нагиранд. Хамин тавр, меҳнат инкишофи тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро пешакӣ муайян карда, зиддиятҳои ба вуҷуд омадаи ҷамъиятиро ба тартиб андохта, ба воситаи онҳо пайдоиши ахлокро ба роҳ монд. Дар аввал «фоида» ва «зарар», ки одамон тадриҷан фарқ карданро дар рузгори худ ёд гирифтанд, прототипи мафҳумҳои «нек» ва «бад», ки баъдтар пайдо шуданд, буданд. Оҳиста-оҳиста пояҳои фарҳанги моддӣ ва маънавии инсоният гузошта шуда, ҷаҳонбинӣ, шуур ва гуфтор инкишоф меёбанд. Яке аз муҳимтарин дастовардҳои фарҳанги маънавии он давраро метавон ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳаёти ахлоқии одамон – қоидаҳои муошират,

эҳсоси ҷамъиятӣ, дастгирии ҳамдигар номид. Дар натиҷа, онҳо одат шуда, як чизи муқаррарӣ гирифта мешаванд, ки худи ахлоқ ба он такя мекунад.

Шуури ахлоқии ташаккулёбанда аввал дар доираи ҷомеаи ибтидоии тафриқанашуда инкишоф меёбад, аз ин рӯ мафҳумҳои аввалини ахлоқӣ ниҳоят дучандонанд. Ҳамин тавр, "хуб" одатан маънои ҳам ҷисмонӣ, қувват ва ҳам истодагарӣ ва ашёи моддиро дорад.

Беохир набудани ахлоқи аввалин одами ибтидоӣ, ки ҳамаи онро тавсиф мекунанд, дар ҳақиқат натиҷаи муносибатҳои номукаммали ҷамъиятӣ ва шуури пасти одамони ибтидоӣ мебошад.

Азбаски худшиносии ахлоқии шахс ҳанӯз ташаккул наёфта буд, тақлид дар ҳаёти амалӣ аҳамияти калон дошт. Ахлоқ тавассути ривоятҳо, афсонаҳо, сурудҳо, расму оинҳо дар шуури одамон ҷой гирифта, муносибати бадеию хаёлӣ ба олам бевосита лаҳзаҳои ахлоқиро дар бар мегирифт.

Урфу одатҳои сохти Юнони қадим муҳимтарин қоидаи ҳаёти он замон — баробарҳуқуқии ҳамаи аъзоёни як қабила ё оиларо тасдиқ мекард. Ин муносибати умумии иҷтимоӣ, албатта, мазмуни маънавӣ ҳам дошт. Ба муносибатҳои бесинфии коллективи қабилаҳо мувофиқ буд. Ин аст, ки дар зеҳни мардуми ибтидоӣ калимаҳои «худӣ» ва «бегона» ҳам маънои ахлоқӣ пайдо кардаанд.

Барои одамони ибтидоӣ дар симои ҳамаи «дӯстон» нек, наздик ва «бегона» - хатарнок, бад, душманӣ ифода меёфт. Аз ин чост, ки хусусияти ахлоқи сохти ҷамъиятии ибтидоӣ — он характери маҳаллӣ дорад ва танҳо ба аъзоёни кабила ва оила дахл дорад, вале на ба «бегонаҳо». Идеяи ахлоқи ҳар як шахс, сарфи назар аз мансубияти қабилавӣ, ҳанӯз моли шуури ахлоқии одами ибтидоӣ набуд. Он нахуст дар авҷи фарҳанги тамаддуни ғуломдорӣ зоҳир мешавад [10, с.245-248].

Одами ибтидоӣ дар муқобили «нек» ва «бад» як қолаби омодаи баҳодиҳии падидаҳои мухталифе, ки дар атрофаш буд, муносибатҳои ӯ бо одамони дигар пайдо шуд. Огоҳӣ аз ин мухолифат дар бораи дигаргунии сифатӣ дар шуури маънавӣ, дар бораи ташаккули диалектикаи он сухан меронад. Тахмин кардан мумкин аст, ки мухолифати «нек» ва «бад», ин муҳимтарин усули тафаккури ибтидоӣ дар натиҷаи пайдоиши тафовутҳои аввалини иҷтимоӣ ва зиддиятҳои ба вуҷуд омадани байни одамон ба амал меояд. Чунин «муносибатҳои қутбӣ» (хайр-бад, дӯст-душман, ҳаёт-марг) тадриҷан тамоми тасвирҳои мифологиро фаро гирифта, ба Худоёни осмон ва олами зеризаминӣ, таҷассуми принсипҳои нек ва бад мубаддал мешаванд. Тафаккури одами ибтидоӣ ба олами беруна нигаронида шуда, худшиносӣ ва худогоҳӣ танҳо дар давраи навзод буд.

Тавре ки мардумшиносону муаррихон якдилона қайд мекунанд, дар байни қабилаҳои ибтидоӣ маҳкумият ё сафедкуниро ҳамеша «берун» ба «арвоҳи аҷдодӣ», урфу одатҳо, мамнӯъиятҳои ҷодугарӣ меноманд. Ҳатто дарди виҷдон, ки маҳрамтарин танзимгари рафтор аст, ҳамчун таъқиби нерӯҳои беруна эътироф мешавад. Дар сарчашмаҳои Юнони қадим «тасвирҳои қувваҳои беруна» дар шакли махлуқоти пурасрор тасвир шудаанд, ки интиқом - эритияҳои даҳшатнокро ифода мекунанд, ки рӯҳи шахсеро, ки ҷиноят содир кардааст, бераҳмона азоб медиҳанд. Ёдгории маданияти кадими Ҳиндустон «Ригведа» накл мекунад, ки чи тавр худои осмонӣ Варуна рӯҳи одамеро, ки коидаҳои рафторро вайрон кардааст, «газида» мекунад. Тасодуфӣ нест, ки одамон ҳатто дар давраи тараққикардаи сохти кабилаҳо, чун қоида, ангезаҳои кирдорро аз худи рафтор фарк намекунанд, масалан, одамкуширо бо қасд аз куштор дар натиҷаи садама (дар шикор ва ғ.) - дар ҳарду ҳолат қонуни ҷазо интиқоми хунин аст. Табуҳо, ки дар танзими рафтори инсон дар ҷомеаи қабилавӣ нақши бузург доштанд, инчунин ҳамчун талаботи сирф берунӣ ва тағйирнопазир амал мекунанд, ки ангеза ва асосноккуниро талаб намекунанд. Ориентатсияи шуури ахлоқии талаботи сирф берунӣ ва тағйирнопазир муддати хеле дароз ва дарднок бартараф карда мешавад: он то андозае дар ҷамъиятҳои ғуломдор, феодалӣ нигоҳ дошта шудааст.

Ҳамин аст, ки то имрӯз тарбияи идеявию ахлоқӣ яке аз самтҳои асосии раванди ягонаи иҷтимоигардонии шахсият дар баробари тарбияи меҳнатӣ, идеявию сиёсӣ, оилавӣ мебошад,

ки ташаккул ва инкишофи ахлоқи инсонро таҷассум мекунад ва онро тамоми сохтори ҷомеа муайян менамояд.

Бояд қайд намуд, ки тарбияи ахлоқӣ дар доираи таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон даврахои туллониро тай намуда, ташаккули он дар байни ин қавмҳо бо истифода аз анъана ва арзишҳои миллӣ хело сифати баландро касб намудааст. Бар ҳақ олим ва муҳаққиқи олмонӣ Адолф Рун бартарии усулҳои тарбияи халқи тоҷикро дар муқоиса бо дигар халқҳо қайд карда, навиштааст: "Он чизе, ки дар таърихи Осиёи Миёна ва Эрон аҷиб буда, диққатро ба худ ҷалб намуда, моҳияти маънавии халқҳои эрониро ифода мекунад, усулҳои тарбия ва таълими онҳо мебошанд. Ин усулҳои тарбия аз кӯдакӣ ба онҳо ҳисси ҷавонмардиро ташаккул дода, онҳоро бо роҳи ҳақиқат ва тақводорӣ ҳидоят мекунанд. Ин усули таълиму тарбия дар ибтидо нерӯи психологӣ ва ҷисмонии онҳоро таҳким бахшида, баъдан ҷомеаи солим ва содиқро тарбия мекунад" [11].

Дар ҳошияи назарияи олими англис метавон баён намуд, ки омӯзиши анъана ва арзишҳои миллӣ, ҳамчун мероси пурқимати маънавӣ басо фароху доманадор мебошад. Он ҳанӯз аз пайдоиши китоби муқаддаси "Авесто", ки шиори "Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек" машҳури ҷаҳониён гардидааст, маншаъ гирифта, ба анъанаҳои миллии ниёгон таълуқ дорад. Ҳанӯз аз қадимулаём дар такомулу симои маънавии ҳар фарди бедордили ҷомеа таъсири пурсамар расонад ва ба ҳаракати умуммихалқии мероси маънавии расму оинҳои некбинона паҳновар гардид[2, с. 20].

Ташаккули чунин сифатҳои ахлоқӣ дар тарбияи бомуваффақияти ҷавонон аз ҷумла донишҷӯён тавасути омӯзиши педагогикаи халқӣ, фарҳанги миллии тарбия ва илме, ки онҳоро меомӯзад, – этнопедагогика роҳандозӣ карда мешавад, ки дар ин самт нақши педагогикаи миллӣ муҳим ва аввалиндараҷа мебошад.

Ниҳоят, тағйиротҳо ва дигаргуниҳое, ки имрӯз дар Ҷумҳирии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисод, сиёсат, фарҳанг, муносибатҳои байналмилалӣ ба вуқӯъ пайваста истодаанд, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дахл карда, боиси вайроншавии арзишҳои пешина ва ташаккул ёфтани арзишҳои нав мешаванд. Нақши педагогҳо дар ин раванд фавқулодда баланд гардида, диққати асосии онҳо бояд ба нигоҳ доштан ва таҳким бахшидани чунин арзишҳои умумиинсонии ахлоқию маънавӣ, аз қабили: виҷдон, адолат, росткорӣ, меҳрубонӣ дода шавад. Ин мафҳумҳо ба сифати ҷузъҳои ҳатмӣ ба ҳар гуна низоми маънавиёт дохил шуда, якҷоя бо мафҳумҳои ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, ҳуввияти миллӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ ва ғайра асоси шахсияти ахлоқиро ташкил медиҳанд.

Дар иртибот ба ин масоил, метавон баён намуд, ки зарурат ва аҳамияти тарбияи ахлокӣ дар инкишоф ва ташаккули шахсият дар осори педагогикаи замонҳои кадим эътироф шуда буд. Бисёре аз омӯзгорони барҷастаи замони гузашта қайд карда буданд, ки тарбияи инсони накӯкорро танҳо ба таълиму тарбияи ӯ кам кардан мумкин нест ва ташаккули ахлоқиро дар мадди аввал мегузоранд. «Соҳаи педагогии дониши инсонӣ шояд қадимтарин буда, моҳиятан аз тараккиёти ҷамъият ҷудонашаванда аст. Барои равшан шудани ин нуқта як ҷузъи муҳимро бояд қайд кард. Дониши педагогӣ ба он соҳаи мушаххаси фаъолияти инсон мансуб аст, ки бо омодасозии наслҳои наврас ба ҳаёт ё тарбияи онҳо алоқаманд аст. Дар воқеъ, ҳангоми сухан дар бораи педагогика меравад, ин истилоҳ одатан бо мафҳуми тарбия, бо ташаккули шахсият алоқаманд аст. Аммо худи маориф ё раванди таълим ҳамчун воситаи ба ҳаёт омода намудани наслҳои наврас бо пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омад».

Албатта, бояд қайд намуд, ки тарбияи ахлоқӣ ҳамчун омили асосии фаъолияти педагогӣ дар илми педагогика асосҳои илмии худро дорад. Вай ба пешравии ахлоқии шахсӣ мусоидат карда, кобилияти онро барои бартараф намудани васвасаю таъсирҳои гуногуни манфӣ зиёд мекунад. Аз ин рӯ, дар педагогика зарур аст, ки асосҳои илмии тарбияи ахлоқӣ муайян карда, дар асоси он назарияи илман асосноки тарбия ва ташаккули шуури ахлоқии шахс кор карда шавад.

Ҳамин тавр, омӯзиши анаъна ва арзишҳои миллӣ дар ташаккул додани тарбияи ахлоқии ҷавонон аз ҷумла донишҷӯён накш ва аҳамияти калон дорад, чун ки дараҷаи баланди сифатҳои ахлоқии миллату халқият метавонад дар нигоҳдорӣ ва ҷаҳоникунонии ин анъана ва арзишҳои миллӣ таъсири худро расонад.

Илова бар ин бояд қайд намуд, ки анъана ва арзишҳои миллӣ дар баробари таъсир расонидан ба инкишофи сифатҳои ахлоқӣ, инчунин ба шаклгирии сифатҳои маънавӣ, қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад ва ҳангоми пайравӣ кардан

ба анъана ва арзишҳои миллӣ ташаккулёбии ҳисси ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ ва ғайра баланд мегардад.


**АДАБИЁТ**

1. Давлатшоев И. Асосҳои педагогии тарғиби мероси маънавии таърихи пурифтихори халқи тоҷик миёни наврасону ҷавонон. / И.Давлатшоев, Ф.Аҳмадова, Р.Зиёвуддинова – Душанбе, - 92 с.
2. Каримова И. Х. Культура - источник гуманизма [И.Х. Каримова]. - Душанбе, 1998. - 300 с.
3. Лутфуллоев М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия. / М. Лутфуллоев – Душанбе, 2005. - 205 с.
4. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат. / М. Лутфуллоев - Душанбе: «Сарпараст», 2003. - 228 с.
5. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам/ / М.Л. Лутфуллоев. – Душанбе: Дониш, 1997. –148 с.
6. Носиров Т. Оила ва тарбияи ахлоқ. / Т. Носиров – Душанбе: Ирфон, 1981, 48с.
7. Раззоқов Х.С. Ғояҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форси асрҳои X – аввали асри XI дар тарбияи ватандӯстӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020, № 9. - С. 388-391.
8. Шарифзода Ф. Ҳакими маърифат. / Ф.Шарифзода, М Афғонов - Душанбе: «Ирфон», 2009.
9. Шарифзода, Ф. Ҳикмати афкори педагогикаи ниёгон. / Ф.Шарифзода–Душанбе: Ирфон, 2012.- 400 с.

**Манбаҳои-интернетӣ**

10. Deleclus E.J. Poland ou la chevelavie.T.2. Paris.
11. http://dlib.rsl.ru/rsl01004000000/rsl01004322000/rsl01004322
12. http://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-01/dissertaciya


## НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН


*Дар мақолаи мазкур, азхудкунии арзишҳои миллӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, одатҳо ва малакаҳои фаъолият ва рафтори ҷамъиятӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, қайд карда шудааст, ки тарбияи ахлоқӣ ҳамчун омили асосии фаъолияти педагогӣ дар илми педагога асосҳои илмии худро дорад. Муаллифон баён намудаанд, ки ташаккули сифатҳои ахлоқӣ аз хусусиятҳои иҷтимоӣ вобаста буда, муносибатҳои байниҷамъиятӣ ва мутаасирнамоии онҳо ба якдигар дар тулли таърих боиси аз байн бурдани баъзе анаъна ва арзишҳои миллӣ мегардад ва ё баракс онро ташаккул медиҳад. Инчунин ироа мегардад, ки ташаккул додани сифатҳои ахлоқии ҷавонон аз ҷумла донишҷӯён зимни омӯзиши анаъна ва арзишҳои миллӣ аҳамияти хоссаи дошта, омили аввалиндараҷаи инкишофёбии маънавии донишҷӯён шуда метавонад.*

*Ҳамчунин, баён гардидааст, ки дар асоси анаъна ва арзишҳои миллӣ сифатҳои ахлоқӣ ташаккул ёфта, анаъна ва арзишҳои миллӣ – ин сарчашмаи асосии ташаккулёбии тарбияи ахлоқии ҷавонон шуда метавонад. Пайравӣ кардан ба анъана ва урфу одатҳои миллӣ ба ташаккул ёфтани на танҳо одатҳои мураккаб, балки ҳиссиёти мураккаби иҷтимоӣ (ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ ва ғайра) низ мусоидат мекунад.*



***Калидвожа:*** *Нақш, аҳамият, омӯзиш, арзишҳои миллӣ, анъана, ташаккул, сифат, ахлоқ, донишҷӯ, омил, этникӣ, субект, обект, ҳуввияти миллӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ, маърифат.*


## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ИЗУЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ФОРМИРОВАНИИ НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ СТУДЕНТОВ


*В данной статье рассматривается усвоение национальных ценностей с формированием общественно необходимых нравственных качеств, привычек и навыков социальной деятельности и поведения. Также отмечено, что нравственное воспитание как главный фактор педагогической деятельности имеет в педагогической науке свои научные основания. Авторы констатируют, что формирование нравственных качеств зависит от социальных особенностей, и межобщинные отношения и их влияние друг на друга на протяжении всей истории приводят к развитию некоторых национальных традиций и ценностей, вернее, формируют их. Также считается, что формирование нравственных качеств молодых людей, в том числе студентов, при изучении национальных традиций и ценностей имеет особое значение и может быть первостепенным фактором духовного развития студенческой молодежи.*

*Далее в статье авторы утверждают, что нравственные качества формируются на основе национальных традиций и ценностей, а национальные традиции и ценности могут быть основным источником формирования нравственного воспитания молодежи. Следование национальным традициям и обычаям способствует формированию не только привычек, но и сложных социальных чувств (патриотизма, национального самосознания, национального самосознания, самосознания и др.).*

***Ключевые слова:*** *Роль, значение, обучение, национальные ценности, традиция, формирование, качество, нравственность, ученик, фактор, этнос, субъект, объект, национальная идентичность, национальное самосознание, благочестие, знание.*

**THE ROLE AND SIGNIFICANCE OF STUDYING NATIONAL VALUES IN FORMING THE MORAL QUALITIES OF STUDENTS**

*This article discusses the assimilation of national values with the formation of socially necessary moral qualities, habits and skills of social activity and behavior. It is also noted that moral education as the main factor of pedagogical activity has its own scientific foundations in pedagogical science. The authors stated that the formation of moral qualities depends on social characteristics, and intercommoned relations and their influence on each other throughout history lead to the elimination of some national traditions and values, or rather, form them. It is also believed that the formation of the moral qualities of young people, including students, when studying national traditions and values is of particular importance and can be a primary factor in the spiritual development of student youth.*

*It is also stated that moral qualities are formed on the basis of national traditions and values, and national traditions and values can be the main source of formation of the moral education of young people. Following national traditions and customs contributes to the formation of not only complex habits, but also complex social feelings (patriotism, national identity, national identity, self-awareness, etc.).*

***Key words:*** *Role, meaning, education, national values, tradition, formation, quality, morality, student, factor, ethnos, subject, object, national identity, national identity, piety, knowledge.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Саидов Низомуддин Тоҷиддинович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Сурога: 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 909881055;*

***Шуҳрат Богибеков*** *– унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Джами Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Сурога 735700 ш. Душанбе кучаи Айнӣ 126, Тел: (+992)900216464;*

***Сведение об авторах:***

***Саидов Низомиддин Тоджиддинович*** *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического унверистета имени Садриддина Айни, адрес: проспект Рудаки 121, 734003 г. Душанбе тел: (+992) 909881055;*

***Богибек Шухрат*** *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 735700, город Душанбе,ул. С. Айни 126, Тел: (+992)900216464;*

***About the autors:***

***Saidov-Nizomuddin Tajikiddinovich -*** *Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of General Education Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Adress: 734003 city Dushanbe Avenue Rudaki 121, Tel: (+992) 909881055;*

***Bokgibekov Shuhrat*** *– applicant of the Institute of Educational Development name Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Adress: 735700, city Dushanbe street Aini 126, Tel: (+992)900216464;*

## НАҚШИ АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ДАР ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***Сабоати М., Кенҷаева З.Х.***

*Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Мутафаккирони тараққипарвар дар давоми бисьёр асрҳо тайёрӣ ба меҳнат ва иштирок дар меҳнатро қисми таркибии ташаккули шахсияти баркамол инкишофёфта ҳисоб мекарданд. Меҳнат яке аз намудҳои фаъолиятест, ки идоракунии педагогии таҳсил, ҳаёти ҷамъиятиро амалӣ намуда, ба ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва хислатҳои шахсият мусоидат мекунад. Яке аз максадхои асосии тарбияи мехнатй тарбия намудани шахсияти кобилияти худомузй, худта-раккй ва худшиносй мебошад.

Тачрибаи бехтарин муаллимон ва коллективхои педагоги падару модарон ва муаллимонро ба муносибат ба мехнат хамчун эхтиёчоти ахамияти чамъиятӣ ва омили ба вучуд овардани потенсиали маънавӣ, ки имконияти нашъунамои шахси, инкишофи мустакилиятро дар мехнат ба нафъи худ ва чамъият таъмин мекунанд.

Абаев В. И. навиштааст: “Дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи Чумхурии Точикистон эҳёи шаклҳои анъанавии тарбияи фарзандон, омӯзиши мероси таърихию педагогии халқҳои сокини минтақаҳои чумхури дар системаи омузгори фаъолона ба роҳ монда шудааст” .

Навсозии давлат бидуни таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои миллӣ, ба назар гирифтани хусусиятҳои равонию этникии ҳар як халқи дар он зиндагӣ кардан, омӯзиши таҷрибаи бои тарбиявӣ, ки дар педагогикаи халқӣ дар тӯли асрҳо андӯхтааст, имконнопазир аст.

Тадқиқоти этнографҳо, муаррихон, муаллимон, равоншиносон нишон медиҳад, ки дар ҳар як халқ таҷрибаи умумии тарбия ҷамъ карда шудааст, ки хусусиятхои шароити моддию таърихӣ, ичтимоӣ ва мадании ҳаётро инъикос менамояд. Ба эътибор нагирифтани амалияи тарбиявии халк боиси фаромуш шудани принципҳои асосии ташаккули шахсият, таҳрифи худшиносии миллӣ мегардад. Дар ин бобат аҳамияти тадқиқоти этнопедагоги аён аст.

Мактаби миллӣ дар марҳалаи имрӯза даъват шудааст, ки муассисае гардад, ки барои ба насли наврас интиқол додани арзишҳои маънавӣ, расму оин, анъана ва принсипҳои ахлоқии мардум ҷамъшуда бо дарназардошти шароити мусоид фароҳам меорад.

Мактаби миллӣ дар марҳалаи имрӯза даъват шудааст, ки муассисае гардад, ки барои ба насли наврас интиқоли арзишҳои маънавӣ, расму оин, анъана ва принсипҳои ахлоқии ҷамъкардаи мардум бо дарназардошти хусусиятҳои гурӯҳи этникӣ шароити оптималӣ фароҳам меорад , ба худ хоси социалию маданияти он бошад.

Таҷрибаи тарбияи меҳнатии насли наврас, ки педагогикаи халқии кӯҳистонӣ ҷамъ кардааст, ба ҷамъиятсозии шахсият нигаронида шуда, нишон медиҳад, ки аксар вақт надонистани хислатҳои миллӣ, қолабҳои этнопсихологӣ, ки дар урфу одат, урфу одат, хиради халқ инъикос ёфтаанд, боиси ки хусусиятхои психологии миллии одамон ба ҳамдигар дучор меоянд.

Масъалаҳои тарбияи мехнатӣ проблемам марказии педагогикаи халкӣ мебошанд. Инкишофи ахлоку шуур, камолоти чисмонӣ ва эстетикии шахсе асосан дар меҳнат ба амал меояд. Таърихнигории тадқиқоти илмии оид ба проблемахои педагогикаи халкӣ нишон медихад, ки хусусиятҳои тарбияи мехнатии тоҷикҳо кам омухта шудаанд. Миқдори нашриётҳо оид ба проблемаҳои умумии педагогикаи халкии Чумҳурии Тоқикистон низ кам омухта шудааст . Дар давраи пеш аз революционӣ тадқиқотҳои И.Акбоев, У.Алиев, И.Кримшаухалов ба табъ расидаанд, ки дар онҳо кушиш карда шудааст, ки таъсири зарбулмасал, суруд, бозихо ба тарбияи хонандагони хурдсол дида мешавад, ки онҳо муаммоҳо, расму оинхо ба инкишофи бачагон дар этнография таҳлил карда шудааст. ва истилоҳоти педагогӣ онҳо нишон дода шудааст.

Дар мактаб ва оилаи муосири миллӣ иқтидори тарбиявии эҷодиёти даҳанакии халқ ва анъанаҳои тарбияи меҳнатии педагогикаи халқии Чумҳурии Тоқикистон ба кадри даркорӣ истифода бурда намешавад, мазмун, восита ва усулхои тарбияи мехнатӣ инкишоф дода нашудааст, дар асоси идеали халкии одами мехнатдуст бояд бошад.

Тоҷикҳо ҳам ба мисли бисьёр дигар халкхои Осиёи Миёна ба ҷамъиятикунонии шахсият диққати калон медоданд. Онҳо равшан фахмиданд, ки ояндаи на танхо худи кудак, балки чамъияте, ки вай дар он тарбия ёфта, зиндагӣ мекунад, ба ташкили тарбияи мехнатӣ дар оила вобаста мебошад .

Абазина П.Р. кайд кардааст : “Моҳияти тарбияи мехнатӣ аз насл ба насл гузаштани анъанавии таҷрибаи мехнатӣ ва муносибат ба меҳнат иборат буд, ки дар давоми асрҳо ҷамъ шуда буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон эчодиёти бои дахонӣ, санъати амалӣ, урфу одатхои мехнатӣ ва анъанаҳои меҳнатиро нигоҳ доштаанд, ки дар шароити имрузаи ҳаёт мазмун ва аҳамияти худро гум накардаст”.

Идея ва таҷрибаи тарбияи мехнатӣ, ки дар эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ифода ёфтааст, ба падару модарон ва муаллимон имконият медихад, ки процесси таълимро

тавре созанд, ки хонандагони хурдсол ба ичрои супоришхои мехнатӣ бошуурона муносибат кунанд, забони худро дуст дошта бошанд, барои онҳо кушиш кунанд. одами комилеро, ки халк ба камол расондааст, тарбия ёбанд. Таҳлили осори эҷодиёти даҳанакии халқ ва таҷрибаи тарбияи мехнатӣ дар оила ва мактаб имкон дод, ки он хусусиятҳои зарурӣ муайян карда шаванд, ки бе онҳо ташаккули мутаносиби хонандаи синфи ибтидоии муосир имконнопазир бошад.

Таҳлили илмии маъхазҳои сершумор ҷиҳатҳои умумибашарӣ ва унсурҳои маданияти анъанавии педагогии оилаи тоҷикро тасдик намуд. Дар байни неъматҳое, ки дар ҳама давру замон эътироф шудаанд, аввалин ва арзишмандтарин ин саломатӣ, ҳаёти инсон ва он падидаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки барои ин хидмат пешбинӣ шудаанд ин издивоҷ, оила, таваллуд ва тарбияи фарзандон, зуҳуроти олии рӯҳонӣ пайвастагии наслхое, ки дар парастиши модару фарзандон ифода ёфтаанд. Муайян ва асоснок кардани хислатҳои муҳими фарҳанги анъанавии педагогӣ, аз қабили табиӣ, мутобиқат ба табиат, оммавӣ, хусусияти коллективии таълим, устуворӣ, тамоюл ба Хусусияти педагогикаи мардумии ҳ ар як гурӯҳи этникӣ дар он аст, ки самаранокии таъсири шакл, восита ва усулҳои тарбия бо назардошти фарқияти гендерӣ ва синну солӣ, сатҳи таҳсилот, ки ба ташаккули иқтидор дар соҳаи хоҷагӣ нигаронида шудааст, ташаккул меёбад.

Баррасии мазмун ва шаклҳои фарҳанги анъанавии педагоги нишон медихад, ки устуворӣ ва ҳаётбахшии он бештар бо мавҷудияти қоидаҳои рафтори якхела барои ҳамаи намояндагони гуруҳи этникӣ, хотираи умумии таърихӣ ва ҷаҳонбинии ҷаҳон муайян карда мешавад. Гузаштан аз ин меъёрҳо на танҳо ба нобудии фарҳанги суннатӣ, балки ба нажодӣ низ оварда мерасонад .

Дар охир ба хулосае омед, ки дар ин тадқиқот, албатта, на ҳамаи масъалаҳоеро, ки бо омузиши маданияти анъанавии педагогии халқи тоҷик алокаманданд, хал мекунад. Дар он баъзеи онхо пурра фаро гирифта шуда, баъзеи дигар бо чукур муайян омухта шуда, баъзеи дигар танҳо зикр шудааст. Мо вазифаро дар муайян кардан ва асоснок кардан аз нуктаи назари худ ҷиҳатҳо ва равишҳои принципан муҳимме мебинад, ки ба омузиш ва такмили минбаъда ниёз доранд. Дар баробари ин, мо боварӣ дорем, ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рафти омӯзиши мо ба даст оварда шудаанд, ба омӯзгорон, падару модарон, омӯзгорон мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт замина шуда метавонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Абаев В.И. Таджикский язык и фольклор. / В.И.Абаев - М., Л.: Изд-во АН СССР, 1949.
2. Абазина П.Р. Историко-этнографический очерк. / П.Р.Абазина - Душанбе -2019, - 238 с.
3. Абитова Ф.В. Проблемы взаимоотношения этнопедагогики и современной национальной школы // Вопросы воспитания: теория и практика. Вып 11.-Пятигорск: ПГЛУ, 2003.-159 с.
4. Абульханова-Славская О.А. Деятельность и психология личности. / О.А.Абульханова-Славская - М.: Наука, 1980.-334 с.
5. Таджики в известиях европейских авторов XVIII- XIX вв. Душанбе :Ирфон, 1974. - 824 с.
6. Аджиев А.М. Многообразие и единство в фольклоре народов Республики Таджикистан // Семейная обрядовая поэзия народов Таджикистана. / А.М. Аджиев -Душанбе, 1985.
7. Азаров Ю.П. Семейная педагогика. / Ю.П.Азаров - М., 1992. - 258 с.
8. Айтматов Ч. Мера жизни мера времени//Известия. - 1972. - 29 дек.
9. Алексеева В.П. Таджики древние народы. / В.П. Алексеева -Душанбе, 1963.-92с.
10. Алиев С.Ч. Народные сказки таджиков. / С.Ч. Алиев — Душанбе :Ирфон , 1963. —481 с.


## НАҚШИ АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ДАР ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ


*Дар ин мақола муаллиф дар бораи нақши афсонаҳои халқи тоҷик дар тарбияи меҳнатии ханандагони хурдсол ҳарф задааст. Вай дар асоси маводи бисёр нақши афсонаҳои халқи тоҷик дар тарбияи меҳнатии ханандагони хурдсол таҳлил намудааст.*

*Таҳлили илмии маъхазҳои сершумор ҷиҳатҳои умумибашарӣ ва унсурҳои маданияти анъанавии педагогии оилаи тоҷикро тасдик намуд. Дар байни неъматҳое, ки дар ҳама давру замон эътироф шудаанд, аввалин ва арзишмандтарин ин саломатӣ, ҳаёти инсон ва он падидаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки барои ин хидмат пешбинӣ шудаанд ин издивоҷ, оила, таваллуд ва тарбияи фарзандон, зуҳуроти олии рӯҳонӣ пайвастагии наслхое, ки дар*

*парастиши модару фарзандон ифода ёфтаанд. Муайян ва асоснок кардани хислатҳои муҳими фарҳанги анъанавии педагогӣ, аз қабили табиӣ, мутобиқат ба табиат, оммавӣ, хусусияти коллективии таълим, устуворӣ, тамоюл ба Хусусияти педагогикаи мардумии ҳ ар як гурӯҳи этникӣ дар он аст, ки самаранокии таъсири шакл, восита ва усулҳои тарбия бо назардошти фарқияти гендерӣ ва синну солӣ, сатҳи таҳсилот, ки ба ташаккули иқтидор дар соҳаи хоҷагӣ нигаронида шудааст, ташаккул меёбад.*

*Баррасии мазмун ва шаклҳои фарҳанги анъанавии педагоги нишон медихад, ки устуворӣ ва ҳаётбахшии он бештар бо мавҷудияти қоидаҳои рафтори якхела барои ҳамаи намояндагони гуруҳи этникӣ, хотираи умумии таърихӣ ва ҷаҳонбинии ҷаҳон муайян карда мешавад. Гузаштан аз ин меъёрҳо на танҳо ба нобудии фарҳанги суннатӣ, балки ба нажодӣ низ оварда мерасонад*

***Вожакалимаҳо:** афсонахо, халқи тоҷик, тарбия, хонандагон, меҳнат, хурдсол, мазмун, сину сол.*

## РОЛЬ НАРОДНЫХ СКАЗОК В ТРУДОВОМ ВОСПИТАНИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

*В этой статье автор анализирует роль народных сказок в трудовом воспитании младших школьников. Автор статьи на основе обширного материала исследует роль народных сказок в трудовом воспитании младших школьников.*

*Национальная школа на современном этапе призвана стать учреждением, обеспечивающим оптимальные условия передачи подрастающему поколению накопленных народом духовных ценностей, обычаев, традиций, нравственных устоев с учетом особенностей этноса, уникальности его социокультуры.*

*Накопленный горской народной педагогикой опыт трудового воспитания подрастающего поколения направлен на социализацию личности, он показывает, что зачастую незнание и игнорирование национальных особенностей, этнопсихологических стереотипов, отраженных в нравах, обычаях, народной мудрости, приводит к тому, что национально-психологические особенности людей вступают в противоречие с целями, средствами и методами воспитания.*

***Ключевые слова**: сказки, таджикский народ, воспитание, читатели, труд, младшие школьники, содержание, возраст**.***

## THE ROLE OF FOLK TALES IN THE LABOR EDUCATION OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN

*In this article, the author analyzes the role of folk tales in the labor education of younger schoolchildren. Based on extensive material, the author of the article explores the role of folk tales in the labor education of younger schoolchildren.*

*The national school at the present stage is called upon to become an institution that provides optimal conditions for the transfer of the spiritual values, customs, traditions, moral principles accumulated by the people to the younger generation, taking into account the characteristics of the ethnic group, the uniqueness of its socio-culture.*

*The experience of labor education of the younger generation accumulated by mountain folk pedagogy is aimed at the socialization of the individual, it shows that often ignorance and ignorance of national characteristics, ethno psychological stereotypes reflected in mores, customs, folk wisdom, leads to the fact that the national psychological characteristics of people come into conflict with the goals, means and methods of education.*

***Key words**: fairy tales, Tajik people, education, readers, work, younger schoolchildren, content, age.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Сабоати Муродзода**-омӯзгори калони кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи то мактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Сурога 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 900616480;*

***Кенҷаева Зарина Хайруллоевна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии Донишгоҳи*

*давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Сурога 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 909707766, E-mail: z-kenchaeva@mail.ru;*

***Сведение об авторах:***

***Сабоати Муродзода** - старший преподаватель кафедры педагогики, психологии и методики воспитания дошкольников Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Адрес: 734003 г. Душанбе проспек Рудаки 121, Тел: (+992) 900616480;*

***Кенджаева Зарина Хайруллоевна** – кандидат педагогических наук, заведущ кафедры педагогики, психологии и методики воспитания дошкольников Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Адрес: 734003 г. Душанбе проспек Рудаки 121, Тел: (+992) 909707766, E-mail: z-kenchaeva@mail.ru;*

***About the authors:***

***Saboati Murodzoda** - senior lecturer at the Department of Pedagogy, Psychology and Methods of Education of Preschoolers of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Address: 734003 Dushanbe Avenue Rudaki 121, Tel: (+992) 900616480;*

***Kendzhaeva Zarina Khairulloevna** - Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Pedagogy, Psychology and Methods of Education of Preschoolers of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Address: 734003 Dushanbe prospect Rudaki 121, Tel: (+992) 909707766, E-mail: z-kenchaeva@mail.ru;*

## ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ КӮДАКОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ СУРОБСОЗӢ

***Рӯзиева М. Д., Азимова М.Х.***

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*

Суробсозӣ барои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ нақши муҳимеро соҳиб мебошад. Дар мавриди аҳамияти он ҳайкалтарош И.Я.Гинтсбург чунин таъкид намудааст: «..Дар муҳити оила санъати тасвирӣ - суробсозӣ вазифаеро иҷро менамояд, ки арифметика дар илми математика бар дӯш дорад. Ин ба мисли алифбоест барои омӯхтани ашёҳо ва ба таври дигар, ин хониши аввал, дар баёни мавзӯъ маҳсуб мешавад.

Дар расмкашӣ ашё ба таври нисбӣ тасвир мешавад. Бо сабаби мавҷудияти дурнамои муайян дар он моҳияту хосиятҳои ашё, маънои асосии он аксар вақт коҳиш ёфта, баъзан тамоман аз миён меравад. Таносуби дурусти қисмҳо, фарқи байни асосӣ ва дуюмдараҷа будан, дар маҷмӯъ ҳамаи ин ҳангоми таввассути суробсозӣ тасвир кардани объект равшан ифода меёбад». [ 4]

Дар давоми чандин аср ҳайкалтарошони боистеъдод ҳайкал ва нимпайкараҳои фаровонеро офаридаанд. Рассом дар ҳайкалтарошӣ олами маънавии одам ва тасаввуротро дар бораи муҳит ифода мекунад, ғояҳои зебоипарастии ӯро таҷассум менамояд.

Суробсозӣ ҳамчун як намуди санъат дар ҳаёти мо нақши муҳим дорад. Он вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад, ғояҳои бузург, афкори мураккаб ва хиссиётро тарғиб менамояд. Ба ибораи дигар ҳайкалтарошӣ ҳам мисли дигар намудҳои санъат хусусиятҳои ба худ хосе дорад, ки чи дар мазмун, чӣ дар интихоби воситаҳои мавод ва чи дар воситаҳои тасвир ифода меёбад.

Вижагиҳои фарққунандаи суробсозӣ ва ҳайкалтарошӣ пеш аз ҳама ҳаҷм ва сеандоза будани он ба шумор меравад. Намудҳои асосии суробсозӣ муҷассамаи мудаввар ( доиравӣ) ва релйефӣ мебошанд. Агар тасвирро гардиш карда, аз ҳар тараф дидан, мушоҳида намудан имконпазир бошад, пас чунин ҳайкалро ҳайкали давравӣ меноманд Қадимтарин ҳайкалҳои сафолин аз асрҳои IV—V пеш аз милод то мо расидаанд, ки қаҳрамонони устуравӣ ё худоёни қадимро тасвир мекунанд. Муҷассамаҳои хурди ороишии хунармандони муосири халқиро низ метавон ба ҳайкалсозии хурд мансуб кард. Дар бисёр музофотҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ хунарҳое мавҷуданд, ки дар онҳо бозичаю зарфҳо омода карда мешаванд. Масалан, хунармандони тоҷик аз қадим бозичаҳои лойӣ месозанд, аз лой аспу паррандаҳоро рангубор, бозичаю зарфҳои гуногун ва дар деҳоти дурдаст ҳайкалҳои чӯбини гуногун омода мекунанд. Санъати дилрабои аҷдоди моро кулолон А.Мавлонов, Б. Мавлонов,У.Мелеев(Конибодом), С.Расулов, А.Қодиров (Қаротог), А.Ҳоҷиев (Урметан, ноҳияи Айнӣ), бародарон Сафарбой ва Сайфиддин (Чоркуҳ, шаҳри Исфара), Г.Халилов (Истаравшан), М.Баротов, Ш.Ҳомидов (Хуҷанд) идома дода, дар арсаи олам шуҳратёр гардидаанд.

Нахустин бозёфтҳои осори кулолгарӣ дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ба ҳазораи IV – II то милод тааллуқ доранд (осори тамаддуни Вахшу Бешкент). Алалхусуст санъати кулолӣ ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон, ки қисми таркибии давлати Юнону Бохтар ба шумор мерафт, зери таъсири маданияти антиқа ташаккул ёфта, то давраи истилои араб босуръат тараққӣ кард. Бозёфтҳои Ҳулбук, Афросиёб, Оқтеппаи Тирмиз ва дигар ҳафриёти Осиёи Миёна, ки ба асрҳои VIII – XII мутааллиқанд, аз ривоҷи санъати кулолии он давра шаҳодат медиҳанд. Масҳулоти кулолии асрҳои IX – XII Осиёи Миёна аз рӯи сохт, сифат ва нақшу нигор аз зарфҳои дигар давраҳо афзалият доштанд. Ҳангоми ҳафриёти қалъаи Ҳисор зарфҳои гуногуне ёфт шудаанд, ки ба асрҳои XII -XIV нисбат дода мешаванд. Дар давраи истилои муғул санъати кулолгарӣ рӯ ба таназзул ниҳода, асрҳои XIV -XVII аз нав ривоҷ ёфт ва бар пояи баланди тараққиёт расид. Дар асри XIX санъати кулолгарӣ боз ҳам равнақ касб кард. Марказҳои асосии кулолии ин давр шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва баъзе ноҳияҳо намуди кампаҳншудаи санъати миллии халқӣ мебошанд**.** [ 1]

Дар бораи образи бадеӣ дар ҳайкалтарошӣ сухан ронда, таъкиди як нукта муҳим аст, ки дар ин шакли санъат асосан одам тасвир карда мешавад. Ҳайкалтароши бузурги давраи Эҳё Микеланджело ҳайкали аҷиби Довудро офарид, ки дар он ҷавони бараҳна дар баҳри оромӣ ғӯтаваргашта, тасвир шудааст. Ба муҷассамаи Довуд, ки онро Микеланджело офаридааст, нигоҳ карда, шахс аз нозукии суробсозии бадан, дониши анатомӣ ва андозаи нобиғагии муаллиф дар ҳайрат мемонад. Нобиғаи ҳайкалтарош на танҳо ҳайкали зебоеро офаридааст, ки дар он ба ғайри он ки одами тавоно ва далер таҷассум ёфтааст, дар ин муҷассама ҳамчун хотираи шуҷоати шаҳрвандӣ ва ёдрас кардани он, ки ҳокимон бояд чи тавр шаҳри худро ҳифз кунанд ва онро одилона идора кунанд, тасвир гардидааст.

Аммо тартиб дар ҳайкалтарошӣ хосияти дигар ҳам дошта метавонад: вай на танҳо ҳамчун ороиши ашё (предмет), балки хамчун ифодаи кайфият, ҳаракати муайян хизмат карда метавонад. Ҳангоми эҷоди шакл, симо ё тасвир аксар вақт тасвири либоси он нақши муҳим мебозад.

Мо дар ҳайкалҳои ҳозиразамон таҷассум ёфтани ғояҳои ба ҳаёт ва корнамоии халқ алоқамандро мушоҳида мекунем. Дар ҳайкали Исмоили Сомонии дар асп нишаста, ки қаблан дар шаҳри Хуҷанд ҷойгир буд ва ҳоло дар маркази ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гузошта шудааст, ҳайкали Камоли Хуҷанд дар эҷоди Камол Нодиров ва дизайнер Маҷидов Рустам, ҳайкали Абдуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳайкали Темурмалик, ки дар осорхонаи вилоятӣ ба сурати рост қарор гирифта бо роҳбарии Даврон Раҳматов сохта шудааст ва амсоли инчунин хусусиятҳо дида мешаванд. Самти пӯшиши либос, мавқеъ ва хусусияти он, ҳаракати бадан ва истироҳати онро муайян мекунад: илова бар ин, либос метавонад касб, мақоми иҷтимоӣ ва миллати ӯро нишон диҳад. Ҳайкалтарош инчунин метавонад тавассути тасвири либос ҳолати ботинии одамро ифода намояд.

Бисёр асарҳои суробсозӣ, ки барои маърифати калонсолон пешбинӣ шудаанд, метавонанд таваҷҷуҳи кӯдакони синни томактабиро низ ба худ ҷалб созанд. Мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва падару модарон метавонанд дар шакли дастрас ба кӯдакон мазмуни асари муайянро фаҳмонанд, инчунин дар бораи сифатҳои бадеии он сӯҳбат кунанд.

Дар бораи суробсозӣ дар кӯдакистон изҳори назар намуда, мо пеш аз ҳама фаъолияти санъати тасвирӣ ва тасвирсозиро дар назар хоҳем дошт, ки дар рафти он кӯдакон объектҳои воқеияти атрофро тасвир мекунанд ва бо истифода аз лой, пластилин ё хамири шӯр муҷассамаи оддӣ меофаранд.

Офаридани ҳатто оддитарин муҷассамаҳо аз тарафи кӯдак як раванди эҷодӣ ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, як пораи курраи лой ба кӯдаки хурдсол ҳамчун тӯб, афлесун, себ дар тасаввуротро кӯдак пайдо мегардонанд. Ҳангоми кор бо лой ва пластилин кӯдак дар вақти сохтани шаклҳои гуногун аз ҳаҷм, шакл, андозае, ки дар раванди фаъолияти суробсозӣ меофарад, ба худ лаззати зебогӣ ва зебопарастӣ мегирад.

Фаъолияти эҷодӣ чист, онро чӣ гуна тавсиф кардан мумкин аст?

«Эҷодкорӣ фаъолияте мебошад, ки мувофиқи он маҳсулоти нав, бори аввал офаридашудаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ (симои мошинҳои нав ё азнавсозии кӯҳна), дарёфти роҳҳои ба даст овардани навъҳои нави растанӣ ё зоти ҳайвонот, кашфи қонунҳои нав дар илм, эҷоди осори бадеӣ, адабиёт ва ғайра офарида мешавад». [10, 232].

Педагог В.И. Журавлев чунин мешуморад, ки «фаъолияти таълимии кӯдакон оид ба азхудкунии низоми дониш, малака ва маҳорат бо ду раванди ба ҳам алоқаманд: раванди репродуктивӣ ва эҷодӣ муайян карда мешаванд» [6, 232].

Муҳаққиқон Б.З. Вулфов ва В.Д. Иванов комилан дуруст тасдиқ мекунанд, ки «шакли олии фаъолнокӣ эҷодкорист; ғояи олии педагогика такмили фардияти эҷодкории ҳар кӯдаки тарбиятгиранда ва ҳар мураббӣ мебошад». [1, 288].

Инчунин муҳаққиқони ватанӣ М. Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Р.Х.Шукуров, Шаропов Ш. А., чунин мешуморанд, ки фаъолияти эҷодии кӯдакон гуфта, мо чунин фаъолияти

инсонро меномем, ки кӯдак дар раванди он ягон чизи нав меофарад. Фарқ надорад, ки офаридаи фаъолияти эҷодӣ ягон чизи олами беруна аст ё маҳсули ақл ё ҳис, ки он танҳо дар худи кӯдак ташакул ва зоҳир мегардад”. [8;9;10]

Ҳамзамон Р.Х.Шукуров дуруст тасдиқ мекунанд, ки дар “Рушди эҷодии педагог ҷолиб аст, ки дар он масъалаи таҳрики фаъолмандии эҷодии педагогҳо дар ду ҷанба - ташкилию методӣ ва иҷтимоию психологӣ баррасӣ гардида, шакл ва методҳои ташкили фаъолияти педагогҳо, омилҳои иҷтимоию психологӣ ва нақши онҳо дар ба ҳаракат даровардани рушди эҷодии аъзои коллектив муайян шудаанд” [20, с.34]

Таҳқиқи педагогии масъалаи тарбияи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон бо кашфиёти муҳимтарини психологҳо Л.С. Выготский ва С.Л. Рубинштейн пайванд мегирад. Онҳо вижагии эҷодиёти кӯдаконро муқаррар кардаанд, ки ба табиати субъективии нововарии фаъолияти эҷодии онҳо марбут аст.

Эҷодкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илм, техника ва санъат зоҳир мешавад. Эҷод кардани асари нави рассом аз раванди фаъоли омӯхтани олами атроф оғоз мешавад. Барои омӯхтани объекти шавқовар, ҳодиса ба рассом мушоҳидаи пешакӣ, мунтазам, максаднок ёрӣ мерасонад.Ин марҳилаи ибтидоии фаъолияти мазкур ба шумор меравад.

Барои эҷоди образи бадеӣ муносибати ҳунарманд ба фаъолити воқеӣ аҳамияти бузуг дорад. Дар заминаи офаридани образ фикри баҳодиҳиро ба вуҷуд меорад. Албатта, эҷодиёти кӯдакон хусусиятҳои ба худ хос дорад ва ба меъёрҳои эҷодиёти калонсолон пурра ҷавоб дода наметавонад.

Фаъолияти эҷоди кӯдаки синни томактабӣ мисли рассом дар раванди расмкашӣ ё суробсозӣ аз ғояе оғоз мешавад, ки ба таҷрибаи худ асос ёфтааст ва пайдоиши мавзӯъ, ҷустуҷӯи воситаҳои ифодаи онро дар бар мегирад. Мушоҳидаҳои расмкашӣ ё суробсозии кӯдакони синни томактабӣ нишон медиҳанд, ки фикру ақидаҳои онҳо ё вобаста ба вазифаи калонсолон ё бевосита дар зери таъсири ягон тасвир, мавод арзи ҳастӣ мекунад. Аз ин рӯ, марҳилаи аввали эҷодиёти кӯдак, инчунин ба монанди калонсолон, пайдоиши ғоя – мавзӯе, ки ба дарки воқеияти атроф асос ёфтааст, ташкил менамояд.

Аммо ҷустуҷӯи пешакии воситаҳои бадеӣ, ба нақшагирии кор, мулоҳиза ба эҷодиёти бача хос нест. Бо интихоби мавзуъ барои суробсозӣ, кӯдакон фавран ба татбиқи он шуруъ мекунанд. Дар ҷараёни тасвир ӯ дар бораи мазмуни асари худ, роҷеъ ба он фикр мекунад, ки чӣ тавр ва ба кадом восита корро ба анҷом расонаад, яъне ҳамаи он саволҳоеро, ки рассом асосан пешакӣ фикр мекунад, кӯдак дар ҷараёни кор ҳаллу фасл карда метавонад ё не? Он давраи эҷодиёти рассом, ки бо муайян кардани тамоми рафти кор алоқаманд аст ва то иҷрои нақша давом мекунад, дар кӯдаки синни томактабӣ ба вакт ба лаҳзаи татбиқи он рост меояд. Дигар хусусияти ба худ хоси эҷодиёти кӯдакон дар он зоҳир мешавад, ки қобилияти нокифояи кӯдакон дар таҳлил ва натиҷагирии пешакӣ ба нақша гирифта натавонистани кори худ шарҳ дода мешавад. Барои амалӣ гардондани идея аз маҷмуи ғояҳо яке аз муҳимтарини онҳоро интихоб карда тавонистан, образи офаридаро тавассути хаёл тасаввур кардан, воситаҳои аёнӣ ва техникиро интихоб кардан лозим аст. Ҳамаи ин фаъолиятҳо равандҳои пешрафтаи фикрро тақозо мекунанд. Бо вуҷуди ин, муаққиқон дар соҳаи суробсозӣ ва амалияи иҷрои он дар кӯдакистон мегӯянд, ки агар доимо пай дар пай дар таълим додани фаъолияти визуалӣ ба кӯдакон кор карда шавад, дар ин ҳолат онҳо метавонанд ба баъзе унсурҳои инъикоси пешакӣ оид ба иҷрои кори худ овора шуда, натиҷаи хубро ба даст оваранд

Вазифаҳои ташаккули зуҳуроти эҷодӣ дар кӯдаки синни томактабӣ ба хусусиятиҳои анатомӣ- психологии синну соли ӯ вобаста аст. Мукаммал будани тасаввуроти кӯдаки синни томактабӣ асосан дар 6- 7 солагӣ дар бораи сифатҳои ашё аз он вобаста аст, ки ҷараёни таҳлили ӯ то чӣ андоза фаъолона амал мекунанд. Дар самти мувофиқа аз ҷониби калонсолон кӯдак қобилияти пурра дарк кардани тамоми сифатҳои асосии ашё: шакл, таносуб, ранг, ҷузъҳо, инчунин ҷойгиршавии объект дар фазо соҳиб мегардад.

Хотираи кӯдак бо мурури вақт ва синну сол инкишоф меёбад, аммо тавре ки таҷрибаҳои психологӣ нишон медиҳанд, раванди хотира дар кӯдакони синни томактабӣ асосан ғайриихтиёрӣ боқӣ мемонад. Ба эҷоди образҳои визуалӣ на танҳо хотира, балки равандҳои тафаккур низ таъсир мерасонанд, ки бе иштироки онҳо дарки воқеиятро ба тасвирҳои визуалӣ коркард кардан мумкин нест. Инкишофи равандҳои тафаккури кӯдак тадриҷан қобилияти тасвири ифоданок ва мунтазами ашёро фароҳам меорад. Барои пурратар ва равшантар тасвир кардани предмет, кӯдак бояд маҳорати визуалии ташаккулёфта дошта бошад ва барои ин, дар навбати худ, ӯ бояд робита ва таъсири мутақобилаи қисмҳои ашёро равшантар тасаввур кунад.

Дар бораи инкишофи ҷараёнҳои тафаккури кӯдакон сухан ронда, ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки барои кудак дар давраи суробсозӣ ҳанӯз хам як объектро бо тамоми қисмҳои он тасаввур кардан душвор аст. Ин боиси муносибати конструктивӣ дар тасвири ашё мегардад. Чун қоида, ҳайкалҳои дар машғулиятҳои суробсозӣ офаридаи кӯдакони

ҳафтсола аксар вақт конструктивӣ мебошанд. Гап дар он аст, ки барои кӯдак мустақилона сохтани ашё аз як порчаи томи лой душвор аст, зеро дар ҷараёни тасвири ашё кӯдакон аз таҳлил, номбар кардани қисмҳои ашё ба комбинатсияи оддии онҳо дар ягон тасвири мушаххас мегузаранд. Бо вуҷуди ин, бо омӯзиши пайваста, кӯдакони синни томактабӣ бомуваффақият вазифаи дар машғулияти суробсозӣ супорида шуда аз як порча, эҷодкорона бо устувори мутаносиб ва шаклҳои пластикиро иҷро мекунанд.

Унсурҳои тасаввуроти эҷодӣ дар машғулиятҳои суробсозӣ зоҳир мешаванд, агар ба кӯдакон имконият дода шавад, ки фаъолияти худро мустақилона ба нақша гиранд ва усулҳои техникиро интихоб кунанд. Тахаюли эҷодии кӯдак одатан дар ихтироъ ва эҷодкорӣ намудани ҷузъиёти нави либос барои қаҳрамонҳои тасвиршуда ё илова намудани ашё, аз қабили сабад, чӯб, бел ва ғайра, ҳамчунин ҳалли сохторҳои гуногун зоҳир мегардад. Онҳо бештар дар раванди гӯш кардани афсона ва дидани расмҳои рангоранги қаҳрамонони афсонавӣ онро дарк менамоянд.

Барои он ки кӯдаки синни томактабӣ ба ақидаи мустақил роҳнамоӣ карда шавад, мураббӣ бояд имкониятҳои инкишофи тасаввуроти ӯро донад ва кӯдакро роҳнамоӣ кунад, то ӯро ба ин восита ба кори мунтазами эҷодкорӣ равона созад.

Дар бораи раванди ташаккули тасаввурот дар кӯдакони синни томактабӣ сухан ронда, дар бораи паҳлӯи эҳсосотӣ, ки ба пайдоиши тасвирҳо дар шуури кӯдак таъсир мерасонад, худдорӣ кардан мумкин нест. Кӯдакон ҳама чизеро, ки мебинанд ва мешунаванд, эҳсос мекунанд. Онҳо нисбати чизе, ки дарк кардаанд, муносибати муайяни мусбат ё манфӣ пайдо мекунанд. Ин болоравии эҳсосӣ ба натиҷаи фаъолияти визуалии кӯдакон низ таъсир мерасонад. Дар зери таъсири эҳсосоти худ онҳо ба тасвир он хусусиятҳои ифодакунанда медиҳанд, ки ба дигарон барои фаҳмидани муносибати кӯдак ба тасвир ва дар баъзе ҳолатҳо мундариҷаи тасвиршуда кӯмак мекунанд.

Тасвире, ки кӯдак офаридааст, дорои хусусиятҳои комилан муайяни ифоданокии ӯ мебошад. Кӯдакон зери таъсири эҳсосот муҷассамаҳо ва ашёҳои сохташудаи худро бо нақшҳои гуногун оро медиҳанд, мехоҳанд моҳияти қаҳрамонро нишон диҳанд, аммо ҳамаи инҳо танҳо унсурҳои воситаҳои ифодакунандаи рассомон мебошанд.

Хусусиятҳои инкишофи кӯдаки синни томактабӣ ва рушди қобилиятҳои визуалии ӯ вазифаҳои умумии рушди эҷодиёти кӯдаконро дар машғулиятҳои суробсозӣ дар кӯдакистон муайян мекунанд.

Истилоҳи «эҷодиёти кӯдакон» дар айни замон нисбати кӯдакони синни томактабӣ истифода мешавад; барои кӯдакони 2-5-сола бошад, дар ҷараёни суробсозӣ бо роҳнамоии мувофиқи талаботҳои педагогӣ онҳо инчунин ҷустуҷӯи унсурҳои ифодснокии образи офаридашударо доранд, ки имкон медиҳад доираи вазифаҳое, ки ба инкишофи қобилияти эҷодӣ барои кӯдакони ин синну сол пешбинӣ гардидааст, зоҳир гардад .

Омӯзиш ва супоришҳое, ки мураббӣ ташкил кардааст, бояд кӯдаконро водор созад, ки ҳама чизеро, ки дар раванди суробсозӣ омӯхтаанд, мустақилона истифода баранд; ғайр аз ин, бояд дар он системаи азхудкунии нақшавӣ гузаронда шавад. Вазифаҳои дорои характери эҷодӣ бояд гуногун бошанд ва бо вазифахои омузишӣ алокаи муайян дошта бошанд, чунон ки дар замони худ Е.А.Флерина кайд карда буд: «Таносуби вазифаҳои эҷодӣ ва вазифаҳои таълимӣ аз синну сол ва дараҷаи инкишофи кӯдакон вобаста аст».[15, 232].

Дар баробари ин кӯдак аз хосиятҳои гуногуни лой, хамири шӯр ва пластилин огоҳ меавад, бо шакли сеченака, сохтор ва таносуби ашё шинос мешавад, дар вай дақиқии ҳаракатҳои даст ва чашм инкишоф меёбад, инчунин дар ӯ қобилиятҳои созандагӣ ва эҷодкорӣ ташаккул меёбанд. Агар ин намуди фаъолият дуруст ба роҳ монда шуда бошад, он гоҳ суробсозӣ метавонад як машғулияти дӯстдоштаи кӯдакон гардад.

Дар машғулиятҳои суробсозӣ дар назди мураббиён вазифаҳои муайян гузошта мешаванд: инкишоф додани қобилиятҳои эҷодиёти кӯдакон, дастрас намудани кӯдакон бо малакаҳои аёнӣ ва техникӣ, ҳамчунин бедор сохтани шавқ, майлу рағбат ба ин намуди фаъолият ва ғайраҳо. Системаи таълим дар кӯдакистон тавре сохта шудааст, ки кӯдаконро ба мактаб тайёр карда шаванд.

Дар системаи тарбияи эстетикии кӯдакон машғулиятҳои суробсозӣ ҳам мисли расмкашӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, хусусиятхои худро дорад. Тадқиқоти муосир ва амалияи кори кӯдакистонҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи таълим кӯдакони синни томактабӣ метавонанд тасвири экспрессиро ба вуҷуд оранд, зеро ҳангоми суробсозӣ онҳо аз бисёр воситаҳои расмкашӣ ва техникии суробсозӣ истифода мебаранд, ки ин ба дараҷаи дониш ва маҳорати кӯдакон вобаста аст. Масалан, шаклҳо дар асарҳои сохташавандаи кӯдакон сода карда шудааст: сари одам ҳамчун тӯб, дасту по ҳамчун силиндр тасвир ёфтааст. Тасвири ҷузъиёти иловагиро кӯдакон қариб аз рӯи дараҷаи ифодонокӣ интихоб намекунанд, баъзан ҷузъи асосиро партофта, ҷузъи дуюмдараҷаро бодиққат меофаранд.

Мазмун ва мундариҷаи суробсозӣ дар кӯдако хусусияти хос дорад. Агар мазмуни асари ҳайкалтарош асосан мавҷудоти зинда бошад, пас кӯдакон қариб тамоми ашёи гирду атрофи

худро бо тарзи суробсозӣ меофаранд. Ин матлаб бо он шарҳ дода мешавад, ки кӯдакони синни томактабӣ аксар вақт маънои тасвири ашёи сохташуда аз пластилин, лой ё хамири шӯрро ҳамчун зебогии ашёро дарк менамоянд. Барои онҳо ҳангоми суробсозӣ як ҳадаф вуҷуд дорад - сохтани объекте, ки бо он бозӣ кардан мумкин аст.

Омӯзиши тадқиқоти анҷомёфта ва амалия нишон медиҳад, ки ба кӯдакони гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб фаҳмонидан мумкин аст, ки кадом ашё аз лой ва пластилин сохта шуда (масалан, симои одам, ҳайвонот, сабзавот, меваҳо) зеботар шуо медиҳад ва кадомашро ( масалан мошин, дарахт, хона) дар расм тасвир намудан ё аз куттиҳои гугирд, тахта, чуб сохтан беҳтар аст.

Ҳангоми машғулият бо кӯдакон аз се намуди суробсозӣ истифода мешавад: суробсозии ашёгӣ ё объектӣ, сюжетсозӣ ва ороишӣ. Ҳар яке аз ин намудҳо хусусият ва вазифаҳои худро доро мебошанд.

Дар суробсозии ашёгӣ ё объектӣ барои кӯдак тасвири предметҳои ҷудогона нисбатан осон аст, зеро ҳангоми суробсозӣ кӯдак бо ҳаҷми воқеӣ сару кор дорад ва ба ӯ лозим нест, ки ба воситаҳои маъмулии тасвир муроҷиат кунад. Кӯдакон ба сохтани ҳайкалҳои одамон ва ҳайвонот таваҷҷуҳ ва шавқи калон доранд. Бо вуҷуди ин, онҳо тасвири объектҳои шакли конструктивӣ ва растаниро зудтар азхуд мекунанд. Дар натиҷаи таълим кӯдаконро ба тасвири нисбатан дурусти суроби одам ва ҳайвон омӯзонидан мумкин аст, гарчанде ки ҳангоми пайкарасозии ин ашёҳо танҳо аломатҳои ҷолибтарин ба инобат гирифта мешаванд ва шакли қисмҳои асосӣ ба таври умумӣ боқӣ мемонанд.

Суробсозии сужетӣ дар қиёс бо расм вижагиҳои худро дорост. Агар дар расмкашӣ сохти сужетӣ аксар вақт бо истифода аз усулҳои анъанавии тасвир алоқаманд бошад (масалан, тасвири шахс аз паҳлӯ ҳангоми кашидан аз як тарафи намоён), пас ҳангоми суробсозӣ, ҷузъҳои ба таври воқеӣ сохташуда, тағироти шартии шакл ва кам кардани таносубро барои эҷод кардани ғояҳо дар фазо талаб намекунанд.

Кӯдакон одатан барои тасвири сужети муфассал кӯшиш намекунанд - инро дар гурӯҳҳои хурдсол ва миёна ва баъзан дар гурӯҳи калон ё омодагӣ ба мактаб мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, кӯдак метавонад танҳо бо тасвири духтар ва чӯҷача ё мурғча дар ҳолати бетароват маҳдуд шавад, аммо ӯ фавран бо онҳо бозӣ карданро оғоз мекунад. Одатан, суробсозии сюжети кӯдакон аз чунин бозӣ шуруъ мешавад. Вақте ки шавқу рағбат ба ин намуди машғулияти суробсозӣ, азхудкунии усулҳои тасвирӣ ташаккул меёбад, кӯдакон ба сохтани ҳайкалчаи сужетҳои муфассал оғоз мекунанд.

Суробсозии ашёгӣ аз кӯдакон меҳнати зиёдро талаб мекунад, зеро ҳар як ашёи ба таркиб дохилшударо мураттаб кардан, онро дар раф ба ҳолати дуруст гузоштан ва суробсозиро бо ҷузъҳо пурра кардан лозим аст.

Барои тартиб додани сохти сужетӣ пеш аз ҳама, дар бораи андоза, ҳаҷм ва шакли пояи асос – тагмони он фикр кардан ва баъд аз он ҳайкалро андохтан, ашёро дар тагмон тақсим кардан ва мустаҳкам кардан зарур мебошад. Дар аввал, чун қоида, кӯдакон дар бораи ҳаҷм ва шакли андоза фикр намекунанд, ба он тагмон ашё намегузоранд ва аксар вақт онро борик мекунанд. Шакл ва андозаҳои тагмон ба тарҳи умумӣ, яъне ба шакл ва андозаи ҷисм вобаста намебошад. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки барои кӯдакони ин синну сол тагмон танҳо як сатҳест (фарш, замин), ки дар он ашёҳо ҷойгиранд. Мураббӣ бояд кӯдаконро ба қадри кофӣ ҷиҳати сохтани тагмон барои ашёҳои гуногуни сохташуда раҳнамоӣ намояд, то ки тасвири зебое ҳосил гардад. Сужет барои суробсозӣ метавонад воқеаҳо аз ҳаёти атроф, мундариҷаи баъзе афсонаҳо ва ҳикояҳо бошад.

Ифоданок будани сохти суробсозии сужавӣ на танҳо ба он вобаста аст, ки кӯдакон шаклро чӣ тавр тасвир карда тавонанд, балки инчунин ба он низ марбут аст, ки онҳо бо роҳи тасвири амал чӣ тавр ҷузъиёти танаро ба асос пайваст мекунанд.

Суробсозии ороишӣ яке аз воситаҳои тарбияи зебоишиносӣ ошно кардани кӯдакон бо санъати амалӣ, бо намудҳои гуногуни он, аз ҷумла бо маснуоти хурди ороишии ҳунармандони халқӣ мебошад. Шаклҳои зебои умумие, ки лухтакҳо, ҳайвонот, паррандагонро бо шакли суробсозӣ шартан тасвир мекунанд, кӯдаконро шод мегардонанд ва ба инкишофи завқи бадеии онҳо таъсири мусбат мерасонанд, ҳамчунин ғоя ва тасаввуроти кӯдаконро васеъ мекунанд. Кӯдакон зарфҳои ороишиеро, ки кулолгарони халқҳои гуногун сохтаанд, мавриди истиқбол қарор мегиранд. Кӯдакон шаклҳои оддӣ ва баъзан мураккаби истакон, намакдон ва дигар маҳсулотро бо хоҳиши худ ба назар мегиранд.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳои хеш худи кӯдакони синни томактабӣ низ метавонанд ашёи ҷолиб эҷод кунанд, ки баъдтар барои бозиҳо, ороиши ҳуҷра ва ҳамчун тӯҳфаҳо истифода мешаванд. Онҳо бо майлу хоҳиши хеш лӯхтакчаҳои маҳтобӣ, зарфҳои ороишӣ, гулдон, айнакҳо ва ҷузвдончаҳои қаламгузор месозанд. Ин маҳсулот метавонад дар шакли барг, гул, ҳайвонот бошад, онҳоро ба таври ҷолиб рангубор кардан мумкин аст. Эҷод кардани паррандаҳои ороишӣ бо болҳо ва думҳои ранга низ бояд ба ин намуди суробсозӣ нисбат дода шавад.

Суробсозии ороишӣ имкон медиҳад, ки ба кӯдакон дар бораи мавзӯъ пешакӣ фикр карда, дар шакли расм пешакӣ эскиз созанд, шакли ашё ва расмро шартан ҳал кунанд. Нақшҳо унсурҳои гуногуни ороиширо дар бар мегирад. Инҳо шаклҳои гуногуни геометрӣ (давраҳо, чоркунҷаҳо, ромбҳо, секунҷаҳо ва ғ.), шаклҳои растанӣ (буттамева, баргҳо, гиёҳҳо, гулҳо ва ғ.) мебошанд. Кӯдакон барои оро додани табақҳои ороишӣ ва дигар ороишҳои деворбоб бо нақшаҳо баргузидан мувофиқи мақсад аст .

Кори ороишӣ ба инкишофи мушакҳо ва муҳаррикҳои хурди дасти кӯдак таъсир мерасонад, ба ӯ кор кардан бо нӯги ангуштонро ёд мегирад ва онҳо низ дар навбати худ чандир ва ҳассос мегарданд.

Одатан барои суробсозӣ дар кӯдакистон лой, хамири шӯр ва пластилинро истифода мебаранд. Инсон аз замонҳои қадим медонист, ки лойро қолаб кардан мумкин аст ва аз замонҳои қадим одамон ба кулолгарӣ машғул буданд. Лой ба зиндагии инсон дохил мешавад, аз он табак тайёр мекунанд, бому девору фарши хонаҳоро лой, тахталойиҳоро дар офтоб пухта бомро мепушонанд. Лой як массаи хокист, ки ҳангоми омехтани бо об ба маводи пластикӣ табдил меёбад. Лойи хушк шакли хешро нигоҳ медорад ва агар сӯзонда шавад, сахт мешавад. Ин хусусиятҳои лой ба одам иҷозат медихад, ки онро дар сохтмон, инчунин барои тайёр кардани маснуоти сафолӣ, лойин истифода баранд.

Лой барои таълими суробсозӣ дар кӯдакистон бояд маводи асосӣ бошад, пеш аз ҳама, аз он сабаб, ки он нозук, мавзун, ҳамчун мавод зебо аст ва ба кӯдак имкон медиҳад, ки якпорчагии шакли ашёро маърифат намояд. Як пораи калони лой ба шумо имкон медиҳад, ки дар миқдори калон ва композитсияҳои гуногун кор кунед, ки ин имконият дар пластилин қариб ғайриимкон аст. Лой нисбат ба пластилин боз як бартарӣ дорад: махсулоти лойро минбаъд дар оташдони муфел коркард кардан мумкин аст ё баъд аз хушк кардани хуб бо ранг ва бо иловаи зардии тухм ё темпера ранг кардан мумкин аст.

Истифодаи пластилин одатан ба тасвири шаклҳои хурд аз қисмҳои ранга оварда мерасонад, ки ин на ҳамеша матлуб аст, зеро ин ба дарки ҳамаҷонибаи шакл халал мерасонад. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки мураббӣ имкон надорад, ки ба кӯдак як пораи якранги пластилини андозаи кофӣ барои суробсозии муфассал диҳад. Илова бар ин, ин маводи ранга аст ва ранг, ҳамчун воситаи иловагии тасвир, аксар вақт кӯдаконро ба тасвири асосӣ - шакл ҷалб мекунад. Тамоми ин иҷрои вазифаи муҳими барномаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ - ба кӯдакон дидан ва сохтани шакли асосии ашёро душвор мегардонад.

Бояд ба эътибор гирифт, ки барои кӯдакони 2-4 сола коркарди ин мавод душвор аст, ҳатто агар он пеш аз машғулияти суробсозӣ гарм карда шавад. Истифодаи пластилинро дар кор бо кӯдакони 5-7 сола, ки мушакҳои хурди дасташон ба қадри кофӣ инкишоф ёфтаанд ва хоҳиши сохтан ва тасвир кардани ҷузъиёти хурди ашё аллакай зоҳир мешавад: ороиши либосҳои лӯхтакҳо, тасвири шаклҳои растанӣ дар суробсозии сужавӣ додан хуб аст. Пластилинро ҳатто дар гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб, танҳо дар баъзе гурӯҳҳо истифода бурдан лозим аст.

Суробсозӣ барои инкишофи ҳиссиёт, дарк ва тасаввури ҳиссиёт дар кӯдакон зарур аст. Дар шинохти ашё дар олами воқеӣ чашм пешсаф аст, вале дар марҳилаҳои аввали ташаккули тасвир дар кӯдакон ҳангоми биниш ламс кардани ашё дар ҷои аввал қарор дорад. И.М.Сеченов қайд кардааст, ки «дастҳо шакли ҷисмии ашёро назар ба чашмҳо ба таври дигар муайян мекунанд ва онҳо онро пурратар муайян месозанд.

Инсон метавонад тавассути истифодаи кафи дастони худро ба сатҳҳои паҳлӯии ашёҳо, ки ҳамеша каму беш аз назар пинҳонанд ва ба сатҳҳои қафо, ки дигар сатҳ аст, ки ба чашм комилан дастнорасанд, бимолем. Мо бо дастони худ ашёро аз хар тараф ҳис мекунем ва дар ин таърифхо тағйирёбии гуногуни шакли сатҳи каф, ки имкон медихад кунҷҳо, буришҳо, пастиҳо ва ғайра ҳис карда шавад, нақши хеле муҳим мебозад.” [11].

Ҳангоми суробсозӣ кӯдак бояд хосиятҳои моддии ҷисмҳо - ҳаҷм, шакл, зичӣ, сохтори онҳоро инъикос кунад. Ин танҳо вақте имконпазир мегардад, ки дар таҷрибаи кӯдак аллакай нишонаҳои ламсӣ мавҷуд бошанд, зеро инъикоси тасвирии ин сифатҳои ашё, бар хилофи сифатҳои ламсӣ, бавосита аст. Барои кӯдакони синни томактабӣ дар шинохти ашё танҳо баъзе хусусиятҳои умумии он кифояанд. Шиносоии тактикӣ бо ашё асосан бо он қисматҳое маҳдуд мешавад, ки кӯдак барои онҳо онро ҳифз менамояд ё ламс мекунад. Чунин ламси ғайрифаъол ба кӯдак дар бораи хосиятҳои инфиродии объект маълумот медиҳад ва онҳо ба тасвири якхела муттаҳид намешаванд. Аммо барои тасвири ашё барои кӯдак ин кофӣ нест: кӯдак бояд тамоми объектро дар маҷмӯи хусусиятҳо ва сифатҳои он ба таври муфассал тасаввурот пайдо намояд ва дарк кунад. Таваҷҷуҳи кӯдакон ба ҷанбаҳои алоҳидаи ашё ва ё объект нигаронида шуда, ба таҳлил (ҷудо кардани бутунӣ ) ва синтез (муттаҳид намудани хосиятҳои инфиродӣ ба симои ягонаи ашё ё объект) нигаронида шудааст. Ҳаракатҳои даст дар ашё дарки кӯдаконро ба тартиб меоранд, ба такмили тасаввуроти онҳо дар бораи шакли предмет, хосиятҳои он ва баъдтар системаҳои хосиятҳо – талаботи аслӣ мусоидат мекунанд. Ҳаракате, ки ашёи ба санҷиш дохилшударо меомӯзад, аз рӯи самти худ ба ҳаракате, ки кӯдак

баъдтар ҳангоми тасвири предмет анҷом медиҳад, шабоҳат дорад. Он гуё дар асоси тарзи амали ояндаи тасвир қарор дорад.

Дастҳо ва ангуштони кӯдаконро бо мақсади такмили маҳорату малакаҳои оид ба омода намудани раванди тамим истифода бурда мешавад. Дар вақти сохтани маснуот аз лой (гил) чунин амалиёт мегузарад, ки мушакҳои даст озод мешавад ва ҳамзамон кӯдакро ором мекунад. Ин навъи ҳунар эҷодкории кӯдакро баланд бардошта ҷаҳонбиниашро васеъ намуда, тафаккури эҷодию бадеӣ ва тахаюлоташро инкишоф дода ба мустақилият ва масъулиятнокӣ равона менамояд. Дар кӯдакон ба нақшагирии оғози корро ташаккул медиҳад ва ҳамзамон аз ҷиҳати зебоипарастӣ тарбия менамояд.[16]

Вақте ки кӯдак ба суробсозӣ оғоз мекунад, ӯ аллакай амалеро, ки бояд иҷро кунад, дар тасаввуроташ ҷой дорад. Оҳиста-оҳиста дар кӯдакон усулҳои умумии азназаргузаронии ашёҳо ташаккул ёфта, усулҳои умумии тасвири онҳо низ равнақ меёбанд.

Мураббӣ калимаҳои гуногунро вобаста ба мавзуъ интихоб мекунад. Масалан, ӯ ба кӯдакон мева-себ дода, аз онҳо хоҳиш менамояд, ки себро дар даст гузошта вазн, зичии онро (себ вазнин, калон, мудаввар) ҳис намоянд, инчунин кӯдак шакли себро ё шакли мудаввари шакли тӯбро мустақилона дар машғулияти суробсозӣ сохта тавонад. Доир ба мавзуъ таҳқиқот гузаронида, зеҳни кӯдакро дар меҳвари диққат қарор медиҳем ва ҳамин тарз дар кӯдакон мо таҷрибаи эҳсосиро ташаккул медиҳем.

Дар суробсозӣ кӯдакон одатан бо ашёи сеченака кор мекунанд, ки шакли он ба ҷисми ҳандасӣ асос ёфтааст. Ҳамин тавр, дар гурӯҳҳои хурдсол кӯдакон бо чунин стандартҳо ба монанди тӯб, куб, дар дар синнусоли миёна — конус, байзашак, силиндр шинос карда мешаванд.

“Беҳтар аст, ки кӯдакони 4-5 сола бо шаклҳои силиндрӣ, конусӣ, сферикӣ ва байзавӣ тавассути бозиҳои дидактикӣ, аз қабили «Дастур», «Он чи пинҳон аст, ёбед», «Саёҳат дар ҳуҷраи гурӯҳӣ», «Мағоза», “Объектеро пайдо кунед, ки ҳамон шакл аст», «Лотои геометрӣ», «Халтаи аҷиб», «Ёбед, ки ин чист?” шинос карда шаванд.[5]

Омӯзиш ва таҳлили объект пеш аз суробсозӣ хусусиятҳои худро дорад, зеро шакли объект ҳангоми суробсозӣ дар ҳаҷм ва андоза пешниҳод мегардад. Аз ин рӯ, хусусияти амалҳои эҳсосӣ яъне сенсорӣ бояд ламси фаъоли массаи ашё, хосиятҳои он - зичӣ, сохтор, шаклро дар бар гирад. Дар айни замон, ҳаракати дастҳо дар болои ашё ҳамеша аз шакли он вобаста хоҳад буд: даст ҳангоми азназаргузаронии кубӣ –даврагӣ ва шакли доира ба таври дигар ҳаракат мекунад. Дар ҳолати аввал мавҷудияти кунҷҳо боиси таваққуф ва тағйири самт мегардад ва дар ҳолати дуюм ҳаракат пайваста аст.

Раванди суробсозӣ таҳлил ва синтези беҳтарини хосиятҳои асосии ашёро талаб мекунад. Кӯдак мустақилона инро азхуд карда наметавонад. Калонсолон бояд ба ӯ дасти мадад расонанд. Онҳо ба вай низоми умумишудаи азназаргузаронии фаъолонаи ашёро меомӯзонанд, ӯро бо он талаботи ҳиссиёте, ки ҷамъият кор карда баромадааст, бо эталони сенсорӣ шинос мекунанд.

Вазифаҳои асосии рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар машғулиятҳои суробсозӣ аз инҳо иборатанд:

- инкишоф додани шавқу завқ ба ин намуди фаъолият;
- аз гурӯҳи хурдсол сар карда, ташаккули шакли тасвири ашёҳо дар асоси дарки воқеият бо роҳи таълими ташхиси ашё, дар асоси ҷустуҷӯҳои мустақилонаи таълимӣ додан;
- истифода ва якҷоякунии шаклҳо бо истифодаи қолабҳо;
- ба кадри имкон дар хар як гурӯҳи синну соли гуногун истифода бурдани усулҳои суробсозӣ ва воситаҳои ифодакунии онҳо;
- тадриҷан ба кӯдакон таълим додани озодӣ дар машғулияти суробсозӣ, бо истифода аз таассурот аз муҳити тавассути мушоҳида қабулшуда, аз шунидани адабиёти бадеӣ, тамошои тасвирҳои рангоранг ва дарк кардани асарҳои санъат;
- дарки фаъолонаи дастурҳо ва супоришҳои мураббӣ аз ҷониби кӯдакон.

Аз сабаби он ки инкишофи қобилияти эҷодӣ, қобилияти озодона фикр карда баромадани кӯдакон оид ба ин ё он мавзуъ ва ҳалли он ба он вобаста аст, ки онҳо техникаи суробсозиро то чӣ андоза медонанд, ба ин ҷиҳат диққати калон додан лозим аст. Ҳар қадаре ки кӯдак бештар усулҳои визуалӣ ва техникиро донад, дар сохтани ашёҳо бо тарзи суробсозии ӯ ҳамон қадар мустақил ва эҷодкортар мешавад.

Хулоса, инкишофи фардии кудак ва роҳҳои ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар машғулиятҳои суробсозии муасссисаҳои таҳсилоти томактабӣ, бояд ба конеъ гардонидани талаботҳои ҷамъият, оила нигаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда барои шинос намудани ӯ бо қоидаҳои оддитарини умумиинсонӣ равона гардидаанд. Дар ҳар як машғулият дар баробари вазифаҳои дорои характери эҷодидошта вазифаҳои ба кӯдакон омӯзондани техникаи суробсозӣ гузошта мешаванд. Ин равиш имконият пайдо мекунад, ки истеъдоди кӯдакон такмил ёфта, фаъолияти эҷодкории онҳо дар заминаи кор бо унсурҳои офаринандагӣ боз ҳам ташаккул ёбад.

**АДАБИЁТ**

1. Азизов А. А, Раҳимов С., Исломов С., “Технология” китоби дарси синфи 9 барои писарон.Душанбе 2016.
2. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни то мактаби “Рангинкамон” /Зери назари Л. Иматова, Б. Маҷидова,Т.Девоншоева,Н. Кокова.-Душанбе.:” Сифат”, 2013. – 125с.
3. Грибовская А. А. Обучение дошкольников декоративному рисованию, лепке, аппликации: конспекты занятий.- Скрипторий, 2008
4. Гинцбург И. Воспоминания, статьи, письма. М.1969., с196.
5. Дидактичкские игры и упражнения по сенсрному воспитанию дошкольников. Под ред. Л.А. Венгера М., 1973
6. Дурасов Н.А. Каркопольская глиная игрушка.Л.1986г.
7. Косминская В.Б. и др. Теория и методика изобразительной деятельности в детском саду. - М.: Просвещение, 2006. - 253с.
8. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир (Матн). М. Лутфуллоев-Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2010.-432 с.
9. Маҷидова Б.А., Иззатова М.И. Педагогикаи томактабӣ. Қ. 1 ва 2. Душанбе: Ирфон, 2013
10. Психология . Под редак. А.А Смирнова .М.1982 - С.340
11. Сеченов И.М. Избранние философские и психологичкские произведения М., 1947. С. 555-556.
12. Коморова Т.С. Чтобы каждый ребёнок испытивал радость творчества.// Дошкольное воспитание. 2006.-№3.
13. Коротаева Е. Творческая педагогика для дошкольника.// Дошкольное воспитание. 2006.№6.
14. Қодиров Ф. Ҳунарҳои мардумӣ омили тарбияи завқи бадеӣ.–Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 144 с.
15. .Флерина. Е.А. Эстетическое воспитание дошколӣника М. 1961
16. .Халезова Н.Б. Декоротивная лепка в детском саду: Пособия для воспитателя/ под. Ред. Н.Б.Холезовой.Зацепиной М. 2005.
17. .Шарифзода Ф., Каримова И., Сулаймони С., Булбулов Ҷ. Педагогикаи ибтикорӣ. - Академияи таҳсилоти Тоҷикистон / Ф. Шарифзода, И. Каримова [Матн]. Душанбе: Ирфон , 2013.- 544 с.
18. .Шаропов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А.Шаропов [Матн]. - Хуҷанд: Меъроҷ.2017.-304с.
19. .Шаропов Ш.А., Усмонов Д.А. Муошират педагогӣ ва омӯзгорони оянда / Ш.А.Шаропов, Д.А. Усмонов [Матн]. - Хуҷанд: 2019.-204с.
20. .Шакуров Р.Х. Творческий рост педагога / Р.Х. Шакуров [Текст]. - Москва, Знание, 1985, С. 13.

## ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИЁТИ КӮДАКОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ СУРОБСОЗӢ

*Дар мақола оид ба инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакон дар машғулиятҳои суробсозии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сухан меравад, ки ин масъалаи муҳимми педагогикаи муосир мебошад, зеро воқеияти ҳаёти мо, тарбия кардани чавонон дар руҳияи муносибати эчодӣ, фаъолиятмандӣ ва мустакилияти тафаккурро талаб мекунад. Мо бояд дар фарзандони худ чустуҷӯӣ, заковат, ташаббускорӣ, хаёлот— дар маҷмӯъ ҳамон хислатҳоеро тарбия намоем, ки онхо дар фаъолияти эҷодии кӯдакон ифодаи равшан пайдо мекунанд.*

*Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ инкишоф додани қобилиятҳои эҷодкорӣ хам дар машғулиятҳо ва хам берун аз онҳо ба нақша гирифта мешавад. Дар машгулиятҳои суробсозӣ дар кудакон ташаккули тасаввуроти ибтидо дар бораи санъат, қобилияти дарки он, маҳорати инкишофи сохтани шаклҳои гуногуни суробсозӣ мавриди хал қарор меёбанд.*

*Фаъолияти мураббиро дар ин самт, бояд водор менамояд, ки ба ташаккули қобилияти эҷодӣ тасвирӣ ва сохтани маснуот дар кӯдакон, ҷустуҷӯи шаклҳо, таносубҳо, ҷузъиёти иловагие, ки мавзӯъро амиқтар мекунанд, яъне ҷустуҷӯи воситаҳои ифода, усулҳои коркарди суробсозӣ диққати хешро равона намоянд.*

*Ҳамин тариқ, вазифаҳои инкишоф додани қобилиятҳои эҷодиёти кӯдакон ба хусусиятҳои синну соли кӯдаки синни томактабӣ асос ёфтаанд, дар ҳар як гурӯҳи синну сол ин вазифахо ба таври гуногун муайян карда мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *кӯдак, коркарди суробсозӣ, эҷодкорӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, қобилияти эҷодӣ, суробсозӣ, машғулиятҳои суробсозӣ, ҳайкалтарошӣ*

## РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ ДЕТЕЙ В ХУДОЖЕСТВЕННО-ТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

*В статье рассматривается важность развития творческих способностей детей в дошкольных образовательных учреждениях. Основное внимание уделяется воспитанию у детей поисковых, новаторских, инициативных и воображаемых качеств, которые ярко выражены в детской творческой деятельности. Развитие творческих способностей планируется как на занятиях, так и вне их. Занятия по изготовлению суробов используются для формирования первоначального представления об искусстве, умения его понимать, развития навыка изготовления различных форм суробов. Роль педагога в этой области заключается в сосредоточении внимания на формировании творческих способностей детей и создании произведений, поиске выразительных средств, способов обработки изображения.*

*Задачи развития творческих способностей детей основаны на особенностях дошкольного возраста и в каждой возрастной группе определяются по-разному.*

***Ключевые слова:*** *ребенок, обработка рисунка, творчество, развитие творческих способностей, творческие способности, рисование, уроки рисования, лепка.*

**DEVELOPMENT OF CHILDREN'S CREATIVE CAPACITY IN ARTWORK-MAKING ACTIVITIES**

*The article discusses the importance of developing children's creative abilities in preschool educational institutions. The focus is on educating children to search, innovate, initiate, and imagine, which are qualities that are clearly expressed in children's creative activities. The development of creative abilities is planned both in classes and outside of them.*

*The sourob making classes are used to form an initial idea about art, the ability to understand it, and the development of the skill of making various forms of the sourob.*

*The teacher's role in this area is to focus on the formation of creative abilities of children and the creation of products, the search for means of expression, and the methods of processing the image.*

*The tasks of developing children's creative abilities are based on the characteristics of the preschool child's age and are defined differently in each age group.*

***Keywords:*** *child, processing of drawing, creativity, development of creative ability, creative ability, drawing, drawing lessons, sculpting*

***Маълумот оид ба муаллифон:***

***Рӯзиева Мавлюда Давроновна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсени кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.*

***Азимова Машҳурахон Ҳоҷиевна*** *–номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва методика тарбияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.*

***Сведение об авторах:***

***Рузиева Мавлюда Давроновна -*** *кандидат педагогических наук, доцент кафедры теории и методики дошкольного образования Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова.*

***Азимова Мавлюда Ходжиевна*** *– кандидат педагогических наук, доцент,* *заведущий кафедры теория и методика дошкольного воспитания факултета Психологии и дошкольного образования, ГОУ «Государственного Худжанского университа имени Бабаджана Гафурова".*

***About the authors:***

***Ruzieva Mavlyuda Davronovna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and Methods of Preschool Education of Khujand State University named after academician Bobodjon Gafurov.*

***Azimova Mavlyuda Khodjievna*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Theory and Methods of Preschool Education of the Faculty of Psychology and Preschool Education, Babajan Gafurov State University of Khujand.*

## БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР ДОНИШГОҲОИ ОЛӢ - ОМИЛИ АСОСИИ ТАЙЁР КАРДАНИ МУТАХАССИСИ РАҚОБАТПАЗИР

***Муродова Ш.С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар тӯли таърихи башарият илму маориф сабаби асосии боло бурдани обрӯи инсон, унсури муҳими сохтори давлат, қувваи пешбарандаи иқтисоди миллӣ ва омили пур кардани захираи зеҳнӣ буд, боқӣ мемонад ва хоҳад буд. Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти таҳсилот дар ҳама зинаҳои он, бидуни истисно: аз ибтидоӣ то олии касбӣ муҳим аст. Дар айни замон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва мавҷудияти интихоби рақобат дар бозори меҳнат таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти хоса пайдо карда, вазифаҳои тайёр кардани мутахассиси босифати профилӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Маҳз таълими босифат ва истеҳсоли мутахассиси рақобатпазир манбаи асосии сарвати миллии кишвар мебошад.

Масъалаи самаранок идоракунии донишгоҳҳо дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ бо пайдоиши талаботи нав ба сифати таълим дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа, ки бозори таҳсилот ба назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузоштааст, аҳамияти хоса дорад. Бозори меҳнат, ки дар он ташкилоти муосири таълимӣ иштирокчии комилҳуқуқ мебошад, бартарии асосии рақобатпазирии муассисаи таълимӣ буда, қаноатмандии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимиро ифода мекунад. Муҳимтарин бартарии донишгоҳҳои маъруф сифати таълим ва дорои мутахассисони ҳақиқӣ мебошад.

Дар натиҷа, вазифаи асосии донишгоҳ ин таъсис додани механизмҳое мебошад, ки сифати хизматрасонии таълимӣ, дастовардҳои инфиродии таълимӣ ва раванди педагогиро таъмин мекунанд, ки ба ташаккули мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат таъсир мерасонанд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ қайд кардаанд, ки “...такмил додани раванди таълим ва ба талаби замон мувофиқ гардонидани сатҳи тарбияи мутахассисон ин вазифаи муқаддаси устодону кормандони он мебошад”. Ва инчунин борҳо таъкид кардаанд, ки “...илму маориф омили муҳимтарини рушду пешрафти ҳар як давлату миллат мебошад. Зеро инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи насли нав вобаста мебошад”. Дар ин мақола таърифи “сифат” омода кардани шахсияти рақобатпазирро дорад.

Омили асосии «сифат» сиёсати кадрии донишкадаҳо мебошад. Ба ҳайати омӯзгорон бояд профессорон, дотсентҳо, инчунин олимони ҷавоне дохил карда шаванд, ки ба рушди сифати таълим, ташаккул ва кашфи самтҳои нави раванди педагогӣ мусоидат мекунанд. Вазифаи асосӣ, ки ба фикри мо, ҷорӣ намудани барномаи нави таълим, истифода бурдани усулҳои прогрессивии таълим, татбиқи барномаҳои инкишофӣ, тафаккурии ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ, истифода бурдани шаклу воситаҳои такмили ихтисос мебошад. Дар баробари ин муаллим бояд ба талаба муносибати психологию педагогиро ба кор барад, яъне маводи таълимиро фаҳмо оварда, онро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳад, масъаларо салоҳиятнок баён намояд, роҳҳои ҳалли онро нишон диҳад, ба коре, ки аз тарафи донишҷӯ иҷро карда шудааст одилона баҳо диҳад. Китобҳои нави дарсӣ ва воситаҳои таълим тартиб дода, инчунин ба талабагон ахбороти навтарин пешкаш кунад. Қайд кардан зарур аст, ки саҳми муаллим дар рақобаткунонии хонанда дар зинаи аввал қарор дорад. Чуноне, ки Ҷалолиддини Румӣ – мутафаккири бузурги асри XIII нақши устодро дар дубайтии зерин таҷассум намудааст, ки аҳамияти оламшумул дорад:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*
*Ҳеҷ Мавлоно нашуд Мавлои Рум*
*То муриди Шамси Табрезӣ нашуд [9, с.11].*

Аз рӯи таърифи Хазова А.С. рақобатпазирии мутахассис ин қобилияти қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат, яъне ба талаботи корфармо, ҷойҳои корӣ, инчунин мақсадҳои ташкилот ҷавобгӯ будани мутахассис мебошад. Сифатҳое, ки ин қобилиятро фароҳам меоранд, ба мутахассис имкон медиҳанд, ки ба кори муайян, вазифа ва ҷои холӣ мурочиат намояд, дар озмун ширкат варзад ва аз рӯи бартариятҳои рақобатӣ ғолиб ояд, нисбат ба рақибон барои корфармо ҷолибтар бошад ва дар оянда талаботи устувор дар бозори меҳнат ба ин мутахассис дастрас гардад [5, с.6].

Бо назардошти таърифи Хазова А.С. ва дигар олимон оид ба масъалаи рақобатпазирии мутахассисон бояд қайд намуд, ки байни мафҳуми рақобатпазирии мутахассисон дар бозори меҳнат ва ташаккули рақобатпазирии донишҷӯён дар раванди таҳсил дар донишгоҳ робитаи муайян вуҷуд дорад [5, с.8].

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, аз ҷумла аз ҷониби муаллифон барномаи мақсадноки ташаккули рақобатпазирии донишҷӯён аз рӯи нишондиҳандаҳои шартии махсус аз талаботи муҳимтарини рақобатпазирии донишҷӯён амалӣ карда мешавад.

Донишҷӯи Донишгоҳ бояд дар доираи талаботу меъёрҳои махсус дорои салоҳиятҳои зерини донишҷӯӣ бошад:

1. Боодоб, хоксор ва боодоб бошад, яъне нисбат ба омӯзгорон ва ҳамсабақони хеш эҳтиром зоҳир намояд ва дар раванди таълим намунаи худшиносии касбиро ба вуҷуд оварад;

2. Дар ҳар семестр як лоиҳаи инноватсионӣ таҳия намояд ё дар соҳаи эҷодиёти техникӣ ё аз рӯи ихтисос як ихтироъ пешниҳод намояд;

3. Доштани малакаи мукотибаи корӣ ва омода будан ба фаъолияти «Ҳукумати электронӣ» (навиштани мактуби корӣ бидуни хато, иборат аз 100 калима);

4. Яке аз забонҳои хориҷиро хуб донад (идеалӣ ду);

5. Доштани малакаи амиқ оид ба истифодаи технологияҳои компютерӣ, аз ҷумла, дар 1 дақиқа на камтар аз 150 аломатро чоп карда тавонанд;

6. Дар асоси мақсад имкони тартиб додани бизнес нақшаи лоиҳаро дошта бошад;

7. Доштани маҳорати шоҳмот.

Аз рӯи таъриф Шоев Н.Н. мафҳуми «моделҳои инноватсионии таълим» маҷмӯи ду ҳадафи асосии зеринро ифода мекунад: Якум, гузаштан ба технологияи кредитии таълим, дуюм, дар раванди таълиму тарбия татбиқи технологияҳои нави таълим, тарбия ва таълим [7].

Аз нуқтаи назари педагогӣ ин таҷриба имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини ноил шудан ба ҳадафҳои самаранокии таълим муайян карда шаванд:

1. Донишҷӯён дар асоси маълумотҳои рӯзномаҳо ва интернет ҳар як талаботи рақобатпазириро бо талаботи корфармоён бошуурона муқоиса мекарданд.

2. Донишҷӯён бо салоҳиятҳои дар боло зикршуда гузаронидани таҳлили системавӣ ва муқоисавиро ёд гирифтанд.

3. Донишҷӯён дар раванди ташаккули салоҳияти муайян кардани пешво дар байни донишҷӯён ва гурӯҳҳои академӣ қарор доранд.

Мавҷудияти талабот ба кори мутахассиси мушаххас, яъне талаботи натиҷаи намоёни он зуҳуроти барҷастатарини берунии рақобатпазирӣ, мебошад. Агар ба категорияи «касби кордонӣ» гузарем, пас, ба қавли А. Деркач, кордонӣ ин «хусусияти таркибии психологии одами мехнатӣ буда, дараҷа ва характери азхудкунии касбро ифода мекунад, ки ин маънои онро дорад, ки шахс фаъолияти меҳнатии худро дар сатҳи меъёрҳои баланде, ки то имрӯз дар ин касб ташаккул ёфтааст, иҷро менамояд»[1, с.400]. Зиёда аз он, мувофиқи принсипи ягонагии шахсият ва фаъолият маҳорати касбӣ на танҳо дараҷаи олии дониш ва маҳорат, на танҳо натиҷаҳои баланди меҳнат, балки системаи муайяни ташкили шуур, равони инсон, гарчанде ки аввал аз ҳама, касбият маҳсулнокии баланди фаъолияти касбӣ мебошад.

Тавре маълум аст, аз соли 2000-ум, тӯли 20-22 сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи довталабон ба таҳсилоти олӣ ва касбӣ афзоиш ёфта, дар давоми солҳои охир пайдоиши муассисаҳои нави таълимӣ, аз қабили донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва литсейҳои хусусӣ босуръат инкишоф ёфт. Саволи баҳсбарангезе ба миён меояд, ки оё ҳамаи ин хатмкунандагоне, ки дипломи таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус мегиранд, қобили рақобат ҳастанд, оё онҳо дар ягон муассисаи бонуфуз кори сердаромад пайдо мекунанд ё танҳо шумораи бекорон ва шумораи муҳоҷирони мехнатиро дар кишвар зиёд мекунанд [7].

Дар натиҷа маълум мешавад, ки маблағи буҷети давлат ва пасандози падару модарон ба тайёр кардани мутахассисони бесифат меравад. Ба фикри мутахассисон ва Вазорати маориф шумораи мактабхои олӣ дар республика аз ҷиҳати иктисодӣ асоснок аст. Дар баробари мушкилоти мавҷуда садҳо нафар хатмкунандагони мактабу литсейҳо ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд. Муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун муассисаи иҷтимоӣ, ки ҷомеаи ояндаро бунёд мекунад, ба ҳисоб меравад. Аммо воқеан донишгоҳ дар сурати тайёр кардани мутахассисони баландсифату рақобатпазир кафили воқеии ояндаи ҷомеа аст.

Бояд қайд кард, ки тамоми сайёра бо ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон маҳбус аст. Ва агар технологияи иттилоотӣ чист гуфта савол ба миён ояд, қайд кардан зарур аст, ки тибқи таърифи энсиклопедияи

бузурги электронии Википедиа - технологияи иттилоотӣ (IT) аз калимаи англисии “information technology” гирифта шудааст. Ва IT ин як синфи васеи фанҳо ва соҳаҳои фаъолиятест, ки ба технологияҳои эҷод, нигоҳдорӣ, идора ва коркарди додаҳо, аз ҷумла истифодаи технологияҳои компютерӣ алоқаманд аст. Вақтҳои охир технологияи иттилоотӣ бештар ҳамчун технологияи компютерӣ фаҳмида мешавад. Аз ҷумла, IT бо истифодаи компютерҳо ва нармафзор барои эҷод, нигоҳдорӣ, коркард, маҳдуд кардани интиқол ва қабули иттилоот сарукор дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва рушди ТИК, ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионии таълим зарур аст. Дар ин маврид метавон гуфт, ки омӯзиши электронӣ ҷузъи асосии равишҳои инноватсионӣ дар омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат мебошад. Масалан, санҷиши фосилавӣ метавонад истифода шавад, яъне ҳар як дарс донишҷӯ барои дарси охирин санҷиш месупорад ва донишаш тавассути барномаи компютерӣ баҳогузорӣ мешавад. Ҳангоми таҳлили муқоисавии усули анъанавии таълим ва истифодаи имтиҳони фосилавӣ дониши ҳақиқии донишҷӯёнро муайян намудан мумкин аст.

Мехоҳам қайд намоям, ки бисёриҳо зарурати тайёр кардани мутахассиси рақобатпазир дар бозори меҳнатро бо навсозии механизмҳои баҳодиҳии дастовардҳои инфиродии таълимии донишҷӯён рабт медиҳанд, зеро онҳо натиҷаи асосии таълим мебошанд. Аммо, ба ақидаи аксари олимон, барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар ва ҳалли ин мушкилот ба тарбияи бунёдии мутахассисони оянда, яъне ба таҳсилоти мактабӣ ва миёна диққати махсус додан лозим аст. Имрӯз муассисаҳои томактабии кишвар ба омӯзгорони баландихтисос ва рақобатпазири ихтисосҳои гуногун эҳтиёҷи зиёд доранд. Шояд мушкили асосии нарасидани муаллимони баландихтисос дар мактаб нокифоя будани музди кор бошад, ки ба талаботи иҷтимоии муаллим пурра чавоб дода наметавонад. Омили дигари паст будани дониш ин барномаҳои таълимии то донишгоҳӣ мебошад, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд ва таҷдиди онҳоро тақозо мекунанд, то донишҷӯён бештар мустақилона кор кунанд ва пайваста дар ҷустуҷӯи дониш бошанд ва ба ин васила омӯзгор ба сатҳи воқеии дониши онҳо баҳо медиҳад. Бояд аз ин оғоз кард, проблемаҳои мазкур, ки барои баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳо заруранд, бояд ҳалли худро ёбанд. Гузашта аз ин, яке аз омилҳои рафъи мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷаҳон, рақобатпазирии мутахассисон ҳамчун маҳсулоти босифати дар бозори меҳнат интихобшуда мебошад.

Некӯаҳволӣ ва шукуфоии ҷомеа то андозае аз маҳорати касбии доираи васеи мутахассисони рақобатпазир вобаста аст, зеро самаранокии кори онҳо рушди босуръати соҳаи касбӣ ва беҳтар шудани сифати натиҷаҳои фаъолият ва ғайраро таъмин мекунад.

Маълум аст, ки кас танхо дар чараёни фаъолияти касбӣ, бо андухтани тачрибаи касбӣ мутахассиси рақобатнок шуда метавонад. Барои ташаккул додани ин таҷриба дар аввал кореро ёфтан лозим аст, ки ба хоҳишу қобилиятҳои мутахассис бештар мувофиқ бошад. Инро бо роҳи сохтани касби горизонталӣ ё амудӣ, васеъ намудани доираи фаъолияти худ ва ғайра ба даст овардан мумкин аст. Барои андӯхтани таҷрибаи касбӣ, субъект, мутахассиси ояндаи рақобатпазири соҳа бояд дар бозори меҳнат талаботи баланд дошта бошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки талабот ба мутахассис – мавҷудияти талабот ба кори ӯ – зуҳуроти барҷастатарини берунии рақобатпазирии корманд, натиҷаи намоёни он мебошад. Ҳамин тариқ, муҳимтарин шарте, ки имкони ташаккули маҳорати касбии мутахассисонро таъмин мекунад, рақобатпазирии онҳост. Бозори озоди меҳнат якчанд талаботҳои гуногунро барои сифатҳои хатмкунандаи рақобатпазир муайян мекунад, ки мутахассиси рақобатпазир бояд сифатҳои зеринро доро бошад:

- ✓ салоҳият ва ҳаракатнокии касбӣ,
- ✓ доштани малакаҳо барои худомӯзӣ ва такмили ихтисос,
- ✓ ташаббус ва худтанзимкунӣ,
- ✓ соҳибкорӣ ва самаранокӣ,

- ✓ қобилияти дарки худшиносӣ ва қабули қарорҳои масъулиятнок,
- ✓ шаъну шараф ва масъулияти хусусӣ,
- ✓ қобилияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ.

Бояд дар хотир дошт, ки сифати таъкидшуда воқеан барои таъмини рақобат хеле муҳим аст. Инчунин мутахассиси рақобатпазир бояд дар муносибат бо одамон: ростқавл, интизоми хуб, малакаи бо одамон муносибати воло доштан, бо ҳамсӯҳбат мулоҳизакор будан, дорои қобилияти меҳандӯстӣ доштан, дилбастагӣ ба касб ва фаъолияти худ, хислатҳои ниҳоят возеҳи пешво (лидер) –иро доштан, инчунин хислатҳои ҷолиби фарққунанда доштан, ғурурмандии мусбӣ аз лиҳози тавоноии шахсӣ доштан ва исбот карда тавонистан ва хусусан малакаи хуби ташкилотчиги-ро доро бошад.


**АДАБИЁТ**

1. Деркач А.А. Акмеология: учебное пособие. / А.А. Деркач, В.Г.Зазыкин СПб.: Питер, 2003. – 256 с.
2. Нуралиев Ю. Лукмони Хаким. / Ю.Нуралиев - Душанбе: ИРФОН, 1991. - 96 с.
3. Официальный сайт Президента Республики Таджикистан//Режим доступа: http://president.tj. (9)
4. Рынок труда в Республике Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2012. -223с.
5. Хазова А.С. Развитие конкурентоспособности специалистов по физической культуре и спорту в процессе профессиональной подготовки. / Монография, / А.С.Хазова - Майкоп, 2011.-24 п.л.
6. Шарифов, Ф. Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо (Интегративное обучение: проблемы, размышления и исследование). - Часть 1. - Душанбе: Маориф, 1999. - 171 с.
7. Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе / Н.Н. Шоев.- Душанбе: Ирфон, 2005.-310с.
8. Шоев Н.Н. Психология и педагогика с основами кредитной технологии и активных методов воспитывающего обучения./ Экспериментальное учебное пособие. / Н.Н. Шоев - Душанбе. Ирфон - 2008 -536 с.
9. Шоҳиён Н.Н., Икромӣ Х.И., Наботов Ю.Ш., Ҷаъфаров А.С. Рақобатшиносӣ ва худташаккулёбии касбӣ.–Душанбе: «Ирфон», 2016.–448 с.
10. Шулятьева Е.С., Полякова А.А. Основные факторы обеспечения конкурентоспособности вуза //Материалы Международной конференции Пермского Государственного Университета, г. Пермь. 2014 г.)


## БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШГОҲИ ОЛӢ - ОМИЛИ АСОСИИ ТАЙЁР КАРДАНИ МУТАХАССИСИ РАҚОБАТПАЗИР


*Дар мақолаи мазкур масъалаи баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ мешавад. Муассисаҳои маъмултарини таълимӣ муассисаҳое мебошанд, ки ба талаботи ҷомеаи фардӣ чавобгӯ мебошанд. Яке аз вижагиҳои чунин муассисаҳои таълимӣ ин баланд бардоштани сифати таҳсил мебошад, ки имконияти собит шудани таҳсилоти касбии дар ҷомеа дорои талаботро ҷорӣ мекунад. Хусусияти умумие, ки чунин таълими касбиро тавсиф мекунад, ҳаракатнокии иштирокчиёни раванди педагогӣ мебошад. Рақобатазирии мутахассиси оянда ҳадаф ва натиҷаи сифати омодасозии ӯ мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим татбиқи барномаҳое, ки ба рушди тафаккури ҷавобгӯи меъёрҳои ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд, амалӣ карда мешавад. Муаллим дар асоси ин вазифаҳо бояд муносибати психологию педагогиро нисбат ба донишҷӯ истифода барад, яъне фаҳмо овардани маводи таълимӣ, бо мисолҳои мушахассас нишон додани он, баёни салоҳиятнокии намасъал, нишон додани роҳҳои ҳалли он, баҳодиҳии одилона ба кори мустақили донишҷӯ, инчунин бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъмин намудани донишҷӯён.*



***Калидвожаҳо**: рақобатпазирӣ, кордонӣ, мутахассис, совети донишҷӯён, лоиҳаи инноватсионӣ, озмоиш.*


## ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ В ВУЗЕ - ОСНОВНОЙ ФАКТОР ПОДГОТОВКИ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОГО СПЕЦИАЛИСТА


*В данной статье рассматривается повышение качества образования в высших профессиональных образовательных учреждениях. Наиболее популярными учебными*

*заведениями являются те, которые отвечают потребностям отдельного сообщества. Одной из особенностей таких образовательных учреждений является повышение качества образования, что дает возможность становления, востребованного в обществе профессионального образования. Общим признаком, характеризующим такое профессиональное образование, является мобильность участников педагогического процесса. Конкурентоспособность будущего специалиста является целью и результатом качества его подготовки. Автор отмечает, что для повышения качества обучения необходимы внедрения и использование прогрессивных методов обучения, реализация программ, направленных на развитие мышления, соответствующих мировым стандартам. Исходя из данных задач, преподаватель должен использовать психолого-педагогический подход к студенту, т.е. доходчиво довести учебный материал, демонстрировать на конкретных примерах, сделать грамотную постановку задачи, указать пути его решения, справедливо оценить выполненную студентом самостоятельную работу, а также обеспечить студентов информационно-коммуникационными технологиями.*

***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, профессионализм, специалист, студенческий совет, инновационный проект, эксперимент.*

## IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION IN HIGH SCHOOL - MAIN FACTOR TRAINING COMPETITIVE PROFESSIONALS.

*This article discusses improving the quality of education in higher professional educational institutions. The most popular educational institutions are those that meet the needs of a particular community. One of the features of such educational institutions is to improve the quality of education, which makes it possible to develop vocational education that is in demand in society. A common feature that characterizes such professional education is the mobility of participants in the pedagogical process. The competitiveness of a future specialist is the goal and result of the quality of his training.*

*The author notes that in order to improve the quality of education, it is necessary to introduce and use progressive teaching methods, the implementation of programs aimed at developing thinking that meets international standards. Based on these tasks, the teacher must use a psychological and pedagogical approach to the student, i.e. intelligibly bring the educational material, demonstrate it with specific examples, make a competent statement of the problem, indicate ways to solve it, fairly evaluate the student's independent work, and also provide students with information and communication technologies.*

***Keywords:*** *competitiveness, professionalism, college, specialist, an innovative project, student council, the experiment.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Муродова Шаҳло Сангимуродовна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 935587071. E-mail: murodova_1983@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Муродова Шахло Сангимуродовна*** *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры общеуниверситетской педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Адрес: 734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121, Тел: (+992) 935587071. E-mail: murodova_1983@mail.ru*

***About the author:***

***Murodova Shahlo Sangimurodovna. -*** *candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address:Dushanbe city, Rudaki avenue 121. Tel: (+992) 935587071. E-mail: murodova_1983@mail.ru*

**УДК 371.385.6**

# НАҚШИ СОЗМОНҲОИ ТАЛАБАГИИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ДАР КАСБИНТИХОБКУНИИ ХОНАНДАГОН

***Элмуродова С.Х., Умарова Р.Р.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"*

Тарбияи насли наврас ва ташаккули шахсияти такомулёфта аз масоили муҳими ҷомеаи муосир маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар масъалаи касбинтихобкунии хонандагон ва зарурати такмил додани он бо назардошти ислоҳотҳои навини иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар маркази диққати олимони соҳаи педагогика ва равоншиносӣ қарор дорад. Тарбияи меҳнатии хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бо якчанд мақсадҳо ба роҳ монда мешавад, ки муҳимтарини он тарбияи шахсияти ҳамаҷониба инишофёфта, симои маънавии дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, масъулиятшиносу заҳмַтписанд, инсондӯсту таҳаммулпазир мебошад, ки дар вазъиятҳои мушкил устуворӣ ва матонат зоҳир намуда, ба шароити муҳити атроф ба зудӣ мутобиқ мегардад ва нерӯи ҷисмониву зеҳнии худро ба таври самаранок истифода менамояд. Дар замони муосир дар меҳвари сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф масъалаи татбиқи стандартҳои ҷаҳонӣ дар низоми таҳсилот ва омода кардани мутахассисони соҳибкасби ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ қарор дорад, ки дар бораи он дар Паёми навбатии Пешвои Миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон моҳи апрели соли 2009 таъкид меравад [8].

Дар Тоҷикистон инкишофи соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад, зеро маҳз аз сатҳу савияи донишҳои насли наврас сифати омода кардани мутахассисони ҳоҷагии халқ, инкишофи иҷтимоиву иқтисодӣ ва илмиву техникии мамлакат ва дар ин асно некӯаҳволии халқ вобаста аст.

Бо мақсади инкишофи минбаъдаи соҳаи маориф, таҳкими пойгоҳи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ва ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, таъмини сифати таҳсилот ва инкишофи тафаккури техникӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон соли 2010- ро (фармони № 707 аз 15 сентябри соли 2009 ) – соли Маориф ва дониши техникӣ эълон намудаанд [9].

Дар давраи кунунӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми мамлакат тамоми чораҳоро бахри иҷрои фармони мазкур андешида истодаанд.

Дар Консепсияии милли тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ муқаррароти зерин оварда шудааст: «Меҳнат моҳияти ҷамъиятии инсон ва шаҳрвандро ташкил мекунад. Малакаҳои корӣ дар инсон ҳанӯз аз оила ва кӯдакистон оғоз ёфта, аз содда ба мураккаб ва аз каммаҳсул ба самаранок табдил меёбад» [2].

Дар ин самт алоқамандии тарбияи меҳнатӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ аҳамияти бузурги методӣ дорад. Қабл аз ҳама хонандагонро бояд бо 35-ум моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос кард, ки мутобиқи он : " Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки Қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст". [2].

Мутобиқ ба моддаи 42-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маорифи" волидайн вазифадоранд, ки "фарзандонро дар рӯҳи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ, эҳтироми аҳли оила, забони модарӣ, адабиёту таърих ва анъанаҳои миллии фарҳангии халқи худ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд" [3].

Таҳқиқи масоили касбинтихобкунии хонандагон, ки аз муаммоҳои мубрами соҳаи педагогика ва ҷомеаи муосир маҳсуб меёбад, дар шароити имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодӣ низ аҳамияти худро гум накардааст ва диққати хосаро аз пажӯҳишгарони ин соҳаҳо тақозо менамояд.

Тарбияи меҳнатии насли наврас, ки яке аз шаклҳои қадимаи тарбияи ҷавонон маҳсуб меёбад, ба тамоми давраҳои инкишофи таърихии инсоният хос буда, дар мӯҳтаво, шакл ва усулҳои он вобаста ба шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дигаргуниҳо ба вуҷуд омадаанд.

Новобаста аз сатҳи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ ва хусусиятҳои он тарбияи меҳнатӣ зарурати воқеии ҳама гуна ҷомеа маҳсуб меёбад, зеро меҳнат сарчашмаи ғаномандии маънавию моддии инсоният мебошад.

Инкишофи минбаъдаи давлати Тоҷикистон аз сифатҳои инсонӣ, истеъдод ва қобилиятҳои ҳар як сокини он, ки дар ҷараёни таълиму тарбия дар низоми маориф ташаккул

ва такомул меёбанд, вобастагии калон дорад. Ҷавонони имрӯза оянда мо мебошанд, аз ин рӯ маҳз дар мактабу маориф ба ташаккули шахсияти насли наврас, арзишҳои маънавии ҷавонон, малакаҳои муҳими зиндагӣ дар онҳо бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Педагоги номдори рус К.Д.Ушинский дар бобати вобастагии ҳаёти минбаъдаи инсон аз мактабу маориф андешаронӣ намуда, зарурати меҳнатро дар таълиму тарбияи насли наврас таъкид намудааст. Педагоги машҳур ба тарбияи меҳнатӣ ҳамчун воситаи муҳими инкишофи маънавӣ ва ҷисмонии шахсият баҳои баланд додааст. Ӯ меҳнатро асоси зиндагии инсон арзёбӣ намуда, зарурати дар ниҳоди ҷавонон тарбия намудани меҳру муҳаббатро ба меҳнат ва бадбиниро ба танбаливу муфтхурӣ ва майлу хоҳиши меҳнат карданро баҳри беҳбудии ҷомеа таъкид намудааст. Масъалаҳои тарбия дар асарҳои педагогии ӯ дар алоқамандӣ бо масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ баррасӣ гардидаанд, зеро ба андешаи ӯ “сиёсати давлат, некӯаҳволии мардум ва маърифатнокӣ бо ҳам робитаи ногусастанӣ доранд” [11, с. 97].

Дар ин самт ақидаҳои марифпарвари демократ К.Д.Ушинский низ ҷолиби диққатанд, ки педагогикаро ҳамчун назарияи илмии тарбия муаррифӣ намуда, ба принсипи халқият асос ёфтани онро таъкид намудааст. Дар рисолаи илмии худ “Меҳнат ва моҳияти равониву тарбиявии он” ӯ нақши меҳнатро дар ҳаёти ҷомеа ва ташаккули шахсияти инсон хеле баланд арзёбӣ намудааст. Аҳамияти тарбиявии меҳнатро махсус қайд намуда, К.Д.Ушинский таъкид намудааст, ки “хониш ин меҳнат аст ва бояд меҳнат бимонад, аммо меҳнате, ки саршори маънӣ аст” [11, с. 74].

Ташаккул ва такомули инсон ҳамчун шахсият дар ҷараёни робитаи мутақобилаи табиат, муҳити иҷтимоӣ ва инсон ба амал меояд, ки дар ҷараёни фаъолияти худ табиат ва муҳити атрофро дигаргун сохта, худ низ инкишоф меёбад. Маҳз дар ҷараёни меҳнат кардан хусусиятҳои нави равонии шахсият шакл гирифта инсон ҳамчун шахсияти комил тарбия мегирад. Мафҳуми “фаъолияти инсон” дар педагогка маънои амиқ дорад. Инсон дар ҷараёни фаъолияти хеш худро ҳамчун махлуқе, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои худ бошшурона кӯшиш менамояд, нишон медиҳад ва бо ин хислаташ аз дигар махлуқот фарқ мекунад.

Масоили тарбияи меҳнатӣ дар меҳвари таҳқиқоти як идда пажӯҳишгарони соҳаи педагогика ва психология қарор дорад ва олимони ин равияҳои илмӣ таъкид бар он доранд, ки мақсаднокӣ, шуурнокӣ, фаъолнокии баланд, хусусияти иҷтимоӣ аз махсусиятҳои умдаи ин соҳаи фаъолияти инсонӣ мебошад.

Ҳанӯз солҳои 20-уми асри XX шаклҳои мухталифи меҳнат ба раванди таълиму тарбияи мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ворид гардида буд, аммо дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда маълум мегардад, ки худи меҳнат ба сифати раванди тарбияи шахсият таъсири назаррас расонида наметавонад. Натиҷаҳои меҳнати хонандагон, бешубҳа, муҳиманд, аммо аҳамияти меҳнатро, қабл аз ҳама, ба андешаи мо на натиҷаҳои он, балки пеш аз ҳама таъсири педагогии он ба ташаккули шахсият ва такомули минбаъдаи ӯ муайян менамояд.

Тарбияи меҳнатии хонандагон қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ маҳсуб меёбад.

Зери мафҳуми тарбияи меҳнатӣ ҷараёни ташкили шаклҳои гуногуни фаъолияти меҳнатии хонандагон ва ҳавасманд гардонидани онҳо ба муносибати софдилона ба корҳои супоридашуда, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, кӯшиши расидан ба натиҷаҳои нисбатан баланд фаҳмида мешавад. Дар ин самт алоқаманд гардонидани раванди таълиму тарбия бо меҳнати сермаҳсул, ташаккули шахсияти меҳнатдӯст ва фидокор дар низоми муносибатҳои воқеии истеҳсолӣ, ки яке аз принсипҳои асосии низоми педагогии А.С.Макаренко мебошад, низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бахусус имрӯзҳо андешаҳои ин педагоги маъруф дар бобати нақши бузурги тарбияи меҳнатӣ дар низоми ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти ҷавонон аҳамияти назаррас пайдо кардаанд. Татбиқи эҷодкоронаи ғояҳои ин педагог дар пешбурди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва касбӣ, дарки маънии ин ғояҳоро бо назардошти имкониятҳо ва мақсадҳое, ки имрӯз дар назди ин муассисаҳо гузошта мешаванд, дар назар дорад.

Чуноне, ки А.С.Макаренко таъкид менамояд “ Шумо метавонед инсонро ҳар қадар лозим бошад ба меҳнат кардан маҷбур кунед, аммо агар дар баробари ин ӯ тарбияи сиёсӣ ва маънавӣ нагирад ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ иштирок накунад, меҳнати ӯ кори бесамар, ки натиҷаҳои хуб ба бор намеоварад, хоҳад буд” [7, с.127]. Ин гуна фаъолияти меҳнатӣ ба ҳалли масъалаҳое, ки ба хотири он донишҷӯён ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда мешаванд, наметавонад мусоидат кунад.

Ин гуфтаҳои А.С.Макаренко имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва моро водор менамоянд, ки дар ташкили меҳнати истеҳсолии хонандагон аз зоҳирпарастӣ ва муносибати рӯякӣ даст кашида, кӯшиш намоем то тамоми паҳлуҳои онро аз лиҳози педагогӣ баррасӣ намоем.

Ҳама гуна фаъолияти бошуурона аз гузориш ва дарки мақсад шурӯъ мегардад. Мусаллам аст, ки чи қадаре меҳнат аҳамияти ҷамъиятӣ касб намояд, ҳамон қадар хонандагон дар

чараёни меҳнати истеҳсолӣ масъулиятшиносӣ зоҳир намуда, кӯшишу ғайрати зиёд зоҳир менамоянд. Ин гуна муносибат ба ташаккули шахсияти хонанда таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми ҷалб намудани хонандагон ба меҳнати истеҳсолӣ ва корҳои аҳамияти ҷамъиятӣ дошта , ба онҳо бояд моҳияти иҷтимоии онҳо фаҳмонида шавад.

Дар ҷараёни меҳнати ҷамъятӣ хонандагон бо шахсони дигар дар муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ қарор доранд. Ин гуна муносибатҳо назорат ва мутобиати дуҷониба, масъулият ва ҳамдастиро тақозо намуда, ба афзун гардидани кӯшишу ғайрати ӯ, арзишҳои маънавӣ ва ташаккули муносибати фаъолмандона таъсири назаррас мерасонанд.

Аз ин рӯ, дар ташаккули мақсадноки ангезаҳои касбинтихобкунии хонандагон доштани тасаввуроти комил дар бораи ҳадаф ва вазифаҳои тарбияи меҳнатии хонандагон ва аҳамияти он, махсусиятҳои ташкили тарбия меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолии онҳо аҳамияти назаррас доранд.

Мутаассифона, даҳсолаҳои охири асри XX дар назария ва амалияи педагогика масъалаи касбинтихобкунии хонандагон аз мадди назари олимон дур мондааст. Яке аз сабабҳои паст шудани таваҷҷӯҳи олимон ба масъалаи мавриди назар рӯйоварии муҳаққиқон ба педагогикаи хориҷӣ мебошад, ки ин омил боиси кам шудани таҳқиқотҳо, ба истиснои таҳқиқотҳои марбут ба масоили этнопедагогика, ки дар иртибот бо мавзӯи таҳқиқот баъзе шаклҳо ва усулҳои тарбияи меҳнатии кӯдакон баррасӣ шудаанд, дар ин самти илми педагогика гардид.

Солҳои 1991-2000 дар соҳаи маориф мушкилоти зиёд ба амал, ки ба он паст шудани нуфузи донишу маърифат, сатҳи донишандӯзӣ, дигаргуниҳо дар соҳаи маориф, ихтисори соатҳои омӯзиши касбу кор дар мактабҳо, кам шудани таваҷҷӯҳи давлат ва корхонаҳои базавӣ ба ин самти тарбияи ҷавонон боис гардид. Дар баробари ин тули ин даҳсолаҳо комбинатҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, сеххои таълимӣ бо сабаби маблағгузорӣ нашуданашон аз кор бозмонданд.

Бо зухури шаклҳои нави хоҷагидорӣ: иҷораҳо, хоҷагии фермерӣ, корхонаҳои хусусӣ ва хурд талабот ба тарбияи меҳнатӣ комилан тағйир ёфт. Дар баробари ин пайдоиши шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ ба монанди гимназия, литсей, коллеҷ ва синфҳои равияҳои гуногуни чуқуромӯзии фанҳо таҷдиди барномаҳои таълиму тарбияи меҳнатиро тақозо менамояд. Раванди таълиму тарбия дар чунин муассисаҳои таълимӣ ба омода кардани хонандагон барои дохил шудан ба муассисаҳои олии таълимӣ нигаронида шудааст, аммо мусаллам аст, ки на ҳамаи хатмкунандагон ба донишкадаҳои олӣ дохил шуда метавонанд ва онҳоро лозим меояд, ки бо муаммоҳои зиёди зиндагӣ рӯ ба рӯ шаванд .

Солҳои 90-уми қарни гузашта дар натиҷаи бесарусомониҳои ба амал омада ва ба вуҷуд омадани иқтисоди бозоргонии "вахшиёна" ба гурӯҳи муайяни одамон муяссар гардид, ки аз фурсат истифода бурда, дар муддати хеле кӯтоҳ сарвати зиёдро ба даст оранд. Дар баробари ин паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ , аз кор мондани қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ боиси пайдо шудани табақаи бою камбағал гардид. Зиёда аз ин пайдо шудани клубҳои дилхушӣ, тарабхонаҳои гаронбаҳо, мошинаҳои қимматбаҳои истеҳсои хориҷӣ ва монанди инҳо ба ҷаҳонбинии ҷавонон ва арзишҳои маънавии онҳо таъсири назаррас расонид, ки дар ин бора посуххои онҳо дар назарсанҷиҳо собит менамоянд: "Ман ба онҳо ҳавас мекунам ва кӯшиш мекунам, ки тамоми воситаҳоро барои сарватманд шудан истифода намоям" (5% респондентон); "Ман ба онҳо ҳасад намебарам, аммо мехостам ки сарватманд шавам" (56,8%); "Онҳо барои ман аҳамият надоранд, зеро бо даромади на он қадар зиёд ҳам хушбахтона зиндагӣ кардан мумкин аст" (28,8%); "Ман ба онҳо нафрат дорам, зеро аксари сарватмандон боигарии худро бо роҳи бад ба даст меоранд"(3,5%). Аз натиҷаҳои назарсанҷӣ маълум гардид, ки барои қисми зиёди ҷавонон бо кадом роҳ ба даст овардани боигариҳо аҳамият надорад.

Мутаасифона, имрӯз низ кӯдаконе ҳастанд, ки бо таҳсил дар мактаб фаро гирифта нашудаанд, ки қобили қабул нест. Ба меҳнат ҷалб шудани кӯдакон ба раванди таълиму тарбия халал ворид намуда, боиси паст шуани сатҳи дониш ва маърифатнокии онҳо мегардад. Зиёда аз ин, агар ба дасти хонанда маблағи зиёд расад, дар ниҳоди ӯ як андоза хунукназарӣ ба мактаб ва донишомӯзӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, баъзе наврасон аз лагерҳои тобистонаи меҳнат ва дамгирӣ дурӣ ҷуста, кӯшиш менамоянд, ки бо корҳои муваққатӣ машғул шаванд, ки ин амал метавонад онҳоро бо сохторҳои ҷиноятӣ рӯ ба рӯ кунад. Аксар вақт ҳангоми истифода кардани меҳнати кӯдакон ва наврасон моҳияти маънавии он коста мегарад, ки ин омилро мо дар ҷалб шудани кӯдакон ба корҳои вазнини ҷисмонӣ – 25,5% ва корҳои асабиятовар – 12,1%, то ҳатто корҳои барои саломатӣ ва ҳаёти кӯдак хатарнок ва ғ . дида метавонем. Инчунин бояд қайд кард, ки 31,5 дар сади хонандагон маҷбуранд, ки дар як вақт ҳам кор ва ҳам таҳсил кунанд.

Дар ин замина метавон ба хулосае расид, ки имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими раванди таълиму тарбия–тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунии хонандагон эътибори ҷиддӣ дода намешавад, дар ҳоле , ки бозори ҷаҳонӣ ба мутахассисони соҳибкасби дорои чунин хислатҳои муҳим ба монанди кордонӣ,

ташаббускорӣ, мустақилият, масъулиятшиносӣ, муносибати эҷодкорона ба кору фаъолияти хеш ва ғ. ниёз дорад, ки ин хислатҳо бояд маҳз дар давраи таҳсил дар мактаб ташаккул ёбанд. Коста шудани мазмун ва мундариҷаи тарбияи меҳнатӣ ба инкишофи шаклҳои нави тарбия меҳнатии ба шароит ва талаботи иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ таъсири манфии худро расонидааст .

Ба андешаи мо, масъалаи тарбияи меҳнатӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ гардад, зеро маҳз муттаҳид ва ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамотҳои шуғли аҳолӣ, мактабу маориф, ташкилотҳои мактабии хонандагон ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва равона кардани диққати онҳо ба коркарди асосҳои илмӣ –назарии касбинтихобкунии хонандагон дар шароитҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ; ба омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи мазкур; инкишофи пойгоҳи моддӣ-техникии мавҷуда метавонад ба ҳалли масъалаҳои мутобиқгардонии ҷавонон ба шароити иқтисоди бозоргонӣ мусоидат менамояд.

Дар давраи шӯравӣ дар муассисаҳои таълимӣ ташкилотҳои ҷамъиятии хонандагон фаъолият мебурданд, ки дар байни онҳо комсомол ва ташкилоти пионерӣ нақши муҳим доштанд. Дар назди созмонҳои пионерӣ созмонҳои хонандагони хурдсол ташкил ёфта буданд, ки октябрята унвон доштанд.

Дар давраи кунунӣ мавҷудияти созмонҳои талабагии мактабҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шартҳои муҳими ҳалли масъалаи касбинтихобкунии хонандагон маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки дар таҳқиқотҳои олимон роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани фаъолияти созмонҳои талабагии мактабҳо мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Дар китоби Л.А.Орлова (2006) “Ташкилоти мактабии ба номи Исмоили Сомони” мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян карда шудааст, ки чунин нуктаҳоро дар бар мегиранд: мусоидат намудан ба ҳифзи ҳуқуқ, шаъну шараф ва манфиатҳои кӯдакон; тарбия намудани ҳисси шаҳрвандии кӯдакон, насли наврас ва ҷавонон; ташаккули ангезаҳои худмуайянкунӣ, худинкишофдиҳӣ ва худтатбиққкунӣ дар ниҳоди кӯдакон дар ҷараёни фаъолияти эҷодӣ ва меҳнати ҷамъиятӣ [8].

Таҳқиқи масоили мазкур ва эҳё намудани фаъолияти созмонҳои талабагии мактабҳо дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон аз масъалаҳои мубрами замони муосир арзёбӣ мегардад, зеро ташкилоти мактабӣ хонандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, муносибати бошуурона ба меҳнат ва моликияти ҷамъиятӣ, аҷргузорӣ ба таъриху маданияти миллӣ, расму оини халқамон ва дигар халқиятҳо тарбия намуда, манфиатҳои онҳоро ҳифз менамояд, донишу истеъдоди хонандагонро инкишоф дода, барои тарбияи шахсияти эҷодкори соҳиби тафаккури миллӣ ва арзишҳои дигари шароити мусоид фароҳам меоварад.

Ба ҳамин тартиб, ба андешаи мо, барои пешбурди фаъолияти касбинтихобкунии хонандагон ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши созмонҳои талабагии мактабҳо аҳамияти бузург дорад.

Ҷанбаҳои мухталифи масоили ташаккули касбинтихобкунии хонандагон дар таҳқиқотҳои олимони шинохта ба монанди И.В. Карамзин (1965), Н.Н. Конков (1969), Д.Н. Лазареа, А. Асроров (1970), Х.Д. Ҷонназаров (1970), М.И. Ниниашвили (1970), К.Д. Қодирова (1981), Р.Х. Аҳмадҷонов (1985), С. Ёқубов (1987), С. Қодиров (1987-1990 гг.), Ш. Шаропов (1996), М.А. Қузиев (2002), З.П.Раҳмонов (2002), С.Н.Абдулфайзова (2007) ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст . Бояд гуфт, ки дар асарҳои илмии олимони номбаршуда ин масъалаи муҳими аҳамияти психологиву пеагогӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ дошта бо назардошти инкишофи илмиву техникӣ ва ҷамъиятиву мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Ба қалами ин олимон инчунин теъдоди муайяни дастурҳои таълимиву методӣ оид ба таҳким бахшидани алоқамандии таълиму тарбия ва зиндагӣ, баланд бардоштани сифати тарбияи меҳнатӣ, омода кардани хонандагон ба меҳнати ҷамиятӣ ва истеҳсолӣ дар ҷараёни таълиму тарбияи мактабҳо диққати хоса дода шудааст.

Бояд гуфт, ки мафҳуми касбинтихобкунӣ ҳамчун категорияи педагогӣ шинос намудани хонандагонро бо касбу кори гуногун ва ёри расониданро ба хонандагон дар интихоби касби ояндаи худ мутобиқи завқ ва истеъдоди хеш пешбинӣ менамояд. Дар мактабҳо, пеш аз ҳама, фаъолияти меҳнатии хонандагон, ки бо кори созмонҳои талабагии мактабҳо алоқаманд аст, ба таври васеъ татбиқи худро ёфтааст. Созмонҳои талабагӣ толиилмонро аз синфҳои ибтидоӣ ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб менамоянд. Хонандагон бо тайёр кардани аёниятҳои мухталиф ба монанди ҷадвалҳо, расмҳо, диаграммаҳо, гербарий, коллексияиҳо, амсилаҳо ва ғ. машғул мешаванд. Дар синфҳои миёна ва боло бошад онҳо механизмҳои мухталиф, овезаҳо, моделҳоро омода мекунанд.

Созмонҳои талабагӣ инчунин хонандагонро барои кор кардан дар қитъаҳои наздимактабии таълимӣ-экспериментали, дар гармхонаҳо ва боғҳо парвариши растанӣ, ташкили гушаҳои зинда, нигоҳубин кардани парандагон ва ғ. ҷалб менамоянд. Дар тарбияи меҳнатӣ ва омӯзиши касбу кор нақши муҳимро меҳнати дастӣ дар синфҳои ибтидоӣ, машғулиятҳои синфҳои миёна дар устохонаҳои таълимӣ ва таҷрибаи таълимӣ-истеҳсолии хонандагони синфҳои болоӣ касб менамоянд. Меҳнати ҷамъиятии фоиданок, ки аз ҷониби

созмонҳои талабагии мактабҳо ба роҳ монда мешавад, ба сатҳи тарбияи меҳнатӣ ва қобилияти ташкилотчигии хонандагон таъсир назаррас мерасонад, зеро малака ва маҳорати ташкилотчигӣ, мустақилият ва ташаббускорие, ки хонандагон дар ҷараёни фаъолияти ҷамъиятии фоиданок ба даст меоранд, бешубҳа барои баланд бардоштани сатҳу сифати тамоми корҳои тарбиявӣ мусоидат менамоянд.

Дониши усулҳои инкишофи малака ва маҳорати ташкилотчигӣ дар ҷараёни тарбияи меҳнатӣ барои муайян намудани хислатҳои мусбӣ ва манфии хонандагон онҳо, интихоби дурусти роҳу воситаҳои ҳалли масоили мухталифи ҳаёти ҷавонон имкон медиҳад. Созмони талабагӣ хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагониро ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намуда, дар онҳо фаъолмандӣ,эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худоогҳии миллиро ташаккул менамояд. Аз ин нуқтаи назар, нақш ва мақоми меҳнати фоиданоки ҷамъятӣ дар корҳои тарбиявии созмони талабагӣ ҳамчун омили ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва тарбияи шахсияти дорои сифати баланди ахлоқӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои ташаккули муносибати бошууронаи хонандагон ба касбинтихобкунӣ бояд ҳалли масъалаҳои зерин ба назари эътибор гирифта шавад:

1. Мусаллаҳ намудани хонандагон бо малака ва донишҳои зарурӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаҳмиши дуруст ҳамчун асоси ташаккули ангезаҳои иҷтимоӣ;
2. Тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ, созандагию эҷодкорӣ, ҳуввияти миллӣ ва башардӯстӣ;
3. Ташкили муттасили таҷрибаи ҷамъятӣ -сиёсии хонандагон, ҷалб намудани онҳо ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Ахметова З.Д. Арзишҳои иҷтимоӣ ва касбии хонандагони синфи болоӣ. / З.Д.Ахметова - М., 2001, - 97 с.
2. Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 1994. – 400 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”» 27.05.2009.
4. Конституция Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 1994. – 340 с.
5. Белозертсев Б.Е. Ташаккули мустақилияти хонандагони синфҳои болоӣ дар фаъолияти ташкилоти комсомолӣ. //Автореф.дис. ном.илм.пед. / Б.Е.Белозертсев - М., 1971. - 28 с.
6. Қодиров С. ва дигарон. Дидгоҳи касбинтихобкунии хонандагон (китоби дарсӣ). Иборат аз 2 қисм. - Худжанд, 1992. – 234 с,
7. Макаренко А.С. Мунтахаби асарҳои педагогӣ. / А.С.Макаренко – М.; Просвещение, 1978. – 397 с.
8. Орлова Л.А., Созмони талабагии ба номи Исмоил Сомони». / Л.А.Орлова, М.С.Мирзоев - Душанбе, 2006. - 97 с.
9. Ушинский К.Д. Асарҳои педагогӣ. Ҷ. 5. / К.Д.Ушинский – М.; Педагогика, 1986. – 527 с.
10. Ashrapov, B.P. Some views on students` self-sufficient work organization on the system of credit tuition / B.P. Ashrapov, N.I. Nigmatov // Актуальные научные исследования в современном мире. – 2022. – № 2-5 (82). – С. 14-17.
11. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. - DOI: 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
12. Ashrapov, B. P. Foreign Language Learning Strategies / B. P. Ashrapov // Тенденции развития науки и образования. – 2022. – No 85-5. – P. 64-66. – DOI 10.18411/trnio-05-2022-201.
13. Rashidova, D.A. The Leader of the Nation Emomali Rahmon`s Contribution into Enactment of Programme of Foreign Languages / D.A. Rashidova, B.P. Ashrapov // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2022. – № 1 (11). – С. 132-136.
14. Rizoeva, P.S. Some Consideration Beset with the Notion of Teaching Methods in the System of Didactical Tuition / P.S. Rizoeva, B.P. Ashrapov // Научные известия. – 2022. – № 28. – С. 135-137.


## НАҚШИ СОЗМОНҲОИ ТАЛАБАГИИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ДАР КАСБИНТИХОБКУНИИ ХОНАНДАГОН


*Мақола ба омӯзиши нақши созмонҳои талабагии мактабҳо дар касбинтихобкунии хонандагон бахшида шудааст. Муаллиф дар бобати сатҳи омӯзиш ва баррасии масъалаи касбинтихобкунӣ дар назария ва амалияи педагогика андешаронӣ намуда , муҳимияти таҳқиқи масоили мазкурро дар шароити имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъкид менамояд. Дар мақола оид ба омилҳои ташаккули муносибати бошууронаи хонандагон ба интихоби касбу кор, нақши тарбияи меҳнатӣ дар он , мақсад ва вазифаҳои мактаб дар такомули шахсияти насли наврас , ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавии онҳо, вобастагии инкишофи минбаъдаи мамлакат аз сифатҳои инсонӣ, истеъдод ва қобилиятҳои ҳар як шаҳрванди он, ки дар ҷараёни таълиму тарбия, бахусус тарбия меҳнатӣ дар низоми маориф ташаккул ва такомул меёбанд сухан меравад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *шахсият, созмонҳои талабагии мактабҳо, касбинтихобкунӣ, бозори меҳнат, таҷрибаи меҳнатӣ, қобилияти мутобиқшавӣ, муносибати эҷодкорона ба меҳнат.*

## РОЛЬ СТУДЕНЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ В ПРИОБРЕТЕНИИ СТУДЕНТОВ

*Данная статья посвящена роли школьных ученических организаций в профессиональной ориентации школьников. Автор подвергая изучению и анализу степень изученности проблемы профориентации школьников в теории и практике педагогики , подчеркивает значимость исследования данной темы в современных условиях социального и экономического развития страны. В статье рассматриваются факторы формирования сознательного отношения щкольников к выбору профессии и роль трудового воспитания в их профориентации, а также цели и задачи школы в совершенствовании личности молодого поколения, их мировоззрения и ценностных ориентации, связанность развития страны от личностных качеств, способностей и навыков его граждан, формирование и совершенствование которых происходит в учебно-воспитательном процессе, в частности в трудовом обучении школьников.*

***Ключивые слова:*** *личность, студенческие организации, выбор профессии, рынок труда, опыт работы, адаптивность, творческое отношение к работе.*

## THE ROLE OF STUDENT ORGANIZATIONS OF GENERAL EDUCATION SCHOOLS IN RECRUITMENT OF STUDENTS

*This article is devoted to the role of school student organizations in the professional orientation of schoolchildren. Examining the degree of study of the problem of career guidance for schoolchildren in the theory and practice of pedagogy, the author emphasizes the importance of studying this topic in the current conditions of the country's social and economic development. The article discusses the factors in the formation of a conscious attitude of schoolchildren to the choice of a profession and the role of labor education in their career guidance, as well as the goals and objectives of the school in improving the personality of the young generation, their worldview and value orientations, the connectedness of the country's development from the personal qualities, abilities and skills of its citizens, the formation and improvement of which takes place in the educational process, in particular in the labor education of schoolchildren.*

***Keywords:*** *personality, student organizations, choice of profession, labor market, work experience, adaptability, creative attitude to work.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Элмуродова Садбарг Худойназаровна*** *- дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд)*

***Умарова Рухшона Рустамхоҷаевна,*** *докторанти курси 2 ихтисоси педагогика ва психологияи МДТ-и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд)*

***Сведения об авторах:***

***Эльмуродова Садбарг Худойназаровна*** *- доцент кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Худжанд, Таджикистан)*

***Умарова Рухшона Рустамходжаевна*** *- докторант 2 курса педагогики и психологии ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Худжанд, Таджикистан)*

***About the authors:***

***Elmurodova Sadbarg Khudoynazarovna*** *- Associate professor of the department of social and professional pedagogy under the SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan Republic, Khujand-city)*

***Umarova Rukhshona Rustamhodzhaevna*** *- doctoral student of the 2nd year of pedagogy and psychology under the SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan Republic, Khujand-city)*

**УДК-371.01**

# НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ МУТТАСИЛ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАХАССУСИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тагиров Н.С.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*

Яке аз омилҳои асосии рушди маърифат ва фарҳанги инсон самаранок истифода бурдани комёбиҳои илму техникаи муосир мебошад. Тавре ки маълум аст, асри XXI равнақи илму техника илму техника ном гирифтааст. Бешубҳа, давлатҳое, ки ба равнақи илму техника аҳамияти ҷиддӣ додаанд, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон аз комёбиҳои ба даст овардаи илму техника самаранок истифода бурда, пешрафти иқтисодӣ ва некӯаҳволии мардуми кишвари худро таъмин намудаанд.

Яке аз пояҳои бунёдии рушди инноватсионӣ ин таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати таълимӣ, гузариш аз низоми таълими оммавӣ ба низоми таълими таҳсилоти муттасили фардӣ барои ҳама аст, ки барои бунёдсозии иқтисодиёти инноватсионии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда зарур мебошад. [6, 5]

Такмили кадрҳо маҷмӯи чорабиниҳоест, ки ба баланд бардоштани тахассуси кормандон нигаронида шудаанд. Ташаккули мақсадноки кадрҳо аз пуррагӣ, саҳеҳӣ ва мувофиқ будани маълумоти мавҷуда дар бораи кадрҳо вобаста аст. Зарурати инкишоф дар натиҷаи мукоисаи дархост ва кобилият ошкор мегардад.

Вазифаи мухимми идоракунии кадрхо дар корхона дуруст муайян кардани шумораи коргароне, ки бояд аз руи ихтисоси муайян тайёр карда шаванд, инчунин интихоби шаклхои тарбияи кадрхо мебошад. Вазифаи дигар аз он иборат аст, ки ба им-кониятхои таъмини дарачаи дурусти тайёр кардани коргарон аз руи касбхои басо мураккаб дар корхона бахо дода шавад.

Низоми таҳсилоти муттасил яке аз хусусиятҳо ва шарти стратегии рушди ҷомеаи муосир мебошад. Давомнокии таҳсилоти касбӣ барои кормандон шарти ва ҳатмӣ («чаҳорчӯби тахассус») мебошад. Ташаккули низоми таҳсилоти муттасил тамоюли ҷаҳонӣ, яке аз хусусиятҳо ва самтҳои стратегии рушди ҷомеаи муосир мебошад. (В. С. Мкртчян, О. Н. Пономарёва)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун анъана, омӯзиши фаъолияти касбӣ дар системаи таҳсилоти иловагии касбӣ дар шаклҳои гуногуни такмили ихтисос амалӣ карда мешавад.

Муҳимтарин ҷузъи такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ амалӣ мебошад, ки дар таҳсилоти рӯзона (анъанавии) шаклҳои зерин дорад: «мастер-класс»; "лабораторияи эҷодӣ"; "платформаи таҷрибавӣ барои санҷиши барномаҳои нави таълимӣ" ва ғайра. (В. С. Мкртчян, О. Н. Пономарёва).

Дар рафти фаъолияти касбӣ инсон доимо ба захира кардани дониш ва мустахкам намудани махорат ахамияти калон дорад. Дар ин маврид дар асоси тайёрии касбӣ принципи мутассилӣ ба кор бурда мешавад. Максади пай дар пай касбу кор дар ривочи мустакилият, максаднокӣ ва масъулиятшиносӣ дар муассисаҳо, пурзур намудани кобилияти мутобик шудан ба дигаргунихои дар иктисодиёт, маданият, чамъият ба амаломада, инчунин махорати касбии онхо ифода меёбад.[14.,12]

Низоми муассисаҳои таълимии расмӣ, ғайрирасмӣ ва ғайриасосӣ якҷоя бо шаклҳои гуногуни фаъолияти худомӯзӣ, ки барои шахсони синну соли гуногун дар тӯли ҳаёти онҳо гирифтани таҳсилотро таъмин менамояд, амалӣ мегардад.[8., 9]

Ҷойи баҳс нест, ки асоси пешравии ҳамаҷонибаи ҷомеа ба сатҳи тайёрии касбии мутахассисони ояндаи ҳар кишвар хеле сахт вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз давлатҳои мутараққӣ аҳамияти асосиро ба рушду инкишофи илму маориф додаанд ва дар натиҷа ба комёбиҳои назаррас муваффақ низ гаштаанд.

Категорияи таълими муттасил дар аввал ду падида - мафҳуми педагогика (парадигма) ва сохаи амалияро тавсиф мекард. Дар бораи пайдоиши ин ғоя ва муаллифии он то ҳол як тавофуқ вуҷуд надорад.

Якум ба тарафдорони пайдоиши «қадимии» ғояҳои таълими муттасил (А.В.Даринский, Х.Гуммел, Ш.А.Ягодин ва ғ.) тааллуқ дорад, ки фикр мекунанд, ки ғояи таълими пайваста дар бисёриҳо вучуд дорад ва он ба эҳтироми иносн дар ҷамъият асос ёфтааст.

Тарафдорони нуктаи дуюм пайдо шудани ин акидаро бо замони муосир, ки бо равандхои фаъоли фаъолият ва сохахои маънавию ичтимои, истехсолй, илмию техники хос аст, алокаманд мекунанд (О. В. Купцов, В. С. Осипов ва гайра). [2.121]

Истифодаи комёбиҳои илму техникаи муосир ҳамчун воситаҳои аёнии таълим боиси устуворӣ ва самаранокии соҳаи маориф мегардад. Имрӯз раванди таълиму тарбияро дар ҳар

муассисаҳои таълимӣ бе истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, ки яке аз воситаҳои асосии расидан ба мақсад ва вазифаҳои таълиму тарбия мебошад, тасаввур кардан имконнопазир аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тайи солҳои охир аз тарафи Ҳукумат ва як қатор ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ (Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, СММ, ЮНЕСКО, Хазинаи Оғохон, Институти Ҷомеаи Кушода-Бунёди Мадад ва ғайра) кӯшишҳои амалигардонии ислоҳот ва навовориҳо дар раванди таълиму тарбия мавриди дастгирии молиявӣ қарор гирифтааст. Меҳвари асосии ин корҳоро татбиқ намудани усулҳои фаъоли таълим, ки аз ислоҳоти нақшаю барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ иборат аст, ташкил медиҳад.

**Таҳсилоти расмии калонсолон** – раванди муттасили таълим, ба дастовардани салоҳияти касбии таълимгирандаи калонсол дар муассисаҳои таълимии аз қайди давлатӣ гузашта мебошад.[8.,3] Педагогикаи муосир як қатор усул ва намудҳои технологияи таълимиро барои истифодаи самаранок дар раванди таълиму тарбия бунёд намудааст. Аслан, технологияҳои таълимӣ барои самараноктар гардидани раванди омӯзиш ва расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои таълиму тарбия таҳия карда мешавад. Дар раванди таълиму тарбияи инсони комил истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои судманди педагогӣ аз солҳои 60-уми асри XX инҷониб оғоз меёбад. Асосгузорони ин равияҳои нави педагогӣ олимони машҳур – Блум Б, Королл Ж, Галперин П, Давидов В, Менчинская М, Калмикова С, Занков Л ва дигарон солҳои тӯлонӣ кӯшишу заҳматҳои зиёд кашидаанд, то ки усулҳо ва роҳҳои самараноки амалигардонии ғояҳои педагогии хешро ёбанд ва ҳамаҷониба ҷорӣ намоянд.[12.,13]

Истифодаи технологияҳои таълимиро дар равиши омӯзиш ва тарбия педагогҳои маъруф Бабанский Ю, Беспалько В, Талызина Н, Фридман Л, Маҳмутов М. ва дигарон таҳия ва чуқур таҳқиқ намуда, самаранокии натиҷаи онро исбот намудаанд.

Бояд зикр намуд, ки мафҳуми технология вожаи техникӣ буда, дар забони юнонӣ санъат, маҳорат ва маҷмӯи воситаҳоро мефаҳмонад. Ин мафҳум дар педагогика маҷмӯи амалиятҳои махсус барои расидан ба мақсади таълим ва иҷрои вазифаҳои гузошташударо дорад.

Технологияҳои муосири педагогӣ маҷмӯи муштараки ғояҳои нави омӯзишӣ мебошанд, ки барои самаранокии раванди таълиму тарбия ва расидан ба мақсаду вазифаҳои асосии маърифат, ки тарбияи инсони комил аст, равона карда шудаанд.

Ҷузъи асосии иқтисодиёти инноватсионӣ ин ташаккули бозори меҳнати ба таври самаранок амалкунанда аст. Рушди бозори меҳнат дар давраи дурнамои дарозмуҳлат аз ҳисоби болоравии зудҳаракатии меҳнатии аҳолӣ ва афзоиши сатҳи ҳосилнокии меҳнат ташаккул меёбад. Ҳамаи ин ба низоми таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи навро пеш мегузорад.[6., 2]

Бо низом ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда аз гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба навъи инноватсионии рушд иборат аст. Ин имкон медиҳад, ки иқтидори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври оҷил аз ҳисоби афзалиятҳои нисбии он дар илм, маориф ва технологияи муосир тавсеа ёбад ва дар ин замина манбаъҳои нави рушди иқтисодӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ истифода карда шаванд.[6.,2]

1. Омили асосии раванди таълим мавқеи талаба ва омӯзгор аст. Вобаста ба муайян намудани мавқеи хонанда дар раванди омӯзиш, аз тарафи омӯзгор техлогияҳои таълимӣ низ гурӯҳбандӣ мегардад. Намудҳои зерини технологияҳои таълимиро ҷудо намудан мумкин аст:
2. -Технологияи авторитарӣ. Дар ин намуди таълим мавқеи омӯзгор асосӣ буда, хонанда ҳамчун объекти таҷриба истифода бурда мешавад ва тамоми талаботҳои таълимӣ маҷбурӣ буда, онҳо бе ягон саркашӣ иҷро карда мешаванд.
3. -Технологияи дидактикии марказонишуда. Он низ бо мавқеи ниҳоят сусти хонандагон асос ёфта, мавқеи омӯзгор хеле ҳам устувор ва роҳбарикунанда мебошад, инкишофи шахсият дар асоси принсипҳо ва воситаҳои дидактикӣ ба роҳ монда мешавад.
4. -Технологияи ба инкишофи шахсият равонашуда. Ин чунин технологияе мебошад, ки ташаккули шахсии кӯдакро дар маркази системаи таълимӣ гузошта, шароитҳои мусоид, бенизоъ ва безарарро баҳри рушди хонанда муҳайё менамоянд. Ба ибораи дигар, ин технология инкишофи шахсиятро дар маркази мақсади худ қарор дода, инсондӯстӣ ва тарбияи солимро барои инкишофи ҳаматарафа, озод ва эҷодкоронаи кӯдак равона месозад.
5. -Технологияи ҳамкории судманд чунин усулест, ки ба ҳолатҳои баробарҳуқуқӣ, дӯстӣ, ҳамрайъии байни омӯзгор ва хонанда асос ёфтааст. Дар раванди ин усул омӯзгор ва хонандагон якҷоя мақсаду мароми машғулиятҳоро дар ҳамкории эҷодкоронаи тарафайн таҳия намуда, баҳри амалигардии ҳадафҳои гузоштшуда якхела ё баробар масъулият ҳис мекунанд.

6. -Технологияи тарбияи озод бошад ба он равона шудааст, ки ба хонанда дар як қатор ҳолатҳо озодии интихоби фаъолияти таълимӣ дода мешавад. Дар ин ҳолат хонанда ба имкониятҳои фардии хеш нигоҳ карда, ба ҳамон корҳои таълимӣ ва тарбиявие ҳисси рағбат бедор мекунад, ки ихтиёран аз ӯҳдаи иҷрои он ба хубӣ баромада тавонад.

7. -Технологияи шахсӣ-инсондӯстӣ чунин усулест, ки дар он тамоми раванди таълиму тарбия ба мавқеи дастгирии шахсият ва ташаккули хислатҳои инсондӯстӣ равона карда шудааст. Бояд зикр намуд. ки дар ин ҳолат тамоми самти фаъолияти омӯзгор ба он нигаронида мешавад, ки бо роҳи эҳтиром ва муҳаббати хосса нисбати хонанда, дар вай эҳсоси аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда ба хубӣ баромаданро бедор намояд.

8. Яке аз усулҳои самаранокии омӯзиш ташкил намудани таълими муаммовӣ буда, омӯзгор бояд аз мавзӯҳои омӯхташаванда моҳирона ҳолатҳои муаммовӣ, эҳсосотӣ, баҳсталабро эҷод намуда, ба муҳокимаи умум пешниҳод намояд, ки боиси фаъолияти мустақилонаи чуқури зеҳнӣ ва илмии донишомӯзон мегардад. Дар натиҷаи чунин амалиёти эҷодӣ хонандагон ба соҳиб гаштан ба донишҳои касбӣ муваффақ гардида, қобилияти фикррони онҳо хуб инкишоф меёбад.

9. Барои татбиқи самараноки ин усул зарур аст, ки омӯзгорон:

- масъалаҳои актуалӣ ва баҳсталаби таълимии фанҳои омӯзиширо эҷодкорона таҳия ва истифода баранд
- хусусиятҳои таълими муаммовиро дар намудҳои гуногуни корҳои омӯзишӣ муайян карда тавонад
- дар таҳия ва эҷоди ҳолатҳои муаммовӣ хусусиятҳои миллӣ, маҳаллӣ ва минтақавиро ба эътибор гиранд
- ҳолатҳои рӯҳӣ, эҳсосоти ва ҷинсии хонандагонро донанд ва ба назар гиранд
- доимо дар фикри сайқали маҳорат ва касбии омӯзгории худ бошанд.[11.,12]

1. Яке аз хусусиятҳои муҳими таълими фаъол дар ҳамкории судманди дӯстона ба роҳ модани ҷараёни омӯзиш ва таълими хонандагон ҳангоми машғулиятҳо мебошад. Таҷрибаи кории олимон ва омӯзгорони бо ин усулҳо сабақ дода нишон медиҳад, ки чунин ҳамкории холисонаи дӯстона байни хонандагон ва омӯзгорон боиси самаранокии фаъолияти таълимӣ гардида, ба баландшавии савияи дониш, сайқалу маҳорату малакаи шахсӣ ва озодона баён намудани фикру андешаи хонандагон ҳаматарафа мусоидат менамояд.

2. Тавре маълум аст, системаи таълими пешина, ки ҳоло ҳам дар аксар муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мешавад, як қатор хусусиятҳои мусбат ва арзишмандро доро аст. Лекин маълум гардид, ки ин низом барои равнақи озодонаи қобилиятҳои зеҳнӣ ва фикрии хонандагон шароитҳои баробар ва мусоидро пурра ва хубтар фароҳам оварда наметавонад. Зеро ки дар ин низом омӯзгор мавқеи асосӣ дошта, барои ба хонандагон додани донишҳои зарурӣ кӯшиши зиёд мекунад, хонандагон бошанд, дар навбати худ доимо фаъолияти суст нишон дода, дар нақши гӯшкунанда ва такроркунандаи фикри баёнгашта қарор доранд. Дар ин маврид хонандагон имконияти мустақилона, якҷоя ё дар гурӯҳҳо дӯстона муҳокима намудани фикрҳои баёнгаштаро надоранд ва ин боиси он мегардад, ки донишҳои гирифтаи хонандагон якранг, бе таҳлил буда, мустаҳкам нест. Санҷиши дониши хонандагон низ аз рӯйи муқоиса бо ҷавоби дигарон арзёби мегардад. Байни хонандагон барои гирифтани баҳои баланд як навъ мусобиқа ҳукмфармо буда, ба рақобатҳои шахсии онҳо низ мубаддал гардидааст.

10. Чунин шакли таълим боиси мустаҳкам гардидани муносибатҳои дӯстонаи хонандагон нашуда, балки сабаби пайдоиши ғурур ва рашку бадбинии онҳо мегардад. Муаллим бошад, доимо дар мадди назари хеш хонандагони аълохони синфро қарор дода, ба хонандагони сустхон ва камирода аҳамияти ҷиддӣ надода, миёни хонандагон муҳити дӯстӣ ва кӯмаки холисонаро ба якдигар ташкил намуда наметавонад.

11. Ҳангоми истифода аз усулҳои фаъоли таълим (гурӯҳбандӣ, нақшофарӣ, мушоҳида, нақлкунӣ, ҳуҷуми фикрӣ ва ғайра) хонандагони синф ба гурӯҳҳои муайян ҷудо карда мешаванд (ҳар гурӯҳ 3-5 нафарӣ) ва ҳамаи аъзои гурӯҳ ҳуқуқ, имконият ва хоҳиши озодона баён намудани фикру ақидаи хешро доранд. Хусусияти асосии кори гурӯҳӣ аз он иборат аст, ки ба савол ё масъалаи пешниҳодшуда дар гурӯҳ аввал алоҳида, баъд якҷоя ва дар охир бо намояндагони гурӯҳҳои дигар фикри худро баррасӣ намуда, фикрҳои аз ҷониби дигарон баёнгаштаро низ муҳокима менамоянд. Бо чунин тарз ташкил шудани раванди таълим имкон медиҳад, ки ҳар як хонанда масъулияти худро дар назди аъзои дигари гурӯҳ возеҳу равшан ҳис намуда, кӯшиш намояд, ки дар комёбии гурӯҳ саҳмгузор бошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки бо чунин тарз ташкил намудани машғулиятҳо боиси бунёди муҳити хуби корӣ гардида, хонандагонро холисона ба ҳамкории судманд, бахри гирифтани дониш ва сайқали маҳорату малакаи баёни озодонаи фикру зикри хеш равона масозад. Барои истифодаи

самараноки усулҳои фаъол дар раванди таълим, пеш аз ҳама, маҳорати баланди идора намудани синф аз тарафи омӯзгор ва ташкили масъалаҳои муҳокимавӣ барои гурӯҳҳо зарур аст.

12. Донишҷӯёни такмили ихтисос дар заминаи MVINO (Институти байнулмилалии виртуалии таҳсилот) метавонанд модели компютерӣ, омӯзгор-мушовири пешқадам ва ғайраро интихоб кунанд.. Зарур аст, ки китобхонаи медиавӣ, системаи семинарҳои таълимӣ, лабораторияҳо, маҷмӯаҳои таълимӣ таъсис дода шавад. маводи назорат ва диагностикӣ, форумҳои илмию амалӣ, конференсияҳо, блогҳо ва дигарҳо. (В. С. Мкртчян, О. Н. Пономарёва)

13. Лозим ба ёдоварист, ки ҳангоми татбиқи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, таълим дар шакли ҳамкории судманд як қатор мушкилиҳо ва монеаҳо дучор магарданд.

Бартараф накардани хусусиятҳои инфиродии ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон, ки асосан ба яккаҳокимиятӣ ва дар танҳову алоҳидагӣ расидан ба мақсадҳои гузошта зуҳур ёфтааст.[10, с.53]

Дар шароити тараккиёти босуръати куввахои истехсолкунанда, ки бо истифодаи оммавии технологияи принципан нав, худи мафхуми ихтисоси коргарон хамчун кобилияти ичрои кори муайян тагьир ёфт. Агар пештар ихтисо-се, ки дар процесси омузиши махсуси касбй гирифта шуда, баъд бо тачрибаи кори мураттаб ганй гар-дидааст, эътирофи омма дошта бошад, холо талабот нисбат ба ихтисоси коргарон ба куллй тағьир ёфтааст.

Дар айни замон, тахассус на танҳо ҳамчун қобилияти иҷро кардани як кор дар як рӯз, балки ҳатман қобилияти корманд барои зуд аз нав тайёр кардан, гоҳ-гоҳ ба иҷрои вазифаҳои тағйирёфта ва мураккабтар гузаштан низ дида мешавад. . Аксарияти коргарон ин гуна сифатхоро дар худ инкишоф дода наметавонанд. Ба ин максад дар мамлакат бояд системаи умумидавлатй, умумидавлатй муттасил, дар хакикат дар тамоми хаёти мехнатии онхо такмил додани ихтисоси мехнаткашон амал кунад.

Технология дар платформаи бисёрсоҳаи инструменталӣ ва технологӣ дар асоси абр амалӣ карда мешавад, ки кор бо барномаи таълимии фардӣ, ки бо таҳияи воситаҳои интерактивии таълим дар форматҳои гуногун, аз ҷумла дастгирии аудио ва видео, корҳои лабораторӣ, санҷиш ва ғайра дастгирӣ карда мешавад. дорои модулҳои махсус барои деканатҳо ва ректорҳо мебошад, ки имкон медиҳанд омори сатҳҳои гуногуни тафсилоти истифодаи системаро ҳангоми омӯзиши курсҳои гуногун, таҳияи ҷадвалҳо ва иҷрои санҷишҳо ба даст оранд.

Хусусияти асосии бозомузй дар контингенти коргарон, яъне. инхо асосан коргарони миёна-сол ва калонсоланд, ки дар ин касб муддати хеле дароз кор кардаанд, ки ин дар таълим асар мегузорад. Он ба сатҳи таълим ва таъиноти таълим таъсир мерасонад.

**АДАБИЁТ**


1. Активные методы обучения в системе непрерывного образования: Сб. науч. Тр. СПб. 2001
2. Арнаутов, В.В. Историко-педагогический анализ становления и развития системы непрерывного педагогического образования./ В.В. Арнаутов, Н.К. Сергеев. Волгоград, 2012г. 334с
3. Герасимов Г.И. Инновация в образовании./ Г.И Герасимов., Л.В Илюхина. Ростов- на-Дону :1999. 112с
4. Дегтерев В.А. К вопросу о системе непрерывного профессионального образования / В.А. Дегтерев // Успехи современного естествознания. – 2014. – № 9-2. – С. 175-180; URL: http://www.natural-sciences.ru/ru/article/view?id=34381 (дата обращения: 14.02.2021).
5. Ибрагимова, Е.М. Непрерывная педагогическая подготовка учителя в системе допрофессионального и профессионального образования. / Е.М. Ибрагимова . Автореферата д.п.н. Казань 1999. -С.45
6. Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барои солҳои 2017-2023 аз "25" январи соли 2017, № 28
7. Кульнечив С. В. Современный урок. / С. В. Кульнечив., Т. П. Лакоценина– Учитель, 2005. – Т. 1
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти калонсолон” 24 феврал 2017, №1394
9. Лутфуллоев М. Дарс. / М Лутфуллоев. – Душанбе, 1995. саҳ 34
10. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир, / М Лутфуллоев.- Душанбе: «Ҳумо»,-2001, саҳ 53-54
11. Маърифати омӯзгор. // Маҷалла №2014, №4. –С 12
12. Мирзоахмедов Ф. Методҳои самараноки таълим. / Ф Мирзоахмедов, Б . Боев, М.Шукурова –Душанбе, 2008. –С 12-13
13. Мухторов З. Асосҳои технологияи навини таълим./ З Мухторов., Ф Муҳиддинов. – Душанбе, 2007.-С 73
14. Непрерывное образование. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ecsocman.hse.ru/data/230/695/1219/glava_1.pdf (дата обращения 14.04.2016).
15. Сжёнов Е.С. О разработке концепции непрерывного образования: основания и принципы/ Е.С. Сжёнов. //Высшее образование в России. – 2011. № 2. – С. 93-98.

## НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ МУТТАСИЛ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАХАССУСИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар мақолаи мазкур бунёдии рушди инноватсиони ин таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати таълимӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Тавре, ки маълум аст низоми муассисаҳои таълимии расмӣ, ғайрирасмӣ ва ғайриасосӣ якҷоя бо шаклҳои гуногуни фаъолияти худомӯзӣ, ки барои шахсони синну соли гуногун дар тӯли ҳаёти онҳо гирифтани таҳсилотро таъмин менамояд ҳамин ақида дар мақолаи мазкур мавриди омузиш қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур таҳсилоти калонсолон таҳқиқ гардидааст. Чи тарзе дар мақола омадааст имрӯз раванди таълиму тарбияро дар ҳар муассисаҳои таълимӣ бе истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, ки яке аз воситаҳои асосии расидан ба мақсад ва вазифаҳои таълиму тарбия мебошад, тасаввур кардан имконнопазир аст ҳамин нуқтаи назхар дар мақола низ таҳлил гардидааст.*

*Яке аз омили асосии раванди таълим мавқеи талаба ва омӯзгор аст, ки муаллиф дар мақолаи худ нисбати ин масъала диққат додааст.*

*Мақсад навиштани маколаи мазкур аз ҷониби муаллиф дар пай дар пайи касбу кор ва ривоҷи мустақилият, максаднокӣ ва масъулиятшиносӣ дар муассисаҳо мебошад.*

*Дар мақолаи мазкур баъзе фикру ақидаҳои педагогон ба монанди Блум Б, Королл Ж, Галперин П, Давидов В ва дигарон усулҳо ва роҳҳои самараноки амалигардонии ғояҳои педагогӣ баён дода шудааст.*

*Ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ дар баробари ба таври назаррас баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва сармояи истеҳсолӣ, маънии ба омили асосии рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ табдил додани иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии инсон дар мақола мавриди таҳлил қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо.*** *Таҳсилоти муттасил, технологияи муосир, рушд, муассисаҳои таълимӣ, педагогика, таълим, инноватсия, омузгор.*

## РОЛЬ НЕПРЕРЫВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ПОВЕЩЕНИИ КВАЛИФИКАЦИИ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

*В данной статье анализируется фундаментальное развитие инноваций в обеспечении доступа к качественным образовательным услугам. Как известно, в данной статье исследуется система формальных, неформальных и неформальных образовательных учреждений вместе с различными формами самостоятельных занятий, обеспечивающих непрерывное обучение людей разного возраста. В данной статье рассматривается образование взрослых. Как указано в статье, сегодня невозможно представить процесс обучения в любом образовательном учреждении без использования современных образовательных технологий, что является одним из основных инструментов достижения целей и задач образования.*

*Одним из ключевых факторов в процессе обучения является позиция ученика и учителя, на что автор акцентирует внимание в своей статье.*

*Целью написания данной статьи автором является популяризация профессии и развитие самостоятельности, целеустремленности и ответственности в учреждениях.*

*В данной статье описаны некоторые идеи таких педагогов, как Блум Б., Король Ю., Гальперин П., Давыдов Ш. и др., эффективные методы и способы реализации педагогических идей.*

*В статье анализируется формирование инновационной экономики, наряду со значительным повышением эффективности использования природных ресурсов и производительного капитала, смысл превращения интеллектуального и творческого потенциала человека в ключевой фактор экономического развития и конкурентоспособности.*

***Ключевые слова***. *Непрерывное образование, современные технологии, развитие, образовательные учреждения, педагогика, образование, инновации, педагог.*

## THE ROLE OF LIFELONG EDUCATION IN IMPROVING THE QUALIFICATIONS OF FUTURE TEACHERS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*This article analyzes the fundamental development of innovation in providing access to quality educational services. As it is known, the system of formal, non-formal and non-formal educational institutions together with various forms of self-study activities that provide lifelong learning for people of different ages is studied in this article. This article examines adult education. As it is stated in the article, today it is impossible to imagine the process of education in any educational*

*institution without the use of modern educational technologies, which is one of the main tools to achieve the goals and objectives of education.*

*One of the key factors in the learning process is the position of the student and the teacher, which the author focuses on in his article.*

*The purpose of writing this article by the author is to promote the profession and the development of independence, purposefulness and responsibility in institutions.*

*This article describes some of the ideas of teachers, such as Bloom B, Corol J., Galperin P., Davidov W and others, effective methods and ways of implementing pedagogical ideas.*

*The article analyzes the formation of an innovative economy, along with significantly increasing the efficiency of the use of natural resources and productive capital, the meaning of making human intellectual and creative potential a key factor in economic development and competitiveness.*

***Keywords.*** *Continuing education, modern technology, development, educational institutions, pedagogy, education, innovation, teacher.*

***Сведение об автрое:***

***Тагиров Насимджон Сайдуллоевич****-кандидат педагогических наук, доцент. ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова» Электронная почта: t.n.s.-23@mail.ru. Тел. +992 92 729-55-33.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Тагиров Насимҷон Сайдуллоевич****-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. МДТ “ДДХ ба номи академик Б Ғафуров” Почтаи электронӣ: t.n.s.-23@mail.ru. Тел. (+992) 927295533.*

***About the author:***

***Tagirov Nasimjon Saidylloevich****. SEI Khujand State University named after academician B. G. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), E-mail: t.n.s.-23@mail.ru. Tel. (+992) 927295533.*

## ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ҲАРАКАТИИ ДОНИШҶӮЁН БО ВОСИТАҲОИ ГИМНАСТИКА

***Қаюмов М.Ҷ.***

*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*

Гимнастика дар марҳилаи муосир ҳамчун низоми методҳо ва воситаҳое ташаккул ёфтааст, ки ба инкишофи ҳаматарафаи одамон нигаронида шудааст, Он дорои назарияи илмӣ, методикае мебошад, ки истифодаи васеи машқҳои гимнастикиро дар ҳалқаҳои гуногуни низоми тарбияи ҷисмонӣ пешбинӣ менамоянд. Вазифаҳои гимнастика бо мақсади умумие муайян мешаванд, ки аз ташаккули инсони нав иборат мебошад, ки дар худ боигарии маънавӣ, тозагии рӯҳӣ ва камолоти ҷисмониро омезиш медиҳад.

Омодагии хуби ҷисмонӣ асоси қобилияти баланди корӣ дар ҳамаи намудҳои фаъолияти таҳсилӣ, меҳнатӣ ва варзишӣ ба ҳисоб меравад. Меҳнати донишҷӯ асосан, меҳнати зеҳнӣ мебошад, ки тамаркузи пайвастаи диққатро талаб мекунад. Баландшавии сатҳи омодагии умумии ҷисмонӣ рушди хастагиро суст карда, кори донишҷӯро сермаҳсултар мегардонад.

Донишҷӯёне, ки дорои сатҳи баланди инкишофи қобилиятҳои ҳаракаткунӣ мебошанд, зимни шароити дигари баробар, намудҳои нави амалҳои ҳаракатиро зуд азхуд карда, ба амалҳои меҳнатӣ ва амалиётҳои маишӣ бомуваффақият мутобиқ мешаванд. Сатҳи баланди рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ ҷузъи муҳим дар инкишофи ҷисмонии хонанада ва вазъи саломатии ӯ ба шумор меравад [5].

Истилоҳи «гимнастика» бори аввал дар давраи нашъунамои фарҳанги Юнони Қадим дар асри VIII п.а.м. пайдо шудааст. Аммо машқҳои гимнастикӣ ҳанӯз дар дунёи қадим роиҷ буд. Ҳанӯз 4000 сол то милоди мо дар Чин, Ҳиндустон ва дар халқҳои дигар машқҳои гимнастикӣ ба мақсдаҳои табобатӣ истифода мешуданд. Аз сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ (ёдгориҳо, ҳаккокиҳо, расмҳо) бармеояд, ки машқҳои гимнастикӣ дар халқҳои қадима: дар мисриён, дар форсҳо, дар ошуриҳо, халқҳои Закавказия, румиҳо, яҳқдиҳо ва дигарон мавриди истифода қарор доштанд. Инчунин маълум аст, ки дар он вақт дорбозҳо ва акробатҳои касбие мавҷуд буданд, ки дар қасрҳои ашрофзодагон ҳунарнамоӣ мекарданд.

Гимнастика имрӯз ба воситаи ҳақиқатан халқии тарбияи ҷисмонӣ табдил ёфтааст. Гимнастика дар барномаҳои тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Гимнастика ҳамчун воситаи муолиҷа дар тиб, ҳамчун воситаи солимгардонӣ дар хонаҳои истироҳат, осоишгоҳҳо истифода мешавад. Интишори ҳарчи бештарро гимнастикаи касбии амалӣ пайдо карда истодааст.

Гимнастика вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Вазифаҳои солимгардонӣ: таҳкими саломатӣ; инкишофи гурӯҳҳои алоҳидаи мушакҳо ва ҳамаи низоми мушакҳо; бартараф ва пешгирӣ кардани каҷравиҳои функсионалӣ дар узвҳо ва низомҳои алоҳидаи организм; ташаккули қадду қомат, роҳгардии дуруст; инкишофи умумӣ ва таҳкими узвҳои нафаскашӣ ва низоми қалбу рагҳо; беҳтар гардидани мубодилаи моддаҳо ва баланд шудани фаъолияти ҳаётии организм.

2. Вазифаҳои таҳсилотӣ: мусоидат ба инкишофи ҳаматарафаи ҳамоҳанги ҷисмонӣ, тарбияи қувва, чандирӣ, тобоварӣ, суръатнокӣ, чолокӣ, ҳамоҳангӣ ва ифоданокии ҳаракатҳо; мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои зарурӣ дар маишат, фаъолияти меҳнатӣ.

3. Вазифаҳои тарбиявӣ: ташаккули ҳисси дастаҷамъӣ, интизомнокӣ; тарбияи сифатҳои маънавӣ: далерӣ, боазмӣ, мақсаднокӣ, искроркорӣ, матонат, тобоварӣ, самтёбӣ, ташаббускорӣ [12].

Дар мавриди намудҳои гимнастика ва таснифи онҳо бояд қайд кард, ки тамоми гуногунии машқҳои гимнастикӣ таърихан дар намудҳои алоҳида ташаккул ёфтааст. Дар соли 1968 дар Конференсияи умумиитифоқӣ оид ба масъалаҳои гимнастика се гурӯҳи намудҳои он: намудҳои умумиинкишофдиҳанда, намудҳои варзишӣ ва амалии гимнастика баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд. Чунин тақсимот бо ду сабаб асоснок шудааст. Аввалӣ бо вазифаҳои мушаххасе алоқаманд аст, ки дар айни замон дар назди гимнастика гузошта шудаанд. Дуюмӣ бо зарурати асосноккунии илмии инкишофи минбаъдаи гимнастика, эҷоди назария ва методикаи муосири истифодаи амалии он алоқаманд мебошад.

Намудҳои ҳоло мавҷуди гимнастика бо мақсадҳо ва вазифаҳои ҷузъӣ, машқҳои махсус ва усулҳои методӣ фарқ мекунанд.

Ба намудҳои умумиинкишофдиҳандаи гимнастика гимнастикаи асосӣ; гимнастикаи беҳдоштӣ; гимнастикаи атлетикӣ мансубанд.

Гимнастикаи асосӣ ба инкишофи ҳаматарафа ва таҳкими организм, ба азхудкунии асосҳои умумии ҳарактаҳо, ба тарбияи сифтаҳои ҷисмонӣ, маънавӣ ва иродавие нигаронида шудааст, ки дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон зарур мебошанд. Воситаҳои гимнастикаи асосӣ инҳоянд: машқҳои сафоройӣ (роҳгардӣ, дав дар таркибҳои гуногун); машқҳои умумиинкишофдиҳанда бидуни ашё ва бо ашё; машқҳои озод; машқҳои оддитарин дар снарядҳои гимнастикӣ; машқҳои акробатӣ; унсурҳои гимнастикаи бадеӣ, хореография, бозиҳо, эстафетаҳо, ҷаҳишҳо [9].

Гимнастикаи асосӣ, дар навбати худ, ба як қатор намудҳо вобаста ба гурӯҳҳо ва синну солҳои гуногуни машқварзон тақсим мешавад. Мақсади он ташкили хонандагон пеш аз рӯзи хониш, одат кунонидани онҳо ба машқҳои мунтазами ҷисмонӣ мебошад.

Бо гимнастикаи ателтикӣ асосан навҷавонон бо мақсади ташаккули қадду қомати дуруст, инкишофи ҳамоҳанги мушакҳои тамоми бадан, ислоҳ кардани камбудиҳои шакли бадан машғул мешаванд. Он чунин сифатҳои ҳаракатии барои инсон арзишманд, ба монанди қувва, чандирӣ, суръатнокӣ, чолокӣ ва тобовариро инкишоф медиҳад. Воситаҳои гимнастикаи атлетикӣ хеле гуногунанд. Дар он машқҳои гуногуни умумирушддиҳанда бидуни ашё ва бо ашё (гурзҳо, чӯбҳо, тӯбҳо, парпаракҳо, амортизаторҳои резинӣ, вазнаҳо, штангаҳо) ба таври васеъ истифода мешаванд [7].

Тамринҳоро оид ба гимнастикаи атлетикӣ тарзе ба нақша гирифтан лозим аст, то ки машқҳо бо ашё бо машқҳо бидуни ашё омезиш ёбанд. Машқҳо барои инкишофи қувва ва зиёд кардани ҳаҷми мушакҳо бояд бо машқҳое, ки чолокӣ, суръатнокӣ ва тобовариро инкишоф медиҳанд, омезиш дода шаванд. Машқҳои сирф қувваги (бардоштани бадан аз фарш, бардоштани оҳистаи бадан аз фарш)-ро бо машқҳои суръатӣ – қувваги ва машқҳои гуногуни акробатӣ ва гимнастикиро бо дав ба масофаҳои кӯтоҳ ва дароз бонавбат иваз кардан лозим аст.

Мақсади гимнастикаи беҳдоштӣ таҳкими саломатӣ, нигоҳ доштани бардамӣ ва қобилияти баланди корӣ мебошад. Аз ҳамаи намудҳои гимнастика гимнастикаи беҳдоштӣ оммавитар ва дастрастар ба ҳисоб меравад. Он дар ҳар гуна синну сол: барои кӯдакон, ҷавонони хоннада, кормандони меҳнати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ фоидаовар мебошад. Ба таркиби гимнастикаи беҳдоштӣ машқҳои ҷисмонӣ, проседураҳои обӣ ва худмасҳкунӣ дохил мешаванд. Бо он дар шароити хона мустақилона ҳар рӯз бо роҳнамоӣ бо адабиёти методӣ, маслиҳатҳои омӯзгор ва дастурҳое, ки одатан тавассути радио ва телевизион пахш карда мешаванд, машғул шудан мумкин аст.

Ба намудҳои варзишии гимнастика: гимнастикаи варзишӣ; гимнастикаи бадеӣ; акробатикаи варзишӣ дохиланд.

Гимнастикаи варзишӣ намуди оммавитарини варзиш ба ҳисоб меравад. Шумораи беканори машқҳои пайваста нав ва ҷолиб онро маъруф ва диққатҷалбкунанда мегардонад.

Пешравии бетанаффус ба пеш дар техникаи варзишӣ, азхуд кардани машқҳои ҳарчи нав ба нав, рафъи нокомиҳо ва муваффақиятҳо, иҷрои як қатор машқҳои марбут ба хавф – ҳамаи ин иродаро мустаҳкам намуда, хусусиятҳои муҳими хислатро тарбия мекунанд. Гимнастикаи варзиш ҳамоҳангии ҳаракатҳо, малакаҳои ҳаракатӣ ва сифатҳои маънавию иродавиро то дараҷаи баланди камолот, техникаи иҷроишро то сатҳи маҳоратнокӣ мерасонад [1].

Мазмуни асосии гимнастикаи варзиширо бисёрҳарба ташкил медиҳад. Ба бисёрҳарбаи мардона машқҳои озод, машқҳо дар асп, брусҳо, турник, ҳалқаҳо ва ҷаҳишҳои такягоҳӣ, ба бисёрҳарбаи занона машқҳои озод, машқҳо дар ғӯлачӯб, дар брусҳои баландии гуногун, ҷаҳиши такягоҳӣ дохил мешаванд. Ин машқҳои бисёрҳарбаи гимнастикӣ айни замон ба барномаи мусобиқаҳои байналмилалӣ – Бозиҳои олимпӣ, мусобиқаҳои ҷаҳонӣ, чемпионатҳои Аврупо, универсиадаҳо дохил карда шудаанд.

Ғайр аз ин воситаҳои асосӣ дар гмнастикаи варзишӣ намудҳои дигари машқҳои ҷисмонӣ: машқҳо бо штанга, бозиҳои серҳаракат, шинокунӣ, атлетикаи сабук, ҷаҳишҳо ба об, лижаронӣ ва ғайраро дарбар мегиранд.

Гимнастикаи бадеӣ намуди қиёсан ҷавони варзиш ба ҳисоб рафта, он вазифаҳои омодасозии умумии ҷисмониро ҳал карда, ба азхудкунии малакаҳои махсуси ҳаракатӣ бидуни ашё ва бо ашё (чанбар, парапарак, тӯб, гурз, навор ва ғайра) нигаронида шудааст. Хусусияти хоси он шарти ногузири истифодаи мусиқӣ зимни иҷрои ҳаракатҳо мебошад. Ҳамаи ҳаракатҳое, ки дар гимнастикаи бадеӣ истифода мешаванд, бо якпорчагӣ, мантиқӣ будани робитаи онҳо бо динамикӣ будани иҷроиш тавсиф мешавад [7].

Акрбатикаи варзишӣ ҳамон вазифаҳоеро дорад, ки гимнастикаи варзишӣ ва бадеӣ дорад, аммо аз онҳо бо хусусияти машқҳо ва тарзи иҷрои онҳо фарқ мекунад. Акробатика ба намудҳои зерин тақсим мешавад: акробатикаи ҷаҳишӣ барои мардон ва занон, акробатикаи ҷуфтӣ, гурӯҳии мардона ва занона, омехта. Вақтҳои охир акробатика дар батут бомуваффақият инкишоф ёфта истодааст.

Машқҳои намудҳои амалии гимнастика вазифҳои махсуси марбут ба инкишофи сифатҳи ҷисмонӣ ва маънавию иродавиеро ҳал мекунанд, ки дар фаъолияти касбии инсон, инчунин ба мақсадҳои табобатӣ зарур мебошанд. Ба ин гурӯҳ: гимнастикаи касбии амалӣ; ҳарбии амалӣ; варзишии амалӣ; гимнастика дар истеҳсолот; гимнастикаи табобатӣ мансубанд.

Мақсади гимнастикаи касбии амалӣ мусоидат ба инкишофи сифатҳо ва малакаҳои махсуси ҳаракатие мебошад, ки аз онҳо фаъолияти бомуваффақияти касбии инсон вобаста мебошад. Дар аксари соҳаҳои истеҳсолоти муосир аз инсон, ба ғайр аз инкишофи умумии ҷисмонӣ, инчунин сифатҳои махсус ва сифатҳои маънавӣ талаб карда мешаванд [11].

Гимнастикаи ҳарбии амалӣ ба ташаккули маҳоратҳо ва тарбияи сифатҳои махсусгардонидашудае мусоидат менамояд, ки барои бомуваффақият азхуд кардани касбҳои ҳарбӣ зарур мебошанд. Гимнастикаи варзишии амалӣ бошад дар раванди таълимию тамринӣ дар ҳамаи намудҳои варзиш истифода мешавад. Он омодагии умумӣ ва махсуси ҷисмонии варзишгарро таъмин намуда, ба такмили мақсадноки он сифатҳои ҷисмоние мусоидат мекунад, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланди варзишгарон дар намуди аз ҷониби онҳо интихобшудаи варзиш зарур мебошанд [12].

Вазифаи асосии гимнастика дар истеҳсолот таҳким бахшидани саломатии маҳнаткашон ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат мебошад.

Гимнастикаи табобатӣ ба барқарорсозии саломатӣ ва қобилияти корӣ, ки дар натиҷаи бемориҳои гуногун, осебҳо, ҳодисаҳои нохуш аз даст рафтааст, нигаронида шудааст. Нақши он махсусан ҳангоми ислоҳсозии камбудиҳои шакли бадан бузург аст. Айни замон гимнастикаи табобатӣ ҳамчун воситаи табобат дар муассисаҳои гуногуни табобатию профилактикӣ, беморхонаҳо, дармонгоҳҳо, госпиталҳо, истироҳатгоҳҳо ва осоишгоҳҳо ба таври васеъ истифода мешавад [1].

Талабот ба ҳаракат талаботи табии инсон, асоси зарурии зиндагӣ ва саломатии он мебошад. Солимии ҳар як инсон дар инкишофи ҳамоҳанги ҳамаи вазифаҳои организм ифода меёбад. Барои ноил шудан ба ин мақсад машқҳои гимнастика хизмат мекунанд. Мақсади ниҳоии машғулшавӣ бо гимнастика аз он иборат аст, то ки организми таълимгиранда тадриҷан ба чунин тағйиротҳое оварда расонида шавад, ки онро ба фишорҳои назарраси ҷисмонӣ қодир месозанд.

Барои хонанда сатҳи баландтарини мустаҳкамии дастгоҳи такягоҳу ҳаракатӣ, низомҳои устухону буғумҳо ва мушакҳо зарур мебошанд.

Барои хонанда сатҳи баландтарини мустаҳкамии дастгоҳи такягоҳию ҳаракатӣ, низоми устухону мушакҳои ӯ зарур мебошад. Ин низомҳо робитаи қисматҳои алоҳидаи ҷисмро байни ҳамдигар таъмин менамоянд. Агар дастгоҳи ҳаракатӣ ба таври кифоя омода набошад, ҷисм дар ҳаракат маҳдуд, ғайричандир, камифоданок мегардад [3].

Одам дар зиндагии муқаррарӣ ҳаракатҳои зиёди маҳдудро иҷро мекунад, ки зимни онҳо имкониятҳои дастгоҳи ҳаракатӣ танҳо қисман истифода мешавад; дар натиҷа чунин камбудиҳо, ба монанди хамшавии заифи пушт, серҳаракати ками гардан, буғумҳои китф, оринҷ ва банди даст, буғумҳои ангуштон, кушодашавии нопурраи буғумҳои зону, «ахилла» (уркуб, нарпай) ва пошнаи пой пайдо шуда, муқаррарӣ мегарданд [3].

Ҳаракатҳое, ки дар онҳо танҳо буғумҳои кам иштирок мекунанд, зимнан дар якчанд самтҳои маҳдуд, ба инкишофи чандирӣ хизмат карда натавониста, ҳеҷ гоҳ ба инкишофи ҳамоҳанги ҷисм оварда намерасонанд. Аз ин рӯ, вазифа дар дарсҳои гимнастика аз он иборат аст, то ки хонандагон бо захираи ҳаракатҳо дар ҳамаи сатҳҳо ва амплитудаи ҳадди аксар таъмин карда шаванд; ин бояд боиси тағйирёбии воқеии узвҳои ҳаракатӣ гардида, фаъолияти онҳоро беҳтар намояд.

Гимнастика дар ин росто яке аз воситаҳои муҳими тарбияи ҷисмонӣ ба шумор рафта, аз маҷмӯи машқҳои махсус интихобшудаи ҷисмонӣ барои таъсиррасонӣ ба организми хонандагон ба мақсади таҳкими саломатӣ, инкишофи маҳоратҳо ва малакаҳои ҳаракатӣ, сифатҳои иродавӣ ва маънавӣ, инчунин баррои бартараф намудани камбудиҳои ҷисмонӣ иборат мебошад [6].

*Хусусиятҳои синнусолии инкишофи қувваи донишҷӯён.* Ба инкишофи қувва ба андозаи зиёд чунин намуди гимнастика, ба монанди гимнастикаи атлетикӣ таъсир мерасонад. Аллакай дар синну соли мактабӣ тамрини варзишӣ оғоз меёбад, ки ба рушд ва инкишофи кӯдак таъсир мерасонад. Бояд дар назар дошт, ки рушд ва инкишофи организм, ки то 20 – 25 – солагӣ тӯл мекашанд, нобаробар ба амал омада, суръати он аз синни 14 то 15 – солагӣ суст мешавад.

Зиёдшавии вазн ва рушд дар духтарон аз 14 – 15 – солагӣ ба таври возеҳ суст мешавад. Дар писарон чунин тайиротҳо як қадар дертар ба мушоҳида мерасанд. Таносубҳои байни инкишофи қисмҳои ҷисм тағйир меёбанд. Наврасоне, ки дар онҳо раванди балоғати ҷинсӣ ҷараён гирифта, бо афзоиши назарраси рушд ва зиёдшавии андозаҳои кӯндаланги ҷисм тавсиф мешаванд. Вазн ва буриши мушакҳои устухонбандӣ зиёд мешаванд.

Тадриҷан инкишофи низомҳои нафаскашӣ ва хунгардӣ ба амал меояд. Зарур аст суръатёбии ба ҷавонони муосир хос, ба ном акселератсия, инкишофи ҷисмонӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Дар натиҷаи беҳтаршавии шароити зиндагӣ ва тарбия, инчунин дар натиҷаи таъсири омилҳои сершумори тамаддуни муосир рушд ва инкишофи организм ҳоло, назар ба даҳсолаҳои пешин, зудтар ба амал омада истодаанд. Кӯдакон ва наврасон ба ҳисоби миёна 1 – 2 сол зудтар, назар ба даҳсолаҳои пешин инкишоф меёбанд. Суръатёбии (акселератсияи) инкишофи чисмонӣ аз 10 – 12 – солагӣ оғоз ёфта, он махсусан дар 16 – 18 – солагӣ, яъне дар робита бо оғозёбӣ ва инкишофи балоғати ҷинсӣ, вақте ки шароити зиндагии мусоир ва низоми тарбия (аз ҷумла тарбияи ҷисмонӣ низ) ба кӯдакон бо қувваи махсус таъсир мерасонанд, ифода ёфтааст.

Тамрин ба тағйироти устувори пешравандаи узвҳои дохилӣ оварда мерасонад. Ин дар навбати аввал ба қалб дахл дорад, зеро ба ин узви муҳимтарин фаъолияти варзишӣ талаботи махсусан баландро зоҳир мекунад. Дар натиҷаи тамрин андозаҳои қалб калон мешаванд.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти варзишии донишҷӯён сатҳи баланди вазифаҳои низомҳои вегетативиро талаб мекунад. Ин сатҳ ҳамон қадар баланд аст, чи қадар харҷи назаррастари энергияро ин ё он машқҳои ҷисмонӣ талаб кунанд. Хароҷоти зиёдшудаи энерегия дар духтарон ва навҷавонон бо он алоқаманд аст, ки сатҳи ҷисм дар муқоиса бо вазни он нисбатан бузург мебошад [10, с. 124].

Дар раванди тамрини варзишӣ танзими асабии вазифаҳо такмил меёбад. Дар синни 18 – солагӣ дар онҳо қобилияти самтёбӣ дар фазо ба камолоти олии худ расида, ҳисси суръати ҳаракатҳо, қобилияти таҳлили эҳсосоти мушакӣ ҳангоми тағйриёбии майдони такя шиддат меёбанд [2].

Бисёрҷанбагии машғулиятҳои гимнастики атлетикии дорои самти оммавию солимгардонӣ бо дохил кардани чунин намудҳои фаъолияти варзишӣ ба онҳо, аз қабили: дав, шиноварӣ, бозиҳо муайян мешавад, ки аз бинобар хусусияти хоси худ ба низоми дилу раг ва нафаскашии организми атлет таъсири мусоид мерасонанд.

*Инкишофи суръатнокӣ.*

Зери суръатнокӣ ҳамчун сифати ҷисмонӣ имкониятҳои инсонро мефаҳманд, ки аксаран суръати ҳаракатҳоро муайян мекунанд. Се шакли асосии зухури суръатнокӣ мавҷуданд:

1. Вақти ниҳонии аксуламали ҳаракатӣ.
2. Суръати ҳарракати якка.
3. Басомади ҳаракатҳо.

Дар методҳои асосии тарбияи суръатнокӣ ду самтро фарқгузорӣ мекунанд: инкишофи якпорчаи суръатнокӣ дар ҳаракати муайян; такмили интихобии омилҳое, ки суръати ҳадди аксари ҳаракатро муайян мекунанд.

Ба сифати воситаҳои тарбияи суръатнокӣ машқҳоеро истифода мебаранд, ки бо суръати ҳадди аксар иҷро карда мешаванд. Дар ин зимн:

1. Техникаи азхуд кардашудаи машқҳо бояд имконияти иҷрои онҳоро бо суръати ниҳоӣ таъмин намояд.
2. Машқҳо бояд хуб азхуд шуда бошанд, то ки дар вақти ҳаракат саъю талошҳои аоссии иродавӣ на ба усул, балки ба суръати иҷро равона карда шаванд.
3. Давомнокии машқҳо, то ки то охири иҷро суръат ба таври назаррас дар натиҷаи хасташавӣ паст нашавад.

Ҳангоми инкишофи суръатнокӣ шарти асосӣ ҳолати беҳтарини ҳаяҷоннокии низоми марказии асаб мебошад.

Бояд қайд кард, ки инкишофи сифатҳои суръатӣ асосан дар синни 14 – солагӣ ба анҷом мерасад. Дар солҳои минбаъда нишондиҳандаҳои суръатнокӣ кам тағйир меёбанд. Барои инкишофи суръатнокӣ машқҳои гуногун бо суръати ҳадди аксар истифода мешаванд. Давомнокии иҷро бо вақте муайян карда мешавад, ки дар давоми он суръати баланди ҳаракатҳоро нигоҳ доштан мумкин аст. Сустшавии суръат барои қатъ кардани машғулиятҳо ҳамчун сигнал хизмат мекунад. Фосилаҳои истироҳат бояд тавре бошанд, ки машғулияти навбатӣ дар марҳилаи қобилияти баланди корӣ оғоз ёбад. Барои инкишофи суръатнокии аксуламали ҳаракатӣ машқҳоро барои ногаҳонӣ истифода мебаранд, ки дар онҳо машқварзон дар ҷавоб ба сигнал бояд зуд амалҳои ҳаракатиро иҷро кунанд. Барои инкишофи ҷаҳандагӣ машқҳои гуногуни ҷаҳишӣ ва машқҳое, ки ба таҳкими мушакҳои пойҳо ва тана нигаронида шудаанд, истифода мебаранд.

Машқҳои намунавӣ барои инкишофи сифатҳои суръатӣ инҳоянд: ҷаҳишҳо аз болои парпараки кӯтоҳ ва дароз, аз ҳаракатҳои гуногун бо дастони хам кардашуда ва рост бо суръати ҳадди аксар дар давоми 5 сония, ҷаҳишҳо бо ҳаракатҳои гуногун бо дастон ва пойҳо дар марҳилаи парвоз ва ғайра [2].

*Инкишофи тобоварӣ*. Ҳамчун тобоварӣ қобилияти идома додани ягон намуди фаъолиятро бидуни паст кардани самаранокии он дар муқобилият ба хасташавӣ мефаҳманд. Чаҳор намуди хасташавӣ: зеҳнӣ, ҳиссӣ (сенсорӣ), эҳсосотӣ, ҷисмониро фарқгузорӣ мекунанд.

Тобоварӣ фақат вақте инкишоф меёбад, ки дар раванди машғулиятҳо машқварзон то дараҷаҳои зарурии хасташавӣ оварда расонида мешаванд. Дар ин зимн организм ба чунин ҳолатҳо мутобиқ мешавад. Вазифаи асосӣ дар инкишофи тобоварӣ ноил шудан ба ҷунбишҳои ҷавобии дорои хусусияти матлуб ва андозаи лозима дар организм ба шумор меравад.

Машқҳои чархавӣ (сиклӣ) дар инкишофи тобоварӣ бо инҳо тавсиф мешаванд: шиддатнокӣ; давомнокӣ; давомнокии фосилаҳои истироҳат; хусусияти истироҳат; шумораи такрорҳо.

Ҳангоми инкишофи тобоварӣ зарур аст имкониятҳои аэробии организм баланд бардошта шаванд, барои ин се вазифаи зеринро иҷро кардан лозим аст:

- баланд бардоштани сатҳи ҳадди аксари истеъмоли кислород;
- инкишофи қобилияти нигоҳ доштани ин сатҳ дар муддати тӯлонӣ;
- зиёд кардани суръатнокии расонидани равандҳои нафаскашӣ то андозаҳои ҳадди аксар [8].

Ҳамчун воситаҳои тобоварии умумӣ машқҳое мебошанд, ки ба маҳсулнокии ҳадди аксари кори низомҳои дилу раг ва нафаскашӣ оварда мерасонанд. Дар амалияи тарбияи ҷисмонӣ машқҳои хеле гуногуни дорои хусусияти чархавӣ ва ғайричархавӣ (масалан, машқҳои озод, машқҳо дар брус, машқҳо дар асп ва ғайра)-ро истифода мебаранд. Талаботи асосӣ ба машқҳои ба тобоварӣ нигаронидашуда давомнокии онҳо аз 90 то 120 сония буда, кор зимни фаъолияти глобалии мушакҳо амалӣ карда мешавад [8].

*Инкишофи чандирӣ*. Чандирӣ хосияти дастгоҳи такягоҳӣ – ҳаракатии инсон, ки тобоварии ҳаракатро бо ин ё он амплитудаи ҳаракат инкишоф медиҳад, ба шумор меравад.

Барои рушд додани чандирӣ машқҳоро бо амплитудаи зиёд кардашудаи ҳаракат истифода мебаранд. Мафҳуми чандирӣ маҷмӯӣ буда, ҳадди ақал аз ду ҷузъи таркибӣ: инкишофи серҳаракатии буғумҳо ва кор аз болои қаййишии пайвандҳо ташаккул меёбад. Ҳар гуна машқ барои чандирӣ тамакузи баланди диққатро талаб мекунад, зеро дар он ҳарду ҷузъи таркибӣ ба амал ҷалб карда мешаванд, аммо яке аз онҳо одатан афзалиятнок мебошад. Ба сифати воситаҳои инкишофи чандирӣ машқҳоеро истифода мебаранд, ки онҳоро бо

амплитудаи ҳадди аксар иҷро кардан мумкин аст. Онҳоро ба ибораи дигар машқҳо барои ёзишхӯрӣ меноманд [4].

Маҳдудиятҳои асосии доираи ҳаракат мушакҳои зиддиятнок (антогонист) мебошанд. Дароз кардани бофтаи пайвандкунандаи ин мушакҳо, нарм ва чандир кардани мушакҳо (ба монанди тасмаи резинӣ) вазифаҳои машқҳо барои ёзиш ба шумор меравад. Дар миёни машқҳо барои ёзиш машқҳои фаъол, ғайрифаъол ва статикиро фарқгузорӣ мекунанд.

Ҳаракатҳои фаъоли дорои амплитудаи пурра (алвонҷдиҳӣ бо дасту пойҳо, хеззаниҳо, ҳаракатҳои чархзанандаи тана)-ро бидуни ашё ва бо ашё (чӯбҳои гимнастикӣ, чанбарҳо, тӯбҳо ва ғайра) иҷро кардан мумкин аст.

Усули асосии инкишоф додани чандирӣ усули такрорист, ки дар он машқҳои ёзиш пай дар пай иҷро карда мешаванд. Вобаста ба синну сол, ҷинс ва омодагии ҷисмонии машқварзон, шумораи такрори машқҳо дар силсила фарқ мекунад. Ба сифати инкишоф ва такмили чандирӣ усулҳои бозӣ ва мусобиқавӣ низ истифода мешаванд (кӣ пасттар хам шуда метавонад; кӣ зонуҳояшро хам накарда, бо ду даст ашёи ҳамворро аз фарш бардошта метавонад, ва ғайра). Қоидаҳои асосии истифодаи машқҳои ёзиш инҳоянд: эҳсосоти дарднок иҷозат дода намешавад, ҳаракатҳо бо суръати суст иҷро карда мешаванд, амплитудаи онҳо ва дараҷаи истифодаи қувваи ёрдамчӣ тадриҷан зиёд мешаванд. Буғумҳоро ёзонидани мумкин нест – онҳоро инкишоф додан лозим аст, пайвандҳоро инкишоф додан лозим нест – онҳоро ёзонидан лозим аст.

Усулҳои рушди чандирӣ инҳоянд:

1. Усули ҳаракатҳои фаъол. Машқҳо бо роҳи фаъолона кашиш додани гурӯҳи мушакҳои муайян ва ёзонидани антагонистҳои онҳо (масалан: хам кардани тана, алвонҷҳо бо пойҳо, шпагат дар ҷаҳиш ва ғайра) иҷро карда мешаванд.

2. Усули ҳаракатҳои ғайрифаъол. Машқҳо бо кумаки шарик бо истифода аз вазнҳои иловагӣ ё вазни худ анҷом дода мешаванд.

3. Усули мавқеъҳои статикӣ мавқеъҳои амалкунандаро дар ҳолати муайян дар давоми 15–20 сония пешбинӣ менамояд. Варзишгарон, ки мехоҳанд ба чандирии назаррас ноил шаванд, ин вақтро то 2–3 дақиқа зиёд мекунанд.

4. Усули омехта. Машқҳо дар шаклхои гуногун иҷро карда мешаванд, аввал ҳаракатҳои фаъол, баъд ғайрифаъол ва минбаъд ҳаракатҳо дар мавқеъҳои статикӣ иҷро карда мешаванд. Дар хотима бояд якчанд машқҳои истироҳатӣ анҷом дода шаванд, онҳо хастагӣ ва эҳсосҳои нороҳатии имконпазирро, ки дар натиҷаи шиддати мушакҳо, пайвандҳо ба вуҷуд омадаанд, рафъ мекунанд.

Ҳамин тавр, методҳои гимнастика имкон медиҳанд вазифаҳои омодасозии умумии ҷисмонии донишҷӯён ҳал карда шуда, машқҳои ҷисмонӣ мувофиқи синну сол ва омодагии машқварзон истифода шуда, вазифаҳои солимгардонӣ ва тарбиявию таҳсилотии тарбияи ҷисмонӣ бомуваффақият амалӣ карда шаванд.

Вазифаи гимнастика таҳкими саломатӣ, беҳбудии ҷисмонӣ ва ба амал баровардани омодагии ҳамаҷонибаи ҷисмонии шахс ба фаъолияти гуногун мебошад. Ғайр аз ин, гимнастика вазифаҳои махсус, аз қабили: ташаккули қадду қомати дуруст, пешгирӣ ва ислоҳсозии шаклдигаркуниҳои ҷисм, барқарор намудани қобилияти қории дастгоҳи ҳаракатӣ баъди осебҳои бардошташуда, тарбияи маҳорати идора кардани ҳаракатҳои худро дар бар мегирад.

Усулҳои методии ба гимнастика хос имкон медиҳанд бо кумаки машқҳои ҷисмонӣ ба узвҳои алоҳида ва гурӯҳҳои алоҳидаи мушакҳо таъсири бештар расонида шавад, ки ин ба рушди сифатҳои гуногуни ҷисмонӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси маводи дар боло овардашуда тасдиқ кардан мумкин аст, ки гимнастика ҷузъи ҳатмии тарбияи заминавии ҷисмонӣ ба шумор меравад. Он аз низоми машқҳои махсус интихобшудае иборат мебошад, ба организми одам аз бисёр ҷиҳат таъсир расонида, равандҳои асосии физиологии онро пурзӯр намуда, ба инкишофи ҳамоҳанги он мусоидат мекунанд. Тавассути машқҳои гимнастикӣ малакаҳои ҳаётан муҳими ҳаракат, зебоӣ ва дақиқии ҳаракатҳо ташаккул ёфта, сифатҳои асосии ҷисмонӣ – чолокӣ, суръатнокӣ, қувва, тобоварӣ, чандирӣ инкишоф меёбанд. Қадду қомати нодурусти дар талабагон мушохидашаванда (хамшавии сар ба пеш, хамидақоматӣ, шонаҳои қанотшакл, китфҳои ба пеш баромада, шиками пешбаромада) аксар вакт натиҷаи сустии мушакҳои камари китф, пушт ва шикам мебошанд. Машқҳои гимнастикӣ дар ҳаракатҳои асосӣ мушакҳои баданро мустаҳкам намуда, ба ташаккули қадду қомати дуруст мусоидат мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Брыкин, А.Т. Гимнастика / А.Т. Брыкин. – М. : Мир, 1971. – 6 с.

2. Гавердовский, Ю.К. Техника гимнастических упражнений / Ю.К. Гавердовский. – М. : Просвещение, 2002. – 322 с.
3. Гуссмов, А.Х. Физкультурно–оздоровительная группа / А.Х. Гуссмов. – М. : «ФиС», 2000. – 190 с.
4. Иваницкий, А.В. Ритмическая гимнастика на ТВ / А.В. Иваницкий, В.В. Матов, О.А. Иванова, И.Н. Шарабарова. – М. : Советский спорт, 1989. – 79 с.
5. Литвинов, Е.Н. Методика физического воспитания / Е.Н. Литвинов. – К.: Высшая школа, 1997. – 112 с.
6. Николаев, В.В. Движении – жизнь / В.В. Николаев. – М. : Физкультура и спорт, 1970. – 122 с.
7. Палыга, В.Д. Гимнастика / В.Д. Палыга. – М. : Просвещение, 1982. – 26 с.
8. Попова, Е.Г. Общеразвивающие упражнения в гимнастике / Е.Г. Попова. – М.: Мир, 2000. – 90 с.
9. Сосновский, И.Ю. Энциклопедический словарь юного спортсмена / И.Ю. Сосновский, А.М. Чайковский. – М. : Педагогика, 1980. – 104 с.
10. Филин, В.П. Возрастные изменения быстроты, мышечной силы и скоростно–силовых качеств / В.П. Филин // Физкультура и спорт. – 1998. – №10. – С. 124.
11. Филипович, В.И. Теория и методика гимнастики / В.И. Филипович. – М. : Мир, 1971. – 15 с.
12. Шлемин, А.М. Гимнастика / А.М. Шлемин, А.Т. Брыкин. – М. : Мир, 1979. – 23 с.

## РАЗВИТИЕ ДВИГАТЕЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ СРЕДСТВАМИ ГИМНАСТИКИ

*В статье рассматривается тема развития двигательных способностей студентов с помощью гимнастики. Автор подчеркивает, что потребность в движении является естественной потребностью человека, необходимой основой жизни и здоровья. Здоровье каждого человека выражается в гармоничном развитии всех функций организма. Достижению этой цели служат гимнастические упражнения. В статье показаны возрастные особенности развития силы обучающихся и ее методы, сделан вывод о том, что гимнастика является обязательной частью основного физического воспитания, состоит из специально подобранной системы упражнений, многогранно воздействует на организм человека, его основные физиологические процессы. укреплять и способствовать его гармоничному развитию. Посредством гимнастических упражнений формируются жизненно важные навыки движения, красота и точность движений, развиваются основные физические качества – ловкость, быстрота, сила, выносливость, гибкость. Методы гимнастики позволяют решать задачи общей физической подготовки студентов, использовать физические упражнения в соответствии с возрастом и подготовленностью спортсменов, успешно решать оздоровительные и воспитательные задачи физического воспитания.*

***Ключевые слова***: *двигательная способность, студент, снаряды, гимнастика, физические упражнения, физическое воспитание, спорт, воспитание, здоровье, оздоровление.*

## ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ҲАРАКАТИИ ДОНИШҶӮЁН БО ВОСИТАҲОИ ГИМНАСТИКА

*Дар мақола мавзӯи инкишофи қобилиятҳои ҳаракатии донишҷӯён бо воситаҳои гимнастика таҳқиқ шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки талабот ба ҳаракат талаботи табии инсон, асоси зарурии зиндагӣ ва саломатии он мебошад. Солимии ҳар як инсон дар инкишофи ҳамоҳанги ҳамаи вазифаҳои организм ифода меёбад. Барои ноил шудан ба ин мақсад машқҳои гимнастика хизмат мекунанд. Дар мақола хусусиятҳои синнусолии инкишофи қувваи таълимгирандагон ва усулҳои он нишон дода шуда, хулоса карда мешавад, ки гимнастика ҷузъи ҳатмии тарбияи заминавии ҷисмонӣ ба шумор рафта, аз низоми машқҳои махсус интихобшудае иборат мебошад, ба организми одам аз бисёр ҷиҳат таъсир расонида, равандҳои асосии физиологии онро пурзӯр намуда, ба инкишофи ҳамоҳанги он мусоидат мекунанд. Тавассути машқҳои гимнастикӣ малакаҳои ҳаётан муҳими ҳаракат, зебоӣ ва дақиқии ҳаракатҳо ташаккул ёфта, сифатҳои асосии ҷисмонӣ – чолокӣ, суръатнокӣ, қувва, тобоварӣ, чандирӣ инкишоф меёбанд. Методҳои гимнастика имкон медиҳанд вазифаҳои омодасозии умумии ҷисмонии донишҷӯён ҳал карда шуда, машқҳои ҷисмонӣ мувофиқи синну сол ва омодагии машқварзон истифода шуда, вазифаҳои*

*солимгардонӣ ва тарбиявию таҳсилотии тарбияи ҷисмонӣ бомуваффақият амалӣ карда шаванд.*

***Калидвожаҳо**: қобилияти ҳаракатӣ, донишҷӯ, воситаҳо, гимнастика, машқ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, таҳсил, саломатӣ, солимгардонӣ.*

## DEVELOPMENT OF STUDENTS' MOVEMENT ABILITIES BY MEANS OF GYMNASTICS

*The article examines the topic of development of students' movement abilities with the help of gymnastics. The author emphasizes that the need for movement is a natural human need, a necessary basis for life and health. The health of every person is expressed in the harmonious development of all functions of the body. Gymnastics exercises serve to achieve this goal. The article shows the age characteristics of students' strength development and its methods, and concludes that gymnastics is a mandatory part of basic physical education, consists of a specially selected exercise system, affects the human body in many ways, and its main physiological processes. strengthen and contribute to its harmonious development. Through gymnastic exercises, it forms the vital skills of movement, beauty and accuracy of movements, and develops the main physical qualities - agility, speed, strength, endurance, flexibility. The methods of gymnastics allow solving the tasks of general physical training of students, using physical exercises in accordance with the age and readiness of the athletes, and successfully implementing the health and educational tasks of physical education.*

***Keywords**: movement abilities, student, tools, gymnastics, exercise, physical education, sports, education, health, wellness.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Қаюмов Маҳмадамин Ҷумъахонович**-декани факултети "Омодагии дифои ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ"-и Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Нишонӣ: ш. Душанбе. E–mail: makhmadamin.qayumov@mail.ru. Tel.: +(992) 918938148*

***Сведение об автора:***

***Каюмов Махмадамин Джумъахонович**-декан факультета "Допризывной подготовки и физкультуры» Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова. Адрес: г. Душанбе. E–mail: makhmadamin.qayumov@mail.ru. Tel.: +(992) 918938148.*

***About the author:***

***Qayumov Mahmadaamin Jumakhonovich**-dekan of the «Military Defense and Physical Education» of the Tajik Institute of Physical Culture after S. Rahimov. Address: c. Dushanbe. E–mail: makhmadamin.qayumov@mail.ru. Tel.: +(992) 918938148*

## ЗАРУРАТИ ИСТИФОДАИ РАВИШУ УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

***Мирзоева С.Д.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Равишу усули интерактивии таълим чист? Таълими интерактивӣ рӯйкарде аст, ки ба талабагон дар бештар машғул шудан ба омӯзиши пайваста кумак мекунад. Бо истифода аз технологияҳои таълимӣ ё бидуни истифодаи онҳо равишу усулҳои таълими интерактивӣ кумак мекунанд, то маҳоратҳои зеҳнӣ дар талабагон инкишоф ёбанд.

Мушаххас аст, ки раванди таълим ба таври давомнок дар ҳоли тағйир аст. Имрӯз, яъне дар замони муосир дигар он ҳолате вуҷуд надорад, ки талаба дар паси миз нишаста, пайваста маърӯзаи устодро дар дафтари худ сабт намояд. Нисбат ба замонҳои пешин дарсҳо ҳоло хеле ҷаззоб ва диққатҷалбкунанда шудаанд. Таълими интерактивӣ дар натиҷаи рушди бемайлони истифода аз технологияҳои рақамӣ ва иртибототи маҷозӣ густариш ёфтааст. Истифода аз технология ва омӯзиши интерактивӣ бахши ҷудоинопазири омӯзиши такмилӣ аст, ба мисли қаламу коғазу давоти наслҳои гузашта.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар баробари инкишоф ёфтани раванди таълим маҷмӯи донишҳо низ дар ҳолати такмил қарор доранд. Омӯзгорон ва талабагон барои дастрасӣ ба дониш ва иттилооти барои онҳо заруру муфид ба ҳамдигар бештар вобаста шуда истодаанд.

Тағйири нақш ва ҳолатҳои омӯзишу ёдгирӣ барои омӯзгорону мураббиён чунин фурсатеро фароҳам овардааст,ки сабку шеваи таълиму ёдгирии талабагонро ба таври назаррас тағйир диҳанд. Аз нигоҳи олимони соҳа таълими интерактивӣ ба таври фаъол талабагонро дар мубоҳисаҳои омӯзишӣ машғул медорад. Суханҳои яктарафа ба баҳсҳои интерактивӣ мубаддал гашта, дар раванди азхудкунии донишу иттилоот омӯзгорону талабагон ба мақоми ҳамшарикӣ шомил мегарданд.

Барои таъсиргузории бештар ниҳодҳои таълимӣ бояд аз василаҳое, ки дар раванди таълими интерактивӣ манфиати зиёд доранд, истифода намоянд. То ин замонҳои наздик на ҳама муассисаҳои таълимӣ бо воситаҳои компютерӣ таъмин буданд ва агар қисман таъмин буданд ҳам танҳо дар синфхонаҳои компютерӣ нигоҳ дошта мешуданд. Омӯзгорон ва талабагон танҳо дар мавридҳои хос метавонистанд аз онҳо истифода намоянд ва хулоса маҳдудиятҳо доштанд. Сабки таълимӣ ҳам ба таври куллӣ дар қолаби анъанаҳои кӯҳна баргузор гардида, аз нутқи муаллим, тахтаи сиёҳи синф ва бӯр иборат буд. Ҳоло ин ҳама анъанаҳо тағйир ёфта, гуногунранг шудааст. Кӯдакони синфҳои ибтидоӣ ҳатто дар амал ва азхудкунии донишу иттилоот пешқадам мебошанд. Дар ҳоли ҳозир аксар муассисаҳои таълимиро вобаста ба шарту шароити онҳо талабагон интихоб мекунанд. Таълими интерактивӣ на танҳо боис мешавад, ки дарсҳо барои талабагон шавқовар бошад, балки барои омӯзгорон низ раванди дарсро ҷолибу саргармкунанда мегардонад.

Бояд қайд кард, ки ҳамкорӣ фақат дар олами касбу кор муҳим аст. Ҳамкорӣ дар дарсхонаҳо ҳам хеле муҳим ва муассир мебошад. Имрӯз аксаран ҷои тахтаҳои синфиро тахтаҳои электронӣ ишғол карда, ба омӯзгорон ва талабагон кӯмак мекунанд то донишу иттилоотро азхуд кунанд. Умуман, усулҳои интерактивии таълим кӯмак мекунанд, то масъалаҳои зерин ҳаллу баррасӣ гарданд:

1. Ба таври фаъол ворид кардани ҳар як талаба ба раванди азхудкунии маводи таълимӣ;
2. Бедор кардани ангезаҳои фаъолнокии талабагон;
3. Таълими маҳоратҳои иртиботи муваффақиятомез (лаёқати гӯш додан ва шунидани якдигар, эҷоди мусоҳибаву гуфтугӯ, пешниҳоди савол барои дарк намудан);
4. Инкишоф додани маҳоратҳои фаъолияти таълимии мустақил: муайян кардани вазифаҳо,лаёқати пешбинии оқибатҳои интихоби худ,баҳодиҳии воқеии он;
5. Омӯзиш ва тарбияи сифатҳои роҳбарӣ;
6. Тавоноии кор дар ҳайат ва ҳамроҳ бо гурӯҳ;
7. Қабули масъулият барои ба даст овардани натиҷа дар фаъолиятҳои муштараку шахсӣ.ва якҷоя.

Ҳангоми истифодаи усул ва шаклҳои ташкили таълими интерактивӣ муаллим нисбат ба дигар гузинаҳои баргузор намудани дарс ба эҷодкорӣ ниёз дорад.Дар асной омӯзиши мавзуъҳои гуногун ё мавзӯи мушаххас ӯ метавонад аз чунин намудҳо ё усулҳои фаъоли таълим истифода барад:

- дарсҳои устодона (мастер класс) – чунин намуди дарсҳо мебошанд, ки дар он талабагон ба тариқи корҳои амалӣ донишу маҳорат пайдо мекунанд;
- вебинарҳои фаъол – машғулиятҳое мебошанд, ки дар худ дарси анъанавиро дар пайвандӣ бо равишҳои иртиботӣ, ба мисли мубоҳиса, намоиши слайду филмҳо ва ғайра таҷассум мекунанд;
- таҳлили масъала – дар ин тарзи машғулият ҳолати мушаххас интихоб карда шуда, талабагон дастаҷамъона роҳи ҳалли масъаларо баррасӣ мекунанд;
- раъйдиҳӣ ва назарсанҷиҳо – ҳолатҳои мубоҳисавӣ мебошанд, ки дар онҳо талабагон ба хотири дарёфти ҳақиқат иштирок карда, ошкоро фикру назари худро пешниҳод мекунанд ва тарзи баён кардани назари худро меомӯзанд.

Ҳоло равишу усулҳои навтарину фаъоли таълими дарс кашф шудааст, ки ҳадафи асосии онҳо инкишоф додани шахсияти талабагон ва кумак кардан ба рушди истеъдоди онҳо мебошад.

1. Равиши конференсиявӣ (гирдиҳамойӣ). Ин равиш аз равиши суханронӣ фарқ дорад. Дар равиши суханронӣ муаллим масъул аст, ки донишу иттилооотро ба талаба диҳад. Дар ин равиш донишу иттилооот тавассути худи талаба гирдоварӣ ва пешниҳод карда мешавад.Ин равиш метавонад мушаххас кунад,ки талаба то чӣ андоза донишу иттилооотро азхуд кардааст ва он як мавқеияти фаъол барои ёдгирӣ ба вуҷуд меоварад.Дар ҳолати татбиқи

равиши мазкур нақши муаллим иборат аз он аст, ки раванди конференсияро идора карда, мубоҳисаҳои берун аз мавзӯъро пешгирӣ намояд.

2. Равиши устодиву шогирдӣ. Ин равиш хеле қадима буда, аз замоне ки инсон масъулияти омӯзишдиҳии дигар инсонҳоро ба уҳда гирифтааст, ба вуҷуд омадааст.Дар ин равиш ба талабагон иҷозат дода мешавад,ки нақши муаллимро иҷро кунанд.Ҳадафи асосии ин равиш он аст, ки шогирд борои иҷрои вазифаи устод таҷрибаю малакаи кофӣ ба даст меоварад.

3. Равиши якчандҳиссӣ.Истифода аз ин равиш ба кор гирифтани ҳама қувваҳои ҳиссӣ мебошад.Яъне дар ҷараёни ёдгирӣ тамоми узвҳои ҳиссӣ иштирок мекунанд, ки мутаносибан чунин аст: маҷмӯи ёдгирӣ ба таври босира (дидан) 75%, ёдгирии самъӣ (шунидан) 13%, тариқи ламс кардан 6%, чашидан 3%, бӯйидан 3%.

4. Равиши ҳалли масъала. Ин равиш яке аз равишҳои фаъол мебошад ва агар низоми омӯзишӣ бихоҳад тавоноии ҳалли масъаларо ба талабагон ёд диҳад (масъала дар ин ҷо ба маънои расидан ба ҳадаф дар ҳар иқдоме аст),дар ин равиш омӯзиш сабаб ба ёдгирии асил,амиқ ва пойдор дар талабагон мешавад.Дар ин равиш, дар ибтидо муаллим бояд масъаларо ба таври мушаххас ба талабагон пешниҳод карда, сипас онҳоро ба ҷамъоварии иттилоот ҳидоят кунад.Дар асоси иттилооти ҷамъоваришуда талабагон бояд ба фарзиясозӣ пардохта, дар ниҳоят фарзияҳоро натиҷагирӣ кунанд.Агар муаллим равиши ҳалли масъаларо дуруст анҷом диҳад, талабагон кӯшиш мекунанд саъйи бештар дошта бошанд ва эҷодкории онҳо афзун ҳам мешавад.

5. Равиши лоиҳасозӣ. Равиши таълими лоиҳасозӣ ба талабагон имкон медиҳад қудрати роҳбарӣ, барномарезӣ ва худфаъолиятиро дар худашон рушд диҳанд.Тавассути ин равиш талабагон метавонанд вобаста ба майли худ мавзӯъи муайянро интихоб ва амалӣ кунанд.Бо ин равиш талабагон ёд мегиранд ки чигуна кореро анҷом диҳанд ва он инчунин боиси тақвияти эътимоди талабагон мешавад.

6. Шеваи суханронӣ.Муаллим ба таври шифоҳӣ иттилоот ва мафҳумҳоро дар тӯли муддати муайян (аз якчанд дақиқа то як соат ё бештар) ба талабагон ироа мекунад.Дар суханронӣ метавон муаллимро ба унвони паёмдиҳанда ва талабаро ба унвони паёмгиранда тасаввур кард.Аз ин назар суханронӣ шеваест, ки яксӯя буда, муҳтавои онро муаллим пеш аз оғози дарс муайян мекунад.

7. Шеваи бозгӯйӣ.Ин шеваест ки муаллим ба кор мебарад ва он дар азёд кардани ашъор, қоидаҳо, формулаҳо, таърифу истилоҳот ва ғайра кӯмак мерасонад. Бо истифодаи ин шева муаллим вазифаро аз талаба калима ба калима мепурсад.

8. Шеваи пурсишу посух.Ин шеваест ки муаллим ба василаи он маълумоти фарогирифташударо аз талаба тариқи саволу ҷавоб мепурсад.Муаллим вақте ки мехоҳад мафҳуми дақиқеро дар синф матраҳ намояд, ин шеваро истифода бурда, дар ин баробар мавзӯи қаблиро ба хотири талабагон меоварад.

9. Истифода аз манбаъҳои видеоӣ ва аудиоӣ. Истифода аз чунин манбаъҳо ҳоло аз шеваҳои фаъоли тадрису таълим ба ҳисоб меравнд.Дар замони муосир, замони рушди технологияҳои навин муаллим метавонад ба осонӣ аз воситаҳое, назири радио, телевизион, суратгир, сабти овоз ва ғайра истифода бурда, дарсро муассиртар гардонад.

Ҳамин тариқ, метавон равишу усулҳои зиёдеро кашф намуд, ки дар замони муосир дар дарсҳо ба таври мустақим ва ғайримустақим истифода карда мешаванд. Аз он сабаб мустақим номидем, ки баъзе равишу усулҳо бо омодагии пешакии муаллим ба кор гирифта мешаванд. Мисол, барои нишон додани слайдҳо муаллим тахтаи электрониро омода месозад, ки дар истифодаи ин равиш ӯ мустақиман тайёрӣ дидааст. Ҳамчунин, ҳолатҳое ҷой доранд, ки муаллим новобаста аз ихтиёри худ равишу усулҳоеро истифода менамояд, ки ин амр барояш ба одат мубаддал шудааст. Масалан, шеваи пурсишу посух аз чунин равишу усулҳои таълим мебошад ва аз ҳамин сабаб мо онро равиши ғайримустақим номидем.

Таълими интерактивӣ ҳамдигарфаҳмӣ, муносибат ва ғанисозии мутақобиларо таъмин намуда, вале зикр бояд намуд, ки равишу усулҳои интерактивӣ ҳеҷ гоҳ ҷойгузини дарсҳои лексионӣ шуда наметавонанд. Онҳо метавонанд танҳо ба ҷазби матолиби дарсӣ кумак

расонанд. Ин нуқта муҳим аст, ки равишу усулҳои интерактивӣ назарот, нигаришҳо ва маҳоратҳои рафториро ташаккул медиҳанд.


**АДАБИЁТ**

1. Вислобоков Н.Ю. Технологии организации интерактивного процесса обучения / Н.Ю. Вислобоков // Информатика и образование – 2011, - N 6
2. Воронкова О.Б. Информационные технологии в образовании: Интерактивные методы / О.Б.Воронкова. – Ростов н / Д: Феникс, 2010. – 315 с.
3. Малышева Т.В. Влияние методов интерактивного обучения на развитие коммуникативной компетенции учащихся / Т.В.Малышева // Учитель в школе. – 2010
4. Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол». -Душанбе, 2007.


## ЗАРУРАТИ ИСТИФОДАИ РАВИШУ УСУЛХОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ


*Чӣ тавре, ки ба мо маълум аст, усул ва ё методхои интерактивӣ нихоят гуногун ва зиёданд. Хар яке аз ин усулхо дар алохидагӣ факат як максадро ифода менамояд, ин хам бошад маводи омӯзиширо ба талабагон ба таври мушаххас ва то ҳадди имкон содда карда, пешниҳод кардан аст.*

*Дар асри мо талаботи замона натанҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишоф ёфтан, балки дар тафаккури талабагон бедор кардани пешравӣ ва хушёриву зиракиро металабад. Барои такмил додани ин хосиятхо имрӯз зарур аст, ки аз усул ва методҳои интерактивӣ ба таври фаровон истифода бурда шавад. Дар ин баробар таълими интерактивӣ ҳамдигарфаҳмӣ, муносибат ва ғанисозии мутақобиларо таъмин менамояд.*



***Калидвожаҳо**: зарурат, равиш, усулҳои муосири таълим, таълими интерактивӣ, ҳамдигарфаҳмӣ.*


## НЕОБХОДИМОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ


*Как известно, метод или интерактивные методы чрезвычайно разнообразны и многочисленны. Каждый из этих методов в отдельности служит только одной цели: представить учебный материал учащимся в конкретной и максимально простой форме.*

*В наш век требования времени требуют не только физического развития, но и пробуждения прогресса и зоркости в сознании учащихся. Для улучшения этих возможностей сегодня необходимо широко использовать интерактивные методы и приемы. В то же время интерактивное обучение способствует взаимопониманию, общению и взаимообогащению.*



***Ключевые слова:** необходимостть, подход, методы,современные методы обучения ,интерактивные методы обучения, взаимное понипание.*


## THE NEED TO USE MODERN EDUCATIONAL METHODS


*As you know, the method or interactive methods are extremely diverse and numerous. Each of these methods separately serves only one purpose: to present the educational material to students in a concrete and as simple as possible way.*

*In our age, the requirements of the time require not only physical development, but also the awakening of progress and vigilance in the minds of students. To improve these capabilities today it is necessary to widely use interactive methods and techniques. At the same time, interactive learning promotes mutual understanding, communication and mutual enrichment.*



***Keywords:** necessity, approach, methods, modern teaching methods, interactive teaching methods, mutual understanding.*



***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Мирзоева Савригул Давлатқадамовна** - омӯзгори калони кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, E-mail: mirzoeva.g@ mail.ru тел: (+992) 935880615*

***Сведения об авторе:***

***Мирзоева Савригул Давлатқадамовна** – старший преподаватель кафедры “Специальная педагогика и инклюзивное образование” Таджикского государственного педагогического университета С. Айнӣ, E-mail: mirzoeva.g@ mail.ru, Тел: (+992) 935880615*

***About the author:***

***Mirzoeva Savrigul Davlatkadamovna** - Senior Lecturer of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: mirzoeva.g@ mail.ru tel: (+992) 935880615*

**УДК 378**

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА ТАЪСИРРАСОНАНДА

***Файзуллоев Ф.Р.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Барои мафҳуми «омил» тафсирҳои гуногун мавҷуданд. Дар луғати энсиклопедӣ бо ин истилоҳ «сабаб, шартҳои муайяне, ки ба татбиқи раванд таъсир мерасонанд» дар назар дошта шудааст. [5, с.17].

Дар луғати тафсирӣ таҳти истилоҳи «омил» маънои «ҳолати муҳиме, ки ба ҳама гуна раванд, падида мусоидат мекунад» мебошад[6].

Мо чунин мешуморем, ки воқеъият – ин баъзе ҳолат, ҳодисаи муайян, ҳолати воқеъӣ, яъне ҳодисаест, ки дар ҳақиқат рӯх додааст ва ба ҳолатҳои воқеъии дигар алоқа дорад. Дар тафсири худ мо ба таърифи луғати тафсирии забони русӣ такя намудем.

Ҳангоми омӯзиши адабиёти психологию педагогӣ мо ба хулосае омадем, ки гурӯҳбандии ягонаи омилҳое вуҷуд надорад, ки ба татбиқи салоҳияти методии омӯзгорони ояндаи информатика таъсир расонанд. О.В. Хухлаева ин мавзуъро бо назардошти хусусиятҳои синну соли баррасӣ намудааст. Олимони дигар аз ҷумла, Л.М. Митина, Е.Ф. Зер, В. Сластенин, А.И. Шутенко дар тадқиқоти худ зиддиятҳои дохилишахсиро ҳамчун ҳолатҳое, ки ба инкишофи шуури касбии омӯзгор таъсир мерасонанд, муайян кардаанд.

Омилҳои берунӣ ва дохилие арзи ҳастӣ доранд, ки ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика бевосита таъсир мерасонанд, аз ҷумла:

- Омилҳои дохилӣ – хусусиятҳои психологӣ: шавқ, ҳавас, майл, рағбат, хислати шахс, эҳсосоти ӯ, ҳолати равонӣ, ки ба сохтори шахсият дохил мешаванд (А.А.Леонтьев, С.Л.Рубинштейн ва ғ.);
- Омилҳои беруна – шароитҳое, ки равандҳои психологӣ дар он сурат мегирад [2, с.12].

Ташаккул - раванд ва натиҷаи инкишофи шахсият буда, дар раванди таъсири як қатор омилҳо мебошад:

- Ирсият;
- муҳит;
- тарбия;
- фаъолнокии шахсият [4, с.24].

Ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика – ин раванди инкишоф ва ташаккули омӯзгор бо назардошти омили ирсият, ки ба рушди касбияти ӯ, тарбияи ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, фаъонокии фардӣ нигаронида шудааст.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқоти худ мо омили асосӣ – қобилиятро қайд намудем, ки ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика таъсири бевосита мерасонад.

Омилҳое, ки ба ташаккули салоҳияти методӣ бевосита таъсир мерасонанд, инҳоянд:

1. Сатҳи баланди мутобиқшавии иҷтимоӣ (касбӣ);

Омили мазкур бо меъёрҳои рафтори омӯзгори ояндаи информатика дар шароитҳои гуногуни касбӣ ва ҳолатҳои мураккабии гуногун алоқаманд аст.

Хусусиятҳои шахсияте, ки ба ташаккули ин омил нигаронида шудаанд, чунин фаҳмида мешаванд:

- ростқавлӣ;
- мавқеи шаҳрвандӣ;
- риояи принсипҳо;
- интизомнокӣ;
- меҳнатдӯстӣ;
- масъулиятшиносӣ;
- қобилиятнокӣ;
- мустақилият.

Муносиб набудан салоҳияти касбии омӯзгор бо мавҷудияти хислатҳои зерини шахсият тавсиф карда мешавад:

- бемасъулиятӣ;

- беинтизомӣ;
- бевиҷдонӣ;
- мавҷудияти хислатҳои пасти инсонӣ;
- хислати пасти ахлоқӣ.

2. Устувории ҳолати асабӣ - равонии шахсияти омӯзгориояндаи информатика.

Ин омил бо сифатҳои зерин хос аст:
- муқовимат ба стресс;
- идора кардани эҳсосоти худ ва донистани меъёрҳои рафтор;
- самаранокӣ дар фаъолияти корӣ;
- фаъолнокӣ дар ҳама ҳолат;
- мувофиқати ҳукмҳо ва аксуламалҳо ба ҳолатҳои гуногун;
- дар мувозинат будан;
- устувории асаб.

Омилҳое ҷой доранд, ки ба раванди пурмаҳсули меҳнат ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгор таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла:
- хашмгинӣ;
- бепарвоӣ;
- дар вазъиятҳои душвор кор карда натавонистан;
- мустақилона ҳал карда натавонистани масъалаҳои рӯзмарра.

3. Дараҷаи баланди инкишофи зеҳнӣ (интелектуалӣ), фаъолияти маърифатӣ.

Ин омил бо сифатҳои зерин хос аст:
- қобилияти зеҳнӣ;
- эҷодкорӣ;
- тафаккури истеҳсолӣ;
- мавқеи фаъол;
- самаранокӣ;
- бодиққат будан;
- қобилияти кор карда тавонистан бо ҳаҷми зиёди иттилоот;
- тафаккури таҳлилӣ.

Сифатҳое, ки ба раванди меҳнат ва рушди махорати касбии омӯзгор таъсири манфӣ мерасонанд:
- нотавонӣ ва майл надоштан ба кор бо ҳаҷми зиёди иттилоот;
- пассивӣ (ғайрифаъолӣ);
- бепарвоӣ.

4. Салоҳияти коммуникатсионӣ (муошират). Ин омил хислатҳои зерини шахсиятро дар назар дорад:

- қобилияти барқарор намудани робитаҳои эҳсосотӣ бо иштирокчиёни гуногуни муошират, нигоҳ доштани одоби муносибатҳои корӣ (расмӣ) бо онҳо дар доираи зарурӣ;
- фаҳмиш, қобилияти дарк намудани ҷаҳони ботинии ҳамсӯҳбат, хусусиятҳои равонии ӯ, ниёзҳо, ангезаҳои рафтор;
- некхоҳӣ, муносибати хушмуомила нисбат ба одамон, қобилияти шунидан, ҳамдилӣ;
- маҳорати озодона сӯҳбат доштан дар муоширати шифоҳӣ ва виртуалӣ;
- қобилияти амалӣ намудани стратегияи муносиби рафтори коммуникатсионӣ дар ҳолатҳои мунoқиша, дар ҳолати зарурӣ тағйир дода тавонистани услуби муошират;
- қобилияти ҳамкорӣ кардан, расидан ба созишҳо (компромиссов).

Сифатҳое, ки ба раванди фаъолият ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгор таъсири манфӣ мерасонанд:
- хашмгинӣ;
- низоъ;
- таваҷҷӯҳ ба худ ва мушкилоти худ;
- набудани муошират.

5. Қобилияти ташкилотчигӣ.

Қобилияти идора кардани намудҳои гуногуни фаъолият ва ба субъектҳои фаъолият, ки онро дар раванди ҳамкории зичи касбӣ анҷом медиҳанд, таъсири мустақим мерасонад.

Омӯзгори фанни информатика бояд дорои хислатҳои зерини шахсияте бошад, ки ба ӯ имкон диҳад фаъолияти касбиро пурмаҳсул амалӣ созад:

- ташаббускорӣ;
- фаъолияти босамар;
- масъулиятшиносӣ;
- қатъият;
- мустақилият;
- қобилияти ба низом даровардан;
- чизи асосиро аз маҷмӯа ҷудо кардан;
- доштани сифатҳои ташкилотчигӣ;
- дақиқӣ;
- интизом.

Омилҳое, ки ба мутобиқати касбии омӯзгори ояндаи информатика таъсир мерасонанд, инҳоянд:

1. Объективӣ – меъёрҳо, маҳдудиятҳое, ки аз ҷониби касб (сифатҳои хоси шахсият) нисбати субъект пешниҳод карда мешаванд.
2. Субъективӣ – сифатҳои фардӣ, равонии ҳар як субъект.

Ташаккули қобилият ва маҳорати касбии омӯзгори фанни информатика бо раванди таълим алоқаманд буда, ҳар як шакли татбиқи он ба худидоракунии омӯзгор ва рушди касбияти ӯ нигаронида шудааст. Раванди таълим ба ташаккули қобилияти методӣ таъсир мерасонад, зеро ахамияти фаъолияти касбӣ-тарбиявӣ зарурати рушд ва худомӯзии хар як субъекти ин фаъолиятро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, фаъолияти таълимӣ ва касбии донишҷӯёни фанни информатика ҳамчун омили асосӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули маҳорати методӣ таъсири бевосита мерасонад. Ин ҳолат дар асарҳои илмӣ ва методии Л. Митина, В. Якунин, К.М. Левитан, В.Г. Каташева нишон дода шудаанд [1, с. 45].

Омили калидие, ки ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори оянда бевосита таъсир мерасонад, муҳити иҷтимоӣ мебошад.

Зарурати ба таври муфассалтар дар бораи мафхуми «муҳити атроф» таваккуф кардан лозим аст, чунки дар адабиёти фалсафӣ муҳити атроф ҳамчун қисми муайяни мавҷудияти ашё фаҳмида мешавад. Муҳит олами берунаеро дар бар гирифта, бевосита ба мавзӯи таҳқиқот алоқаманд аст. Муҳити дорои сохтори худ, ҷузъҳои амалисозӣ, ҳамчун шарти ифодаи объект баромад мекунад.

Муҳити атроф аз паҳлӯҳои гуногун омӯхта мешавад. Шарҳҳои гуногуни ин истилоҳ вуҷуд доранд, ки он ҷузъи табиӣ, моддӣ, таълимӣ иҷтимоӣ, сохторӣ аз ҷониби шахс офаридашуда, объекти муайяни иттилоотиро дар бар мегирад. «Муҳити иҷтимоӣ» - ягонагии шароитҳои моддӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавие мебошад, ки ба рушди шахсият нигаронида шудааст. Муҳит ҷузъҳои умумӣ, алоҳидаро дар бар гирифта, дар онҳо ҷомеа, гурӯҳҳои одамон, оила, воҳидҳои сохторӣ ва коллектив бо ҳам фаъолияти мутақобила доранд. «Муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ» - муҳитест, ки дорои маълумоти махсус буда, барои амалӣ намудани раванди таълим ташаккул ёфтааст.

Адабиёти илмӣ собит кардаанд, ки дар бораи чӣ будани муҳити иттилоотию таҳсилотӣ андешаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки муҳити иттилоотӣ - таҳсилотӣ нармафзорест, ки барои ифодаи равандҳои мухталиф дар системаи илмҳои дақиқ нигаронида шудааст.

Дар доираи ин тадқиқот мо ба хулосае омадем, ки муҳити иттилоотӣ - таҳсилотӣ ин ҳамкории мутақобилаи тадриҷан ивазшавандаи рӯйдодҳои таҳсилотӣ, ягонагии шароити психологӣ ва таҳсилотӣ, зарурати интихоби бошууронаи, тағйир додани раванди таълим, дар амалӣ гардондани худидоракунии шахсӣ ва рушди касбияти омӯзгори ояндаи информатика аҳамияти калон дорад.

Ҳамчун таърифи «муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ»-и донишгоҳ мо чунин мафҳумеро, ки С.А. Назаров пешниҳод намудааст мефаҳмем: «Муҳити иттилоотӣ-таҳсилотии донишгоҳ як системаи педагогӣ мебошад, ки захираҳои иттилоотии таълимӣ, воситаҳои таълими компютерӣ, воситаҳои идоракунии раванди таҳсилот, қоидаҳои педагогӣ, усулҳо ва технологияҳои ташаккули шахсияти аз ҷиҳати зеҳнӣ инкишофёфтаи эҷодкори дорои сатҳи зарурии дониш ва салоҳиятҳои касбӣ» [3, с.17] доштаро дарбар мегирад.

Барои ташаккули сифатҳои касбӣ ва шахсии донишҷӯ ҷиҳати фаъолияти самаранок, ҳамкории фаъолонаи ӯ бо муҳити иттилоотӣ ва таҳсилотӣ зарур аст, ки ин дар фаъолияти тадқиқотӣ, таълимӣ, илмӣ, ташкилотӣ ифода меёбад. Илова бар ин, муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ як системаи алоҳидаест, ки барои пешгӯӣ, таҳлил, моделсозӣ алоқаманд буда, онро метавон бо назардошти ниёзҳои донишҷӯён таҳия кард.

Ташаккул ва рушди муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ бо тағйироти нави иттилоотӣ ва таърихии таълимӣ алоқаманд аст. Инкишофи он тасодуфӣ набуда, ҷузъҳо, усулҳо, марҳилаҳои ташаккули он бо иттилоотонии тамоми ҷомеа алоқаманд аст. Аз таорафи дигар, муҳити иттилоотӣ - таҳсилотӣ бо оғози истифодаи технологияи компютерӣ дар раванди таълим дар охири солҳои 70-уми асри гузашта робитаи зич дорад. Муҳити иттилоотию таҳсилотӣ ғояҳои барномавии таълимро дар бар мегирад. Таҳия ва татбиқи он бо истифодаи фаъолонаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим алоқаманд аст.

Инкишофи қобилияти методии омӯзгорони ояндаи информатика дар рушди системаи таҳсилоти олӣ, ба вуҷуд овардани механизмҳои нави раванди таълим барои такмили низоми таҳсилот ба назар гирифта мешавад. Ин низом равиши таълимӣ, талабот ба рушди захираҳо, такмили иттилоот ва малакаи касбӣ мебошад.

Мо ҷузъҳои ҳатмии муҳити иттилоотию таҳсилотии донишгоҳро ҷудо намудем:

1. Захираҳои иттилоотӣ - таҳсилотӣ:

- фонди китобхонаи муассисаи таълимӣ;
- синфхонаҳои интернетӣ (дастрасӣ ба интернет);
- таҳияи маводи таълимӣ ва методӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра;
- китобҳо ва дастурҳои электронӣ, намоишҳо, саволномаҳо ва супоришҳои тестӣ, намунаҳои иҷрои лоиҳаҳо.

2. Воситаҳои таълими компютерӣ:

- таҷҳизоти компютерӣ ва таъминоти барномавӣ;
- низоми автоматикунонии назорати дониш;

3. Низоми идоракунии раванди таҳсилот:

- комплексҳои таълимӣ – методӣ;
- принсипи модулии таҳия ва омӯзиши фанҳои таълимӣ;
- таҳия ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим;
- ташкили корҳои илмӣ – таҳқиқотии донишҷӯён, иштироки онҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ.

Ҳамин тариқ, салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика дар раванди корҳои илмии ӯ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташаккул меёбад. Асоси қобилияти касбиро гирифтани донишҳои асосӣ, тахассусӣ, психологию педагогӣ ташкил медиҳад, ки он дараҷаи азхудкунии малакаҳои фаъолияти касбии ояндаро муайян мекунад.

Донишҷӯён махсусан малакаҳои амалиро дар давраи пурраи таҳсилот соҳиб мегарданд. Гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба донишҷӯён ҷиҳати сайъ ва кушодани нерӯи ӯ ёрӣ расонида, барои амалӣ намудани фаъолияти мустақилонаи педагогӣ шароити махсус фароҳам меорад. Дар амалия донишҷӯён фаъолиятҳои гуногуни касби (таҳсилотӣ, тарбиявӣ) - ро иҷро менамоянд, одоби муошири кориро бо гурӯҳҳои гуногуни одамон (омӯзгорон, хонандагон, волидайн ва тарафҳои манфиатдор) меомӯзанд.

**АДАБИЁТ**


1. Митина Л.М. Психология труда и профессионального развития учителя. / Л.М.Митина - М.: Академия, 2004. – 320 с.
2. Мосин В. В. Полевые практики как условие формирования профессиональной компетентности будущего учителя географии: автореф. дис. канд. пед. наук / В. В. Мосин. – Санкт-Петербург, 2015. – 19 с.
3. Назаров С.А. Педагогические условия проектирования личностно-развивающей информационно-образовательной среды технического вуза: / С.А. Назаров // автореф. дис. канд. пед. наук. - Ростов-н/Д, 2006. - С. 17.
4. Подымова Л.С. Подготовка учителя к инновационной деятельности. / Л.С.Подымова - М., 1995.
5. Сарсенбаева В.И. Психологические условия подготовки будущих учителей // Психологическая наука и образование. – 2005. – № 1 – С. 16–27.
6. Толковый словарь русского языка- https://ozhegov.slovaronline.com/(дата обращение 12.09.2021).

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА ТАЪСИРРАСОНАНДА

*Дар мақолаи мазкур якчанд истилоҳоту мафҳумҳои педагогӣ аз қабили «омил», «муҳити иҷтимоӣ» ва ғайра муайян карда шудаанд, ки барои дарки ташаккули қобилият ва маҳорати касбии омӯзгори фанни информатика мусоидат мекунанд. Ин қобилиятҳо бо раванди таълим, ҳар як шакли татбиқи он алоқаманд буда, ба худшиносии омӯзгор, ташаккули касбии ӯ нигаронида шудаанд. Раванди таълим ба ташаккули қобилияти методӣ таъсир мерасонад, зеро ахамияти фаъолияти касбӣ-тарбиявӣ зарурати инкишоф ва худомузии хар як субъекти ин фаъолиятро муайян мекунад. Муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ нармафзорест, ки барои ифодаи равандҳои гуногун дар системаи илмҳои дақиқ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, дар мақола, фаъолияти таълимӣ ва касбии донишҷӯёни ихтисоси информатика ҳамчун омили асосӣ ба ҳисоб рафта, ба ташаккули салоҳияти методӣ таъсири бевосита мерасонад.*

*Муҳити иттилоотӣ ва таълимии донишгоҳ инҳоянд: захираҳои иттилоотӣ ва таълимӣ; фонди китобхонаи донишгоҳ; синфхонаҳои компютерии ба шабакаи интернет пайваст (дастрасӣ ба интернет); фондҳои кафедравӣ ҳамчун корҳои таълимӣ-методӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра; китобҳои дарсӣ ва дастурҳои электронӣ, супоришҳои тестӣ, намунаҳои иҷрои лоиҳаҳо; воситаҳои таълими компютерӣ; таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим; ташкили кори тадқиқоти илмии донишҷӯён, иштироки донишҷӯён дар конференцияҳои илмию амалӣ.*

*Аз ин рӯ, салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика дар раванди кори илмии ӯ дар донишгоҳ ташаккул меёбад. Қобилияти касбии ӯ ба омӯзиши донишҳои ибтидоӣ ва психологию педагогӣ асос ёфтааст. Беш аз ҳама, донишҷӯён дар давраи таҳсил малакаҳои амалӣ пайдо мекунанд. Таҷрибаомӯзӣ дар мактабҳо ба хонандагон барои ошкор намудани неруи онҳо кӯмак мерасонад, барои амалӣ намудани фаъолияти мустақилонаи омӯзгорӣ шароитҳои гуногун фароҳам меорад. Дар амал донишҷӯён тамоми намудҳои фаъолияти касбӣ: таълимӣ, тарбиявиро ба ҷо меоранд, инчунин бо гурӯҳҳои гуногуни одамон: муаллимон, хонандагон, падару модарон муошират карданро ёд мегиранд ва тадриҷан мутахассиси варзидаи соҳаи худ мегарданд.*

***Калидвожаҳо:*** *омил, муҳити иҷтимоӣ, ташаккули қобилият, салоҳияти методӣ, муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ, қобилияти методӣ, фаъолияти касбӣ ва таълимӣ, омили асосӣ, захираҳои иттилоотӣ ва таълимӣ; салохияти методӣ, дониши психологию педагогӣ, маҳорати амалӣ, ошкор намудани неруи онҳо.*

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ФОРМИРОВАНИЕ МЕТОДИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ ИНФОРМАТИКИ

*В данной статье определены несколько педагогических терминов и понятий как «фактор», «социальная среда» и др., которые помогают понять развитие профессиональных способностей и навыков учителя информатики. Эти способности взаимосвязаны с процессом обучения, каждой формой его реализации и направлены на саморазвитие учителя, становление его в профессии. Процесс обучения оказывает влияние на развитие методических способностей, т.к. значимость профессиональной и образовательной деятельности определяет необходимость в саморазвитии и самообразовании каждого субъекта этой деятельности. Информационно-образовательная среда является программным обеспечением, которое направлено на выражение различных процессов в системе точных наук. Таким образом, образовательная и профессиональная деятельность студентов специальности информатики рассматривается как ключевой фактор, оказывающий непосредственное воздействие на развитие методических умений.*

*Информационно-образовательной средой вуза являются: информационно-образовательные ресурсы; библиотечные фонды вуза; интернет-классы (доступ к Интернет); кафедральные фонды как учебно-методические разработки, учебные пособия и др.; электронные учебники и пособия, тестовые и другие задания, образцы выполнения проектов; компьютерные средства обучения; разработка и внедрение инновационных технологий обучения; организация научно-исследовательской работы студентов, участие студентов в научно-практических конференциях.*

*Следовательно, методические компетентности будущего преподавателя информатики начинают формироваться в процессе его исследовательской работы в вузе. В основу его профессиональных способностей лежит изучение основных и психолого-педагогических знаний. Больше всего студенты приобретают практические навыки в период обучения. Прохождение практики в школах помогает студентам раскрыть свой потенциал, создает различные условия для реализации самостоятельной педагогической деятельности. На практике студенты выполняют всевозможную профессиональную деятельность: образовательную, воспитательную, развивающую, а также учатся общаться с разными группами лиц: учителями, учениками, родителями и постепенно становятся профессионалами своего дела.*

***Ключевые слова:*** *«фактор», «социальная среда, профессиональных способностьи, навыков саморазвитие, методических способностей, профессиональной и образовательной деятельности, ключевой фактор, информационно-образовательные ресурсы; методические компетентности, психолого-педагогических знаний, практические навыки, раскрыть свой потенциал.*

## MAIN FACTORS INFLUENCING THE FORMATION OF THE METHODICAL COMPETENCE OF A FUTURE TEACHER OF INFORMATICS

*This article defines several pedagogical terms and concepts such as «factor», «social environment», etc., which help to understand the development of professional abilities and skills of a computer science teacher. These abilities are interconnected with the learning process. Each form of the learning process is implemented and directed at the teacher's self-development. The learning process has an impact on the development of methodological abilities, because the importance of professional and educational activities determines the need for self-development and self-education of each subject of this activity. Information and educational environment is software that is aimed at expressing various processes in the system of exact sciences. Thus, the article considers the educational and professional activities of computer science students as a key factor that has a direct impact on the development of methodological skills.*

*Information and educational environment of the university are: information and educational resources; library funds of the university; internet classes (internet access); cathedral funds as educational and methodological developments, teaching aids, electronic textbooks and manuals, test and other tasks, samples of project execution; computer teaching aids; development and implementation of innovative teaching technologies; organization of research work of students, participation of students in scientific and practical conferences.*

*Consequently, the methodological competence of the future teacher of computer science begins to form in the process of his research work at the university. His professional abilities are based on the study of basic and psychological and pedagogical knowledge. Most of all, students acquire practical skills during the period of study. Practicing in schools helps the students to reveal their potential, creates various conditions for the implementation of independent teaching activities. In practice, students perform all kinds of professional activities: educational, scientific, developmental, and also learn to communicate with different groups of people: teachers, students, parents and gradually become professionals in their field.*

***Key words:*** *Factor, social environment, professional abilities, self-development skills, methodological abilities, professional and educational activities, a key factor, information and educational resources; methodological competence, psychological and pedagogical knowledge, practical skills, to reveal their potential*

***Дар бораи муаллиф:***

***Файзуллоев Фарҳод Раҷабович*** *– ассистенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17., Тел.: (+992) 987153545, E-mail: programist.f@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Файзуллоев Фарход Раджабович*** *– ассистент кафедры информатики Таджикского национального университета, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. , Тел.: (+992) 987153545, E-mail: programist.f@mail.ru*

***About the author:***

***Fayzulloev Farhod Rajabovich*** *- Assistant of the Department of Informatics, Tajik National University, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: 987153545, E-mail: programist.f@mail.ru*

# ТАШАККУЛИ ШАВҚУ РАҒБАТ БА МЕҲНАТДӮСТӢ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ НАСЛИ НАВРАС

***Абдуллоева Ш. С.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ*

Педагог К.Д.Ушинский меҳнатдӯстиро хеле барҷаста тавсиф кардааст. “Меҳнат, инсонро аз нигоҳи маънавӣ ғанӣ месозад, рӯҳ, ҳиссиёти вайро тоза мекунад, барояш дақиқаҳои бешуморӣ шодкомиву фараҳ эҳдо месозад”. Ба ақидаи вай қонуни психологие амал мекунад, ки моҳияташ дар ин аст: ҳаловат бояд баробар ба меҳнат бошад. Вазифаи тарбия дар оила аз он иборат аст, ки одамро ба кор омода созанд. Барои ин бояд волидайн ба фарзандонашон ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ба меҳнат ҷалб карданро биёмӯзанд. Талабот ба меҳнатро К.Д.Ушинский ба муҳити иҷтимоӣ алоқаманд медонист, зеро таъсиротест, ки солҳо барои ташакули шахсияти инсон гузошта мешавад. [12, с.34].

Дар асари қаҳрамони халқи тоҷик академик Бобоҷон Гафуров “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” бо хуби дарҷ ёфтааст: -Инсонро меҳнат ба вуҷуд овард. Фақат дар натиҷаи таъсири меҳнат буд, ки бобо ва аҷдодони қадимаи инсон дар беша ва ҷангалҳои тропикӣ ва субтропикӣ аз вазъияти маймуни одаммонанд ба ҳолати инсонӣ гузашта тавонистанд. Инсон барои худ аслиҳа ва олоти истеҳсолӣ сохт, то ин ки дар мубориза ба муқобили табиати сахти бераҳм ба ӯ кӯмак расонад. Ӯ ин аслиҳа ва олоти худро ба оҳистаги такмил намуда ва тафаккури худро тараққӣ дода истода, дараҷаҳои паст, миёна ва олии ваҳшигӣ ва дараҷаҳои давраи бадавият (варварства)-ро тай намуда ба тамаддун (цивилизация) соҳиб шудааст. Аслиҳа ва олоти истеҳсолии аз санг сохта шуда ва процессҳои меҳнат дар тараққии инсони қадим аҳамияти ҳалкунандае доштаанд. Инчунин инсон ҳамчун олоти истеҳсолӣ чӯб ва устухонро низ кор мефармуд. Ин олот ва аслиҳаи истеҳсолӣ ба инсон имконият дод, ки вай аз неъмати табиат беҳтар таъмин гардида, барои мавҷудияти худ шароити мувофиқтаре ба вуҷуд орад.

Омӯхтани аслиҳа ва олоти гуногуни истеҳсолии корфармудаи инсони қадим, чунин нишон медиҳад, ки дар давраи ниҳоят қадим, олоти корфармудаи инсон хеле ибтидоӣ ва дағал будаанд. Даврае, ки ин гуна олот ва аслиҳа ба вуҷуд омада кор фармуда шудаанд, давраи палиолит ё худ асри сангии қадим меноманд. Аслиҳа ва олоти давраи неолит ё худ асри сангии нав бошад, то андозае як шакли такмилёфтаро ба худ акс кардаанд. Дар давраи палиолит инсон барои ин ки олоти сангини худро ба як шакле дароварад, ба ӯ лозим буд, ки бо санги дигар зада вайро тайёр кунад. Ин аст, ки аслиҳа ва олоти сангини онҳо хеле ибтидоӣ ва дағал буданд. Дар давраи неолит бошад, инсон тарошидани сангро омӯхт,аз ин ҷост, ки аслиҳа ва олоти инсон дар ин давра чи дар шакл ва чи дар функсияи ( вазифа) худ хеле такмилёфта ва гуногун буданд.

Дар ҷараёни минбаъдаи тараққиёти худ инсон аз метал (фулузот) аслиҳа ва олот сохтанро меомӯзад. Аслиҳа ва олоти сангин ба оҳистаги аввал ба олоти мисӣ ва пас ба олоти биринҷӣ иваз мешаванд. Метали навъи биринҷӣ иборат аст аз ҳамроҳ карда шудани мис бо қурғошим ё худ бо қалъагӣ. Ин кор барои ин аст, ки металро бештар сахт ва маҳкам мекунад. Инсон техникаи кор карда баромадани металлро бештар аз худ намуда, ба кори аз оҳан тайёр кардани аслиҳа ва олоти истеҳсоли сар мекунад.

Бо ин тариқа таърихи ҷамъияти ибтидоиро олимон, дар асоси аслиҳа ва олоти истеҳсолиашон, ба се давра тақсим кардаанд: 1. Асри сангӣ (палеолит ва неолит). 2. Асри биринҷӣ яъне замоне,ки барои сахт ва маҳкам шудани мис вайро бо дигар металл махлут менамуданд. 3.Асри оҳан. Ҳар кадоми аз ин давраҳои тараққиёти инсони қадим дорои муносибатҳои хоси истеҳсоли мебошад. [1, с.4].

Дар натиҷаи меҳнат муваффақияти бузурги инсони давраи неолит ихтироъ карда шудани санъати кулолӣ буд, ки дар натиҷаи беш аз беш ба ҳаёти муқимӣ гузашта истодани инсони давраи ибтидоӣ ба вуҷуд омад.

Чорводорӣ, зироат ва металургия, ки дар дохили сохтмони ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шуда, тараққӣ менамуд, ба пешрафти санъатҳои ҳунармандӣ ва мубодилаи молӣ замина ҳозир менамуд. Ба оҳистаги мубодилаҳои моллӣ ба савдо –хариду фуруш табдил ёфта дар муносибатҳои истеҳсолии ҷамъияти ибтидоӣ дигаргунии бузурге ба вуҷуд меорад. Аслиҳа ва олоти истеҳсолии аз метал сохташуда такмил мeёбанд, микдори онҳо зиёд

мешавад ва бо ин муносибат маҳсули истеҳсолкунии шахсӣ ҷорӣ шуда, хӯроквории истеҳсолшуда ба манфиати шахсӣ мегузарад.Бо ин тариқа эҳтиёҷоти коллективӣ ба оҳистагӣ табдил меёбад. [2, с.4].

Роҳандозии таҳқиқоти бунёдӣ дар ин самт нишон дод, ки ба рушди инсон, ба ташаккули фаъолияти меҳнатии инсон навъи нави прогресси илмӣ-техникӣ таъсири бузург мерасонад. Онро бояд ба ҳисоб гирифт, ки пешрафтҳои илмӣ-техникӣ дар шароитҳои кунунии бозорӣ сифатан асосҳои техникии фаъолиятҳои меҳнатӣ, муҳтавои онро дигаргун месозад ва бо ин васила ба тағйири хислату моҳияти меҳнат таъсири мустақим мерасонад. Ин дар густариши соҳаи фаъолиятҳои касбии меҳнатии одамон, зам шудани имкониятҳои табдили меҳнат ва касб, густариши оғозҳои эҷодӣ, қобилиятҳои шахсият инъикос меёбад. Дар муҳтавои меҳнат таносуби вазифаҳо ба ҷониби афзоиши эҷод, ҷустуҷӯ, зеҳн ва коҳиши фаъолиятҳои механикӣ, якрангӣ иваз мешавад. Аз ин рӯ, аз заҳматкашони даврони нави иқтисодӣ бозоргони на танҳо заҳмати ҷисмонӣ, балки тафаккур, дониш ва малакаҳои дигарро низ тақозо доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷомеаи муосир одамоне, ки ба кори умумӣ ҳисса мегузоранд, муносибати онҳо ба меҳнат нишондиҳандаи асосӣ ва ё ченаки фаъолнокии иҷтимоӣ ва балоғати шахсияти шаҳрванд ба ҳисоб меравад ва ин мақоми ӯро дар ҷомеа муайян месозад. Аз ин рӯ, насли наврас ҳам аз нигоҳи амалӣ ва ҳам аз нигоҳи психологӣ бояд ба фаъолияти меҳнатии умумиҷамъиятӣ ва истеҳсолоти хусусӣ ҷалб шавад.

Дар асарҳои худ олимони соҳаҳои зиёди илм бо зикри нақши ҳалкунандаи меҳнат дар тарбияи шахсият, ғояи пайвастани омӯзиш бо истеҳсолотро пешниҳод кардаанд. Дар шароитҳои кунунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла дар шароити бозори иқтисодӣ низ ин ғоя муҳим арзёбӣ мешавад. Бояд ин нуқтаро зикр намуд, ки меҳнати истеҳсолӣ, ки хонанда ба он мепайвандад, вазифаи муҳими психологӣ-педагогиро иҷро мекунад: чун яке аз омилҳои ҳалкунандаи тарбияи ҳамаҷонибаи рушди шахсият ва чун шароити ҳатмиву зарурии ташаккули омодагӣ ба меҳнат, тайёр намудани мутахассисон на танҳо барои воҳидҳои илмӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзии давлатӣ, балки муассисаҳои ғайридавлатӣ низ мебошад.

Дар таърихӣ тулонии педагогика мутафаккирони зиёд, маорифпарварон ва педагогҳои замони гузашта ва имрӯза ба меҳнат чун воситаи худшиносии инсон диққат медоданд. Ин ба он вобаста аст, ки рушди ҷамъият бештар ба омодагии меҳнатии насли ҷавон вобастагӣ дорад.

Дар эҷодиёти андешамандону мутафаккирони бузург Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯали ибни Сино, Носири Хусрав, Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш масъалаи тарбияи меҳнатии инсон мавқеи хосро ишғол намудааст.

Дар ҳамин иртибот бояд моҳият ва таҷрибаи омӯзиш, тарбияи педагогҳо, навоварон ва афроди соҳибтаҷрибаро омӯхт ва таҳлил намуд. Ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва фаъолиятҳои касбӣ асарҳои олимони ватанӣ А. Миралиев, О.В. Муродов, олимони бурунмарзӣ К. Д. Ушинский, Н.К.Крупская, А.С.Макаренко, В.А.Сухомлинский, А., А,Н. Леонтьевҳо, В.А.Саюшев, Г.А.Иванов, В.С.Леднев ва дигарон бахшида шудааст. Лозим ба зикр аст, ки мақолоти илмии ҷудогона аз муҳаққиқон ва мутахассисони илмҳои мухталиф ва самтҳои он ба ҳамбастагии ғояҳои асоси оид ба тарбияи меҳнатии хонандагону наврасон бахшида шудааст.

Омӯзиши асарҳои дар боло номбаршуда ва таҳлили таълифоти минбаъда дар мавзӯи таълиму тарбияи меҳнатӣ нишон медиҳад, ки оид ба масъалаи бунёди мактаби ягонаи техникаи меҳнат ва тақсими он ба ду зина андешаҳо ҳамсон нестанд. Чунончӣ, агар баъзе муҳаққиқон зарурати тақсими муассисаи таълимиро ба зинаҳо (зинаи якум – таҳсилоти умумӣ, зинаи дуюм – таҳсилоти касбӣ) ба ҳар тарз асоснок намуда бошанд, муҳаққиқони дигар ба чунин тақсим зид буданд. Масалан, Н.К. Крупская ба касбомӯзии барвақтии кӯдакон дар синни хурди андешаи зид баён намуда, онро зараровар гуфтааст: “Кӯдакро аз хурдсолӣ ба омӯзиши ин ё он касб одат кунондан ба ошкор намудани қобилиятҳои эҷодии ӯ ва инкишоф додани ин қобилиятҳо халал расонда, имкониятҳои маънавии ӯро ба нестӣ мебарад”. [3, с.22,23].

А.Г.Пашков қайд мекунад: "Технологияи политехникии кори истеҳсолӣ иртиботи онро бо омӯзиш таъмин месозад, хонандагонро ба фаъолнокии маърифатӣ ҳавасманд мекунад, шароитҳоро барои зуҳур ва инкишофи қобилиятҳои хонандагон фароҳам

меорад. Ҳадди имконпазирии натиҷаи тарбиявӣ ба он бастагӣ дорад, ки кадом ҷониби политехникӣ ва зеҳнии технологияи истифодамешуда натиҷаҳои моддии меҳнати истеҳсолии хонандагонро боло мебарад" [9, с.20]

Меҳнат – фаъолиятест, ки дар зоти худ тағйир мекунад. Ҷалби кӯдак ба кор ва рушди шахсияти ӯро В.А.Сухомлинский дар ин амалҳо медид: коре, ки худ ба худ хидмат мерасонад, худкифоӣ (барои худ) – меҳнат барои наздикон (волидон, дӯстон), ҳамчунин кор ба фоидаи коллективи синф, муассисаи таълимӣ, оила ва кулли ҷомеа. [10, с.525 ].

Педагоги машҳур А.С.Макаренко бо ибрози назар дар бораи ин ки чаро аҳамияти тарбияи меҳнатӣ дар худхизматрасонӣ, кор дар устохонаҳои ҳунармандӣ ночиз аст, диққати асосиро ба он ҷалб намуд, ки худи аҳамияти асосии ин гуна корҳо паст аст. Кор дар соҳаи худхизматарсонӣ хастакунанда, якранг аст ва унсурҳои он ҳамеша ба як сурату ҳолат такрор мешаванд ва ҳавасмандии камтар дорад. Кори ҳунармандӣ масъулиятнок аст, вале тибқи мушоҳидаҳои А.Макаренко касбӣ хонандагонро тамоил ба навъи шахсият кард, ки ин ба вазифаҳои тарбия ҷавобгӯ набуд. Вай ба ин назар буд, ки объекти тарбия метавонад танҳо кулли коллектив бошад, зеро танҳо дар коллектив ангезаҳои нав ба вуҷуд меоянд ва месабзанд, танҳо дар коллектив омилҳои пайравӣ пайдо мешаванд [5, с.499-502].

Таҳлили асарҳо оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи меҳнатӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо муаллифон ба мазмун ва усулҳои ташкили тарбияи меҳнатӣ, инъикоси масъалаҳои назария ва амалии тарбияи меҳнатӣ, самтҳои асосии фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъбасти таҷрибаи андӯхта оид ба ҷалби хонандагон ба меҳнати фоидаовари ҷамъиятӣ, масъалаҳои ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба меҳнат ва ғ. диққат медиҳанд. Дар маҷмуъ ин асарҳо ҳолати умумии фаъолияти муассисаи таълимиро дар даврони Шуравӣ вобаста ба таълиму тарбияи меҳнатии хонандагон дар рӯҳияи талаботи замон ошкор менамоянд.

Асри XXI марҳилаи нави инкишофи тамаддун аст. Он асри ҷамъияти иттилоотӣ, коммуникатсия, техника ва технология, асри муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист ва саломатии инсон аст. Давраи нави рушд, пеш аз ҳама, ҳусни тафоҳумеро тақозо менамояд, ки навгониҳо дар таҳсилот ба манфиати шахс, ҷамъият, табиат ва давлат бошанд.

Замони муосир дар назди соҳаи маориф вазифаҳои бузургро ба миён гузошта, аз он талаб менамояд, ки барои болоравии камолоти маърифати инсон ва аз бар намудани дастовардҳои илм дар раванди ҷаҳонишавӣ ва тамоюлҳои мухталифи он замина фароҳам оварад ва муносибатро ба мазмуни таҳсилот ҷиддитар намояд.

Маориф дар ҷаҳони имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал мегардад. Маориф дар тарбияи қувваи кории соҳибихтисос ва ташаккули иқтидори ҷамъияти босубот нақши ҳалкунанда мебозад. Таъминоти илм, истеҳсолот, мақомоти идора бо кадрҳои баландихтисос яке аз вазифаҳои муҳимтарини маориф мебошад, зеро иқтидори зеҳнӣ ба омили муайянкунандаи рушди ҷамъият мубаддал мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, фармудаанд, ки «…дар ин раванд як нуқтаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…»[1]

Мақсади асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф тарбияи шахси муосир, донишманд, навҷӯ ва эҷодкор мебошад, ки мувофиқи талаби замон дар пешрафти ҷомеаи миллӣ ва умумибашарӣ саҳм мегузорад.

Рушди иқтисоди ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, ба ҷорӣ намудани технологияи муосири истеҳсолӣ ва ба омода намудани кадрҳои соҳибихтисоси коргарӣ вобаста аст. Нарасидани кадрҳои коргарӣ барои корхонаҳои саноатӣ ба рушди истеҳсолот монеъ

мешавад. Ҳалли масъалаҳои омодасозии кадрҳои соҳибихтисоси коргарӣ ва мутахассисон бо вазъи заминаи моддию техникии низоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъминот бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ, кадрҳои омӯзгорӣ ва устоҳои таълими истеҳсолӣ ва алоқаи зич бо корфармоёни соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа он аст, ки бозори меҳнат дар давраи ҳозира аз номутаносибии талаботу пешниҳод гирифтори мушкилот аст. Сабаби асосии пур нашудани ҷойҳои холии кор дар он аст, ки тахассуси коргарон ба тахассуси дар диплом ва сертификати таҳсилоти онҳо навишташуда мувофиқ нест. Эътимод надоштани корфармоён ба сифати таҳсилоти мутахассисони ҷавон натиҷаи он аст, ки корфармоён ба ҷараёни муайян намудани стандартҳои касбӣ ҷалб нагардидаанд, инчунин онҳо дар ташкили таълими амалии мутахассисони ҷавон ширкат намеварзанд. Ба ибораи дигар, низоми таҳсилоти касбӣ ба талаботи корфармоён мутобиқ нашудааст.

Низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбию техникии ҷумҳурӣ аз ҳодисаҳои ибтидои солҳои 90-уми асри XX бисёр зарар дид. Новобаста ба тадбирҳои то ба имрӯз андешидашуда вазъи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Аз ин ҷиҳат зарурати куллан дигаргун намудани сохтору мазмуни таҳсилот ва мутобиқ гардондани он ба талаботи соҳаҳои асосии ҷамъият, саноат, хизматрасониҳои маишию фарҳангӣ ва ғайра ба миён омадааст. Омили асосии азнавсозии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ рушди иқтисод, техникаю технология ва бозори меҳнат мебошад.

Дар шароити нав, вақте иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар принсипҳои нави бозорӣ бунёд мегардад, тарбияи ҳаматарафаи кормандони фаъолу кордон аҳамияти хоса касб мекунад. Ин кормандон зуд ва самаранок тахассуси навро аз худ намуда, ба вазъиятҳои гуногуни истеҳсолӣ мутобиқ шуда метавонанд. Дар тайёр намудани чунин кормандон мактаби ягонаи техникаи меҳнат бояд бештар саҳмгузор бошад. Ин муассисаи таълимӣ бояд ҳамаи соҳаҳои ҷумҳуриро бо мутахассисони соҳибмаълумот ва соҳибкасб таъмин карда тавонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат шуморида, барои таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ворисони сазовори эҳтироми халқу давлат пайваста кӯшишу талош менамояд. Тоҷикистон дар давоми солҳои охир ба марҳилаи нави рушди устувори иқтисодӣ ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, бахусус дар соҳаи маориф, ки ҳамчун омили муҳимтарини инкишофи миллат ва таҳкими асосҳои давлатдорӣ муайян шудааст, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар марҳилаи кунунии раванди ислоҳоти соҳаи маориф ба мукаммалгардонии он қабули як силсила санадҳои муҳими давлатӣ бо мақсади танзими раванди идоракунӣ ва навгонии муттасил мусоидат хоҳад кард, ки ин низоми таълими моро ба меъёрҳои ҷаҳонии таълим ва аз худ намудани илмҳои муосир наздик месозад.

Рушди иқтисодиёти кишварро бе ноилшавии пешравиҳо дар илму маориф таъмин кардан ғайриимкон аст. Ҷавҳари сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ташкил медиҳад. Сатҳи тараққиёти ин ё он давлат, пеш аз ҳама аз фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста буда, заминагузории он соҳаи маориф ҳисоб меёбад.

Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд наврасонро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд.

Махсусан, вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар маҳсуб меёбад.

Иҷрои ин вазифаҳо на танҳо бевосита ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба фаъолияти дигар вазорату идораҳо, аз ҷумла Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати рушди иқтисод ва

савдо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва дигар вазорату кумитаҳои дахлдор низ вобаста аст. Нақшу аҳамияти мақомоти номбаршуда дар таълиму тарбияи меҳнатии насли наврас дар илми педагогикаи Тоҷикистон ҳоло ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Малакаҳои корӣ дар инсон ҳанӯз аз оила ва кӯдакистон оғоз ёфта, меҳнат моҳияти ҷамъиятии инсон ва шаҳрвандро ташкил мекунад ва аз содда ба мураккаб ва аз каммаҳсул ба самаранок табдил меёбад. Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб имконият фароҳам меоварад, ки хонандагон касбу кори худро вобаста ба интихобаш дӯст дорад. Мақсади асосии тарбияи меҳнатӣ зимни омӯзиши касбу ҳунар, баланд бардоштани вазъи иқтисодиёти оилаи хеш ва ватани хеш мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Чилди 1. / Б. Ғафуров - Сталинобод 1947.С.384. с.4.)
2. Ғафуров Б.Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Чилди 1. / Б. Ғафуров - Сталинобод 1947.С.384. с.11.)
3. Крупская Н.К. К закону о политехнизации / Н.К.Крупская - М.: Просвещение, 1969.-С. 22-23
4. Макаренко А.С. Выбор профессии. / А.С. Макаренко - Соч. в 7-и т. Т. 5. М., 1958,-С. 392-394.
5. Макаренко А.С. Воспитание в семье и школе./А.С. Макаренко-Соч. в 7-и.т.Т.4. М., 1957.-С.499-502
6. Макаренко А.С. Из переписки с А.М.Горьким. Соч. в 7-и т. Т. 7. М., 1958.-С.361-363.
7. Некрасов Н.А. Собр. стихотворений: / Н.А.Некрасов - В 2 т. - М., 1949. -Т. I. - С. 14.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2015.
9. Пашков А.Т. Педагогика производительного труда. / А.Т.Пашков - М.Д987.-С.20.
10. Сухомлинский В.А. Рождение гражданина. - М., 1979. - Т. I. С.525. 11.Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения. В 2-х т. Т. 1. М., 1953.
11. Ушинский К.Д. Труд в его психическом


## ТАШАККУЛИ ШАВҚУ РАҒБАТ БА МЕҲНАТДӮСТӢ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ НАСЛИ НАВРАС


*Дар соҳаи маориф тарбияи шахси комил, донишманд, навҷӯ ва эҷодкор мақсади асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рушди ҷамъият бештар ба омодагии тарбияи истеҳсолии насли наврас вобастагӣ дорад. Вазифаи муҳими психологию педагогиро меҳнати истеҳсолӣ иҷро мекунад, ки яке аз омилҳои ҳалкунандаи тарбияи ҳамаҷонибаи шахсият ба ҳисоб меравад.*



***Калидвожаҳо:*** *меҳнати истеҳсолӣ,ислоҳот, рушди иқтисодӣ, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ, технологияи инноватсионӣ, истеҳсолот, интихоби касб.*


## ФОРМИРОВАНИЕ ИНТЕРЕСА К ТРУДОЛЮБИЮ ФАКТОРОМ ПОВЫШЕНИЯ ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ


*В сфере образования воспитание современного, знающего, инновационного и творческого человека является основной целью государственной политики Республики Таджикистан. Развитие общества во многом зависит от готовности молодого поколения к продуктивной работе. Важную психолого-педагогическую задачу выполняет производительный труд, который является одним из решающих факторов всестороннего воспитания личности.*



***Ключевые слова***: *производительный труд, реформа, экономическое развитие, качество образования, человеческий капитал, инновационные технологии, производство, выбор карьеры.*


## THE FORMATION OF INTEREST TO WORK A FACTOR OF INCREASING THE MORAL UPBRINING OF THE YOUNGER GENERATION


*In the field of education, the education of a modern, knowledgeable, innovative and creative person is the main goal of the state policy of the Republic of Tajikistan. The development of society largely depends on the readiness of the young generation for productive work. An important psychological and pedagogical task is performed by productive labor, which is one of the decisive factors in the comprehensive education of the individual.*



***Keywords:*** *productive labor, reform, economic development, quality of education, human capital, innovative technologies, production, career choice.*



***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Абдуллоева Шаҳноза Сатторовна**-унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ индекс- 735360 ш. Кулоб , кучаи С.Сафаров 16, Тел: (+992) 988666040.*

***Сведения об авторе:***

***Абдуллаева Шахноза Сатторовна**-соискатель Кулябского государственного университета им. Абуабдулох Рудаки индекс- 735360 г. Куляб, улица С.Сафаров , Тел: (+992) 988666040.*

***About the author:***

***Abdullaeva Shahnoza Sattorovna** - Applicant of the Kulyab State University. Asobadulo Rudaki Index 735360 Kulyab, S.Safarov Street, Phone: (+992) 988666040;*

## ТАМОЮЛОТИ МУОСИРИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

***Сафарзода У. М.***

*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” (23.12.2022) таъкид шудааст, ки “ вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо тавассути роҳандозии барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин, иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд”[1]. Воқеан ҳам таҳсилоти касбӣ дар рушди рушди низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҷойгоҳи пешбарро ишғол менамояд ва аз сатҳу сифати он рушди усувори тамоми ҷаненбаҳои ҳаёти ҷомеа таъмини мегардад. Аз ин рӯ, тамоми масъалаҳои асосӣ, ба монанди иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву демографӣ, экологӣ ва дигар, ки бо онҳо ҷомеа рӯбарӯ мешавад, ба соҳаи таҳсилоти касбӣ таъсир мерсонад. Аз ҷониби дигар, таҳсилоти касбӣ нерӯи асосии таҳаввулдиҳандаи ҷомеа мебошад. Нақши иҷтимоию иқтисодии таҳсилоти касбӣ аз имконияти таъсиррасонӣ ба рушди ин ё он тамоюлот дар ҷомеа, тайёркунии насли наврас ба ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва маҳаллии давраи муосир, омӯзонидану пешбиникунӣ ва агар талаб карда шавад, аз паёмадҳои он огоҳ кардан иборат аст. Аз тамоюл ва самарабахшии он то дараҷаи зиёд дурнамоҳои рушди мамлакат вобастаанд. Ҳамин тариқ, низоми таҳсилоти касбӣ бояд ҳамчун воситаи появии рушди соҳаҳои Тоҷикистон, ба дастовардани сифати нави зиндагӣ баррасӣ шавад.

Таҳсилоти касбӣ шакли мураккабтарини амалияи ҷамъиятӣ буда, ҷойгоҳ ва нақши он дар ҳар як марҳилаи таърихӣ истисноӣ ва беназиранд. Имрӯз таҳсилоти касбӣ аз ҳама соҳаи афзалиятнок буда, шояд ниҳоди беназири иҷтимоие бошад, ки аз тариқи он интиқол ва таҷассуми арзишҳо ва мақсадҳои появии рушди ҷомеа амалӣ мешаванд. Дар шароити дигаргуншавии бозорӣ ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, тағйири куллии афкори идеологӣ, тасаввуроти иҷтимоӣ, маҳз таҳсилоти касбӣ имкони мутобиқшавӣ ба шароити нави ҳаётӣ, дастгирии раванди бозтавлиди ҷамъиятӣ, таҳкими самтҳои нави рушд дар шуур ва амалияи ҷамъиятиро амалӣ гардонида метавонад.

Вазъи муосири иқтисодиёти мамлакат зарурати бозсозии сохтории соҳаи истеҳсолотиро муайян мекунад, ки ногузир дар стратегияи рушди таҳсилоти касбӣ инъикос меёбад. Низоми таҳсилоти касбии Тоҷикистон аллакай марҳилаи азнавсозии демократиро дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта сипарӣ намудааст. Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии ислоҳот дар ин соҳа, аз ҷумла: демократикунонӣ, бисёрқоидавии таҳсилот, навовариҳо ва инноватсияҳо, гуманизатсияи мазмуни таълим, муттасилияти таълим ва ғайра муайян карда шуданд. Инчунин, тағйироти сифатӣ, функсионалӣ ва сохторӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ сурат гирифтанд. Хусусияти муносибатҳои мутақобилаи он бо давлат тағйир ёфта, тағйироти назаррас бо таъсири муносибатҳои бозаргонӣ (тиҷорикунонии таҳсилот) алоқамананд.

Аммо низоми таҳсилоти касбӣ ҳанӯз ҳам аз талаботи муосир қафо мемонад, ки дар робита ба ин муосиркунонии амиқи он зарур аст. Тағйироти сохтории суратгирифтаистодаро

дар низоми таҳсилоти касбии муосири ватанӣ ва тағйиротро дар нишондодҳои миқдории онҳо бо нишондоди зер шарҳ додан мумкин аст:

пайгирии роҳ ба сатҳи баланди таҳсилот ҳамчун натиҷаи пайдоиши ҳавасмандии нав дар рафтори аҳолии марбут бо арзёбии фоидаҳо аз чунин навъи сармоягузориҳо ба таҳсилоти худ ва сабаби афзоиши сармоягузориҳо ба он ва болоравии эътибори таҳсилот дар ҷумҳурӣ айни замон, пеш аз ҳама ба он рабт дорад, ки одамон имкониятҳои нави гирифтани фоидаҳои иловагиро аз ин ҳам ба таври моддӣ ва ҳам ба таври маънавӣ фаҳмиданд;

вокуниши (реаксияи) низоми таҳсилоти касбӣ дар намуди такмили хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва зиёд кардани онҳо.[5]

Қайд кардан зарур аст, ки принсипҳои мазмунии ислоҳоти низоми таҳсиллоти касбӣ таҷассуми худро ҳам дар фаъолияти қисми назарраси муассисаҳои давлатии таҳсилотӣ, ҳам дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ғайридавлатӣ, ки дар рафти ислоҳот ба вуҷуд омадаанд, ёфтаанд.

Дар ҷумҳурӣ солҳои охир гузариши босуръат аз таҳсилоти унификатсияшуда ба таҳсилоти касбии бисёрнусха сурат гирифта, барномаҳои инноватсионӣ ва муаллифии таълим зимни нигоҳдории ҳамзамони ҳамаи чизи беҳтарин аз таҷрибаи пешакӣ андӯхташуда рушд ва интишор ёфта истодаанд.

Раванди ҷаҳонишавии марбут бо тавсеаёбӣ ва амиқшавии равобити иҷтимоӣ ва ниҳодҳо дар вақту фазо дар соҳаи таҳсилоти касбӣ низ инъикос меёбад, ки дар натиҷа симои нави таҳсилот ба ташаккулёбӣ шурӯъ мекунад.[2] Таҳсилоти касбӣ ба соҳаи бахши иҷтимоии иқтисод мансуб аст ва таъсироти берунаи мусбате дорад, ки ҳам барои шахсияти алоҳида, ҳам барои ҷомеа дар маҷмӯъ аз аҳамияти ба таври истисноӣ муҳим бархӯрдоранд. Хизматрасониҳои маҷмӯи иҷтимоӣ - фарҳангии ба хизматрасонии бевоситаи ба инсон нигаронидашуда, натиҷаҳои таъсироти онҳо дорои хусусияти иҷтимоӣ буда, дар баланд шудани сатҳи таҳсилот ва фарҳанги аҳолӣ, таҳкими солимӣ ва рушди ҷисмонии шахсият зоҳир мешаванд. Хосиятҳои махсуси хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ, сабаби он мебошанд, ки муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи ин хизматрасониҳо дорои хусусияти маҳдуд мебошанд.

Бояд қайд кард, ки мақсадҳои дарозмуҳлати сиёсати таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 муайян карда шудаанд. Дар стратегияи мазкур кушиши дарёфти назариявии вазъияти ҳозира дар соҳаи таҳсилоти касбӣ дар мамлакат ва дурнамоҳои рушди он ба нақша гирифта шудааст. Ҷиҳати татбиқи назарияи мазкур барномаҳои гуногуни давлатии рушд таҳия ва татбиқ карда шуданд, ки мақсади асосии онҳо рушди низоми таҳсилот ба манфиати ташаккули шахсияти аз ҷиҳати ҳамоҳангӣ рушдёфта, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол, эҷодкор ба сифати яке аз омилҳои пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар асоси авлавияти соҳаи маорифи аз ҷониби давлат эълоншуда дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар ин робита, дар ҷумҳурӣ раванди рушдёбандаи маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилот ба мушоҳида мерасад. Дар соли 2020 хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф 4311,4 млн. сомониро ба муқобили 989,9 млн. сомонӣ дар соли 2010 ташкил доданд, яъне онҳо дар ин давра зиёда аз 4,3 маротиба зиёд шуданд. Вазни холиси хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф дар хароҷоти умумии буҷети давлат аз 14,7 то 17,3 ва ё беш аз 2,6 банди фоиз афзудааст. (ниг. ҷадвали 1.).

Айни замон дар мамлакат маблағгузории буҷави бо усули сарикасӣ суръат гирифта бузургии он сол аз сол зиёд шуда истодааст. Масалан тибқи омории расмии вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2020 хароҷот ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 1921 то 3157 сомони, ва ё 64%, ба як нафар донишҷӯи таҳсилоти олии кабӣ бошад аз 3330 то 3443 сомони зиёд шудааст.

**Ҷадвали 1.Динамикаи маблағгузории давлатии соҳаи маориф**

| | 2010 | | 2015 | | 2020 | | С.2020 нисбат ба с 2010 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Млн. сомни | Дар % | Млн.сомни | Дар % | Млн. сомни | Дар % | Млн. сомни | Дар %, бф |
| Хароҷот-ҳамагӣ, млн. сомони | 6712, 6 | 100,0 | 16277,4 | 100,0 | 24812,5 | 100,0 | 18137,3 | - |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ба соҳаҳои маориф | 989,9 | 14,7 | 2539,3 | 15,6 | 4311,4 | 17,3 | 3321,5 | 2,6 |

**Ҳисоб карда шуд аз рӯйи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2021, с. 669, 671, 575

Дар ин давра ҳамаи хароҷоти буҷави дар таҳсилоти миёнаи касбӣ беш аз 58, 5 ва дар соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат 23,5% зиёд шудааст. Ин афзоиш ҳам аз ҳисоби зиёд шудани шумораи донишҷӯён ва ҳам боло рафатани хароҷоти буҷа ба ҳар нафар донишҷуй сурат гирифтааст.(ҷадвали 2.)

Ҳар гуна муассисаи таҳсилотро имрӯз дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамчун як навъ корхона ва раванди таҳсилотиро бошад, ҳамчун раванди истеҳсолотӣ тасаввур кардан мумкин аст, ки натиҷаи он барориши маҳсули беназири иҷтимоию иқтисодӣ – хизматрасониҳои таҳсилотӣ мебошад. Зимнан, таҳсилоти аз ҷониби донишҷуй гирифташударо ба сифати воситаи истеҳсолот баррасӣ кардан мумкин аст, ки бо кумаки он дорандааш минбаъд барои худ зиндагии шоистаро таъмин менамояд. Бо ҳиссаи фаҳмои баҳспазирӣ дар бораи донишҷуй ҳамчун дар бораи маҳсуле, ки дар марҳилаи истеҳсолот қарор дорад ва дар бораи хатмкунанда бошад, ҳамчун дар бораи маҳсулоти ниҳоӣ ҳарф задан мумкин аст.[3]

**Ҷадвали 2. Хароҷоти миёнаи буҷеди давлатӣ ба як нафар донишҷуй таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

| Нишондиҳандаҳо : | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | Тағирот нисбат ба с 2017 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | миёна | олӣ | миёна | олӣ | миёна | олӣ | миёна | олӣ | миёна | олӣ |
| Шумораи донишҷуён, ҳазор нафар | 73 | 190 | 80 | 192 | 86 | 206 | 88 | 227 | 15 | 37 |
| Хароҷот ба як нафар, сомони | 1921 | 3330 | 1835 | 3157 | 2057 | 3478 | 2527 | 3443 | 606 | 31103 |
| Хароҷот ҳамагӣ, млн. сомони | 140,2 | 632,7 | 146,8 | 606,1 | 176,9 | 716,5 | 222,3 | 781,5 | 82,1 | 148,8 |

**Ҳисоб карда шуд аз рӯи:** Маҷмаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, қисми 2., с. 234

Раванди таҳсилотӣ-истеҳсолӣ истифодаи қувваи корӣ, воситаҳои корӣ, мавод, нерӯ, хизматрасониҳои гуногун, яъне хароҷотро пешбинӣ менамояд ва дар робита ба ин маҳсул дорои арзиш мешавад. Ва азбаски маҳсули таҳсилотӣ дорои қобилияти қонеъгардонии талаботи на танҳо шахсият, балки инчунин аъзоёни дигари ҷомеа мебошад (яъне дорои хусусияти на инфиродӣ, балки ҷамъиятӣ низ мебошад), пас дар ин ҳолат дар бораи арзиши истеъмолӣ ҳарф задан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, хизматрасонии таҳсилотӣ маҳсули навъи махсус маҳсуб меёбад. Хусусияташ аз он иборат аст, ки паёмадҳо аз истеъмоли хизматрасониҳои таҳсилотӣ на танҳо барои истеъмолкунандаи бевосита (бо назардошти баландшавии сифат ва сатҳи сармояи инсонии он), инчунин барои иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмӯъ мебошад. Аз ин рӯ, дар ҷумҳурӣ раванди афзоиши талаботи бебозгашти аҳолӣ ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба рушди динамикии соҳа аз ҳисоби тақвият ёфтани тиҷорисозии фаъолият ва индустрияи он мусоидат намуд[4, с.41-56].

Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 3. бармеояд, дар давраи солҳои 2010-2020 ҳамагӣ хизматрасониҳои пулакӣ ба зиёда аз 2,4 маротиба афзудааст. Хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ бошад бештар аз 2,5 маротиба зиёд шуда, суръати рушди он пештар нисбат ба суръати рушди ҳама хизматрасонии пулакӣ мебошад. Метавон гуфт, ки афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби афзоиши динамикии ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ сурат гирифт. Зеро, ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ дар ин давраи таҳлилӣ аз 9,5 то 14%, ва ё беш аз 4,5 банди фоиз афзудааст.Дар пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ нақши бахши давлатӣ сол аз сол афзуда истодааст. Зеро ин навъи хизматрасониҳо бо сабаби дорои самараҳои баланди берунаи иҷтимоӣ ба навъи хизматрасониҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим дохил мешавад. Дар давраи мавриди таҳлил ҳаҷми хизматрасониҳои таҳсилотии бахши давлати аз 204,3 то 1100,2 млн. сомонӣ ва ё беш аз 5,3 маротиба афзуд, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои

таҳсилотӣ аз 39,9 дар соли 2010 то то 59,7 дар соли 2020 расидааст, яъне дар ин давра беш аз 19,8 банди фоиз афзудааст.

**Ҷадвали 3. Динамикаи талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ**

| Солҳо | Ҳамагӣ хизматрасонии пулакӣ, млн. сомонӣ | | аз он ҷумла: | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | аз он ҷумла давлатӣ | Хизматрасонии пулакӣ соҳаи маориф, млн. сомонӣ | аз он ҷумла давлатӣ | дар % ба ҳамагӣ хизматрасонии пулакӣ |
| 2010 | 5374,5 | 1115,8 | 512,0 | 204,3 | 9,5 |
| 2011 | 6773,2 | 1947,3 | 602,6 | 261,4 | 8,9 |
| 2012 | 8661,6 | 2723,6 | 732,5 | 329,4 | 8,4 |
| 2013 | 9558,5 | 2212,0 | 829,2 | 378,1 | 8,7 |
| 2014 | 10099,9 | 1551,4 | 903,4 | 419,8 | 8,9 |
| 2015 | 9615,8 | 1125,6 | 990,2 | 481,8 | 10,3 |
| 2016 | 10033,7 | 1396,4 | 1173,8 | 633,4 | 11,6 |
| 2017 | 10884,0 | 1751,4 | 1354,8 | 775,7 | 12,8 |
| 2018 | 12130,8 | 2487,3 | 1576,5 | 878,6 | 12,9 |
| 2019 | 12983,6 | 2298,4 | 1761,1 | 1035,4 | 13,5 |
| 2020 | 13205,2 | 2824,8 | 1841,1 | 1100,2 | 14,0 |
| С.2020 ба 2010,% | 245,7 | 253,1 | 359,6 | 538,2 | 4,5 бф. |

Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. С. 643.

Ҳамин тариқ, аҳолии хоҷагиҳои хонаводагӣ талаботро ба гирифтани таҳсилот баъди қонеъгардонии “талабот ба нон” пешниҳод менамояд, аз ин рӯ ҳаҷми талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба таври динамикӣ рушд ёфта истодааст, ки ба манбаи муҳими рушди соҳаи таҳсилот табдил меёбад.

Дар айни замон, тавре ки дар боло зикр шуд, раванди ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ бо нигоҳдории инҳисори давлат дар аксари соҳаҳои иҷтимоӣ, бо шумули таҳсилоти касбӣ зимни коҳишдиҳии назарраси имкониятҳои молияии он ҳамроҳӣ дорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар баробари бахши анъанавии давлатӣ бахши бозории таҳсилот низ рушд ёфта истодааст. Оғози он бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” гузошта шуд, ки дар он ҷорикунии таҳсилоти пулакӣ пешбинӣ шуда буд. Рушди бахши бозории низоми таҳсилоти касбӣ имкон дод, ки воситаҳои маҳдуди буҷетӣ ба дастгирии самтҳои барои давлат афзалиятнок дар ин низоми равона карда шаванд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳои давлатии таҳсилотиро муқаррар карда, шаклҳои гуногуни таҳсилот ва худтаҳсилкуниро дастгирӣ менамояд; тадбирҳо оид ба нигоҳдории кафолатҳо ба гирифтани таҳсилоти ройгон андешида мешаванд, вале дар айни замон бозори хизматрасониҳои пулакӣ эҷод шуда, тавсеа ёфта истодааст. Такмили фазои иқтисодии таҳсилот касбӣ ба самти нигоҳдории фондҳои асосии муассисаҳои таҳсилот, таъминоти иқтисодии онҳо на танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, балки инчунин аз ҳисоби ҷалби манбаъҳои иловагӣ ва гузариш ба амсилаи бисёрканали маблағгузорӣ сурат гирифта истодааст.

Тамоюли устувори афзоиши талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки афзоиши манбаъҳои иловагии молиявии муассисаҳои таҳсилоти қасбиро мусоидат менамояд, метавон дар нишондиҳандаи афзоиши шумораи донишҷӯёни шартномавӣ мушоҳида намуд. Ҷуноне, ки маълумоти ҷадвали 4. нишон медиҳал дар давраи солҳои хониши 2013-2021 суръати рушди донишҷӯёни шартномавӣ, нисбат ба суръатьи рушди ҳамаи донишӯён баланд аст. Масалан дар ин давраи таҳлилӣ шумораи умумии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилдоти миёнаи касбӣ аз 19,1 то 31,2 ҳазор нафар ва ё 62% зиёд шудааст. Шумораи донишҷӯёни бо тариқи шартномавӣ хондаистода бошад аз 8,5 то 23,7 ҳазор нафар ва ё беш аз 2,7 маротиба зиёд шудааст. Коэфитсиенти суръати пешрафти донишҷӯёни шартномави ба 1,6 баробар аст(2,7/1,62). Ҳиссаи донишҷӯёни шартномавӣ дар шумораи умумии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 44,2 то 75,6% ва ё ба 31,6 банди фоиз зиёд шудааст.

**Ҷадвали 4. Шумораи донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома таҳсил мекунанд**

| Солҳо | Дар муассисаҳои таҳсилоти касбии миёна | Дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ |
|---|---|---|

| | Ҳамагӣ донишҷуён, нафар | аз он ҷумла шартномавӣ | дар % | Ҳамагӣ донишҷуён, нафар | аз он ҷумла шартномавӣ | дар % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2013-2014 | 19190 | 8498 | 44,2 | 157791 | 94453 | 59,8 |
| 2014-2015 | 23080 | 12602 | 54,6 | 167660 | 98919 | 59,0 |
| 2015-2016 | 26146 | 12485 | 47,7 | 178109 | 111037 | 62,3 |
| 2016-2017 | 23637 | 14441 | 61,1 | 189711 | 123119 | 64,8 |
| 2017 -2018 | 25434 | 16851 | 66,2 | 191550 | 130253 | 68 |
| 2018-2019 | 26764 | 16574 | 61,9 | 206327 | 145639 | 70,5 |
| 2019-2020 | 25423 | 17178 | 67,5 | 227026 | 166214 | 73,2 |
| 2020-2021 | 31266 | 23714 | 75,8 | 244652 | 182895 | 74,7 |
| с.2020-2021 нисбат ба с. 2013-2014,% | 162,9 | 279,0 | 31,6 бф | 155,0 | 193,6 | 14,9 бф |

**Ҳисоб карда шуд аз рӯи:** Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қисми 2. 2022, С 60- 126

Чунин тамоюл дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ мушоҳида мешшавад: дар давраи таҳлили шумораи умумии донишҷуён аз 157,8 то 244,6 ҳазор нафар ва ё 55% афзудааст. Шумораи донишҷуёни щартномавӣ бошад аз 9,4 то 182,9 ҳазор нафар ва ё 93,6% афзудааст. Ҳиссаи донишҷуёни шартномавӣ дар ин давоа дар шумораи умумии донишҷӯён аз 59,8 то 74,7% ва ё 14,9 банди фоиз афзудааст. Пас маълум мешавад, ки манбаи асосии морлиявии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ин маблағ ва ё сармоягузорие, ки хонаводаҳо барои пардохти хизматҳои таҳсилотӣ сарф менамоянд. Яъне, дар низоми иқтисоди бозорӣ ҷойгоҳи институти шартнома (контракт), созиши миёни истеъмолгарони хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касби доир ба харидани хизматрасониҳои таҳсилотӣ сол аз сол устувор шуда истодааст.

Афзудани талабот ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар иқтисодиёти соҳаи таҳсилот талаботро ба дигар омилҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама ба меҳнати зеҳнӣ тавлид намудааст. Ин аст, ки соҳаи таҳсилоти касбӣ ба соҳаи муҳимтари иқтисоди миллӣ мубаддал гардид, ки дар он қисми нерӯи зеҳнии ҷомеа машғул аст. [4, с.41]

Ҳамин тариқ таҳсилот, маориф ҳамчун соҳа аз маҷмӯи муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳое иборат аст, ки асосан фаъолияти таҳсилотиеро амалӣ мегардонад, ки ба қонеъгардонии талаботҳои гуногуни аҳолӣ ба хизматрасониҳои таҳсилот, ба бозтайёркунӣ ва рушди нерӯи кадрии ҷомеа нигаронида шудааст. Натиҷаҳоро ҷамъбаст намуда, қайд кардан зарур аст, ки ташаккул ва фаъолияти бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, албатта, ба қонунҳои умумии иқтисоди бозорӣ тобеъ буда, дорои як қатор хусусиятҳои махсус мебошанд. Дар байни онҳо: динамизми баланд; сегментатсияи ҳудудӣ ва хусусияти маҳаллӣ; суръати назарраси гардиши сармоя; ҳассосияти баланди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба конъюктураи бозорӣ бо сабаби имконнопазирии анборкунӣ ва ҳамлу нақли онҳо фарқгузорӣ карда мешаванд. Муносибтҳои бозории истеҳсоли хизматрасониҳои таҳсилот хусусияти марбут бо дахолати давлат ва батанзимдарории хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, инчунин маҳдудиятҳоро ба фаъолияти хусусии соҳибокорӣ доро мебошанд.

Аз ин рӯ, солҳои охир дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон дастгирӣ ва батанзимдарории соҳаи таҳсилоти касбӣ ҳарчӣ бештар густариш ёфта истодааст. Дар ин робита, дар сиёсати давлатии ҷумҳурӣ зарур аст, ки таъкид ба ҳалли қотеонаи масъалаҳои муосиркунонии мазмун ва сохтори таҳсилоти касбӣ, идоракунии он, баланд бардоштани касбияти педагогӣ муосир карда шавад. Барои ҳалли ин масъалаҳо аҳамияти калонро муносибати институтсионалӣ ба идоракунии соҳаи маориф касб мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" (23.12.2022) http://www.prezident.tj/node/29823
2. Синицкая Н.Я. Финансово-экономические основы функционирования государственных вузов. Диссертация. Москва - 2000 г. с. 9-12.
3. Барышникова А.А. Образование как услуга и товар. // Сборник научных трудов «Современное образование: опыт, проблемы, перспективы. – Оренбург, 2006 г. – с. 29-37.
4. Мирсаидов А.Б. Индустрия образования: содержание и механизмы его развитие // Экономики Таджикистан, 2020, № 1 С. 41-56
5. Мирсаидов А.Б. Институциональные изменений в сфере высшего профессионального образование

республики Таджикистан: позитивные и негативные процессы// Журнал «ASJ» — ежемесячное онлайн-издание. Украина, 2020, с 45-51
6. Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қисми 2. 2022 с. 238
7. Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қисми 2. 2022 с.239, 269
8. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора. – М., 1996. С. 39.
9. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе. – М., 1994. С. 550.

## ТАМОЮЛОТИ МУОСИРИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

*Дар мақола нақши иҷтимоию иқтисодии таҳсилоти касбӣ аз имкониятҳоии таъсиррасонии он ба рушди ин ё он тамоюлот дар ҷомеа асоснок карда шуда зарурати тайёркунии насли наврас, ки қобилияи ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва маҳаллии давраи муосирро пайдо менамоянду ҳамчун воситаи появии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ баромад намуда ба дастовардани сифати нави зиндагӣ мусоидат менамояд, таъкид шудааст. Тамоюли ташаккул ва фаъолияти бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки ба қонунҳои умумии иқтисоди бозорӣ тобеъ шуда, дорои як қатор хусусиятҳои махсус мебошанд, муаян карда шудааст. Муаллиф бахусус ба сифати динамикии баланди он, сегментатсияи ҳудудӣ ва хусусияти маҳаллӣ, суръати назарраси гардиши сармоя, ҳассосияти баланди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба конъюктураи бозорӣ бо сабаби имконнопазирии анборкунӣ ва ҳамлу нақли онҳо фарқгузорӣ карда мешаванд, таваҷӯҳи ҷиддӣ додааст. Муносибтҳои бозории истеҳсоли хизматрасониҳои таҳсилот хусусияти марбут бо дахолати давлат ва батанзимдарории хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, инчунин маҳдудиятҳоро ба фаъолияти хусусии соҳибокорӣ доро мебошанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, давлат, соҳаҳои хизматрасонӣ, иқтисодиёти маориф, хизматрасониҳои таҳсилотӣ, низоми таҳсилоти касбӣ, индустрияи таҳсилот, итилоот, иқтидори зеҳнӣ, ва г.*

## СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕТАДЖИКИСТАН

*В статье обосноваться социально-экономическая роль профессионального образования, возможностью его влияния на развитие тех или иных тенденций в обществе, подчеркивается необходимость подготовки подрастающего поколения, способного решать глобальные и локальные проблемы современного периода, выступающего в качестве основного фактора развития отраслей национальной экономики и способствующего достижению нового качества жизни. Выявлена тенденция формирования и функционирования рынка образовательных услуг, который подчиняется общим законам рыночной экономики и имеет ряд особенностей. Автор особо уделял пристальное внимание его высокому динамическому качеству, территориальной сегментации и локальному характеру, значительным темпам оборота капитала, высокой чувствительности образовательных услуг к рыночной конъектура в связи с невозможностью их складирования и транспортировки.*

***Ключевые слова***: *социально-экономическая система, государство, сферы услуг, экономика образования, образовательные услуги, система профессионального образования, индустрия образования, интеллект, интеллектуальный потенциал и др.*

## CURRENT TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF THE VOCATIONAL EDUCATION SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*The article substantiates the socio-economic role of vocational education, the possibility of its influence on the development of certain trends in society, emphasizes the need to prepare the younger generation capable of solving global and local problems of the modern period, acting as the main factor in the development of branches of the national economy and contributing to the achievement of a new quality of life. The tendency of the formation and functioning of the educational services market, which obeys the general laws of the market economy and has a number of features, is revealed. The author paid special attention to its high dynamic quality, territorial segmentation and local character, significant rates of capital turnover, high sensitivity of*

*educational services to market conditions due to the impossibility of their storage and transportation.*

***Keywords:*** *socio-economic system, state, service sectors, economics of education, educational services, vocational education system, education industry, intellect, intellectual potential, etc.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Сафарзода Умедҷони Маҳмадшариф****-унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

***Сведение об автора:***

***Сафарзода Умеджони Махмадшариф****-соискатель Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана*

***About the author:***

***Safarzoda Umejoni Mahmadsharif****-graduate of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

## ТАШАККУЛИ ХУСУСИЯТҲОИ МУСТАҚИЛИЯТНОКИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***Ганиева Ф.Ф.***

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафурова*

Мақсади ташаккули фаъолияти таълимӣ ба даст овардани дараҷаи тараққиёти хонандагон мебошад, ки онҳо мустақилона мақсади фаъолияти худро мегузоранд, амалҳои худро ба нақша медароранд, натиҷаҳои гирифташударо бо мақсади гузошташуда мувофиқ менамоянд, фаъолияти таълимиро мустақилона ба пеш мебаранд. Хонандаи бори аввал ба мактаб қадам гузошта маҳоратҳои дар боло нишон додашударо надорад. Дар ҷараёни омӯзиш ӯ бояд ба дараҷаи баланди муайяни мустақилиятнокӣ расад, супоришҳои гуногунро иҷро карда тавонад, дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ навовариҳо ба даст орад.

Оид ба муҳимияти мустақилиятнокӣ дар рафти омӯзиш ҳанӯз К.Д. Ушинский навишта буд: “Доимо бояд дар хотир дошт, ки ба хонанда на танҳо дар бораи ин ё он мафҳумҳо маълумот додан лозим аст, балки дар ӯ хоҳиши мустақилиятнокиро инкишоф додан, донишҳои навро аз худ намудан на танҳо аз китобҳо, балки аз ашёҳо, олами иҳотакарда, аз ҳодисаҳои ҳаётӣ ва ғайра лозим мебошад [10, с.104; 1, с.280].

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини мактаб дар хонандагон тарбия намудани саъю кӯшиш барои такмил додани донишҳои худ, барои дар амал татбиқ намудан онҳоро омӯзонидан, ба барои ҳосил намудани мустақилиятнокӣ ёрӣ расонидан ба шумор меравад. Диққати асосиро ҳатман ба омӯзиши мустақилиятнокии хонандагон додан лозим аст. Шарти муҳими ҷараёни таълимӣ – тарбиявӣ дар мактаб дар хонандагон ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои кори мустақилона ба ҳисоб меравад [2; 3; 4].

Масъалаи мустақилиятнокиро Я.А. Коменский коркард намудааст. Ӯ нишон додааст, ки он чиро аз ёд намудан лозим аст, ки муҳокимаи онро хуб фаҳмидан лозим аст. А.Дистервег мустақилиятнокиро принсипи асосии тарбия шуморидааст. Ӯ алоҳида қайд менамояд, ки танҳо ҳамон донишҳо ва малакаҳо қиммат доранд, ки бо роҳи мустақилона ба даст оварда шудаанд. Аз рӯи ақидаи ӯ хонандагон бо ёрии омӯзгор бояд фаҳманд, ки омӯзиши ҳаёти ҳаррӯза чӣ гуна фоида меорад. Мо қайд намудем, ки вазифаи муҳимтарини раванди омӯзиш дар хонандагон ташаккул додани донишҳо ва малакаҳои корҳои мустақилона мебошад. Таҳти роҳбарии омӯзгор хонандагон дар рафти кори мустақилона бо худомӯзӣ машғул мегарданд [8, с.238].

Кори мустақилона дар хонандагон барои аз худ намудани мазмуни маълумот аҳамияти калон дорад. Чӣ хеле ки қайд гардид, мустақилиятнокӣ дар хонандагон дар ҷараёни корҳои мустақилона инкишоф мееёбад. Мафҳуми “кори мустақилона” бисёр оддӣ менамояд – ин кор аз тарафи худи хонандагон иҷро карда мешавад.

Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки кори мустақилона ин фаъолиятест, ки фаъолиятнокӣ, эҷодкорӣ, масъулияти хонандагонро ба маводи аз худ карда мешуда менигаронад.

Маҳорати кори мустақилона дар хонандагон тез ба вуҷуд намеояд, фаъолияти мустақилонаро чунон ташкил бояд намуд, ки душвориҳои бавуҷудомадаро бартараф намуда, дараҷаи баланди мустақилиятнокиро барои ба мақсадҳои дар назди худ гузошта расидан кӯшиш намудан лозим аст. Малакаҳои кори мустақилона, ки дар ҷараёни омӯзиш ба даст оварда мешаванд, бояд тамоми умр боқӣ монанд.

Кори мустақилонаи хонандагон дар ҳамаи давраҳои ҷараёни омӯзиш ҷойи худро дорад. Барои он ки кори мустақилона натиҷаҳои мусбат диҳад, бояд дар инкишофи фаъолияти мустақилиятнокии хонандагони синни хурди мактабӣ ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ талаботҳои муайян пешниҳод карда шудаанд. Талаботҳо барои инкишофи фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсол ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ:

- фаҳмидани мақсади фаъолияти иҷрокардамешуда, ҳар як супориш ва машқ. Хонанда бояд донад, ки ӯ чӣ кор мекунад ва натиҷаи он чӣ гуна мешавад.

- истифодаи принсипи бошууронагӣ дар ташкили кори мустақилона.

Ҷараёни кори мустақилонаи мактаббача пеш аз ҳама аз омодагии ӯ ба ин намуди фаъолият вобаста аст. Диққати асосиро ба баланд бардоштани фаъолияти фаъоли мактаббачагони хурдсол ҳангоми аз худ намудани донишҳо, маҳорату малакаҳо додан лозим аст. Фаъолиятнокии хонандагон барои ба даст овардани мақсадҳои гуногуни омӯзиш лозиманд: ҳангоми гӯш карданy фаҳмонидани омӯзгор, фаҳмиши донишҳои пешниҳодкардашуда, дар хотир нигоҳ доштани онҳо, гирифтани донишҳо аз дигар сарчашмаҳо аз хонандагон кори мустақилонаро талаб менамояд. Кори мустақилона дар амал татбиқ намудани донишҳо, маҳорат ва малакаҳоро дар ҷараёни меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ муҳим мегардонад

Агар фаъолиятнокӣ дида нашавад, натиҷаи самарабахш ба даст оварда намешавад. Бе кори мустақилона дар хонандагон ягон намуди маҳорат ва малака ба вуҷуд оварда намешавад. Кори мустақилона воситаи муҳими инкишофи қобилиятҳои донистагирии хонандагон ба шумор меравад.

Дар амалияи омӯзиш ҳар як намуди кори мустақилона хусусиятҳои худро дорад, ки онҳоро омӯзгор дар рафти дарс ва берун аз он истифода мебарад ва паҳншудатарини онҳо чунинанд:

1. Кор бо китоб мебошад. Дар фанни таълимӣ китоби дарсӣ ва китобҳои ёрирасон дорад, ки онҳо барои мактаббачагон манбаи муҳити сабақомӯзӣ, машқу мустаҳкамкунии дониш ба шумор меравaнд. Бо мақсади бо китоб кор карда тавонистанро ёд додан ба муаллим лозим меояд, ки ин методро аввалан чун як усули таълим дар дохили методҳои дигар истифода барад.

Сӯҳбатеро ташкил карда истода муаллим саволеро ба мобайн мегузораду ба хонандагон таклиф мекунад, ки ҷавоби онро аз китоб ёбанд. Вазифа медиҳад, ки барои тасдиқи ин ё он фикр аз китоб иқтибосҳои лозимаро пайдо кунанд.

Бо мақсади тартиб додани нақшаҳои соддаву мураккаб, ҷойҳои зарурии матнро қайд карда гирифтан барин усулҳои махсуси кор бо китобро ба хонандагон ёд додан, вазифаҳои зеринро ба ҷо овардан лозим аст: вобаста ба мундариҷаи матн саволҳо тартиб дода шаванд, ҳикояро ба қисмҳо ҷудо карда ба ҳар яке сарлавҳаи мувофиқ гузоштан; бо мақсади интихоб кардани далелҳои зарурӣ ҷои лозимии матнро хондан ва ғайра.

Бидуни корҳои мустақилонаи таълимӣ дониш пойдор нахоҳад шуд. Дар мустақилона донишандӯзии толибилмон ҳам китоби дарсӣ ва ҳам дигар адабиётҳои мададрасон нақши муҳим мебозанд. Афроде, ки дил ба худомӯзӣ мебанданд, қуллаҳои баланди муроди хешро фатҳ менамоянд.

Муаллим дар лаҳзаи машғулиятҳо вазифадор аст, ки дар мавридҳои мушаххас тарзи аз китоб истифодабариро донад, талабагонро ба он ҳавасманд гардонад ва аз нафаҳмида хондан онҳоро худдорӣ намояд. Дар мутолиаи китоб ба принсипи пайдарпайӣ, яъне мантиқан зина ба зина фаҳмида хондан риоя бояд кард.

Кор бо китоб - ин кор бо матн, нақли мазмуни асосии қисми матн, ёфтани ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда, таҳлил, муқоиса, ҷамъбасти маводҳо мебошад.

2. Машқҳо, ки маҳорату малакаҳо дар натиҷаи такрор машққунӣ ҳосил мегардад. Ҳамаи фанҳои таълимӣ машқҳои ба худ хос дорад. Моҳияти ин метод аз он иборат аст, ки бачагон амалиётро борҳо такрор мекунанд, яъне нисбати маводи омӯхташуда машқҳои амалӣ мегузаронанд ва бо ҳамин роҳ дониши худро аниқ мегардонанд, маҳорат ва малакаҳо ҳосил мекунанд, қобилияти эҷодӣ ва истеъдодашонро инкишоф медиҳанд.

Машқҳо баъди шуурона фаҳмидагирӣ ва азхудкунии маводи омӯхташуда гузаронида мешавад. Намудҳои машқҳо инҳоянд:

а) машқҳои шифоҳӣ (ҳисоби даҳонакӣ, дар дар хотир нигоҳ доштани санаҳои таърихӣ, дуруст истифода намудани калимаҳо ва ғайра),

б) машқҳои хаттӣ аз забонҳои модарӣ, риёзӣ, хориҷӣ ва ғайра, машқҳои амалӣ аз риёзӣ, варзиш, фанҳои табиӣ ва ғайра.

Ҳангоми ташкили машқҳо ҳатман бояд фаъолияти эҷодии бачагон ба инобат гирифта шаванд ва аз онон фаросат, фикркунӣ, ҷустуҷӯй дархост гардад, то ки бо майли эҷодӣ аз худ мисолҳои нав ба нав оварда тавонанд.

3. Корҳои лабораторӣ - ки тавассути онҳо талабаҳо таҳти роҳбарии муаллим ва бо нақшаи қаблан муайянкардашуда таҷрибаҳо, ё иҷрои вазифаҳои амалӣ мегузаронанд ва дар

рафти онҳо донишҳои нав ҳосил мекунанд. Корҳои лабораторӣ бо мақсади дарк кардан маводҳои нави таълимӣ истифода бурда мешаванд ва онҳо усулҳои зайлро дар бар мегиранд:

1) гузориши мавзӯи машғулияти лабораторӣ;

2) муайян кардани тартиби кори лабораторӣ, ё марҳалаҳои алоҳидаи он;

3) бевосита иҷро кардани корҳои лабораторӣ аз ҷониби талабагон ва назорати муаллим аз болои рафти машғулият ва қатъӣ риоя кардани қоидаҳои бехатарӣ;

4) ҷамъбаст кардани кори лабораторӣ.

Тибқи корҳои лабораторӣ толибилмон ҳодисаҳои табиати атрофро бо шавқ меомӯзанд, нисбати онҳо итминони комил пайдо мекунанд. Мақсад аз омӯзиш дар талабагон ҳосил кунонидани дониш, маҳорату малакаҳо, бахусус дар амал истифода бурдани донишҳо мебошад, ки ин вазифаҳоро методи машқ ва корҳои лабораторӣ иҷро мекунанд.

4. Пурсиш хеле маъмул буда, аз тарафи ҳамаи омӯзгорон дар тамоми фанҳои таълимӣ мавриди муайян кардани сатҳи дониши хонандагон васеъ истифода бурда мешавад. Моҳияти пурсиши даҳонакӣ дар он аст, ки муаллим ба хонандагон аз мазмуни маводи омӯхташуда саволҳо мегузорад ва онҳоро ба ҷавоб додан ҳидоят намуда, дараҷаи азхудкунии ҳар якеро муайян мекунад.

Азбаски пурсиши шифоҳӣ ба тарзи саволу ҷавоб сурат мегирад, онро баъзан сӯҳбат ҳам меноманд. Пурсиши шифоҳӣ аз бисёр фанҳои таълимӣ бо иҷрои машқҳои хаттӣ анҷом меёбад, яъне хонанда ба савол даҳонакӣ ҷавоб дода истода мисол ва машқҳоро дар тахтаи синф ҳал мекунад. Дар дарсҳои забони модарӣ, риёзӣ, фанҳои табиӣ одатан пурсиши шифоҳӣ бо ҳалли амалии хаттӣ омехта мегардад. Муштарак ном гирифтани ин пурсиш дар он аст, ки муаллим дар як маврид ҳам ҷавоби даҳонакии хонандаро гӯш мекунад, ҳам ҷавобҳои хаттиро дида мебарояд ва ба онҳо баҳо мегузорад. Ин методи таълимӣ ҳангоми санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳо вақтро сарф мекунад ва ба муаллим имконият медиҳад, ки дониши хонандагони зиёдро санҷад [9].

Ёдовар мешавем, ки баъзе аз хонандагон бидуни навбати пурсишашон дар давоми тамоми машғулият фаъол иштирок мекунанд, мисолҳо меоранд, ҷавобҳои ҳамсинфашонро пурра намуда, мавриди баёни мавзӯи нав ва мустаҳкамкунии он хушфаҳмӣ зоҳир менамояд, дар охири машғулият ба онҳо ҳам муаллим метавонад баҳо монад.

Тибқи мушоҳида муаллим ба омӯзиш чӣ гуна муносибат доштани дастпарварони худро муайян карда меистад, шуурона ва мустақилона фаъолияткунӣ, майлу хоҳиш ва қобилияту хотираи онҳоро месанҷад ва арзёбӣ мекунад. Агар омӯзгор ҳаллу фасли ҳамаи ин масъалаҳоро таҳти назорати худ гирифта тавонад, ба санҷиш ва баҳогузории дониш, маҳорат малакаҳои шогирдонаш холисона рафтор карда метавонад.

5. Корҳои хонагии хонандагон. Барои баланд бардоштани сифати азхудкунии донишҳо ва санҷидану баҳогузорӣ корҳои хонагии хонандагон аҳамияти калони дидактикӣ дорад. Аз иҷрои корҳои хонагӣ ба омӯзиш чӣ гуна муносибат доштан ва дараҷаи мустақилона коркунии ҳар як хонандаро муайян кардан мумкин аст. Санҷиши корҳои хонагӣ қариб дар ҳамаи дарсҳо ба ин ё он шакл сурат мегирад. Шакли дафтарҳоро ҷамъ карда гирифта, бодиққат тафтиш кардани муаллим хеле натиҷабахш аст. Корҳои хонагии шогирдони сустхонро мунтазам санҷида истодани муаллим натиҷаи хуб медиҳад.

Ҳар як хонанда бояд мустақилона аз худ намуданро донишҳо, маҳорат ва малакаҳоро омӯзад ва дар ҳаёт татбиқ намояд. Пеш аз он ки омӯзгор ба хонандагон супориш диҳад, бояд боварӣ дошта бошад, ки онҳо қобилияти дуруст ташкил кардани кори мустақилонаи худро дошта бошанд.

6. Масъалаи муҳим – ин назорат аз тарафи омӯзгор ва худназораткунӣ аз тарафи хонандагон ба шумор меравад. Муаммои назорати амалҳои хонандагон дар ҷараёни кори мустақилона хеле мураккаб мебошад, таъмин намудани чунин назорат осон намебошад. Дар ин ҳолат худназораткунӣ аз тарафи хонанда аҳамияти калон дорад. Ба хонанда омӯзонидан лозим аст, ки аз рӯи намунаҳо супоришҳоро иҷро намоянд.

Хонандагон бо ёрии омӯзгор бояд барои иҷрои дурусти супоришҳо аз аёниятҳои гуногун истифода бурданро омӯзанд. Барои инкишофи худназораткунӣ бо истифодаи методикаи тестӣ, омӯзгор донишҳои хонандаро муайян намуд, бо ташаккули маҳорат ва малакаи хонандагон баҳо медиҳад. Омӯзгор тестро пешниҳод мекунад, хонандагон онро иҷро менамоянд, сонӣ омӯзгор калиди онҳоро медиҳад, хонандагон бо ҷавобҳои худ муқоиса менамоянд.

Назорат аз ҷониби омӯзгор бо чунин воситаҳо ба роҳ монда мешавад:

- гузориши саволҳо, барои муайян намудани маводи нав;
- гузаронидани корҳои кӯтоҳи хаттӣ бо истифода аз тахтаи синф.

Мустақилиятнокӣ сифати шахс ба шумор меравад. Мустақил будан - ин маънои “худро идора намудан”, ягон корро бе ёрии касе иҷро кардан, бо хости худ иҷро намудан мебошад. Дар радифи фаъолияти донистагирӣ дар бораи мустақилиятнокии илмӣ гуфтан мумкин аст. Яке аз аломатҳои омӯзиш он аст, ки фаъолияти донистагирии хонандагон таҳти роҳбарии

омӯзгор ба роҳ монда мешавад. Дар фаъолияти омӯзгорон оиди ташкили корҳои мустақилона дар ҷараёни омӯзиш душвориҳо дида мешаванд, ки бисёр дастурҳои таълимӣ ба инкишофи фаъолияти донистагирии хонандагон ва мустақилиятнокии онҳо пурра мувофиқат наменамоянд [7, с.23].

Ташкили кори мустақилона, роҳбарӣ ба он - ин кори ҷиддӣ ва мураккаб барои ҳар як омӯзгор ба шумор меравад. Тарбияи фаъолиятнокӣ ва мустақилиятнокиро ҳамчун қисми таркибии тарбияи хонандагон дида баромадан мумкин аст. Ин масъала дар назди ҳар як омӯзгор ба сифати вазифаи муҳим ва аввалиндараҷа меистад.

Бачагон дар натиҷаи азхудкунии маводи таълимӣ дар давоми солҳои таҳсил ба камол мерасанд ва комилан дигаргун шуда шахсияташон ташаккул мееёбанд. Ин аст қувваи мӯъҷизаовари дарсҳо, ки дар ҷараёни онҳо фаъолияти муаллиму хонанда нақши муҳим мебозад. Аз баланд шудани сифату самаранокии дарс мактабу муаллим, аҳли ҷомеа манфиат мебинанд. Дониши хонандаро ҳар дарс бойтар намуда, нерӯи фикрӣ ва кобилияташро инкишоф медиҳад, ҷаҳонбинӣ, хислатҳои ахлоқӣ, зебоипарастӣ, иродаи шахсият, муносибаташро ба меҳнат ташаккул медиҳад.

Дар дидактика муайян карда шудааст, ки ташаккули мустақилиятнокии хонандагон дар ҷараёни таълим аз дараҷаи пасти мустақилиятнокӣ мунтазам ҳар як давраи муайянро аз сар гузаронида, ба дараҷаи олӣ мегузарад. Агар мустақилиятнокиро ҳамчун сифати инсон дида бароем, он ба се давра ҷудо мегардад: тақлидкории паст, фаъолӣ - ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ.

Мақсади давраи якум - иҷро намудани супоришҳои таълимиро омӯзонидан бо воситаи намуна. Дар давраи дуюм омӯзонидани воситаҳои амал кардан дар фаъолияти таълимӣ (таҳлил, таркиб, таснифот ва ғайра), истифодаи он дар маводҳои оянддаи нав. Дар давраи сеюми мустақилиятнокии таълимӣ супоришҳо ба хонанда амал намуданро имконият медиҳанд.

Синни хурди мактабӣ, мисли дигар синну сол як қатор зиддиятҳои ба худ хосро дорост. Асосиаш он аст, ки бача дар як вақт ба ду ҳолати ба ҳам зид такя менамояд: хурдсол ва калонсол. Аз як тараф ӯ ҳаракат менамояд, ки кӯдак бимонад, яъне шахсе, ки дар назди ӯ вазифаҳо намеистанд. Аз тарафи дигар мактаббача будан, шахси масъулиятшинос, мустақил, меҳнатдӯст, вазифаҳои худро дар назди калонсолон иҷро менамояд. Дар хонандагони синни хурди мактабӣ талаботҳо бошуурона ва худидоракунанда мегарданд. Ҷараёни иродавӣ низ мунтазам инкишоф меёбад. Дар фаъолияти таълимӣ ва дар коллективи мактаббачагони хурдсол дар навбати аввал чунин сифатҳои иродавии характер, ба монанди мустақилиятнокӣ, боварӣ ба қувваи худ, пуртоқатӣ ташаккул меёбад [5, с.80].

Бо мақсади муайян намудани бавуҷудоии хусусиятҳои мустақилиятнокии хонандагони синни хурди мактабӣ дар МТМУ № 23 – и шаҳри Хуҷанд бо хонандагони синфи 3 – юм корҳои тадқиқотӣ гузаронида шуданд. Таҳқиқот омӯзишӣ ба вуҷуд овардани мустақилиятнокии хонандагони синни хурди мактабӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ ва беруназдарсиро дар назар дошт.

Хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудем: гурӯҳи якум – санҷишӣ - 22 нафар, гурӯҳи дуюм - озмоишӣ – 22 нафар. Дар тадқиқот ҳамагӣ 44 нафар хонандагон иштирок намуданд.

Дар рафти кори озмоишӣ вазифаҳои зерин ҳал карда шуданд:

1. Мушоҳида намудани ба вуҷуд омадани мустақилиятнокӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ дар мактаббачагони хурдсол дар ду гурӯҳ.
2. Муҳайё намудани шароитҳои педагогӣ, ки ба инкишофи мустақилиятнокии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ мусоидат менамоянд.
3. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлили нишондодҳои ин ду гурӯҳ.
4. Коркарди тавсияҳо барои волидон ва омӯзгорон оиди ташаккули мустақилиятнокии хонандагони синни хурди мактабӣ.

Методҳои тадқиқотии мушоҳида, сӯҳбат, озмоиш, таҳлил натиҷаҳои тадқиқот истифода бурда шуданд.

Тадқиқот аз чор давра иборат буд:

1. Мушоҳидаи хонандагон дар рафти дарсҳо ва сӯҳбат бо омӯзгорон.
2. Муҳайё намудани шароитҳо барои ташаккули мустақилиятнокии хонандагон.
3. Мушоҳида намудани хонандагон дар рафти дарсҳо.
4. Таҳлил ва муқоисаи нишондодаҳои гирифташуда.

Дар давраи якум як қатор мушоҳидаҳои муайян намудани мустақилиятнокии хонандагон дар рафти фаъолияти таълимӣ бо ду гурӯҳ дар рафти дарсҳои гуногун гузаронида шуданд. Дар рафти мушоҳида чунин тарзҳои пайдоиши мустақилиятнокӣ қайд карда шуданд: иҷрои супоришҳо мустақилона, ё аз рӯи намуна, миқдори саволҳои мустақилона, хоҳиши пурра гардонидан ва ислоҳ намудани ҷавоби рафиқон, бодиққатӣ зоҳир намудан ҳангоми иҷрои супоришҳои мустақилона ва ғайра.

Шароитҳои асосии ба вуҷуд омадани мустақилиятнокии мактаббачагони хурдсол инҳо ба ҳисоб мераванд:

1. Ба ҳисобгирии дараҷаи ташаккулёбии маҳорати таълимӣ (муқоиса намудан, таҳлил кардан, муайян намудани тартиботи амалҳо, тафтиш намудани кори худ ва ғайра).

2. Тақсимоти меҳнат байни омӯзгор ва хонанда. Дар синфҳои ибтидоӣ, ки хонандагон бояд на танҳо амал кардан аз рӯи қоидаҳо, нақшаҳоро омӯзанд, балки нақшаҳои худро сохтанро омӯзанд ва аз болои онҳо кор кунанд.

3. Ҷараёни омӯзиш бояд инкишофи ҳамаи қисматҳои шавқу завқи донистагириро ҳамчун сарчашмаи инкишофи фаъолияти таълимӣ таъмин намояд.

Диққати омӯзгорон дар рафти кори муҳайё намудани шароитҳо барои мустақилиятнокӣ ба чунин вазифаҳот нигаронида шудааст: ба хонандагон омӯзонидани гузоштани мақсадҳо дар назди худ, муайян намудани тартиби иҷрои онҳо, ҷорӣ намудани худназораткунӣ аз рӯи иҷро ва натиҷаҳои кор.

Ташаккули мустақилиятнокии таълимӣ, чӣ хеле ки мо мебинем, ин ҷараёни гуногунтарафа ва мураккаб мебошад. Дар сохтори умумии мустақилиятнокии таълимӣ ҷойи муҳимро амали назорат ишғол менамояд. Амали назорат ба хонанда муайян намудани амалиёти дуруст бароҳмондашударо имконият медиҳад. Хатогиро ислоҳ намуда, хонанда амалҳои худро асоснок менамояд (рафти иҷрои кор ва ҷамъбасти он), муқоиса намудани амалҳои иҷрокардашуда бо ҷадвали тайёр, назорати амалҳои иҷрошуда ва ғайра. Аломатҳои берунии мустақилиятнокии хонандагон аз ҷониби онҳо ба нақша гирифтани фаъолияти худ, иҷрои супоришҳо бе иштироки омӯзгор, назорат аз рӯи рафт ва натиҷаи корҳои иҷрошуда, ислоҳ намудан ва такмил додани онҳо ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников. / Ш.А.Амонашвили - М.: Педагогика, 1984. - 296 с.
2. Ахмедова, М. Ф. Подготовка будущих учителей к информатизации педагогического процесса / М. Ф. Ахмедова // Экономика XXI века: инновации, инвестиции, образование. – 2022. – Т. 10. – № 2. – С. 7-8. – EDN XXVXYF.
3. Ashrapov, B.P. Some views on students` self-sufficient work organization on the system of credit tuition / B.P. Ashrapov, N.I. Nigmatov // Актуальные научные исследования в современном мире. – 2022. – № 2-5 (82). – С. 14-17.
4. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. - DOI: 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
5. Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте. / Л.И. Божович - М., «Просвещение», 1968. - 464 с.
6. Данилов М.А. Воспитание у школьников самостоятельности и творческой активности в процессе обучения // Сов. Педагогика. -1961. - № 8 .- .32-42 с.
7. Жарова Л.В. Управление самостоятельной деятельностью учащихся. / Л.В. Жарова - Л.:ЛГУ,-1982.-261 с.
8. Константинов Н.А. Таърихи педагогика. Н.А.Константинов, Е.Н.Мединский, М.Ф.Шабаева– Душанбе, 1982, - 502 с.
9. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении. Теоретико-экспериментальное исследование. / П.И.Пидкасистый - М.: Педагогика, 1980. - 240 с.
10. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании. Собр. соч.Т.2. / К.Д.Ушинский – М: 1948. - 166 с.


## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


*В статье рассматривается вопрос об особенностях формирования самостоятельности младших школьников. Подчеркивается, что целью учебной деятельности является достижение уровня развития учащихся, самостоятельно ставящих цели своей деятельности.*

*Цель статьи сформировать у учашихся навыки самостоятельной работы и преодоления возникших трудностей и попытаться достичь высокого уровня самостоятельности для достижения поставленных целей.*

*По результатам исследования сделан вывод о том, что мониторинг играет важную роль в общей структуре учебной самостоятельности и позволяет учашихся выявить правильную операцию, а также обосновать свои действия и сопоставить выполненные действия на основе расписание.*



***Ключевые слова:*** *учебный процесс, методы обучения, самостоятельная работа, младшие школьники.*


## PECULIARITIES OF FORMATION OF JUNIOR SCHOOLCHILDREN`S INDEPENDENCE

*The article dwells on the issue beset with peculiarities of formation of junior schoolchildren`s independence. It is underscored that the purpose of the educational activity is to achieve the level of development of students, who independently set goals for their activities.*

*Purpose of the article**:** to provide students` skills of self-sufficient work and to overcome the difficulties arised and try to achieve a high level of independence to achieve their goals.*

*According to the results of the study**:** it is concluded that monitoring plays an important role in the overall of educational independence structure and it allows the reader to identify the correct operation and he/she justifies his/her actions and compares the actions performed based on the schedule.*

***Keywords:*** *educational process, methods of teaching, self-sufficient work, junior schoolchildren.*

***Сведения об авторе:***

***Ганиева Фарзонахон Фаррухджоновна*** *- преподаватель кафедры общей педагогики ГОУ "Худжандского государственного университета им. акад. Б.Гафурова" (Республики Таджикистан, Худжанд), E-mail: ganieva0697@mail.ru, Тел. (+992) 927223344;*

***About the author:***

***Ghanieva Farzonakhon Farrukhjonovna*** *- lecturer of the department pedagogic SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan Republic, Khujand), E-mail:ganieva0697@mail.ru Tel: (+992) 927223344;*

**ДК 371.384.4**

## ЭСТЕТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

***Рахматуллаев Д. Н., Рахматуллоева М. Н.***

*Худжандский Государственный университет имени Б. Гафурова*

Эстетическое воспитание представляет собой целенаправленный процесс развития творческой активной личности учащегося, обладающего способностью понимать и ценить прекрасное, трагическое, безобразное в жизни и искусстве, жить и творить «по законам красоты».

Педагогический словарь определяет эстетическое воспитание как «развитие и совершенствование способности человека воспринимать, понимать, ценить и создавать красоту в жизни и искусстве, принимать активное участие в творчестве, творить в соответствии с законами красоты» [2].

Термин «эстетическое воспитание» непосредственно связан с термином «эстетика», происходящим от греческого слова «esthesis» — чувственный. Идея эстетического воспитания зародилась еще в глубокой древности. Взгляды на сущность эстетического воспитания, его задачи менялись со времен Платона и Аристотеля до наших дней [10].

Эти изменения во взглядах были связаны с развитием эстетики как науки и пониманием сущности ее предмета. Д.Дидро и Н.Г. Чернышевский считали, что предмет эстетики как науки прекрасен. Эта категория легла в основу системы эстетического воспитания.

Эстетическое воспитание относится к процессу эмоционального развития в сфере красоты. Но в эстетике эта красота связана с искусством, с художественным отражением действительности в сознании и чувствах человека, с умением воспринимать красоту, следовать ей в жизни и создавать ее. В этом смысле сущность эстетического воспитания, по мнению И.Ф. Харламова заключается в организации разнообразной художественно-эстетической деятельности учащихся, направленной на развитие способности к полному и правильному пониманию красоты искусства и жизни, формирование понятий, эстетических вкусов и идеалов, а также формирование у них творческих способностей в области искусства. Понятие «эстетическое воспитание» включает в себя ряд родственных понятий: эстетическое развитие, эстетический вкус, эстетические идеалы, эстетическое чувство. Рассмотрим каждый из них.

Эстетическое развитие представляет собой целенаправленный процесс формирования основных сил, обеспечивающих деятельность эстетического восприятия, творческого воображения, эмоционального переживания, а также формирование духовных потребностей.

Эстетический вкус это способность человека оценивать предметы, события и ситуации на основе эстетических качеств. Важным компонентом проявления вкуса является эстетический идеал.

Эстетический идеал это целостный, социально обусловленный, эмоционально конкретный образ, отражающий мысли людей о совершенстве красоты в природе, обществе, человеке и искусстве.

Эстетическое восприятие – это субъективный эмоциональный опыт эстетического отношения к предметам и явлениям окружающего мира. Эстетическое чувство выражается в

духовном удовольствии или ненависти, которое выражается через восприятие и оценку вещей в единстве их содержания и формы. Развитие и воспитание эстетического чувства направлено на формирование у учащихся эстетических идеалов и овладение эстетическими нормами и ценностями [3].

Ученый Г.С. Лабковская отмечает, что целью эстетического воспитания является развитие эстетической активности личности не только в художественной деятельности, но прежде всего в практической жизни - в отношении человека к природе, к другим людям и к самому себе, к традициям, формам поведения, к окружающему человека миру вещей и, наконец, к искусству.

*Задачами эстетического воспитания являются:*

1. Формирование эстетического сознания, включающего в себя совокупность знаний основ эстетики, мировой и отечественной культуры, умение воспринимать и различать истинную красоту в искусстве, народном творчестве, природе, человеке.
2. Формирование эмоций, эстетических вкусов; правильное педагогическое противодействие дезориентирующим влияниям псевдокультуры; развитие мотивации (спроса, интереса) и способности к художественно-творческой деятельности.
3. Формирование способов художественно-творческой деятельности; поддержка одаренных детей: выработка опыта (умений и навыков) в организации среды обитания, труда, воспитания с учетом эстетических норм и потребностей.

И.Ф. Харламов подчеркивает, что, поскольку эстетическое воспитание осуществляется прежде всего с помощью искусства, его содержание должно охватывать изучение и знакомство учащихся с разными видами и жанрами искусства – литературой, музыкой, изобразительным искусством. Важным аспектом эстетического воспитания является также познание красоты жизни, природы, нравственного характера и поведения человека.

Важным аспектом содержания эстетического воспитания является его направленность на личностное развитие учащихся. В первую очередь необходимо формировать у учащихся эстетические требования к области искусства, понимание художественных ценностей общества. Важнейшим элементом содержания эстетического воспитания является развитие художественного восприятия учащихся. Эти представления должны охватывать широкий круг эстетических явлений. В частности, необходимо научить учащихся понимать красоту в разных видах искусства, в природе, в окружающей их жизни и в поведении людей [1].

Важной частью эстетического воспитания является овладение знаний, связанных с пониманием искусства и умением выражать свои взгляды по вопросам художественного отражения действительности. Это связано с формированием у учащихся представлений и понятий об особенностях отражения этой действительности в разных видах и жанрах искусства, развитием умения анализировать содержание и нравственно-эстетическую направленность искусства.

В контексте эстетического воспитания важную роль играет формирование у учащихся художественного вкуса, который связан с восприятием и переживанием прекрасного. Учащихся необходимо учить чувствовать красоту и гармонию подлинного произведения искусства, проявлять художественное честолюбие, а также стремление воспитывать культуру поведения.

В.И. Смирнов выделяет следующие пути реализации эстетического воспитания:

- эстетическое воспитание и образование в учебной деятельности (языку, литературе, истории, музыке, изобразительному искусству, мировой и национальной художественной культуре) и различным видам и формам внеурочной воспитательной работы;
- вовлечение художественно-творческой деятельности в учреждениях общего и дополнительного образования, культуры и т.д.

Эстетическое воспитание само по себе осуществляется только в тесном единстве со всеми другими видами воспитания. Например, психологическое воспитание учащихся, если оно осуществляется в полной мере, не должно быть отделено от нравственно-эстетического воспитания, иначе оно перестанет быть просто воспитанием, превратится в воспитателя, зубрежке [6].

Эстетическое воспитание не может осуществляться без идеологических, политических, интеллектуальных и нравственных норм. Это явление идеологического порядка и, по существу, выполняет определенную историческую и социальную функцию. Эстетическое и интеллектуальное единство определяется тем, что эстетическое отношение человека к действительности основано на познании и неотделимо от таких интеллектуальных чувств, как любопытство, любознательность, интерес.

В педагогике сущностью эстетического воспитания учащихся к общему понятию «целенаправленный процесс» является переход эстетической культуры общества на уровень эстетической культуры личности понимать и оценивать жизнь, природу, искусство с

идеально-эстетической точки зрения, принимать участие в создании эстетической реальности [5].

В современной теории эстетического воспитания общепризнанно, что эстетические потребности личности не могут быть удовлетворены только в форме мышления, потому что они проявляются и создаются в художественно-творческой деятельности [7].

О.П. Котикова и В.Г. Кухаронак отмечают, что «приоритетом эстетического воспитания учащихся является развитие их творческого потенциала. Развитие эмоциональной сферы и приобретение определенных знаний в области искусства, а также развитие эстетического сознания происходит преимущественно в процессе художественно-творческой деятельности.

Некоторые исследователи отождествляют эстетическое и художественное воспитание. Однако необходимо различать эти понятия. Б.Т. Лихачев отмечает: «Художественное воспитание - это целенаправленный процесс, в котором у учащихся развивается способность чувствовать, понимать, любить и ценить искусство, получать от него удовольствие и создавать художественные ценности».

Искусство - неотъемлемая часть эстетической культуры, так же как художественное образование - эстетическая составляющая, важная, весомая часть, охватывающая лишь одну часть человеческой деятельности. Эстетическое воспитание гораздо шире и затрагивает как искусство, так и эстетику жизни, поведения, работы и отношений [9]. Эстетическое воспитание использует художественное образование в своих целях и развивает человека не только для искусства, но и для его активной эстетической жизни.

Специфическое понимание сущности эстетического воспитания определяет и разные подходы к его целям, поэтому проблема целей и задач эстетического воспитания требует особого внимания. Цель эстетического воспитания Б.Т. Лихачев определяет ее следующим образом: «Цель эстетического воспитания правильнее определять с точки зрения единства искусства и жизни, его идейно-эстетического и воспитательного значения. Он состоит в формировании такого идейно-эмоционального отношения к искусству и жизни, которое определяется нравственно-эстетическим идеалом [8].

В процессе эстетического воспитания у учащегося формируется эстетическое сознание. Эстетическое сознание подразделяется педагогами и психологами на ряд категорий, отражающих психологическую природу эстетического воспитания и позволяющих оценить уровень эстетической культуры личности. Большинство исследователей выделяют следующие категории: эстетическое восприятие, эстетический вкус, эстетический идеал, эстетическая оценка.

Таким образом, эстетическое воспитание рассматривается как процесс, направленный на развитие способности учащихся к творчеству. При определении средств эстетического воспитания исследователи придерживаются мнения, что оно охватывает и различает все сферы жизни человека: искусство как универсальное средство эстетического воздействия на человека; среда; эстетическое общение; воспитательные, трудовые, спортивные, игровые и др. Художественное образование, воспитание и развитие имеют особое значение в эстетическом воспитании.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ashrapov, B. P. Foreign Language Learning Strategies / B. P. Ashrapov // Тенденции развития науки и образования. – 2022. – No 85-5. – P. 64-66. – DOI 10.18411/trnio-05-2022-201.
7. Маҳмудов М.А., Раҳимов М.З. Основы государства и права. (Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарси барои хонандагони синфи 8-уми мактабҳои тахсилоти умумӣ) (Матн). Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. - 200 с.
8. Маҳмудов Ш. Место воли в гражданском правоотношении. (Натиҷа ирода дар муносибатҳои ҳуқуқ) (Матн) // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе, 2003. - № 2. - 8 с.
9. Певцова Е.А. Правовое воспитание как средство формирования правовой культуры / Е.А. Певцова // Современное право. - 2003. - №8. - С. 2-23.
10. Поваринская В. Ложь нашего воспитания // Воспитние и обучение № 3. 2001. - С 113-136.
11. Спок Б. Проблемы родителей / пер. с англ. Г. Л.Холявский; худ. обл. М. В. Драко. Мн.: ООО «Попурри», 1999. -184 с.
12. Фомина А.Б. Ранняя профилактика девиантного поведения детей и подростков / А.Б.Фомина. - М., 2003. - С.118-125.
13. Шарипова Д.Я. Теоретические основы преобразования нравственно-патриотического воспитания младших школьников на основе развития критического мышления // дис. док. пед. наук. - Душанбе: 2012. - 125с

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОВОЙ ГРАМОТНОСТИ И ПРАВОСОЗНАНИЯ ПО ПРЕДУПРЕЖДЕНИЮ ЭКСТРЕМИСТСКИХ МОТИВОВ В МОЛОДЁЖНОЙ СРЕДЕ

*В статье пишется, что образовательно-воспитательные организации, школы должны стать отправной точкой деятельности подрастающего поколения в жизни общества. Основная задача общеобразовательных учреждений заключается во внедрение своих воспитанников: в формирование чувства гражданской ответственности; в формирование выработки своей жизненной позиции; в формировании умения реализации своей позиции.*

*Автор подчёркивает, что воспитание и развитие правовой грамотности, это своего рода тандем включающий в себя: целенаправленная деятельность государственных институтов; целенаправленная работа учреждений, органов и его служащих; социальные институты – семья, школа, коллектив и т.д..*

*Молодёжь, в силу своего менталитета, наиболее чувствительна к внешним преобразованиям. Она легко и быстро, на свой лад, адаптируется в новых социальных условиях, в контексте которых и происходит ценностная переориентация молодых людей.*

*По мнению автора статьи, человек тогда может чувствовать, считать себя свободным, когда осознаёт характер своих поступков, умеет отвечать за свои поступки и вполне считает себя самостоятельным человеком. Малолетние дети, которым в силу возраста, всё разрешено, пользуются относительной свободой. Они ещё не осознают ценность свободы, которая далась им «просто так». Лишь, впоследствии, уже в юношеские годы, нравственно-одарённые молодые люди, понимают «мифичность» самостоятельности и свободы, так как они дарованы родителями, а не завоёваны упорным личным трудом и борьбой за них*

***Ключевые слова:*** *трансформация, гражданское сознание, подрастающее поколение, воспитания, приоритет, ответственность, жизненная позиция, адаптация, убеждение, образовательная сфера*

## DEVELOPMENT OF LEGAL LITERACY AND LEGAL CONSCIOUSNESS FOR THE PREVENTION OF EXTREMISE MOTIVATIONS IN THE YOUTH ENVIRONMENT

*The article says that educational organizations, schools should become the starting point for the activities of the younger generation in the life of society. The main task of educational institutions is to introduce their pupils: in the formation of a sense of civic responsibility; in the development formation of one's life position; in the formation of the ability to implement their position.*

*The author emphasizes that the upbringing and development of legal literacy is a kind of tandem that includes: purposeful activity of state institutions; purposeful work of institutions, bodies and its employees; social institutions - family, school, team, etc.*

*Young people, by virtue of their mentality, are the most sensitive to external transformations. It easily and quickly, in its own way, adapts to new social conditions, in the context of which the value reorientation of young people takes place.*

*According to the author of the article, a person can then feel, consider himself free when he realizes the nature of his actions, knows how to be responsible for his actions and fully considers himself an independent person. Young children, who, due to their age, are allowed to do everything, enjoy relative freedom. They do not yet realize the value of freedom, which was given to them "just like that." Only later, already in adolescence, morally gifted young people understand the "mythical" nature of independence and freedom, since they are bestowed by parents, and not won by hard personal work and struggle for them.*

***Keywords:*** *transformation, civic consciousness, the younger generation, upbringing, priority, responsibility, life position, adaptation, persuasion, educational sphere*

***Сведения об авторе:***

***Шахбози Шорозик Шохоликзода****-соискатель кафедры общей педагогики Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова;*

***About the author:***

***Shahbozi Shorozik Shokholikzoda****-applicant of the Department of General Pedagogics of Khujand State University named after Academician B. Gafurov;*

## ҶОЙГОҲИ АМИРОНИ СОМОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ТАРБИЯВИИ РӮДАКӢ

***Хоҷаева Г.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Таҳаввулоти адабию фарҳангии замони Сомониён (875-999) бо сарварии устод Рӯдакӣ як адабиёти оламшумулеро ба миён овард, ки ин адабиёт ба эҳё ва ташаккули минбаъдаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷик асос гузошт.

Дар замони Сомониён афкори тарбиявии Рӯдакӣ ва муосиронаш дар анвои шеъри маснавӣ, қасида, қитъа, рӯбоӣ., ғазал ифода гардиданд.

Ба вижа устод Рӯдакӣ бо афкори тарбиявии хеш ба ташаккули афкори педагогии мутафаккирони тоҷик таъсири амиқе гузошт, ки роҳи асосии инкишофи афкори тарбиявиро дар либоси шеър муайян сохт.

Чи дар даврони шӯравӣ ва чӣ дар замони Истиқлол оид ба афкори тарбиявии Рӯдакӣ рисола ва мақолоти пажӯҳишӣ анҷом ёфта бошанд, аммо дар алоҳидагӣ оид ба нақши амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ тадқиқоте то ҳол ба анҷом нарасидааст.

Замони Истиқлол таҳқиқу омӯзиш ва таҳияву нашри осори Рӯдакӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шуд. Зеро осори Рӯдакӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарур мебошад. Бунёди ҷомеаи нав тарбияи инсони худшиносу худогоҳ, дорои ахлоқи неку маънавиёти баландро тақозо менамояд. Осори Рӯдакӣ саршори андешаҳои волои ахлоқию башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстию ифтихори миллӣ, ваҳдату ягонагии халқи тоҷик нақши бузург мебозад.

Дар Бухоро дар атрофи Рӯдакӣ беҳтарин суханварони давр ҷамъ омада буданд. Ба андешаи академик Б.Ғафуров дар зери таъсири эшон амирону вазирон (хонадони Сомониён - Г.Х) мирзоёну ҳокимони маҳалҳо ва фарзандони онҳо беш аз пеш ба илму адабиёт рӯ меоварданд. Дар Бухоро барои илмомӯзӣ шароити мусоид муҳайё гардида буд. Китобхонаи бузурги Сомониён "Сивон-ул-ҳикмат" (Ганҷинаи ҳикмат") хазинаи илму фалсафа, донишу фарҳанги Шарқу Ғарб буд.

Маҳз ҳамин шароити мусоиди илмӣ, ҳидояти амирони Сомонӣ Рӯдакиро ба Самарқанду Бухоро овард. Новобаста аз он,ки Рӯдакӣ нахустин афкори тарбиявии худро дар зодгоҳаш Панҷакенту баъдтар дар Самарқанд дар либоси шеър ифода намудааст, аммо дар ташаккули минбаъдаи афкори тарбиявӣ ва таълимоти педагогии ӯ ҷойгоҳи амирони Сомонӣ бағоят калон мебошад.

Устод Рӯдакӣ дар замони ҳукмронии амири Сомонӣ Насри I ибниАҳмад (даврони ҳукмрониаш солҳои 865-892 м) ба дарбори Сомониён даъват карда мешавад.

Ба андешаи профессор Расул Ҳомидзода ба дарбор омадани устод Рӯдакӣ, аз як тараф ба таклифи амирони Сомонӣ бошад, аз ҷониби дигар хоҳиши ӯ (Рӯдакӣ - Г.Х.) низ буд.

Аммо замоне афкори тарбиявии Рӯдакӣ дар байни хосу ом ба вижа амирони Сомонӣ роиҷ буд, ки устод Рӯдакӣ бо даъвати вазир Абулфазли Балъамӣ ба Бухоро омад. Давраи ташаккули ҳамаҷонибаи устод ҳамчун тарғибгари афкори ахлоқӣ, тарбиявӣ ба мартабаи амирони Сомонӣ расиданд, ки амирии Насри II Аҳмади Сомонӣ (давраи ҳукмрониаш 914 - 943 м) мебошад.

Амирони Сомонӣ Насри II, Исмоили Сомонӣ дар ташаккули минбаъдаи афкори тарбиявии Рӯдакӣ ҷойи махсусро доранд.

Дар атрофи Рӯдакӣ суханварони маъруф Шаҳидии Балхӣ, Муродӣ, Абушукури Балхӣ, Абӯмасли Бухорой, Абулмуайяди Балхӣ, ва дигарон ҷамъ омада дар маҳфилҳои адабӣ афкори пурқиммати тарбиявии хешро тарғиб намудаанд.

Далели дигари қавӣ оид ба ҷойгоҳи амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ ба вижа осори худи Рӯдакӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо муҳақиқони рӯдакишинос "сарвари шоирони Оли Сомон (яъне Рӯдакӣ - Г.Х.) Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ амр кард ба Рӯдакӣ, ки онро (Калила ва Димна" - Г.Х. –ро дар форсӣ ба куллаи назм биовард.

Рӯдакӣ худ дар байт мамолу мартабаи амирони Сомонӣ ва Бухорро дар радифи Бағдод дар ташаккули илму адаб як ҷо қарор доштан чунин тасвир намудааст:

*Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ онҷост. [1, с.67].*
*Дар маҳди амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад чунин гуфта:*
*Ҳотами Тойи туӣ андар сахо,*
*Рустами Достон туӣ андар набард. [1, с.88]*
*Имрӯз ба иқболи ту, ай мири Хуросон,*
*Ҳам неъмату ҳам рӯйи накӯ дорои васнод. [1, с.253]*

Гуманизм ва ватандӯстӣ дар адабиёти мо аз беҳтарин анъанаҳои оғозкардаи устод Рӯдакист, ки дар тӯли садсолаҳои минбаъда хеле рушду такомул ёфтааст. Рӯдакӣ устоде буд, ки пояҳои инсондӯстиву ватандӯстии назмро устувор намуда, адабиётро ба илми инсоншиносӣ табдил додааст. Дар эҷодиёти Рӯдакӣ масъалаҳои тарғиби одобу ахлоқи ҳамида, одаму одамгарӣ, дӯстиву рафоқат ва илму дониш моҳиронаву устодона тараннум шудаанд. Ба қавли ин шоири ҷаҳоншумул пешрафти ҳар инсон ба кӯшишиҳои пайваставу мақсаднок, сабру тоқат, солорию бурдборӣ, таҳаммул ва донишу таҷрибаи худи ӯ вобаста мебошад. Устод Рӯдакӣ зарурати бархурдории муштарак аз донишҳои инсоният, иштироки халқҳои гуногуни дунёро дар кори ба вуҷуд овардани ганҷинаи тамаддуни башарият, ҳамеша дар такомул будани илм ва нури маърифат будани онро таъкид менамояд. Ӯ ҳамчун таҷрибаи зиндагиро нахустмуаллим ва роҳбари асосии инсон дар роҳи ҳалли мушкилиҳо мешуморад. Вале аз дидгоҳи ин шоири бузург ба таҷрибаи рӯзгор ва ҳаводиси ҷаҳон бо чашми хирад бояд нигарист ва ин ҳамаро танҳо аз роҳи илму дониш дарак бояд кард. Зеро дониш хирадро сайқал ва чун чароғи равшан ба инсонҳо роҳи некро нишон медиҳад, ӯро аз ҳама офату зарарҳо ҳимоят менамояд ва ҳамчун шахси донишманду хирадманд дар чашми мардум мӯҳтарам мегардонад. Бинобар ин, ҳаргиз худро аз хондану илм омӯхтан канор нагиред, фарзандонатонро ба таҳсилу донишомӯзӣ ҳидоят намоед, то ки онҳо дар зиндагӣ ҳамеша комёб бошанд.

Шоири инсондӯсти чун муаллими ахлоқ тарафдори он аст, ки фарзандон бояд бо одоби писандида, ахлоқи ҳамида ва дараҷаи илму дониши худ номбардори падару модар, аҷдод ва халқу ватани хеш бошанд. Дар панду ҳикматҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ масъалаҳои ташвиқи далериву ҷавонмардӣ, меҳр варзидан ба инсонҳо, муҳаббат ба кишоварзону ҳунармандон, кӯшиши кору фаъолияти судманд, саховату некӣ, шафқату мурувват ба дармондагону мӯҳтоҷон ҷои муҳимро ишғол мекунанд. Шоир моро даъват мекунад, ки ҳамеша сабру қаноат, бурдбориву таҳаммул ва хоксориву фурӯтаниро пеша карда, аз зиштиву бадкорӣ ва кирдорҳои барои ҷомеа зарарнок худдорӣ намоем. Рӯдакӣ дар замони фаъолияти худ дар дарбори Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба мартабаҳои баландтарин соҳиб гаштааст. Вале мақсади ӯ аз пазируфтани даъвати вазир Абулфазли Балъамӣ ва ба хизмати дарбор рафтанаш соҳиби мақому мартабаи баланд шудан набуд. Чунон ки аз таърихи халқамон медонем, дар он замон бо азму талоши амирони Сомонӣ як навъ ҳаракати худшиносии миллии гузаштагони мо арзи вуҷуд кард. Ва аҳли дарбор

дар ин бобат ба ширкату роҳнамоии бузургмарди фозилу доное чун Рӯдакӣ ниёз дошт. Ва устод Рӯдакӣ, ки ниҳодаш аз эҳсоси муҳаббат ба халқ ва марзу буми худ моломол буд, бо дилу ҷон ин даъватро пазируфт. Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён софдилона хидмат намуда, то ба дараҷаи баланди сарварии шоирони замон расид ва ба ивази заҳмати эҷодии худ аз ҳокимону лашкаркашони давлати Оли Сомон инъомҳои зиёде ба даст овард. Шоир дар қасидаи "Шикоят аз пирӣ" чунин абёте дорад:

*Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,*
*Дар ӯ фузуни як панҷ мири Мокон буд.*
*Зи авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор,*
*Ба ман расид бад-он вақт, ҳоли хуб он буд.*

Ҳамин санадро Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин зеби дафтар кардааст"(Рӯдакӣ) ба карим ва зеҳне мустаҷим дошта ва аз устодони фанни шеър аст ки китоби "Калила ва Димна"- ро дар қайди назм оварда ва Амир Насрро дар ҳаққи ӯ силоти гаронмоя буд, чунон ки устод Унсурӣ шарҳи он инъом дар қасоиди худ мегӯяд".

Мувофиқи ахбори "Таърихи Систон" соли 321 ҳ. (933 м.) устод Рӯдакӣ бо хоҳиши Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ ба волии Сиистон Абӯҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Халиф ибни Лайс қасидаи "Модари май" –ро мебахшад.

Мартабаи устод Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён баланд буд. Тавре А.Афсаҳзод менависад "Дар назди шахсияти ӯ амиру вазиронаш сари таъзим фуруд меоваранд. Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ ва сарлашкарону ҳокимони қаламрави ӯ ба шоир барои касида ва достонҳояш ҷойизаҳои калон медоданд". Шоир дар қасидаи "Шикоят аз пирӣ" аз даврони зиндагии осудааш дар дарбори Сомониён шукргузорӣ карда гуфта буд:

*Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,*
*Варо бузургию неъмат зи Оли Сомон буд..*

Михаил Исаакович Занд шарқшиносои шӯравӣ яке аз пажӯҳишгарони варзидаи адабиёти замони Рӯдакӣ ба ҳисоб меравад. Мақолаи муфассалу муҳақиқ Занд "Ҷиҳатҳои зиддихилофатӣ ва иҷтимоӣ дар назми Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ" дар соли 1956 дар арафаи ҷашни 1100- солагии шоир навишта шудааст. Дар мақола омилҳои асосии рушди адабиёт дар аҳди Сомониён ва тамоилҳои халқии он ва рӯҳияи миллӣ пайдо кардани адабиёти форсӣ таҳқиқу таҳлил ёфтааст.

Муаллифи мақола аввалин маротиба аз мавзӯи ватанпарварӣ, истиқлоли давлатӣ ва мубориза ба муқобили хилофат дар адабиёти мо сухан ба миён оварда, адабиёти замони Сомониёт ва баъд аз он махсусан дар эҷодиёти Имораи Марвазӣ, Кисоӣ, Манучеҳрии Домғониро саршор аз ифтихору иқтидори давлати миллии Сомониён ва маданияти миллю анъанаҳои бостонии эрониён медонад. Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо камоли ифтихормандӣ мегӯяд: "Модари тоҷик устод Рӯдакӣ, султони сухани мулки Аҷамро ба дунё овард ва шеъри оламгири ӯро бо забони ширину гуворро, бо нармиву покии тоҷикона ба гӯши наслҳои нав ба нав мехонд ва аз боду борон, газанди рӯзгорон ҳифз намуда барои наслҳои оянда, аз ҷумла барои мову шумо, чун мероси падар ва ворисон ба ёдгор гузоштааст". Сардори давлат бар асоси ҳақиқати таърихӣ борҳо таъкид намуд, ки "таҳаввулоти адабию фарҳангии замони Сомониён як адабиёти оламшумулеро бо сарварии устод Рӯдакӣ ба миён овард, ки фуруғи ҷовидони он то рӯзҳои мо нурпошӣ мекунад. Ба шеъру шоирӣ ғайр аз шоирону олимони касбӣ, инчунин вазирон, амирзодаҳо, соҳибмансабон низ саргарм мешуданд".

Рӯдакӣ таҷрибаи зиндагиро нахустмуаллим ва роҳбари асосии инсон дар роҳи ҳалли мушкилиҳо мешуморад. Вале аз дидгоҳи ин шоири бузург ба таҷрибаи рӯзгор ва ҳаводиси ҷаҳон бо чашми хирад бояд нигарист ва ин ҳамаро танҳо аз роҳи илму дониш дарк бояд кард. Зеро дониш хирадро сайқал ва чун чароғи равшан ба инсонҳо роҳи росту некро нишон медиҳад, ӯро аз ҳама офату зарарҳо ҳимоят менамояд ва шахси донишманду хирадмандро дар чашми мардум мӯҳтарам мегардонад.

Бо ибтикор ва саъю талоши Президенти кишвар садои ҷашни 1150 - солагии Одамушшуаро, ки бо қарори Юнеско доир гардид, дар саросари ҷаҳон танинандоз гашт. Гувоҳи равшани ин он далел аст, ки Созмони Милали Муттаҳид дар таърихи мавҷудияти хеш бори аввал дар қароргоҳи худ ҷашни шоирро доир намуд ва он ҳам ҷашни устод Рӯдакӣ буд. Дар шаҳри Нию – Йорк, дар маркази Созмони Милали Муттаҳид ба ифтихори ҷашни 1150 - солагии қофиласолори назми тоҷику форс конфронси байналмилалӣ ва сипас мизи гирд доир гардид, ки дар он намояндагони 192 давлати ҷаҳон, зерсохтоҳои Созмони Милал, намояндагони тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, олимону адибону муҳаққиқон ширкат варзиданд.

Ҳангоме ки Пан Ги Мун, муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид, бо ашъор ва андешаҳои Рӯдакӣ ошноӣ пайдо кард, ба ваҷҳ омад ва дарёфт, ки идеалҳои ин созмони бонуфузтарини байналмилалӣ бо идеалҳои Рӯдакӣ ҳамоҳанг ва ҳаммаъноянд. Ин рубоии шоир қалби ӯро сахт такон дод:

*Гар ба сари нафси худ амири мардӣ,*
*Ба кӯру кар ар нуқта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Пажӯҳишу таҳқиқоти педагогӣ дар масири 21 соли Истиқлол роҷеъ ба таълимоти педагогии Рӯдакӣ аз ишораву мақолоти илмии ҷузъӣ рисолаҳои илмии алоҳида ба миён омада бошад, доир ба муайян намудани ҷойгоҳи амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ гиреҳҳои нокушода ва масъалаҳои ҳалношудаву баҳсталаб бисёранд, ки дар таърихи афкори педагогии халқи тоҷик ҳанӯз ҳам ҳаллу фасли хешро наёфтаанд.

Муҳимияти дигар таҳқиқоти илмӣ перомуни ин мавзӯъ дар он аст, ки маҳз тавассути амирони Сомонӣ анъанаҳои беҳтарини афкори тарбиявии мардуми тоҷики пеш аз исломӣ бо равияю услуби нав дар осори Рӯдакӣ инкишоф ёфт.

На танҳо ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ балки эҳё ва ташаккули афкори педагогии халқи тоҷик ба амирони Сомонӣ мансуб мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Бобоҷон, Ғ. "Таърихи мухтасари халқи тоҷик". / Ғ.Бобоҷон - Душанбе,1972,-704 с.
2. Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён: Тоҷикон дар асрҳои IX-X. / Н.Н.Неъматов - Душанбе, – Нашриёти «Ирфон», 1989.-304 с.
3. Неъматов Н.Н. Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ" / Н.Н.Неъматов - Нашриёти "Ирфон", Пайванд, 1988., С.232
4. Рӯдакӣ А. Девони Рӯдакӣ. Душанбе, / А.Рӯдакӣ - "Бухоро" 2015.-334 с.
5. Қодиров К. Мактаб ва ақидаҳои педагогии давраи Сомониён. / К.Қодиров Душанбе, 1993.-305 с.
6. Занд М. Антихалифатские и соқиалӣно-болечителӣнҷе мотивҷ в таджикской поэзии X века. / М.Занд - Сталинобод, 1954.-Т.27.
7. Расул,Ҳ. Саманиды и персидско-таджикская цивилизация / Ҳ.Расул -Душанбе- 1988. – 414с.


## ҶОЙГОҲИ АМИРОНИ СОМОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ТАРБИЯВИИ РӮДАКӢ


*Дар мақола нақши таҳаввулоти адабию фарҳангии замони Сомониён бо роҳбарии устод Рӯдакӣ адабиёти оламшумулеро ба миён овард, ки ин адабиёт ба эҳё ва ташаккули афкории педагогии мутафаккирони минбаъдаи адабиёти тоҷик замина гузошт. Чуноне, ки дар замони Сомониён афкори тарбиявии Рӯдакӣ ва муосиронаш дар анвои шеърии маснавӣ, қасида, қитъа, рубоӣ, ғазал ифшо гардидааст.*

*Аз ҷумла устод Рӯдакӣ бо афкори тарбиявии хеш ба ташаккули афкори педагогии мутафаккири тоҷик таъсири амиқе гузошт, ки роҳи асосии инкишофи афкори тарбиявиро дар осори худ ҷой додааст.*

*Чӣ дар даврони шӯравӣ ва чӣ дар даврони Истиқлол оид ба афкори тарбиявӣ, дар маҷмӯъ афкори педагогии Рӯдакӣ рисола ва мақолаҳои пажӯҳишӣ хотима ёфта бошанд, аммо то ҷое нақши амирони Сомониро дар ташаккули афкори педагогии Рӯдакӣ то ҳол тадқиқоти муайяне дар алоҳидагӣ ба анҷом нарасидааст.*



***Вожаҳои калидӣ:*** *Рӯдакӣ, адабиёти тоҷик,тарбияи маънавӣ, давлати сомониён, афкори педагогӣ, шӯравӣ. масоил, адён.*


## МЕСТО ЭМИРОВ САМАНИДОВ В ФОРМИРОВАНИИ ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ ИДЕЙ РУДАКИ


*В статье рассматривается роль литературно-культурной эволюции саманидской эпохи под руководством мыслителя Рудаки, породила универсальную литературу, заложившую основу для возрожения и формирования педагогических идей позднейших мыслителей таджикской литературы. Как и во времена саманидов просветительские идеи Рудаки и его современников раскрывались в форме маснавской поэзии, оды, сюжета, рубаи, газели.*

*В частности Рудаки своей просветительской мыслью оказал глубокое влияние на формирование педагогической мысли таджкиского мыслителя, поставившего основной путь развития просветительской мысли в своих произведениях.*

*Как в советское время, так и в эпоху независимости относительно воспитательных идей, в целом педагогических идей Рудаки, тезисы и исследовательские статьи завершены, но в какой степени роль саманидских эмиров в формировании педагогических идей Рудаки еще не изучена и совершил отдельное исследование.*

***Ключевые слова:*** *духвоное воспитание, саманидские мысли, педагогические мысли, советское.*

**THE PLACE OF THE SAMANID EMIRS IN THE FORMATION OF RUDAKI'S EDUCATIONAL IDEAS**

*The article discusses the role of the literary and cultural evolution of the Samanid era under the guidance of the thinker Rudaki, which gave rise to a universal literature that laid the revival and formation of the pedagogical ideas of the later thinkers of Tajik literature. As in the times of the Samanids, the educational ideas of Rudaki and his contemporaries were revealed in the form of masnav, poetry, ode, plot, rubai, ghazal.*

*In particular, Rudaki, with his educational thought, had a profound influence on the formation of the pedagogical thought of the Tajik thinker, who set the main path for the development of educational thought in his works.*

***Сведения об авторе:***

***Ходжаева Г.,*** *старший преподаватель общеуниверситетской кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Тел: (+992) 004048205*

***About the author:***

***Hojaeva G.,*** *Senior Lecturer, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Tel: (+992) 004048205*

## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҶИСМОНӢ ВА СИФАТҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН БО ВОСИТАҲОИ ЯКҲАРБАҲОИ ШАРҚӢ

***Қаюмов М. И.***

*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*

Низоми муосири маориф ва тарбия, ки дар марҳилаи ислоҳот қарор дорад, асоси азалии маъолияти худ – ғояи тарбияи ҳамаҷонибаи шахсиятро қабул мекунад. Тарбияи шахсияти якпорча, ки дорои дарки чаҳон ва худ буда, қобил аст бо олами иҳотакунанда ба таври ҳамоҳанг ҳамзистӣ карда, дар ин ҳамзистӣ озод, эҷодкор ва маҳсулнок буда, ҳамзамон масъулиятро барои фаъолияти шахсии худ ва натиҷаҳои он дарк кунад, бидуни раванди тарбияи фарҳанги ҷисмонӣ ва маънавии шахсият имконнопазир аст.

Фазои муассири ташкили чунин раванди тарбиявиро низоми тарбияи ҷисмонӣ шуморидан мумкин аст. Аммо дар соҳаи фарҳанги муосири ҷисмонӣ ва варзиш масъалаҳое ба мадди аввал гузошта мешаванд, ки бо камолоти маънавии шахсият алоқаманд мебошанд. Ин масъалаҳо инъикоси равандҳои дар ҷомеа дар маҷмӯъ бaамалоянда мебошанд. Азхудкунии арзишҳои фарҳангии олами калонсол аз ҷониби насли наврас дар шароити бесуботи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, психологӣ ба вуқӯъ омада истодааст, вақте ки дар рафти ивазшавии навъҳои фарҳанги маънавӣ арзишҳои анъанавии ҷомеа вайрон шуда, фазои ахлоқӣ манфӣ гардида, халои бавуҷудомадаи маънавӣ бошад, бо миллатчигӣ, ифротгароӣ, идеологияи истеъмолгарӣ, сирф паргматикӣ пур мешавад [2, с. 27].

Фарҳанги ҷисмонӣ соҳаи махсус ва мустақили фарҳанг буда, ҳамзамон бо фарҳанги умумиинсонӣ ба вуҷуд омада, рушд карда, қисми ҷудонашавандаи он мебошад [1]. Ба нафъи такмили инсон фарҳанги ҷисмонӣ машқҳои ҷисмонӣ, нерӯҳои табии табиат, омилҳои беҳдоштӣ, реҷаи меҳнат, маишат, ғизо ва истироҳатро истифода мебарад. Арзишҳои асосии моддии фарҳанги ҷисмонии шахсият ҳаҷми зарурии малакаҳо ва малакаҳои ҳаракатӣ, сатҳи муайяни сифатҳои асосии ҷисмонӣ ва махсус, имкониятҳои функсионалии узвҳо ва

низомҳои гуногуни бадан ба шумор мерав617нд. Онҳо асоси моддии нерӯҳои ҳаётии ҳар як инсон, таҳкурсии қувваи кории онро ташкил дода, ба сифати воситаи ҳатмии амалисозии ҳар гуна намуди фаъолияти инсонӣ амал мекунанд. Ба арзишҳои маънавии фарҳанги ҷисмонии шахсият маҷмӯи донишҳои махсус дар соҳаи инкишофи ҳаматарафаи ҷисмонӣ, идеалҳои камолоти ҷисмонӣ, ки ба онҳо ҳар як инсони мушаххас саъй мекунад, тасаввурот дар бораи ноил шудан ба онҳо, донистани хусусиятҳои ин ё он намуди варзиш, таърихи он, дурнамои рушд, қоидаҳои гузаронидани мусобиқаҳо ва ғайра мансуб мебошанд [12].

Қисми таркибии фарҳанги ҷисмонӣ маҳсуб ёфта, якҳарбаҳои шарқӣ ба тарбияи шахсияти таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун мусоидат мекунад. Якҳарбаҳои шарқӣ на танҳо методҳо ва усулҳои тарбияи ҷисмонӣ, принсипҳои бурдани набард, балки усулҳои тамрини психологӣ, муносибати махсусро ба худ, ба атрофиён, ба калонсолон, ба рафиқон дар тамрингоҳ дарбар мегиранд. Ин бо роҳҳои гуногун: риояи одоби муошират, ташаккули рафтори бомасъулият, бо худи фазо дар машғулиятҳо ноил мешавад. Мисолҳои сершуморе мавҷуданд, вақте ки кӯдакони бо рафтори бадро ба толорҳо (додзеҳо), ки дар он ҷо бо якҳарбаҳои шарқӣ машғул мешаванд, меоварданд, ва пас аз гузашти вақте рафтор ва муносибати онҳо ба атрофиён ба ҷиҳати беҳтар тағйир мeёфт [8; 14].

Дар ҳамин ҳол, рӯй овардан ба якҳарбаҳои шарқӣ ҳамчун яке аз самтҳои ҳаракати муосири тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад доираи имкониятҳои тарбиявии онҳо васеъ карда шуда, ҳамчун низоми самарабахши худинкишофдиҳии шахсиятӣ, ки саъю талошро ба татбиқи ҳам нерӯҳои ҷисмонӣ, ҳам маънавию ахлоқии инсон дарбар мегирад, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ин хусусияти якҳарбаҳои шарқиро на танҳо ҳамчун интизоми варзишӣ, балки ҳамчун санъатҳои ҳарбӣ, роҳи худшиносии маънавию ахлоқӣ таъкид менамояд.

Якҳарбаҳои шарқӣ – ин таълимот, маҷмӯи мураккаби фарҳанги маънавӣ ва фалсафӣ, ин анъанаҳои бисёрасринае мебошад, ки дар инкишофи доимӣ қарор доранд. Ҳамчун мақсади асосии педагогии якҳарбаҳои шарқӣ тарбияи фарҳанги ҷисмонӣ ва маънавии шахсият амал мекунад [13, с. 31].

Бояд зикр кард, ки фарҳанги ҷисмонии шахсият – ин соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи фарҳанги умумии инсон мебошад, ки аз ҳолати сифатӣ, низомнок ва рушдёбандае иборат аст, ки бо сатҳи муайяни таҳсилотгирифтагии махсус, камолоти ҷисмонӣ, тамоюлҳои ҳавасмандӣ-арзишӣ ва арзишҳои иҷтимоию маънавие тавсиф меёбад, ки дар натиҷаи тарбия ба даст омада, дар фаъолияти ҷисмонию варзишӣ, фарҳанги тарзи ҳаёт, маънавиёт ва солимии психикию ҷисмонӣ ҳамгиро шудаанд [17, с. 37].

Хусусияти фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун як намуди фарҳанги инсонӣ асосан аз он иборат аст, ки ин намуди фарҳанг дар самте равиябандӣ карда шудааст, ки боиси беҳтаршавии ҳолати ҷисмонӣ ва инкишофи фард дар ягонагӣ бо рушди психикии ӯ дар асоси оқилонасозӣ ва истифодаи самараноки фаъолнокии ҳаракатии худи ӯ дар якҷоягӣ бо дигар арзишҳои фарҳангӣ мегардад [5, с. 14].

Дар маҷмӯъ, ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахс ҳамчун ҳамкории мақсадноки фаъоли таълимии бо кумаки усулҳои махсус ва воситаҳо ва шаклҳои гуногун ташкилшуда байни омӯзгорон ва таълимгирандагон муаррифӣ мешавад. Зимни нақши пешбар ва самтдиҳандаи омӯзгор азхудкунии пурарзиши донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳои инкишофи нерӯҳои ҷисмонӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ таъмин карда мешавад. Фаъолияти амалии таълимӣ азхудкунии фаъоли арзишҳои фарҳанги ҷисмониро аз ҷониби таълимгирандагон таъмин менамояд.

Таҳлили роҳҳои сершумори таърихию такомулии афкори педагогии Шарқ ба омезиши ҳамоҳанги санъати ҳарбӣ, зеҳни илмӣ ва ҷавонмардии инсондӯстона дар якҳарбаҳои шарқӣ ишора карда, маҳз ҳамин хусусият аз қадимулайём ҳам сарбозон, ҳам китобдорон, ҳам роҳибонро ба он ҷалб мекард [6, с. 18].

Яке аз аломатҳои ҷолибтарин ва мушаххаси мабдаи зебоишиносӣ дар санъатҳои ҳарбӣ ин омезиши ба назар носозгор – зебоӣ ва ҳамоҳангии рӯҳбаландона бо воқеияти шадиди амалҳои ҷангӣ мебошад.

Хусусияти хоси фарҳанги шарқӣ аз «парвариши» пуршиддати тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии одамон, аз муқаррарсозии расму оин ва меъёрҳои иҷтимоии муошират то ҷанбаҳои маҳрамонаи ҳаёти ҳар як инсон иборат мебошад. Ғайр аз ин, дар санъатҳои ҳарбӣ

қариб тамоми низоми муносибатҳои байни омӯзгор ва шогирд, байни калонсол ва хурдсол, байни мактаб ва идеали роҳи низомӣ ба шакли расму оин дароварда шудааст [11, с. 26-28].

Эҳёи идеалҳои баланди инсонпарварӣ ва арзишҳои пойдори якҳарбаҳои шарқӣ имрӯз маънои нав пайдо карда, барои раванди педагогӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Таваҷҷуҳ ба санъатҳои ҳарбии Шарқ, асосан, ба низомҳои чинӣ, кореягӣ ва ҷопонии якҳарбаҳо дар Тоҷикистон ҳамеша бузург буда, дар солҳои охир маъруфияти онҳо боз ҳам бештар афзудааст. Бо истилоҳи «санъатҳои ҷангӣ» маъмулан низомҳои анъанавии ҷангро меноманд, ки дар тайи ҳазорсолаҳо дар амалия аз ҷониби тамаддунҳои Шарқу Ғарб истифода мешуданд. Пайдоиши санъатҳои ҷангӣ бо зарурати худмуҳофизат ба миён омада буд. Ҳар як тамаддун дар ягон порчаи таърихии рушди худ таҳдидро ба худи ҳастии аъзои он эҳсос мекарда ва ин халқҳоро маҷбур мекард воситаҳои муҳофизати худ ва моликияти худро ихтироъ кунанд. Дар тӯли солҳои дарози рушди худ усулҳои содаи худмуҳофизат ба усулбҳои муташаккили муназзами мудофиавӣ табдил ёфтанд [4].

Якҳарбаҳои шарқӣ ба самтҳо, намудҳо, услубҳо ва мактабҳо тақсим мешаванд. Таснифи ягонаи якҳарбаҳои шарқӣ вуҷуд надорад, аммо нишонаҳои таснифиеро фарқ мекунанд, ки низомбандии онҳоро имкон медиҳанд.

Нишонаи якуми таснифӣ – ин хазинаи якҳарба мебошад. Вобаста ба техникаи истифодашаванд якҳарбаҳои шарқиро ба зарбавӣ, партобӣ ва омехта тақсим мекунанд. Ин тақсимбандӣ шартӣ мебошад, зер дар ин ё он шакли ҳар як намуд ё техникаи зарбавӣ, ё муборизавӣ истифода мешавад. Хазинаи якҳарбаҳое, ки бештар техникаи зарбавиро истифода мебаранд, таэквандо, бокси тайландӣ, каратэ; якҳарбаҳое, ки бо техникаи муборизавӣ муаррифӣ шудааст, дзюдо, сумо, айкидо; якҳарбаҳои дорои техникаи зарбавию партобӣ кудо, ҷиу – ҷитсу, ушу санда ва ғайраро дарбар мегиранд.

Таснифи дуюм дар истифодаи силоҳ асос ёфтааст: якҳарбаҳое, ки кор бо силоҳро истифода мебраанд, ва онҳое, ки силоҳро истифода намебаранд. Таснифи мазкур низ хеле шартӣ мебошад, зеро ҳар як намуди якҳарбаи шарқӣ аз қадимулайём ба ғайр аз такмили маънавӣ ва ҷисмонӣ инчунин дорои хусусияти амалӣ буд, яъне мудофиа аз душмани мусаллаҳ ва номусллаҳ, ва ин истифодаи силоҳро дар раванди тамринӣ дар назар дошт. Якҳарбаҳое, ки дар истифодаи силоҳ бунёд ёфтаанд, инҳо мебошанд: найдо (санъати ҳамлаи ногаҳонӣ ё аксулҳамла бо истифодаи шамшери «катана»), кендо (санъати муосири шамшерзанӣ), кобудо (санъати окинавии ҳарбии кор бо силоҳи анъанавӣ).

Нишонаи дигари таснифӣ – ин тақсимот ба услубҳои «ботинӣ» ва «зоҳирӣ»-и санъатҳои ҳарбӣ мебошад. Услубҳои ботинӣ ба кор бо шуур нигаронида шуда, бо саъй ба сустшавии ботинӣ, кор бо нафаскашӣ, инкишофи ҳассосияти баланд, салиқа ва фаросат, кор бо энергия (айкидо, тайтсзи – сюан, сигун ва ғайра) тавсиф мешавад. Услубҳои зоҳирӣ дар қувваи ҷисмонӣ, тобоварӣ, суръатнокӣ, зудии аксуламал, ирода ба ғалаб (киокусинкай, бокси тайландӣ, ушу санда ва ғайра) асос ёфтаанд.

Вобаста ба таъйинот якҳарбаҳои шарқиро ба: якҳарбаҳое, ки мақсади онҳо худмуҳофизат (ҳапкидо ва ғайра) мебошад, шаклҳои намоишии якҳарбаҳо (ушу таолу ва ғайра) ва якҳарбаҳои варзишӣ (дзюдо, ушу санда, таэквандо ва ғайра) тақсим кардан мумкин аст. Якҳарбаҳои варзиширо инчунин ба якҳарбаҳои олимпӣ ва ғайриолимпӣ тақсим кардан мумкин аст. Ба барномаи бозиҳои олимпӣ дзюдо ва таэквандо дохил буда, соли 2020 дар Бозиҳои олимпӣ каратэ ба намуди олимпии варзиш табдил меёбад.

Якҳарбаҳои шарқиро инчунин аз рӯи анъанавият тасниф кардан мумкин аст: санъатҳои таърихии анъанавии ҳарбӣ (масалан, **найдо**) ва муосир (каратэ, таэквандо ва ғайра).

Аз рӯи минтақаи пайдоиш якҳарбаҳои шарқиро ба ҷопонӣ (айкидо, ҷиу – ҷитсу, дзюдо, каратэ ва ғайра), чинӣ (ушу), кореягӣ (таэквандо, ҳапкидо), ветнамӣ (вовинам – ветводао), таиландӣ (муай тай ё бокси таиландӣ) ва ғайра тақсим мекунанд [3, с. 8-10].

Дар поён якчанд намудҳои якҳарбаҳои шарқӣ ва хусусиятҳои онҳоро дида мебароем.

*Ушу* (Чин) – мафҳуми ушу ё кунг – фу амалан тамоми якҳарбаҳои чиниро, ки дар ибтидо ба таври истисноӣ маънои омодасозии ҳарбиро доштанд, муттаҳид мекунад. Зиёда аз 300 намуди ушу арзи вуҷуд дошта, намуди мусолиҳатомези якҳарба ба шумор рафта, ҳар як шахс бо он машғул шуда метавонад. Ин як навъ гинастикаи солимгардонии ба ҳисоб меравад, ки тамоми гурӯҳҳои мушакҳоро инкишоф медиҳад. Гимнатсикаи ушу (таолу) сарбории баробарандозаро ба тамоми гурӯҳҳои мушакҳо дода, дар айни замон қадду қомати идеалиро

ташаккул медиҳад. Ин навъи якҳарбаи шарқӣ таҷовузгариро инкишоф надода, балки дур шуданро аз вазъиятҳои муноқишавӣ таълим медиҳад.

*Дзюдо* (Ҷопон) – ин санъати ҳарбӣ, якҳарбаи варзишӣ, бидуни силоҳ буда, дар охири асри XIX ташккул ёфта, номи ин мубориза ҳамчун «роҳи мулоим» тарҷума мешавад. Асоси дзюдо партобҳо, усулҳои дардовар, доштҳо ва буғикуниҳо мебошанд. Дзюдо аз ду принсипҳои асосӣ: кумаки тарафайн ва дарк барои ноил шудан ба пешрафти калон, инчунин истифодаи беҳтарини ҷисм ва рӯҳ иборат мебошад. Он ба инкишофи интизом, диққат, ҳофиза ва тахайюл мусоидат мекунад.

Таэквондо (Корея) – ин санъати ҳарбӣ аз низоми тамрини рӯҳӣ ва техникаи худмудофиа бидуни силоҳ, иҷрои мутахассисонаи зарбаҳо, блокҳо ва ҷаҳишҳо иборат аст, ки бо дастон ва пойҳои урён барои мағлуб сохтани як ё якчанд ҳарифон иборат мебошад. Ин намуди якҳарбаи шарқӣ ҳамчун намуди сирф варзишии якҳарбаҳо дар амалия истифода шуда, барои бачагон афзалноктар аст, зеро он якҳарбаи шадид ба ҳисоб меравад [16].

Намудҳои гуногуни набардҳои номусаллаҳ ва мусаллаҳ амалан дар ҳамаи халқҳо мавҷуд буданд. Аммо, на ҷанбаи амалӣ, на ҳатто ҷанбаи варзишии санъатҳои ҷангии мавриди баррасӣ амалан дар Шарқ ба таври ҷудо вуҷуд надорад. Ҳамчун қисми кодекси тарбиявӣ ва тарзи ҳаёт ба шумор рафта, онҳо барои инкишоф ва ташаккули шахсияти ба таври ҳамоҳанг инкишофёфта хизмат мекунанд. Танҳо дар Шарқ тавонистаанд усулҳои парокандаро ба низоми мавзун бо тасниф, принсипҳо ва методҳои возеҳ ҷамъоварӣ карда, ба он заминаи фалсафӣ ва маънавию этикиро мутобиқ гардонида, онро ба усули на танҳо такмили ҷисмонӣ, балки ахлоқӣ, психологӣ, маънавии инсон табдил диҳанд [9].

Маҳз дар он ҷо ҷанги дастбагиребон ба санъат – ба монанди хаттотӣ, маросими чойнӯшӣ, икебана, чаҳорпораҳои чинии классикӣ – табдил дода шуд. Санъате, ки на такрори кӯркӯронаи қонунҳои кайҳо куҳнашуда, балки сарфаҳм ва дарки ҳар як ҳаракат ва эҷодкориро талаб мекунад. Ин санъатест, ки дар инсон қобилиятҳои гуногунтарин, баъзан мутлақо ногаҳониро инкишоф дода, ба он имкон медиҳад худро пурратар кушода, худ ва атрофиёнро амиқтар дарк карда, дар ҳар гуна соҳа худро татбиқ намояд.

Ҷанбаи қавитарини санъатҳои ҷангӣ – ин саъю кӯшиш ба дарки робитаи чизҳои «зоҳирӣ» бо «ботинӣ», ба ибораи дигар, ба сарфаҳм рафтани машқ, ба дарки он, ки ҳаракатҳои ҷисм инъикоси дидашавандаи равандҳое мебошанд, ки дар тамоми бадан сурат мегиранд. Нақши тафаккур, иродаи инсон дар раванди шинохти худ аз тариқи машқҳои ҷисмонӣ таъкид карда мешавад. Аз ин ҷост бавуҷудоии усулҳои гуногуни худтанзимкунии ҳолатҳои психикие, ки то замони мо дар шакли тамрини равонтанзимкунанда, тамрини аутогенӣ, медитатсия расидаанд. Дар мактабҳои қадимаи санъатҳои ҳарбӣ инчунин методикаҳои тамаркузи диққат ҳангоми машқҳои ҷисмонӣ ба фаъолияти ҳаётии низомҳои гуногуни функсионалии бадан, усулҳои нафаскашии навъи гуногун, усулҳои танзими дараҷаи шиддати мушакҳо то ҳадди сустшавии ҳадди аксар ба вуҷуд омаданд [7].

Номбари мухтасари услубҳои санъатҳои ҳарбӣ ва шиносшавӣ бо мазмуни онҳо зарурати ҷорӣ намудани ин қабати азими фарҳанги инсониро ба ҳаёти рӯзмарраи инсони муосир, ки мавриди таъсироти гуногуни манфии дорои хусусияти экологӣ, психикӣ ва ахлоқӣ қарор дорад, нишон медиҳад. Ин намудҳои санъатҳои ҳарбӣ солимии ҷисмонии инсонро ба таври самарабахш ташаккул дода, инчунин ба психика ва ташаккули принсипҳои ахлоқӣ таъсири мусоид мерасонанд [15]. Таъсири солимгардонии санъатҳои ҳарбӣ боиси шубҳаи мутахассисон қарор нагирифта, айни замон на танҳо барои пешгирии як қатор бемориҳо, балки инчунин бо мақсади ислоҳсозии каҷравиҳои аллакай баамаломада дар вазъи саломатӣ мавриди истифода қарор дорад [18].

Низомҳои шарқии якҳарбаҳо дар рафти таҳаввули худ хазинаи бойи машқҳои ҷисмонӣ, методҳои психикию ҷисмонии тамрин ва кодексҳои маънавию иродавие, ки боиси таваҷҷуҳи баланди мутахассисон мегарданд, андӯхтаанд. Дар айни замон, аксари ҷанбаҳои якҳарбаҳои Шарқ аз нуқтаи назари методӣ, шарҳи муносибатҳои педагогӣ ба тарбия, инкишоф ва таълим норавшан боқӣ мемонанд.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки якҳарбаҳои шарқӣ яке аз роҳҳои инкишоф ва мактаби сазовори санъатҳои ҳарбӣ ба шумор рафта, ташаккули инсони аз ҷиҳати рӯҳу ҷисм қавию тавоноро пешбинӣ мекунад. Фавқлодда муҳим аст, ки истифодаи низомҳои шарқии

якҳарбаҳо танҳо аз ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ иборат набуда, психика, ахлоқ ва низоми назарҳои ҷаҳонбинонаро низ фаро мегирад.

Бояд қайд кард, ки бунёди раванди тамринии ҳар гуна якҳарба бо таъсиррасонии маҷмӯи усулҳои гуногун, дар давоми давраи тӯлонии омодасозии шогирдон, таълим, азхудкунӣ ва такмили донишҳо ва маҳоратҳои бадастомада ноил мешавад. Яке аз шартҳои муҳимтарини амалисозии тамрини самарабахш доир ба санъатҳои ҳарбӣ бунёди оптималии он дар қисматҳои ба таври кифоя тӯлонии вақт ба шумор меравад. Зеро на дар як рӯз, на дар як ҳафта, моҳ ва ҳатто дар як сол ҳаматарафа омода шудан ба бурдани набард имконнопазир аст. Ин раванди тӯлонии чандсолаи такмили муназзам дар техника, тактика ва омодагии психикию ҷисмонӣ мебошад, ки ахирӣ дар он нақши ҳалкунандаро мебозад. Ташкил ва бунёди раванди тамринӣ ҳамчун воҳиди ягона дар асоси ҳалли қонунӣ ва пайдарпайи низоми вазифаҳои махсуси тамрин ва худтарбиякунӣ ба роҳ монда мешаванд. Пайвандҳои аввалияи содае, ки аз онҳо тамоми омодасозӣ бунёд карда мешавад, машғулиятҳои алоҳидаи тамринӣ ба шумор мераванд.

Дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки шогирдони ин ё он мактаби якҳарбаҳо пеш аз ҳама рӯҳи худро обутоб дода, сифатҳои қавитарини шахсӣ, ба монанди интизом, оромӣ, худдорӣ, тобовариро аз худ зоҳир мекунанд. Барои санъатҳои ҳарбии Шарқ, ки дар маҷмӯи принсипҳои маънавӣ асос ёфтаанд, усулҳои якҳарбаҳо ҳамчун воситаи танзими психикию ҷисмонии шахсият ва расидан ба ҳадафи олӣ ба шумор мерафтанд. Ҳар гуна партоб, чангзанӣ, шикаст худ ба худ арзишманд буда, он дар пасманзари муайяни идеологӣ ба зинаи навбатӣ дар роҳи татбиқи идеал табдил меёфт. Барои ҷомеаи Ғарб якҳарба дорои ҷанбаи танҳо амалӣ буда, мақсади он муҳофизати манфиатҳои инсон ва ҷомеа мебошад, ҳол он ки ҷомеаи Шарқ аҳамияти бештарро ба ҷанбаи маънавӣ зоҳир мекунад. Ҳангоми инкишофи танҳо қобилиятҳои ҷисмонӣ худи таъйиноти якҳарбаҳои шарқӣ аз байн рафта, ягонагии иҷтимоию фарҳангӣ канда мешавад [10].

Бартарии раднашавандаи якҳарбаҳои шарқӣ барои саломатии донишҷӯён аз он иборат аст, ки дар муқоиса бо аксари доруҳои гаронбаҳо дар дорухона он доруи нисбатан арзонест, ки метавонад ҳам қобилияти ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳии инсонро беҳтар созад.

Мақсади якҳарбаҳои шарқӣ, ки ба маҷмӯи принсипҳои маънавию ахлоқӣ асос ёфтааст, танзими психикию ҷисмонии шахсият ва расидан ба ҳадафи олӣ мебошад. Ҳар гуна партоб, дошт ё зарба худ ба худ арзишманд буда, воситаи худшиносии инфиродӣ, усули дохил шудан ба ҳамоҳангии ҷаҳонӣ мебошад.

Машғулиятҳои якҳарбаҳои шарқӣ ба саломатӣ таъсири мусбат расонида, ҳамоҳангии ҳаракат, серҳаракатии буғумҳо ва пайвандҳоро беҳтар карда, функсияҳои асосии баданро ба таҳрик медароранд. Аксари амалҳои техникию тактикӣ аз ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ аз рӯи сохтори иҷрои ҳаракат ва мавқеъҳои гуногун муарккаб буда, барои ин тавонмандии баланд ва идоракунии ҷисми худ, қобилияти самтёбӣ кардан дар фазо ва қабули яклаҳзаинаи қарори дуруст дар вазъиятҳои ғайристандартӣ ва экстремалӣ талаб карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, таълими яҳарбаҳои шарқӣ ба ташаккули ҳамоҳанг ва ахлоқии шахсят кумак карда, дар донишҷӯён фарҳанги ҷисмонӣ, ирода, якпорчагӣ, поквиҷдонӣ ва расонидани кумакро ба заифон тарбия мекунад. Азхудкунии якҳарбаҳои шарқӣ ва сатҳи муайяни омодагии ҷисмонӣ дар вазъияти ғайричашмдошт ё ҷангӣ мусоидат карда, сифатҳоеро, ба монанди бодиққатӣ, мушоҳидакорӣ, тамаркузи диққат, қобилияти қабули яклаҳзаиниаи қарори дуруст инкишоф медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г. Ананьев. – СПб.: Питер, 2001. - 288 с.
2. Бальсевич В.К., Лубышева Л.И. Физическая культура: молодежь и современность [Текст] / В.К. Бальсевич, Л.И. Лубышева // Теор. и практ. физ. культ-2000- № 4.
3. Бахарев Ю.А. Восточные единоборства**.** Учебное пособие. / Ю.А. Бахарев, В.П. Тупицын, С.Б. Панкратов, А.М. Морозов, А.С. Лобанов, И.А. Сорокин. – Нижний Новгород: Нижегородский госуниверситет, 2018. – 124 с.
4. Боевые и спортивные единоборства. Справочник / Под общей редакцией А.Е. Тараса. - Минск: Харвест, 2003.
5. Быховская И.М. Восточные единоборства в системе ценностей и досуговой деятельности современной молодежной субкультуры [Текст] / Быховская И.М., Скороходов В.В. // Юбилейный сборник трудов ученых РГАФК, посвященный 80-летию академии. – М., 1998. – Т. 2.

6. Воронов И.А. Древние и современные аспекты китайской классической концепции военного обучения / И.А. Воронов. - СПб, 1996.
7. Денейка К. Движение, дыхание, психофизическая тренировка / К. Денейка. - Москва: ФиС, 1986.
8. Долин А. А. Кэмпо – традиция воинских искусств / А.А. Долин, Г.В. Попов. – 3-е изд.- М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 429 с.
9. Железняк Ю.Д., Петров П.К. Основы научно-методической деятельности в физической культуре и спорте. Учебное пособие для студ. высш. пед. учеб. Заведений / Ю.Д. Железняк, П.К. Петров. - Москва: Издательский центр «Академия», 2002.
10. Каштанов, Н.А. Восточные единоборства, как средство формирования нравственно-волевых качеств у подростков [Текст] / Н.А. Каштанов // Калем, 2002.
11. Коротаева Н.В. Взаимоотношения тренера и спортсмена в единоборствах: Метод. разраб. для студ., слушат. ВШТ и ФПК РГАФК / Н.В. Коротаева, О.А. Мильштейн, Д.А. Тышлер. - М., 1997.
12. Лесгафт П.Ф. Психология нравственного и физического воспитания / П.Ф. Лесгафт. – М.: Издательство «Институт практической психологии», Воронеж: НПО «МОДЭК», 1998. – 416 с.
13. Литманович А.В., Штучная Е.Б. Структура профессиональной подготовленности специалиста по восточным единоборствам [Текст] / А.В. Литманович, Е.Б. Штучная // Теория и практика физической культуры-2000-№ 12.
14. Макашев А.М. Ву-шу (Kung-Fu) / А.М. Макашев, С.Э. Эдилян. – Л.: Ленинградский педиатрический медицинский институт, 1991. – 394 с.
15. Маслов А.А. УШУ: Традиции духовного и физического воспитания Китая / А.А. Маслов. - Москва: Молодая гвардия, 1990.
16. Оранский, И.В. Восточные единоборства [Текст] / И.В. Оранский // Современный спорт, 1990. – 80 с.
17. Орлов В.Б. Ситуация. Проблемные ситуации по курсу «Педагогика физической культуры и спорта»: Учеб. пос. для студ. ИФК / В.Б. Орлов. – Челябинск: ЧГИФК, 2005.
18. Попов Г.В., Сагоян О.А., Диденко В.В. УШУ. Путь к здоровью и гармонии. / Г.В. Попов, О.А. Сагоян, В.В. Диденко. – Москва: Интерпринт, 1990.

## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҶИСМОНӢ ВА СИФАТҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН БО ВОСИТАҲОИ ЯКҲАРБАҲОИ ШАРҚӢ

*Дар мақола нақши якҳарбаҳои шарқӣ дар ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ ва сифатҳои маънавию ахлоқии шахсияти донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид карда шудааст, ки машғулиятҳои якҳарбаҳои шарқӣ ба саломатӣ таъсири мусбат расонида, ҳамоҳангии ҳаракат, серҳаракатии бугумҳо ва пайвандҳоро беҳтар карда, функсияҳои асосии баданро ба таҳрик медароранд. Муаллиф якҳарбаҳои шарқиро тасниф карда, якчанд намудҳои якҳарбаҳои шарқӣ ва хусусиятҳои онҳоро баррасӣ кардааст. Қайд карда мешавад, ки якҳарбаҳои шарқӣ яке аз роҳҳои инкишоф ва мактаби сазовори санъатҳои ҳарбӣ ба шумор рафта, ташаккули инсони аз ҷиҳати рӯҳу ҷисм қавию тавоноро пешбинӣ мекунад. Истифодаи низомҳои шарқии якҳарбаҳо танҳо аз ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ иборат набуда, психика, ахлоқ ва низоми назарҳои ҷаҳонбинонаро низ фаро мегирад. Хулоса карда мешавад, ки таълими яҳарбаҳои шарқӣ ба ташаккули ҳамоҳанг ва ахлоқии шахсият кумак карда, дар донишҷӯён фарҳанги ҷисмонӣ, сифатҳои ахлоқию иродавӣ, якпорчагӣ, поквиҷдонӣ ва расонидани кумакро ба заифон тарбия мекунад.*

***Калидвожаҳо***: *якҳарбаҳои шарқӣ, санъатҳои ҳарбӣ, фарҳанги ҷисмонӣ, сифати ахлоқию иродавӣ, шахсият, донишҷӯён, раванди педагогӣ, набард, саломатӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И ДУХОВНО - НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ ЛИЧНОСТИ СТУДЕНТОВ СРЕДСТВАМИ ВОСТОЧНЫХ ЕДИНОБОРСТВ

*В статье рассматривается роль восточных единоборств в формировании физической культуры и морально-нравственных качеств личности студентов. Подчеркнуто, что восточные упражнения положительно влияют на здоровье, улучшают координацию движений, подвижность связок и суставов, стимулируют основные функции организма. Автор классифицировал восточные единоборства и рассматривает несколько видов восточных единоборств и их особенности. Отмечается, что восточное единоборства считаются одним из путей развития и достойной школой единоборств и предусматривает формирование человека сильного духом и телом. Использование систем восточных единоборств заключается не только в формировании физических качеств, но и охватывает психику, нравственность и систему мировоззрений. Делается вывод о том, что обучение*

*восточным единоборствам способствует формированию гармонии и нравственности личности, воспитывает у учащихся физическую культуру, нравственно-волевые качества, принципиальность, честность и оказание помощи слабым.*

***Ключевые слова**: восточные единоборства, боевые искусства, физическая культура, нравственно-волевые качества, личность, студенты, педагогический процесс, поединок, здоровье.*

## FORMATION OF PHYSICAL CULTURE AND SPIRITUAL AND MORAL QUALITIES OF STUDENTS' PERSONALITY BY MEANS OF MARTIAL ARTS

*The article discusses the role of martial arts in the formation of physical culture and moral qualities of students' personality. It is emphasized that oriental exercises have a positive effect on health, improve coordination of movements, mobility of ligaments and joints, and stimulate the basic functions of the body. The author classified martial arts and considers several types of martial arts and their features. It is noted that martial arts are considered one of the ways of development and a worthy school of martial arts and provides for the formation of a person strong in spirit and body. The use of martial arts systems concludes not only in the formation of physical qualities, but also covers the psyche, morality and worldviews. It is concluded that training in martial arts contributes to the formation of harmony and morality of the individual, educates students in physical culture, moral and volitional qualities, integrity, honesty and helping the weak.*

***Key words**: martial arts, martial arts, physical culture, moral and volitional qualities, personality, students, pedagogical process, fight, health.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Қаюмов Муҳаммадшо Исуфалиевич** - муаллими калони кафедраи якҳарба ва камонварӣ-и Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Суроға: 734053, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Лучоб, 53.*

***Сведение об авторе:***

***Каюмов Мухаммадшо Исуфалиевич** - старший преподаватель кафедры васточной единоборства и стрелбы Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова.Адрес: 734053, РТ, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53.*

***About the author:***

***Kayumov Muhammdshoh Isufalievich** - Senior teacher of the department of martial arts and archery of the Tajik Institute of Physical Culture. S. Rakhimov. Address: c. Dushanbe, Str. Luchob.*

## МУНОСИБАТҲОИ ОМӮЗИШИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ БАКАЛАВР

***Хайруллоев Д.***

*Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав*

Дар шароити имрӯза омӯзиш ва баррасии илмии раванди тайёрнамоии касбии бакалаврҳо муҳим ва саривақтӣ гардидааст. Дар ин самт баррасӣ ва таҳлили маҷмӯавии муносибатҳои илмии омӯзиши тайёрнамоии бакалаврҳо яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ гардидааст. Мавҷудияти низоми муташаккили тайёрнамоии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандон, ки ба талаботҳои муосири рушди илмӣ-техникӣ ҷавобгӯ мебошад, шарти зарурии бадастории натиҷаҳои баланд дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, устувории муносибатҳои меҳнатӣ, қонеъномоии талаботи шахсият дар худамалинамоӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ, таъмини ҳуқуқи конститутсионии инсон ба таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Тайёрии касбӣ дар назарияи педагогӣ аз мавқеъҳои гуногун баррасӣ карда мешавад. Мувофиқи таҳқиқоти Л.И.Гуре ва Л.Л.Маркина, тайёрӣ ба фаъолияти инноватсионии касбӣ-педагогӣ ин таҳсилоти томи шахсият аст, ки бо рушди сифатҳо ва қобилиятҳои муҳими иҷтимоӣ-касбӣ алоқаманд буда, инкишофи унсурҳои ҳавасмандӣ, амалиётӣ, созандагӣ ва рефлексивиро пешниҳод менамояд [4, с.91-95].

Дар корҳои В.В Кузнетсов тайёрии касбӣ-педагогӣ ҳамчун натиҷаи муайяни тайёрнамоии омӯзгори оянда бп иҷроиши як қатор вазифаҳои касбӣ-педагогӣ, ба монанди вазифаҳои лоиҳакашӣ, созандагӣ, ояндабинӣ, коммуникативӣ ва идоракунӣ баррасӣ карда

шудааст [10, с.37]. Амалинамоии самараноки вазифаҳои зикргардида, ба ақидаи мо, ба қобилияти ояндабинии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ-касбӣ, коркарди лоиҳаҳои педагогӣ, бунёди технологияҳои нави педагогии таълим мусоидат менамудоянд.

Тайёрнамоии бакалаврҳо аз барномаҳои таълимӣ ва касбӣ, ки ба васеъ намудани таҳсилоти умумиилмӣ ва гуманитарӣ, бадастории асосҳои тайёрии касбӣ дар яке аз самтҳои илм, техника ва фарҳанг равона гардидаанд, иборат мебошад. Дар низоми амалкунандаи маориф, бакалавр – ин хатмкунандаи муассисаи олии касбӣ ба ҳисоб меравад, ки маълумоти олии базавиро ба даст овардааст. Зинаи бакалавриат кӯшиш менамояд, ки дархости сатҳи баланди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва волидайни онҳоро дар бадастории маълумоти олӣ қонеъ намояд. Лекин, хусусияти оммавиро касб намуда, зинаи нави маълумоти олӣ ба таври ногузир вазифаҳои худро тағйир медиҳад. Дар чунин ҳолат, вазифаи асосии зинаи бакалавриат на тайёрнамоии касбӣ, балки иҷтимоигардии ҷавонон, шинос намудани онҳо ба низоми алоқаҳои иқтимоӣ, меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа муосир мегардад. Дар доираи зинаи бакалавриат хатмкардаи муассисаи маълумоти миёнаи умумӣ имконият пайдо менамояд, ки худро ҳамчун шахсият дарк намояд, аввалин таҷрибаи шаҳрвандиро ба даст орад [3, с.39-46].

Дар низоми муосири таҳсилоти олӣ тайёрнамоии касбии бакалаврҳо яке аз равандҳои мураккаб ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва баррасии ин раванд бояд аз мавқеъҳои гуногун амалӣ гардад, зеро имконият медиҳад, ки маҷмӯи муносибатҳои илмӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот ошкор карда шаванд.

Дар адабиёти муосири педагогӣ, ки ба масъалаи тайёр намудани касбии донишҷӯёни бакавлавр бахшида шудааст, диққати асосӣ ба роҳҳои гузариш аз ташкили анъанавӣ ба ташкили инноватсионии раванди таълим дар муассисаҳои олии касбӣ дар асоси муносибати фаъолиятӣ, шахсиву самтгирӣ, низомӣ, салоҳиятнокӣ ва ғайраҳо равона карда шудааст.

Дар асоси таҳлили муносибатҳои омӯзиши тайёрии касбии донишҷӯёни бакавлавр, мо ба чунин хулоса омадем, ки муносибатҳои нисбатан маҳсулнок дар ин самт муносибатҳои арзишӣ, гуманистӣ, акмеологӣ, самтгириҳои шахсӣ, низомӣ, интегративӣ, фаъолиятӣ, салоҳиятнокӣ ба ҳисоб мераванд. Имконияти истифодаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии тайёрии касбии бакалаврҳо, инчунин таҳқиқотҳои Т.А. Веконсева ва Г.В. Никитинаро ба инобат гирифта, муносибатҳои зикргардидаи методологиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҷанбаҳои мундариҷавии методология барои муайянкунии самти умумии таҳқиқоти назариявии тайёрии касбии бакалаврҳо зарур аст. Ҷанбаи мазкури методология самтгирии омӯзиши аломатҳои асосӣ ва фарққунандаи раванди таҳқиқшавандаро муайян намуда, бо муносибатҳои аксиологӣ, гуманистӣ ва акмеологӣ пешниҳод карда мешавад.

Муносибатҳои зикргардида дар маҷмӯъ пойгоҳи назариявии раванди таҳқиқшавандаро ташкил намуда, имконият медиҳанд, ки тасаввуроти том оид ба моҳияти таҳқиқи тайёрии касбии бакалаврҳо ба даст оварда шавад.

Муносибати арзишӣ имконият медиҳад, ки падидаҳои педагогӣ аз нуқтаи назари арзишҳои умумиинсонӣ омӯхта шаванд. Дар асоси аксиологияи педагогӣ фаҳмиш ва тасдиқоти арзишҳои ҳаёти инсонӣ, омӯзиш ва таҳсилот ба таври умумӣ ҷой доранд. Мафҳуми “арзиш” дар ҷанбаи таҳқиқоти мо, ин категорияи сервазифаи худшиносии бакалавр аст, ки бевосита бо фаъолияти касбии ӯ алоқаманд аст ва унсури бунёдкунандаи низоми худтанзимнамоии шахсият ба ҳисоб меравад.

Муносибати арзишӣ дар низоми таҳсилоти муосир муҳим буда, ба масъалаҳои характери ҷаҳонбинӣ тааллуқ дорад. Ба таври анъанавӣ дар педагогика аз рӯи самтгирӣ ба ташаккули самтгириҳои гуманистии касбиву арзишӣ, муносибати аксиологӣ яке аз асосҳои методологии гуманистии таҳсилоти педагогӣ баррасӣ карда мешавад [15, с.80].

Е.В.Севба қайд менамояд, ки “муносибати аксиологӣ ба таври органикӣ ба педагогикаи муосир хос аст, ки дар он тарбиягиранда ҳамчун арзиши олии ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Дар алоқамандӣ бо ин, аксиологияро метавон ҳамчун асоси методологии таҳсилот ва педагогикаи муосир баррасӣ намуд” [13, с.42-44]. Мувофиқи ақидаи Т.П.Жукова “яке аз самтҳои пешбарандаи рушди вазъияти таълимӣ имрӯз гузариш ба парадигмаи арзишӣ мегардад” [8,5].

Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида, метавон муносибати аксиологиро дар маънои самти ҷаҳонбинӣ баррасӣ намуд, ки дар асоси он таҳсилот ҳамчун арзиши универсалӣ фаҳмида мешавад. Муносибати аксиологӣ дар ҳалли масъалаҳои таҳсилоти олии касбии бакалаврҳо, пеш аз ҳама, тарбияи навъи гуманистии шахсияти донишҷӯро пешбинӣ менамояд. Нишондиҳандаи асосии гуманизатсияи таҳсилоти олӣ на танҳо бадастории донишҳо, маҳорат ва малака, балки фаҳмиш ва қабули ғояҳои гуманистӣ, саъйу кушиш ба худтакмилдиҳии доимӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, истифодаи муносибати аксиологӣ имконият медиҳад, ки самтгириҳои асосии арзишӣ дар сохтори тайёрнамоии касбии бакалаврҳо ошкор карда шаванд, роҳҳои афзалиятноки бадастории онҳо дар раванди фаъолиятиояндаи касбӣ таҳлил гарданд ва онҳо аз мавқеи аҳамиятнокӣ барои тайрнамоии касбӣ ва худинкишофдиҳии бакалаврҳо барраси карда шаванд.

Муносибати гуманистӣ аз тасаввурот оид ба табиати гуманистии фаъолияти педагогӣ бармеояд, ки дар доираи низоми "инсон-инсон" амалӣ мегардад ва муносибат ба шахсиятро ҳамчун пайвасткунандаи равандҳои иҷтимоӣ, табии ва маънавӣ пешниҳод менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҳсилоти муосир яке аз самтҳои калидӣ маҳз гуманизатсияи раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Гуманизатсияи таҳсилот ҳамчун низоми чорабиниҳо, ки ба рушди афзалиятноки унсурҳои умумифарҳангӣ дар мундариҷаи таҳсилот; ҳамчун муқаррароти консептуалӣ оид ба афзалияти шахсият дар таҳсилот; ҳамчун принсипи таҳсилот, ки муносибатҳои субъек-субъект ва болоравии нерӯи шахсиятро пешниҳод менамояд, муайян карда мешавад [9,30]. Муқаррароти асосии таҳсилоти гуманистӣ эътирофи шаъну шарафи шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоб, амалинамоӣ ва рушди минбаъдаи қобилиятҳо, бунёди шароити муфиди таҳсил ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи ақидаи А.С.Краветс мафҳуми "гуманизм" ду ҷанбаро ифода менамояд: низоми арзишҳо, ки шахсияти инсонро баланд мебардорад, дар асоси ҳар як лоиҳа ё амал хайрият ва хушбахтии инсон, ҳуқуқи ҷудонопазир ва табии ӯ ба ҳаёти шоистаро мегузорад; ҳаракати фарҳангии давраи Эҳё, ки дар доираи он худи мафҳум пайдо гардид ва ҳамчун навъи муайяни машғулиятҳои зеҳнӣ, яъне омӯзиши риторика, грамматика, этика, фалсафа тасниф мегардид, ба ҳисоб меравад [9, с.34].

М.Е. Добрускин гуманизатсияро ҳамчун ҳалқаи ислоҳоти мактаби олӣ: гузариш аз тарҳи экстенсивӣ-иттилоотии раванди таълим ба низоми проблемавӣ-таҳлилӣ, бартараф намудани тафовути байни фанҳои гуманитарӣ, ғайригуманитарӣ ва тахассуси маҳдуд муайян намудааст [6, с.78].

Қайд намудан зарур аст, ки "гуманизатсияи таҳсилот" ин бунёди низоми гуманистии таҳсилот, ки ба ғояҳои гуманистӣ (озодии шахсӣ, адолати иҷтимоӣ, шаъну шарафи шахсият) мувофиқ аст, ба ҳисоб меравад. Дар корҳои аксарияти олимон унсурҳои методологии гуманизатсияи таҳсилоти касбӣ унсурҳои иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва технологии рушди мутахассис шуморида мешавад [12, с.474]. Ҳамин тариқ, мундариҷаи таълимӣ-методиро дар муассисаи таҳсилоти оли бо "гуманизатсияи таҳсилот" алоқаманд менамоянд, ки дар он мавқеи асосиро шиноснамоии ҷавонон ба арзишҳои гуманистӣ ишғол менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки таҳсилоти муосир дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба ҷаҳонбинӣ, бозсозии шуури донишҷӯён, ташаккули боварӣ, самгириҳои арзишӣ ба мундариҷаи гуманистии таҳсилот таъсир расонида, ба рушди фаъоли шахсияти донишҷӯ равона карда шудааст. Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида, метавон қайд намуд, ки муносибати гуманистӣ нисбат ба тайёрнамоии касбии бакалаврҳо барои донишҷӯён имконияти амалӣ намудани истеъдоди табии худ, ошкор намудани қобилияти табии ва истифодаи он дар раванди фаъолиятиояндаи касбиро пешниҳод менамояд.

Муносибати акмеологӣ имконият медиҳад, ки стратегияи назариявии тайёрнамоии бакалаврҳо муайян карда шавад. Мақсади истифодаи муносибати акмеологӣ дар низоми тайёр намудани бакалаврҳо ба фаъолияти касбӣ амалинамоии таъсиррасонии акмеологӣ-педагогӣ ба донишҷӯён ба хотири ташаккули самтгириҳои касбӣ-арзишӣ, ҳадафнокии касбӣ, ҳавасмандии касбӣ ва саъйу кушиш ба муваффақиятҳои касбӣ, инчунин омодагӣ ба фаъолияти эҷодии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи ақидаи А.С.Анисимов акмеология – ин самти нави интегративӣ дар таҳсилоти касби психолог ва педагог, инчунин илми байнифаннӣ оид ба қонуниятҳо ва омилҳои бадастории қуллаҳои баландтарини касбият, эҷодиёти инсон ба ҳисоб меравад [1, с.632]. Хусусияти истифодаи акмеология дар ташаккули шахсияти бакалаври оянда бартараф намудани монеаи нобоварӣ дар марҳилаи мутобиқгардӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ ва бадастории сатҳи баландтарини шуур аз тарафи шахсият, ки ба худтакмилдиҳӣ саъйу кушиш менамояд, ба ҳисоб меравад. Самаранокии раванди мутобиқгардӣ ва бунёди марҳилаи муфиди мутобиқгардӣ вазифаи аввалиндараҷаи тамоми раванди таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад [5, с.256].

Муносибати акмеологӣ ҳамчун категорияи базавии ҷамъбасткунанда муайян карда мешавад, ки маҷмӯи принсипҳо, услубҳо ва методҳои таҳқиқоти илмиро дарбар гирифта, ба омӯзиш ва ҳалли проблемаҳои илмӣ ва амалӣ, ки ба бадастории сатҳи баланди касбият

равона гардидаанд, мусоидат менамояд. Истифодаи ин муносибат ба баланд гардидани ҳавасмандии бадастории муваффақият дар фаъолияти касбӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаи ниҳои истифодаи муносибати акмеологӣ ташаккули қобилият ба худрушднамоӣ, худтакмилдиҳӣ ва худамалинамоӣ дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Ба хотире, ки марҳилаи таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олӣ давраи муҳим дар роҳи рушди касбии инсон ба ҳисоб меравад, муассисаи таҳсилоти олӣ бояд шароитиреро таъмин намояд, ки дар он амалинамоии мақсадҳои шахсиву ҷамъиятӣ, ташаккули касбӣ-эҷодии бакалаври оянда имконпазир гардад. Бояд шароите таъмин карда шавад, ки воситаи асосии бунёди он муҳити акмеологӣ ба ҳисоб равад [14, с.109].

Дар асоси таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои зикргардида, метавон қайд намуд, ки муносибати акмеологӣ дар тайёрнамоии бакалаврҳо дар таъмини қувватгирии ҳавасмандии касбӣ, ҳавасманднамоии нерӯи эҷодӣ, ошкор ва истифодаи зохираҳои шахсӣ барои бадастории муваффақият дар фаъолияти касбӣ зоҳир мегардад.

Ҷанбаи тартиботӣ ё худ равандии методологияи тайёрнамоии бакалаврҳо ба фаъолияти касбӣ хусусиятҳои амалинамоии раванди таҳқиқшаванда дар амалияи мактаби олиро ошкор менамояд. Илова бар ин, ҷанбаи мазкур ба ошкор намудани механизми психологӣ-педагогии тайёрнамоии бакалаврҳои оянда равона карда шудааст. Ҷанбаи мазкури методология дар доираи муносибатҳои шахсӣ-самтгирӣ, низомӣ, интегративӣ, фаъолиятӣ ва салоҳиятнокӣ пешниҳод гардидааст, ки дар маҷмӯъ асоси самтгириҳои амалии раванди таҳқиқшавандаро ташкил менамоянд.

Муносибати самтгириҳои шахсӣ ба он такя менамояд, ки шахсият ин ягонагии хусусиятҳои равонӣ, ки фардияти онро ташкил менамояд, ба ҳисоб меравад. Дар тайёрнамоии касбии бакалаврҳо истифодаи муносибати шахсӣ-самтгирӣ дар самтгирии донишҷӯён ба корҳои мустақилона; ҳавасмандгардонии фаъолнокии ҳар як донишҷӯ бо назардошти имконият ва шавқу рағбати инфиродии ӯ; пешниҳоди интихоби корҳои гурӯҳӣ ё корҳои инфиродӣ; баҳогузории корҳои иҷрошуда аз ҷониби худи донишҷӯён ва сипас омӯзгор; дар истифода намудани вазифаҳои инфиродӣ зоҳир мегардад.

Таҳсилот дар асоси самтгириҳои шахсӣ муродифи таҳсилоти олии босифат ба ҳисоб меравад. Донишҷӯён оид ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, методҳои таълим ва баҳогузорӣ машварат менамоянд, дар азназаргузаронии сифати барномаҳо иштирок намуда, аъзои комилҳуқуқи комитетҳо ба ҳисоб мераванд. Донишҷӯён метавонанд дар доираи қоидаҳоиамалкунанда оид ба муваффақияти академии худ шиеоят намоянд. Талаботҳои донишҷӯён ва гуногунии гурӯҳҳои донишҷӯён дар лоиҳакашии натиҷаҳои таҳсил ба инобат гирифта мешавад, донишҷӯён оид ба натиҷаҳои эҳтимолии таълим то оғози машғулиятҳо хабардор карда мешаванд [7, с.312].

Амалинамоии муносибати самтгириҳои шахсӣ аз таҳсилоти проблемавӣ, корҳои гурӯҳии лоиҳавӣ, таҳсилоти фаъоли самтгириҳои шахсӣ, таҳсилоти самтгириҳои захиравӣ, исфодаи кейс-методҳо, бозиҳои нақшофаринӣ, семинарҳои аудиторӣ, муаррифинамоиҳои гурӯҳӣ, истифодаи веб-конференсияҳо, кор дар гурӯҳҳои хурд иборат аст, ки ба омӯхтани кор дар гурӯҳ, шарҳу эзоҳот ба худбаҳодиҳӣ, шарҳ ба алоқаи ҷавобӣ имкониятҳоро муҳаё месозад [16,283]. Дар шароити имрӯза таҳсилот, ки ба донишҷӯён равона карда шудааст, ба тафри фаъол рушд намуда истодааст.

Таҳсилоти олии муосир бояд дар таъмини сифат, мутобиқати барномаҳои таълимӣ, салоҳиятҳо, бозори меҳнати аврупоӣ, шароити таълим, маводҳо, методҳо ва таҷҳизотҳои муосир, нозомҳо, ки ба донишҷӯён нигаронида шудааст, самтгириҳои касбӣ, мобилияти донишҷӯён асос ёбад [2, с.6]. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки таҳсилоти самтгириҳои шахсӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти дидактикӣ дар муҳити академӣ ба ҳисоб меравад [11, с.65].

Барои ҳар як донишҷӯи алоҳида дар раванди таълим самти инфиродӣ ва барномаи таълимии инфиродӣ коркард ва тасҳеҳ мегардад. Донишҷӯ худ самти таълимии инфиродиро интихоб менамояд, омӯзгор бошад дастгирии педагогии худмуайяннамоии донишҷӯро амалӣ намуда, дар раванди таълим ва ташхиси натиҷаҳо онро тасҳеҳ менамояд. Самти тайёрнамоии бакалаврҳо ҳамгироии фанҳои умумикасбӣ ва махсус, воситаҳои гуногуни фаъолияти касбиро пешниҳод менамояд ва имконият медиҳад, ки ба таври маҷмӯавӣ салоҳиятнокии касбӣ ташаккул ёбанд.

Дар доираи муносибати низомӣ чунин як ташкили тайёрнамоии касбӣ фаҳмида мешавад, ки дар он тамоми унсурҳо дар вобастагӣ, инъикоси доимӣ ва ислоҳи натиҷаҳо, бунёди шароит, ки бадастории натиҷанокии онро таъмин менамояд, қарор доранд. Муносибати низомӣ муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тайёрнамоии касбӣ, бунёди консепсияҳои (самтҳои асосӣ, стратегияи амалинамоии онҳо, барномаҳо ва методикаҳо) тайёрнамоии

бакалаврҳо ба фаъолияти касбӣ; муайян намудани унсурҳои сохтории ин низом; ошкор намудани характери алоқамандии унсурҳои сохторӣ; ошкор намудани сатҳ ва нишондиҳандаҳои баҳогузории натиҷанокии тайёрнамоии касбиро пешниҳод менамояд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ оид ба масъалаи истифодаи муносибати низомӣ дар ҳалли вазифаҳои мушаххас имконият медиҳад, ки принсипҳои асосии муносибати мазкур ҷудо карда шаванд:

-принсипи таҳқиқоти дедуктивӣ – баррасии муттасили низом ба марҳилаҳо: аз муҳит ва алоқаҳои умумӣ то ба алоқаи ҷузъҳои алоҳидаи ин муҳит;

-принсипи баррасии интегративӣ – ҳар як низом бояд ҳамчун падидаи кулл, ҳатто дар баррасии зернизомҳои алоҳидаи низом, ҷудонопазир бошад;

-принсипи мутобиқати захираҳо ва мақсадҳои баррасӣ;

- принсипи бенизоъгӣ – вуҷуд надоштани низоъ байни ҷузъҳои алоҳидаи низом [17, с.122].

Дар асоси таҳлили муносибатҳои омӯзиши тайёрии касбии донишҷӯёни бакавлавр, муайян намудем, ки муносибатҳои нисбатан маҳсулнок дар ин самт муносибатҳои аксиологӣ, гуманистӣ, акмеологӣ, самтгириҳои шахсӣ, низомӣ, интегративӣ, фаъолиятӣ, салоҳиятнокӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза, аксарияти муаллифон раванди тайёрнамоии касбии бакалаврҳоро аз нуқтаи назари муносибати салоҳиятнокӣ баррасӣ менамоянд. Мо ба чунин хулоса ододем, ки муносибатҳои зикргардида, ҷанбаҳои гуногуни тайёрнамоии бакалаврҳоро баррасӣ намуда, дар самти самаранок гардидани раванди таҳсилот саҳмгузор мебошанд.

Муносибатҳои зикргардида дар маҷмӯъ пойгоҳи назариявии раванди таҳқиқшавандаро ташкил намуда, имконият медиҳанд, ки тасаввуроти том оид ба моҳияти таҳқиқи тайёрии касбии бакалаврҳо ба даст оварда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Анисмов О. С. Акмеология и методология / О.С. Анисмов. -М., 1998. -722 с.
2. Барр Р.Б. От преподавания к учебе: новая парадигма высшего образования / Р.Б. Барр, Дж. Тагг // Теоретические вопросы образования: хрестоматия / сост., под ред. М.А. Гусаковского, А.А. Полонникова, А.М. Корбута. – Минск: БГУ, 2013. –С. 60-62
3. Вербицкий А. Контекстное обучение в компетентностном подходе / А.Вербицкий // Высшее образование в России. 2006. №11. -С. 39-46.
4. Гурье Л. И., Маркина Л. Л. Подготовка преподавателей вуза к инновационной профессионально-педагогической деятельности / Л.И. Гурье // Высшее образование в России. 2009. № 2. -С. 91-95.
5. Деркач А.А., Зазыкин В.Г. Акмеология / А.А. Деркач, В.Г. Зазыкин. -Спб: Питер, 2003. -256 с.
6. Добрускина М.Е. Гуманизация как стратегия высшего образования / М.Е. Добрускина // Философия и общество. Выпуск № 3.(40). 2005. –С. 78-84.
7. Дубских А.И. Метод проекта как современная педагогическая технология / А.И. Дубских // Актуальные вопросы исследования и преподавания родных языков и литератур: материалы Международной научно-практической конференции (г. Чебоксары, 16 ноября 2019 г.) – Чебоксары: Издательский дом «Среда», 2020. – С. 311–313.
8. Жуйкова Т.П. Аксиологический подход к формированию профессиональной направленности студентов педагогических специальностей / Т.П. Жуйкова// Проблемы и перспективы развития образования: материалы II Междунар. науч. конф. (г. Пермь, май 2012 г.). - Пермь: Меркурий, 2012. - С. 3-6.
9. Кравец А.С. Гуманизация и гуманитаризация высшего образования / А.С. Кравец. –М., 2004. -30 с.
10. Кузнецов В. В. Развитие педагогической культуры мастеров производственного обучения: автореф. дис. д-ра пед. наук. –Оренбург, 1999. -326 с
11. Пикалова Е.А. Овладение студентами вуза средствами автодидактики профессионального имидж-проектирования / Е.А. Пикалова, Л.И. Савва, Е.А. Гасаненко // Вестник Челябинского государственного педагогического университета. 2016. № 4. – С. 64–69.
12. Рабочая книга практического психолога: Пособие для специалистов, работающих с персоналом / Под редакцией А.А.Бодалева, А.А.Деркача, Л.Г. Лаптева. –М., 2001. -640 с.
13. Севба Е.В. Реализация аксиологического подхода в системе среднего профессионально образования / Е.В.Севба // Педагогическое мастерство: материалы VIII Междунар. науч. конф. (г. Москва, июнь 2016 г.). - М.: Буки-Веди, 2016. - С. 42-44.
14. Севостьянов В.С. Непрерывное профессиональное образование / В.С. Севостьянов // Высшее образование в России, 2009. № 12. -С.108–112.
15. Сластенин В.А., Шиянов Е.Н. Образование в 12-летней школе: аксиологические основания // Известия РАО. Под. ред. В.А. Сластенина - М.: 2000. - №4. -80 с.

16. Смирнова В.Р. Классификация подходов к изучению самоопределения личности в контексте гуманитарных наук / В.Р. Смирнова, Л.И. Савва, Е.А. Гасаненко // Проблемы современного педагогического образования. 2019. – № 62-1. – С. 283–287.
17. Штерензон В.А. Системный подход моделирование структуры содержания обучения при подготовке прикладных бакалавров / В.А. Штерензон // Научное обозрение. Педагогические науки. – 2017. – № 2. – С. 117-123

## МУНОСИБАТҲОИ ОМӮЗИШИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ БАКАЛАВР

*Дар мақолаи мазкур муносибатҳои мухталифи омӯзиши тайёрнамоии касбии бакалаврҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мавҷудияти низоми муташаккили тайёрнамоии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандон, ки ба талаботҳои муосири рушди илмӣ-техникӣ ҷавобгӯ мебошад, шарти зарурии бадастории натиҷаҳои баланд дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, устувории муносибатҳои меҳнатӣ, қонеънамоии талаботи шахсият дар худамалинамоӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ, таъмини ҳуқуқи конститутсионии инсон ба таҳсилот ба ҳисоб меравад.*

*Тайёрнамоии бакалаврҳо аз барномаҳои таълимӣ ва касбӣ, ки ба васеъ намудани таҳсилоти умумиилмӣ ва гуманитарӣ, бадастории асосҳои тайёрии касбӣ дар яке аз самтҳои илм, техника ва фарҳанг равона гардидаанд, иборат мебошад.*

*Дар низоми муосири таҳсилоти олӣ тайёрнамоии касбии бакалаврҳо яке аз равандҳои мураккаб ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва баррасии ин раванд бояд аз мавқеъҳои гуногун амалӣ гардад, зеро имконият медиҳад, ки маҷмӯи муносибатҳои илмӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот ошкор карда шаванд.*

*Дар асоси таҳлили муносибатҳои омӯзиши тайёрии касбии донишҷӯёни бакавлавр, муайян карда шуд, ки муносибатҳои нисбатан маҳсулнок дар ин самт муносибатҳои арзишӣ, гуманистӣ, акмеологӣ, самтгириҳои шахсӣ, низомӣ, интегративӣ, фаъолиятӣ, салоҳиятнокӣ ба ҳисоб мераванд.*

*Дар шароити имрӯза, аксарияти муаллифон раванди тайёрнамоии касбии бакалаврҳоро аз нуқтаи назари муносибати салоҳиятнокӣ баррасӣ менамоянд. Мо ба чунин хулоса ададем, ки муносибатҳои зикргардида, ҷанбаҳои гуногуни тайёрнамоии бакалаврҳоро баррасӣ намуда, дар самти самаранок гардидани раванди таҳсилот саҳмгузор мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *бакалавр, таҳсилоти олӣ, муносибати аксиологӣ, муносибати гуманистӣ, муносибати акмеологӣ, муносибати самтгириҳои шахсӣ, муносибати низомӣ, муносибати интегративӣ, муносибати фаъолиятӣ, муносибати салоҳиятнокӣ.*

## ПОДХОДЫ ОБУЧЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ БАКАЛАВРОВ

*В данной статье рассматривается различные подходы к обучению профессиональной подготовке бакалавров. Автор отмечает, что наличие организованной системы профессиональной подготовки, переподготовки и повышения квалификации работников, отвечающей современным требованиям научно-технического развития, является необходимым условием достижения высоких результатов во всех отраслях экономики, устойчивости трудовых отношений, удовлетворение потребности личностности в самореализации и развития творческих способностей, обеспечение конституционных право человека на образование.*

*Подготовка бакалавров состоит из образовательных и профессиональных программ, направленных на расширение общего образования и гуманитарных наук, достижение основ профессиональной подготовки в одном из направлений науки, техники и культуры.*

*В современной системе высшего образования профессиональная подготовка бакалавров является одним из самых сложных процессов. Изучение и рассмотрение этого процесса необходимо проводить с разных позиций, так как это позволяет выявить совокупность научных подходов и раскрыть теоретико-методологические основы исследования.*

*На основе анализа отношений профессиональной подготовки студентов бакалавриата определено, что наиболее продуктивными подходами в этой сфере являются: ценностный, гуманистический, акмеологический, личностно-ориентированный, системный, интегративный, функциональный, компетентностный.*

*В современных условиях большинство авторов рассматривают процесс профессиональной подготовки бакалавров с точки зрения компетентностного подхода. Необходимо подчеркивать, что данные подходы, рассматривая различные аспекты подготовки бакалавров, способствуют повышению эффективности образовательного процесса.*

***Ключевые слова:*** *бакалавриат, высшее образование, аксиологический подход, гуманистический подход, акмеологический подход, личностно-ориентированный подход, системный подход, интегративный подход, деятельностный подход, компетентностный подход.*

## APPROACHES TO TEACHING PROFESSIONAL TRAINING OF BACHELOR STUDENTS

*This article discusses various approaches to teaching professional training for bachelors. The author notes that the presence of an organized system of professional training, retraining and advanced training of workers that meets the modern requirements of scientific and technological development is a prerequisite for achieving high results in all sectors of the economy, the stability of labor relations, meeting the needs of personality in self-realization and development of creative abilities, ensuring constitutional human right to education.*

*The preparation of bachelors consists of educational and professional programs aimed at expanding general education and the humanities, achieving the foundations of professional training in one of the areas of science, technology and culture.*

*In the modern system of higher education, the professional training of bachelors is one of the most difficult processes. The study and consideration of this process must be carried out from different positions, since this allows you to identify a set of scientific approaches and reveal the theoretical and methodological foundations of the study.*

*Based on the analysis of the relationship of professional training of undergraduate students, it was determined that the most productive approaches in this area are: value, humanistic, acmeological, personality-oriented, systemic, integrative, functional, competence.*

*In modern conditions, most authors consider the process of professional training of bachelors from the point of view of a competence-based approach. It should be emphasized that these approaches, considering various aspects of training bachelors, contribute to an increase in the efficiency of the educational process.*

***Keywords:*** *bachelor's degree, higher education, axiological approach, humanistic approach, acmeological approach, personality-oriented approach, systems approach, integrative approach, activity approach, competence-based approach.*

***Сведения об авторе:***

***Хайруллоев Диловар*** *-соискатель Бахтарского государственного университета имени Насыра Хусрава. E-mail. Khairulloevdilovar@gmail.com*

***About the author:***

***Khairulloev Dilovar*** *- Head of Bakhtar State University named after Nasiri Khusrav. E-mail: Khairulloevdilovar@gmail.com.*

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ПРОФАЙЛИНГ

***Латифзода С.З.***
*Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
***Гулова Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Профайлинг соҳаи нави илм буда, он дар аввал дар сохторҳои қудратӣ ба таври ғайриошкоро ва ё бо ибораи дигар, ба таври махфӣ аз ҷониби мутахассисон ва коршиносони соҳаи психология ва криминалистика мавриди истифода қарор дода мешуд. Дар айни замон профайлинг доираи хуро васеъ намуда, аллакай як қатор қисматҳои он дар истифодаи ошкоро рӯйи майдон омаданд ва дар аксар донишгоҳҳои давлатҳои Аврупо ва Амрико муддати чанд сол мешавад, ки он ҳамчун фанни таълимӣ тадрис дода мешавад. Профайлинг на танҳо дар доираи маҳдуд барои ихтисоси психология, балки инчунин тадриси он дар дигар ихтисосҳо аз қабили ҳуқуқшиносон, криминалистон, сиёсатшиносон, сотсиологон, иқтисодчиён ва ғ. низ ҳамчун фанни ҳатмӣ тадрис мешавад. Дар масъалаи шароити кунунии Тоҷикистон ҳаминро ишора кардан лозим аст, ки нахустин маротиба "Профайлинг" ҳамчун фан дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ ҳусни оғоз бахшид ва ин далолаткунандаи он мебошад, ки донишгоҳи зикргардида якумин муассисаи таълимие мебошад, ки тадриси "Профайлинг" - ро вобаста ба шароити геосиёсии ҷаҳон зарур шуморид.

Одатан профайлинг ба ду маъно истифода мешавад, маҳдуд ва васеъ. "Ба маънои маҳдуд профайлинг – ин тартиб додани симои психологии шахсияти ҷинояткор аз рӯйи изҳои дар раванди содир намудани ҷиноят гузошташуда мебошад. Ба маънои васеъи калима профайлинг – ин маҷмӯи метод ва усулҳои психологие мебошад, ки баҳодиҳии махсусро талаб мекунад, аз ҷумла муайян намудани характер (хислатҳо ва нишонаҳои характер), мизоҷ, дараҷаи инкишофи зеҳнӣ ва пешгӯйии рафтори шахс (инсон)"[1, с.266]. Дар баробари ин нуқтаи назари дигаре низ вуҷуд дорад: "Профайлингро барои муайян намудани маром ва ҳадафҳои ҷинояткор, қобилиятҳои махсус ва пешгӯйии рафтори эҳтимолии ӯ истифода мебаранд. Илова бар ин профайлинги криминалӣ (ҷиноӣ) ба кори мустақим ва далелҳо дар парвандаи ҷиноӣ равона гардидааст [2, с.143].

Методологияи тартиб додани симои психологӣ дар бисёр маврид ба ташхиси психологии ҷинояткор ба истифода аз усулҳои ташхисӣ, техникаҳо ва ғайра такя мекунад. Бешак профайлинг методҳои илми психологияро истифода мебарад, аммо бо вуҷуди ин, методологияи он танҳо бо истифодаи методҳои хусусӣ – илмӣ, ки аз тарафи илми психология пешниҳод шудааст, сохта мешавад.

Ба андешаи мо, ҳалли масъалаи асоси методологӣ танҳо дар сурати таҳлили муқоисавии усулҳои мавҷудаи тартиб додани симои психологӣ, инчунин бо муайян намудани қонуниятҳои умумии ҷараёни моделсозии симои психологии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, имконпазир мегардад.

Бо дархости мақомоти тафтишотӣ ва ё оперативӣ аз тарафи психолог чунин симои психологӣ тартиб дода шуданаш мумкин аст [6, с.114]:

1. Симои психологии ҷустуҷӯӣ ва ё бо ибораи дигар, симои психологии ҷинояткори номаълум ва эҳтимолӣ. Фаъолияти асосии коршинос-психолог дар ин гуна маврид аз тартиб додани симои психологӣ бо аломатҳои асосии фарққкунанда иборат буда, дар асоси он бояд доираи гумонбарон маҳдуд шуда, кормандони оперативӣ маҳз ба самти зарурӣ равона гарданд.

2. Тартиб додани симои психологии субъектони ҷиноят. Фарқияти ин амал дар муқоиса аз тартиб додани симои психологии якум дар он аст, ки дар ин намуд аллакай субъекти ҷиноят маьлум аст. Коршинос-психолог дар ин маврид бо дархости мақомоти салоҳиятдор симои психологиро тартиб медиҳад.

Дар мавриди якум, тартиб додани симои психологӣ душвортар аст, зеро ҳангоми ҷиноятҳои силсилавии шаҳвонӣ, ки аксар вақт ҷабрдидаҳо зинда намемонанд, психологро зарур аст аз рӯйи аломат ва ё изҳое, ки ҷинояткор аз худ боқӣ гузоштааст, симои психологиро тартиб диҳад. Дар мавриди дуюм, кори психолог на он қадар душвор аст, зеро гумонбаршуда ба ҷиноят маълум аст ва ё аллакай боздошт шудааст. Вазифаи психолог аз кӯмак расонидан дар вазъиятҳои мураккаби тафтишотӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, барои тартиб додани симои психологии ҷинояткор ва ё шоҳид ва ё мизоҷони бонк сохтори омӯзиши шахсро ба инобати ҷиддӣ гирифтан лозим аст. Сохтори омӯзиши шахс аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

**Маълумоти умумӣ:** ҷойи таваллуд, соли таваллуд, маълумот, ихтисос, ҷой ва шакли кор, вазифа, вазъи оилавӣ, ҷойи истиқомат, ҳизбият.

**Аломатҳои зоҳирӣ:**

- чеҳра (аз рӯйи сохтори чеҳра);
- қад (қади паст, миёна, баланд ва ё нуқсонҳои қадкашӣ);
- вазн ва сохти бадан (бениҳоят хароб, лоғар, мавзун, мукаммал, фарбеҳ);
- либос (тоза-ифлос, аз рӯйи муд либос мепӯшад ва ё баръакс); тарзи гуфтор (таассуроти хуб бахшид ё баръакс);
- овоз (фораму гуворо, нофорам, дағал, канда-канда).

**Роҳи ҳаёт:**

❖ волидон (синну сол ва ҷойи таваллуд, миллат, ҷойи истиқомат, вазъи иҷтимоӣ, маълумот, касб, ҳизбият, шавқу ҳавас, машғулиятҳои доимӣ ва ғ.);

❖ кӯдакӣ (зиндагӣ дар оила, фарзанди чандум, зиндагии берун аз оила, бародарону хоҳарон, муноси-батҳои онҳо, ҳодисаю воқеаҳо дар ҳаёт);

❖ мактаб (фанҳои дӯстдошта, муносибат бо ҳамсолон, вайрон кардани интизоми мактабӣ, комёбиҳо, баҳои фаъолияти таълимӣ);

❖ муассисаҳои таълимӣ (мақсади дохилшавӣ, комёбиҳо, гирифтани донишҳо, маҳорат, малака, воқеаҳои хоси 16-19-солагӣ);

❖ фаъолияти меҳнатӣ ва хизмати ҳарбӣ (характери кор ва хизмат, муносибат ба меҳнат ва хизмат, мавқеъ байни дигар одамон, қаноатмандӣ, таъсири фаъолияти меҳнатӣ ба шахсият);

❖ ҳаёти оилавӣ, тавлиди фарзандон, айни ҳол бо кӣ зиндагӣ мекунад.

**Соҳаҳои ҳаётӣ:**

▪ оила (муносибат байни ҳамсарон, муносибат бо кӯдакон, муносибат бо волидон);

▪ касб ва ихтисос (мароми интихоби касбу кор, қаноатмандӣ, пешравиҳо ва мавқеи иҷтимоӣ дар кор ва ғ.);

▪ фаъолии иҷтимоию сиёсӣ (фаъол-ғайрифаъол (пассив), ба фаъолияти иҷтимоӣ чӣ қадар вақтро сарф мекунад);

▪ тарзи гузаронидани вақти холӣ (варзиш, қиморбозӣ, кино, театр, истифодаи машруботи спиртӣ бо рафиқон);

▪ саломатӣ (вазъи саломатии умумӣ, муносибат ба вазъи саломатии худ, мавҷудияти ягон намуди беморӣ).

**Рафтор:**

❖ ҳолати рӯҳии бартаридошта (муътадил, табъи болида, рӯҳафтодагӣ, аксуламал ба душвориҳо - худро гум кардан, фаъолӣ, бефарқӣ);

❖ хусусиятҳои зоҳирнамоии эмотсия ва ҳиссиёт (ба осонӣ ба ҳаяҷон меояд, миёна, тез; тарзи азсаргу-заронии нокомиҳо: аён–ноаён, дарозмуддат, кӯтоҳмуддат; кинагир ё бепарво);

❖ зуҳуроти иродавӣ (мустақилӣ-номустақилӣ, боинтизомӣ-беинтизомӣ, далерӣ–тарсончакӣ, боҷуръатӣ-беҷуръатӣ);

❖ рафтор дар вазъиятҳои душвор (оромиро нигоҳ медорад, мувозинатро аз даст медиҳад, мантиқию оқилона будани амал ва нутқ нигоҳ дошта мешавад ё не);

❖ рафтор дар ҳолати майзадагӣ (ором, агрессивӣ, назоратро аз даст медиҳад, улфатпазир, танҳогиро дӯст медорад, майзадагии дараҷаи баланд, миёна ва ё машруботи спиртӣ наменӯшад);

❖ ахлоқ (риояи меъёрҳои муқарраргардидаи ҷамъиятӣ, муносибат бо занон, ростқавлӣ, зоҳир намудани мардонагӣ дар муносибати мураккаб бо ҳамсолону калонсолон).

**Мизоҷ ва характер:**

**а) мизоҷ:**

❖ улфатпазирӣ (камгап, мардумгурез, шармгин-бешарм, эҳтиёткор, боҷуръат, майл ба сарварӣ мушоҳида мешавад);

❖ ҳолати эмотсионалӣ (ором-мутаассиршаванда, ботамкин-зудранҷ, худдор-ҳаяҷоннок, пессимист-оптимист);

**б) характер: дар системаи муносибатҳои шахс чор гурӯҳи зерини хислатҳои характерро ҷудо мекунанд** [7, с.311].

❖ хислатҳое, ки муносибати одамро бо одамони дигар коллектив, ба ҷамъият (улфатпазирӣ, дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ, эҳтироми одамони дигар, коллективизм ва хислатҳои муқобилмаънои онҳо–мардумгурезӣ, дилсардӣ, бераҳмӣ, дағалӣ, нафрат ба одамон, индивидуализм) тавсиф медиҳанд;

❖ хислатҳое, ки муносибати одамро ба меҳнат ва ба кори худ (меҳнатдӯстӣ, майл ба эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, масъулияти кор, ташаббускорӣ, хислатҳои ба он муқобил-танбалӣ, майл

ба кӯҳнапарастӣ, кори беинсофона, бемасъулиятӣ) ифода мекунанд;

❖ хислатҳое, ки муносибати одамро ба худаш ифода мекунанд ва ба онҳо дохил мешаванд: иззати нафс, ифтихор ва худтанқидкунӣ, хоксорӣ ва хсилатҳои муқобилмаънои он-худписандӣ, шӯҳратпарастӣ, ҳавобаландӣ, зудранҷӣ, шармгинӣ, худбинӣ, худпарастӣ;

❖ хислатҳое, ки муносибати одамро ба ашё (покизагӣ ё ифлостабиатӣ, боэҳтиётӣ) ифода мекунанд.

**Мароми рафтор:**

❖ талаботи афзалиятдошта (талаботи физиологӣ, талабот ба худнигоҳдорӣ, талабот ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, талабот ба эҳтироми шахсияти худ, талабот ба худсобитнамоӣ);

❖ арзишҳо ва мақсадгузориҳо:

а) баҳогузории шахсӣ (тамоюл ба худтакмилдиҳӣ, ба кӯмаки дигарон, ба фаъолияти муайян, ба қонеъсозии талаботи худ);

б) арзишҳои иҷтимоӣ (тамоюл ба меъёрҳои муқарраргардидаи ҷамъиятӣ, расму анъанаҳо);

в) арзишҳои моддӣ (пул, сарват ва моликият);

г) арзишҳои сиёсӣ (муносибат ба демократия, ҳизбҳои сиёсӣ, шакли ҳаёти кишвар, шакли ҳаёти сиёсии кишвар, нигоҳи шахсии сиёсии худ);

ғ) арзишҳои ғоявӣ (ҷаҳонбинӣ, эътиқод ба Худо, муносибат ба дигар динҳо ва намояндагони онҳо);

❖ шавқу ҳавас (машғулияти дӯстдошта, доираи шавқу ҳавасҳо, дараҷаи устувории шавқу ҳавасҳо);

❖ идеалҳо (мавҷуд будани идеал, ғоя, амали инсонӣ, қаҳрамонҳои ҳикояҳо ва ғ.).

**Мутобиқати иҷтимоӣ:**

❖ муҳити иҳотакарда (муносибати байниҳамдигарӣ бо ёру дӯстон, дараҷаи қабул шудан аз ҷониби атрофиён, дараҷаи алоқамандӣ бо хешу табор);

❖ дарки вазъияти иҷтимоӣ (аз ҳолати объективӣ баромадан, дар амалия мантиқият – бемантиқӣ бартарӣ дорад, ба вазъият тез мутобиқ мешавад ва ё баръакс);

❖ худбаҳодиҳӣ (нақшҳои иҷтимоии худро баҳогузории дуруст менамояд ва ё не, дараҷаи иддао, ба худ боварӣ доштан ва ё баръакс).

**Қобилият:**

❖ қобилиятҳои умумӣ (нутқи бурро ва ё тез, ба осонӣ бахотиргирӣ, тахаюлоти бой, муошрати пурра);

❖ қобилиятҳои махсус (ташкилотчигӣ, қобилияти шиносшавӣ, ба одамон таъсир расонида тавонистан).

Дар баробари ин, ба психологон маълум аст, ки баҳогузории шахсият дар рафти ба даст овардани маълумоти зарурӣ, аниқтараш дар рафти сухбати психологӣ, аслан дар асоси эмпатия, ки дар зинаи бешуурӣ кор мекунанд, амалӣ мегардад.

Эмпатия–қобилияти ҳамҳис будани шахсро ба одамони дигар ва ба дил наздик қабул кардани муносибати шодии онҳоро ифода мекунад [3, с.183].

Одатан ин раванди даркнашаванда аст ва имко-нияти дарк намудани амалҳои пинҳонии нафарони дигарро медиҳад. Таассуроти аввалин зинаи ибтидоии раванди баҳогузории шахсиятро ташкил дода, боиси роҳ додан ба иштибоҳ мегардад, ки ин бо якчанд омилҳои мушаххас алоқамандӣ дорад. Ба сифати манбаҳои иштибоҳ андешаҳои ашхоси дигар, галло - эффект, эффекти нармдилӣ, стреотипҳо, ҳолати психикии мушоҳидакор, талаботи афзалиятдошта, механизми муҳофизатӣ ва саҳланкорӣ баромад мекунанд.

**Андешаҳои ашхоси дигар.** Агар ба мо дар бораи нафаре пешакӣ маълумот диҳанд, ҳангоми вохӯрӣ аллакай мо бо мақсадгузории маълумоти қаблии аз нафари дигар гирифта муносибатро роҳандозӣ менамоем. Эҳтимол ин маълумот субъективӣ бошад ва он барои баҳогузории объективӣ ба шахс метавонад халал расонад.

**Галло - эффект.** Нафари бароямон писандро чун шахси «дилписанд» ва шахси писанднаомадаро ҳамчун «нофорам» ва ё «дилнокаш» қабул мекунем [4, с.5].

**Эффекти нармдилӣ.** Аксарият бо баҳогузории дигарон роҳёфти хайрхоҳонаро ба роҳ мемонанд. Ҳатто баъзан хусусиятҳои манфӣ ва ё камбудиҳои ӯро мушоҳида намекунанд, вале нафарони дигаре низ ҳастанд, ки нисбати паҳлуҳои мусбии объекти мушо-ҳидашаванда шубҳа доранд.

**Стереотипҳо.** Агар мушоҳидакор ва мушоҳида-шаванда аз рӯйи ягон хислати характер фарқ дошта бошанд, он гоҳ ин фарқият ба зудӣ ба чашм мерасад. Ин стереотипҳо баъзан этникию гурӯҳӣ шуда, баъзан стереотипҳои ба аломатҳои зоҳирӣ (баланд-паст, фарбеҳ-хароб, бинии дароз ва ғ.), инчунин стереотипҳои дигар, ба монанди овоз, нутқ, ҳаракатҳои экспрессивӣ (равиш, мимика, қиёфа, имову ишора) алоқаманд буда метавонанд. Донистани

стереотипҳо, даркнамоӣ ва баинобатгирии онҳо дар раванди муошират бо намояндагони миллатҳои гуногун ба мо иштибоҳ ва баҳои объективӣ додан ба рафтори ашхоси зикргардида имконият медиҳад. Ҳар як стереотип сохтори мантиқии худро дошта, қонунияти зоҳиршавии худро низ соҳиб аст.

**Ҳолати психикӣ.** Агар ҳолати рӯҳии мушоҳидакор хуб бошад, он гоҳ ӯ дигар нафаронро баҳогузории хуб намуда, худаш низ ҳисси таваҷҷуҳ (симпатия) мебахшад. Бинобар ин, ҳолати психикии мушоҳидакор метавонад манбаи иштибоҳ ҳангоми баҳогузории шахс гардад.

**Талаботи афзалиятдошта.** Талаботи афзалиятдошта шахсро ба предмети талаботи худ ҳассос мекунад: шикорчӣ ҳайвони ваҳширо тез ва хубтар мебинад.

**Механизмҳои муҳофизатӣ.** Яке аз механизмҳои муҳофизатие, ки дар идрокнамоӣ таҳриф меёбад, ин проексия мебошад, ки мақсади он дар таҳрифи (нодуруст)-и ҳақиқат ифода меёбад. Проексия қариб, ки дар рафтори ҳама одамон дида шавад ҳам, вале дар нафарони «асабҳои заифдошта» бештар зоҳир мегардад. Одатан, нафарони «асабҳои заифдошта» чунин гумон мебаранд, ки гӯё онҳоро барои мавҷудияти баъзе рафторҳояшон муттаҳам менамоянд. Проексия – ин зуҳуроти эмпатияи баргарданда мебошад. Мушоҳидакор дарк нокарда мушоҳидакунандаро бо худ муқоиса мекунад ва чунин мешуморад, ки ӯ худашро хуб мешиносад ва дар ин асос дар манзараи «МАН»-и худ метавонад ба таври объективона дигаронро низ баҳогузорӣ намояд.

**Саҳланкорӣ.** Таассуроти аввалин оид ба фарди мушаххас, ҳамчун қоида, доимо пурра нест ва ин бо он алоқамандӣ дорад, ки объекти идрокшаванда, яъне одам сохтори хеле мураккабро дорост. Аз ин рӯ, мо ҳангоми идроки ашхос майл ба саҳлгирӣ мекунем, зеро тамоюл ба саҳлгирӣ ба бештари нафарон хос аст [9, с.30-34].

Сарчашмаҳои иштибоҳот дар фаъолият ҷойи худро соҳибанд ва тасмими мо низ ҳамин аст, ки сабаби ин иштибоҳро ба таври мухтасар дида бароем. Сабаби иштибоҳ ҳангоми идрок ва баҳогузории шахсият пеш аз ҳама аз хусусиятҳои шахсии идроккунанда ва идрокшаванда вобастагӣ дорад. Зимни ин, хусусиятҳои фардии нафареро, ки мо мавриди омӯзиш қарор медиҳем, ба инобат гирифтан зарур аст.

**Хусусиятҳои фардӣ - психологии идрокшаванда.** Ҳар як шахс ба таври гуногун идрок мешавад, яъне як гурӯҳ барои идрок омодаанду гурӯҳи дигар бошад, хусусиятҳои худро пинҳон месозанд, ки дар натиҷа хулосабарории мушаххас душвор мегардад.

Шартан якчанд типи шахсро ҷудо мекунанд [8, с.216-217]:

1. Гурӯҳи нафароне, ки тамоми хусусиятҳои худро пинҳон месозанд, ки дар натиҷа оид ба таассуротҳои ботинии онҳо маълумот гирифтан душвор аст. Онҳо метавонанд шармгин ва кӯтоҳандеш бошанд.
2. Гурӯҳи дигар ҳамеша дар шубҳа ва мушавваш (безобита) ҳастанд. Онҳо доимо нохушиҳоро интизоранд. Аз ин рӯ, доимо дар ташвиш буда, ба дигарон муносибати хусуматомезро раво мебинанд.
3. Гурӯҳи ашхоси навбатӣ ҳамеша дар ҳаракат буда, олами ботинии онҳоро дар занҷираи амалу ҳаракатҳо вохӯрдан мумкин аст. Онҳо бартарии худро нисбати дигарон ба таври субъективӣ эҳсос намуда, аз ин ифтихор мекунанд.
4. Нафароне низ ҳастанд, ки ба муҳит зуд мутобиқ мешаванд ва ҳолати рӯҳии онҳо вобаста аз вазъият дар тағйирот аст.
5. Гурӯҳи дигаре низ мавҷуд аст, ки ба ягон гурӯҳ тасниф дода намешаванд. Онҳо дар издиҳом нопадид мегарданд ва дар хотираи мушоҳидакор таассурот ва ё образеро боқӣ намегузоранд. Дар бораи ашхоси ин гурӯҳ маълумоти мушаххасеро гуфтан душвор аст.

**Хулоса,** профайлинг – ин методикаи мураккабу маҷмӯавие (комплексӣ) мебошад, ки ба самти муайян ва ошкор намудани ҷинояткор ва дар маҷмӯъ баҳри тоза кардани ҷомеа аз шахсони тасодуфию ниятҳои нопоку ҷиноятконадошта равона гардидааст. Профайлинг дар замони муосир се ҳадафи асосиро иҷро мекунад: якум, баҳогузорӣ, таъсиррасонӣ, идоракунӣ ва пешгӯии амалҳои инсон, дуюм, шинохт ва ё бо ибораи дигар, муайян кардани майлҳои ботинии пинҳонӣ ва дурӯғгӯйӣ бидуни таҷҳизотҳои муайянкунандаи он, саввум, гирифтани нишондодҳои иқроршавӣ аз ашхоси гурӯҳи муайян.

**АДАБИЁТ**


1. Бурмистрова Н. С., Бертовский Л. В. Особенности применения криминалистического профайлинга в период сбора релевантной информации в ходе расследования преступления // Пробелы в Российском законодательстве. 2018. № 6.-С. 265-272
2. Грибунов О. П. Применение технологий профайлинга в деятельности правоохранительных органов по выявлению, пресечению и предупреждению преступлений на объектах транспортной инфраструктуры // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. 2015. № 4 (68).-С.142-146

3. Қодиров Қ.Б., Давлатов М.Т., Расулов С.Х. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе, 2008
4. Ладанов И.Д. Мастерство делового взаимодействия. - М.,1989. 155с.
5. Латифзода С.З. Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ). Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6d050300 – психология.-Душанбе, 2022
6. Латифзода С.З., Саидзода Б.Х. Симои психологии қотилони силсилавӣ (Дастури тавсиявӣ-методӣ).-Душанбе:Матбааи ҶДММ "Бебок"-2022
7. Психология зери таҳрири Давлатов М. Душанбе «Собириён»-2010
8. Чуфаровский Ю. Юридическая психология: учеб-3-е изд., перераб. и доп.- М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2007, 318с.
9. Чуфаровский Ю.В. Общение:наука и культура. - Ташкент, 1986
10. Шляхтин Е. П., Кириллова К. А. Технология профайлинга в деятельности сотрудников оперативных подразделений ОВД: проблемы теории и практики // Актуальные проблемы теории и практики оперативно-розыскной деятельности. СПб., 2019 . с.304-308

## АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ПРОФАЙЛИНГ

*Профайлинг яке аз соҳаи нави илмӣ буда, дар замони муосир истифодаи он дар самтҳои гуногуни амалӣ айни муддо маҳсуб меравад. Методологияи тартиб додани симои психологӣ дар бисёр маврид ба ташхиси психологии ҷинояткор ба истифода аз усулҳои ташхисӣ, техникаҳо ва ғайра такя мекунад. Бешак профайлинг методҳои илми психологияро истифода мебарад, аммо бо вуҷуди ин, методологияи он танҳо бо истифодаи методҳои хусусӣ – илмӣ, ки аз тарафи илми психология пешниҳод шудааст, сохта мешавад.*

***Мақсади мақола:*** *дар мақолаи мазкур сухан дар бораи асосҳои методологии профайлинг, мавриди омӯзиш қарор гирифтани намудҳои гуногуни он меравад. Инчунин оид ба самтҳои афзалиятноки истифодаи профайлинг ва тартиб додани симои психологӣ низ маълумотҳои зарурӣ дарҷ гардидаанд.*

***Натиҷаҳои татқиқот нишон дод, ки б****о дархости мақомоти тафтишотӣ ва ё оперативӣ коршинос-психолог чунин симои психологиро тартиб дода метавонад. Симои психологии ҷустуҷӯӣ ва ё бо ибораи дигар, симои психологии ҷинояткори номаълум ва эҳтимолӣ ва тартиб додани симои психологии субъектони ҷиноят. Фарқияти ин амал дар муқоиса аз тартиб додани симои психологии якум дар он аст, ки дар ин намуд аллакай субъекти ҷиноят маьлум аст. Коршинос-психолог дар ин маврид бо дархости мақомоти салоҳиятдор симои психологиро тартиб медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *профайлинг, сохтори омӯзиши шахс, маром, мизоҷ, характер, симои психологии ҷинояткор, методология, воситаҳои ташхисӣ, шахс ва хусусиятҳои психологии он.*

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФАЙЛИНГА

*Профайлинг является одним из новых научных направлений, и в современное время его использование в различных практических областях считается актуальным. Методология составления психологического портрета во многих случаях опирается на психологическую диагностику преступника с использованием диагностических методов, приемов и т.п. Конечно, профайлинг использует методы психологической науки, но тем не менее его методология создается с использованием только частнонаучных методов, предложенных психологической наукой.*

***Цель статьи:*** *в данной статье речь идет о методологических основах профайлинга, различных аспектах его изучения и составления психологического портрета преступника. Также представлены приоритетные направления использования профайлинга и составления психологического портрета.*

***Результаты исследования показали,*** *по требованию следственных или оперативных органов эксперт-психолог может составить такие психологические портреты. Психологический портрет розыска или иначе психологический портрет неизвестного и вероятного преступника и субъектов преступления. Отличие этого действия от составления первого психологического портрета состоит в том, что в этом виде предмет преступления уже известен. В этом случае эксперт-психолог составляет психологический профиль по запросу компетентного органа.*

***Ключевые слова:*** *профайлинг, структура исследования личности, мотив, клиент, психологический портрет преступника, методика, диагностический инструментарий, личность и ее психологические особенности.*

## METHODOLOGICAL BASES OF PROFILING

*Profiling is one of the new scientific directions, and in modern times its use in various practical areas is considered relevant. The methodology for creating a psychological image in many cases is based on the psychological diagnosis of a criminal using diagnostic methods, techniques, etc. Of course, profiling uses the methods of psychological science, but nevertheless its methodology is created using only private scientific methods proposed by psychological science.*

***Purpose of the article:*** *This article deals with the methodological foundations of profiling, various aspects of its study and drawing up a psychological portrait of a criminal. The priority directions of using profiling and drawing up a psychological portrait are also presented.*

***The results of the study showed that,*** *at the request of the investigative or operational authorities, an expert psychologist can draw up such psychological portraits. Psychological portrait of the search, or otherwise the psychological portrait of an unknown and probable criminal and subjects of the crime. The difference between this action and the preparation of the first psychological portrait is that in this form the subject of the crime is already known. In this case, an expert psychologist draws up a psychological profile at the request of the competent authority.*

***Key words:*** *profiling, personality research structure, motive, client, character, psychological portrait of a criminal, methodology, diagnostic tools, personality and its psychological features.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Латифзода Сомон Зариф*** *– дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалогия ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.пс., майори милитсия. Тел.: (+992) 880008384. E-mail: Latifzoda_01@mail.ru*

***Гулова Бибиоиша*** *- магистранти соли аввали ихтисоси психологияи амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 919329202*

***Сведение об авторах:***

***Латифзода Сомон Зариф*** *- доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии Академии МВД Республики Таджикистан, к.пс.н., майор милиции. Тел.: (+992) 880008384. E-mail: Latifzoda_01@mail.ru*

***Гулова Бибиоиша*** *- магистр первого курса специальности практической психологии факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел.: (+992) 919329202*

***About the authors:***

***Latifzoda Somon Zarif*** *- Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Ph.D., police major. Tel: (+992) 880008384. E-mail: Latifzoda_01@mail.ru*

***Gulova Bibioisha*** *- first-year master of practical psychology, Faculty of Psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Tel: (+992) 919329202*

## САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ СТРЕССИ ДОНИШҶӮЁН ВА РОҲҲОИ РАҲОИ АЗ ОН

***Шарипова З.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Яке аз масъалаҳои муҳими ҷараёни таълим дар низоми таҳсилоти олии касбӣ омӯзиши ҳолати эмотсионалии донишҷӯён мебошад. Дар тадқиқотҳои олимони Руссия баъзе ишораҳо доир ба стресси хонандагони мактаб вуҷуд дорад, ки психологони университети шаҳри Тюмени Россия гузаронидаанд, вале доир ба ҳолати стрессии донишҷӯён маълумотҳои кофиро дастрас намудан мушкил аст.

Стресс ва пайдоиши он ба як қатор омилҳо вобаста аст ва яке аз онҳо муҳит ва вазъиятҳое ба шумор меравад, ки ҳамчун стрессорҳо баромад мекунанд, яъне бавуҷудоварандаи стрессро стрессор меноманд. Ба мисли ҳолатҳои дигари эмотсионалӣ, ҳолати мазкур низ хусусияти предметӣ дошта, аз ангезанда вобаста мебошад

Дар баъзе одамон устувории баланд ба стресс ва дар дигарон бошад устувории паст нисбати он мушоҳида мешавад. Дар ин ҳолатҳо фаъолияти яке беҳтар мегардаду аз шахси дигар бошад, бадтар мешавад. Бояд гуфт, ки ҳолати гирифторшавӣ ба стресс ба хусусиятҳои фардӣ-психологии одам вобастагӣ дорад.

Гирифторӣ ба ҳолати эмотсионалии стресс дар наврасону ҷавонон ва саривақт ошкору бартараф карда нашудани он оқибатҳои фалокатовар дошта, боиси даст ба амалҳои номатлуб задани онҳо мегардад. Бинобарин он ба масъалаҳои ташвишовари замони имрӯза мубаддал гаштааст. Маҳз дар ҳамин замина омӯзиши масъалаи мазкур диққати мутахассисони соҳаҳои

гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ: равоншиносон, сотсиологҳо, педагогҳо,файласуфҳо, фарҳангшиносон, кормандони соҳаи тиб ва ғайраро ба худ ҷалб намудааст.

Омӯзиши омилҳои асосии гирифторшавии наврасону ҷавонон ба ҳолати стрессӣ ва сари вақт ошкор намудани дараҷаи инкишофи он ва андешидани чораҳои лозимӣ барои бартараф кардани омилҳои ҷойдошта, имконият медиҳад, масъалаи *муҳим ва мубрам(актуалӣ)* будани онро тасдиқ намояд.

Таърихи омӯзиши стресс бо номи Ганс Селле сахт алоқаманд аст. Соли 1936 дар маҷалаи англисии «Nature», мақолае бо номи «Синдром, вызываемый различными повреждающими агентами» интишор гардид. Маҳз аз ҳамин давра омӯзиши илмии стресс ҳамчун аломоти умумии мутобиқгардӣ (АУМ) оғоз шуд. Худи мафҳуми стресс дар мақолаи мазкур ёдрас карда нашуда буд. Ин мафҳум андаке дертар, дар назарияи «гомеостазис»-и пешниҳод намудаи У. Кэннон соли 1929 мавриди истифода қарор гирифта буд, аз ним аср мафҳуми стресс мавриди муошипрати оммавии одамон қарор гирифта он мафҳуми рамзии асри XX гардид. Истифодаи васеи ин мафҳум бо замонавӣ будани масъалаи ҳимоя намудани одамон аз таъсири омилҳои осебпазири муҳит арзёбӣ карда мешавад.

Ба қавли психолог В. А. Крутетский «Стресс аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънои бошиддатиро дорад ва ҳолате мебошад, ки дар вазъиятҳои ғайриоддӣ, душвор ва масъулиятнок ба вуҷуд меояд».

Теорияи стрессро олими канадаги Селе омӯхт ва дар таҷрибаҳои илмиаш баъзе роҳҳои баромадан аз ин ҳолатро исбот намуда буд.

Холатҳои эмотсионалии инсон, ки дар лаҳзаҳои ногувор пайдо шуда, ба майнаи сар ва сиришти мо таъсир мерасонаду ҳолати мувозинатиашонро тағир медиҳад, *стресс* ном дорад.

Бештар офатҳои табиӣ, ходисаҳои нохуш, марги ногаҳонӣ ва дигар ҳодисаҳои ғамангезу пурҳаяҷон сабабгори асосии пайдоиши стресс мегардад. Инчунин садамаҳои нақлиётӣ ва шунидани суханони қабеҳ омили асосии пайдоиши стресс ба шумор меравад.

Аз тарафи дигар ҳолатҳои стрессӣ ба мо имконият фароҳам меорад, ки ҳушёру чолок бошем, моро маҷбур месозанд, ки қувваҳои дохилиамонро истифода бурда, зидди ин ҳолатҳои ногувор мубориза барем.

Бояд қайд кард, ки дар фаъолияти касбии худ дар беморхонаи сироятӣ чун табиб Селле ба тартиб додани консепсияи универсалии стресс ноил шуд. Дар раванди омӯзиши механизмҳои стресс далелҳои ибтидоии моҳиятнок аз ҷумла, нақши гармонҳо дар бавуҷудоии аксуламалҳои стрессӣ ва иштироки онҳо дар бавуҷудомадани бемориҳои ғайриэндокренӣ ошкор карда шуд.

Мафҳуми стресс барои тавсиф намудани доираи васеи ҳолатҳое, ки одам дар заминаи таъсири ҳодисаҳои фавқулода ё ғайриоддӣ ба он гирифтор мешавад, истифода мегардад. Дар доираи муоширати ғайрирасмӣ, зери мафҳуми стресс ҳолатҳои ба ҳолатҳои оромӣ ва мувозинати рӯҳӣ муқобил мубаддал мегардад, зери мафҳуми стресси номувофиқ – мусибат, ғаму андӯҳ ва зуҳуротҳои дигари ҳолати дистрессиро бавуҷудоранда, дар назар дошта мешавад. Дараҷаи мувофиқи стресс қобилияти ба вуҷуд овардани натиҷаҳои мусбат: болидарӯҳӣ, эҳсосоти гуворо, рӯҳбаландии эҷодӣ ва корӣ, ба кор андохтани захираҳои дохилиро доро мебошад. Натиҷаи стресс аз шиддатнокии талабот ба қобилияти мутобиқшавии организм вобаста мебошад. Ба ақидаи Г. Селле, дар системаи биологӣ фаолии мутобиқшавии ғайрихос ҳамеша вуҷуд дорад ва «озодии том аз ҳолати стресс маънои маргро дорад». Ӯ стрессро маҷозан ширинӣ ва атри (хушбӯйи) зиндагӣ номид).[2, с.9]. Аз ҷониби дигар зери мафҳуми стресс ҳамагуна ангезандаҳои психологӣ - иҷтимоӣ, ҷисмонӣ, бошиддатии ҳолати рӯҳӣ, нороҳатии психикӣ ва ҷисмонӣ, ҳаяҷону изтироби рӯҳӣ ва дигар самараҳои номатлуб бавуҷудорандаро, дар назар доранд.

Дар адабиёти муосири илмӣ мафҳуми «стресс» бо мазмунҳои гуногун истифода бурда мешавад. Аввалан, зери мафҳуми стресс таъсири бошиддати номусоиди ба организм асари манфӣ расонанда, ки онро Г. Селле «стрессор» ). [2, с.10]меномид, фаҳмида мешавад. Дертар мафҳумҳои «стресс» ва «стрессор» ҳамчун синонимҳои ҳамдигар истифода бурда мешуданд.

Муҳаққиқон ва мутахассисон дар мавриди дуюм зери мафҳуми стресс аксуламалҳои субъективии инъикоскунандаи ҳаяҷон ва шиддатнокии ҳолати рӯҳии ботиниро дар назар доштанд. Ҳолати мазкур ҳамчун эмотсияҳои аксуламалҳои ҳимоявӣ ва раванди бартарафнамоии тағйиротҳои дар худи инсон бавуҷудомада тавсиф дода мешавад.

Дар мавриди сеюм мафҳуми стресс ҳамчун сифатҳои ғайрихоси аксуламалҳои физиологӣ ва психологии организм дар ҷавоб ба таъсири бошиддати барои вай ғайриоддӣ, ки зуҳуроти шиддатноки мутобиқшавии фаъолро ба вучуд меорад, фаҳмида мешавад. Ин аксуламалҳо барои дастгирии амалҳои рафторӣ ва протсессҳои психикии бартарафкунандаи оқибатҳои стресс нигаронида мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки на ҳама таърифҳои стресс моҳияти онро ҳамаҷониба инъикос карда метавонанд. Дар тадқиқотҳои бешумор муайян карда шудааст, ки протсессҳои мутобиқшавии физиологию психологии ғайрихос вобаста ба қувваи таъсир ба таври гуногун зоҳир мешаванд, вале самаранокии фаъоли мутобиқшавии

инсон ба моҳиятнокии омили стресси ба ӯ таъсиркардаистода алоқаманд аст. Тафсири нисбатан мукаммали фаҳмиши стресс, ба ақидаи Л.А. Китаев – Смик, фаҳмиши ғайримуқаррарии зуҳуроти физиологӣ ва психологии мутобиқшавии фаъолона ҳангоми таъсироти шиддатнокӣ барои организм ғайриодӣ, вале барои одам аҳамият дошта, мебошад. Мафҳуми стресс аз ҷониби як қатор равоншиносони ҷумҳуриҳои собиқ Итифоқи Шӯравӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифта ба тарзҳои гуногун шарҳу эзоҳ дода шудааст.

Стресс – ин бошиддатии рӯҳӣ буда, ҳолати психикие мебошад, ки дар заминаи шароитҳои барои шахс ғайриоддию фавқулода ба вуҷуд меояд ва дар карахтии ҳаракату амалҳо, пайдоиши нобоварӣ ҳангоми иҷрои амалҳои дигари хатарнок ифода меёбад (Корненко А.А. ва диг.). ). [2, с.53]

Стресс, шакли махсуси азсаргузаронии ҳиссиёт буда, аз рӯи тавсифдиҳандаҳои психологӣ ба аффект ва аз рӯи давомнокиаш ба ҳолати афсурдаҳолӣ наздик аст (А.П. Петровский). ). [2, с.54]

Стресс – ин ҳолати эмотсионалие мебошад, ки бо вазъияти ногаҳонӣ ва шиддатнок алоқаманд аст (В.Б. Богославский). [2, с.54]

Стресс ё худ шиддатнокии рӯҳӣ – ин ҳолати психикиест, ки дар шароитҳои маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали айни замон хавфнок ифода меёбад.

Бо сабаби ба таври ягона тафсир карда нашудани мафҳуми «стресс» аксарияти мутахасиссони соҳаи мазкур зарур чунин мешуморанд, ки ба ҷойи он мафҳуми «бошиддатии рӯҳӣ», ки дар он зарурати омӯзиши фаъолияти одам дар шароити мураккаб қайд карда мешавад, истифода бурда шавад.

Метавонем тахмин кард, ки сабаби пайдоиши стерессии эмотсионалиро рӯйдодҳои мусбӣ ва манфӣ ташкил мекунанд. Аммо ба ин нуқтаи назар на ҳама ҳамфикранд.

Г. Селле танҳо омилҳои мусоидеро зарарасон мешуморад, ки ба ҳолати дисстрессӣ оварда мерасонад. Бинобар ин фақат рӯйдодҳои манфиро ҳамчун стрессорҳои эмотсионалӣ тавсиф медод.

В. Харисс ва дигарон таъсироти психологию иҷтимоиро аз рӯи давомнокиашон ба таври зерин тавсиф намуданд:

1. Стрессорҳои кӯтоҳмуддат; ки ифода мегардад, дар:
- боварӣ;
- сабаби барзиёдиҳо;
- тарс.

2. Стрессорҳои дарозмуддати амалкунанда; ки дарбар мегиранд:
- мубориза;
- вазъиятҳои хатарнок (ҷудокунӣ аз одамон);
- ҳабс ва изолятсия дурсозӣ аз муҳити муайяни иҷтимоӣ;

Ин таснифот ҳамаи вариантҳои эҳтимолие, ки омилҳои зарарасон шуда метавонанд, фаро гирифта наметавонист. Бинобар ин таснифоти дигаре, ки аз ҷониби С.А. Разумов пешниҳод гашта буд, дида мебароем. Ӯ ҳамаи стрессҳои бевосита ё бавосита дар танзими аксуламалҳои стрессию эмотсионалии инсон иштирок кунандаро ба чор гурӯҳ тақсим намуд:

1. Стрессорҳои фаъоли фаъолият:
- ғайриоддӣ (ҷанг, парвозҳои кайҳонӣ, ғӯтидан ба зери об, ҷаҳиш аз парашют, безарар гардонидани мина ва ғ.);
- истеҳсолотӣ, ки бо масъулиятшиноии баланд ва норасогии вақт алоқаманд аст;
- маромнокиии психикию иҷтимоӣ - мусобиқаҳои варзишӣ, озмунҳо, имтиҳону санҷишҳо,ки бештар ба наврасону ҷавонон хос мебошанд;

2. Стрессорҳои баҳогузорӣ (баҳогузории фаъолияти ҳозираю гузашта):
- старт – стрессорҳо ва стрессорҳои хотир (мусобиқаҳои оянда, омодагӣ ба имтиҳон, муолиҷаи тиббӣ, ба хотир овардани андӯҳи азсаргузаронидашуда, интизории нохушиҳо ва ғ.);
- стрессорҳои ғолибият ва мағлубият (ғолиб омадан дар мусобиқаҳо, комёбӣ дар санъат, муҳаббат, мағлубият дар муборизаҳо, марг ё маризии шахси наздик ва ғ.);
- стрессорҳои мушоҳида (шоҳиди ягон ҳодисаи даҳшатнок гаштан).

3. Стрессорҳои номувофиқатии фаъолият:
- стрессорҳои парокандагӣ (низоъҳои оилавӣ, гурӯҳӣ, корӣ, таҳдид ё хабари ногаҳонӣ);
- стрессорҳои маҳдудияти психикию иҷтимоӣ ва физиологӣ (беморӣ, маҳдудияти соҳаҳои муқаррарии муошират ва фаъолият, гуруснагӣ, нороҳатии волидайн ва ғ.).

4. Стрессорҳои ҷисмонию табиӣ.

Дар амалия се зинаи зерини инкишофёбии ҳолати эмотсионалии стрессро аз ҳам фарқ мекунанд:

1. Зинаи изтиробнокӣ - ин зинаи аввал буда, ҳангоми ангезаи стерессовар пайдо мешавад. Мавҷудияти чунин ангеза як қатор таъсиротҳои ҷисмониро ба вуҷуд меорад; нафаскашӣ зиёд мешавад, фишори хун баланд мегардад, набз баланд мешавад, функсияҳои

психикӣ дигаргун мегарданд, ҳаяҷон қувват мегирад, тамоми диққат ба ангеза равона мегардад, назорати вазъият баланд мешавад.

Дар ин ҳолат бояд имкониятҳои худмуҳофизаткунии организм ва механизмҳои худидоракунӣ ба бартарафсозии стресс сафарбар карда шавад. Агар ин амалҳо кифоягӣ кунанд, он гоҳ изтиробу хатар ва таҳлука паст мешавад ва стресс ба охир мерасад. Вале на ҳамаи стрессорҳо дар ин зина ҳалли худро меёбанд.

2. Зинаи муқобилият - дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, ки агар омили стрессовар амал кардан гирад. Дар ин маврид организм худро аз таъсири стресс ҳимоя кардани шуда, қувваҳои захиравии худро сарф мекунад. Дар ин зина стресс пастар мегардад, лекин дар сатҳи устувор боқӣ мемонад. Дар ин давра инсон қобилияти баланду устувори қувваи муҳофизаткунандаи таъсири стрессорҳоро доро мешавад.

Агар дараҷаи стресс то лаҳзаҳои охир дар сатҳи баланд боқӣ мондан гирад, он гоҳ зинаи бемадорӣ сар мешавад.

3. Зинаи бемадорӣ - агар стрессор таъсироташро давом додан гирад, он гоҳ имконияти қобилияти муқобилият нишондиҳии организми инсон паст мегардад. Стресс вуҷуди одамро фаро мегирад ва метавонад ӯро то ба беморӣ бурда расонад. Одамони дар ҳолати беморӣ буда аз сустшавии солимии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ранҷ мекашанд ва шикоят мекунанд.

Илова бар ин агар ҳолати эмотсионалии стресс дар ҳамин 3 зинаи инкишофи худ бартараф карда нашавад, он гоҳ вай шахсро ба ҳолати депрессия гирифтор мекунад. Депрессия ҳам организм ва ҳам шахсияти одамонро вайрон мекунад ва ба ҳолати афсурдаҳолӣ оварда мерасонад. Ҳолати афсурдаҳолӣ 3 ҷиҳати шахсияти инсонро ба дигаргунӣ дучор менамояд;

1. Муносибати шахс бо худаш тағйир ёфта, бо атрофиён низ дигар мешавад.
2. Худбаҳодииаш паст шуда, бо ҳеҷ кас робита кардан намехоҳад.
3. Шахсияти худашро қадр намекунад.

Ҳамаи ин стрессорҳо оқибат дар шахс майли худкуширо бедор мекунанд.

А. П. Петровский ҳангоми тавсифи стресс чунин нишонаю аломатҳои фарққунандаи онро ҷудо менамояд:

1. Вайроншавии рафтори шахс.
2. Вайроншавии фаъолияти нутқӣ.
3. Фаъолии бетартибонаи шахс идора карда натавонистани ҳаракати узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ
4. Дар ҳолати паст будани дараҷа ва шиддати стресс он ба сафарбаркунии қувваи шахс мусоидат карда, фаъолиро баланд бардорад.
5. Ба вуҷуд омадани камфаъолиятӣ, бефаъолиятӣ,ки он вазъиятҳои ҷиддиро ба миён меорад.
6. Рафтори инсон дар ҳолати стресс пеш аз ҳама аз типпи системаи асаб вобаста аст, яъне аз қувва ва сустии протсесҳои асабӣ зоҳир мегардад.

Олими равоншифо Анвар Исомиддинов зимни таҷрибаҳои назариявӣ ва илмӣ ҳолатҳои стрессиро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро дар чорчӯбаи муайян гузоштааст. Аз рӯи усули кор ва фаъолияти майнаи сар ин олим омилхои стрессиро ба се намуд таксим намудааст.

1. Омиҳои физикӣ: офатхои табиӣ, садамаҳо, заминларза ва ғайра.
2. Омилҳои биологӣ: эмотсианалӣ, ғаму андӯҳ, тарсу ваҳм, марги ногаҳони ва ғайра.
3. Омилҳои рӯҳӣ: (ақлию зеҳнӣ): ахборотҳои нодуруст, суханҳои қабеҳ ва монанди ин. [1,48]

Ин омилҳо ба се қисми алоҳидаи майнаи сар таъсир намуда асари худро мегузоранд, ки сабабгори пайдоиши бемориҳо мегардад.

Масалан омилҳои ҷисмонӣ бештар кору фаълоияти қисмҳои бадан ва майнаи сарро вайрон месозанд, ки дар он аз нуктаи назарияи анатомӣ марказҳои муҳими организм, монанди дилу раг,эҳсоси гармию хунукӣ, нафаскашӣ, маркази дард, босира ҷойгир аст.Хангоми таъсири ҳолатҳои ногувор ин марказҳо осеб ёфта, боиси пайдоиши ҳолатҳои соматикӣ (фишорбаландии хун, бемориҳои рӯдаву меъда, шуш, гурда, ҷигару талха, ҷоғар) мегардад. Вайрон шудани кору фаъолияти нимкураи рост, ки он ҷо марказҳои эҳсоси :- гиря, ханда, ғам андӯҳ ҷойгиранд, сабаби пайдоиши бемориҳои функсионалӣ аз қабили ноҷӯрии асаб, неврозҳо, фобияҳо, яъне тарси мурдан аз касалии дил мегардад.

Омилҳои рӯҳӣ бошад, кору фаъолияти нимкураи чапро нооором месозад, ки он ҷо маркази нутқ чойгир аст.Осеб ёфтани ин марказ боиси ба вуҷуд омадани бемориҳои рӯҳӣ ба мисли психоз, камақлии пиронсолӣ, шизофрения (маҷзубият) мешавад.

Холатҳои стрессӣ мувозинати организмро тағир дода, хабари аввалинро дар бораи осебёбии майнаи сар медиҳанд.

Масалан набудани иштиҳо ё худ баъд аз истеъмоли хӯрок ҳиссиёти вазнинӣ дар изофаи шамшершакл (эпигастриум) дилбеҳузурӣ, кайкунӣ аз гирифтор будан ба стресс шаҳодат медиҳад, ки нишонии сустии асаб дар бадан ва майна аст.

Пайдошавии чунин нишонаҳо: тарсу ваҳм, дағалӣ, худро дошта натавонистан , дашному ҳақорат додан, зуҳуроти ғаму андӯҳ, ҳисси бадбинӣ ва ғайраҳо ба вайроншавии рости фаъолияти нимкураҳои рости майна вобаста аст. Вақти таъсиротҳои стрессӣ ба майнаи чап кору фаъолияти маркази нутқро вайрон карда, шикоятҳои зерин: фикрҳои безоркунанда, камақлӣ, тамоман гап назадан, худро гунаҳкор ҳис намудан пайдо мешавад.

Дар адабиёти психологӣ 3- зинаи инкишофи стрессро ҷудо мекунанд:

- Зинаи изтироб;
- Зинаи муқобилият;
- Зинаи бемадорӣ;

-Дар зинаи аввал истироб дар асоси ангезае ба амал меояд ва ба пайдоиши стресс замина мегузорад. Ва ангезаҳо як қатор дигаргуниҳои ҷисмониро ба вуҷуд меорад: дар инсон нафасгирӣ маҳдуд мешавад, гардиши хун тағир меёбад.

Мушоҳида шуд, ки функсияҳои психикӣ низ ба дигаргунӣ дучор мешавад, ҳаяҷон пурзӯр мегардад, тамоми диққат ба ангеза равона мешавад, назорати баланди вазъият ба амал меояд.

- Дар зинаи муқобилият организм аз стресс худро ҳимоя кардан мехоҳад ва барои ин инсон қувваи ботинии хешро сарф мекунад, то ки зарар набинад.

- Дар зинаи бемадорӣ организм хастаю монда мешавад, зеро ин имконияти муқобилият нишондиҳӣ ба стресс кам мешавад. Дар чунин ҳолат стресс тамоми одамро фаро мегирад, ки ҳатто метавон ба беморие гирифтор кунад.

Дар сурати пешгири кардани стресс метавон ба фаъолияти инсон таъсири манфӣ расонад.

Донишҷӯён низ аз ин ҳиссиёт дур намебошанд. Агар мо тавонем шиддати стрессро дар ҷараёни таълим паст кунем, он гоҳ ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малака шароитҳои мусоиди таълимӣ фароҳам оварда тавонем.

Барои пешгирӣ намудани стресси донишҷӯён дар ҷараёни таълим аввал бояд омилҳои ба вуҷуд оварандаи онро муайян кард.

Ва чунин омилҳо муайян шудаанд, ки онҳо донишҷӯро ба ҳолати стресс гирифтор карда метавонанд:

-Омодагӣ ба имтиҳону санчишҳо ва натиҷагирӣ аз онҳо;
-дермонӣ ба дарс;
-муносибати шахсии байни таълимдиҳанда ва таълимгиранда;
- тайёр набудан ба дарсхои семинарӣ, амалӣ ва иҷрои супоришҳои таълимӣ;
-баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан;
-пайдо шудани шубҳа барои хатми донишгох;
-мунтазам иштирок накардан ба дарсҳо;
-қадр накардани меҳнати донишҷӯ аз ҷониби устодон;
-бемор шудан ва аз дарсҳо ақиб мондан;
-масъулият ҳангоми навиштани кори курсӣ, иҷрои рисолаи хатмкунӣ;
-имконияти баёни фикрро надодан ба донишҷӯ;
-забони таъсирбахши устод;
-паст задании шахсияти донишҷӯ;
-тарсу ваҳми хоричшавӣ;
-зуҳурати нобоварӣ ба донишҷӯ аз тарафи волидон, устодон, шарикдарсон;
-ҳангоми баромад дар ҷамъомадҳо;
-сарбории ниҳоят зиёди ақлӣ;
-усули номувофиқи таълими устодон;
-ворид шудан ба назди сарвари таълимгоҳ, факултет;
-дастгири наёфтани донишҷӯёни фаъол;
-фазои фишороварии муносибату муошират;
- шароити номусоиди таълим ва ғайраҳо

Аз номгӯи омилҳои стрессовар маълум мешавад, ки сабабҳои асосии пайдоиши стрессро ба якчанд гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Аввал вобаста аст ба тарзи ташкили муоширати педагогӣ, яъне муносибати байни устод ва донишҷӯ, устод бо устод ва байни худи донишҷӯён.

Дуюм, зухуроти стресс вобастааст ба шахсияти устод ва донишҷӯ. Аниқтараш, ба дараҷаи худбаҳодиҳӣ ва иддаои устоду донишҷӯ ба хусусиятҳои фардӣ-шахсиятии онҳо ва монанди ин.

Сеюм ба усули таълими муаллим, ба ташкили шароити мусоиди таҳсил, ба сарбории ниҳоят зиёди аклӣ ва гайра.

Вазъиятҳои зерин боиси гирифтор шудани донишҷӯ ба ҳолати стрессӣ шуда метавонад:

1. Тарзи муошибати муаллим дар чараёни таълим, қисми муайяни устодон қобилияти ташкили муносибати солимро бо донишҷӯ надоранд, онхо ҳамеша бо шогирдони худ дар ихтилофу низоъ мебошанд.

2. Вобаста ба фазои носолими рафти қабули имтиҳону санҷиш. Баъзе аз устодон дар махсус фазои фишоровариро ташкил медиҳанд, ки дар чунин ҳолат донишҷӯёни системаи асабашон суст ба вазъияти носолим тоб оварда наметавонанд, диққаташонро муттамарказ карда наметавонанд, хотирашон парешон мегардад ва ин имконият намедиҳад, ки маводҳои омӯхтаашонро ба хотир оваранд.

3. Холати стрессӣ алокаманд ба усули таълими муаллим шуда метавонад. Муаллимоне во мехӯранд, ки ҳангоми машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва лабараторӣ усули авторитарӣ, яъне зӯрию сиёсатро истифода мебаранд.

4. Тарзи ташкили дарс ва махсусан ҷадвали дарсӣ ба зоҳир шудани стресс мусоидат мекунад. Дар ҷадвали дарсӣ паиҳам фанҳои душвор, ки сарбории баланди ақлиро талаб менамояд, ҷой дода мешавад, ки онҳо боиси хасташавии системаи асаб ва паст шудани фаъолии донишҷӯ мегарданд. Баъзан дар чадвали дарси фанҳои душворро дар соатҳои 4-ум ё 3-юм мегузоранд, ки ин ҳам ба сарборӣ ва мондашавии системаи асаби донишҷӯ боис мегардад.

Дар илми психология роҳу усулҳое вуҷуд дорад, ки тавассути онҳо зуҳуроти стрессро пешгирӣ кард ва ё дараҷаи шиддати онро паст намуд. Яке аз онҳо релактатсия мебошад.

Релактатсия ин методест, ки бо ёрии он мумкин аст қисман ё пурра аз шиддати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ дур шуданро таъмин кардан мумкин аст.

Боз «Машқи бозӣ дар тасаввуротҳо» мавҷуд аст. Донишҷӯ пуфакеро тасаввур мекунад, ба он ҳама гуна ташвишҳо, ҳаяҷонҳо ва мушкилиҳоро дохил мекунонад. Баъд аз он дар тасаввуроти худ ду амалро иҷро карданаш мумкин аст, ки ба пастшавии стресс оварда мерасонад.

Якум метавонад пуфакро сар диҳад, то ки он парвозкунон ба осмон биравад ва ӯ метавонад бо ҳама ташвишҳои дар пуфак ҷой кардааш видоъ гӯяд. Дуюм метавонад дар тасаввуроти худ ба ин пуфаки пур аз ташвишҳояш сӯзан халонад ва он бикафад. Бо ҳамин ҳамаи ташвишҳояш нобуд мешаванд.

Дар адабиёти психологӣ боз усулҳои зиёде мавҷуданд ва донишҷӯ метавонад аз онҳо истифода барад. Инчунин метавонад ба назди мутахассис – психолог равад, аз ӯ дархост кунад, то ки бо истифода аз усулҳои гуногун раҳоӣ ёфтан аз ҳолати стрессро омӯзонад. Мутахассис метавонад ба донишҷӯ чунин маслиҳатҳо диҳад:

Агар аз ҳолатҳои стрессӣ худро эмин доштан хоҳед, пас қоидаҳои зеринро риоя намоед.

_ корҳои то охир анҷом наёфтаро ба яктараф гузошта, худро аз проблемаҳои пайдошуда озод кунед, то он вақте, ки ба ҳолати оромӣ баргардед.

_Пеш аз истеъмоли хӯрок ҳодисаҳое, ки дар давоми рӯз рӯй дода буд, фаромӯш кунед. Агар хаста шуда бошед, аввал каме истироҳат намоед. Харакат кунед, ки бӯи хӯрокро дар хотира нигоҳ дошта, баъд бо ҳавас ба истеъмоли он шурӯъ кунед.

_ Дар муҳите ба истеъмоли хӯрок машғул шавед, ки орому тоза бошад.

- Бо шахсе ҳамроҳ шинед, ки ба шумо маъкул аст.

_Агар иштиҳоятон набошад ва ҳолатҳои стрессиро аз худ дур карда натавонед, пас аз маводҳои зерин истифода баред: сабзавотҳо,маҳсулоти ширӣ, ҷигар, гурда, лӯбиё ва шоколад.

Дар сурати фоида накардани ин маслиҳатҳо метавонед ба муттахасисони равоншифо (психотерапевт) мурочиат намоед.

Муттахасиси касбӣ системаи асабатонро омӯхта, сабабҳои бемориатонро муайян месозанду ба шумо кӯмак мерасонанд, ки аз ҳолатҳои ногувор раҳоӣ ёбед.

Чуноне,ки бузургон гуфтаанд:

*«Ба худатон хиёнат накунед, худро тағир диҳед».*

*Ба ҳама пастии дунё сари боло бояд,*

*Зиндагӣ танг гар ояд, дили дарё бояд.*

*Агаре бар гуҳаре заҳрчакон бахшидат,*

*Ту ба ӯ ҳадя кун,ки ҳам гули раъно бояд.*

## АДАБИЁТ


1. «Баъзе муаммоҳои самаранокии таълиму тарбияи мактабиёни хурдсол».(қисми 3) мураттибон: Хомидов М., Шарипов Э., Сабуров Х. Хуҷанд «Хуросон» 2009
2. «Тиб ва табобат» Анвар Исомиддинов
3. Дастури психологияи амалӣ / Зери таҳрири Н.М. Юнусова [Текст]. – Душанбе: "Собириён", 2004
4. Возрастная и педагогическая психология [Текст].-М.: Просвещение, 1979.

## САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ СТРЕССИ ДОНИШҶӮЁН ВА РОҲҲОИ РАҲОИ АЗ ОН

*Стресс ва пайдоиши он вобаста ба омилҳост. Яке аз онҳо муҳити гирду атроф, вазъияти бавуҷудоварндаи стресс мебошад. Устувории стресси одамон баланд ё паст гардида бо ҳолати эмотсионалӣ алоқаманд.*

*Бояд қайд намуд, ки ҳолати стресс хоси фардӣ- психологии инсон аст. Мисли дигар ҳолатҳои эмотсионалӣ он аз ангезандаи обективӣ вобаста аст.*

***Калидвожаҳо:*** *стресс, хислати эмотсионалӣ, субъективӣ, хусусиятҳои психологии инфиродӣ, ҳавасмандкунӣ.*

## ПРИЧИНЫ СТУДЕНЧЕСКОГО СТРЕССА И ПУТИ ИЗБАВЛЕНИЯ ОТ НЕГО

*Стресс и его возникновение зависят от ряда факторов, и одним из них является окружающая среда и ситуации, выступающие стрессорами. Таким образом, генератор стресса называется стрессором. Подобно другим эмоциональным состояниям, это субъективно и зависит от раздражителя.*

*У одних людей стрессоустойчивость высокая, у других низкая. В таких случаях производительность одного человека улучшается, а производительность другого ухудшается. Следует отметить, что стрессовое состояние зависит от индивидуально-психологических особенностей человека.*

***Ключевые слова:*** *стресс, эмоциональный, субъектный характер, индивидуально-психологические особенности, мотивация.*

## CAUSES OF STUDENT STRESS AND WAYS TO GET RID OF IT

*Stress and its occurrence depend on a number of factors, and one of them is the environment and situations that act as stressors. Thus, the stress generator is called a stressor. Like other emotional states, this one is subjective and depends on the stimulus.*

*Some people have a high resilience to stress, while others have a low resilience. In such cases, one person's performance improves and the other's performance worsens. It should be noted that the state of stress depends on the individual-psychological characteristics of the person.*

***Keywords:*** *stress, emotional, subject nature, individual-psychological characteristics, motivation*

***Сведения об авторе:***

***Шарипова Зулола***-*преподаватель кафедры педагогики и дошкольной психологии и социальной работы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, р-н Сомони, кв 22, Тел: (+992) 927392266.*

***About the author:***

***Sharipova Zulola*** - *Teacher of the Department of Pedagogy and Preschool Psychology and Social Work. Tajikistan State Pedagogical University named after S. AinyAddress: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Somoni, apt.22, Tel: (+992) 927392266.*

## РАҲЁФТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДАР ОМӮЗИШИ МАРОМИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

***Маҳмудов Ш.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни*

Дар замони муоссир ба фаъолияти таълимӣ ҳавасманд гардонидани донишҷӯ, яке аз масъалаҳои рӯзмараи психология ва педагогика ба ҳисоб меравад. Мароми таълимӣ дар сохтори шахсият мавқеъи муҳим дорад ва қувваи ҳаракатдиҳандаи рафтор ва фаъолияти ӯро ифода мекунад. Фаъолияти таълимӣ чунин фаъолияте мебошад, ки мақсади он ба даст овардани дониш, маҳорат ва малака аст. Доштани маром ба ин намуди фаъолият шарти асосии ҳосил намудани ҳам дониш, ҳам маҳорат ва ҳам малака мебошад.

Психологияи муосири маромнокӣ яке аз самтҳои мураккабтарин ва баҳсбарангези психология ба шумор меравад, зеро предмети тадқиқоти он доираи хеле васеъ дошта, дар байни психологияи шахсият, психологияи маърифатӣ ва психологияи танзими рафтор ва худтанзимкунӣ ҷой гирифтааст.

Маром гуфта, қувваи ботинии шахсро меноманд, ки ӯро барои қонеъ гардонидани ин ё он талаботаш водор мекунад. Маром маънои водоркунӣ ва барангезишро дорад. Бояд қайд кард, ки, на ҳар водоркунӣ маром шуда метавонад. Масалан, рафтор метавонад туфайли ҳиссиёт ва мақсадгузорӣ содир шавад, вале маром шуда наметавонад. Баъзе барангезандаҳо фаҳмидашавандаанд, вале, баъзеашон бошанд фаҳмида намешаванд. Маром - ин водоркунии фаҳмидашуда буда, барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас равона карда мешавад. Фаъолияти одам одатан тавассути якчанд маром сурат мегирад. Дар ин маврид маромҳо

хусусияти пешбарандаро пайдо мекунанд. Маромҳои пешбаранда ба фаъолият, объектҳо ва шароитҳои он маъно мебахшанд [8, с.131-132].

Психологияи маромнокӣ яке аз қисмҳои муҳимтарини илми психология ба ҳисоб меравад. Тадқиқотҳои зиёде гузаронида шуданд, ки боиси эҷоди назарияҳои мухталифи мароме маромнокӣ гардиданд ва дар омӯзиши намудҳои мушаххаси маром саҳми бузург гузоштаанд. Пайдоиши самтҳои асосии омӯзиши маромнокӣ дар психологияи ғарб, аз назарияи эволютсионии Ч. Дарвин бармеояд (1859).

Назарияи эволютсионии Ч. Дарвин. Ин назария решаи асосии фарқияти байни иродаи ба инсон хос ва рафтори инстинктивии ҳайвонотро, дар робитаи таърихии байни рушди инсон ва ҳайвонот тасдиқ мекунад.

Назарияи Чарлз Дарвин асоси рушди се равия, дар таҳияи проблемаи маромнокӣ гардид.

1. Равияи аввал одамро ҳамчун ҳайвони олӣ шарҳ додааст. Аз ин назария бармеояд, ки ақли инсон заминаи ҳайвонотӣ дорад, аз ин рӯ, намудҳои муосири ҳайвонот бояд мабдаи ақлӣ дошта бошанд. Ҳамин тариқ омӯзиши рафтори ҳайвонот оғоз шуд. Нақши И.П. Павлов (1909) ва Э. Торндайк (1911) дар рушду нумӯ ёфтани ин равия бузург аст. Онҳо мафҳуми ассотсиатсияро дар роҳи тадқиқоти маромнокӣ гузоштанд. И. П. Павлов самти психологияи фаъолсозӣ, Э.Торндайк бошад, самти психологияи омӯзишро, ки мушкилии асосии рафтор ба ҳисоб мерафт, таъсис доданд.

2. Равияи дуюм, ба мавҷудияти заминаҳои умумии биологӣ дар байни одамон ва ҳайвонот асос ёфтааст. Аз инҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки тамоюлҳои инстинктивии ба ҳайвонот хос дар одамон низ ҷой дорад.

Ин равия дар ду самт инкишоф ёфт:

Самти аввал - ин назарияи инстинктивии В. Мак-Даугал (1908) мебошад. Мак-Даугал чунин мешуморид, ки инстинкт категорияи ягонае мебошад, ки бо маром алоқаманд аст ва онро ҳамчун ангезандаи бедоркунанда меҳисобид. Мувофиқи ақидаи Мак-Даугал маром танҳо дар инсон ба амал меояд ва дар сатҳи амалҳои бошууронаи рефлекторӣ пайдо мешавад. Баъдтар Мак-Даугал мафҳуми "инстинкт"-ро ба "майл" иваз кард (1932), ки он дар шакли фаъолии мақсаднок, аз ҷумла сохторҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ, рафторӣ ва ҷузъҳои бедоркунанда ба амал меомад. Мафҳуми "маромнокӣ" аслан маънои "он чизест, ки ҳаракатро ба вуҷуд меорад"-ро дошт, яъне ба маънои васеъаш маромнокиро метавон ҳамчун омиле (механизме) номид, ки рафторро муайян мекунад.

Самти дуюм, ки ба равияи баррасишаванда тааллуқ дорад, таҳқиқи маромнокии шахс мебошад. Таъсири бузургро ба рушди ин самт З. Фрейд (1900, 1915), Н. Ах (1910) ва К. Левин (1926,1935) гузоштаанд [7, с.96].

3. Равияии сеюм - мавҷудияти тағирёбии дохилинамудӣ, боиси омӯзиши фарқиятҳои инфиродӣ гардид (Ф. Галтон, А. Бине, В. Штерн). Дар тадқиқоти маромнокӣ, ин равия бо заҳмати Г. Мюррей (1938), Г. Оллпорт (1937), Ҷ. Аткинсон (1966, 1970), Д. Мак-Клеланд (1961), Д. Кеттел (1950), А. Маслоу (1954) ва дигарон амалӣ гардиданд.

Раҳёфти бихевиористӣ ба маромнокӣ. Аз мазмути мафҳум *бихевиор-рафтор* бармеояд, ки рафтори инсон ҳамеша аксуламал ба ангезаҳои муҳити зист мебошад. Бихевиористон предмети психологияро на ин, ки психика, балки рафтор ва маромҳоеро мешуморанд, ки ҳамчун сабаби аксуламалҳои ҷисмии организм ба таъсири беруна - ангезаҳо мебошад.

Дар консепсияи необихевиористӣ бошад мафҳуми "драйв" (қувваи бедоркунанда ё ангезаҳои асосии ҳайвонот), "талабот" пайдо шуд. Тарафдорони ин консепсия кӯшиш мекарданд фаъолии инсон ва ҳайвонро вақте фаҳманд, ки ягон ангезаи беруна вуҷуд надошта бошад.

Тибқи ин консепсия, маромнокӣ ҳамчун мафҳуми умумии фаъолии организм фаҳмида мешавад, ки дар он танҳо хусусияти қувванокӣ ва фаъолкунанда фарқ карда мешавад, ки дар маҷмӯъ он танҳо аз дохил, асосан аз талаботҳои органикӣ, драйвҳо иборат аст. Қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши маромнокӣ, чун қоида аввал дар ҳайвонот гузаронида шуда, сипас ба таври механикӣ ба одамон гузаштааст.

Дар доираи равияи бихевиористӣ Б.Ф. Скиннер усулҳои гуногуни ташаккули рафтори хоҳишмандонаро кор карда баромад, ки тибқи онҳо дар донишҷӯён мароми фаъолияти таълимӣ тавассути стимулҳои (ангеза) гуногуни беруна – баҳо, холҳо ва мукофотҳо бедор карда мешаванд.

Раҳёфти гуманистӣ ба маромнокӣ (Э. Фромм, К. Голдштейн, К. Роджерс, А. Маслоу ва дигарон) аҳамияти мароми дохилии шахсро дар озодии ӯ, интихоб, худмуайянкунӣ, майли рушди шахс, худфаъолгардонӣ қайд мекунад. Талабот ва худфаъолгардонӣ дар мароми рафтори шахс нақши марказӣ мебозад.

Намояндаи психологияи гуманистӣ А. Маслоу талаботи инсонро тасниф намуда, шарҳ додааст. Дар асари худ "Маромнокӣ ва шахс"(1954, 1957) ӯ консепсияи худшиносии шахсро таҳия кардааст. Мувофиқи ақидаи Маслоу, маромҳо бо талаботҳо муайян карда мешаванд, ки якчанд сатҳ доранд:

- талаботи физиологӣ;
- талабот ба озодӣ ва бехатарӣ;
- талабот ба мансубият ва муҳаббат;
- талабот ба муваффақият ва эътироф шудан;
- талабот ба худфаъолкунӣ [5, с.13 – 46].

Раҳёфти когнитивӣ ба маромнокӣ тасдиқ мекунад, ки амалҳои инсон на аз ангезаҳои беруна, балки аз тафсир, дарк ва баҳогузорӣ ба онҳо вобаста аст. Инро метавон дар назарияҳои «интизорӣ-арзиш» мушоҳида кард, ки маромнокиро ҳамчун вазифаи баҳодиҳии шахс ба имкониятҳои расидан ба ҳадаф ва арзиши худи ҳадаф тавсиф мекунанд.

Назарияи маромнокии когнитивӣ дар охири асри гузашта пайдо шуд. Тибқи ин консепсия, В. Ҷеймс якчанд намуди тасмимгирӣ (ташаккули мақсад, хоҳиши амал) - ро ҳамчун як амали бошууронаи маромнок номид. Объекти фикрӣ, ки амали ниҳоиро ба таъхир меандозад ё тарафдорӣ мекунад, ӯ асос ё мароми қарори додашударо меномид. Назарияҳои когнитивии маромнокӣ ба истифодаи илм, мафҳумҳои нави маромнокиро ворид намуд: талаботҳои иҷтимоӣ, мақсади ҳаёт, омилҳои маърифатӣ, носозгориҳои маърифатӣ, арзишҳо, интизории муваффақият, тарс аз нокомӣ ва дараҷаи иддао.

Дар нимаи дуюми асри 20 консепсияҳои маромнокии Ҷ. Роттер, Ҷ. Келли, Х. Хекхаусен [3, с.47–102], Ҷ. Аткинсон, Д. Маклеланд пайдо шуданд, ки барои онҳо шинохти нақши пешбари шуур дар муайян кардани рафтори инсонӣ хос аст.

Мувофиқи назарияи мароми комёбӣ Ҷ. Аткинсон, донишҷӯ воқеан танҳо дар чунин фаъолиятҳои омӯзишӣ ҷалб мешавад, ки ӯ онҳоро ҳамчун эҳтимоли баланди муваффақ шудан (интизории комёбӣ) ва ҳадафи назаррас (арзиши комёбӣ) баҳо медиҳад. Х. Хекхаузен як қатор хусусиятҳоеро тавсиф медиҳад, ки фаъолият ба онҳо дар сурати мавҷудияти мароми комёбӣ соҳиб мешавад: пас аз худ натиҷаеро боқӣ гузоштан; натиҷа бояд баҳо дода шавад; талаботи баҳодиҳӣ бояд оптималӣ бошад (яъне на хеле паст ва на аз ҳад зиёд баланд); барои баҳодиҳӣ шкала ва меъёри мувофиқ вуҷуд дошта бошад; шахс бояд хоҳиши ба натиҷа ноил шуданро дошта бошад [3, с.47–102].

Раҳёфти иҷтимоӣ-когнитивӣ, маромнокии рафторро натиҷаи ҳамкории доимии шахсият ва муҳити зист мебошад.

Аз назарияи худамалинамоии А. Бандура бармеояд, ки маромнокӣ ба боварии шахс ба самаранокии амали худ ва интизории комёбӣ аз амалисозии он асос ёфтааст [1, с.111-258]. Одамоне, ки қобилияти худшиносии баланд доранд, устувортаранд, беҳтар меомӯзанд ва ба худ эътимод доранд.

А. Бандура чор манбаи иттилоотро дар бораи худамалинамоӣ муайян кардааст, ки ба афзоиши он мусоидат мекунанд: 1) дастовард дар амал – таҷрибаи шахсии ноил шудан ба муваффақият; 2) таҷрибаи миёнаравӣ - моделсозии роҳҳои муваффақияти амали одамони дигар; 3) боварибахши шифоҳӣ - ҷурсозӣ, худталқиннамоӣ, худбарномасозӣ; 4) ҳолати физиологӣ - чӣ гунае, ки мо худро ҳис мекунем, ба арзёбии самаранокии шахсии мо таъсир мерасонад; қобилияти идоранамудани кайфият ва некӯаҳволиро (ба таври кофи хоб рафтан, хӯрок хурдан ва мувофиқи обу ҳаво либос пӯшидан) бояд дошт [1, с.111-258].

Дар назарияи худбаҳодиҳии М. Кэвингтон, мароми таълимӣ, ҳамчун талабот ба худэҳтиромнамоӣ хизмат мекунад. Худэҳтиромнамоӣ дар натиҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои пурмазмуни шахсӣ (масалан, гирифтани дипломи сурх) ё бо муқоисаи худ бо дигарон инкишоф меёбад. Дар ин ҷо механизмҳои худмуҳофизатӣ омӯхта мешаванд, ки барои нигоҳ доштани эҳтироми худ имкон медиҳанд: даст кашидан аз иҷрои коре, ки эҳтимолияти нокомӣ дорад; эҷод кардани ҳолатҳое, ки ба ичрои вазифа халал мерасонанд, ҳамчун баҳонаи нокомӣ (масалан, гузоштани ҳадафи ғайривоқеӣ ё ба таъхир андохтани супориш то лаҳзаи охирин); баҳо надодан ба аҳамияти вазифа (масалан, мавзӯъеро, ки дар он баҳоҳои бад гирифтаанд, аҳамият намедиҳанд) [9, с. 185–194].

Назарияи мавқеъгирии мароми ноил шудан, мароми таълимиро тавассути мавқеъгирии мақсади донишҷӯ муайян мекунад. Э.Эллиот якчанд намуди мавқеъҳои мақсадҳоро муайян намуд: мақсади ҳосил намудани маҳорат, мақсади самарабахши наздик шудан ба мувафақият ва ҳадафи самарабахши канорагирӣ аз нокомӣ. Донишҷӯёне, ки ҳадафи ҳосил намудани маҳоратро доранд, мехоҳанд донишҳои нав ба даст оранд ва малакаҳои шахсӣ ва омӯзиширо инкишоф диҳанд. Донишҷӯёне, ки ба натиҷа нигаронида шудаанд, мехоҳанд бо нишон додани он ба дониши худ баҳои хуб гиранд ё аз баҳои манфӣ канорагирӣ кунанд. Ҳамин тариқ, онҳое, ки ба ҳадафи наздик шудан талош мекунанд, имкониятҳои ба даст овардани муваффақиятро меҷӯянд ва онҳое, ки ба ҳадафи канорагирӣ нигаронида шудаанд, имкони пешгирӣ аз нокомиро меҷӯянд [6, с.92–121].

Назарияи маромнокии ботинӣ ва худмуайянкунии Э. Деси ва Р. Райан пешниҳод мекунад, ки омили фаъолияти муваффақ мароми ботинӣ мебошад, ки ба талаботҳои табиии салоҳият ва худмуайянкунӣ асос ёфтааст.

Маромнокии ботинӣ якчанд талаботҳои базавиро дар бар мегирад, аз ҷумла: худмуайянкунӣ (талабот ба мустақилият, худидоракунии рафтори шахс), салоҳият (ба даст овардани натиҷаҳо, самаранокии кор) ва муносибат бо одамони дигар (барқарор кардани муносибатҳо бо одамони дигар, ки шахсро қонеъ мекунанд). Зарур шудани кадоме аз ин се талаботҳои номбаршуда, ҳам аз шахс ва ҳам аз вазъият вобаста аст. Ҳодисаҳо барои шахс бо он фарқ мекунанд, ки онҳо ҳамчун назораткунанда (зарурати фикркунӣ, ҳис ё рафтори муайян намудан) огоҳкунанда (таъмини озодии интихоб ва додани маълумоти зарурӣ) ё маромнокнакунанда (дар худ маълумоти ба шахс лозимиро надорад ва ягон талаботи онро қонеъ намегардонад) [4. С.103 – 122].

Деси Э. ва Р. Райан боварӣ доранд, ки маромҳои дохилӣ ва берунӣ пайваста ба ҳамдигар табдил меёбанд. Дар сатҳи пасттарини дохилшавӣ (танзими беруна) рафтор тавассути ҳавасмангардонӣ ва ҷазо танзим карда мешавад. Дар сатҳи баъдӣ (танзими воридшаванда) рафтор бо қоидаҳо ё талаботҳои таъиншуда танзим карда мешавад, ки хусусияти назоратии байнишахсӣ доранд. Дар сатҳи сеюм – интерниализатсия (танзими муайяншуда) шахс интихоби шахсии фаъолиятро ҳис мекунад ва ҳадафҳо ва арзишҳои фаъолиятро қабул мекунад. Сатҳи чорум интегративӣ - ҳамгироии ҳамаи ақидаҳоро дар бораи худ дар бар мегирад. Хусусиятҳои мароми ботинӣ - ин эҳсоси интихоби шахсии худ, инчунин қаноатмандӣ ва шодӣ аз кори иҷрошуда мебошанд [4, с.103 – 122].

Раҳёфти фаъолият ба маромнокӣ дар таҳқиқи маромҳои таълимӣ ҳамчун унсури сохтории фаъолияти таълимӣ амалӣ карда мешавад.

Дар таҳқиқоти Л.И. Божович ду категорияи мароми таълимӣ ҷудо карда шудаанд: 1) маромҳои муоширати кӯдакон бо одамони дигар; 2) шавқу завқи маърифатии кӯдакон, яъне талабот ба дониш. Л.И. Божович ба қувваи барангезандаи шавқмандии маърифатӣ ишора кардааст - ин талабот ба дониш аст, ки дар ҳисси қаноатмандӣ аз дониши ҳосилкарда, ифода меёбад [2, с.24].

А.К. Маркова маромҳои маърифатиро ба се зергурӯҳ ҷудо мекунад:

1) маромҳои васеи маърифатӣ (бо мавқеъгирии мактаббачагон дар азхудкунии донишҳои нав алоқаманд аст);

2) маромҳои тарбиявӣ ва маърифатӣ (бо мавқеъгирии мактаббачагон дар азхудкунии роҳҳои гирифтани дониш алоқаманд аст);

3) маромҳои худомӯзӣ (бо мавқеъгирии мактаббачагон дар такмили худидоракунии усулҳои гирифтани дониш алоқаманд аст).

А.К. Маркова инчунин маромҳои иҷтимоии омӯзишро ба се зергурӯҳ ҷудо мекунад:

1) маромҳои васеи иҷтимоӣ (бо майли азхуд кардани дониш барои фоиданок будан ба Ватан, ҷамъият, барои соҳиб шудан ба касби хуб алоқаманд аст);

2) маромҳои мавқеъӣ (бо хоҳиши ишғол кардани мавқеи муайян, ҷойгоҳ дар муносибат бо дигарон алоқаманд аст);

3) маромҳои иҷтимоии ҳамкорӣ (аз он иборат аст, ки донишҷӯ на танҳо мехоҳад бо одамони дигар муошират ва баҳамтаъсиррасонӣ кунад, балки дар ҷустуҷӯи дарк кардан, таҳлил кардан ва такмил додани роҳу шаклҳои ҳамкорӣ ва муносибатҳои худ бо дигарон) [7, с.96].

Ҳамин тариқ дар психологияи хориҷа маромҳоро ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд. Ду муносибат ба ин тақсимот вуҷуд дорад. Муносибати аввал (П.Я Галперин, Н.Ф. Тализина, Н.В. Елфимова, П.И. Якобсон, М.Г. Ярошевский ва дигарон) чунин мешуморад, ки маром дар сурате дохилӣ мебошад, ки агар талаботи маърифатиро амалӣ намояд, бо дониши азхудкарда алоқаманд бошад ва бо мақсади ниҳоии таълим мувофиқат кунад; мароми берунӣ он мароме мебошад, ки агар вай талаботҳои иҷтимоиро (ғайримаърифатӣ) амалӣ намояд ва бо андӯхтани дониш алоқа надошта бошад. Муносибати дуюм (Л.Б. Ителсон, Г.Е. Залесский, В.Я. Людис, А.К. Маркова, Р.Р. Бибрих, И.А. Василев, И.И. Вартанова, Д.Б. Элконин ва ғ.) чунин мешуморанд, ки маромҳои берунӣ он маромҳое мебошанд, ки агар талаботҳои берунии моддӣ ва иҷтимоиро амалӣ созад; маромҳои дохилӣ он маромҳое шуморида мешавад, ки агар маънои арзишнок дошта бошаду системаи эътиқоди шахсиятро ташкил диҳад.

Пас аз таҳлили раҳёфтҳои пешниҳодшудаи мароми фаъолияти таълимӣ метавон гуфт, ки назарияи ягонаи маромнокӣ ба таълим вуҷуд надорад, вале мафҳумҳои алоҳидае ҳастанд, ки ҷанбаҳои гуногуни маромнокиро тавсиф медиҳанд ва онҳоро барои ҳалли масъалаҳои мушаххас метавон ба инобат гирифт. Наметавон як раҳёфтро тасдиқ дигареро инкор кард, чун ҳар як раҳёфти болозикр як ҷузъи мароми фаъолияти таълимиро фаҳмонда, асоснок мекунад, ки ба инобат гирифтани ин ҷузъиётҳо дар фаъолияти таълимӣ манфиатбахш аст.

**АДАБИЁТ**

1. Бандура А. Теория социального научения. – СПб.: Евразия, 2000. – 320 с.

2. Божович Л. И. Изучение мотивации поведения детей и подростков. / Под ред. Л. И. Божович и Л. В. Благонадежиной. – М.: «Педагогика», 1972. – 352 с.
3. Гордеева Т. О. Мотивация достижения: теории, исследования, проблемы // Леонтьев Д. А. Современная психология мотивации. – М.: Смысл, 2002 – 343 с. – С. 47 – 102.
4. Дергачева О. Е. Автономия и самодетерминация в психологии мотивации: теория Э. Деси и Р. Района // Леонтьев Д. А. Современная психология мотивации. – М.: Смысл, 2002 – 343 с. – С. 103 – 122.
5. Леонтьев Д. А. Самоактуализация как движущая сила личностного развития: историко-критический анализ // Леонтьев Д. А. Современная психология мотивации. – М.: Смысл, 2002 – 343 с. – С. 13 – 46.
6. Малошонок Н. Г. Учебная мотивация студентов российских вузов: возможности теоретического осмысления // Вопросы образования. – 2015. – № 3. – С. 92–121.
7. Маркова А. К. Формирование мотивации учения в школьном возрасте. – М.: Просвещение. – 1983. – 96 с.
8. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ. Зеир таҳрири Давлатов М. – Душанбе, 2010. – С. 131-132
9. Семенова Т. В. Теоретико-методологические подходы к изучению учебной мотивации: комплексный взгляд // Мониторинг общественного мнения: Экономические и социальные перемены. – 2015. – № 6. – С. 185– 194.
10. Сушко Н. Г. Теория мотивации учебной деятельности // Вестник ТОГУ. – 2006. – № 2. – С. 195–204.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ИЗУЧЕНИЯ МОТИВАЦИИ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

*В своей статье автор рассматривает цели воспитательной деятельности, связанные с различными направлениями психологической науки, такими как бихевиоризм, когнитивная психология, социально-когнитивная психология, гуманистическая психология и теория эволюции Ч. Дарвина. Он изучил взгляды каждого из этих течений по данному вопросу и включил их истоки в свою статью. Он отмечал, что именно мотивация мобилизует человека на выполнение различной деятельности, прежде всего учебной деятельности. Принимая во внимание все эти точки зрения, автор считает, что наличие цели в учебной деятельности является главным условием эффективности учебного процесса и приобретения знаний.*

***Цель статьи:*** *теоретический анализ природы образовательных мотивация с точки зрения различных направлений в области психологии.*

***Результаты исследования:*** *в процессе анализа различной литературы были выявлены различные факторы, влияющие на цель образовательной деятельности, и даны рекомендации, основанные на мнениях специалистов в данной области.*

***Ключевые слова:*** *мотив, мотиватция, драйв, учебная деятельность, потребность, инстинкт, склонность.*

## THEORETICAL APPROACHES TO STUDYING THE MOTIVATION OF LEARNING ACTIVITY

*In his article, the author considers the goals of educational activities related to various areas of psychological science, such as behaviorism, cognitive psychology, socio-cognitive psychology, humanistic psychology and Ch. Darwin's theory of evolution. He studied the views of each of these currents on this issue and included their origins in his article. He noted that it is motivation that mobilizes a person to perform various activities, primarily educational activities. Taking into account all these points of view, the author believes that the presence of a goal in educational activity is the main condition for the effectiveness of the educational process and the acquisition of knowledge.*

***The purpose of the article:*** *a theoretical analysis of the nature of educational motivation from the point of view of various areas in the field of psychology.*

***Results of the study:*** *in the process of analyzing various literature, various factors were identified that affect the purpose of educational activities, and recommendations were given based on the opinions of experts in this field.*

***Key words:*** *motive, motivation, drive, learning activity, need, instinct, inclination.*

***Сведения об авторе:***

***Махмудов Шахобиддин Пирович***- *ассистент кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел: (+992) 100160008, E-mail: t_o_j_1_k90@mail.ru*

***About the author:***

***Mahmudov Shahobiddin Pirovich***- *Assistent, Department of General and Pedagogical Psychology, TSPU n. S.Ayni. Phone: (+992) 100160008, E-mail: t_o_j_1_k90@mail.ru*

# ХУСУСИЯТҲОИ МУНОҚИШАҲО ВА САМТҲОИ МУШКИЛОТИ ОИЛАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Сафарова М.С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*

Ҳар як оила як системаи беназирест, ки ба аъзои он муҳите фароҳам меорад, ки дар он ҳар як шахс инкишоф меёбад, дастгирӣ меёбад ва имконоти худро дарк мекунад. Дар тӯли асрҳо, оила ҳамчун арзиши олӣ қабул карда шуд, зеро он барои муддати тӯлонӣ ҳатто барои зинда мондани ибтидоӣ зарур буд. Дар воқеъ, оила андӯхтаи эволютсионии инсоният аст: маҳз дар он одамон аввалин таҷрибаи иҷтимоӣ ва малакаву меъёрҳои гуногунро (коммуникатсионӣ, рафторӣ, эҳсосӣ, ахлоқӣ ва ғ.) ба даст меоранд. Ба ақидаи муаллифон, мавзӯи оила ва мушкилоти он ҳамеша муҳим хоҳад буд, барои бисёре аз муҳаққиқон он дар дарки марҳилаҳои рушди шахсият ва дарки ҳамкории иҷтимоӣ асосист.[5-80с] Мақсади ин мақола баррасии мавҷудияти оила дар шароити муосир аз нигоҳи мушкилоти имрӯзаи он аз призмаи вижагиҳои издивоҷи муосир мебошад. Ба вижагиҳои муносибатҳои дохили оилаи муосир, ки ба онҳо омилҳои гендерӣ ва системаҳои танзими нақшҳо таъсир мерасонанд, диққати махсус дода мешавад. Аз нигоҳи психологияи иҷтимоъӣ оила шакли махсуси гурӯҳи хурде мебошад, ки дар он аъзоёнро никоҳи ё робитаи оилавӣ, инчунин ҳаёт ва масъулияти маънавӣ ба ҳам мепайвандад.[9-37с] Аҳамияти аввалиндараҷаи иҷтимоии оила бо эҳтиёҷоти табиии ҷомеа ба такрор истеҳсоли ҷисмонӣ ва маънавии аҳолӣ асоснок карда мешавад. Мушкилоти оилавӣ аз ҷумлаи мушкилоте мебошанд, ки дар роҳи зиндагии ҳамсарон ба вуҷуд меоянд, ки боиси ихтилофи тӯлонӣ ва дарднок мегарданд. Онҳо муносибатҳои дохили оиларо вайрон мекунанд ва эҳсоси норозигии амиқро аз зиндагӣ ба вуҷуд меоранд. Мушкилоти оилавӣ метавонанд бо дараҷаи паҳншавӣ ва қувваи таъсир тавсиф карда шаванд. Масалан, мушкилоти муайян метавонад барои бисёр оилаҳо ба қадри кофӣ маъмул бошад, аммо дар тӯли ҳаёт мушкилот эҷод карда, оиларо ба таври куллӣ вайрон намекунад. Навъи дигари мушкилоте, ки танҳо як қисми оилаҳо бо он рӯ ба рӯ мешаванд, барои мавҷудияти низоми оилавӣ хеле харобиовар мегардад.[11-67-70с] Афзоиши фоизи талоқҳо, густурдаи ақди никоҳҳои бардурӯғ ва таваллуди берун аз никоҳ, қасдан ва маҷбуран бефарзанд мондани зану шавҳар, афзоиши хушунат дар дохили оила аз мушкилоти доғи замони мост. Издивоҷ ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ дигар вазифаҳои худро иҷро намекунад ва чунон ки бисёре аз олимон қайд кардаанд, дар марҳилаи бӯҳрони амиқ қарор дорад. Нақшаи зиндагии анъанавии одамон пас аз ворид шудан ба муносибатҳои маҳрамона - издивоҷ, таваллуд ва тарбияи наслҳои баъдӣ, зиндагии зану шавҳар «то ҷудо шудани марг» дар байни ҳарду ҷинс хеле камтар шудааст. Мушкилоти оилавӣ то замоне вуҷуд дорад, ки худи институти оила вуҷуд дорад, аммо бинобар тағйироту дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар ҷомеа ба амал омадаанд, мушкилоти нави мушаххаси оилавӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар баробари ин проблемахое, ки умуман ба оила хосанд, ки дар адабиёти илмй васеъ инъикос ёфтаанд, ахамияти худро гум накардаанд.

Мушкилоти маъмултарини оилавӣ инҳоянд:

-мушкилоти оилавӣ ва зӯроварӣ; - номутаносибии нақшҳои издивоҷ ва номувофиқ будани эътибори зану шавҳар;

- изофабории занон бо нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ; номутаносибии муносибатҳои маҳрамона.

Ҳамчун мушкилоти мушаххасе, ки ҷомеа ва фарҳанги муосир ба вуҷуд меорад, метавон чунин муайян кард: - оилаҳои хурд ва тағйирёбии ҳавасмандии «ба фарзанддор шудан ё надоштани фарзанд»; - "андрогинизатсияи" оилаҳо. Биёед ин мушкилотро муфассалтар баррасӣ кунем.

1. Мушкилоти оилавӣ ва зӯроварӣ. Дигаргунихое, ки дар чамъият ба амал омадаанд, шаклхои таърихии рафтори оила, ки ба хаёти нисбатан муътадил асос ёфтаанд, инчунин он фактхое, ки аксар оилахо ба як навъ душворихои модди дучор мешаванд, боиси вазъияти ногувор мегарданд. "Мушкилоти оилавӣ" истилоҳест, ки бештар дар расонаҳо истифода мешавад, аммо илм таърифи дақиқи ин падидаи зиндагии оиларо надорад. Дар сатҳи ҳамарӯза дар фаҳмидани истилоҳи "мушкилоти оилавӣ" ҳеҷ мушкиле вуҷуд надорад.[1-90с] Ба эътиқоди аксарият, сабабҳои сар задани нохушиҳо дар паст будани сатҳи даромади оила, паст будани маънавият, рафтори ғайриҷамъиятии волидайн, муноқишаҳои байни ҳ амсару фарзандон, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайра мебошад. Маҳз ҳамин мушкилотест, ки кӯдаконро ба кӯчаҳо, саргардон ва қонуншиканиро водор мекунад. Кӯдакон аз оилаҳои номусоид танҳо барои зинда мондан ва бо ҳар роҳу восита пул кор кардан нигаронида шудаанд. Дар чунин шароит ва муносибатхои мукарраршуда сифати пасти таълим ва афзоиши чинояткории байни наврасон амалан кафолат дода мешавад. Зӯроварӣ дар оила яке аз мушкилоти мубрами иҷтимоии Русияи муосир мебошад, ки сабаби он: -майзадагӣ ва нашъамандии ҷомеа; -

камбизоатӣ, камбизоатӣ; -дараҷаи баланди бекорӣ ва мушкилии амалисозии касбӣ. Сатҳи таҷовузи ҷисмонӣ аз меъёр зиёд дар 68% мардон ва 33% занон ошкор шудааст. Сатҳи афзоиши таҷовузи лафзӣ дар занон нисбат ба мардон баландтар аст ва 55% нисбат ба 45% аст.[4-20с] Дар мардон. Мавҷудияти таҷовузи баланди лафзӣ дар занонро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки онҳо нисбат ба мардон аз ҷиҳати ҷисмонӣ заифтаранд ва ҳамчун як роҳи ҳалли мушкилот ва таъсиррасонӣ ба ҳамсари издивоҷ бештар ба василаҳои сухан муроҷиат мекунанд. Аксар вақт зӯроварии оилавӣ ҳангоми бӯҳронҳои иқтисодӣ, мушкилот дар кор, бӯҳронҳо дар оила зоҳир мешавад. Ҳангоми чунин раҳҳои сиёҳ, дастгирии мутахассисон (психологҳо, хадамоти иҷтимоӣ оид ба ҳалли низоъ) барои ҳамсарон муфид ва ҳатто зарур хоҳад буд, зеро намунаҳои хашмгинонаи рафтори волидайн метавонанд аз ҷониби кӯдак қабул карда шаванд ва ин таҷрибаро ба оилаи ояндаи худ интиқол диҳанд, инчунин нисбат ба волидони худ хашмгинона рафтор мекунанд, ва инчунин нисбат ба волидони худ хашмгинона амал мекунанд, ки ин вазъиятро боз ҳам бадтар мекунад.

Нобаробарии нақшҳои зану шавҳар ва номувофиқ будани эътибори зану шавҳар. Ибораи маъмули «мардон аз Миррих, зан аз Зухра» то андозае асос дорад, зеро системахои равонии марду зан аз хамдигар фарк мекунанд, хар кадоми онхо аз чихати омили гендерӣ хусусиятхои муайяни чахонбиниро. Илова бар ин, одамон бо бағоҷи аллакай мавҷудбуда аз одатҳо ва эътиқодҳое, ки дар тӯли ҳаёташон ташаккул ёфтаанд, издивоҷ мекунанд. Ҳоло дар адабиёти илмӣ дар бораи тамоюли занон ба ӯҳдаи роҳбарии оилаи муосир бисёр чизҳоро ёфтан мумкин аст. Дар мавриди вазъи иҷтимоӣ бошад, барои зану мард баробар аст. Дар аксари мавридҳо, занон дар баробари мардон кор мекунанд, барои истиқлолияти молиявӣ кӯшиш мекунанд. Аз ин лиҳоз, шавҳар дигар наметавонад мавқеи аслии худро дар оила нигоҳ дорад ва мақоми патриарх, даромаднок, сардори оиларо аз даст медиҳад. [7-80с]Марде, ки то ҳол худро сарвари оила медонад, ба нафси худаш осеб нарасонда, ба иродаи ҳамсараш итоат карда наметавонад. Фазои ҳамоҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар оила нигоҳ дошта мешавад, агар зан ҳамчун роҳбари пинҳонӣ амал карда, ба мард имкон медиҳад, ки роҳбари расмӣ ва сардори оила боқӣ монад. Аммо мушкили имрӯза дар он аст, ки зан аз татбиқи тактикаи рафтории «роҳбарии пинҳонӣ» нисбат ба шавҳар худдорӣ мекунад, вале тавассути фишори равонии мустақим ба ӯ таъсир мерасонад ва бо ин васила дар доираи оила ташаннуҷи баландро ба вуҷуд меорад, ки аксар вақт боиси талафот мегардад. нуфузи падар дар назди фарзандон, ки дар навбати худ боиси аз байн рафтани оила мегардад. Мушкилоти марбут ба мақоми нокифояи эътибори шарикони интихобшуда низ вуҷуд дорад. Мардон ҳангоми интихоби ҳамсари рӯҳӣ барои сохтани муносибатҳои дарозмуддат ба зебоӣ ва синну соли зани эҳтимолӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунанд, ҷанбаи биологӣ бартарият дорад. Бо вуҷуди ин, дар интихоби зан, омилҳои иҷтимоӣ - сарват, касб, хусусияти ҳамкории иҷтимоӣ, ки шавҳари эҳтимолӣ дар он аст, нақши муҳим дорад. Баъзан дар ҳаёти ҳамсарон давраҳое мешаванд, ки эътибори яке аз шарикон аз дигаре болотар аст. Дар чунин вазъият, мумкин аст, ки яке аз ҳамсарон ба дигаре беэътиноӣ мекунад. Ин нокофии даврии эътибор яке аз зиддиятҳои издивоҷ аст, ки метавонад муносибатро ба дами сукут расонад.

Зиёд кардани нақшҳои зан Яке аз мушкилоти ҷомеаи муосир он аст, ки зан дар оила нақшҳои зиёдеро аз мард иҷро мекунад. Зан дар баробари тарбияи фарзанд ва корҳои хонагӣ бояд як коргари муваффақ бошад, ки оиларо аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд. Заноне, ки бештари умри худро дар ҷои кор мегузаронанд, аз сабаби нокифоя таваҷҷуҳи ӯ ба хешовандон, фарзандон ва корҳои хонагӣ ҳисси гунаҳкорӣ доранд. Бо вуҷуди ин, маҳз оила ва ҳаёти шахсӣ воситаи олӣ барои рушди фаъолияти соҳибкории зани муосир аст. Дар ибтидои зиндагии якҷоя мардон, чун қоида, дар гирду атрофи хона ба занҳо ёрӣ мерасонанд, ки ин бахше аз маросими хостгорӣ аст, аммо дере нагузашта ин кӯмак қатъ мешавад ва тамоми корҳои хона ба дӯши зан меафтад. Чунин сарбории изофӣ боиси хашмгинии доимӣ мегардад, ки метавонад боиси ихтилоф дар муносибатҳо гардад. Маҳфилҳои берун аз оила барои зани муосир муҳим аст, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки дар сатҳи шахсӣ ва рӯҳонӣ инкишоф ёбад. Норасоии доимии вақти холӣ метавонад занро аз иҷрои корҳои дӯстдоштааш боздорад, ки иқтидори эҷодии ӯро инкишоф диҳад ва ин, дар навбати худ, боиси афзоиши хашмгинӣ ва норозигии умумӣ мегардад. Дар баробари ин, асабоният боиси нороҳатии тобовари эмотсионалӣ мегардад, ки боиси ташаккули муносибатҳои манфӣ нисбати шавҳар ва наздикии ҷинсӣ бо ӯ мегардад. Ҳамин тавр, омили дигари таназзули муносибат вуҷуд дорад.

Носозгории муносибатҳои маҳрамона. Тадқиқотҳои зиёд нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷавононе, ки издивоҷ мекунанд, бо асосҳои гигиенаи равонии ҳаёти оилавӣ ошно нестанд, ки боиси мушкилот дар муносибатҳои ҷинсӣ ва маҳрамонаи шарикон мегардад. Агар ҳаёти ҷинсии мардон новобаста аз дониши ӯ дар ин самт қаноатбахш идома дошта бошад, пас дар байни занон бисёр одамоне ҳастанд, ки аз номутаносибии муносибатҳо ва норозигӣ азият мекашанд. Сабаби ин дар он аст, ки мард дар соҳаи гигиенаи рӯҳии ҳаёти ҷинсӣ дониши кам дошта бошад ва барои зан, як махлуқи мураккаби психосексуалӣ, кофӣ нест, ки шавҳараш

дар ҳолати хуби ҷисмонӣ бошад ва ба вай ҷазб шавад. Нороҳатие, ки зан дар наздикӣ эҳсос мекунад, ба зиёд шудани асабоният ва ноумедӣ мусоидат мекунад. Ин боиси ташаннуҷ дар муносибатҳои ҳамсарон мегардад, ки дар натиҷа боиси ихтилофоти оилавӣ, зино, ихтилоли равонӣ ва ғайра мегардад.

Оилаҳои хурд ва гуногунрангии ҳавасмандии соҳиби фарзанд ё надоштани фарзанд. Дар замони мо оилаи хурд категорияи асосии оилаҳо мебошад. Чунин оилаҳо одатан аз шавҳар, зан ва ду ё аксаран як фарзанд иборатанд. Мушкилоти маъмултарини оилаи хурд аз душвориҳои табиати психологию педагогии вобаста ба тарбияи фарзанди ягона иборатанд: набудани шароити мукаммал барои рушди сифатҳои иҷтимоӣ ва эмотсионалии ӯ ва эгоцентризм, ки дар ин ҳолат ташаккул меёбад. Кам шудани шумораи фарзандон дар оила маънои якбора тагйир ёфтани тарзи зиндагии маъмули, низоми арзишхо, заиф шудани маънои падар ва модар, хамдигарфахмии падару модар ва фарзандон, паст задани накши бародару хохарро дорад. , ва номуташаккилии системахои хешутаборӣ. Ҷомеа зуд ба бесарусомонии созмони беоилаонаи зиндагӣ, ба мавҷудияти бароҳат ва осони як бакалавр, ба модели Стокголм табдил меёбад (танҳо нисфи ҷуфтҳои пеш аз издивоҷ издивоҷ мекунанд ва 2/3 қисми онҳо талоқ мешаванд). Арзиши фарзандон барои волидайн аҳамияти муттаҳидкунандаи бисёр ангезаҳои хоҳиш ё надоштани фарзанд доштан аст, ки рафтори репродуктивии занро муайян мекунад. Тафовути сатҳи таваллуд дар кишварҳои ҷаҳонро метавон бо муносибати вайронкоронаи занон нисбат ба шумораи ками кӯдакон, ки ба ин ё он дараҷа мавқеъи шарики никоҳ ва маҷмӯи дигар омилҳо дастгирӣ мекунад, шарҳ дод. омилҳои иҷтимоии фарҳангӣ. Тибқи ин принсип се навъи оилаҳо ҷудо карда мешаванд: 1 - оилаи оиладор, 2 - оилаи мушкилот, 3 - оилаи ба фарзанд нигаронидашуда. Асоси навъи якум афзалияти муносибатҳои издивоҷ дар муқоиса бо падару модар, яъне. фарзандон дар чунин оила омили пешбарандаи муттаҳидшавии ҳамсарон нестанд, ангезаи соҳиби фарзанд шудан, ҳамчун идомаи худ нест. Теъдоди модароне, ки барои онҳо танҳо як фарзанд доштан кифоя аст, 44% ва 35% занони дорои маълумоти олӣ кӯдаконро мушкили ноил шудан ба мансаб медонанд. Дар мавриди дуюм, масъалаҳои нигоҳубин ва тарбияи кӯдак дар мадди аввал дар гӯшаи мушкил қарор доранд. Занони чунин оилаҳо кӯдаконро аз орзуҳои худ болотар намегузоранд, зеро ин барои онҳо боиси ташвишҳои дилгиркунанда аст. Пастшавии эмотсионалӣ байни ҳамсарон дар шумораи бештари ҷуфтҳо мушоҳида мешавад. Намояндагони оилаҳои навъи сеюм тавонистанд, ки шодии фарзанддоршавӣ ва умеди он, ки ӯ пайванди мустаҳками идомаи оила гардад, ба ҳам пайваст. Аммо шумораи ин оилаҳо кам аст ва ҳиссаи модарони дорои маълумоти олӣ низ камтар аст (20%). Ҳамаи ин намудҳо аз идеал дуранд. Оилаи муваффақ аз нигоҳи ақидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ бояд дар худ арзишманд, худкифоя ва тавони таъмини динамикаи мусбати рушди ҷомеа бошад. Ин мушкилот ба фаъолияти оилаи муосир таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Аммо ҳар як оила бо муқовимати гуногун ба таъсири мушкилот дар издивоҷ тавсиф мешавад. Ҳолатҳо метавонанд хеле гуногун бошанд ва аксар вақт, оила на як, балки якчанд ё тамоми маҷмӯи мушкилотро аз сар мегузаронад. Афзоиши таваҷҷуҳ ба масъалаи ба ҳаёти оилавӣ омода кардани ҷавонон метавонад боиси безарар гардонидани мушкилоти зиёди оилаҳои муосир гардад.

«Андрогинизатсия»-и оилаҳо. Дар айни замон, барои касе пӯшида нест, ки дар байни мардон ва занон пайдо кардани шахсоне, ки нақши гендерии якхела доранд, душвортар аст. Норавшан шудани сарҳади зан ва мардона дар ҷомеа низ боиси халалдор шудани сохтори оила ва муносибатҳои байнишахсии шарикон мегардад. Мумкин аст, ки чунин мушкилот далели марҳалаи гузариши таҳаввулоти оила ҳамчун институти иҷтимоӣ бошад, вале оқибатҳои онҳо аз ҳарвақта бештар актуалӣ ва актуалӣ мебошанд. Муносибатхои кухна нисбат ба вазифахо ва вазифахои ошьёнахо ахамият надоранд, вале «коидахои бозй»-и нав хануз ташаккул наёфтаанд. Одат аст, ки мардонро ҳамчун хашмгин, тавоно, мустақил, соҳибақл ва эҷодкор муаррифӣ кунанд; занон - ҳамчун итоаткор, вобастагии эмотсионалӣ ва заиф. Таърифи мардонагӣ танҳо ҳамчун "мард" ва зан танҳо ҳамчун "зан" аллакай ба қолабҳои архаикӣ табдил ёфтаанд, ки ба ташаккули ақидаҳои консервативӣ мусоидат мекунанд. Таҳлили фарқиятҳои гендерӣ дар аҳамияти параметрҳои алоҳида барои фаъолияти касбӣ нишон дод, ки 34-41 аломат муҳиманд. Тафовутҳои бештар аз ҳама бештар ба он вобастаанд, ки занон кор бо одамонро авлотар медонанд ва сифати муносибатҳои истеҳсолиро яке аз меъёрҳои асосии интихоби касб медонанд, дар ҳоле ки мардон ба озодӣ ва мустақилияти фаъолияти худ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Стереотипҳои гендерӣ, ки раванди муосири иҷтимоиро ҳамроҳӣ мекунанд, метавонанд нофаҳмо бошанд: агар онҳо бардурӯғ бошанд ё ба воқеият суст мувофиқат кунанд, онҳо метавонанд рушди шахсият ва ҳамкории байнишахсӣ ба таври ҷиддӣ х Сарфи назар аз он, ки ақидаҳои стереотипӣ ҳам дар шуури фардӣ ва ҳам дар шуури ҷамъиятӣ барои муддати тӯлонӣ устувор боқӣ мемонанд, тағирёбии арзишҳо ва фарҳанги муносибатҳои одамон барои ташаккули меъёрҳо ва қоидаҳои нави рафтор дар ҷаҳони муосир замина мегузорад. . Ба андешаи Бем **[5-110с]**

солимии равонӣ набояд ҷинс дошта бошад ва андрогинӣ ба ҳолати равонии инсон таъсири мусбӣ мерасонад.алалдор шаванд. Андрогиния бо чандирии вазъият (яъне қобилияти эътимоднок будан ё мутамарказ шудан ба манфиатҳои дигарон вобаста ба вазъият), худбаҳодиҳии баланд, ҳавасмандии муваффақият, тарбияи хуби волидайн ва эҳсосоти субъективии некӯаҳволӣ алоқаманд аст. Муносибатҳои оилавӣ, ҳолати психоэмоционалии аъзоёни он, намудҳои нақшҳои оилавӣ на танҳо ба робитаҳои оилавӣ, балки ба услуби рафтор, хислат, эътиқод ва майлҳои шахсе, ки дар оила ба воя мерасанд, таъсир мерасонад. Вазифаи ичтимоии одам, пеш аз хама, нисбат ба он аъзоёни чамъият, ки одам бо онхо пеш аз хама — падару модар, бародарон, хохарон вомехурад, ба амал бароварда шавад ва баъд ин тачриба ба оммаи васеи ичтимой дар махалхо гузаронда шавад. шакли хамкорӣ, ёрии хамдигарӣ, ёрии хамдигарӣ ва ёрии инсонӣ. Инчунин бояд қайд кард, ки амалан ягон оилае вуҷуд надорад, ки аз ҳама мушкилоти ҳамроҳи издивоҷ канорагирӣ кунанд. Тавре дар боло қайд кардем, мушкилоти аввалиндараҷаи издивоҷ инҳоянд: мушкилоти оилаҳо, нобаробарии вазъи оилавии зану шавҳар; аз ҳад зиёди зан; номутаносибии муносибатҳои ҷинсӣ; номувофиқӣ дар дарк ва зуҳуроти эътибори зану шавҳар, зӯроварӣ дар дохили оила, ангезаҳои таваллуди фарзандон. Аммо ҳар як оила ба мушкилоти издивоҷ муқовимати муайяне дорад, зеро вазъият аксар вақт гуногун аст ва метавонад гуногун бошад. Аз ин чо метавон хулоса кард, ки хар як оила фард буда, мавриди тахкики илмхои гуногун карор дорад, бинобар ин, мавзуи оила ахамият ва доираи гании тахкикро дорад.


**АДАБИЁТ**

1. А. И. Антонов, В. М. Медков.-М.: Изд-дар МГУ: Изд-дар Байналхалқии донишгоҳ-бизнес ва идоракунӣ ("Бародарон Карич"), 2007
2. Адлер. А. Тарбияи фарзанд. А., Валеева ва Р. А. Валеевой). 1998.
3. Бойко В. В. Малодетная оила: иҷтимоӣ-равонӣ таҳсил / В. В. Бойко. – Москва : Омор, 1980.
4. Воронина, О. А. Асосҳои гендерӣ назария ва методологияи. / Воронина, О. А. – М.: МЦГИ – МВШСЭН, 2001
5. Гурко Т. А. дар масъалаҳои муҳими оила дар Русия/Т. А. Гурко.-М.: Институти ҷомеашиносӣ РАН, 2006
6. Дорно И. В. Муосир издивоҷ: мушкилот ва ҳамгироӣ/И. В. Дорно.-М.: Педагогика,1990
7. Ковалев С. В. Психология муносибатҳои оилавӣ/С. В. Ковалев.-М.: Педагогика, 1987.
8. Розенова М. И. Институти замещающего родительства дар Русия: зарурат, мушкилот ва имкониятҳои системного омӯзиши. // Психология ва психотехника. 2013. № 12. С. 1218-1223.
9. Розенова М. И. Позитивная психология дар Русия: баъзе масъалаҳои ҷорӣ мекунанд. // Психология ва психотехника. 2012. № 1 (40). С. 57-62.
10. Розенова М. И. Феноменология зависти. // Психология ва психотехника. 2013. № 10 (61). С. 961-972.
11. Розенова М. И., Жучкова С. Е Равонӣ равшаннамоӣ чун сарчашмаи амният маориф ва ҳает. / Alma mater (Ахбори мактаби олӣ). 2014. №. 5 (май).-С. 50-54.


## ХУСУСИЯТҲОИ МУНОҚИШАҲО ВА САМТҲОИ МУШКИЛОТИ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


*Мақола ба баррасии хусусиятҳои муноқишаҳо ва самтҳои мушкилоти оилаи муосир бахшида шудааст. Издивоҷ ва оила дар шароити зиндагии муосир (иҷтимоӣ-таърихӣ ва иқтисодӣ)-и ҷомеа баррасӣ мешавад. Ба вижагиҳои муносибатҳои дохили оилаи муосир, ки ба онҳо омилҳои гендерӣ ва системаҳои танзими нақшҳо таъсир мерасонанд, диққати махсус дода мешавад. Навоварии илмии ин кор аз он иборат аст, ки шумораи хеле ками муҳаққиқон андрогинизатсияи аъзоёни оила ва кӯдакони хурдсолро ҳамчун мушкилоти дорои хусусияти равонӣ қайд мекунанд. Дар натиҷа метавон гуфт, ки амалан ягон оилае вуҷуд надорад, ки аз ҳама мушкилоти ҳамроҳи издивоҷ канорагирӣ кунад, аммо ҳар як оила ба мушкилоти издивоҷ муқовимати муайяне дорад, зеро вазъиятҳо аксар вақт гуногунанд ва метавонанд гуногун бошанАз ин чо метавон хулоса кард, ки хар як оила фард буда, мавриди тахкики илмхои гуногун карор дорад, аз ин ру, ахамият ва доираи васеи тахкики мавзуи оила дорад.*



***Калидвожаҳо:*** *оилаи муосир, издивоҷ, андрогиния, мушкилоти оилавӣ, камфарзандӣ, мушкилоти издивоҷ, номутаносибӣ, психологияи оилавӣ, муносибат нақш, талоқ*


## ХАРАКТЕРИСТИКА КОНФЛИКТОВ И НАПРАВЛЕНИЙ СЕМЕЙНЫХ ПРОБЛЕМ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


*Статья посвящена характеристике конфликтов и проблемных зон современной семьи. Брак и семья рассматриваются в контексте современной жизни (социально-исторической и экономической). Особое внимание уделено специфике взаимоотношений внутри современной семьи, на которые влияют гендерные факторы и ролевые системы. Научная новизна данной работы заключается в том, что очень немногие исследователи указывают на андрогенизацию членов семьи и детей раннего возраста как на проблемы психологического*

*характера. В результате практически не существует семьи, которая избегает всех брачных проблем, но каждая семья имеет некоторую устойчивость к брачным проблемам, так как ситуации часто бывают разные и могут быть разными. поэтому важно и всесторонне изучать тему семьи.*

***Ключевые слова:*** *современная семья, брак, андрогиния, проблемы семьи, бесплодие, проблемы брака, диспропорция, семейная психология, ролевые отношения, развод*.

**CHARACTERISTICS OF CONFLICTS AND DIRECTIONS OF FAMILY PROBLEMS IN MODERN CONDITIONS**

*The article discusses the nature of the conflicts and areas of problems of the modern family. Marriage and the family are considered in the context of modern life (socio-historical and economic). Particular attention is paid to the specifics of relationships within the modern family, which are influenced by gender factors and role-playing systems. The scientific novelty of this work is that very few researchers point to the androgenization of family members and young children as problems of a psychological nature. As a result, there is virtually no family that avoids all marital problems, but every family has some resistance to marriage problems, as situations are often different and can be different. The family is an individual and is the subject of research in various disciplines, therefore, it is important and wide-ranging to study the subject of the family.*

***Keywords:*** *modern family, marriage, androgynia, family problems, infertility, marriage problems, disproportion, family psychology, role relationships, divorce*

***Дар бораи муаллиф:***

***Сафарова Мастона Сайфулоевна*** *- ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни, Тел: (+992) 933082194*

***About the author:***

***Safarova Mastona Saifulloevna****- assistant of the Department of Pedagogy and Preschool Psychology, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Alisher Navoi 3, apt. 42. Tel: 933-08-21-94.*

***Сведения об авторе:***

***Сафарова Мастона Сайфуллоевна*** *- ассистент кафедры педагогики и дошкольной психологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, Алишера Навои 3, кв.42. Телефон: 933-08-21-94.*

## АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ- ПСИХОЛОГИИ РОБИТАИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ИНКИШОФДИҲАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН

***Шарипов А.М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар доираи асосҳои ичтимоӣ- психологии муошırати иттилоотӣ ташаккули ҳамагуна ҳодисаҳои психикӣ, аз ҷумла равандҳои маърифатӣ ташаккул меёбад. Муошират – ин сарчашмаи асосии фаъолии инсон аст. Интихобӣ будани маърифати олами иҳотакарда низ аз муошırати иттилоотӣ вобаста аст. Илова бар ин сифати хотир ва тафаккури донишҷӯён ба ҷанбаҳои ичтимоӣ- психологии муошırати иттилоотӣ вобаста мебошад.

Бояд қайд намуд, ки шахс хангоми таъсир расонидан ба муҳити иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида, қабл аз ҳама манфиату талаботҳои хешро пеш мегузорад. Агар мақсаду манфиатҳои ӯ аз ҷониби дигарон эътироф ва қонеъ гардонида шаванд, он гоҳ ӯ худро фаъол ва нисбати дигарон дорои маърифати хоса муаррифӣ менамояд. Агар аз ҷониби ҷамъият хоҳишу максадҳояш эътироф нагардад, он гоҳ ӯ хешро пассив (ғайрифаъол) эҳсос намуда, аз муҳити иҷтимоӣ канораҷӯӣ менамояд ва дар ин масоил нақши муошırати иттилоотӣ аввалиндараҷа буда, омили баланд бардоштани таҳлил, таркиб ва абстраксияи маърифатии хеш мегардад.

Дар равиши сотсиологӣ ба рушди назарияи коммуникатсияи оммавӣ "баҳодиҳии паёми объекти қабулкунанда аксар вақт танҳо ҳамчун равшан кардани муносибати қабулкунанда бо коммуникатсия амал мекунад. Агар паём писанд ояд ё боварӣ дошта бошад, ин баробар аст ба он, ки муошират то андозае ба «иштирокчии форуми дохилӣ» қабул карда мешавад, пеш аз он қабулкунанда имкониятҳои дар назди ӯ истодаро фикран муҳокима мекунад. Аммо қабулкунанда ё худ донишҷӯ метавонад на танҳо ба манбаъ, балки инчунин дар бораи мавзӯи хабар аз ӯ маълумотеро, ки ба ғайр аз хоҳиши муошираткунанда баромадааст гирифта, ҳамин тавр ӯ иштирокчии ҳакикатан фаъоли муошират мегардад, ки гуё ҳаммуаллифи муошираткунанда бошад. Дар ҳар сурат қабулкунанда ба таври доимӣ ба муошират мутамарказ гардида, дар кушодани нақшаҳо ва меъёрҳои худ ғарқ мешавад ва ё баръакс,

ҳама ҳукмҳо ва арзёбиҳои ӯро дар бораи мақсад қабул мекунад, ки фаъолии маърифатӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳарчанд ғайримуқарарӣ ба назар расад ҳам, худи коммуникатор ба манбаи иттилоот табдил меёбад, ки баъдан дар асоси он фикру ақида сохта мешавад ва идеяи тарғибкардаи ӯро инкор мекунад. Танзими пеш аз арзиш метавонад дар водор намудани муаллифи беном ба таҳлили мундариҷаи интиқодии таблиғ нақши муайян бозида бошад, вале дар ин ҷо тафаккури пурмаҳсули худи шунаванда ва ё донишҷӯ дарки вай дар бораи машваратчӣ чун мавзӯи хабар аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Бояд қайд намуд, ки агар истилоҳоти мақсад, ки самти сарчашмаро фарқ мекунонад он аз қобилияти ҷудо кардани мӯҳтавои паём ва ё аз манбаъ иборат бошад, пас тамоюли мӯҳтаво, ки бо қобилияти қабулкунанда дар ҷудо кардани худи паём ва ба таври ҷудо аз сарчашма тағйир додани он хос аст, нокомии паҳнкунандагони эътиқоди ҳақиқӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки гиранда, яъне муаллифи номаълуми иттилоъдиҳанда ба мундариҷаи паёмҳои тавлидкардаи онҳо нигаронида шудааст. Равандҳои гуногуни психикӣ метавонад боиси як реаксия, дар шуури донишҷӯ пайдо шудани мазмуни якхела гардад, хоҳ ин ихтилоф бо муошират бошад ва хоҳ созиш бо ӯ. Ин аввалан баҳодиҳии мустақими беихтиёрие мебошад, ки бевосита аз арзишҳо, завқ ва анъанаҳое, ки донишҷӯ ба даст овардааст, бармеояд ва чунин аксуламал натиҷаи муайянкунӣ ба манбаъ мебошад. Дар ин ҳолат созиш ё норозигӣ бо муошират метавонад маҳсули амалиёти равонии шунаванда, фаъолияти таҳлилӣ ва тафаккури воқеии ӯ бошад, чунин намуди баҳодиҳии бавоситаи таъхир шуда, натиҷаи арзиши мундариҷаи маърифат мебошад.

Аксуламале, ки ба таври оддӣ ҳамчун натиҷа фаҳмида мешавад, новобаста аз равандҳои миёнаравӣ бо ангезанда, соддагардонии шадиди воқеият аст. Яке аз тадқиқотҳои таҷрибавии сохтори шуур дар робита бо равандҳои коммуникатсияи оммавӣ тадқиқотҳои гузаронидашуда мебошад, ки эътиқоди умумӣ, яъне тайёр будани шахс барои таслим шудан ба таъсироти иҷтимоие, ки аз дигарон бармеояд, новобаста аз он ки ӯ дар бораи коммуникатсия чӣ медонад ва аз кадом мавқеъ дифоъ мекунад, нақши ҳалкунанда мебозад. Дар раванди тадқиқотҳои психологӣ муайян карда шудааст, ки дар байни субъектҳои худ се гурӯҳи хеле барҷастаро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1. Ретсипиентҳое, ки майл доранд ва ҳамеша бо муошират розӣ ҳастанд ва онҳо ду нуқтаи назари комилан муқобилро изҳор менамоянд;

2. Иттилооте, ки баръакс дар шароити шабеҳ ҳамеша ихтилофи қатъӣ баён мекунанд ва омодаанд, ки фикри аслии худро барои ин тағйир диҳанд;

3.Ретсипиентҳое, ки мавқеи худро умуман тағйир намедиҳанд.

Таҳқиқотчиён бо истифода аз чунин усул нишон доданд, ки ин аслан ҳолатӣ рафторӣ - типологияи итилоот гирандагон ба таври суннатӣ ба чунин хусусияти ба назар психологӣ асос ёфтааст. Дар соҳаи психология идрок ҳамчун вобастагӣ ба соҳа гузошта шуда, ба ин васила мавҷудияти робитаи зич байни мазмуни муҳими иҷтимоӣ ва аксуламали қабулкунанда ба паём, инчунин сохтори воқеии равониро муқаррар мекунад.

Муносибати иҷтимоӣ-психологӣ ба омӯзиши равандҳои коммуникатсияи оммавӣ имкон медиҳад, ки таҷдиди оддии меъёрҳо ва арзишҳое, ки шунаванда (ё худ донишҷӯ) дар раванди иҷтимоӣ ба даст овардааст, аз аксуламали бошуурона ва самаранок ба паём фарқ кунад. Инчунин фош кардани хусуснятхои психологии шуур, ки намудҳои гуногуни реаксияҳоро муайян мекунанд, ба амалиёти муносибаткунанда вобаста мебошад.

Аммо вақте ки ҳар яки шумо ба маълумот аз нуқтаи назари васеътар назар мекунед, бо назардошти он, ки аксарияти ҷамъият аз ҷумла донишҷӯён ба шароитҳои сиёсии ба он таъсиркунанда чӣ гуна мутобиқ мешаванд ё чӣ гуна системаи сиёсӣ дар тӯли муддати тӯлонӣ ба шароитҳои тағйирёбанда мутобиқ мешавад, ин раванд шаходат аз он медиҳад, ки хосиятҳои муайяни коллективии контингенти интихобкунандагон, хамчунин системаи сиёсию ичтимоие, ки дар он амал мекунад алоқаманд мебошад. Ин раванд албатта дар инкишофи маърифатии ҷамъият, хусусан донишҷӯён омили асосӣ шуда метавонад.

Бояд қайд намуд, ки масоили ташаккули тафаккури мантиқии донишҷӯён, ки зинаи олии равандҳои маърифатӣ мебошад, тавассути муошират педагогӣ дар асарҳои Д.М. Александрова, А.В. Воловик, К.М. Карапетян, И.В. Киселевская, В.Г. Костомарова, Г.В. Рогова, Г. Китайгородская ва дигарон мариди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудаанд, онҳо худ аҳамияти муошират ва ё муносибат дар раванди таълимро муайян кардаанд. Онҳо ин масоилро дар он мебинанд, ки муошират ташаккули фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро таъмин намуда, тарзи ҳамкории муштарак, роҳи интихоби мақсад ва расидан ба онро инкишоф медиҳад, ба ташаккули худназораткунӣ ва худдорӣ мусоидат мекунад[1].

Бинобарин яке аз талаботҳои асосӣ барои омӯзгорони муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тамоми ҷаҳон мавҷудияти салоҳияти хуби коммуникатсионӣ мебошад.

Дар доираи таҳсилоти олӣ салоҳияти коммуникатсионӣ ба сохтори салоҳиятҳои фарҳангии умумӣ дохил карда, имкони ҳамкории мутақобилаи байни мутахассисон

фароҳамро меорад, ба кори самараноки дастаҷамъӣ ва муошírати касбии онҳо дар тамоми ҷомеа мусоидат мекунад. О.С. Зорина дар рисолаи худ ба хулосае меояд, ки донишҷӯёни донишгоҳ аксар вақт дар муошират бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин натиҷаи кори нокифояи системавӣ оид ба ташаккули салоҳияти коммуникатсионии омӯзгорон мебошад.

Дар иртибот ба масоили таҳқиқнамудаи О.С. Зорина ҳаминро бояд қайд намуд, ки рушди равандҳои маърифатӣ метавонад мушкилоти муоширати донишҷӯёнро аз байн барад. Чунки, инсоният дар натиҷаи пайдо намудани таҳлилкунӣ, муқоисакунӣ, абтраксиякунӣ ва хулосабарорӣ мазмуни нутқи худро пурра менамояд, яъне асосҳои ичтимоӣ- психологии муошират дар як вақт заминаи ташакулдиҳандаи равандҳои маърифатӣ буда, дар заминаи дигар муошират худ аз фаъолнокии маърифат ташаккул меёбад [8, с.12-16].

Масъалаи ташаккули услуби инфиродии фаъолияти комуникативии муаллим низ дар асарҳои Н.П. Аникеева, Б.З. Вулф, В.М. Галузинский, О. Гребенюк, М.И. Рожкова, А.В. Мудрик, А.Г. Самохвалова ва дигарон қайд гардида, таҳлили тадқиқот ба мо имкон дод, ки аз руи ин проблема нуктаҳои назари умумиро муайян кунем. Муаллифон бар он ақидаанд, ки бисёре аз донишҷӯён ё худ омӯзгорони оянда қобилиятҳои комуникатсионии худро дарк карда наметавонанд ва ин барои онҳо дар мутобиқ шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ мушкилро эҷод мекунад ва барои ба амал баровардани имкониятҳои фардии таҷрибаи эҷодӣ монеъ мешавад[7].

Ҳамчунин, вобаста ба ин масоил метавонем меъёрҳои зеринро барои ташаккули салоҳияти иттилоотию коммуникатсионӣ дар донишҷӯён пешниҳод кунем:

***Нақшаи 1:***

1. инкишоф додани сифатҳои коммуникативии нутқ;
2. дониш, маҳорат ва малакаи идоракунии раванди иттилоотию коммуникатсия;
3. дониш, маҳорат, малака ва малакаи дарёфти иттилоот, сохторбандии он, мутобикат кардан ба хусусиятхои раванди педагогӣ;
4. дониш, қобилият ва малакаи таҳияи масъалаи таълимӣ бо роҳҳои гуногуни иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
5. дониш, маҳорат, малака ва малака дар соҳаи муоширати ғайривербалӣ ва ғайра.

Ҳар яке аз меъёрҳои пешниҳодшуда дар маҷмӯи нишондиҳандаҳо ошкор карда мешаванд. Дар асоси меъёрҳои интихобшуда сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотию коммуникатсионии донишҷӯён муайян карда мешаванд, ки он дараҷаи паст, қаноатбахш, миёна, баландро дар бар мегирад[1].

Ҳамин тариқ, мо тавзеҳоте дорем, ки он ба ҷомеашиносии эмпирикӣ хос аст ва тапвассути имою ишора ба пайдоишҳо, ки ба фарзияи пассиви (мувофиқӣ, пешниҳодпазирӣ)- и шуури инфиродӣ асос ёфтааст.

Натиҷаҳои яке аз таҷрибаҳои таҳқиқотӣ ба мо имкон медиҳанд, ки гипотезаро дар борai шароитҳои психологие, ки дар он ин тағирот ба амал омаданаш мумкин аст, таҳия кунем сарфи назар аз хоҳиши шахсҳои алоҳида таърифи вазъиятро, ки онро «матритса» ин ё он чун тарзи «пешбинишуда» ба маҷмӯъ дода шудааст, такрор мекунад.

Мулохизаи назариявии масъалаи таносуби сахтгирӣ ва таклифпазирӣ дар асари А.У. Хараш оварда шуда, баён гардидааст, ки “Намудҳои асосии «муносибати коммуникативӣ» ва таъсири боварибахши муошират масоили психологияи иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар инкишофи назарияи алокаи донишҷӯён таъсири хосса мебахшад”.

Аз ин рӯ, тавзеҳи рафтори иҷтимоӣ тавассути аксуламалҳои иҷтимоии оммавӣ, ки дар натиҷаи ин ё он намуди таъсир ба вуҷуд омадаанд, танҳо дар сурате кифоя аст, ки агар дар иштирокчиёни додашуда як намуди сохти шуур бартарӣ дошта бошад. Дар ҳолати чунин сурат нагирифтан, пас омӯзиши мушаххаси он амалҳои равоние, ки қабулкунанда дар

раванди қабули паём анҷом медиҳад, зарур буда, ин амалиётро бе истинод ба продессҳои таъсири мутакобилаи иҷтимоӣ (на танхо таъсир), ба продессҳои муошироти иҷтимой ва бидуни тахлили робитаҳои маърифатӣ, фаъолият ва муошират омухтан мумкин нест.


**АДАБИЁТ**

1. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологияи муошират. / Н.Қ. Амонов - Душанбе, 2003.- С. 228.
2. Давлатов М., Расулов С. Педагогическое общение-важнейший фактор формирование творческой активности у студентов //Материалы республиканской научно-теоретической конференции «Творческая деятельность студентов и школьников, ее формирование и ориентация в процессе обучения». -Душанбе, 2005.
3. Маҳмудов Ш.К. Абдурашитов Н. Психологияи омӯз-горӣ / зери назари Давлатов М.-Душанбе: Ирфон, 2011.- 194 с.
4. Миралиев А.М. Педагогика ва психология. / А.М.Миралиев, М.Т.Давлатов -Душанбе, «Ирфон», 2007, С.-344.
5. Сухомлинский В.А. Композитсияҳои мунтахаби педагогӣ дар 3 ҷилд. / В.А.Сухомлинский - М. Педагогика, 1981. С. -96.
6. Т. Мустафоқулов М., Назруллоева. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ / Т. Мустафоқулов М., Назруллоева - ш. Кулоб. 1993. С.- 6, 123.
7. Ушинский К. Д. Мачмуи асарҳо, чилди 8, М., / К. Д.Ушинский - Нашриёти АФП РСФСР, с. 1950. С.- 23.
8. Саидов Н.Т. Муошират педагогӣ ҳамчун воситаи ташаккулдиҳии тафаккур ва нутқи омӯзгорони оянда дар раванди таълим// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Проблемаҳои муосири назария ва амалияи таълими фанҳои сикли психологию педагогӣ дар тайёрии касбии омӯзгори оянда”. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – С. 12-16
9. Психология. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ /Зери таҳрири М. Давлатов.–Душанбе, 2010.
10. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров - Душанбе, – “Маориф ва фарҳанг”, 2007.С-108с
11. Саидов М.В. Педагогические основы составления и применения программированних конспектов лекций в высших учебных заведениях / М.В. Саидов, авторе. канд. пед. наук. – Душанбе, 2005. - 24 с


## АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ- ПСИХОЛОГИИ РОБИТАИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ИНКИШОФДИҲАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН


*Дар мақолаи мазкур, ҷанбаҳо ва меъёрҳои инкишофи маърифатии донишҷӯён тавассути асосҳои ичтимоӣ- психологии муошироти иттилоотӣ баён гардидааст. Чунки ҳамагуна, фаҳмишҳо ва маърифати олам аз зинаи иҷтимоишавии инсоният оғоз гардида, ба дараҷаҳои таҳлили тафаккури мантиқӣ рафта мерасад. Муошират низ дар ин раванд омили муассир буда метавонад. Муаллиф чунин қайд намудааст, ки ташреҳи зиёде нисбати асосҳои ичтимоӣ- психологии муошироти иттилоотӣ дар он аст, ки тафаккури мантиқии донишҷӯён дар сурате инкишоф меёбад, ки зери паёми қабул гардида ва эҳтиёҷоти ба миён омада, қобилияти ақлӣ (таҳлили)-и ӯ ҳамчун муҳаррик дар назди худ савол ва ё роҳи ҳалли масъаларо гузошта тавонад.*

*Муайян кардани омилҳои инкишофдиҳандаи маърифатии донишҷӯён тавассути асосҳои ичтимоӣ-психологии муошироти иттилоотӣ.*

*Дар асоси назаирия ва амалияи тадбиқи омилҳои муассири ҷанбаҳои ичтимоӣ-психологии муошироти иттилоотӣ равандҳои маърифатии донишҷӯён инкишоф дода шуд.*



***Калидвожа:*** *ичтимоӣ, психологӣ, муошират, иттилоот, омил, инкишоф, маърифат, донишҷӯ, талабот, шахс, ташаккул, равия, меъёр, хусусусият, муносибат, тафаккур, мантиқ.*


## СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИНФОРМАЦИОННОЙ КОММУНИКАЦИИ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЫ СТУДЕНТОВ


*В данной статье рассмотрены аспекты и критерии познавательного развития учащихся через социально-психологические основы информационного общения. Таким образом всякое восприятие и просвещение мира начинается со ступени социализации и когда человечество достигает уровня логического мышления. Общение это эффективный фактор в этом процессе. Автор отмечает, что во многом объяснение социально-психологической основы информационного общения заключается в том, что логическое мышление учащихся развивается в контексте полученного сообщения и возникает потребность, способность его ума (анализа) как двигательного в возможность задать вопрос или проблему.*

*Определить факторы познавательного развития учащихся через социально-психологические основы информационного общения.*

*На основе теории и практики применения эффективных факторов социально-психологических аспектов информационного общения развиваются познавательные процессы студентов.*

***Ключевые слова:*** *социальное, психологическое, общение, информация, фактор, развитие, просвещение, ученик, потребность, личность, формирование, тенденция, норма, особенность, установка, мышление, логика.*

## SOCIO-PSYCHOLOGICAL BASES OF INFORMATION COMMUNICATION AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' EDUCATION

*This article discusses the aspects and criteria for the cognitive development of students through the socio-psychological foundations of information communication. Because any understanding and enlightenment of the world begins with the social level of humanity and reaches the level of analysis of logical thinking. Communication can also be an effective factor in this process.*

*The author notes that in many respects the explanation of the socio-psychological basis of information communication lies in the fact that the logical thinking of students develops in the context of the received message and there is a need, the ability of his mind (analysis) as a motor to ask a question or a problem.*

*To determine the factors of cognitive development of students through the socio-psychological foundations of information communication.*

*On the basis of the theory and practice of applying effective factors of the socio-psychological aspects of information communication, the cognitive processes of students developed.*

***Key words:*** *social, psychological, communication, information, factor, development, education, student, need, personality, formation, trendency, norm, peculiarity, installation, thinking, logic.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Шарипов Аминҷон Маҳмадович-*** *муаллики калони кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишглҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. х. Рудаки, 121, 734003. Душанбе Тел.: (+992) 985265696;*

***Сведения об авторе:***

***Шарипов Аминжон Махмадович*** *- старший преподаватель кафедры психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, пр. Рудаки, 121, 734003. Душанбе Тел.: (+992) 985265696;*

***About the author:***

***Sharipov Aminjon Makhmadovich*** *- Senior Lecturer, Department of Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Rudaki Ave., 121, 734003. Dushanbe tel.: (+992) 985265696;*

## ТАЪСИРИ ПАДАР ДАР ТАРБИЯИ НАВРАСОН ДАР ОИЛА ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Чобулова Н. М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

*Бе падар фарзанд помоли маломат мешавад,*
*Чун садаф бишкаст об аз рӯи гавҳар меравад.*

*Сайидо*

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» возеҳ таъкид шудааст: «Падару модар уҳдадор аст, ки:

- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;
- пас аз таваллуд фарзандро дар муҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;
- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд;
- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;
- фарзандро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд;
- гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;
- шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;
- новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд;

- дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд;

- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд [4, 3].

Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон уҳдадории падару модаронро дар тарбияи фарзандон аз он иборат донистааст, ки онҳо «бояд тамоми донишу малакаи худро барои тарбияи дурусти фарзандон равона намоянд ва тамоми восита ва шароитро муҳайё созанд, то ки фарзандон бештар ба донишандӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар машғул шаванд». [7]. Ин андешаи Пешвои миллат ба он равона шудааст, ки маҳаки асосӣ ин баробарҳуқуқии падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон мебошад. Ҳамзамон дар баробари баробарҳуқуқӣ ва ӯҳдадории падару модар ин ду шахс, ки мувофиқи қонун ва ақди никоҳ ҳамтақдир шудаанд, бояд таълиму тарбияи фарзандонро дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои фардию фарқияти ҷинсии онҳо ба роҳ монда дар ташаккулдиҳии сифат ва хислатҳои духтарона (занона) ва писарона (мардона) пайваста кӯшиш намоянд.

Набояд фаромӯш кард, дар педагогикаи халқи тоҷик тарбияи писарон ва духтарон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои ҷинсӣ, мавқеи иҷтимоии онҳо дар оила чун падар ва модари оянда, мард-сарвару шахсутуни оила, зан-чароғи равшани хонадор, волидони ояндаи насли бунёдкору созанда бояд тарбия карда шаванд. Бинобарин дар тарбияи фарзанд (бахусус дар давраи наврасӣ) падару модар масъулияти баланд доранд, аммо ин маънои онро надорад, ки ба фарзанд ҳаёт бахшидан маънои падари ҳақиқӣ шуданро дорад. Падар бояд ин унвонро бо иштироки бевосита дар таълиму тарбияи вай соҳиб шавад. Кӯдак рӯз аз рӯз ба камол мерасад, ба чизҳои нофаҳмо, ки дунё пур аз он аст, бештар рағбат пайдо мекунад ва модар на ҳамеша дар ин масъала ба писар мадад расонида метавонад. Ҳамзамон, дар муҳити оила байни зану шавҳар дар тарбияи духтар ва писар баъзе фарқиятҳо дида мешавад, ки ин муносибат таърихи тӯлонӣ дорад, ки аз эҷодиёти шифоҳии халқ маншаъ мегирад. «То бача калон кардам хуни ҷигар шудам», яъне ба воя расондани фарзанд (духтар ё писар) хеле сангин буда, масъулияти баландро талаб мекунад.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ, бахусус, китоби муқаддаси «Авесто» возеҳ аст, ки барои мардуми ориёитабор аз ҷумла, тоҷикон, фарзанд, хусусан писар беҳтарин неъмат ба шумор мерафт. Падар масъул ва вазифадор буд, ки фарзандонро ба мактаб барад ба ӯ илму ҳунар омӯзад, «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки фурӯғи дониш чашми равшан ва биност» [2, 8]. Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ нисбати ҷигарбандаш чунин нигоштааст:

*Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,*
*Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.*
*Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,*
*Зинда аз фарзанд монад номи мард.* [2, 95]

Ҳамзамон фарзандон вазифадор ҳастанд, ки ҳурмати падару модарро баҷо оваранд. **«Ба пирӣ хидмати модар падар кун»** (Носири Хусрав).

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ аҷдодони гузаштаи мо бештар талабгори писар буданд. Ба тафаккури онҳо писар пуштибони падар, ҳимоятгари хонавода ва Ватан ба шумор мерафт, ки нақши падар, мураббӣ дар «Шоҳнома»-и Ҳаким А.Фирдавсӣ хеле барҷаста тасвир шудааст. Ба андешаи ӯ падару модар дар зиндагӣ нахуст шахсонеанд, ки дар тарбия ва таълим олами ниҳонро ошкор месозанд, ба шарте ки:

***Чун фармонпазиранда бошад писар,***
***Навозанда бояд, ки бошад падар.*** [2, 33].

Падар дар муносибат бо писари навраси худ бояд бомулоҳиза бошад, дар рафти муошират ӯро ба ахлоқи ҳамида, меҳнатдӯстӣ талқин намуда, оид ба мардонагӣ, эҳтироми самимӣ нисбат ба модар, хоҳар, ҳамсолон, ки беҳтарин сифатҳои инсонӣ аст роҳнамоӣ намояд. Дар ин ҳолат обрӯю мартабаи падар дар назди фарзанд мақоми хос пайдо мекунад. У.Кайковус дар асараш «Қобуснома» ба писараш панду насиҳат кардааст, ки дар шароити имрӯзаи ҷомеа низ он арзишманд аст: «Эй писар, чун ман номи хешро дар доираи гузаштагон ёфтам, маслиҳат чунон дидам, ки пеш аз он ки номаи азл ба ман расад, номаи дигаре дар накӯҳиши рӯзгор ва созиши кор ва баҳра ҷустан аз некномӣ ёд кунам ва туро аз он баҳра диҳам бар муҷиби меҳри падарӣ то пеш аз он ки дасти замона туро нарм кунад, ту худ ба чашми ақл дар сухани ман нигарӣ ва аз ин пандҳо фузунӣ ёбӣ ва некномии ду ҷаҳон ҳосил кунӣ ва мабодо, ки дили ту аз пазируфтани ин пандҳо бозмонад, ки он чи шарти падарист, омада бошад. Агар ту аз гуфтори ман баҳраи нек наҷӯйӣ, касони дигар бошанд, ки

шунидану кор бастани некӣ ғанимат донанд. Ва агарчӣ сиришти рӯзгор ба он ҷумла омад, ки ҳеҷ фарзанд панди падари хешро ба кор набандад, чӣ оташе дар ботини ҷавонон аст, ки аз рӯйи ғафлати пиндоштаи хеш эшонро бар он дорад, ки дониши худро бартар аз дониши пирон бинанд. Агарчӣ маро ин маълум буд, аммо меҳру шафқати падарӣ нагузошт, ки хомӯш бошам…» [10, с.13].

Нақши падар дар давраи наврасӣ махсусан муҳим аст. Маҳз падар ба писар-наврас кӯмак мекунад, ки аз волидонаш ҷудо шавад ва мустақилият ва масъулиятро ташаккул диҳад. Модар одатан кӯшиш мекунад, ки кӯдаконро таҳти сарпарастӣ нигоҳ дорад, падар бошад, ба ӯ мадад мерасонад, ки «аз лонаи худ парвоз кунад». Барои наврас қабул кардани ҳар гуна «зарбаҳои зиндагӣ» ва ҳар гуна сахтгирӣ аз падар нисбат ба модар осонтар аст. Ҳар гуна сахтгирӣ ва мустақилияти модар хеле дарднок, ҳамчун норасоии муҳаббат қабул карда мешавад.

Ҳангоми муошират бо падар наврасони (чи писар ва чи духтар) ҳуввияти гендериро ташаккул медиҳанд Барои писар падар намунаи ибрат аст ва духтарон низ кӯшиш мекунанд, ки падари худро ҳурмату эҳтиром намоянд ва сазовори ризоият ва дуои нек гарданд. Маҳз суханҳои падар, имову ишора ва муносибату муошират падар, ки ҷолибияти духтарро нишон медиҳанд, дар вай муносибати қатъӣ нисбат ба худ ҳамчун духтари номбардори оиларо ташаккул медиҳад.

Барои ба амал баровардани ҳамаи ин муошират зинда ва мукаммали баробарҳуқуқи байни падар ва наврас зарур аст. Онро чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст? Падар метавонад бо писари наврасаш якҷоя ба толори варзишӣ равад, ё дар таъмири мошин ӯро даъват кунад, барои ёрӣ мададу дастгирӣ дар ҳамаи лаҳзаҳои ҳаёт даъват намояд. Агар падар барои наврас намунаи мардонагӣ бошад ва ҳамзамон бо ӯ дар сатҳи баробар муошират кунад, пас дар давраи наврасӣ дӯстии воқеии самимӣ бо падар имконпазир аст. Ин муносибат ба писар-наврас имконият медиҳад, ки дар байни ҳамсолони худ эътимод ва салоҳият дошта бошад. Ин гуна муносибати байни падару писар яке аз беҳтарин воситаи зидди ҷинояткорӣ, майзадагӣ, истифодаи маводи мухаддир ва ҳама ҳуқуқвайронкнуиҳо, инчунин даст задан ба корҳои ношоям мебошад. Зеро аксар вақт ин ҳамаи ин рафторҳо аз тарафи наврас барои баланд бардоштани мақоми худ дар муҳити ҳамсолон нигаронида шудааст.

Воситаи дигаре, ки ба наврас таъсири бад мерасонад ин мунокишаи байни падару модар аст. Чунки баъзан падару модар ва калонсолони оила фикр мекунанд, ки писар ё духтар бозӣ карда истода, фикраш танҳо ба бозӣ банд асту ба низоъҳои падару модар аҳамият намедиҳад. Ин тавр нест ва фарзанд ҳама бурду бохт, хурсандию нокомиҳои атрофиёнро мебинад, бештар аз ин онҳоро дар хотир нигоҳ медорад ва ҳатман ягон вақт дар амал (таҷриба) истифода мебарад, он намунаи рафторе, ки писар дар хурдӣ дар падар мушоҳида кардааст, дар амалу зиндагии худ истифода мебарад.

Педагоги барҷастаи даврони шӯравӣ А.С.Макаренко таъкид карда буд: «аввалин таҳкурсии тамоми хулқу атвор, рафтору кирдор, ҳиссиёт, фикр ва шуури бача дар оила гузошта мешавад ва он ҷо ташаккул меёбад» [9, с.54].

Падар баробари модар дар тарбияи писару духтар вазифадор ва масъулиятнок аст. Нақши падар дар ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, одобу рафтор ва намунаи ибрат будан барои писар хеле муҳим аст. Мушоҳидаи тӯлонии мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 7, 10, 34 ш.Душанбе собит намуд, ки дар маҷлиси падару модарон ва чорабиниҳое, ки дар давоми соли таҳсил гузаронида мешавад, бештар модарон ширкат дорад, падарон бошанд, хеле кам иштирок мекунанд. Дар чанд маҷлиси падару модарон, ки мо ҳангоми кори таҳқиқотӣ мувофиқи мақсаду вазифаҳои худ ташкил намудем ва дар онҳо иштирок доштем танҳо 3-4 нафар падарон ҳузур доштанд. Ҳангоми сӯҳбат бо роҳбарони синф низ иштирок накардани падаронро дар маҷлиси падару модарон ва чорабиниҳои гуногуни таълиму тарбиявӣ изҳори нигаронӣ намуда, хотиррасон намудем, ки ин аз ҷониби падар талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ӯҳдадорӣ ва масъулияти онҳо иҷро намешавад.

Ба чунин андешаҳои А.С.Макаренко таваҷҷуҳ намоед: «Тарбияи бача соҳаи муҳими ҳаёти мост. Фарзандони мо, шаҳрвандҳои ояндаи мамлакатамон ва щаҳрвандҳои дунё мебошад. Онҳо бавуҷудоварандаи таъриханд. Фарзандони мо падарон ва модарони оянда, тарбиятгари фарзандони худ низ мебошанд» [5, с.9].

Таҷрибаи зиндагӣ исбот намудааст, ки агар падару модар ба тарбияи фарзанди худ ҷиддӣ машғул шаванд, ӯро дуруст тарбия карда метавонанд. Вале агар падару модар танбалӣ карда

нисбат ба тарбияи фарзандон бепарво шаванд, он гоҳ барои аз нав тарбия кардани бачагон бисёр заҳмат кашида хулқу атвор, хусусияту хислат, характер ва дигар сифатҳои онҳоро аз сари нав ислоҳ кардан душвор ва меҳнати заҳматталаб мегардад. Дуруст ва то ба охир анҷом додани ин масъала сабру тоқат, устуворӣ, дониш ва қувваи зиёдро талаб мекунад. Барои ҳамин ҳам махсусан дар тарбияи наврас падару модароне, ки дар худ ин сифатҳоро ба монанди: меҳрубонӣ, ростгӯӣ, ростқавлӣ, боинтизомӣ, мардонагӣ ва ғайраҳоро таҷассум накунанд аз ӯҳдаи тарбияи дурусти фарзанд баромада наметавонанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки давраи наврасӣ давраи душвортарини ҳаёти наврас мебошад. Падару модарон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ба фарзанди наврасаш эҳтиёткорона муносибат намояд ва кӯшиш намоянд, ки тарбиякунии онҳо аз ҳад зиёд дилгиркунанда набошад. Яъне, онҳо аз ҳуқуқҳои худ суистеъмол карда аз ҳад зиёд нисбат ба фарзандонашон худсарона ва золимона рафтор накунанд, чунки дар натиҷа фарзанд гапнодаро, дағал, дурушт, золим ва бо дигар сифатҳои манфӣ ба воя мерасад.

Падару модарон набояд фаромуш кунанд, ки онҳо фарзандонашонро танҳо барои хурсандии дили худашон тарбия намекунанд. Пеш аз ҳама дар назди онҳо вазифае меистад, ки аз фарзандони худ шаҳрвандҳои бошуур ва мубориזони ояндаро тарбия намуда ба камол расонанд. Ҳамин тавр кори тарбия бояд ҳамеша мунтазам ва системанок давом кунад.

**АДАБИЁТ**


1. Адлер А. Воспитание детей. Взаимодействие полов. Ростов н/Д: Феникс, 1998.
2. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе, 1994, 190 с.
3. Евсеенкова Ю.В. Отцовство как психологический фактор развития личности / Ю. В. Евсеенкова. – Новосибирск: СО РАН, 2006. – 124 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе, 2011.
5. Макаренко А.С. Маърӯзаҳо оид ба тарбияи бачагон. Душанбе, 1980.с 9.
6. Нуров А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, 2021. 222 с.
7. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20 январи соли 2016.
8. Попова Л. Воспитание сына: Для бесед с родительями// Воспитание школьников. 2001. №3.
9. Раҳимов Б. Системаи педагогии А.С.Макаренко. Душанбе, 1982.с.54.
10. Унсурулмаолии Кайковус. «Қобуснома», Душанбе, Маориф-2016. 240 с.


## ТАЪСИРИ ПАДАР ДАР ТАРБИЯИ НАВРАСОН ДАР ОИЛА ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ


*Дар мақола нақши падар дар тарбияи фарзандон баррасӣ шуда, дар асоси сарчашмаҳо ва далелҳои возеҳ таҳлил гардидааст.*

*Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳим, тарбияи наврасон дар оила дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо, ки ҳам тарафҳои мусбӣ ва ҳам манфӣ дорад, мавриди таҳқиқ гардидааст. Дар ҳалли дурусти ин масъалаи замони муосир нақши падар низ хеле назаррас аст. Чунки падар ҳамчун сарвари хонадон бояд намунаи ибрати фарзандон дар ҳамаи ҷабҳаи зиндагӣ, пеш аз ҳама дар тарбияи фарзанд дар байни зану шавҳар якдигарфаҳмӣ бошад, ки ин таъсири калон ба фарзандон мерасонад.*

*Дар асоси татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баррасӣ шудааст. Чунки тарбияи наврасон дар оила ҳамон вақт самаранок ва натиҷаи дилхоҳ дода метавонад, ки падару модарон ӯҳдадориҳои хешро дар тарбияи фарзандон риоя кунанд, барои онҳо шароити фароҳам муҳайё кунанд, ки сатҳи донишандӯзии онҳо хуб гардад. Аз ҷониби дигар падару модарон бо омӯзгорон ҳамкории системанок ва доимӣ дошта бошанд. Алалхусус, иштироки падар дар маҷлиси падару модарон ва чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявии мактаб аз манфиат холӣ нест.*



***Калидвожаҳо:*** *оила, мактаб, наврас, ӯҳдадории падару модар, аҳли ҷомеа, мақоми падар, маҷлиси падару модарон, намунаи ибрати падару модар, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, чорабиниҳои тарбиявӣ.*

## ВЛИЯНИЕ ОТЦА НА ВОСПИТАНИЕ ПОДРОСТКОВ В СЕМЬЕ ПРИ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

*В статье рассмотрена роль отца в воспитании детей и проанализирована она на основе достоверных источников и фактов.*

*Настоящая статья исследует один из важнейших вопросов воспитания подростков в семье в условиях глобализации цивилизаций, имеющих как положительное, так и отрицательные стороны. В правильном решении современной проблемы роль отца становится наиболее очевидной. Так как отец, как глава семьи, должен быть положительным примером для детей во всех жизненных ситуациях, прежде всего в воспитании детей, взаимопонимании между мужем и женой, что оказывает большое влияние на детей.*

*Рассмотрено на основе Закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей». Потому что воспитание подростков в семье может дать эффективные и желаемые результаты только в том случае, если родители выполняют свои обязанности в воспитании детей, создают им подходящие условия для повышения уровня их образования. С другой стороны, родители должны систематически и постоянно сотрудничать с учителями. В частности, не лишено смысла участие отца на родительских собраниях и воспитательно-образовательных мероприятиях школы.*

***Ключевые слова:*** *семья, школа, подросток, ответственность родителей, общество, статус отца, родительское собрание, положительный пример родителей, формирование нравственных качеств, воспитательные мероприятия.*

## THE INFLUENCE OF THE FATHER ON THE UPBRINGING OF ADOLESCENTS IN THE FAMILY IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

*The article discusses the role of the father in raising children and analyzed it on the basis of reliable sources and evidence.*

*This article examines one of the most important issues, the upbringing of adolescents in the family in the context of globalization of civilizations, which has both positive and negative aspects. The role of the father in the correct solution of this modern problem is very important. Because the father, as the head of the household, should be an example for the children in all aspects of life, first of all, in the upbringing between husband and wife, which has a great impact on children.*

*Based on the implementation of the Law of the Republic of Tajikistan "On the responsibility of parents for the education and upbringing of children." Because raising teenagers in a family is about the same time. It can be effective and desirable for parents to fulfill their duties of raising children, creating favorable conditions for them to improve their knowledge. On the other hand, parents should have systematic and regular cooperation with teachers. In particular, the participation of father in the parents meeting and educational activities of the school is very useful.*

***Keywords:*** *family, school, teenager, parental responsibilities, community, father status, parents meeting, parental example, formation moral qualities, educational activities.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Чобулова Наргиза Мемондустовна***: *Муаллимаи калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.Тел: (+992) 988669896, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru*

***Сведения об авторе***:

***Чобулова Наргиза Мемондустовна***: *Старший преподаватель кафедры педагогики и психологии начального образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни .Тел:(+992) 988669896, E-mail:nargis_89chobulova@mail.ru*

***About the author:***

***Chobulova Nargiza Memondustovna***: *Senior Lecturer, Department of Pedagogy and Psychology on elementary education of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.Тел: (+992) 988669896, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru*

# НАҚШИ СУБЪЕКТҲОИ СИКЛИ МЕТОДӢ ДАР ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ

***Баротзода К.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар назария ва амалияи илмҳои педагогӣ тайёрии методии омӯзгорон аз мавқеи ҷудонопазирии таълими касбӣ баррасӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, баъзе фарқиятҳоро метавон қайд кард. Ба бахши алоҳида тақсим кардани фанҳои методиро як қатор ҳолатҳое муайян мекунанд, ки дар байни онҳо хусусияти вазифаҳои таълимии ин бахш ба назар гирифта мешавад ва он ба ҷиҳатҳои методии фаъолияти касбии омӯзгор мувофиқат мекунад.

Тадқиқотҳои олимон ақидаро дар бораи мустақилияти методи таълим тибқи нақшаи умумии таълимӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ тасдиқ мекунад, ки он аз таъмини шароитҳо барои азхудкунии донишҳои илмӣ талаб менамояд. Азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ марҳила ба марҳила бо истифодаи принсипҳо, шаклҳо ва методҳои таълимӣ ба роҳ монда мешаванд. Мақсад, мазмун ва вазифаҳои таълим ба таъмин намудани тайёрии касбию методии омӯзгорони оянда равона мегардад.

Бояд гуфт, ки ҷанбаҳои методологияи фаъолияти касбӣ танҳо бо таҳлил ва асоснокии роҳҳои таълим маҳдуд намешавад, балки дар айни замон татбиқи методҳои интихобшудаи муошират бо донишҷӯён, тарбияи онҳо тавассути фанни таълимро дар бар мегирад. Бинобар ин, бояд вазифаи омӯзгорони методикаи таълими фанҳои бахши психологӣ, педагогӣ ва методикаҳо пурзӯр карда шавад. Бо вуҷуди ин дар ҳуҷҷатҳои меъёрии барномавӣ-методии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мазмуни бахши фанҳои методӣ маҳдуд набуда, бо масъалаҳои маҳдуди «методи хусусӣ» кам диққат дода шудааст.

Дар тадқиқоти методистҳо (Бороненко Т.А., Затсепина Т.В., Зенсова В.И., Коминеский С.Е., Кудойқулов М.А., Луканкин Д.И., М. Нӯъмонов, С. Холназаров, У. Зубайдов, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифов, И.О. Обидов, А.М. Миралиев, Т. А. Шукуров, Метелский Н.В., Новик И.А., Степанова Т.Н., Терещенко О.И., Степанова Т.Н., У.Н., Шажнова Н.В., Чернобельская Д.М. ва гайра) фаҳмонда додани моҳияти вазифаҳо ва мазмуни методикаи таълими омӯзгорони оянда дар макотибҳои олӣ мавриди муҳокима ва баҳсу мунозираҳо гардидааст.

Инчунин шабеҳи мавқеи олимони гуногуни илмҳои методикаи таълими биология, физика, информатика, химия ва ғайраҳоро низ доир ба ин масъала дучор мегардем.

Қисми асосӣ. Мафхуми асосҳои тайёрии касбии омӯзгорони оянда дар рисолаи доктории ГЛ. Луканкина нишон дода шудааст, ки он ба се бахш ҷудо шудааст ва самтҳои зеринро дар бар мегирад:

1) ташаккули шахсияти омӯзгор ҳамчун шаҳрванд;
2) ташаккули омӯзгор ҳамчун тарбиятгар;
3) ташаккули омӯзгори лаёқатманди фан.

Ҷузъҳои асосии ин консепсия иборатанд аз:

1) самти методии таълими касбӣ;
2) самти касбию педагогии таълими фанҳои ҷамъиятию сиёсӣ;
3) самти касбӣ ва фаннии тайёрии психологию педагогӣ;
4) тамоюли касбии (педагогикунонӣ) таълими умумиилмии махсус (биологӣ);
5) самти амалӣ ва илмию назариявии методи таълим;
6) баланд бардоштани сатҳи омодагии илмию методӣ, илмию назариявӣ ва амалияи педагогии донишҷӯ;
7) татбиқи равиши шахсӣ ва фаъолият дар тайёр кардани мутахассис;
8) азхудкунии мутахассисони технологияҳои муосири интерактивии таълим.
9) истифодаи мунтазами технологияи компютерӣ дар фаъолияти омӯзгор;
10) ташаккул ва бунёди маҷмӯъаҳои таълимӣ, илмию педагогӣ (МТИП) [9].

Дар тадқиқоти худ М.А.Кудайкулов аз ҷиҳати мазмун ва сохтор ба худ хосро, ки ба модели таҳиякардаи мо наздик аст, таҳия намудааст, ки марҳилаҳои фаъолияти омӯзгорро пешниҳод кардааст. Он дар бар мегирад:

-умумипедагогӣ- касбии педагогӣ- касбии методӣ, ки малакаҳо дар онҳо мунтазам такмил дода мешаванд;

-маҳорати гайрикасбии педагогӣ, ки барои ҳамаи одамон хос мебошад;

-маҳорати касбии педагогӣ, ки онро ба оммавӣ-сиёсӣ, умумӣ-илмӣ, махсус ва психологию педагогӣ тақсим кардан мумкин аст, ки он барои ҳамаи омӯзгорон мутаалик аст;

-методологии касбие, ки тахассус доранд ва метавонанд онҳо ба "стандартнокшуда" (барои омӯзгорони фаннӣ) тақсим шаванд, яъне қобилияти ташкил ва гузаронидани дарс, малакаи истифодабарии ТВК (технологияи воситаҳои комуникативӣ)-ро дар бар мегирад. Онҳо ҳамчун методи умумӣ тасниф карда мешаванд;

-мушаххас барои омӯзгорони физика, биология, химия, ки он ташкил ва гузарондани дарсҳои беруназсинфӣ аз фанни физика, биология, химия, таҷҳизонидани кабинет, ташкил намудани маҳфилҳо ва дигарҳоро дар бар мегирад;

-сатҳи фаъолияти касбии хусусӣ - методӣ.

Мо ба хулосае омадем, ки дар тадқиқоти М.А. Кудойқулов тасниф бо назардошти вазифаи иҷрошаванда сохта шуда, ташаккули дониш ва малакаҳо ба мазмун ва мақсади ҳамаи марҳилаҳои таълими касбӣ дохил карда мешавад. Инчунин тақсимоти бахшҳои алоҳида ба гурӯҳҳои маҳорати касбии методӣ мувофиқат мекунад ва онҳо ба таври умум пазируфта шудаанд.

Дар ҳамаи тадқиқотҳо ҷиҳатхои касбии педагогӣ ва равишҳои тавсифӣ мақсаду натиҷаҳои таълими касбию методиро ба воситаи категорияхои фарҳанги методӣ, тайёрии методӣ ва маҳорати касбӣ дарбар мегиранд, ки онҳо амалӣ гардонда мешаванд.

Новик И. фарҳанги методиро ҳамчун гарави маҳорати касбии омӯзгори оянда ҳисобида, бо он нигоҳи махсусро равон кардааст. Бо андешаи ӯ он “ташаккули малакаҳои махсус, умумӣ ва мушаххас» фаҳмида мешавад, ки ба дониш ва маҳорати дар омӯзиши фанҳои гуногуни марбут ба биология асос ёфтааст. Методология ҷузъи фарҳанги умумии шахсияти омӯзгор аст, ки дар фаъолияти эҷодии омӯзгори табиатшинос таҷрибаи муайяни донишҷӯён ва андӯхтани онро нишон медиҳад» [10].

Консепсияи назариявии Новик А. ба ташаккули методи маърифаткунӣ ва шаклгирии маҳорат такя мекунад. Ба андешаи ӯ хулосабарорӣ бартарӣ додани донишу маҳорат ва малакаи донишҷӯён аз ибтидои таълим, ин истифодаи мунтазами робитаҳои байни фанҳо мебошад, ки ба раванди таълим дохил намудани пайдарҳами тайёрии касбии донишҷӯёнро чун хусусияти омодагии методӣ таъмин менамояд.

Унсурҳои таркибии методи Новик И.А. инҳоанд: дониш, маҳорат ва хислатҳои характер. Аммо хислатҳои характер бо як сабаб таъкид карда шуданд, на бо нияти равонӣ. Дар онҳо ҳам хусусиятҳои умумии педагогӣ ва ҳам хусусиятҳои методӣ омӯхта шудаанд. Ба эҳтимоли зиёд, дар ин ҷо метавон дар бораи вазифаи муттаҳидкунандаи таълими ҳамаҷонибаи методӣ, инчунин дар бораи инъикоси онҳо дар натиҷаҳо сухан ронем

Новик И.А. малакаи методиро ба махсус ва умумӣ тақсим мекунад. Малакаҳои умумӣ малакаҳои гностикӣ ва банақшагирӣ мебошанд, ки дар тайёр кардани омӯзгори фанни фанни биология кӯмак мекунанд.

Малакаҳои махсус ба малакаҳои ташкилӣ ва конструктивӣ, ки бо сохтани раванди таълим алоқаманданд, дахл дорад.

Малакаҳои мушаххас ҷузъи маҳоратҳои махсус буда, бо фаъолияти шахсии омӯзгори табиатшинос алоқаманданд. Аз рӯи андешаи И.А. Новик нақшаи марҳилаҳои ташаккулёбии методология давомнокии раванди амалигардонии таълими методӣ ворид намудани унсурҳои алоҳидаи он ба дигар фанҳоро таъмин мегардонад[10]..

Назария ва таҷрибаи барпо намудани системаи тайёрии касбию методиро тавассути фаъолияти конструкторию тартиботӣ А. Шаповалов нишон додааст. Вай чунин мешуморад, ки «роҳи самарабахши омодасозии омӯзгор ба фаъолияти созандагиву конструкторӣ метавонад, ташкили тамоми раванди омодагии касбию методӣ бошад, ки он ба рефлексия дар сатҳҳои назарияро амалӣ такя мебошад. Намунаҳо, такрористеҳсолкунӣ дар эҷодиёти касбӣ масъалаҳои мушаххаси методӣ буда, аз нигоҳи татбиқи амалӣ яке аз ҷабҳаҳои муҳими иҷрои вазифаҳои касбӣ мебошад [12].

Ин ғоя ҳангоми таълими фанни «Технологияи педагогии таълими физика», амалӣ мегардад ва ин раванд ба асосҳои дидактикӣ, психологӣ ва методикаи махсуси физика такя менамояд ва мақсаду вазифаҳои таълиму тарбиявӣ ва касбӣ-методи амалӣ гардонда мешавад.

Бо вуҷуди ин, он унсурҳои анъанавӣ масъалаҳои умумии методикаи таълими физикаро дар бар мегирад. Татбиқи мундариҷаи ҳамгирошудаи фан унсурҳои анъанавӣ ва иноватсионии таълим, тайёрии касбӣ-методии омӯзгорониояндаро таъмин мекунад.

Мо тағйироти пешниҳодшударо дар номи фан бо сабабҳои зерин вобаста медонем:

- ҷорӣ намудани унсурҳои равиши нави технологӣ;

- мантиқӣ набудани номи «методҳои таълим» (Каменеский С.Е.) ба «назария ва методикаи таълим».

Дар назарияи ташкили методикаи таълим саҳми В.И. Земсова калон аст. Ӯ фаъолияти методиро тавзеҳ намуда, ба афзалияти раванди омодагии методӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст. Аз ин рӯ онро ба дастгоҳи консептуалии «таълими методӣ», «омодагии методӣ», «салоҳияти методӣ», «тафаккури методӣ», «инъикоси методӣ», «фарҳанги методӣ», «вазифаи методӣ», «вазифаи таълимию методӣ» ва маҳорати методӣ» шарҳ додааст [6].

Мутахассисон тайёрии методиро ҳамчун «қисмҳои муҳимтарини таълими омӯзгорон, ифодакунандаи раванди доимии назоратшавандаи омодагӣ ба фаъолияти методӣ, ки нисбат ба таълими касбӣ ҳамчун як раванди том хусусияти интегративӣ дорад» баррасӣ мекунанд. Мо бо тафсири В И. Земсова дар бораи моҳияти тайёрии методӣ, ки бо якҷоякунии ҳамаи методҳо ва бахшҳои фанҳои таълимӣ, фаъолияти илмию методии донишҷӯён ба амал бароварда мешавад, ҳамфикр ҳастем. Ҳарчанд ин тафсирро бо он равшан кардан мумкин аст, ки худи раванд бояд омили фаъоли муттаҳидкунандаи ҷузъҳои таркибии таълими омӯзгор гардад, мо онро арзишманд ҳисоб мекунем.

Мувофиқи ақидаи В.И.Земсова мақсади таълим ин таъмин намудани "дараҷаи баланди методикаи тайёрӣ ба иҷрои вазифаи таълим ва тарбия бо ёрии фанни таълим додашаванда аст" [6].

Омодагии методиро вай ҳамчун «ҷузъи ҳалкунандаи омодагии касбии омӯзгор хисоб мекунад, ки сатҳи инкишофи салоҳияти методӣ, тафаккури методӣ ва фарҳанги методиро дар бар мегирад. Он барои ҳалли самараноки эҷодии масъалаҳои методӣ дар ҳолатҳои гуногуни педагогӣ кифоя аст». Муаллиф мафҳумҳои салоҳияти методӣ, тафаккур, фарҳанг ва инкишофро муайян намуда, ба мафҳумҳои мувофиқ, тавсифи ҷанбаҳо ва натиҷаҳои гуногуни таълими касбиро ифода кардааст.

Бояд қайд кард, ки ҳар як хусусияти таълими касбӣ тавассути муносибати ҳавасмандкунӣ ва арзишҳои мушаххас баррасӣ мешавад. Бинобар ин мо тасмин гирифтем, ки мафҳуми «тайёр будан ба амал ва ба кор»-ро аз тавзеҳ додану ибрози андешаҳоро оғоз намоем.

Ин мафҳумҳо ҳамчун «ҳолати сафарбаркунии тамоми системаҳои инсонӣ, ки иҷрои амалҳои муайянро таъмин мекунанд» арзёбӣ карда мешаванд ва онҳо тавассути ҷузъҳо (маҷмӯи маҳорат ва қобилият, аёният, таваҷҷӯҳ, таҷриба ва худшиносӣ) ифода мегарданд.

Ин ҷӯзъҳо ё худ қисмҳо ҳадафҳои асосии методи таълимро ташкил медиҳанд. Компонентҳои муайянкардаи мо ба назарияи олимони намоён Лернер И.Я. ва Скаткин М.Н. дар бораи манбаю мазмуни таълиму тарбия, ки ба сифати таҷрибаи ҷамъиятӣ хизмат мекунад, наздик аст. Омӯзиш дар раванди дуҷонибаи муоширати омӯзгор ва донишҷӯён ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ дар китобҳои дарсӣ инъикос ёфтааст.

Азбаски азхуд кардани тамоми таҷрибаи инсонӣ ғайриимкон аст, мо тасмин гирифтем, ки ба унсурҳои сазовори он таваҷҷӯҳи махсусро равон намоем. Муҳаққиқони дар боло зикршуда чунин қайд мекунанд: дар аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ ҳар як фаъолият дар маҷмӯъ нақши муҳим доштан он чор унсурро дар бар мегирад :

- дониш дар бораи олам (инсон, табиат, ҷамъият, фаъолият ва методҳои он, техника, зебоӣ, худшиносӣ);
- методҳо ва маҳорату малакаҳо барои иҷрои фаъолиятҳо;
- таҷрибаи дониши сенсорӣ оид ба коинот, ки он дар муносибати эмотсионалӣ-арзишӣ ифода мегардад.

Чор нуктаи бузурги таҷрибаи инсониро Лернер И. ба таври зайл номидааст: донистан, қодир будан, хостан, эҷод кардан.

Имрӯз ин мафҳум сарфи назар аз мақсади дигари худ дар соҳаи таҳсилоти олӣ бомуваффақият истифода мешавад. Азбаски саволҳои ҳадаф ва вазифаҳо ҳамеша бо ташхиси натиҷаҳои бадастомада алоқаманданд, мо тасмим гирифтем, ки ба корҳои И.Ф.Тесленко муроҷиат кунем, ки ӯ системаи меъёрҳои ташаккули малакаҳои касбию методиро пешниҳод намуда, инчунин вазифаҳои ташхисиро таҳия кардааст. Агар таваҷҷӯҳ кунед, метавон дарёфт, ки дар байни принсипҳо ё талабот тағйирёбӣ бештар маъмул буда, тавсифи он бевосита ба объект ва вазифаҳои асосии таҳқиқот алоқаманд мебошанд [13]. Вобаста ба мазмун ва вазифаҳо тағйирёбандагии методҳоро ба ҳисоб гирифта, Маркова А.К. таъкид менамояд, ки дар низоми таҳсилоти касбӣ бояд принсипи «чӣ тавр таълим додан» риоя карда шавад. Агар ба ҷиҳати психологии ин масъала эътибор диҳем, иҷрои он ба қобилияти омӯзгор вобаста аст, ки дар як вақт якчанд метод ва роҳро истифода мебарад. Ба ибораи дигар, мо метавонем натиҷаҳои муайянро ба даст орем, ҳангоме тағйирёбӣ ҳамчун хусусияти фаъолияти касбӣ ва қобилияти дар як вақт ёфтан ва истифода бурдани якчанд вариантҳои фаъолияти ояндаро пешбинӣ менамояд [10].

Дар ҷиҳати дигар «тағйирёбӣ» ҳамчун талабот ё принсипи таълим тавсиф шуда, он ба таври зайл ошкор мегардад: «Принсипи тағйирёбии методҳои таълимӣ аз зарурати татбиқи равишҳои инфиродӣ ва тафриқавии таълими донишҷӯён ба вуҷуд меояд. Тағйирёбии шаклҳои мазмун ва восита методҳои таълимӣ дар сатҳи бисёрсатҳӣ, системагӣ ва яксистемагии таҳсилоти педагогӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад»[3]. Яковлева Н.М. тағйирпазириро шарти хоси ташаккули шавқи касбии илмию педагогӣ медонад.

Масалан, тағйироти (тағйирёбии) асосӣ дар таълими курси физика дар он аст, ки: «ба қобилияти маърифатии хонандагон алоқаманд аст». Бинобар ин барномаҳои таълимӣ вобаста

ба сатҳи азхудкунии мавод ба асосӣ ё ҳатмӣ (барои ҳама ҳатмӣ) ва махсус ё ғайри ҳатмӣ (комёбиҳои имконпазири омӯзандагон) пешбинӣ шудаанд [2].

Тавре аз таҳлил бармеояд, ин хусусиятро муҳаққиқони гуногун нисбат ба сатҳҳои гуногуни ташкили ҷараёни таълим ё субъектҳои он баррасӣ мекунанд ва он комилан қобили қабул аст. Дар айни замон, тағйирёбии барномаҳои таълимӣ талаботи асосии тамоми системаҳои муосири таълим мебошад.

Вобаста ба сатҳи системаи таълимии истифодашаванда (методи фасли алоҳида, барномаи таълимӣ) тағйирёбиро дар назар дошта, бо истифода аз методҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ ва таълимии донишомӯзон онҳо амалӣ мегарданд. Дар ин маврид дар раванди таълим миқдори зиёди роҳу методҳо, шаклу намудҳои кор, инчунин ҳамгиро намудани онҳо мавҷуданд. Чунон ки маълум гардид, дар айни замон танҳо дигаргуниҳои ҷузъӣ кифоя нест. Аз ин рӯй, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ташкили тайёрии касбию методии омӯзгор таҷрибаи дигаргунсозии шаклу методҳои кор зарур аст.

Дараҷаи тағйиёбии мӯҳтаво ва сохтор дар омодагии касбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ дар маркази диққати низоми маориф аст. Дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ курси «Биологияи психодидактикӣ» коркард ва таҳия шудааст. Таълиму тадриси он ба беҳдошти омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда таҳия шудааст.

Мисоли дигари он тағйирёбии таҷрибаи кафедраи методикаи таълими биология мебошад. Дар кафедра тибқи барномаҳои муаллифии таҳиякардаи ғайрианъанавии таълимӣ методикаи таълими бахши фанҳои биологӣ коркард ва такмил дода шуда истодаанд. Иҷрои ин амал зарурияти тайёр намудани мутахасисони соҳибкасб, эҷодкор ва тавонманд ба корҳои илмӣ-методӣ, эҷодкор ва ҷавобгӯй ба талаботҳои пешрафти илму амал ба миён омадааст.

Таҳлили адабиётҳои мавҷудаи илмӣ-методӣ нишон медиҳанд, ки дар назария ва амалияи вазифаи таъмини равишхои эҷодию методӣ ба амалигардонии фаъолияти касбӣ-методӣ масъалаҳои ҳалталаб зиёданд, ки ба онҳо омӯзгорон дар таҷрибаи амалӣ зиёд дучор мегарданд.

Ба характери гуногунҷанбаи раванди тайёр кардани омӯзгорон-биологҳо дар самти касбӣ-методӣ, эҷодкорӣ, илмӣ-тадқиқотӣ таваққуф намуда, ҳамаи муҳаққиқон дар рафти ифшои онҳо дар бораи мазмуни таълим ва тағйироти шакл, методҳои таълим сухан меронанд ва боз дар ин ҷо мехоҳем умумияти ақидаҳоро қайд намоем, ки онҳо чунинанд:

1. Ҳамаи маводҳо дар шакли умумияти назариявӣ тадқиқ ва шарҳ дода шудаанд.

2. Шиносоӣ бо методҳо, инчунин ба низом даровардани онҳо ҳамчун масъалаи баҳснок арзёбӣ гардидааст.

Дар бораи методҳо ва шаклҳои пешниҳодкардаи муҳаққиқон таваққуф намуда зарурияти иҷрои чунин амалҳоро таъкид кардан ба маврид аст:

ба фаъолияти пурмаҳсули таълим ҷалб намудани донишомӯзон бо истифода аз методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, инчунин ба татбики принсипҳои ҷабҳаи инсондустӣ доштани раванди таълим ва касбомӯзӣ;

таъмини мувофиқати истифодаи шакл, восита ва методҳо бо назардошти хусусиятхои фардии донишомӯзон.

Азбаски таълими табиатшиносӣ самти гуманистӣ дорад, таҳкими нерӯи имкониятҳои инкишофи шахсияти донишомӯзон ба мадди аввал гузошта мешавад. Масъалаи фароҳам овардани шароит барои фаъолияти касбӣ-методӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ дар дарси биология ба миён меояд. Иҷрои вазифаҳои ҳалли масъалаҳои дар назди донишҷӯён гузошташуда бевосита дар рафти таҳсилоти босамару мақсаднок таҳқиқот сурат мегирад, ки дар он омодагӣ ба кори методӣ ва илмӣ-методӣ мавқеи хоса дорад.

Барои рушди малакаҳои муайян дар ин ҷабҳа, донишҷӯён бояд якчанд маротиба марҳилаҳои тадқиқотро гузаранд. Танҳо дар ин сурат методика ду вазифаро иҷро мекунад:

сохтори фаъолияти таълимию маърифатӣ ва инчунин интихоби методҳои мувофиқро аз тарафи омӯзгор муайян мекунанд.

он ҷузъи муҳими фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ мегардад.

Дар ин маврид дониши методӣ предмети азхудкунӣ мегардад ва тафаккурро инкишоф медиҳад.

Дар тадқиқотҳое, ки мо таҳлил кардем, ташаккули маҳорати тадқиқотӣ ба маънои васеъ дар мадди аввал гузошта шудааст. Масалан, Андреев В.И. дар чунин фаъолиятҳо барои ташаккули маҳорати тадқиқотӣ чунин марҳилаҳои мувофиқро муайян кард:

1) таҳлили омилҳо ва робитаю муносибатҳои байни онҳо;

2) огоҳӣ аз ҳадафҳо ва мушкилоти тадқиқот;

3) муқаррар намудани мақсади асосӣ ва ниҳоии вазифаи тадқиқотӣ;

4) муайян кардани фарзия ва роҳҳои амалигардонии онҳо ;

5) исбот намудани дурустии асосҳои назариявӣ ва исботи фарзия;

6) дар амал санҷидани дурустии амалҳои иҷрошуда [4].

Дар ин ҳолат, қобилияти ба кор бурдани методи мувофиқ дар ҳалли масъалаи гузошташударо Андреев В.И. дар «маҳорати таълимӣ ва тадқиқотӣ» мебинад. Ӯ худи равандро тавсиф карда, ба сифатҳои шахсии тадқиқотӣ аҳамият додааст. Денисова М.И. 4 гурӯҳи асосии маҳорату малакаҳоро муайян кардааст, ки онҳо маҳорати барои тадқиқотчӣ дар раванди кори тадқиқотӣ муҳим ҳастанд:

- маҳорати мушоҳида, муқоиса, таҳлил, синтез, сохторбандӣ, абстраксия, умумӣигардонӣ, конкретӣ, низомӣ, тасниф, истифодаи бо таври фаврӣ иҷро кардани вазифаҳо бо истифодаи аналогия, қобилияти нишон додани чизи асосӣ, индуксия ва дедуксия, муқаррар намудани робитаи сабабу натиҷа, қобилияти пешниҳод намудани фарзияҳо, пайдо кардани роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо, пешгӯӣ ва арзёбии натиҷаҳо;

- маҳоратӣ ташкили, ки ифода мегардад дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, тартиб додани нақшаҳо, ҳисоб кардани мӯҳлати зарурӣ, интихоби воситаю методҳои самарабахш, ташкили фаъолияти тадқиқотӣ, худтанзимкунӣ, таҳлил ва назорати натиҷаи фаъолияти худ;

- маҳорати техникӣ (кор бо библиография: аннотатсия, қайд, реферат; интихоби маводи зарурӣ, таҷриба ва тавсифи он, пешниҳоди натиҷаҳо: мақола, реферат ё гузориш) омода кардан;

- маҳорати коммуникативӣ (маҳорати суханварӣ, мубоҳиса, қобилияти ҳамкории арзишмандӣ бо роҳбар ва рафиқон) [3].

Мафҳуми «маҳорати тадқиқотӣ» мувофиқи тавсияи Г.В.Денисова бояд чунин тавзеҳ дода шавад: «тадқиқотчии дорои маҳорати бошуурона ба маҷмӯи амалиётҳое, ки барои амалӣ намудани фаъолияти таҳқиқотӣ равона ва амалӣ (аз ҷумла эҷодӣ)».

Муҳаққиқон Муравёв Е.М., Горбунова Л.Л., Беззубова С.П. мазмуни таълими донишҷӯёнро муайян намуда, равиши шаклгирии сифатҳои касбиро таъкид мекунанд. Агар ба ин масъала аз дидгоҳи онҳо назар андозед, омӯзгор бояд методҳои асосии тадқиқот, мушоҳида ва таҳлилро аз худ карда, дорои қобилияти иҷро карда тавонистани таҷрибаҳои оддии педагогӣ бошад [11]. Ғайр аз ин, омӯзгорон бояд дарсҳоро таҳлил карда, дар бораи китобу мақолаҳо тақриз навишта тавонанд, аз адабиётҳои лозимӣ истифода бурда, таҷрибаи мутахассисони пешқадамро омӯзанд, онро азхуд кунанд ва дар фаъолияти касбии худ бо таври эҷодӣ истифода баранд. Тавре ки мебинем, парадигмаи таълимӣ дар азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ, методӣ, эҷодкорӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, фикру ақида ва муносибати ягона вуҷуд надорад.

Барои бомуваффакият ҳал намудани ин масъалаҳо зарур аст, ки мазмуни муосири фаъолияти методиро муайян намоем, ки ин вазифаи асосии омӯзонидани фанни «Назария ва методикаи таълими биология» мебошад.

Дастурҳои методикаи таълими биология дар мактабхои олиро таҳлил мекунем, ки он аз аҳамият холӣ нест. Дар раванди омӯзиши фанни мазкур имконияти ба вуҷуд овардани вазъиятҳои проблемавӣ вуҷуд доранд, вобаста ба:

1) ҳалли масъалаҳои амалие, ки асоснокии назариявиро талаб мекунанд; 2) дарёфти методи ҳалли масъалаҳои биологӣ; 3) ташкили таҷриба; 4) истифодаи воситаҳои аёнӣ; 5)истифодаи дониши илмӣ (аналогия, умумӣ ва ғайра); 6) экскурсияҳо; 7)гузаронидани корҳои лабораторӣ; 8) истифодаи маводҳои маърифатӣ- фароғатӣ; 9) тартиб додани супоришхо оид ба мавзӯъ.

Дар замима вазифаҳои марбут ба методология таълими фанни назария ва методикаи таълими биология оварда шудаанд, ки таҳлили баррасии масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд: 1) Моҳияти равиши фаъолият дар таълими биология аз чӣ иборат аст? Мисолҳои мушаххас оваред, ки истифодаи равиши фаъолиятро дар китобҳои дарсии мактабӣ аз фанни биология дар пешниҳоди мавод чӣ тавр пешниҳод намудаанд; 2) дар китобҳои дарсии методикаи таълими биология барои омӯзиши мавзӯъҳои муҳимтарин кадом роҳу усулҳо тавсия карда шудаанд? Кадоме аз онҳо ба тафсири фанни методикаи таълими биология мувофиқат мекунад?; 3) фасли «Мақсадҳои таълими биология»-ро аз рӯи методикаи таълими биология чӣ тавр омӯхтан мумкин аст ? Оё номгӯи феҳристи мавзӯъҳо ва мақсадҳои онҳо ба принсипи гуманизатсияи таълими биология мувофиқ аст? Дар акси ҳол, онро чӣ гуна бояд иваз кард; 4) Қисмҳои таркибии мазмуни таълими биология ва робитаи байни онҳоро тавсиф намоед. Принсипҳои интихоби мундариҷаи таълими биология кадомҳоянд? Ба назари Шумо, гуманизатсияи таълими биология ба интихоби мундариҷаи таълими биология чӣ гуна таъсир мерасонад?

1. Ижойкина Людмила Викторовна, Петкевич Алла Николаевна. Методика преподавания биологии. Китоби дарсӣ. Издательство: Кнорус, 2021 .

Хусусиятҳои дарси муосири биология, вазифаҳои он, гуногунрангии он ошкор карда шуда, хусусияти дарсҳо ва намудҳои гуногун, сохтори онҳо нишон дода шудааст. Намудҳои фаъолияти аудиторӣ ва беруназсинфии донишҷӯён аз фанни биология баррасӣ шудааст. Дар

ҳар як боб «Саволҳо ва вазифаҳои худомузӣ» ҷой дода шудааст, ки ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки моҳияти масъалаҳои кушодашавандаро фаҳмида гирад.

2. Якунчев М.А., Волкова О.Н., Аксенова О.Н. Методика преподавания биологии. 2008. Барои донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ.

Дар китоби дарсӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии методикаи таълими биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар давраи азнавсозии метод ва шаклҳои ташкили таълиму тарбияи хонандагон ошкор карда шудаанд. Китоб асосҳои классикии методология ва тамоюлхои нави таълими фанро ба ҳам пайвастааст.

3. Арбузова Е. Н. Методика обучения биологии / Е. Н. Арбузова. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 274 с. Китоби дарсӣ барои донишҷӯён ва магистрон.

Масъалаҳои актуалии назариявӣ ва амалии методикаи таълими биология; асосҳои классикии методология бо тамоилхои нави таълими фан баррасӣ шудааст. Китоб манбаи иловагии донишҳои методӣ ва биологӣ буда, мазмуни курси асосиро васеъ мекунад. Дар китоб семинари дорои доираи васеи вазифаҳо (барои лоиҳаҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, таҳияи накшаҳои дарсҳо, тайёр кардани асбобҳои аёнӣ барои дарсҳо ва ғайра) пешниҳод шудааст.

4. Арбузова Е. Н. Общая методика обучения биологии. Курс лекция. Омский государственный педагогический университет. 2010.

Дар китоб методҳо ва шаклҳои раванди таълими биология муфассал инъикос ёфта, системаи таълим дар раванди таълими биология нишон дода шуда, базаи моддӣ тавсиф карда шудааст: кабинети биология ҳамчун муҳити информатсионию фаннӣ; шаклу методҳои таълими тафриқа, асосҳои таҳсилоти махсус, методикаи омодагӣ ба имтиҳони давлатӣ, аҳамияти шахсияти омӯзгори биология нишон дода шудааст: талабот ба дарси муосири биология мураттаб карда шудааст, моҳияти масъалаи таълимӣ асоснок ва давраҳои инкишофёбии биология ошкор карда шуда, робитаи байнифаннии биология бо дигар фанҳо, технологияи таълим дар донишгох ва гайра нишон дода шудааст.

Аз маводҳои китоб донишҷӯёни курсҳои 3—5-уми факултети химияю биология, магистрантҳо, аспирантҳо, инчунин омӯзгорони ҷавони биология, омӯзгорон-методистони мактабҳо, гимназияҳо ва литсейҳо, роҳбарони таҷрибаи омӯзгорӣ, методист-биологҳои мактабҳои пешқадам. донишкадаҳои таълимӣ васеъ истифода бурда метавонанд.

5. А. В. Теремов, П.А. Косорукова, Н.В. Пералович, Р.А. Петросова. Теория и методика обучения биологии. Учебные и педагигические практики. Москва. 2012.

Китоби дарсӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорони донишгоҳҳои омӯзгорӣ пешбинӣ шудааст. Он барои мусоидат намудан дар ташкил ва гузаронидани амалияи таълимӣ аз фанни «Методикаи таълими биология» пешбинӣ шудааст. Дастурамал барномаҳои гузариши таҷрибаи педагогӣ ва саҳроиро бо назардошти ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ, мавзӯъҳои дарсҳо дар амалия, супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён, маводи методӣ, ки барои донишҷӯ-омӯзгор заруранд, дар бар мегирад.

6. Зверев И.Д., Мягкова А.Н. Общая методика преподавания биологии. Пособие для учителя. — М.: Просвещение, 1985. — 191 с.

Дар китоб муқаррароти умумии методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои омӯзгорони биология оварда шудаанд. Муаллифони китоб методикаи таълими курси биологияро дар мактаби миёна ошкор кардаанд. Мавзӯъҳои мухтасари таърихӣ хонандагонро бо рафти инкишофи методикаи ватании таълими биология шинос мекунад.

7. Н. М. Верзилин, В.М.Корсунская. Общая методика преподавания биологии. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети биологияи донишгоҳи омӯзгорӣ. Москва “Просвещение”, 1976

Дар китоби дарсӣ асосҳои назариявии муқаррароти умумии методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои омӯзгорони оянда оид ба таълими ҳамаи курсхои биология оварда шудааст. Китоб ба таҳлили инкишофи муосири методикаи таълим ҳамчун илм асос ёфтааст. Банақшагирӣ, методҳои тайёр кардан ва гузаронидани дарсҳо баррасӣ мешаванд. Мазмуни курсҳои биологӣ ва методҳои таълими онҳо дар асоси назарияи муосири таҳияи мафҳумҳо ва ягонагии онҳо оварда шудаанд.

Китоби дарсӣ мувофиқи барномаи курси методикаи табиатшиносӣ барои донишгоҳҳои омӯзгорӣ навишта шудааст.

8. Верзилин Н.М., Корсунская В.М. Общая методика преподавания биологии. 3-е изд.-М. Просвещение.1976.-384 с.

Дар китоби дарсӣ асосҳои назариявии муқаррароти умумии методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои омӯзгорони оянда оид ба таълими ҳамаи курсҳои биология оварда шудааст. Китоб ба тахлили инкишофи методикаи муосири таълим ҳамчун илм асос ёфтааст. Банақшагирӣ, методҳои тайёр кардан ва гузаронидани дарсҳо баррасӣ мешаванд. Мазмуни курсҳои биологӣ ва методҳои таълими онҳо дар асоси назарияи муосири таҳияи мафҳумҳо ва

ягонагии онҳо оварда шудаанд. Китоби дарсӣ мувофиқи барномаи курси методикаи табиатшиносӣ барои донишгоҳҳои омӯзгорӣ навишта шудааст.

9. Хрестоматия по методике преподавания биологии: учеб пособие для студентов пед. ин-тов по биол. спец / Сост. И. Д. Карцева, Л. С. Шубкина. М.: Просвещение, 1984.

Дар давоми даҳсолаҳои охир дар системаи таҳсилоти олӣ дар бобати ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва эҷодӣ омода намудани омӯзгорон таҷриба ҷамъ оварда шудааст. Дар байни ҷанбаҳои ҷамъшуда дар соҳаи таълими биология барои омӯзгорон инҳо васеъ паҳн шудаанд:

- ҳамгироии масъалаҳои методии таълим дар таълими дигар фанҳо бо мақсади таъмини муттасилӣ ва ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба таҳсилоти минбаъда. Воситаҳои истифодашаванда масъалаву вазифаҳои махсусе мебошанд, ки аҳамияти касбии фанро ошкор намуда, ба омӯзиши роҳҳои коркарди иттилоот, инчунин ба ташаккули дастгоҳи консептуалӣ мусоидат мекунанд;

-курсҳои махсус оид ба иҷрои маҷмӯи асосии вазифаҳо барои таъмини омодагӣ ба татбиқи эҷодии фаъолияти касбии омӯзгорони мактабҳои олӣ ва ба ин намуди фаъолият фаро гирифтани донишҷӯён (тавассути шаклҳои алоҳидаи фаъолият);

-тадриҷан ба фаъолияти илмӣ ҷалб намудани донишҷӯён бо назардошти касби оянда ва курсҳои гуногун.

Аз рӯи анъана омӯзгорон ба омӯхтани таҷрибаи пешқадами ҳамкорон ва тадқиқотчиён майл доранд. Ю.Н. Кулюткин қайд намудааст: «Аз нуқтаи назари мо, асосҳои назариявии тадқиқот бояд сохтори функсионалии ҳалли баъзе масъалаҳои педагогиро омода намояд. Фаъолияти тафаккури омӯзгор аз пайдоиши идеяи пешбарандаи ҳалли тадқиқот то дарёфти роҳҳои конкретии амалӣ гардондани он, ки ҳам бо тадқиқоти омилҳои шахсӣ ва ҳам бо шароити вазъияти педагогии додашуда ба миён меоянд, алоқаманд гардад. Дар ҷамъбасти назариявӣ на танҳо принсипҳои ибтидоӣ, балки вариантҳои гуногуни татбиқи онҳо, яъне ҳама чизе, ки сохтори таҷрибавиро тадқиқот ташкил медиҳанд, ҳамчун яке аз намудҳои санъат бояд нигоҳ дошта шаванд[9].

Албатта, ин гуфтаҳо на танҳо дар умумӣ гардондани таҷрибаи педагогӣ, балки дар шароити паҳн кардани он, дар муайян намудани мазмуни таълими омӯзгорони ояндаи биология асос шуда метавонад.

Омухтани таҷрибаи амалии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси маводҳои таҳияву нашршуда ва паёмҳои онҳо дар конференсияҳо нишон дод, ки таҷрибаи тадқиқоти онҳо оид ба ташкили тайёрии касбию методӣ барои инкишофи фаъолияти эҷодӣ ба назарияи он мухолиф нест. Дар мазмуни таълим, ки он ба иҷрогардии амиқ нигаронида шудааст, зарурати истифодабарии ҷиҳатҳои (ё унсурҳои) зеринро талаб мекунад:

- тарбияи малакаи фаъолияти мустақилона;
- ташаккули дониш дар бораи сохтори ҳалли масъалаҳои педагогӣ ва интихоби вариантҳои онҳо;
- ҷамъоварии дониш дар бораи методҳои асосии таҳқиқоти педагогӣ;
– азхуд намудани малакаҳои амалии фаъолияти тахқиқотии касбӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Абульханова – Славская К.А. Деятельность и психология личности. / Абульханова – Славская К.А.– М.: «Наука», 1980. – 336 с.
2. Беленок И.Л. Теоретические основы профессионально-методической подготовки учителя в педвузе: На примере подготовки учителя «физики». / И.Л. Беленок // Диссер. док. пед. наук. – Новосибирск, 2000.
3. Городецкая Е.Я. К проблеме технологического подхода в системе высшего образования /Е.Я. Городецкая. - Электронное периодическое издание «Вестник Дальневосточного государственного технического университета». – 2009. - № 1(1).
4. Горохова Р.И. Современный педагогический эксперимент: сущность, содержание, технология / Р.И. Горохова. – Чебоксары: Статистическое управление Чувашской Республики, 2000. – 127
5. Денисова М.И. Учебно-исследовательская деятельности студентов как фактор профессионализации подготовки учителя математики в педагогическом вузе: Дис. … канд. пед. наук / М.И. Денисова. – Рязань, 1999.
6. Земцова В.И. Теоретические основы методической подготовки учителя физики: / В.И. Земцова // Дисс. д-ра пед. наук. СПб, 1995-310 с.
7. Кудайкулов М.А. Дидактические проблемы: формирования основ профессионально-методических умений у будущего учителя. / М.А. Кудайкулов // Автореф. дисс. … д-ра. пед. наук. – Киев, 1997.-49 с.
8. Кулюткин Ю.Н. Моделирование педагогических ситуаций. / Ю.Н. Кулюткин – М.. Педагогика, 1981. – 120 с.
9. Луканкин Г.Л. Научно-методические основы профессиональной подготовки учителя математики в педагогическом институте:/Г.Л.Луканкин // Дис….д-ра пед. наук в форме науч. доклада.-Л., 1989.-59 с.
10. Маркова А.К. Психология профессионализма. / А.К.Маркова -М.: МГФ Знание, 1996. - 308 с.

11. Муравьев Е.М. Психолого-педагогические условия подготовки учителя к исследовательской работе: / Е.М.Муравьев // дис. … канд. пед. наук / Е.М. Муравьев. – М., 1996. – 209 с.
12. Новик Н.М. Метод моделирования в современной науке / И.Б. Новик, Н.М. Мамедов. – М.: Изд-во «Знание» РСФСР, 1981. – 40 с.
13. Тесленко И.Ф. О структуре профессиональной деятельности учителя математики и повишения эффективности урока // Математика в школе - 1980. - №3. - С.11-17.
14. Шаповалов А.А. Конструктивно- проектировочная деятельность в структуре професианальной подготовки учителя физики. / А.А. Шаповалов // дис. д-ра. пед. наук. Барнаул. 2000 – 479 с.

## НАҚШИ СУБЪЕКТҲОИ СИКЛИ МЕТОДӢ ДАР ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ

*Аҳамияти тадқиқот, нақши субъектҳои сикли методӣ дар ташаккули фаъолияти илмии омӯзгорни ояндаи биология мебошад.*

*Мақсади мақола: нақши субъектҳои сикли методӣ дар ташкили фаъолияти илмӣ-методӣ ва ҷанбаҳои методологии фаъолияти касбӣ.*

*Натиҷаи тадқиқот: аз худкунии дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ аз тарафи омӯзгорони ояндаи биология оид ба ташкили фаъолияти илмӣ-методӣ*

***Калидвожа:** назария ва амалия, тайёрии методии омӯзгорон, методологияи фаъолияти касбӣ, тайёрии касбии омӯзгорони оянда, методистон, олимон, малака, методикаи таълими биология.*

## РОЛЬ СУБЪЕКТОВ МЕТОДИЧЕСКОГО ЦИКЛА В ОРГАНИЗАЦИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НАУКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ

*Важность исследования заключается в роли предметов методического цикла в формировании научной деятельности будущего учителя биологии.*

*Цель статьи: роль предметов методического цикла в организации научно-методической деятельности и методические аспекты профессиональной деятельности.*

*Результатам исследования: приобретение знаний, умений и профессиональных навыков будущими учителями биологии по организации научно-методической деятельности.*

***Ключевые слова**: теория и практика, методическая подготовка учителей, методика профессиональной деятельности, профессиональная подготовка будущих учителей, методисты, ученые, навыки, методика преподавания биологии.*

## THE ROLE OF THE SUBJECTS OF THE METHODOLOGICAL CYCLE IN THE ORGANIZATION OF ACTIVITIES THE SCIENCE OF FUTURE BIOLOGY TEACHERS

*The importance of the study lies in the role of the subjects of the methodological cycle in shaping the scientific activity of the future biology teacher*

*The purpose of the article: The role of subjects of the methodological cycle in the organization of scientific and methodological activities and methodological aspects of professional activity*

*The results of the study: acquisition of knowledge, skills and professional skills by future teachers of biology in the organization of scientific and methodological activities.*

***Key words:** theory and practice, methodological training of teachers, methods of professional activity, professional training of future teachers, methodologists, scientists, skills, methods of teaching biology.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Баротзода Камолиддин Ашур** –номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Суроға 730043 ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ 121, Тел: (+992) 987180562;*

***Сведение об авторе:***

***Баротзода Камолиддин Ашур** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Адрес 730043 ш. г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, тел: (+992) 987180562;*

***About the author:***

***Barotzoda Kamoliddin Ashur** - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Address 730043 sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 121, tel: (+992) 987180562;*

ТДУ 13.00.02

# ТЕХНОЛОГИЯИ САБУКГАРДОНИИ МЕҲНАТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ПРОТСЕССОРИ МАТНИИ WORD

***Назаров А.П.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истифодабарандагон тарзи худрақамгузории баъзе сархатҳои матнро омӯхтаанд ва дар амал татбиқ карда метавонанд [1, саҳ. 198]. Акнун саволе ба миён меояд, ки оё амали номгузорӣ ва худрақамгузориро ба объектҳои ба матни Word иловашуда татбиқ кардан мумкин аст? Ҷавоб мусбӣ аст, яъне татбиқ кардан мумкин аст, вале технологияи он дигар аст. Фарз мекунем, ки истифодабаранда ҳангоми ҳарфчинии қисме аз матн ё пурра дар Word, ба он матн чор тасвирро илова кардааст. Ба он тасвирҳо тариқи дастӣ мувофиқан номҳои Расми 1, Расми 2, Расми 3 ва Расми 4 –ро гузоштааст. Дар дохили матн ба ин тасвирҳо тариқи дастӣ пайвандҳо гузоштааст, масалан (Расми 1), ё нигар ба Расми 2. Вале бо ягон сабабе, масалан пас аз таҳрири матн, дар байни тасвирҳо бо номҳои Расми 1 ва Расми 2 буда боз тасвири дигаре илова карда шуд. Акнун номи тасвири нав бояд Расми 2 шавад ва номҳои тасвирҳои минбаъда бояд тағйир дода шуда, Расми 3, Расми 4 ва Расми 5 гарданд. Ин ҷо алакай мушкилӣ ба миён омад, зеро бояд дастӣ тағйирот ворид кунем, меҳнати бештару иловагӣ ва вақти зиёдатӣ сарф кунем. Мушкилии дигар ва меҳнати иловагӣ дар он аст, ки дар дохили матн бояд пайвандҳоро низ тариқи дастӣ тағйир диҳем. Ин як мисоли одӣ аст, ки дар он номгӯйи мушкилиҳо дида мешавад [2, 4].

Матни калонҳаҷме дар Word ҳарфчинӣ карда шуда, ба он шумораи зиёди расмҳо илова карда шудаанд ва тариқи дастӣ рақамгузорӣ карда шудаанд. Шояд пас аз таҳрири матн, дар байни он боз расмҳо илова карда шаванд, ё баъзе расмҳо нест карда шаванд, ё ҷойҳояшон тағйир дода шаванд. Тавре мебинем, истифодабаранда маҷбур мегардад, ки ҳамаи расмҳоро аз нав рақамгузорӣ карда, пайванд ба онҳоро дар дохили матн аз нав тариқи дастӣ дуруст кунад. Мебинем, ки чӣ қадар вақт ва меҳнати зиёди иловагӣ сарф карда мешаванд. Word бошад дорои воситаи номгузорӣ ва худрақамгузорӣ мебошад, ки бо истифода аз он вақт камтар сарф шуда, меҳнати истифодабарандагон ҳангоми корбарӣ бо Word хеле сабук карда мешавад.

Масъалаи номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳо дар матни Word масъалаи хеле мубрам буда, дар амалия бисёр во мехурад. Бо ин мақсад технологияи номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳоро коркард намуда, бо як пайдарҳамии муайян ва аз ҷиҳати методӣ содафаҳм меомӯзем, то ки ба бисёр монеаҳо нукта гузорем. Дар ҳолати дуруст татбиқ гардидани технологияи мазкур аз тарафи истифодабарандагон, ба онҳо сабукиҳои зиёдеро фароҳам меорад [1, с.202]. Ин технологияро мавриди коркард ва ба истифодабарандагон омӯзонидан қарор медиҳем, то дар оянда зимни номгузорӣ ва рақамгузории объектҳо дар матнҳои Word ба душвориҳо дучор нагарданд. Алалхусус татбиқи ин технология дар матнҳои калонҳаҷм ва дорои шумораи зиёди объектҳо буда нақши бениҳоят калонро мебозад, зеро тавре қайд кардем, рақамҳоро ба объектҳо тариқи дастӣ гузоштан ба душвориҳою мушкилиҳои зиёд ва хатогиҳо оварда мерасонад.

Истифодабарандагон бояд донанд, ки номи объект дар Word аз қисмҳои “**имзо**”, “**рақам**” ва “**ном**” иборат аст ва мафҳумҳои хеле муҳиманд. Қисми “**рақам**” ҳатмӣ ва асосӣ аст. Масалан “Расми 9. Ситораҳои гуногун”, дар инҷо “Расми” имзои объект, “11” рақами объект ва “Ситораҳои гуногун” номи объект ҳисобида мешаванд. Ё худ “Ҷадвали 18. Функсияҳои тригонометрӣ” – “Ҷадвали” имзои объект, “18” рақам ва “Функсияҳои тригонометрӣ” номи объект. Имкон аст, ки тариқи кӯтоҳ номгузорӣ карда шаванд, яъне имзо ва рақам. Масалан “Формулаи 4.”, “Расми 9.”, “Ҷадвали 8.”, ... . Боз як номгузории кӯтоҳтарин он аст, ки танҳо аз рақамгузорӣ иборат аст, масалан 1, 2, 3. ..., ё 1.1, 1.2, 1.3, .... , 2.1, 2.2, 2.3, ...

Зимни татбиқи технологияи номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳо дар Word, дар навбати аввал худи объект, масалан расмро, ба матни Word илова мекунанд [5]. Ном ва рақам аз поёни объект, ё аз боло, ё аз чап, ё аз рост гузошта мешавад. Масалан, мо мехоҳем, ки ба объект номи “**Расми ...**”–ро гузорем ва аз поёнаш ҷойгир кунем. Барои иҷрои ин кор курсори матниро дар миёнаҷои поёни объект оварда мегузорем. Дар Word 2010 ё варианти навтар

(варианти русӣ) ба лентаи “**Пайвандҳо**” (“Ссылки”) даромада, дар қисмати “**Ном**” (“Названия”) тугмаи “**Гузоштани ном**”–ро (“Вставить название”) (Расми 1) пахш мекунем. Дар экран шакли муколамагии “Ном” кушода мешавад (Расми 2). Қайд мекунем, ки на ҳама номи имзоҳо дар ин майдон мавҷуд буда метавонанд, аз ҷумла имзоҳои бо забони тоҷикӣ буда [3]. Масалан, агар дар рӯйхати имзоҳо имзои “Расми” набошад, пас дар навбати аввал дар шакли Расми 2 тугмаи “Сохтан...”–ро пахш мекунем. Дар экран шакли муколамагии “Номи нав” кушода мешавад (Расми 3). Дар майдони “Ном:”–и он имзои “Расми”–ро менависем ва тугмаи ОК–ро пахш мекунем. Имзои “Расми” ба китобхонаи номгузории объектҳо илова карда мешавад ва онро минбаъд интихоб карда метавонем. Аз майдони “Имзо:” -и шакли Расми 2 имзои “Расми”–ро интихоб мекунем. Номи ин имзо дар майдони “Ном:”–и шакли муколамагӣ бо рақами навбатӣ (дар аввал 1) пайдо мешавад. Агар хоҳем, ки пас аз рақам аломати нуқта “.” истад, пас онро дастӣ илова мекунем. Дар охир тугмаи ОК–ро пахш мекунем. Дар поёни объект номи “Расми 1.”, яъне қисми имзо ва рақами номи объект гузошта мешавад. Метавонем баъд аз он номи объектро дастӣ илова кунем. Ин қадами якуми технологияи эҷодкардаамон аст.

Ба шакли муколамагии “Ном” (Расми 2) диққат медиҳем. Дар он тугмаи “Рақамгузорӣ...” мавҷуд аст, ки бо пахши он шакли рақамгузориро интихоб карда метавонем. Агар аз рӯйхати “Имзо:” имзои минбаъд нолозимаро нест кардан хоҳем, пас аввал он имзоро интихоб карда, баъдан тугмаи “Несткунӣ”–ро зер мекунем. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки дар номгузории объект бояд қисми “Имзо” гузошта нашавад (шакли кутоҳ), яъне танҳо рақам гузошта шавад, 1., 2., 3., .... Дар ин маврид дар майдони “Хориҷкунии имзо аз ном” (Расми 2) рамзи ✓–ро мегузоранд.

Объект ба матн илова карда шуд ва ба он рақам тариқи худкор гузошта шуд. Акнун масъалаи дигар ба миён меояд, ки чӣ тавр ин рақамгузориро ба худи матн илова мекунанд ва чӣ тавр аз матн ба он объект муроҷиат мекунанд. Ин қадами дуюми технологияи эҷодкардаамон мебошад. Технологияи гузоштани пайвандҳоро меомӯзем. Ин кори бениҳоят осон аст ва алгоритмаш чунин аст.

1. Дар Word 2010 ё навтар ба лентаи “**Пайванд**” даромада, дар қисмати “**Ном**” тугмаи “**Пайванди пайваста**”–ро (“Перекрестная ссылка”) (Расми 1) пахш мекунем. Дар экран шакли муколамагии “Ном” кушода мешавад (Расми 4).
2. Аз майдони “Тамғаи пайванд:” қисми имзои номро интихоб мекунем (дар мисоли мо “Расми” мебошад ва ҳамчун намуна дар шакли муколамагии Расми 4 ҳамин имзо интихоб карда шудааст).
3. Пас аз интихоби имзо дар майдони “Барои кадом ном:” ҳамаи рақамҳои ба ин имзо дар объектҳои матн гузошташуда инъикос мегарданд. Ана аз ҳамин майдон пайванди пайвастаро интихоб карда, ба матн илова мекунанд.
4. Истифодабарандагон бояд донанд, ки дар худи матн асосан танҳо қисми имзо ва рақами ном гузошта мешаванд (масалан, Расми 1, Расми 2, ...). Дар ин маврид аз майдони “Гузоштани пайванд ба:” шакли “Қисми доимӣ ва рақам”–ро интихоб мекунанд (тавре ки дар шакли муколамагӣ айён аст).
5. Дар охир тугмаи “Гузоштан”–ро зер мекунанд. Қисми имзо ва рақами ном ба матн ҳамчун пайванди пайваста илова карда мешавад.

Ин пайванди гузошташуда боз дигар имконияtро медиҳад. Агар ақрабаки мушакро (нишонаи курсорро) ба болои ин пайванди пайваста бурда гузорем, тугмаи **CTRL**-и клавиатураро зер карда нигоҳ дошта, тугмаи чапи мушакро зер кунем, пас курсори матнии Word зуд ба ҳамон объект кӯчида, худи объектро инъикос мекунад. Ба маънии дигар, ин амали зуд ёфтани объекти пайвандшуда мебошад.

Намуди ҳарф, андозаи ҳарф ва шакли зуҳуршавии номи объектро, ки тариқи воситаи худрақамгузорӣ гузошта шудааст, мисли матнҳо тағйир додан мумкин аст [1, 5]. Мисоли оварда шуда намунаи мисоли рақамгузории якзинага мебошад. Истифодабарандагон метавонанд дар шакли бисёрзинагӣ рақамгузорӣ кунанд. Ҳолатҳое мешаванд, ки объект дар дохили катаки ҷадвали Word гузошта шудааст, мисли расмҳои кори мазкур. Ҳангоми рақамгузорӣ бо воситаи худрақамгузорӣ, он рақам ба худи ҷадвал гузошта мешавад. Дар ин маврид, агар хоҳем, ки ба худи объект рақам гузорем, пас дар навбати аввал, масалан аз

поёни объект, ягон холигӣ мегузорем. Ин холигиро муайян мекунем. Баъдан воситаи худрақамгузориро татбиқ мекунем (қадами 1 ва 2).

Объектҳо ба матн илова карда шуда, бо воситаи худрақамгузорӣ рақамгузорӣ карда шудаанд. Минбаъд ҳангоми таҳриркунии матн ва илова намудани объектҳои мувофиқ ба он, агар ба он объектҳои мувофиқ бо воситаи худрақамгузорӣ рақам гузошта бошем, пас рақами объектҳои мувофиқи пасоянд худ ба 1 воҳид зиёд мешаванд. Амали баръакс, агар ягон объектро нест кунем, пас рақамҳои объектҳои мувофиқи пасояндбуда ба 1 воҳид кам мешаванд (то рақами объект бетағйир мемонанд аз объект боло тағйир меёбад). Дар бисёр мавридҳо пас аз ин амалҳо тамоми матни файлро бо амали **CTRL + A** муайян карда, тугмаи функсионалии **F9**–ро пахш мекунанд. Тамоми матн аз аввал то охираш тариқи худкор тафтиш карда шуда, рақамҳои бо воситаи худрақамгузорӣ гузошташуда ва пайвандҳои пайваста бо ҳисоби таҳриру иловаҳо дуруст карда мешаванд. Агар зимни таҳриркунӣ ягон объект бо рақами гузошташудааш нест карда шуда бошанд ва дар худи матн пайванди пайваста ба ин рақам мавҷуд бошад, пас он пайванд нест намешавад. Пас аз иҷрои амали **CTRL + A** ва пахши тугмаи функсионалии **F9** дар ҷойи пайванди пайвастаи матн хатогии “**Ошибка! Источник ссылки не найден.**” гузошта мешавад. Ин хатогиро тариқи дастӣ нест мекунанд, ё бо амали ҷустуҷӯй-ивазкунӣ [1, 5].

Масъалаи дигар, якҷоякунии ду ва зиёда файлҳои Word, ки дар онҳо объектҳо илова карда шудаанд [1, 5] ва объектҳои мувофиқ бо воситаи худрақамгузорӣ рақамгузорӣ карда шудаанд, яъне бо технологияи мазкур. Пас аз якҷоякунии он файлҳо, рақамгузорӣ бо тартиби афзуншавӣ аз нав рақамгузорӣ карда мешаванд. Масалан, дар файли якум ҷадвалҳо илова карда шудаанд ва бо имзои “Ҷадвали” аз 1 то 13 рақамгузорӣ карда шудаанд. Дар файли дуюм, ки бо файли якум якҷоя карда мешавад, низ ҷадвалҳо илова карда шуда, бо имзои “Ҷадвали” аз 1 то 9 рақамгузорӣ карда шудаанд. Пас аз якҷоякунии ин ду файл амали **CTRL + A** ва пахши тугмаи функсионалии **F9**–ро иҷро мекунем, ҷадвалҳо аз 1 то 22 тариқи худрақамгузорӣ рақамгузорӣ карда мешаванд. Бояд онро ба инобат гирифт, ки агар дар китобхонаи номгузории объектҳо, ба ҷадвалҳои файли якум имзои “Ҷадвали” ва ба ҷадвалҳои файли дуюм имзои “Ҷадвал –” гузошта шуда бошанд, пас онҳо объектҳои гуногун ҳисобида мешаванд. Ҳангоми якҷоякунии ин ду файл, рақамгузории ин имзоҳои объектҳо тағйир намеёбанд.



Расми 1. Лентаи ном



Расми 2. Шакли “Ном”



Расми 3. Иловакунии имзои нав



Расми 4. Шакли муколамагӣ барои интихоби имзо, рақами имзо ва иловакунии он ба матн (пайванди пайваста ва намуди он)

Як масъалаи муҳими дигар, ки дар доираи кори мазкур мавриди омӯзиш қарор мегирад, сохтани мундариҷаи электронӣ аст [3]. Ба маънои дигар истифодабарии имкони воситаи номгузорӣ ва худрақамгузории Word зимни ҳарфчинӣ намудани мундариҷаи китоб ё маҷалла

аст. Технологияи сохтани мундариҷаи электрониро бо як пайдарпайии муайян меомӯзем. Бо ин мақсад ба китобхонаи имзоҳои номгузорӣ аломати §–ро ҳамчун имзо илова мекунем (*роҳи осонаш: аввал аломати §–ро дар матни Word мегузорем; онро нусхабардорӣ мекунем; дар майдони имзоҳо мегузорем*). Зимни ҳарфчинии номи мавзӯъҳо аввал ҳамин имзоро бо ёрии воситаи худрақамгузорӣ мегузорем. Пас аз тариқи худкор гузошташудани рақам номи мавзӯъро ҳарфчинӣ мекунем. Тамоми мавзӯъҳои матнро бо ҳамин технология ҳарфчинӣ мекунем. Қадами якум ба охир мерасад.

Қадами дуюм сохтани мундариҷаи электронӣ мебошад. Калимаи "Мундариҷа"-ро дар маркази сатр ҳарфчинӣ мекунем. Аз он як сатр поён ҷадвалеро илова мекунем, ки аз ду сутун иборат аст (миқдори сатрҳояш пешакӣ маълум нест ва аз миқдори параграфҳои матн вобаста аст). Дарозии катаки якумро калонтар мегузорем, зеро дар он номи параграфҳои матн ҷойгир карда мешавад. Дар катаки дуюм рақами саҳифаи параграф гузошта мешавад ва дарозиаш хурдтар аст. Амали пайванди пайвастаро дар ҳар сатр ду маротиба истифода мебарем. Маротибаи аввал, курсори матниро ба катаки якум ҷойгир мекунем. Барои пурра гузоштани параграф бо рақамаш ва номи мавзӯъ дар катаки якум, бо истифода аз шакли муколамагии "Пайванди пайваста" (Расми 4) ин пайвандро интихоб мекунем. Аз майдони "Тамғаи пайванд:" қисми имзои ном §-ро интихоб мекунем. Дар майдони "Барои кадом ном:" ҳама рақамҳо бо имзои §-и дар матн гузошташуда инъикос мегарданд. §-и заруриро интихоб мекунем. Аз майдони "Гузоштани пайванд ба:" шакли "Номи пурра"–ро ("Название целиком") интихоб мекунем. Тугмаи "Гузоштан"–ро зер мекунем. Аз шакли муколамагии Расми 4 набаромада, курсори матнии Word –ро ба катаки дуюми хурдбуда мегузорем. Маротибаи дуюми истифодабарии Расми 4, аз майдони "Гузоштани пайванд ба:" шакли "Рақами саҳифа"–ро интихоб мекунем. Тугмаи "Гузоштан"–ро пахш мекунем. Мебинем, ки рақами саҳифаи §-и интихобшуда дар катаки дуюм ҷойгир шуд. Ҳаминтавр ҳама §-ҳо ва рақами саҳифаи онҳоро дар ҷадвал ҷойгир мекунем. Мундариҷаи электронӣ сохта шуд ва қадами дуюм ба охир расид. Дар оянда, ҳангоми дохил намудани тағйиру иловаҳо ба матни китоб ё маҷалла, рақами §-и мавзӯъҳо ва ё рақами саҳифаи онҳо тағйир ёфта метавонанд. Ин тағйиротҳо дар мундариҷаи электронӣ тариқи худкор гузошта мешаванд ва меҳнати истифодабарандагони Word хеле сабук карда шуда, вақт камтар сарф карда мешавад. Дар ин маврид набояд аз истифодабарии иҷрои амали **CTRL + A** ва пахши тугмаи функсионалии **F9** фаромӯш кард. Барои аз мундариҷа зуд ба параграфи (мавзӯи) интихоб карда шуда гузаштан, ақрабаки мушакро ба болои он пайванди пайваста (параграф) бурда мегузорем. Тугмаи **CTRL**-и клавиатураро зер карда нигоҳ дошта, тугмаи чапи мушакро зер мекунем. Курсори матнии Word зуд ба ҳамон параграф кӯчида, дар он ҷо меистад.

Номгузорӣ ба бобҳои китоб ё маҷалла мисли §-и мавзӯъҳо мебошад. Танҳо дар рӯйхати китобхонаи имзоҳо (Расми 2) имзои навро бо номи "Боби" (Расми 3) илова кардан зарур аст. Дар мундариҷаи электронӣ низ мисли §-и мавзӯъҳо гузошта мешаванд.

Дигар масъалаи мубрами илмӣ, ки дар кори мазкур омӯхта мешавад, ташкили рӯйхати адабиёти истифодашаванда ба ҳисоб меравад, ки дар охири бисёр китобҳо, мақолаҳои илмию методӣ, диссертатсияҳо ва амсоли инҳо илова карда мешаванд [3]. Ин масъаларо мавриди омӯзиш ва ҳал қарор медиҳем. Ба рӯйхати китобхонаи имзоҳо (Расми 2) имзои навро бо номи "Адабиёт" (Расми 3) илова карда, дар майдони "Хориҷкунии имзо аз ном" (Расми 2) рамзи ✓–ро мегузорем. Ҳангоми ҳарфчинии рӯйхати адабиёт, дар аввал ҳамин имзоро бо истифода аз шакли муколамагии Расми 2 мегузорем. Дар натиҷа танҳо рақам гузошта мешавад (масалан 1.). Пас аз он номи адабиётро тибқи стандарти қабул шуда дастӣ менависем, масалан:

**1.** Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalABC.Net / А.П. Назаров // Китоби дарсӣ. Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, - **2021. - 756 с.**

2. Назаров, А. П. Компьютерная поддержка проведения проверочных работ по теме «Простые числа» / А. П. Назаров. — Текст : непосредственный // Информатика в школе. — 2020. — № 9 (162). — С. 59–62.

3. Назаров А.П. Применение метода Пулата при проведении проверочных работ по алгебре на тему арифметической прогрессии. // Материалы V Международной научной конференции "Информатизация образования и методика электронного обучения: цифровые

технологии в образовании”. Красноярск, 21–24 сентября 2021 г. Сиб. федер. ун-т, 2021. – 528 с. В двух частях. Часть 1. Стр. 350-355.

Барои дар дохили матн гузоштани “Пайванди пайваста” ба рақами адабиёт, дар навбати аввал аломати [ -ро мегузорем. Рақами адабиётро чун пештара бо истифода аз шакли муколамагии Расми 4 тариқи худкор мегузорем. Дар охир аломати ] -ро мегузорем, ё аввал аломати “,” гузошта, “саҳ.” ва рақами саҳифаи адабиётро навишта, баъд аломати ] -ро мегузорем. Кор бо рӯйхати адабиёт ҳаминтавр сурат мегирад. Мо ин ҷо чунин тавсия медиҳем, ки шарт нест пурра матнро навишта, дар охир рӯйхати адабиёт созем. Дар саҳифаи нави алоҳида дар маркази сатр “Адабиёт”-ро менависем. Дар раванди ҳарфчинии матни асосӣ, ҳангоми ба миён омадани зарурати иловакунии адабиёт, он адабиётро ба рӯйхат илова мекунем (дар охираш, ё дар байни дигар адабиёт, ё дар ҷои якум). Баъдан он адабиётро дар матни асосӣ пайванд карда, корро давом медиҳем. Мебинем, ки меҳнати истифодабаранда чӣ қадар сабук мегардад. Ҳам матни асосӣ ҳарфчинӣ шуда, ҳам рӯйхати адабиёт тайёр мегардад. Инчунин аз нуқтаи назар рӯйхати адабиёти тайёр кардашуда ба рӯйхати рақамгузории одӣ (мисли алгоритми боло) монанд аст.

Айни замон ҳангоми навиштани рисолаҳои хатм ва диссертатсияҳо, рақамгузории мавзӯъҳои дохили боб (бахшҳо) дар шакли дузинага сурат мегирад. Дар аввал рақами бобро навишта, аломати нуқтаро гузошта, баъдан рақами тартибии бахши боб навишта мешавад: 1.1, 1.2, 1.3, 1.4, ... , 2.1, 2.2, 2.3, ... ... . Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин ҷо низ истифодабарандагон ба мушкилиҳо дучор мегарданд, ки сабабаш коркард нагардидани технологияи зарурӣ аст. Ин технологияро коркард менамоем. Дар қадами якум дар рӯйхати имзоҳо (Расми 2) имзоро бо номи “1.” дохил мекунем (Расми 3), ки дар ин ҷо “1” рақами бобро дарназар дорад. Дар қадами дуюм, ҳангоми навиштани номи бахши рисола ё диссертатсия, аввал ин имзоро ҳамчун ном (Расми 2) мегузорем: 1.1. Номи бахшро менависем, масалан “1.1. Коркарди методии таълими барномасозӣ”. Баъдан матни бахшро пурра ҳарфчинӣ мекунем. Ҳаминтавр номи дигар бахшҳои боби якумро гузошта, матнашонро ҳарфчинӣ мекунем. Барои рақамгузорӣ ва номгузорӣ ба бахшҳои боби дуюми рисола ё диссертатсия дар рӯйхати имзоҳо (Расми 2) имзоро бо номи “2.” дохил мекунем, ки дар ин ҷо “2” рақами бобро дарназар дорад. Давомаш монанд ба бахшҳои боби якум аст. Чанд маротиба имзоро дохил кардан зарур аст, ин аз миқдори бобҳои матн вобаста аст. Технологияи мазкур ҳангоми сохтани мундариҷаи электронӣ ба истифодабаранда ёрии калон расонида, меҳнаташро хеле сабук менамояд. Ҳангоми сохтанаш аз шакли муколамагии интихоби имзо (Расми 4) имзоро бо номи “1.”, ё “2.”, ё “3.”, ... интихоб карда, номи мавзӯъҳои бахшро дар шакли пуррааш интихоб менамоянд.

Дар охири кори мазкур боз як ҳолати дигарро меомӯзем, ки ҳангоми сохтани мундариҷаи электронӣ зарур аст. Тавре медонем, масалан, рисолаи хатм ё диссертатсия аз бахшҳои муқаддима, тавсифи кор, хулоса, адабиёт ва монанд ба инҳо иборат буда метавонанд. Аммо онҳо рақам надоранд. Ин як мушкилиро ҳангоми сохтани мундариҷаи электронӣ ба миён меорад. Ин мушкилиро ин тавр бартараф намудан мумкин аст. Ба рӯйхати имзоҳо (Расми 2) ворид шуда, дар он имзоро бо номи “Беном” дохил мекунем (Расми 3). Дар майдони “Хориҷкунии имзо аз ном” (Расми 2) рамзи ✓–ро мегузорем. Пеш аз калимаи “Муқаддима” ҳамин имзоро тариқи номгузории Расми 2 мегузорем: “1Муқаддима”. Ранги рақами 1-ро сафед мегузорем (ноаён) ё бо дигар роҳ пинҳон мекунем. Айнан ҳаминтавар бахшҳои хулоса, адабиёт, ... –ро номгузорӣ ва рақамгузорӣ мекунем. Ҳангоми сохтани мундариҷаи электронӣ аз Расми 4 пайванди “Беном” –ро интихоб карда, номи зарурирo интихоб мекунем. Аз майдони “Гузоштани пайванд ба:” типи “Танҳо матни ном” –ро (“Только текст названия”) интихоб мекунем. Ин мушкилӣ низ ҳалли худро ёфт ва меҳнати истифодабарандаро хеле сабук кард.

Монанд ба технологияҳои коркардшуда технологияи номгузории формулаҳоро, ки одатан дар дохили қавсҳо (...) бе калимаи “формула” навишта мешаванд, коркард менамоянд. Ё худ барои номгузории интишороти унвонҷӯӣ дар шакли [1-М], дар рӯйхати имзоҳо чунин имзоро дохил мекунанд.

**Хотима.** Дар кори илмии мазкур технологияи сабукгардонии меҳнати истифодабарандагони протсессори матнии Word коркард ва омӯхта шудааст. Дар амал татбиқ намудани технологияи коркард шуда меҳнати истифодабарандагонро хеле сабук

менамояд ва ба баъзе хатогиҳои содиршаванда нуқта мегузорад. Аксар мушкилиҳоро ҳангоми кор бо матнҳо дар Word бартараф менамоянд. Зеро ҳангоми тағйир додани миқдори расму тасвирҳо, формулаҳо, ҷадвалҳо ва умуман объектҳо, ки тариқи худкор рақамгузорӣ карда шудаанд, он рақамгузориҳо тариқи худкор тағйир ёфта, дуруст мегарданд. Дигар истифодабаранда кори дубора ва такрориро иҷро намекунад, вақти зиёдатӣ сарф намекунад. Дар натиҷаи татбиқи технологияи мазкур истифодабарандагон бо технологияи худрақамгузории объектҳо дар матни Word аз наздик шинос гардида, дуруст истифода бурда метавонанд. Донишҳои худро васеъ намуда, маҳорату малакаи корбарии худро бо компютер ва Word инкишоф медиҳанд. Бояд донанд, ки истифодабарии воситаи худрақамгузории объектҳо зимни ҳарфчинии матнҳо дар Word имкони кам сарф намудани вақтро медиҳад, меҳнатро сабук мегардонад ва бисёр хатогиҳоро бартараф менамояд. Матни китоби [1]-и дар рӯйхати адабиёт буда бо ҳамин технология ҳарфчинӣ карда шудааст.


**АДАБИЁТ**

1. Назаров А.П. Методикаи таълими информатика [Матн] / А.П. Назаров // Китоби дарсӣ. Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, - 2019. - 462 с. (А4).
2. Назаров А.П. Объектҳо дар MS Word [Матн] / Назаров А.П., Қурбонова Б. // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Мушкилоти муосири таҳқиқот дар ҷодаи илмҳои табиӣ-риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар МТМК”. Душанбе: 28-декабри соли 2021. С. 15-19.
3. Назаров А.П. Технологияи сохтани мундариҷаи электронӣ да MS Word [Матн] / **Назаров А.П.**, Тиллоева Т.Р. // Маводи Конференсияи илмӣ- методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар ҳалли масъалаҳои муосир” бахшида ба «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)», ҷашни “90-солагии таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ”, таҷлили “30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “85-солагии дотсенти кафедра шодравон Давлятов Раҳматулло”. С. 217-219. Душанбе – 2021.
4. Назаров А.П. Технологияи худрақамгузории объектҳо дар матнҳои протсессори матнии Word [Матн] / Назаров А.П. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, физикӣ ва информатикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ”. Душанбе. 2016. ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва АТТ. С. 393-395
5. Комилиён Ф.С. Технологияи иттилоотӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён // Китоби дарсӣ. Душанбе -2019, - 202 с.


## ТЕХНОЛОГИЯИ САБУКГАРДОНИИ МЕҲНАТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ПРОТСЕССОРИ МАТНИИ WORD


*Асоси корбарӣ бо протсессори матнии Microsoft Word (минбаъд Word) –ро кор бо матнҳо ташкил мекунад. Тавре медонем, ба матнҳои Word объектҳои гуногунро илова кардан имкон аст, масалан расм, тасвир, ҷадвал, формула. Чун қоида ҳар як объекти ба матн иловашуда рақамгузорӣ карда мешаванд ва дар алоҳидагӣ. Дар қисме аз онҳо, пас аз гузоштани рақам, номро низ илова мекунанд. Word дорои имконот ва хусусиятҳое мебошад, ки аксар аз омӯзгорон, хонандагон ва умуман истифодабарандагон аз онҳо огоҳ нестанд. Набудани маводҳои таълимӣ ва корҳои илмӣ яке аз сабабҳои онҳост. Аз чӣ сабаб бошад, ки истифодабарандагон бо технологияи тариқи худкор рақамгузории объектҳо дар матн шинос нестанд ва истифода бурда наметавонанд. Рақами объектро бо худи матн пайванд карда наметавонанд. Ҳолати мазкур дар раванди корбари бо матн дар Word ба истифодабарандагон мушкилиҳои зиёдеро ба миён меорад. Дар кори мазкур технологияи номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳо дар матн омӯхта мешаванд. Мо пеш аз ҳама ҷолибтарин, муфид ва чӣ гуна истифода бурдани технологияи номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳоро меомӯзем. Мақола барои доираи истифодабарандагони Word, ки бо мақсади таҳрири матн, ҷобаҷогузорӣ ва рақамгузории объектҳо машғул мешаванд, арзиши воло дорад. Аҳамияти дигари илмиаш сохтани мундариҷаи электронӣ аст, ки дар мақола омӯхта мешавад.*

***Мақсади мақола**: Мақсади асосии кори илмии мазкур коркард ва ба истифодабарандагон омӯзонидани технологияи номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳо мебошад. Мавзӯи мазкур мавзӯи мураккаб нест, вале технологияи коркардшаванда имкониятҳои зиёдеро дорост. Кори истифодабарандагонро хеле сабук мегардонад ва бисёре аз мушкилиҳоро бартараф менамояд.*

***Дар натиҷаи кори тадқиқотӣ** мушкилиҳо оид ба номгузорӣ ва худрақамгузории объектҳо дар матни Word муайян карда шуданд. Технологияе коркард шуд, ки ин мушкилиҳоро бартараф менамояд. Тарзи татбиқи технологияи мазкур муайян карда шуд.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *Word, матн, истифодабарандагон, объект, ном, номгузорӣ, худрақамгузорӣ, пайванд, пайванди пайваста, мушкилӣ, сабукгардонӣ, мундариҷаи электронӣ.*

## ТЕХНОЛОГИЯ ОБЛЕГЧЕНИЯ ТРУДА ПОЛЬЗОВАТЕЛЕЙ ТЕКСТОВОГО ПРОЦЕССОРА WORD

*Основа работы с текстовым процессором Microsoft Word (далее Word) составляет работу с текстом. Как мы знаем, в тексте Word можно добавлять различные объекты, например рисунок, изображение, таблица, формула. Как правило, каждый добавленный в тексте объект именуется и пронумеруется в отдельности. В некоторых из них также добавляется имя после того, как номер установлен. Word имеет опции и функции, о которых большинство преподавателей, учащихся и пользователей в целом не знают. Отсутствие учебных материалов и научных работ - одна из причин. По какой-то причине пользователи не знакомы и не могут использовать технологию автоматического нумерации объектов в тексте. Номеру объекта не могут ссылат с самим текстом. Это состояние создает много проблем для пользователей в процессе работы с текстом в Word. В данной работе изучается технологии именования и автоматической нумерации объектов в тексте. Мы изучим наиболее интересные, полезные технологии, а также то, как использовать технологию именования и автонумерация объектов. Статья имеет большое значение для круга пользователей Word, которые занимаются редактированием текста, сортировкой и нумерацией объектов. Еще одно научное значение - создание электронного оглавления, который будет изучен в статье.*

***Цель статьи**: Основной целью изучения данной темы является обучение пользователей технологии присвоения имя и автоматической нумерации объектов. Эта тема не является сложной темой, но изучаемая технология имеет много возможностей. Делает работу пользователей очень легкой, облегчает труд пользователей и устраняет многие проблемы.*

***По результатам исследования** выявлены проблемы с именованием и автоматической нумерации объектов в тексте Word. Была разработана технология, которая устраняет эти проблемы. Определен способ применения этой технологии.*

***Ключевые слова:*** *Word, текст, пользователи, объект, имя, именование, автонумерация, ссылка, перекрестная ссылка, сложность, легкость, электронное оглавление.*

## TECHNOLOGY TO FACILITATE THE WORK OF USERS OF THE WORD PROCESSOR WORD

*The basis of working with the Microsoft Word word processor (hereinafter referred to as Word) is working with text. As we know, you can add various objects to the Word text, for example, a drawing, an image, a table, a formula. As a rule, each object added to the text is named and numbered separately. Some of them also add a name after the number is set. Word has options and functions that most teachers, students, and users in general are unaware of. The lack of educational materials and scientific papers is one of the reasons. For some reason, users are not familiar with and cannot use the technology of automatic numbering of objects in the text. The object number cannot be referenced with the text itself. This creates a lot of problems for users. This condition creates a lot of problems for users while working with text in Word. In this paper, the technology of automatic numbering of objects in the text is studied. We will study the most interesting, useful technologies, as well as how to use the naming technology and auto-numbering of objects. The article is of great importance for the circle of Word users who are engaged in text editing, sorting and numbering of objects. Another scientific value is the creation of an electronic table of contents, which will be studied in the article.*

*The main purpose of studying this topic is to teach users the technology of naming and automatic numbering of objects. This topic is not a difficult topic, but the technology being studied has many possibilities. Makes the work of users very easy, facilitates the work of users and eliminates many problems.*

*Problems with naming and automatic numbering of objects in the Word text have been identified. A technology has been developed that eliminates these problems. The method of application of this technology has been determined.*

***Keywords:*** *Word, text, users, object, name, naming, auto-numbering, link, cross link, complexity, lightness, electronic contents.*

***Назаров Аҳтам Пулотович*** *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Тел: (+992) 935166101, E-mail: ahtam_69@mail.ru*

***Сведение об авторе:***

***Назаров Ахтам Пулатович*** *- кандидат педагогических наук доцент кафедры информационных и коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни,. Тел: (+992) 935166101, E-mail: ahtam_69@mail.ru.*

***About the autor:***

***Nazarov Ahtam Pulotovich*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Dotcent of the Chair of information and communication technologies Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni. Tel.: (+992) 935166101; ahtam_69@mail.ru.*

## МУАЛЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР АМАЛИШАВИИ КОРҲОИ РОҲНАМОИИ КАСБӢ

***Дустов О. Ҷ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Чуноне, ки мо медонем маркази корҳои роҳнамоии касбӣ бо хонандагон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд, ки сатҳи баланди маълумоти умумӣ ва политехникиву технологии ҷавононро таъин менамоянд. Хонандагонро ба меҳнат тайёр намуда, малакаву ҳунари меҳнатиро ташаккул медиҳанд ва барои интихоби бошууронаи касби онҳо заминаи асосӣ тайёр мекунанд.

*Ба системаи роҳнамои касбии хонандагон*- маълумотдиҳии касбӣ, ташхиси пешакии касбӣ (омӯзиши хусусиятҳои психофизиологии хонандагон бо мақсади роҳнамои касбӣ),машварати касбӣ, ҷудокунии касбӣ ва мутобиқшавии касбӣ дохил мешаванд.

Истифодабарии донишҳои политехникӣ, ки қисми таркибии онҳоро донишу малакаи технологӣ ташкил медиҳад, корҳои роҳнамои касбиро пурра ва васеъ мегардонанд.

Н.К. Крупская менависад: «Мо бояд ягон дақиқа дар бораи зарурияти аз хурдсолӣ бо корҳои мактабӣ ва берун аз мактабӣ васеъ намудану инкишоф додани ҷаҳонбинии политехникии насли наврасро фаромӯш накунем, бояд дар хотир дорем, ки маҳдудияти ҷахонбинии таълими умумӣ ва политеҳникӣ, озодии интихобро нигаронӣ мекунад». [5,с18]

Таркиби корҳои роҳнамоии касбӣ дар мактаб, аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- шиносоии хонандагон бо соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва касбҳое, ки дар бораи онҳо дар ҷараёни омӯзиши асосҳои илмӣ, фанни технология, дарсҳои беруназсинфӣ ва берун аз мактабӣ шинос мешаванд;

-ташаккули малака ва ҳунаре, ки барои иҷрои намудҳои гуногуни меҳнат дар шароити истеҳсолӣ зарур мебошанд.

-ташаккули муносибат ба меҳнати истеҳсолии ҷамъиятӣ, ба моликияти ҷамъиятӣ тарбияи шавқу ҳавас ба касбҳои соҳаи саноат, нақлиёт, сохтмон, кишоварзӣ, истеҳсоли нерӯи барқ, коркарди канданиҳои фоиданок ва соҳаи хизмтрасонӣ;

-ташхис ва омӯзиши шавқу ҳавас, майлу хоҳиш, қобилиятҳо, инчунин имкониятҳои ҷисмонию психологии хонандагон;

-шинос намудани хонандагон ба талаботҳои касбҳо дар ҳаҷми дониш, малака ва ҳунари махсусе, ки дар мактаб аз худ мекунанд.

-расонидани ёрӣ ба хонандагон оид ба худмуайянкунии касбӣ, интихоби бошууронаи касб дар асоси натиҷаҳои ташхиси пешакии касбӣ дар синфҳои 1X – X1 бо роҳи гузаронидани машварати касбӣ; Роҳнамоии касбӣ дар мактаб бояд ҳамчун қисми таркибии системаи корҳои таълимӣ – тарбиявӣ гузаронида шаванд. [4,с 121]

Таҳлили корҳои роҳнамоии касбӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд, ки бештари мактабҳо кори роҳнамои касбиро ҳамчун чорабиниҳои алоҳида бо

хатмкунандагони мактаб на мегузаронанд. Чунин муносибати бепарвоёна ба тақдири ояндаи хонандагон, бемасъулияти маъмурияти мактабҳо ва омӯзгоронро нишон медиҳад.Роҳнамоии касбии хонандагон бояд бо падару модарон ва мутахассисони соҳавӣ алоқаи зич дошта бошад.

Дар ҷараёни таълими технологӣ хонандагон амалиётҳои гуногун ва ҷараёнҳои технологиро иҷро намуда, дуруст ташкил намудани ҷойи кор, сарфа намудани масолеҳ, самаранок истифода бурдани вақти кориро меомӯзанд. Моҳияти тайёрии иқтисодиро дар худмуайянкунии касбии хонандагон ба назар гирифта, муаллими технология бояд ба таълиму тарбияи иқтисодии хонандагон аҳамияти ҷиддӣ диҳад. Аз ин сабаб дар фаъолияти муаллими технология оид ба тарбияи иқтисодии хонандагон самтҳои зерин ба нақша гирифта мешаванд:

- ҷалб намудани хонандагон ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ;

- ҷалб намудани хонандагон ба корҳои ҷамъиятӣ, ташкили мусобиқаҳо барои сифати меҳнат ва муносибати эҳтиёткорона ба моликияти ҷамъиятӣ;

- шинос намудани хонандагон ба намудҳои гуногуни ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ барои меҳнат дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ;

- иштироки хонандагон ба маҳфилҳои эҷодиёти техникӣ, моделсозӣ, ихтироъкорӣ ва ба корҳои таҷрибагузаронӣ дар минтақаҳои таҷрибавии мактаб.

Дар амалишавии корҳои роҳнамоии касбӣ, муаллими фанни технология нақши калонро мебозад. Моҳияти таълими технология ба муаллим имконият медиҳад, ки хонандагонро бо бештари касбҳо шинос карда, ба ин касбҳо шавқу ҳаваси хонандагонро зиёд намояд. Дар дарсҳои фанни технология муаллим имконияти назорат намудани ҳар як хонандаро дорад, муносибати онҳоро ба кор мебинад ва шавқу ҳаваси хонандагонро муайян карда метавонанд.

Мисол: ҳангоми омӯзиши электротехника, муаллим ба аҳамияти нерӯи барқ дар рӯзгор, тарзи истеҳсол ва интиқолу истифодабарии онро шарҳ медиҳад. Вобаста ба мавзӯи дарс касбҳои соҳаи электротехникиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

- ба гурӯҳи якуми касбҳо, касбҳое дохил мешаванд, ки бо истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ алоқаманд мебошанд, ба монанди истеҳсоли мошинҳои барқӣ, асбобу таҷҳизотҳо (касбҳои таъмиргари барқӣ – ноқил, печтобсоз (электромонтёр – обмотчик), безараргардонандаи таҷҳизотҳои барқӣ, челонгар – таъмиргари таҷҳизотҳои барқӣ ва ғайра);

- ба гурӯҳи дуюми касбҳо, ки бо интиқоли барқ алоқаманд мебошанд, касбҳои таъмиргари трансформаторҳо ва зеристгоҳҳои барқӣ, таъмиргари шабакаи барқӣ ва ғайра дохил мешаванд.

- ба гурӯҳи сеюми касбҳо, касбҳое дохил мешаванд, ки бо истифодабарии нерӯи барқ сару кор доранд, ба монанди касбҳои – челонгари таҷҳизоту асбобҳои барқӣ ва ғайра.

Муаллим ҳангоми дарс диққати хонандагонро ба аҳамияти касб ва тамоюли инкишофи ин касбҳо дар хоҷагии халқ ҷалб намуда, зарурияти азхудкунии донишу малакаи фанҳои электротехника, физика, химия, математика ва мошиншиносиро ба хонандагон шарҳ медиҳад.Дар таҳти роҳбарии муаллим хонандагон технологияи коркарди чӯб, металл, пластмассаро аз худ намуда, бо хусусиятҳо ва истифодабарии онҳо шинос мешаванд. Дар ҷараёни меҳнати истеҳсолӣ хонандагон ба нақшагирии кор, тарзи ташкили ҷойи кор, сарфа намудани вақту масолеҳ, риоя намудани саҳеҳии иҷрои амалҳо ва мустақилона назорат бурдани сифати корро меомӯзанд. Ташкили дарси технология аҳамияти калон дорад. Агар дар устохонаи таълимӣ тартиботу тозагӣ риоя карда шавад ва хонандагон бо асбобҳои дуруст тез карда шуда кор кунанд, он гоҳ ба хонандагон шавқу ҳаваси устувори касбӣ ба касбҳои коргарӣ тарбия карда мешавад. Муаллим ба хонандагон интизомнокӣ, сабру тоқат, устуворӣ, ҳисси ҷавобгариро дар назди коллектив, мактаб, ҷомеаро тарбия мекунад.

Дар гузаронидани корҳои роҳнамоии касбӣ дар мактаб ҷойи намоёнро дарсҳои беруназсинфӣ бо хонандагон вобаста ба шавқу ҳавас ишғол менамояд. Ба монанди маҳфилҳои техникӣ ва фаннӣ.

Ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили чунин машғулиятҳо муаллим бояд ҳамаи шароитҳоро барои инкишофи қобилияти хонандагон (конструксиясозӣ, ихтирокорӣ ва эҷодкорӣ) муҳайё намояд. Тарбияи психологии тайёрӣ ба меҳнат, муносибати дуруст ба намудҳои гуногуни меҳнати ҷамъиятӣ, ки аз иҷрои оддитарин корҳо оғоз меёбад, шарти зарурии роҳнамоии касбӣ мебошад. Пеш аз ҳама сӯхан дар бораи тарбияи доимии хонандагон дар давоми солҳои

таҳсили мактабӣ меравад, ки дар он тайёрии хонандагонро ба талаботи ҷамъиятӣ дар назар дорад. Аз ин сабаб самти тарбияи хонандагонро бояд ба он равона кунем, ки меҳнат барои ба фоидаи ҷамъият – ин қарзи ахлоқии ҳар як шаҳрванд мебошад. Кори роҳнамоии касбӣ дар фаъолияти амалии муаллими технология чорабинии алоҳида набуда, кори таълимӣ-тарбиявие мебошад, ки барои тайёр намудани хонандагон ба ҳаёти меҳнатӣ ва интихоби бошууронаи касб равона карда шудааст. [6,с 42]

Маҷмӯи донишу малакаҳое, ки муаллими технология ва соҳибкорӣ ба хонандагон медихад бояд барои самаранок пеш бурдани роҳнамоии касбӣ равона карда шуд .

**Донишҳо:** Маҳфуми роҳнамоии касбии хонандагон: моҳият ва методҳои махсуси кори роҳнамоии касбӣ. Аҳамияти меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва истеҳсолии хонандагон дар тайёрии хонандагон бо интихоби касб. Тамоюли асосӣ дар инкишофи хоҷагии халқ. Хусусиятҳо ва талабот ба мутахассисон. Намудҳои асосии муассисаҳои соҳаи саноатӣ ва кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа ва хизматрасонӣ. Намуди муассисаҳои таълимӣ барои тайёрии касбии муассисаҳои соҳаҳои номбурда.

**Таснифи касбҳо.** Маҳфумҳои профессиограмма(касбнома), методҳои омӯзиши шахсият ва муайянкунии касбшоямии хонандагон. Самтҳои асосии кори роҳнамоии касбӣ дар ҷараёни таълими фанни технология. Маҷмӯи касбҳо ва ихтисосҳо, ки бо меҳнати техникӣ, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ алоқаманд мебошад.

**Малака:** Дуруст ташкил намудан ва гузаронидани сӯҳбат оид ба касбҳо, вохӯриҳо, экскурсияҳо, ки бо кори роҳнамоии касбӣ алоқаманд мебошанд. Тартиб додан ва гузаронидани анкетаҳо, тестҳо саволномаҳо, харитаи шавқу ҳавас ва ғайра барои омӯзиши хусусиятҳои синну солии хонандагон бо мақсади роҳнамоии касбӣ.

Тартиб додани варақаҳои профессиографии касбҳои техникӣ, кишоварзӣ ва соҳаҳои хизматрасонӣ. Барқарор намудани алоқаи байни фанни технология ва мавзӯҳои алоҳидаи фанҳои умумитаълимӣ бо мақсади роҳнамоии касбӣ. Амаликунонии роҳнамоии касбӣ дар ҳаммаи дарсҳои таълимӣ бояд ҷиддӣ ба роҳ монда шаванд. [10,с38]

Дар байни фанҳои таълимӣ дар мактаб, барои гузаронидани корҳои роҳнамоии касбӣ фанни технология имкониятҳои васеъро дорад. Қисми назариявии дарсҳои технологияро барои шинос намудани хонандагон ба соҳаҳои хоҷагии халқ ва касбҳои асосии истеҳсолоти моддӣ истифода бурдан мумкин аст. Лекин ин кор танҳо дар ҳамон вақт самаранок мебошад, ки маводҳои роҳнамоии касбӣ бо мавзӯи дарс зич алақаманд бошад. Ахборотҳое, ки дар дарси назариявӣ дода мешаванд, бояд хусусиятҳо, шароити меҳнат, олоту воситаҳои меҳнат ва талаботҳо бо касбҳои гуногунро дар бар гиранд. Ҳангоми иҷрои корҳои амалӣ дар устохонаҳои таълимӣ хонандагон, малакаву ҳунари касбҳои гуногунро аз худ намуда, ба хусусияти касбҳои коргарӣ шинос мешаванд. Корҳои роҳнамои касбӣ дар ҳамон вақт самаранок мешаванд, ки агар хонандагон бо меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ машғул бошанд. [6,с 26]

Моҳият ва таркибияти таълими технология барои мактабҳои шаҳр ва деҳот фарқ дошта барои се зинаи таълим синфҳои 1 - 1V, V – 1X, X – X1 хусусиятҳои худро дорад. Дар синфҳои 1 - 1V, дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) хонандагон:

- маҳсулотҳои оддиро аз коғазу картон, пластилин.

-масолеҳи табии, сим ва матоъ тайёр намуда, растаниҳои хонагиро нигоҳубин менамоянд. Дар синфҳои V1-1X барои фанни технология чор барнома бо самтҳои гуногун пешниҳод карда мешавад,ки онхо чунинанд.

а) Барои мактабҳои шаҳр – «меҳнати техникӣ» ва «хизматрасонӣ».

б) Барои мактабҳои деҳот «меҳнати кишоварзӣ» ва «хизматрасонӣ».

Барои мактабҳои шаҳр, ки дорои минтақаҳои таълимӣ – таҷрибавӣ мебошанд, меҳнати кишоварзӣ – ташкил карда намешавад.

Инчунин вобаста ба шароити мактаб ва ноҳияҳо дар «Барномаҳои такмилдодашуда барои синфҳои 5 – 9 аз фанни технология» - 9 самти таълимӣ пешниҳод карда мешавад.

«Технологияи коркарди дастӣ ва механикии чӯб»

«Технологияи коркарди дастӣ ва механикии фулузот»

«Технологияи коркарди матоъ. Дӯзандагӣ»

«Коркарди масолеҳи хӯрока»

« Қаннодӣ»

«Растанипарварӣ»
«Боғдорӣ»
«Автомобил ва трактор»
«Электротехника»

Дар барномаҳои нав барои гузаронидани корҳои роҳнамоии касбӣ диққати калон дода мешавад. Самаранокии корҳои роҳнамоии касбӣ бештар аз ташкили таълиму тарбияи технологӣ, муносибати коллективи педагогӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба тайёрии технологӣ ва касбӣ, бурдбориҳои меҳнатии хонандагон вобастагӣ дорад. Устохонаи таълимии мактаб барои хонандагон намунаи корхонаи истеҳсолӣ буда, шахсияти муаллими фанни технология ҳамчун муҳандис баҳо дода мешавад. Аз ин сабаб ташкили базаи моддӣ техникии касбии муаллими фанни « технология» аҳамияти калон дорад. Барои баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбияи технологӣ дар барномаҳо ҷалб намудани хонандагон ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ дар маркази диққат меистад, ки ба принсипи дидактикии алоқаи таълим бо меҳнати истеҳсолӣ ҷавобгӯй мебошад. Чуноне, ки олими рус Назимов И.Н қайд мекунад: «Тайёр намудани маҳсулоти фоиданок дар низоми ба истеҳсолот наздик бо истифодаи методҳои баҳодиҳӣ ва ҳавасмандкунии меҳнати хонандагон, иштироки онҳо дар худхизматрасонӣ (рӯбучини бино, таъмири мизу курсиҳо ва асбобҳо), эҷодиёти техникӣ, таҳлили баъзе масъалаҳои иқтисодии меҳнат бо назардошти дарсҳо – ҳамаи ин корҳо барои ташаккули шавқу ҳаваси хонандагон ба касбҳои коргарӣ ва интихоби бошууронаи касбиояндаи онҳо аҳамияти калонро дорад». Дар дарсҳои технология бояд чунин шароит муҳайё карда шавад, ки хонандагон корҳои амалӣ ва хусусияти истеҳсолӣ доштаро иҷро намоянд. Чунин ташкили дарс хонандагонро бо моҳияту шароити меҳнатии як қатор касбҳо ва нишондодҳои технологии мошину таҷҳизотҳо шинос мекунад. Инчунин фанни технология ташаккул додани фаҳмишҳои дуруст ба хонандагон оид ба роҳҳои азхуднамудани касбҳои гуногун истифода бурдан лозим аст. Бештари ҷавонон кӯшиш мекунанд, ки соҳиби маълумоти олӣ шаванд. Бояд ба хонандагон фаҳмонем, ки муҳандис пеш аз ҳама аз коргари оддӣ сар карда то ба коргари баландихтисос тарбия меёбад, баъдан дар истеҳсолот мавқеи худро пайдо кунад ва эҷодкорию навовариҳо ба вуҷуд меоварад. Шинос намудани хонандагон бо хусусиятҳо, шароити меҳнат, олоту воситаҳои меҳнати касбҳои гуногун ва талаботи касбҳо ба шахс, барои интихоби касбиояндаи онҳо, заминаи асосӣ мешавад. Аз ин сабаб дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) бояд ба маълумотдиҳии касбӣ диққати зарурӣ дода шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Алиев С. Психологияи синну солӣ ва омӯзгорӣ.- Душанбе, 2003
2. Вершкова Г.Л., Чистякова С.Н.. Трудовое воспитание и профорентация подростков: М., Знания. 1979г.
3. Воробьёва Т.А. Опыт создания методики профессионального отбора. Советская педагогика. 1978г, с5-6.
4. Вейсбург А.Д.. Школьники выбирают рабочие профессии. М., Знание. 1983г. 156с.
5. Крупская Н.К. О профессиальной орентации школьников. М., Просвещение. 1965г.
6. Карамзин И.В., Сангов Н.Н. Вопросы профессиональной подготовки молёдожи. Душанбе – 1997, 95с.
7. Карамзин И.В., Сангов Н.Н. – Индустриального – педагогическая психология. (1 – 11 части) .Душанбе (1996) –1997г, 126с.
8. Макаренко А.С.. Выбор профессии. Радость творческого труда. Соч. тома 5.7.М., изд –во АПН РСФСР. 1958г.
9. Машварат омили муҳимтарини интихоби касб. Душанбе – 2007. Мураттибон Х. Ғозиев, М. Маҳкамова.Душанбе-2013, 56 с
10. Сангов Н.Н., Ғозиев Х.Р., Алиев А.Ҳ.Роҳнамоии касбӣ (дастури таълимӣ-методӣ) Душанбе-2015, 189с.


## МУАЛЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР АМАЛИШАВИИ КОРҲОИ РОҲНАМОИИ КАСБӢ

*Ба мақолаи «Муаллими фанни технология ва соҳибкорӣ дар амалишавии корҳои роҳнамоии касбӣ » ассистенти кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкорӣ Дустов О.Дж. Дар мақола муаллиф мафҳуми системаи роҳнамоии касбиро ҳамчун асос барои бурдани корҳои роҳнамоии касбӣ дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ шарҳ медиҳад. Дар мақола диққати асосӣ ба фаъолияти муаллими технология ва соҳибкорӣ оид ба амалӣ намудани корҳои роҳнамоии касбӣ равона карда шудааст . Дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дар байни фанҳои таълимӣ, фанни технология имкониятҳои васеъро*

*барои амаликунии корҳои роҳнамоии касбиро бо мактаббачагон, доро мебошад.Қисми назариявии дарси технология барои шинос намудани хонандагон бо соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ва касбҳои истеҳсолот равона карда шудааст. Муаллифи мақола қайд мекунад,ки дарс метавонад самараи баландро диҳад, агар мавзӯи дарс бевосита бо равандҳои истеҳсолӣ алоқаманд бошад. Дар раванди дарси технология омӯзгор хонандагонро бо шароитҳои меҳнатӣ, олоти меҳнат ва талаботҳои асосии касбро ба инсон шинос менамояд. Муаллиф, инчунин қайд мекунад,ки самаранокии гузаронидани корҳои роҳнамоии касбӣ аз ташкили меҳнати муфиди истеҳсолӣ ва базаи моддӣ – техникӣ вобаста мебошад. Муаллиф қайд мекунад,ки самтҳои мазкур вобаста ба баззаи моддӣ-техникӣ ташкил дода мешаванд, хонандагон бо касбҳои гуногун ва хусусиятҳои онҳо шинос мешаванд,ки барои интихоби бошууронаи касб муҳим мебошад. Муаллиф диққати асосиро ба самтҳои тайёрии меҳнатӣ ва технологӣ оид ба коркарди дастии филизот ва масолеҳи чӯбӣ, технологияи коркарди матоъ ва кори дӯзандагӣ, коркарди масолеҳи хӯрока, қаннодӣ, растанипарварӣ, боғдорӣ, автомобил ва трактор, электротехника (техникаи барқӣ) равона мекунад ва онҳоро ҳамчун асоси тайёрии ибтидоии касбӣ ва интихоби бошууронаи касби оянда, шарҳ медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *корҳои роҳнамоии касбӣ, муаллими фанни технология ва соҳибкорӣ, муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, шароити меҳнат, меҳнати техникӣ, хизматрасонӣ, меҳнати хоҷагии қишлоқ, барномаи таълимӣ, дарси технология, интихоби бошууронаи касб, талаботи касб.*

## УЧИТЕЛЬ ТЕХНОЛОГИИ И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ПО ОСУЩЕСТВЛЕНИЮ ПРОФОРИЕНТАЦИОННЫХ РАБОТ

*В статье автор даёт определения системе профориентации как основу для ведения профориентационных работ в средних общеобразовательных учреждениях. В статье особое внимание уделено деятельности учителя технологии и предпринимательства по осуществлению профориентационных работ. В средних общеобразовательных учреждениях среди учебных предметов, предмет технология имеет широкую возможность для осуществления профориентационных работ со школьниками. Теоретическая часть уроков технологии направлено на ознакомление учащихся с основными отраслями народного хозяйства и рабочими профессиями производства. Автор указывает, что урок может дать необходимый эффект когда тематика урока непосредственно связана с производственными процессами. В процессе урока технологии учитель технологии знакомит учащихся с условиями труда, предметами труда и основными требованиями профессии к человеку. Автор также отмечает, что эффективность ведения профессиональной ориентации зависит от организации общественно-производительного труда и материально-технической базы. Автор особое внимание уделяет направлениям трудовой и технологической подготовки по ручной обработке металла и древесины, технология обработки ткани и швейное дело, технология обработки пищевых продуктов, кулинарии, растеневодство, садоводство, автомобилья и тракторов, и электротехники, как основу начальной профессиональной подготовки и сознательного выбора будущей профессии.*

***Ключевые слова:*** *профориентационные работы, учитель технологии и предпринимательства, средние общеобразовательные учреждения, условия труда, технический труд, обслуживание, сельскохозяйственный труд, учебная программа, урок технологии, сознательный выбор профессии, требования профессии*

### TEACHER OF TECHNOLOGY AND ENTREPRENEURSHIP FOR THE IMPLEMENTATION OF VOCATIONAL GUIDANCE

*In the article, the author defines the career guidance system as the basis for conducting career guidance work in secondary educational institutions. The article pays special attention to the activities of the teacher of technology and entrepreneurship in the implementation of career guidance. In secondary educational institutions, among the subjects, the subject of technology has a wide opportunity for the implementation of career guidance work with schoolchildren.The theoretical part of the technology lessons is aimed at familiarizing students with the main sectors of the national economy and working professions of production.*

*The author points out that the lesson can give the desired effect when the subject of the lesson is directly related to production processes. During the technology lesson, the technology teacher introduces students to working conditions, objects of work and the basic requirements of the profession for a person. The author also notes that the effectiveness of vocational guidance depends on the organization of socially productive labor and the material and technical base. The author pays special attention to the areas of labor and technological training in manual processing of metal and wood, textile processing technology and sewing, food processing technology, cooking, crop growing, gardening, automobiles and tractors, and electrical engineering, as the basis for initial vocational training and a conscious choice of the future. professions.*

***Keywords:*** *career guidance, teacher of technology and entrepreneurship, secondary educational institutions, working conditions, technical labor, maintenance, agricultural labor, curriculum, technology lesson, conscious choice of profession, profession requirements*

***Дар бораи муаллиф:***

***Дустов Одина Ҷонмаҳмадович-*** *ассистенти кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

***Сведения об авторе:***

***Дустов Одина Джонмахмадович*** *– ассистент кафедры методики обучения технологии и предпринимательства Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни.*

***About the author:***

***Dustov Odina Dzhonmakhmadovich-*** *assistant of the department of teaching methods of technology and entrepreneurship of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ainy*

**ТДУ 372.854 (07)**

# ТЕХНОЛОГИЯИ «КЕЙС» ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ЭЪҶОДКОРӢ ВА ФАҲМИДАГИРИИ ХОНАНДАГОН

***Чариева С.А., Файзуллоева М.М., Музрапова С.Л. Ахмедова Ф. А***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар замони муосир, ки илм ва техника босуръат тараққий кардаистодааст, талабот ба таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле зиёд шудааст. Яке аз вазифаҳои асосии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин баланд бардоштани сифати таълим, амали гардонидани самтҳои консепсияи тарбия, мустаҳкам намудани алоқамандии таълим бо ҳаёт мебошад. Мақсади таълим дар мактаб ин ба хонандагон додани дониши мукаммал, системанок, чуқур, пухта инчунин ташаккули шахсият, тайёр намудани онҳо ба корҳои эҷодӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва ҳаёти оянда мебошад [1, с.8-13].

Дар шароити имрӯза ҷараёни таълим ва тарзи дуруст ташкил намудани онро бе технологияи нави таълимӣ тасаввур кардан мумкин нест. Яке аз технологияи нави таълим ин кейс технология мебошад. Татбиқи кейс технология дар раванди омӯзиши химияи мактабӣ ва омӯзиши самаранокии он вазифаи асосии татқиқоти мо ба ҳисоб меравад.

Барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ технологияи «кейс» аз фанни химия яке аз методи нав ба шумор меравад. Ин метод дар мактабҳо ҳоло пурра татбиқ нашудааст[2, с. 1]. Технологияи «Кейс» як навъи методҳои таълими муосир буда, дар асоси маълумотҳо, вазъиятҳои проблемавӣ, саволҳо тартиб дода мешавад. Вазифаи ин метод ба қадри хонандаро барои мустақил кор кардан водор намуда барои бороҳҳои гуногун ҳал кардани муаммоҳо имкон медиҳад [4, с.432]. Ҳамин тавр ба худомӯзии хонандагон мусоидат намуда ба талаботи имрӯзаи таълим ҷавоб медиҳад [5, с.172-179]. . Технологияи «кейс» бо роҳҳои гуногун ҳал кардани муаммоҳо (тавассути матн, порча, вазъиятҳои муайян), нигаронда шудааст. Аз ин бармеояд, ки дар аудитория хонандагон тавассути «кейс» муаммои гузошташударо ҳал, муҳокима мекунанд ва худ баҳо медиҳанд. Ин методи таълимӣ дар ибтидои асри XX дар мактаби бизнес (корчаллонӣ)-и Горвард пайдо шудааст. Дар соли 1920 пас аз таҳияи «маҷмӯаи кейсҳо» тамоми сохтори таълимии менеҷмент дар мактаби Горвард бо методикаи «Case study» гузаронида шуд [6]. Дар Русия технологияи кейсро методи таҳлили вазъиятҳои муайян бо масъалаҳои вазъиятӣ (вазъталаб) меноманд. Дар солҳои охир методҳои таълимии «кейс» дар соҳаҳои тиббиёт, ҳуқуқшиносӣ, математика, маданиятшиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт ва таълими бизнес васеъ истифода мешавад.

Технологияи кейс яке аз методҳои таълимии интерфаъол ба ҳисоб меравад Технологияи «кейс» дар худ усул, метод, технологияи таълимро таҷассум мекунад, ки ба ҳалли масъала ва муаммоҳои дақиқ нигаронида шудааст [3, с.68-71]. Ин метод якҷоя амал кардан (ҳамкорӣ кардан)-и ҳамаи таълимгирандагон, ҳамчунин педагогро таъмин месозанд. Ин номи технология аз калимаи лотинии «casus» – ҳолати муғлақ (саргум)-и ғайриоддӣ, ҳамчунин аз англисии «case» – портфел, ҷомадон гирифта шудааст. Баромади истилоҳҳо моҳияти ин технологияро инъикос мекунанд, ки хонандагон аз муаллим коғази ҳуҷҷатҳо (маҷмӯи ҳуҷҷатҳои муайян дар халта ва ё қуттӣ, яъне «кейс»)-ро қабул менамоянд, ки бо ёрии он гоҳо муаммо ва роҳи ҳалли онро муайян мекунанд, агар муаммо муайян бошад, вариант (қарина)-ҳои аз ҳолати мураккаб баромаданро кор карда мебароянд. Технологияи кейсро дар дарсҳои ҷамъиятшиносӣ ва фанҳои дақиқ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Дар раванди таълми химия усулҳои муосири таълим мавқеи муайянро ишғол мекунад. Яке аз намуди беҳтарини он истифодаи таълими проблемавӣ ё ташкил намудани ҳолати проблемавӣ дар дарс мебошад. Омӯзиши проблемавӣ ин хусусияти фарқунандаи дарси муосир буда он воситаи рушди тафаккури эҷодии хонандагон аст. Технологияи «кейс» дорои чунин хусусиятҳо мебошад.

Истифодаи усули кейс дар машғулиятҳои химия бо ду мақсад гузаронида мешавад:

-баланд бардоштани саводи химиявии хонандагон

-ташаккулёбии маҳорат ва малакаҳои фаннӣ

Вобастаи ба ақидаи психологҳо инкишофи зеҳни танҳо дар шароити мушкилотҳои зеҳгӣ имкон дорад. Фикркунӣ ҳар вақт асосан аз вазъияти проблемавӣ бар меояд. Технологияи «кейс» дар асоси ташкил намудани ҳолати проблемавӣ истифода бурда мешавад. Нақшаи гузаронидани дарс бо технологияи «кейс» чунин аст:

Номи предмет;

Пешниҳоди мавзӯъ барои «кейс»;

Мақсади асосӣ аз истифодаи «кейс»;

Натиҷаҳое, ки аз фаъолияти машғулият пешбинӣ мешаванд;

Барои муваффақиятнок гузаронидани «кейс» чӣ гуна донишу малакаҳоро соҳиб будани хонандагон;

Манбаъҳои асосӣ барои гузаронидани он;

Тавсифи «кейс»-и мазкур аз рӯи хусусиятҳои технологии он;

Масъала (вазъият, муаммо)-и барои «кейс» тақдимшаванда;

Роҳҳои ҳалли масъала ва ё муаммои додашуда.

Ташкил намудани вазъияти проблемавӣ тавассути саволу силсила- -саволҳои гуногун. Гуфтан мумкин аст, ки дар мактабҳои миёна тавассути ин навъи дарс ба натиҷаҳои муайян ноил гаштан мумкин аст. Бояд таъкид кард, ки дар шароити имрӯза ташкил ва татбиқи технологияи «кейс» асосан барои фаъолнокии зеҳнӣ, эҷодкории хонандагон пешбинӣ шудааст.

Вобаста ба мақсади омӯхтани самаранокии методи кейс, объект ва мавзӯъи таҳқиқот чунин вазифаҳои таҳқиқот гузошта шудаанд:

- гузаронидани таълими экспериментали хонандагон дар мисоли омӯзиши мавзӯъи спиртҳо бо хонандагони синфи 10

- дар асоси таҳлил муайян кардани самаранокии технологияи кейс

Тадқиқотҳои худро вобаста муайян намудани самаранокии технологияи кейс дар ташаккул додани дониши химиявӣ, маҳорат ва малакаи хонандагон, ҷаҳонбинии илмии онҳо аз химияи органикӣ гузарондем ва натиҷаҳои дар раванди он ба даст овардаамонро санҷидем. Озмоиши педагогӣ дар муассисаи таҳсилотҳои миёнаи умумии №55 шаҳри Душанбе дар синфҳои 10 гузаронида шуд. Дар вақти ташкил кардани озмоиш мо пеш аз ҳама диққати асосиро ба он равона кардем, ки аввал хонандагонро барои гузаронидани таҷрибаҳо тайёр намудан лозим аст. Вобаста ба ин дар оғози кори озмоиши худ барои муайянсозии дараҷаи ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии маводи таълимӣ, малакаи маҳорати онҳо дар хонандагони синфи 10 мо дар оғози соли таҳсил ташхис гузарондем. Ин барои он зарур аст, ки минбаъд ҳангоми банақшагирии кор вобаста ба дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ ва малакаю-маҳорати хонандагон хусусиятҳои психологию педагогӣ ва синну солӣ, инчунин шароитҳои педагогӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Дар раванди ташхис мо сатҳи ташаккулёбии таҳлили назариявӣ, ба мисли моделкунонӣ, амалҳои мантиқӣ, маърифатӣ ва аломатию шартиро таҳқиқ намудем. Дар таҳқиқот 62-нафар хонандагони синфҳои 10 иштирок намудаанд ва ба сифати маҳакҳои нуқтаи аввал сатҳ ва маҳакҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии маводи таълимӣ ва малака ва маҳоратҳои фаннии хонандагон, ки аз тарафи баъзе таҳқиқотчиён пешниҳод гаштаанд, истифода намудем:

**-сатҳи якум-** аз ҳама пасти зоҳиршавии шавқ ба фанни химия, набудани дониши оиди фаъолияти таҳқиқотчигӣ ва ташаккул наёфтани малака ва маҳоратҳои фаннӣ. Хонанда гоҳе ташаббус ва муносибати фавқулодаро дар таҳқиқоти таълимӣ зоҳир менамояд, ягон ақида,

пешниҳод ва фарзияро баён намекунад. Ҳамаи амалҳоро танҳо бо фармоиши омӯзгор ва танҳо дар доираи монандиҳо ба иҷро мерасонад:

**-сатҳи дуюм** –дар ин марҳила хонандагон метавонанд таҳқиқотҳои одии кӯтоҳмуддатро аз рӯи алгоритми муайян бо ёрии калонсолон ба иҷро расонанд, тафаккури эҷодӣ ба андозаи зиёд коҳиш ёфтааст. Омӯзгор дар хонандагон донишҳои асосиро оид ба химия мушиҳида менамояд.

**сатҳи сеюм-** дар хонандагон хоҳиши мустақилона хондани фан пайдо мешавад. Хонандагон бо донишҳои лозима соҳибанд, бо маҳоратҳои гуногун ва малакаҳои ба амалбарории таҳқиқоти таълимӣ шиносанд, қисман имконияти муносибати ғайриқолабиро ба ҳалли масъала намоиш медиҳанд ва хонанда мустақилона натиҷаҳои фаолияти худро пешниҳод созад.

Барои муайян намудани ташаккулёбии малака ва маҳорати фаннии хонандагон чунин усулҳои ташхисӣ, ба мисли мушоҳидаи педагогӣ дар ҷараёни дарсҳои фанҳои гуногун ва дар дарсҳои химия истифода шуданд.

Хулоса карда мешавад, ки ба рафтори хонандагон дар вақти фаъолият ё иҷроиши амалҳои муайян дар ягон ҳолат мушоҳида намуда, чунин маҳакҳоро ба эътибор гирифтан зарур аст:

-маҳорати гузоштани саволҳо

-маҳорати пешниҳод намудани фарзияҳо

-маҳорати муайян намудани проблемаҳо

-маҳорати мушоҳида кардан

-маҳорати хулоса баровардан ва ақидаронӣ

Дар ин ҷо намунаи методикаи омӯзиши дарси химия бо истифодаи технологияи кейс оварда шудааст.

Химияи органикӣ. Синфи 10

Мавзӯъ: Спиртҳо. Спиртҳои якатомаи сер.

**КЕЙС**. *Дар айни замон интихоби антисептикҳо хеле калон аст, антисептикҳо, гелҳо, спрейҳо, салфеткаҳо ва ғайра.. Чунин ба назар мерасад, ки онҳо ба ҳаёти мо сахт ворид шудаанд ва дар ҳама мағозаҳо фурӯхта мешаванд. Пеш аз ҳама, антисептикҳо дар ҷарроҳӣ ҳамчун маводи зиддимикробӣ истифода мешуданд.*

*Дар ҷомеаи имрӯза дар тиб масъалаи таъсирбахш ва фоидаоварии спиртҳо байни духтурон муддати тӯлонӣ мавриди баҳс қарор дорад. Аммо авҷи маъруфияти спиртҳо ба имрӯз рост меояд, ки вируси COVID-19 дар тамоми сайёра паҳн шуд ва Созмони Ҷаҳонии Беҳдошт аз оғози пандемия хабар дод.*

*Тадқиқотҳои антисептикҳо хеле пеш аз фаророрасии сирояти коронавирус гузаронида шуда буданд. Аз ҷумла, мутахассисони университети тиббии префектураи Киотои Япония чунин таҷриба гузарондаанд. Пас аз он ки одамони гирифтори зуком ба кафи худ атса заданд, фавран бо доруи зидди бактериявӣ табобат мекарданд. Ва олимон пас аз чанд дақиқа тафтиш карданд, ки оё вирус дар дасти онҳо боқӣ мемонад ё не. Бисёр антисептикҳо дорои спиртҳо мебошанд. Алкогол зуд хушк мешавад, пӯстро дезинфексия мекунад ва дарҳол бухор мешавад. Бо вуҷуди ин, чунин зарари манфӣ вуҷуд дорад: спирт пӯстро хушк мекунад ва дар натиҷа даст мекафад. Ва ин сабаби пайдоиши воридшавии микробҳо ба организм ва сироятҳои дигар мебошад.*

Вазифа

1.Аз матн муаммои асосиро ёбед?

2.Спиртҳо чӣ хел моддаҳо мебошад ва гомологҳои он(структура, формула, хосияти физикавӣ ва химиявии спиртҳо)

3.Кадом роҳҳои ҳосилкунии спиртҳоро медонед?

4. Спиртҳо дар кӯҷо истифода бурда мешавад?

5. Хавфи заҳролудшавӣ аз спирт дар чист?

6. Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оиди алкоголизм, пешгирӣ ва табобат.

**Мақсади дарс:** Тавсифи умумии спиртҳо, таркиб сохти онҳо. Аҳамияти онҳо барои организми зинда. Ҳосилаҳои карбогидрогенҳо, ки дар молекулаи онҳо як ё якчанд атоми ҳидроген бо гурӯҳи ҳидроксил иваз шудааст, спиртҳо номида мешаванд. Вобаста ба сохти радикали карбоҳидрогенӣ спиртҳо ба сер,носер ва ароматӣ ҷудо мешавад. Вобаста ба миқдори гурӯҳи ҳидроксил дар молекула спиртҳо ба якатома ва бисёратома, вале вобаста ба мавқеи гурӯҳи ҳидроксил дар молекула бошад, онҳо ба спиртҳои якумин, дуюмин ва сеюмин тақсим мешаванд[10, с 150]. Спиртҳо дар тиб ҳамчун маводи безараргардони истифода бурда мешавад.

– хонандагон бояд муаммое, ки оиди спиртҳо мавҷуд аст муайян кунад.

- Аҳамияти спиртҳо барои организми зинда (истифодабарӣ, ҳосилкунӣ ва хосияти химиявӣ ва физикавии онҳо)

-пешниҳоди фарзияҳо.

-муҳокимаронӣ

Барои муайян намудани азхудкунии маводи таълимӣ аз методи тестӣ истифода бурдем, ки намунаи тестҳо дар зер оварда шудааст. Барои ҳар як синф чор варианти тест тартиб додем. Баҳогузорӣ ба таври зерин гузаронда шуд: Агар дар ҷавобҳо якто хато бошад «5» , дуто бошад «4» ва баҳои «3» аз чор зиёд.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи мо нишон медиҳад, ки истифодаи технологияи кейс дар омӯзиши курси химияи мактабӣ хеле самаранок мебошанд.

Баҳои азхудкунии маводи таълимӣ хонандагон дар давраи корҳои озмоишию ҷустуҷӯй дар диаграмма оварда шудааст.

**Диаграммаи 1.** Баҳои азхудкунии маводи таълимӣ хонандагон дар давраи корҳои озмоишию ҷустуҷӯй




Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи мо нишон медиҳад, ки дар натиҷаҳои истифодаи технологияи кейс мо бо муваффақиятҳои зерин ноил мегардем:

-ташаккулёбии саводнокии химиявӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон
- баланд шудани қобилияти азхудкунии маводи таълимӣ
-баланд шудани қобилияти фикронӣ ва эҷодкории хонандагон
- баланд шудани сифати таълим аз фанни химия
- баланд шудани қобилияти ақлонӣ
-миқдори хонандагони сатҳи паст хеле паст мешавад

**АДАБИЁТ**


1. Бандаев С.Г. Роль кейс технологии в формировании химической грамотности учащихся / Бандаев С.Г., Хасенова М.Т.// Вестник педагогического университета .-2018. -№ 5-1(77).-с.8-13
2. Михайлова Е. И. Кейс и кейс-метод: общие понятия // Маркетинг- 1999. № 1. - С. 2.
3. Архипова В.В. Взаимосвязь образовательных информационных технологий/ В.В.Архипова// Открытое образование.2006.-№ 5. С.68-71
4. Фершт Э. Структура и механизм действия ферментов./ Э.Фершт.-Москва, Спб.[и.др.]: Питер, 2014
5. Шимутина,Е.В. Кейс- технологии в учебном процессе/ Е.В. Шимутина // Народное образование.-2009.-№ 2.-с.172-179
6. Метод изучения ситуаций (case study) в образовании: его история и применение — Режим доступа: http://www.elitarium.ru
7. Химияи органикӣ 10, Бандаев С.Г., У.Зубайдов, Сафаров И.


## ТЕХНОЛОГИЯИ «КЕЙС» ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ЭҶОДКОРӢ ВА ФАҲМИДАГИРИИ ХОНАНДАГОН


*Барои муайян намудани самаранокии кейс технология ҳамчун ҳамчун воситаи фаъолгардонии эҷодкорӣ ва фаҳмидагирии хонандагон яке аз технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши спиртҳо таҳқиқот гузаронда шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки барои баланд бардоштани саводнокии химиявӣ, фаъолияти эҷодӣ методи кейс хеле самаранок мебошад. Дар рафти таҳқиқот самаранокии кейс-метод омӯхта шудааст. Дар таҳқиқот хонандагони синфи 10-и МТМУ№ 55 шаҳри Душанбе иштирок кардаанд. Муайян карда шуд, ки барои фаъолгардонии қобилияти эҷодкории хонандагон кейс метод хеле самаранок мебошад. Аз натиҷаҳо бар меояд, ки дар натиҷаи истифода кардани кейс-метод:*

*- баланд шудани савияи саводнокии химиявӣ*
*-баланд шудани дараҷаи аз худ кардани маводи таълимӣ*
*-баланд шудани дараҷаи қобилияти эҷодӣ ва фикронии хонандаҳо*
*-баланд шудани савияи фаъолияти ақлонӣ дар ҷустуҷӯи ҷавобҳо дар рафти дарс*
*-баланд шудани сифат ва нишондиҳандаҳои таълимӣ*
*- ҷаҳонбинии илмии хонандаҳо инкишоф меёбанд*
*- баланд шудани фаолияти зеҳнӣ мушоҳида мешавад*

***Вожаҳои калидӣ:*** *кейс-технология , қобилияти эҷодкорӣ, озмоиши педагогӣ, технологияи инноватсионӣ*

## КЕЙС-ТЕХНОЛОГИЯ КАК СРЕДСТВО СТИМУЛИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ И ПОНИМАНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ХИМИИ


*С целью определения эффективности кейс-технология как средство стимулирования творческих инновационной технология обучения был проведён эксперимент. В ходе эксперимента были выбраны СОШ № 53 города Душанбе. При эксперименте приняли участие учащиеся 10 классов. Эксперимент проводили в естественных условиях учебного процесса. Полученные нами резултаты показали, что при использовании кейс метода:*

*- повышается химическая грамотность учащихся*
*- формируется научное мировоззрение учащихся*
*- повышается степень усвоения учебного материала*
*- повышается уровень творческих, мыслительных способностей*
*- повышается мыслительная деятельность при поиске ответов на вопросы на занятии*
*-повышается успеваемость класса*
*-повышается иннтелуктуальная активность*



***Ключевые слова:*** *кейс-технология, химическая грамотность, педагогический эксперимент, инноватсионная технология*


## CASE TECHNOLOGY IN THE PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY AS A MEANS OF STIMULATING CREATIVITY AND UNDERSTANDING OF STUDENTS


*To determine the effectiveness of the case technology was used as a tool to stimulate creativity and understanding of students as one of the innovative technologies in the study of alcohols. The results of the study showed that the case method is very effective for increasing chemical literacy, creative activity. The effectiveness of the case method was studied during the study. It was found that the case method is very effective in activating the creativity of students. The results show that as a result of using the case-method:*

*- Increasing the level of chemical literacy*
*-increasing the level of mastering educational materials*
*-increasing the level of creative and intellectual abilities of students*
*-Increase the level of intellectual activity in search of answers in the classroom*
*-increasing the level of creative and intellectual abilities of students*
*-Increase the level of intellectual activity in search of answers in the classroom*
*-Improvement of quality and educational indicators*
*- The scientific outlook of students is developing*
*- Increased intellectual activity*
*observed*



***Keywords:*** *case technology, creativity, pedagogical experiment, innovative technolog*



***Сведения об авторах:***

***Чариева Саида Алламуратовна*** *– преподаватель кафедры «Методика преподавания химии», Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.. E-mail: Mokhodinjan@gmail.com*

***Файзуллоева Мукаррама Махмуджоновна*** *– старший преподаватель кафедры «Методика преподавании химии», Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, тел (+992) 918831995*

***Музрапова Саодат Лукмановна*** *– соискатель кафедры «Методика преподавания химии», Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр-т Рудаки, 121.*

***Ахмедова Фариза Аламшоевна*** *– преподаватель кафедры «Методика преподавания химии», Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни.. E-mail: ahmedovafariza64@gmail.com*

***About the authors:***

***Charieva Saida Allamuratovna*** *- PhD in Chemistry.Lecturer at the Medical College of the Rudaki District. E-mail: Mokhodinjan@gmail.com Phone: (+992) 907095575*

***Fayzullaeva Mukarrama Mahmydjonovna*** *- senior lecturer of the Departament of chemistry methodology. Tajik state pedagogical University S.Aini.tel:(992) 91883199*

***Muzrapova Saodat Luqmanova*** *- Applicant for the Department of Methods of Teaching ChemistryTajik State Pedagogical University named after. S. Aini, Phone: (+992) 903040733*

***Ahmedova Fariza Alamshoevna*** *- senior lecturer of the Departament of chemistry methodology. Tajik state pedagogical University S.Aini. tel:(+992)989109301*

# НАҚШИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ

***Баротзода К.А.***
*Донишгоҳидавлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Таҷрибаомӯзии педагогӣ яке аз рукнҳои таълими донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ аз рӯйи барномаи таълимӣ пешбинӣ шуда, дар раванди он самтҳои ташаккул додани касбият, рушди малакаҳои омӯзгорӣ, сифатҳои ботинӣ, азхудкунии технология ва методҳои таълими биология, ба даст овардани таҷрибаи шахсии омӯзгор инкишоф меёбанд.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ муҳимтарин марҳилаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони биология дар шароити воқеии раванди таълим мебошад. Беҳуда нест, ки ба донишҷӯён аз рӯйи натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун мутахассис баҳо дода мешавад, зеро дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамаи дониши қаблан ҳосилшуда вобаста ба фаъолияти касбӣ муттаҳид мегардад.

Дар системаи тайёрии касбии кадрҳои омӯзгорӣ таҷрибаи педагогӣ мавкеи калон дорад. Он як ҷузъи органикии раванди таълим буда, маҷмӯи омодагии назариявии омӯзгорони ояндаро бо фаъолияти амалии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамояд.

Таҷрибаи омӯзгорӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ҷузъи таркибии раванди таълим буда, он ибтидоии фаъолияти касбии донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Таҷрибаи омӯзгорӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба донишгоҳ ҳамчун асос (шартномаи Донишгоҳ ва муассиса) барои гузаронидани таҷрибаи педагогӣ нишон дода шудаанд, амалӣ карда мешавад. Шарт ва мазмуни таҷрибаи омӯзгориро стандартхои давлатии тахсилот, накша ва барномахои таълимии ихтисосҳои «Биология», «Биология-экология» ва «Биология-химия» муайян мекунанд.

Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳасилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилотии олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2017, № 1/16 тасдиқ шуда, тартиби ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии педагогӣ ба танзим медарорад.

Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯён дар ду марҳила сурат мегирад ва он дар давраи таҷрибаомӯзӣ фаъолияти касбии омӯзгор буда, аз ҷиҳати мазмун ва сохтори фаъолияти педагогӣ мувофиқ ба шароити воқеии мактаб ташкил карда мешавад.

Таҷрибаи омӯзгорӣ ба дониши касбӣ асос ёфта, ба асоси муайяни назариявӣ такья мекунад ва дар ҷараёни азхуд намудани фанҳои барномаи таълимии донишгоҳ худомӯзии донишҷуро ба вуҷуд меорад.

Мақсади асосии таҷрибаи омӯзгорӣ аз инҳо иборатанд: таъмин намудани тайёрии касбии мутахассиси салоҳиятноки фанни биология; ташаккули системаи донишҳои касбии донишҷӯёни табиатшинос дар бораи фаъолияти таълимии муаллими фанн ва роҳбари синф; татбиқи низоми кори тарбиявии хонандагон; дониши назариявии гирифташударо амиқ ва мустаҳкам намуда, дар кори таълимӣ ва тарбиявӣ бо истифода аз усулҳое, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро барои иҷрои вазифаҳои роҳбари синф фаъол мегардонанд; тайёрӣ дидан ба дарс [1.2].

Ба вуҷуд овардани фазои тадқиқотӣ дар шароити таҷрибаи омӯзгорӣ фаъолона сурат мегирад. Чунон ки О.Н.Лукашевич қайд намуд, фазои тадқиқотӣ имконпазир аст, бо туфайли:

-таҷрибаи омӯзгорӣ муҳим буда, ба дигар шаклу усулҳои таълим, ки донишҷӯён дар давоми тамоми таҳсил дар донишгоҳ мегиранд, мазмунан алоқаманд мебошад;

-дар шароити воқеии мактаби замонавӣ татбиқи тадқиқоти эчодии хонандагон дар шароити дарси лабораторӣ гузаронидани таҷрибаи педагогӣ имконияти беназир дорад;

-дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ аввалин бор донишҷӯён тарзи таҷрибаро, ки дар давраи таҳсил муқаррар карда шудааст ва минбаъд онро дар фаъолияти касбии онҳо зарур аст, азхуд мекунанд;

-таҷрибаи омӯзгорӣ ба донишҷӯ дар мухити касбӣ иҷтимоишавиро таъмин намуда, тасаввуроти уро дар бораи худ ҳамчун муаллим ташаккул медиҳад .

Вазифаҳои асосии таҷрибаи омӯзгорӣ ҳамчун зинаи пешбарандаи тайёрии касбӣ ва методии муаллими биология аз инҳо иборатанд:

- ҷалби донишҷӯён ба раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ;

-фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодаи эҷодкоронаи дониш ва рушди маҳорату қобилияти касбии донишҷӯён;

- мусоидат ба ташаккули ақидаҳои шахсии донишҷӯён оид ба консепсияҳои муосири таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

-ташаккули қобилияти донишҷӯён барои фаъолияти мустақилона;

дар самти рушд ва худинкишофдиҳии шахсияти хонандагон, омода намудани онҳо барои фаъолияти навоварӣ (инноватсионӣ) дар соҳаи таҳсилот ва дуруст истифода кардани воситаҳои он;

-рушди маҳорат ва малакаи донишҷӯён ҷиҳати татбиқи муваффақонаи раванди таълиму тарбия;

-ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ғоявии донишҷӯён, аз худ намудани шаклҳои маъмули фаъолияти тарбияи ғоявӣ;

- бадастовардани сифатҳои касбии омӯзгори оянда, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд;

- тарбияи муҳаббат ва иззату эҳтироми донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ;

- ба роҳ мондани фаъолияти амалии донишҷӯён, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии онҳо ҷиҳати аз бар намудани усулҳои муосири таълиму тарбия;

- татбиқи амалӣ ва таҳкими донишҳои назариявӣ, ки донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ, тахассусӣ ва равоншиносиву омӯзгорӣ аз худ намудаанд;

- ба роҳ мондани муносибати педагогии донишҷӯён бо хонандагон ва омӯзиши хислатҳои синнусолӣ ва фардии онҳо;

- коркарди муносибати эҷодӣ ва тадқиқотӣ нисбат ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз худ намудани малакаҳои таҳлилӣ ва коркарди натиҷаҳои бадастомада;

-амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявии курси мактабӣ аз фанни биология барои истифодаи ҳаматарафаи онҳо дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ;

- шинос намудани донишҷӯён бо фаъолияти бевоситаи амалӣ, ташаккули малакаҳои касбии онҳо ва ҷорӣ намудани навгониҳо, ки барои татбиқи боэътимоди корҳои таълимӣ, коркарди усулҳои анъанавӣ ва интерактивии таълиму тарбия заруранд;

-таҷрибаи андухтаи коллективи омӯзгории мактабро мушоҳида намуда, аз он натиҷагирӣ карда тавонистан;

- ташаккули таҷрибаи фаъолияти эҷодии омӯзгорӣ, муносибати тадқиқотӣ ба раванди омӯзгорӣ;

- ташаккули маҳорат ва малакаҳои касбӣ, ки барои татбиқи бомуваффақияти раванди таълим заруранд.

Аз ҷониби Б. Райков, В.Ф. Б.В.Всесвятский, К.П.Пинкевич, А.П.Ягодовский, С.П. Беззубова, Л. Виноградова Л.Л. Горбунова, Е.М. Муравёв ва дигарон муносибати тадқиқотӣ, ки дар доираи он пай дар пай шаклгирии маҳорат имконпазир аст, муайян карда шудааст. Асоси фаъолияти тадқиқотии омӯзгори фанни биология ба донишҳо такя мекунад. Омодагӣ ба фаъолияти илмии омӯзгорониояндаи биология дар ин замина ташаккули қобилияти мушоҳида, таҳлили равандҳо ва падидаҳои омӯзгорӣ, гузаронидани таҷрибаи оддии омӯзгорӣ, инчунин қобилияти таҳлил ва баррасии мақолаву китобҳо, кор бо адабиёти илмӣ-методӣ, барои азхуд намудани таҷрибаи пешқадам тайёр будан ва малакаи онҳо истифода бурданро дар бар мегирад. [3.15].

Пас аз омӯхтани равишҳои мухталиф баррасӣ ва гурӯҳбандии малакаҳои тадқиқотии омӯзгорони оянда, метавонем онҳоро ба ҷузъҳои зерин тақсим кунем:

- оперативӣ-гностикӣ, яъне қобилияти таҳияи масъала; пешниҳоди намунаи гипотеза, вазифаҳое, ки барои ба даст овардани натиҷаи интизоршуда равона карда шаванд;

- ташхис: қобилияти таҳлили дараҷаи дониши масъала;

- иттилоотӣ: қобилияти ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ, истифода бурдани китобҳои илмӣ, адабиётҳои маълумотдиҳанда, каталогҳои библиографӣ ва электронӣ; коркарди умумӣ ва ба тартиб даровардани иттилооти гирифташуда; нуқтаҳои назари гуногунро оид ба як масъала муқоиса кардан, таҳияи нақша, тезисҳо, қайдҳо ва ғайра.

- тарҳрезии сохторӣ: қобилияти банақшагирии кор; меъёрҳои муваффақияти онро интихоб намудан; роҳҳои ислоҳи нуқсонҳои ошкоршударо муайян кардан; пешгӯӣ намудан, дар бораи кори анҷом дода ва ҳисобот тартиб додан;

- муошират ва муаррифӣ: малакаҳо, пешниҳоди натиҷаҳои тадқиқот, ташкили ҳамкории гурӯҳӣ ва такмил додани малакаҳо.

Ҳамин тариқ, дар заминаи гурӯҳбандӣ кардани малакаҳои тадқиқотӣ, онҳоро метавон ба чунин гурӯҳҳо тақсим кард: синтезӣ, таҳлилӣ ва таҷрибавӣ.

Малакаи синтезӣ тадқиқоти хусусияти назариявӣ дар асоси омӯзиши донишҳои донишҷӯ барои ба даст овардани донишҳои наве мебошад, ки барои эҷоди назари ҳамаҷониба дар бораи падидаи омӯхташаванда заруранд.

Малакаи таҳлилӣ маҳорати тадқиқотии дорои хусусияти назариявӣ мебошад, ки бо ёрии он падидаи педагогӣ ҳангоми ба унсурҳои таркибӣ тақсим кардан омӯхта мешавад.

Малакаи таҷрибавӣ маҳорати тадқиқотии дорои хусусияти амалист, ки барои таҷриба гузаронидан, падидаи омӯхташавандаро мушоҳида намудан, фаъолияти худро ислоҳ намудан, имкон медиҳад[4.5]..

Ҳангоми омодагӣ ба таҷрибаи омӯзгорӣ дар дарсҳои лабораторӣ оид ба назария ва методикаи таълими биология чунин вазифаҳои дорои хусусияти мустақилдошта амалӣ карда мешавад: нақшаи тадқиқотии дар пешистодаро муҳокима намудан, барои сӯҳбат саволҳо тартиб додан; анкета тартиб додан; барои мушоҳидаҳои инфиродӣ варақаҳо омода кардан; таҳияи супоришҳои тестхо ва ғайра, ки онҳо ба иҷрои супоришҳои синтезӣ ва бо ҳамин роҳ иҷрои супоришҳои таҷрибавии дорои характери тадқиқотидошта равона карда шудаанд.

Дар рафти таҷрибаи педагогӣ донишҷӯён барои иҷрои супоришхое ҷалб карда мешаванд, ки ба ташаккули малакаи таҷрибавии онҳо нигаронида шудаанд. Дар ин ҳолат иҷрои фаъолияти тадқиқотӣ дар сатҳи репродуктивӣ, конструктивӣ ё эҷодӣ бояд ба назар гирифта шавад. Мувофики нақшаи таълимии бакалавр аз руи методикаи таълими биология донишҷӯён дар курсхои 3 ва 4 дар даври якум ва дар курсҳои 4-5 дар даври дуюм (бо таҳсили 4—5 сола) таҷрибаи омӯзгорӣ мегузаранд.

Бинобар ин ба мақсад мувофиқ аст, ки барои иҷрои супоришҳои ҳар як зинаи фаъолияти илмӣ вақти мувофиқ муайян карда шавад: дар ҳафтаи аввали курси 3 (мутаносибан курси 4) донишҷӯён супоришхои дараҷаи репродуктивӣ ва баъд конструктивиро иҷро мекунанд, дар соли 4-ум (соли 5) дараҷаи эҷодии фаъолият иҷро мешавад. Вазифаҳои таҷрибаи омӯзгорӣ метавонанд, чунин бошанд:

Сатҳи репродуктивии фаъолияти тадқиқотиро ташкил медиҳад:

Мушоҳидаи дарс мувофиқи талаботи барномаи таҷрибаомӯзӣ бо мақсади муайян кардани татбиқи принсипи тадбиқи аёният дар таълим;

Мақсади мушоҳидаи дарс бо мақсади муайян кардани таъсиси робитаҳои фаннӣ ;

Имкониятҳои таълимии донишҷӯ барои ташкили бомуваффақияти раванди таълим бо истифода аз супоришҳои назоратӣ ва санҷишӣ ба ҳисоб гирифта мешавад;

Дар синф гузаронидани пурсиш барои муайян кардани шавқу рағбати онҳо ба фанни биология ва ангезаҳои омӯзиши онҳо.

Сатҳи конструктивии фаъолияти тадқиқотӣ иборат аст аз:

Мушоҳида ва муайян намудани сохтори дарс ва интихоби дурусти усулҳои таълим дар дарсҳои минбаъда;

Омӯхтани таҷрибаи омӯзгорони биология дар тартиб додани нақшаи тақвимӣ;

Мушоҳидаи дарс бо мақсади таҳлили самаранокии имконияти омӯзгорон дар баҳодиҳӣ ба дониш, қобилият ва маҳорати хонандагон дар сатҳи эҷодии фаъолияти тадқиқотӣ;

Усулҳои самарабахштарини таълимро барои омӯзиши мавзӯи курси биологияи мактабӣ барои синф тарҳрезӣ кунад ва онро дар амал санҷад.

Маводи таълимии мавзӯи дар китоби дарсӣ тавсифшударо дар ҷанбаи тадқиқотӣ аз нав дида барояд;

Дар рафти таҷрибаи таълимӣ коркарди омодашударо ба таври таҷрибавӣ санҷад;

Натиҷаҳои омӯзишро муқоиса кунад;

Татбиқи вазъияти проблемавӣ дар дарс ҳангоми иҷрои супориши назариявии таҳия шударо таъмин намояд;

Он мулоҳизаҳоро дар хотир нигоҳ дорад, ки ҳангоми таҳияи машқҳои омӯзишӣ истифода мебарад. Ҳангоми таҷриба дурустии онҳоро санҷад;

Пурсиш, мусоҳиба ва таҳлили муқоисавии натиҷаҳо амалӣ гардонда шавад;

Роҳҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти хонандагонро дар синф муайян кунад. Дарсҳои биологияро ба тариқи илмӣ таҳлил намояд;

Сатҳи ташаккули як гурӯҳи муайяни малакаҳоро дар байни хонандагон ошкор кунад ва барои беҳтар кардани раванди таълим тавсияҳо диҳад.

Зимни мушоҳидаи дарсҳо донишҷӯён бо тавсияҳои илмӣ комёбиҳо дар таҷрибаи пешқадами омӯзгорон шинос мешаванд. Таҳлили тахассусии дарс, ки дар асоси дониш ва қонуниятҳои ҷараёни таълим гузаронида мешавад, ба тавсияҳои илмии дарси таҳлилшуда ва баланд шудани маҳорати худи омӯзгор ва хонандагон мусоидат мекунанд[7.8]..

Барои омӯзгорони оянда дар давоми таҷрибаи омӯзгорӣ гузаронидани озмоишҳои методӣ-психологӣ, ки онҳо дар дарсҳои лабораторӣ оид ба назария ва методикаи таълими биология истифода бурда мешаванд, аҳамияти назаррас доранд.

Ҳангоми гузаронидани дарс таҷрибаомӯз нисбат ба дарс шавқ пайдо намуда, дар фаъолияти омӯзишии хонандагон як қатор хусусиятҳоеро мушоҳида менамояд ва ҳангоми дарс онҳоро ба ҳисоб мегирад. Дар ин ҷо баъзе мисолҳоро барои озмоишҳои омӯзгориро пешниҳод менамоем.

Дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ санҷида мешавад, ки дар хонанда қобилияти кор кардан бо китоб ва ба кор бурдани фаъолияти фикрӣ то чи андоза инкишоф ёфтааст. Барои ин аз хонандаи сустхон хоҳиш карда мешавад, ки тақрибан дар давоми 15 дақиқа як сатрро аз

китоби дарсӣ омӯзад. Ин кор бидуни дахолат ба фаъолиятии кори хонанда, мушоҳидаҳо дар бораи ҳамсинфони ӯ хуб ба роҳ монда мешавад. Аз рӯи мушоҳида дар бораи фаъолияти хонанда шиносоӣ пайдо мегардад.

Бо гурӯҳи хонандагони фаъол ва сустхон дар алоҳидагӣ омӯзиши кӯтоҳ гузаронида шуда, онҳо ба иҷрои як намуди машқ даъват карда мешаванд. Дар чунин вазъият таваҷҷуҳи донишомӯзони фаъол суст мешаваду донишҷӯёни сустхон меафзояд. Санҷида мешавад, ки дар вақти ташкили таълими биология натиҷаҳои кори таҷрибавӣ чиро ифода менамояд.

Дар санҷиши 4-5 дақиқа, барои як амал 6-7 тест дохил кунед. Бигзор машқи панҷум барои мавзӯи дигар бошад. Оё хонандагон хато мекунанд? Ҷавобро дар асоси намунаҳои психологӣ шарҳ диҳед. Санҷед, ки дар синфи шумо хонандагон бо чӣ қадар чунин хатогиҳо роҳ доданд. Шумо натиҷаҳои дар фаъолияти методии худ бадастомадаро чӣ гуна баҳодиҳӣ менамоед?

Дар адабиёти методӣ як намуди дигари таҷрибаҳои методиро психологӣ-таҷрибаи машқ оварда шудааст. Инҳо машгулиятхои беруназсинфӣ мебошанд, ки омӯзгор бо мақсади зерин онҳоро мегузаронад: а) пешгӯии назариявиро барои ба мақсад мувофиқ будани истифодаи усули нави таълимро барои худ месанҷад; б) малакаи дар фаъолияти методӣ татбиқи онро пайдо мекунанд. Ҳамаи ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар оянда ба хатогиҳои методӣ роҳ надиҳад ва дарсҳои минбаъдаро дилпурона ва бомуваффақият гузаронад. Омӯзгор метавонад танҳо аз рӯи мавзӯе, ки ҳануз ба хонандагон ошно нест, таҷриба- машқ гузаронда, бо ин восита камбудиҳоеро, ки азхудкунии мавзуро душвор мегардонад, бартараф намояд. Дар вақти кор бо хонандагони сустхон таҷрибаи машқ гузарондан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҳолатҳое, ки мавзӯи нав бояд дар дарс омӯхта шавад, гурӯҳи хонандагон бо он пешакӣ шинос мешаванд. Ин амал имконият медиҳад, дар вақти омӯхтани мавзӯи нав дараҷаи азхудкунии он баланд шуда, хонандагон бевосита дар дарс фаъолтар мегарданд ва барои ҳалли масъалаҳо ва супоришҳо завқ пайдо мекунанд[11-12]..

Ташкилу гузарондани таҷрибаҳои методӣ ва психологӣ, ин диққат додан ба баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор, дар тайёр кардани омӯзгорони ояндаи биология мегардад.

Ҳамин тавр, барои ташаккули маҳорати тадқиқотии донишҷӯён дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ аз натиҷаҳои иҷрои супоришҳои синтетикӣ ва аналитикии дар семинарҳо гирифташударо истифода бурдан лозим аст. Ташаккули малакаҳои касбӣ тавассути ҳалли масъалаҳои мувофиқ ба талаботҳои методӣ ҳангоми таҷрибаи омӯзгорӣ таъмин карда мешавад.

Дуруст, саривақтӣ ва мақсаднок иҷро намудани чунин супоришҳо донишҷӯён-омӯзгорони ояндаро барои бо пеш бурдани корҳои тадқиқоти илмии соҳаи методикаи таълими биология имконият медиҳад.

Иҷрои машқҳоро тавсия менамоем, ки ба иҷрои вазифаҳои тадқиқотӣ равона карда шудаанд.

Вазифаи 1.

Кори омӯзгори биология дар дарс.

Оё омӯзгор синфро роҳбарӣ карда метавонад ? Оё омӯзгор бо синф робита дорад?

Рафтори омӯзгор дар синф: ором, дилпур ва ғ.

Хусусиятхои нутқи омӯзгор: ифоданокӣ, диксия, дастрас будан ба хонандагон, пайдарпайии мантиқӣ ва ғ. Қайдҳо дар тахта (равшан будани қайдҳо, накша ва ҷойгиркунии қайдҳо дар тахта) навишта мешавад.

Қобилияти омӯзгор барои тақсим кардани диққат ва вақти худ бо коллективи синф ё хонандагони алоҳида.

Оё омӯзгор хонандагонро ба дарс ҳавасманд мегардонад, ташаббуси хонандагонро муайян мекунад, хонандагони сустхонро ба иштироки фаъолона ҷалб мекунад, барои ҳамаи хонандагон маводи дарсро фаҳмонида метавонад, аз кадом методҳо истифода мебарад?

Оё аз хонандагон дуруст тартиб додани қоидаҳо, назарияҳо, иҷрои аниқи корҳоро талаб мекунад, оё ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мукаммалро талаб мекунад? Оё сосноккунии дурустии ҷавобҳоро талаб мекунад.

Саволҳои омӯзгор возеҳ, конкретӣ аст? Оё барои фикр кардан дар бораи ҷавобҳо вақт медиҳад?.

Омӯзгор оид ба тарбияи тафаккури биологии хонандагон таваҷҷуҳи доимӣ дорад?

Гузаронидани машқҳои шифоҳӣ.

Нуфузи омӯзгор дар байни хонандагон.

Дар дарс истифода бурдани воситахои техникӣ, воситаҳои аёнӣ, интернет, тахтаи электронӣ, видиороликҳо, кино ва телевизион.

Ташаккул додани малакаи кори мустақилонаи хонандагон дар дарс аз тарафи омӯзгор.

Ташкили кори инфиродӣ аз ҷониби омӯзгор.

Роҳнамоии касб дар дарси биология.

Инкишофи эҷодии хонандагон дар таълими биология.

Вазифаи хонагӣ.

Дар вақти дарс вазифаи хонагӣ санҷида мешавад, ин санҷиш чӣ тавр гузаронда мешавад?

Омӯзгор барои иҷрои вазифаи хонагӣ ба хонандагон аз рӯи мавзӯи омӯхташуда чӣ қадар мавод пешниҳод мекунад:

-оё маводи назариявӣ, супоришҳо, машқҳо дода шудаанд,

-саволҳое , ки заковатро талаб мекунанд, пешниҳод шудаанд.

Кадом супоришҳо дар иҷрои вазифаи хонагӣ барои хонандагон душвориҳои калон ба амал овард ва омӯзгор бо хонандагоне, ки вазифаи хонагиро ичро накардаанд, чӣ тавр рафтор мекунад; омӯзгор хатоҳои дар вақти иҷрои вазифаи хонагиро содиркардаи хонандагонро таҳлил мекунад ё не ва ин дар дарс чӣ тавр иҷро карда мешавад?

Оё вазифаи хонагӣ бо маводи дар синф таълим додашуда алоқаманд аст.

Оё шаклҳои иҷрои супориш гуногунанд (модел тайёр кардан, ҷавоби шифоҳӣ, хаттӣ, таҳлилу баррасии далелу мисолҳо ва ғ.).

Баҳодиҳии вазифаи хонагӣ чӣ тавр аст.

Азхудкунии кори хонагӣ чӣ гуна аст, ҷалб намудани диққати хонандагон барои иҷрои супориш ва шавқу ҳавас пайдо кардан чӣ гуна аст.

Оё барои хонандагони фаъол супоришҳои иловагӣ дода мешаванд.

Ноил шудан ба мақсад:

ташаккули маҳорати илмӣ-тадқиқотӣ дар донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ - дар рафти ҳалли масъалаҳои синтезӣ, таҷрибавию таҳлилӣ амиқтар дарк намудани мазмун ва таркиби фаъолияти методии омӯзгори биология қаноатбахш ҳисобида мешавад, агар ҳавасмандии касбӣ ва инкишофи тафаккури онҳо мушоҳида карда шавад. Натиҷаи ниҳоии раванди ташаккули маҳорати тадқиқотии донишҷӯён дар таҷрибаи омӯзгорӣ анҷом додани кори рисолаи хатм оид ба назария ва методологияи таълими биология мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. / О.А.Абдуллина – М.: «Просвещение», 1984. – 208с.
2. Беленок И.Л. Теоретические основы профессионально-методической подготовки учителя в педвузе: На примере подготовки учителя «физики». / И.Л. Беленок // Диссер. док. пед. наук. – Новосибирск, 2000.
3. Буланова – Топоркова, М.В. Педагогика и психология высшей школы: учебное пособие / М.В. Буланова – Топоркова. – Ростов-на-Дону: Феникс, 2002. -544 с.
4. Вивдич Ф.М. Дидактические условия развития мотивов учебно-исследовательской деятельности студентов. / Ф.М. Вивдич // Дисс. канд. пед. наук. - М., 1985. – 236 с.
5. Выготский Л.С. Педагогическая психология. / Л.С. Выготский - М.: Педагогика, 1991. – 480 с.
6. Вяткин Л. Г. Самостоятельная работа учащихся на уроке. / Л.С. Вяткин - Саратов: Изд-во. Сарат. ун-та. 1978. - 110 с.
7. Гарунов М.Г. Пидкасиситый. Самостоятельная работа студентов. / М.Г. Гарунов - М.: Знание, 1978.
8. Гершунский Б.С. Методологическое знание в педагогике. / Б.С.Гершунский, Н.Д.Никандров-М.: Педагогика, 1986.-110 с.
9. Данилов М. Структурно-системные исследования педагогических явлений и процессов // Советская педагогика. / М. Данилов, В.Малинин – 1971. - №1. – С. 73-75.
10. Загвязинский В.И. Методология и методика дидактического исследования.-М.: Педагогика, 1982.-160 с.
11. Загвязинский В.И. Педагогическое творчество учителя. / В.И. Загвязинский-М.: Педагогика, 1987.-160 с
12. Ковалёв В.П. Теория и практика подготовки учителя к управленческой деятельности / В.П. Ковалёв, Т.Р. Омонова, С.С. Разин. – Чебоксары: ЧГПУ, 2005. – 107 с.
13. Козаков В.А. Теория и методика самостоятельной работы студентов: Дисс. д-ра. пед. наук. Киев, 1991. –445 с.
14. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы системы методической подготовки учителя математики в педвузе: / М.Нугмонов // Монография. – М.: Прометей, 1999. – 237 с.
15. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки: Монография / М. Нугмонов. Душанбе, 2011. – 290 с.


## НАҚШИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ

*Аҳамияти тадқиқот, ин нақши таҷрибаи омӯзгорӣ дар ташаккули фаъолияти омӯзгорони ояндаи биология ва инкишофи таҷрибаи шахсии омӯзгор мебошад.*

*Нақши таҷрибаи омӯзгорӣ дар ташаккули фаъолияти илмӣ ва тайёрии касбии методии омӯзгорони ояндаи биология.*

*Пайдо шудани салоҳиятҳои касбӣ, рушди малакаи омӯзгор, азхудкунии технология ва методҳои таълим зимни таҷрибаи омӯзгорӣ.*

***Калидвожа:*** *таҷрибаомӯзии педагогӣ, омӯзгор, методи таълим, тайёрии касбии омӯзгор, донишҷӯ, дарс, кори мустақилона, муаллими биология.*

**РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОПЫТА В ФОРМИРОВАНИИ НАУЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ БИОЛОГИИ**

*Важность исследования заключается в роли педагогического опыта в формировании деятельности будущих учителей биологии и развитии личного опыта учителя.*

*Роль педагогического опыта в формировании научной деятельности и профессионально-методической подготовки будущих учителей биологии*

*Формирование профессиональных компетенций, развитие педагогического мастерства, освоение технологий и методов обучения в процессе педагогической деятельности*

***Ключевые слова:*** *педагогический опыт, учитель, методика обучения, профессиональная подготовка учителя, ученик, урок, самостоятельная работа, учитель биологии.*

**THE ROLE OF PEDAGOGICAL EXPERIENCE IN SHAPING THE SCIENTIFIC ACTIVITY OF FUTURE BIOLOGY TEACHERS**

*The importance of the study lies in the role of pedagogical experience in shaping the activities of future biology teachers and developing the teacher's personal experience.*

*The role of pedagogical experience in the formation of scientific activity and professional and methodological training of future teachers of biology*

*The formation of professional competencies, the development of pedagogical skills, the development of technologies and teaching methods in the process of pedagogical activity*

***Key words:*** *pedagogical experience, teacher, teaching methodology, professional training of a teacher, student, lesson, independent work, biology teacher.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Баротзода Камолиддин Ашур*** *–номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Суроға 730043 ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ 121, Тел: (+992) 987180562;*

***Сведение об авторе:***

***Баротзода Камолиддин Ашур*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Адрес 730043 ш. г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, тел: (+992) 987180562;*

***About the author:***

***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Address 730043 sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 121, tel: (+992) 987180562;*

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ТАШКИЛИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ДАРСҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

**Боев Ш.Р.**

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар бисёре аз таҳқиқоти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣдар ташкили шароитҳои педагогӣ «маҷмӯи объектҳо (чизҳо, равандҳо, муносибатҳо) барои пайдоиш, мавҷудият ё тағйирёбии ашёҳо ва симои додашуда заруранд».

Олимон ба масъалаи зарурати фароҳам овардани шароити педагогӣ, ки бароиташаккули салоҳиятишахсияти кӯдакмавриди иҷрои бозиҳои дидактикӣ мусоидат мекунанд, ба таври гуногун баррасӣ мекунанд. Г.Кершенштейнер салоҳияти кӯдаконро як раванди стихиявӣ, новобаста аз шароити зиндагӣ, тарбия ва таълим, ки нақши он ба мушоҳидаи кӯдак маҳдуд дониста, кӯшиш кардааст исбот кунад, ки кӯдак, бидуни таъсири мунтазам ва дақиқ. аз сабаби набудани салоҳиятмандӣ, малакаҳои визуалӣ то бадеӣ инкишоф меёбанд.

Пас Константин Николай Вентцел дар асоси таҷрибаи хеши педагогӣ кушиш мекард, ки худро аз «тадбирҳое», ки ташаббусихонандагонро банд мекунанд, озод кунад. Ӯ бачаҳоро бо асарҳои мусиқӣ шинос карда, онҳоро ба эҷод кардан ва иҷро кардани бозиҳои дидактикӣ дар ҳавои садои сурудҳои худ даъват карданро нолозим мешуморид.

Тарафдорони равияи дигар зиндагию санъати атрофро сарчашмаиташаккули салоҳиятҳои онҳо медонистанд.Баин муносибат бароиташаккули салоҳиятҳоихонандагони

хурдсол шароити мувофиқ фароҳам овардан, азхуд намудани таҷрибаи азхудкунии бачаҳо, омӯзонидани усулҳои бозиҳои дидактикӣ зарур ҳисоб менамоянд.

Масъалаи фароҳам овардани шароити педагогӣ бароиташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таҳқиқоти як қатор муаллифон: Н.А.Ветлугина, Т.С.Комарова, И.В.Груздова ва ғайра инъикос ёфтааст.

Н.А.Ветлугина хусусияти марҳилавии пайдоиши принсипи ташаккули салоҳиятро дар фаъолиятиичрои бозиҳои дидактикии мусиқии кӯдакон нишон медодааст.

Дар зери таъсири шавқу ҳаваси маърифатӣ, ки дар муносибати фаъолона мавриди иҷроибозии дидактикӣзоҳир мегардад, салоҳияти кӯдакон ташаккул ёфта, дар ин замина пеш аз ҳама сифати дониш тағйир меёбад - он мукаммалтар, равшантар, хаёлноктар мегардад. Инчунин раванди маърифат бисёр зуҳуроти равонироаз ҷумлаи дарк, таваҷҷӯҳ, хотира. диққат ва тасаввуротро фаъол мекунад. Дар мавҷудияти шавқ кӯдак маводи таълимиро осонтар ва устувортар аз худ мекунад, онро зуд ва образнок такрор мекунад.

Дар ин маврид Н. Ветлугина ба бачаҳо тарзи ҳаракат дар рақс, садои асбоби мусиқӣ, калимаҳо, интонатсияро азхуд меомӯзонанд [1, с.307].

Ба гуфтаи Т.Г. Казакова, — барои фаъол гардондани бачаҳо худи омӯзгор бояд фаъол бошад. Пеш аз ҳама, ба кӯдакон омӯзонидан лозим аст, ки объектҳо ва падидаҳоро фаъолона дарк карда, бештардар ҷараёни дарс усулҳои самарабахшро истифода баранд: бозӣ, унсурҳои бозӣ-драмасозӣ, таҳлил, баҳодиҳии эстетикӣ дар иҷрои бозӣ, намоиши усулҳо, тавзеҳ, саволҳо, истифодаи таҷрибаи шахсии кӯдакон, намоиш додани усулҳои бозӣ аз ҷониби кӯдакон ва омӯзгор.

*Аз*нуқтаи назари Н. Карпинская, — фаъолияти бачагон дар синф ҳар қадар пурзуртар зоҳир шавад, натиҷаҳо ҳамон қадар самарабахштар мешаванд. Муаллиф ба азхудкунии фаъолона ва бошууронаи бачаҳо маводи дар синф пешниҳодшуда, шавқу рағбат ва ҳаракатҳоионҳо аҳамияти калон медиҳад. Дараҷаи фаъолият ва сатҳи шуур аз синну сол ва хусусиятҳои фардии кӯдакони синни ибтидоӣ вобаста аст.

Дар раванди таълими бозиҳоидидактикии мусиқӣ мустақилият дар ҷараёни фаъолияти ташкили бозиҳо, чусту чолокӣ, таасуроти азхудкунӣ, ташаккули зеҳнӣинкишофмеёбад. Дар ин маврид зуҳуроти озодии кӯдак мавриди бозиҳои дидактикӣ бароиташаккули салоҳияти онҳоимкониятҳои васеъ мекушояд. Иҷрои ин вазифа дар сурате имконпазир аст, ки бачаҳо ташаббуси иҷрои бозиҳои дидактикиро аз даст надиҳанд ва дороиқобилияти озодона истифода бурдани маҳорату малакаи дар синф ҳосилшудабошанд. Ташаббуси иҷрои бозиҳои дидактикӣ дар он ифода мешавад, ки кӯдакон тасаввуроти бузургро кашф мекунанд, маҳорати худромавриди иҷрои бозиҳои дидактикӣ татбиқ мекунанд ва ба ҳам мепайвандад, дастурҳои омӯзгорро пурсамар истифода мебаранд, инчунин бозиҳоротакрор намуда ба онҳоҳаракатҳои иловагӣ заммесозанд, андешаҳои худро амалӣ менамоянд. Табиист ки дар раванди таълими бозиҳои дидактикӣ мусиқӣ инкишоф додани мустақилият, ташаббусикӯдаконро нисбат ба иҷрои бозиҳои дидактикӣ ғаннӣ мегардонад;

Фаъолиятибозии дидактикӣяке аз шаклҳои мураккаби фаъолият дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ мебошад. Мураккабии зуҳуроти фаъолияти мустақилонаи бозиҳои дидактикӣдар он аст, ки вай бо ташаббус ва ҳаракати хонандагон ба вуҷуд омада, бо ёрии истифодаи усулҳо ва методҳои педагогии омӯзгор дар ҷараёни таълиму тарбия сурат мегирад. Ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани салоҳияти хонадагон низ ба майлу хоҳиши онҳо ба ифодаи таассуроти худи бачаҳо, ки мавриди муошироти кӯдакон дар раванди иҷрои бозӣ зимниҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба амал меояд аз маҳорати худи хонандагонвобаста аст.

Дар ин маврид на танҳо эҳсосот, балки дараҷаи инкишофи сурудхонӣ, малакаҳои ҳаракати ритмикии мусиқӣ, маҳорати дарк кардани мусиқӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии бачагон дар баланд гардидани таасуроти зеҳнии онҳоаҳамияти калон дорад. Зимни хусусиятҳои фаъоли иҷрои бозиҳои дидактикӣ ҷараёни иҷроиши он аз ҷиҳатитарбияи педагогӣ муайян карда шуда, сифатитаълим ва тарбия дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ муносибати дифференсиалӣ ба таълими инфиродӣ, таълими гурӯҳӣ, инчунин роҳбарии ғайримустақими касбӣ ба ин намуди фаъолият дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдак муайян мегардад. Яке аз хусусиятҳои муҳими ин намуди фаъолият дар он аст, ки шахси калонсол ҳамчун роҳбар баромад карда, манфиатҳои субъективӣ, талаботи бозии дидактикиихонандагонро ба назар гирифта, роҳбарии худро ба тавриташкилкунанда фаъолона, вале бавосита нишон медиҳад.

Ва, ниҳоят, яке аз сабабҳои муҳимтарини интихоби ин ё он намуди фаъолияти бозии дидактикӣ дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ мавҷудиятишароитҳои педагогиюпсихологӣ: асбобҳои мусиқӣ, бозичаҳо, атрибутҳо ва дигар воситаҳои зарурӣ барои рафти иҷрои бозӣ мебошад.

Мехоҳам шартҳои зерини педагогиро барои пайдоиш ва инкишофи фаъолиятибозиҳои дидактикиихонандагони хурдсол қайд намоям:

1. Мавҷудияти қобилият ва маҳорати устувори дарки мусиқӣ, сурудхонӣ, ҳаракатҳои ритмикии мусиқӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии бачагона дар ҷараёни иҷрои бозиҳои дидактикӣ .

Кӯдакон дар дарсҳои мусиқӣ дар мавриди иҷроибозиҳои дидактикӣ миқдори дониш, қобилият ва малакаи намудҳои гуногуни усулҳои фаъолияти мусиқиро меомӯзанд. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки инкишофи фаъолиятизеҳнӣ на танҳо доираи хеле васеи маҳорат ва малака, балки инчунин азхуд намудани усулҳои ба шароити мавҷуд буда гузарондани онҳоро талаб мекунад. Дар дарси мусиқӣ омӯзгорифаннимусиқӣбояд ба ҳалли масъалаҳое, ки ба тарбияи ташаббускорӣ, мустақилият, фаъолиятибачаҳо дар раванди иҷрои бозӣ, ташаккул додани тарзу усулҳои амали мустақилона дар намудҳои гуногуни фаъолияти бозии дидактикии мусиқӣдиққати махсус диҳад.

Фаъолияти бозиҳои дидактикии хонандагони хурдсол аз рӯи як мантиқи муайян инкишоф меёбад: аз амалҳои пешакӣ ба нақша гирифтаи омӯзгор (аз рӯи намоиш ё модели пешниҳодкардаи омӯзгорон), инчунин то ба вуҷуд омадани амалҳои ташаббускорон, (вобаста ба вазъияти ба амал омада), ва ба амалҳое, ки хусусияти импровизатсия доранд, ки дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои бозии дидактикӣ ба вуҷуд меоянд.

Омӯзиши усулҳои амали мустақилона огоҳии хонандаи хурдсол аз вазифаҳои ба ӯ гузошташуда, хоҳиши иҷрои онҳо, ёфтани усулҳои гуногун ва роҳҳои ҳалли онро дар бар мегирад. Ҳар як намуди фаъолияти бозии дидактикии мусиқӣ шеваҳои амали худро дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои инкишофи дарки мусиқӣ ба чунин усулҳои амал: мустақилона шунавонидани асарҳои мусиқӣ, фарқ кардани табиати мусиқӣ дар шакли асари мусиқӣ дар жанрҳои мусиқӣ дар мавриди иҷроишдиққати махсус додан, тавсия карда мешавад. Ташаккул додани шавқу рағбат ба мусиқӣ, ғанӣ гардонидани таассуроти мусиқии кӯдакон, васеъ кардани ҷаҳонбинии мусиқии онҳо, шинос кардани хонандагон бо мусиқии давраҳо ва услубҳои гуногун, ба онҳо омӯзонидани муқоисаи асарҳо ва ёфтани роҳҳои мувофиқи ифодаи таассуроти мусиқии даркшуда дар ҷараёни иҷрои бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ муҳим аст.

Дар лаҳзаи сурудхонӣ мустақилияти бачагон тавассути дарки фаъоли асарҳои овозӣ, муайян кардани характер, табъи онҳо, инчунин қобилияти баён кардан ҳангоми иҷрои бозӣ ва ё ташаккули салоҳияти хонандагони хурдсол зоҳир мегардад. Самаранокии инкишофи фаъолияти мустақилонаи сурудхониро дараҷаи тасвири мусиқӣ ва шунавоии кӯдакон, маҳорати бе мусиқӣ иҷро кардани оҳангҳои сурудҳо, соф интонатӣ ва аз рӯи гӯш интихоб кардани оҳангҳо ва сурудҳои шиносу ношинос, фарқ кардани ҳаракати кӯдак дар ҳавои суруд муайян карда мешавад. Дар дарсҳои мусиқӣ мавриди таҷдиди фаъолияти бозиҳои дидактикӣ бояд ба сурудхонӣ ва дар ҳавои мусиқӣ рақс кардан аз тарафи хонандагони хурдсол аҳамияти калон дода шавад. Зеро маҳз бозиҳои дидактикии мусиқӣ дар чунин шаклҳо бештар ташкил карда мешаванд.

Вазифаҳои бозиҳои дидактикии мусиқӣ марбут ба импровизатсияи суруд бештар ба зуҳури фаъолиятихонандагони хурдсол мусоидат мекунанд. Аллакай дар ҷараёни дарс мавриди таълими дарси суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ онҳо метавонанд оҳангҳои оддиро импровизатсия кунанд, суруди алларозери садои мусиқӣбо бозидани нақши модар ва тифли ӯ иҷро кунанд, ба сурудхонии паррандагон тақлид кунанд. Инчунин ба бозиҳои бачагонаи гулгардонӣ, иҷрои нақши бобои деҳқон зери суруду оҳангҳои марбут ба фаророси наврӯз вабаҳор салоҳияти худро ташаккул диҳанд. Чунки зимни мақсади гузошта дар ҷараёнитаҳқиқот хонандагонихурдсол дар оянда ба матни додаи омӯзгор оҳангҳороимпровизатсия кардатавонанд ё дар жанри муайян ва матни худ мотивҳои соддаи суруд созанд. Дар вақти офаридани импровизатсияи суруд зарур аст, кихонандагонна танҳо ба асарҳои омӯзгоронтаклид кунанд, балки интонатсияҳои асарҳои санъати мусиқиро ҳам мисли меъёрҳои додашуда дар ҳавои мусиқӣмавриди ташаккули салоҳияташон дарк намоянд.

Дар фаъолияти мусиқию ритмикӣ, инкишоф додани ташаббусибозиҳои дидактакӣдар ташаккули салоҳияти хонандагономӯзгорбояд кушиш кунад, ки вазъиятҳое ба вуҷуд оваранд, ки дар он кӯдак на танҳо аз рӯи намоиш ё шаклиҳаракат амал кунад, балки худи тарзи амал ё характери ҳаракатро мувофиқи он пешниҳод намояд. Машқҳои мусиқӣ-ритмикӣ, бозиҳои дидактикии мусиқӣ, рақсҳои характернок, бозиҳои дидактикии мусиқию ритмикӣ дар ташаккули салоҳиятихонандагони синфҳои ибтидоӣ шароити мусоид фароҳам оварда, дараҷаи баланди инкишофи фаъолнокии фаъолияти серҳарактӣ ва қобилияти зеҳнию эҷодиии кӯдаконро таъмин менамоянд.

Бачаҳо маҳорати ибтидоии навохтани асбобҳои мусиқии бачагонаро аз рузҳои аввали таҳсил зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар баробари иҷрои бозиҳои дидактикӣдар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пайдо мекунанд. Одатан, кӯдак таҷрибаи аввалини мусиқии худро ба ҳаёти ҳаррӯза интиқол медиҳад. Кӯдакон усулҳои навохтани асбобҳои мусиқӣ аз ҷумлаи металлофон, ксилофон, фортепиано, флейта, скрипка, ғиджакаа инчунин

асбобҳои миллии мусиқӣ рубоб соз, чанг, доира,таблак,дутор, най ва дигар асбобҳоро азхуд намуда, малакаҳои ҳосилшударо тавассути озмоиш ва хатогӣ дар фаъолияти мустақилонаи азхудкунӣ мустаҳкам мекунанд. Барои он, ки бо гӯш бозӣ карданро ёд гиранд, кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки оҳангҳои ошноро дар ҳаёти ҳаррӯза бигиранд ва гардишҳои оддии ритмӣ ва оҳангиро дарк кунанд. Зеро дар ин маврид сюжетҳои бозӣ аз таҷрибаи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои мусиқӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин тариқ, дар ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ зуҳури мустақилият ва фаъолият бо табиати таълим алоқаманд аст, ки он бояд ба эҷоди вазъиятҳои мушкилот, дарёфт ва таҳияи вариантҳои ҳалли вазифаи муайян аз ҷониби кӯдакон, доштани сюжет-бозии возеҳ равона карда шуда ва мазмуни ба сюжет монандро пайдо кунанд. Дар ин маврид иҷрои бозиидидактикии мусиқӣ ба мо имкон медиҳад, ки кӯдаконро ба худомӯзӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташвиқ кунем, ки онҳоро ба зуҳуроти мустақилият ташаккули салоҳиятдар ҳаёти ҳаррӯза водор мекунад.

2. *Мавҷудияти захираи таассуроти мусиқии дурахшон, эстетикӣ, ки кӯдакон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди бозӣ дар рӯзҳои ҷашн гирифтани идҳо фароғат мегиранд.*

Маълум аст, ки кӯдак дар ҳаёти ҳаррӯза аз намудҳои фаъолияти иҷроиш ва эҷодӣ, ки ба ӯ наздиктаранд, дар зери таассуроти рӯйдодҳои дурахшон ба вуҷуд омада, бо эҳсосоти мусбӣ ранг карда мешаванд, истифода мебарад.

Бозиҳои дидактикии мусиқии ғайриоддӣ таасуроти нави кӯдаконро ғанӣ мегардонад ва муддати тӯлонӣ дар хотир нигоҳ дошта мешаванд, ва инчунин ба ташаккули шавқу рағбат, ниёзҳо, афзалиятҳои мусиқӣ мусоидат мекунад. Ид ба кӯдак таассуроти равшан мегузорад. Таъсири мураккаби ид ва рӯзҳои фароғат - дар маҷмӯи таъсири ҳамзамон мусиқии садонок, муҳити эстетикии объектӣ-фазоӣ, либосҳои рангоранг, боигарӣ ва гуногунии интонатсия, ҳаракат, имову ишора ва ғайра. Бо назардошти қудрати таъсирбахши фароғат, муҳим аст, ки мундариҷаи онҳоро ба нақша гирифта, ба фаъолияти кӯдакон дар ҷараёни бозиҳои дидактикӣ, ки дар шароитҳои гуногунҷабҳа сурат мегиранд, муҳим аст. Азхуд кардани усулҳои амали мустақилонаи хонандагони хурдсол дар ҷараёни бозиҳои дидактикӣ имкон медиҳад, ки хонандагон худро дар дигар шароит ифода намоянд.

Тавсия дода мешавад, ки иҷрои саҳнаҳо дар ҷараёни бозиҳои дидактикӣ аз ҷумлаи рақсу сурудхонӣ, мусобиқа байни гурӯҳҳо, нақшбозӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ, шинохти садои асбобҳои мусиқӣ тибқи бозӣ, иҷрои садои паррандаю дарранда ва ҳайвоноти хонагӣ ва ғайра ба мақсади таҳқиқот ноил мегардонад.

Маънои чунин фаъолият дар табиат импровизатсия дар ҷараёни рафтибозӣ ба шумор меравад, ки омодагии пешакии омӯзгорро талаб мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки вариантҳои гуногуни бозиҳои дидактикии эҷодӣ: бозии театрӣ, режиссёрӣ, импровизатсионӣ, тақлидӣ, рамзӣва рақобатии самти бадеӣ дохил карда шаванд. Шарти муҳими омода кардани чорабинии идона бевосита аз ҷониби кӯдакон роҳнамоӣ кардани он мебошад: фикр кардан дар бораи ороиши саҳна, омода кардани атрибутҳо, ороишҳо, фикр кардани роҳҳои ташкили иштирокчиёни ҷашн, тақсим кардани нақшҳо ва ғайра.

3. Ташкили муҳити субъектӣ-фазоӣ.

Муҳити субъектӣ-фазоӣ воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти бизии дидактикии мусиқии кӯдакон мебошад. Интихоби асбобҳои мусиқӣ, бозичаҳо, дастурҳо ва дастгоҳҳо барои ҳар як гурӯҳ бо назардошти хусусиятҳои синну соли кӯдакон, ҷойгиркунии мувофиқи онҳо, басомади ҷорӣ кардани онҳо муҳити зарурии объективии инкишофро фароҳам меорад, ки кӯдакро ба амалҳои мустақилонаи бозӣ ташвиқ намуда, шавқу рағбатро ба фаъолияти мустақилона ҷалб мекунад.Мазмуни муҳити фаннӣ-фазоӣ дар таълими мусиқӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Онҳо ба хусусияти худи фаъолияти мусиқӣ, хусусияти садозании он ва гуногунии роҳҳои имконпазири фаъолият: сурудхонӣ, шунавонидани мусиқӣ, ҳаракат, навохтани асбобҳо, театркунонӣ, драматизатсия вобастаанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки кӯдакон бо таҷҳизоте, ки мундариҷаи он гуногунанд бештар ҷалб карда шаванд.

Тамоми дастуру таҷҳизотҳоро ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст: 1) иштироки омӯзгорро тақозо мекунанд (асбобҳои аудиовизуалӣ, экран, ҷадвал, макет ва ғайра); 2) дастурҳое, ки дар онҳо кӯдак мустақилона роҳнамоӣ карда мешавад (асбобҳои мусиқӣ, унсурҳои либос, бозичаҳои бадеӣ, атрибутҳо, бозиҳои мусиқию дидактикӣ ва ғайра).

Умуман, тарҳрезии муҳити субъектӣ-фазоӣ бояд имкони табдилдиҳӣ, тағйирпазирии истифода ва табдили фаъоли онро аз ҷониби худи кӯдакон таъмин намояд. Фазо ва ё дохилие, ки барои фаъолияти фаъоли бозиҳои дидактикии хонандагон дар ташаккули салоҳияти онҳо сохта шудааст, бояд намуди ҷолиб, ҳалли бадеию образнок дошта бошад, сюжет ва бозӣ, характери фароғатӣ дошта бошад ва барои ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ қулай бошад.

4. *Роҳбарии ғайримустақими омӯзгор.*

Фаъолияти бозиҳои дидактикии фаъол бо ташаббуси кӯдакон ба вуҷуд меояд, аммо он аз ҷиҳати педагогӣ шартӣ буда, роҳнамоии ғайримустақимро аз омӯзгор талаб мекунад.

Омӯзгор дар гурӯҳ вазъияти ҷустуҷӯиро ба вуҷуд меорад, ки хонандагонро ба ҷараёни фаъолияти бозиҳои дидактикӣ водор месозад (сохтори муҳити фаннӣ-фазоиро тағйир медиҳад, кӯдаконро мавриди иҷрои бозиҳои дидактикӣҳавасманд мекунад,таҷрибаи кӯдаконро бо таассуроти нави бадеӣ бой мегардонад, ҷараёни фаъолияти мустакилонаибозироба танзим медарорад) .

5. *Хусусияти репертуари мусиқӣ.*

Маводи мусиқӣ (сурудҳо, рақсҳо, асарҳои мусиқӣ барои гӯш кардан), ки кӯдак дар дарси мусиқӣ меомӯзад, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- завқи бадеии баланд, конеъ гардондани талаботи кӯдак ба дониши фарҳангӣ ва арзишнок;
- ба имкониятҳои синну соли инкишофи эмотсионалӣва зеҳнии кӯдакон мувофиқат кунад;
- бо ифоданокӣ, бадеии худ мафтун карда, шавқу рағбати хонандагони синфҳои ибтидоиро бедор кунанд;
- бозиҳои дидактикиеродар бар гиранд, ки такроримустаъқилонаи онҳо барои кӯдакони синну соли муайян душвор набошад;
- мусиқиеродар бар гиранд, ки имкони ба вуҷуд овардани бозии дидактикӣ, драматизатсияи онҳо дар ҳаракатҳо, намоишҳои театрӣ, нақшбозӣ ва ғайраро доранд.

6. *Интегратсияи ҳама намудҳои фаъолияти санъат.*

Ҳангоми ташкили раванди тарбияи педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои суруд вамусиқӣ дар кӯдакон натанҳо шаклҳои мушаххас, инчунин усулҳои умумии зуҳуроти бозиҳои дидактикӣ дар намудҳои бадеӣ ва эстетикии фаъолият - тасвирӣ, бадеӣ ва нутқ, театрӣ, нақшбозӣташаккул додан муҳим аст. Чунин синтези намудҳои фаъолияти бадеӣнатанҳо нишондиҳандаи самараи кори тарбиявии коллективи педагогӣ, балки дараҷаи баланди инкишофи умумии бачагонҳам шуда метавонад. Муҳитииҷрои бозиҳои дидактикӣ дар коллективи кӯдакон барои ташаккули маҳорати ташкилотчигии хонандагон имконият фароҳам оварда, барои зуҳури ташаббуси дар ташаккули салоҳияти хонандагон, мустақилияти эҷодӣ, инкишофи қобилияти таҳқиқотӣ шароит фароҳам оварда, фаъолияти бозиҳои дидактикӣ, истеҳсолиро фаъол мегардонад [4, с. 15-23].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили адабиёти педагогӣ ман ҳамчун таҳқиқотчӣ шартҳои зерини педагогии баланд бардоштани фаъолияти бозиҳои дидактикиро бо иштироки хонандагони синни хурдро дар дарсҳои суруд вамусиқӣ муайян намудам:

-омӯзгор барои ба ҷустуҷӯи вариантҳои ҳалли вазифаи муайян мавриди водор намудани бачаҳо вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд меоварад;

-захираи таассуроти мусиқии аз ҷиҳати эстетикии рангоранг, ки кӯдакон дар дарсҳоисуруд ва мусиқӣтибқибозиҳои дидактикӣ, идҳо ва фароғатҳо гирифтаанд;

-ташкили муҳити субъектӣ-фазоӣ; роҳбарии бавоситаи тарбиятгиранда ва ғайра.


**АДАБИЁТ**

1. Ветлугина, Н. Рушди мусиқии кӯдак / Н.А. Ветлугин. - Москва, -1967 .-- 415с.
2. Зимин, А.Н. Асосҳои таълими мусиқӣ ва рушди кӯдакони хурдсол / А.Н. Зимин. - Москва, -2000 .-- 304с.
3. Валлон, А. Инкишофи психологии шахсият. / А.Воллон. - Москва, -1987.- 196с.
4. Михайлов, З. Бозии вазифаҳои фароғатӣ барои мактаббачагон. / PER. Михайлов. – Москва,- 1981.- 172с.
5. Радынова, О.П. Рушди мусиқии кӯдакон / О.Р. Радынов. - Москва, -1997 .-- 608с.
6. Раицева, Т.Е. Бозии мусиқӣ ва дидактикӣ дар мактаб / Т.Е.Раицева // Мактаби ибтидоӣ ва таълими муосири муаллимон. - Владикавказ, -2002. — С.46-52.
7. Раицева, Т.Е. Бозии мусиқӣ ва дидактикӣ дар мактаб / Т.Е.Раицева // Мактаби ибтидоӣ ва таълими муосири муаллимон. - Владикавказ, -2002. — С.46-52.
8. Раицева, Т.Е. Бозии мусиқӣ ва дидактикӣ дар мактаб / Т.Е.Раицева // Мактаби ибтидоӣ ва таълими муосири муаллимон. - Владикавказ, -2002. — С.46-52.
9. Усова, А.П. Нақши бозӣ дар тарбияи кӯдакон / Усова А. – Москва,-1976.


## ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ТАШКИЛИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ДАРСҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ


*Мақолаи мазкур дар масъалаи Шароитҳои педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣҳарф мезанад. Дар ин масъала муносибат, ба низом даровардани падидаҳои психологию педагогӣ, эҳтиёҷот, мотивҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо, фаъолиятҳо ҳамчун асоси ташаккули таҷриба, эҷодкорӣ ва рафтори хонандагонисинфҳои ибтидоӣ, инчунин ташкили фаъолияти дохилии ӯ (хоҳиши дарк кардани он) инъикос ёфтааст.*



***Калидвожаҳо:*** *эҳтиёҷот, салоҳият мотивҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо,фаъолияти эстетикӣ ороиши бадеӣ,бозиҳои дидактикӣ.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ПРИ ОРГАНИЗАЦИИ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ПЕНИЮ И МУЗЫКЕ НА УРОКАХ


*В данной статье рассматривается вопрос о педагогических условиях формирования способностей учащихся начальных классов при организации дидактических игр в процессе обучения пению и музыке на уроках.*

*В этом вопросе актуальна систематизация психолого-педагогических явлений, потребностей, мотивов, целей, интересов, деятельности как основы формирования опыта, творчества и поведения младших школьников, а так же организация его внутренней деятельности(стремление понять это).*



***Ключевые слова:*** *потребности, компетенции, мотивы, эстетическая деятельность художественного оформления, дидактические игры.*


## PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR DEVELOPING THE ABILITIES OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN THE ORGANIZATION OF DIDACTIC GAMES IN THE PROCESS OF TEACHING SINGING AND MUSIC IN THE LESSONS


*This article discusses the issue of pedagogical conditions for the formation of the abilities of primary school students in the organization of didactic games in the process of teaching singing and music in the classroom.*

*In this issue, the systematization of psychological and pedagogical phenomena, needs, motives, goals, interests, activities as the basis for the formation of experience, creativity and behavior of younger students, as well as the organization of its internal activities (the desire to understand this) is relevant.*



***Key words:*** *needs, competencies, motives, aesthetic activity of decoration, didactic games.*



***Маълумотдарбораимуаллиф.***

***Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич*** *– мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултаи педагогикаиДонишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи С. Айнӣ. Тел (+992) 909934241*

***Сведения об авторе***

***Боев Шахобиддин Раджабалиевич*** *– заведушей кафедры теории и методики музыкально-художественного образования педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел (+992) 909934241*

***About the authors:***

***Boev Shahobiddin Rajabalievich*** *- Senior Lecturer, Department of Theory and Methods of Music and Art Education, Pedagogical Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel (+992) 909934241*


## ШИНОС КАРДАНИ ХОНАНДАГОН БА ОФАТИ ТАБИИИ «ЛАҒЖИШИ ЗАМИН (ЯРЧ)» ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ҚУВВАҲОИ СОИШ» ДАР СИНФИ Х


***Мирзоев А.М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*


Дар тадқиқоти муҳаққиқон С.Д. Абдурахманов [1], В.Л. Булат [5], А.Г. Бычук [6], А. Ильин [7], Н. Қодиров ва Р. Ибрагимова [6], Ф.В. Рабиза [14], Г. Райхардт [15], Л.Л. Сикорук [18], Л.В. Тарасов [19] ва дигарон масоили шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо инъикос ёфтаанд. Доир ба проблемаи тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.Б. Тоҳирова [26], А.М. Мирзоев ва У.С. Умаров [9], А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров, [10, 11, 12, 13], У.С. Умаров [22], У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова [3, 4, 23, 24], У.С. Умаров, Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.Х. Раҷабов [25] ва дигарон тадқиқот бурда, мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд. Аз ҷумла дар мақолаи мо [9] имкониятҳои барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба шинос кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо маълумот гирд оварда шудааст. Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқотҳо доир ба шинос кардани хонандагон ба масоили офатҳои табиӣ ва роҳҳоӣ паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши физика маълумот пешниҳод гардидааст.

Бо назардошти он ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиатанд, бинобар ин ҳангоми таълими курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо муфиду осон аст. Барои паст кардани хатари офатҳои табиӣ донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо зарур аст. Дар курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии бошад, сабабҳои ба амал омадани аксари офатҳои табиӣ омӯхта мешаванд. Аз тарафи дигар, шинос намудани хонандагон бо роҳҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ баҳри тарбияи экологии эшон мусоидат мекунад.

Баҳри амалӣ гардонидани фикрҳои боло барномаи таълими физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [2] имконияти хуб медиҳад. Самаранок истифода бурдани он ба маҳорат ва қобилияти эҷодии омӯзгор вобаста аст. Акнун дар мисолҳои мушаххас нишон медеҳем,ки дар дарсҳои физика хонандагонро ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо чи тавр шинос кардад имконпазираст.

Масалан, омӯзиши мавзӯи «Қувваҳои соиш»-ро (синфи X) дар робита бо офати табиии «лағжиши замин (ярч)» ба тариқи зайл тавсия медиҳем.

**Мақсади дарс:** ташаккули мафҳуми қувваи соиш; нишон додани сабабҳои пайдоиши соиш; муқоисаи қувваи соиш бо қувваҳои дигар; шарҳи мафҳуми соиши лағжиш, ғелиш ва оромӣ; нишон додани аҳамияти соиш дар табиат ва техника, ташаккули маҳорат ва малакаҳои татбиқи донишҳо дар шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ва техника; ташаккули қобилиятҳои мушоҳидакорӣ; бодиққатӣ ва навҷӯйӣ, тавассути омӯхтани мавзӯъ шинос кардани хонандагон бо офати табии лағжиши замин, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои паст кардани хатари ин офат.

**Мақсадҳои мушаххас.** То интиҳои дарс хонандагон метавонанд:

- сабабҳои пайдоиши соишро муайян намоянд;
- формулаи қувваи соишро нависанд ва шарҳ диҳанд:
- қувваи соишро бо қувваҳои дигар муқоиса кунанд;
- аҳамият ва зарари соишро дар табиат ва техника нишон диҳанд;
- соишро бо офати табиии лағжиши замин алоқаманд кунанд:
- сабабҳои ба амалоии лағжиши заминро шарҳ диҳанд;

**Воситаҳои аёнӣ:** китоби дарсии Физика-10 [16]; овезаҳо [21]; як миқдор қум; шишаи тирезаи андозаҳояш 20х30 см; қутии гӯгирд, ки тамсилаи хона аст; зарфи (баклашкаи) обдори 0,5 литра; пораи лавҳаи полиэтилении рангаш сиёҳ (борхалтаи полиэтилении кӯҳнаро истифода кардан мумкин), ки сӯрохиҳои хурд дорад; лавҳаи полиэтилении яклухт; вараҷи қоғаз.

**Донишҳои зарурӣ:** мафҳумҳои қувва, қувваи соиш, соиши лағжиш, соиши ғелиш, соиши оромӣ, ҳамвории моил, кунҷи моилӣ, коэффитсиенти соиш, вазни ҷисм, намнокӣ, мушоҳидаи хонандагон аз муҳити зист.

**Санҷиши дониш:** пурсиши умумии мавзӯи «Қувваҳои чандирӣ» [16, §16], санҷидани натиҷаи ҳалли масъалаи 6-и машқи 10, [16, с. 45].

***Водоркунӣ***

**Мазмуни мавзӯи дарс:** дар ибтидои дарс омӯзгор ба донишҳои хонандагон доир ба мавзӯи қувваҳои соиш аз курси физикаи синфи 7 такя намуда, дар муддати хеле кӯтоҳ бо истифода аз расмҳои 35 (а, б, в) ва 36-и китоби дарсӣ [16, с. 45] мавзӯъро мефаҳмонад.

Пас аз ин барои алоқаманд намудани мавзӯи мазкур бо офати табиии лағжиши замин (ярч) ва роҳҳои паст кардани хатари ин офат ба хонандагон ҳалли масъалаи зеринро пешниҳод менамояд.

***Саволгузорӣ тавассути ҳал кардани масъала +қайди ҷавобҳои ҷолиб дар тахта*** бо мақсади ҷалби диққат ва мустаҳкамкунии донишҳо.

**Масъала.** Сабаб чист, ки роҳи хокӣ баъди борон хеле лағжонак мешавад? [20]

**Ҳал.** Об дар сатҳи замин ҳамчун равғанмолӣ хизмат мекунад ва аз ин рӯ, коэффитсиенти соиш кам мешавад. Кам шудани коэффитсиенти соиш боиси лағжонак шудани роҳи хокӣ мегардад.

Пас аз ҳалли масъалаи мазкур омӯзгор ба хонандагон чунин нақл мекунад.

***Даркнамоӣ***

***Минилексия.***

**Омузгор.** Теппаҳои хокӣ, ки дар наздикии канал ё дарёҳо воқеъанд (ва ё ҳангоми боронҳои дарозмуддат), тавассути ҳодисаи капиллярӣ намии (оби) зиёдро ба худ ҷаббида мегиранд. Дар натиҷа теппаи хокӣ аз ҳад зиёд тар ва хоки он лағжонак шуда, коэффитсиенти соиш кам мешаваду массаи хеле зиёди лой лағжида ба поён ҳаракат мекунад. Ин боиси лағжиши замин (ярч) мегардад [25].

Пас аз нақл омӯзгор бо мақсади ошкор кардани фикру андешаҳои хонандагон оид ба лағжиши замин (ярч) чунин саволҳо пешниҳод менамояд:

**Омӯзгор.** Оё Шумо чунин ҳодисаро дар маҳалли зистатон мушоҳида намудаед?

**Хонандаи 1.** Баҳорон ҳангоми боронҳои пай дар пай ман мушоҳида намудам, ки аз теппаи хокии поёни деҳа як қисми он лағжида поён рафтааст.

**Хонандаи 2.** Аз болои замини корами мо, ки дар теппаи хокӣ воқеъ аст, ҷӯйи об мегузарад. Охирҳои фасли тобистон ман мушоҳида намудам, ки як қисми замини мо лағжида поён рафтааст. Ман акнун сабаби инро фаҳмидам.

**Хонандаи 3. Омӯзгор**, ба фикри ман лағжиши замин, ки дар мавзеи Шарора (соли 1989) ба амал омада буд, сабабаш он будааст, ки аз болои теппаи хокии болои деҳа канали об мегузаштааст.

**Омӯзгор.** Фикру андешаҳои хонандагонро тақвият дода, ба онҳо пешниҳод менамояд, ки биёед акнун ҳамин ҳодисаро мушоҳида менамоем.

**Озмоиши 1. Омӯзгор** бо ёрии яке аз хонандагон каме хокро гирифта, ба он об рехта лойи суст тайёр менамояд. сипас лойи сустро ба болои шишаи нисбат ба ҳамвории мизи намоишӣ моил гузошташуда, мегузорад ва диққати хонандагонро барои мушоҳида намудан, ҷалб мекунад.

Хонандагон мушоҳида менамоянд, ки лойи суст аз рӯйи шиша лағжида ба поён ба рӯйи селофани дар сатҳи миз паҳн кардашуда ҳаракат мекунад.

Аз мушоҳидаи таҷрибаи мазкур хонандагон ба хулосае меоянд, ки дар ҳақиқат яке аз сабабҳои ба амал омадани лағжиши замин (ярч) ин аз ҳад зиёд тар будани хок, яъне хурд будани коэффитсиенти соиш будааст.

Ин ҷо омӯзгор тавассути сӯҳбат бо ёрии хонандагон роҳҳои паст кардани хатари чунин офатро ошкор менамояд. Аз сӯҳбат хонандагон ба хулосае меоянд, ки роҳҳои паст кардани хатари чунин офат инҳоянд:

- ✓ дар наздикии теппаҳои хокӣ насохтани хонаҳои истиқоматӣ;
- ✓ аз болои теппаҳои хокӣ нагузаронидани каналу ҷӯйборҳо;
- ✓ дар сатҳи поёнии теппаҳои хокӣ кофтани ҷӯйӯ захбӯрҳо;
- ✓ ба боғи дарахтзор табдил додани теппаҳои хокӣ, яъне дар теппаҳои хокӣ шинондани дарахтҳо.

Ин ҷо омӯзгор қайд мекунад, ки мо бо яке аз сабабҳои лағжиши замин (ярч) ва бо баъзе роҳҳои паст кардани хатари ин офат шинос шудем ва хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо намуда, иҷро кардани чунин озмоишҳоеро пешниҳод мекунад, ки лағжиши замин (ярч)-ро таҷассум намуда, сабабҳои пайдоиши дигар дошта, ба мавзӯъ алоқамандaнд.

**Кори гурӯҳӣ.**

**Гурӯҳи 1. Озмоиши 2.** Хоки нимтарро (на он қадар тарро) ба болои шишаи тиреза гузошта, онро оҳиста фишор диҳед. Як тарафи шишаро чунон моил кунед, ки кунҷи моилии он бо ҳамвории мизи намоишӣ 70-80$^0$ –ро ташкил намояд. Дар ин маврид хоки нимтар намелағжад. Пас аз ин бо мушт ба сатҳи миз сахт зарба занед. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Озмоиши 3.** Хоки нимтарро (на он қадар тарро) ба болои лавҳаи фанерӣ гузошта, онро оҳиста фишор диҳед. Як тарафи лавҳаро чунон моил кунед, ки кунҷи моилии он бо ҳамвории мизи намоишӣ 70-80$^0$ –ро ташкил намояд. Дар ин маврид хоки нимтар намелағжад. Пас аз ин бо мушт ба сатҳи миз сахт зарба занед. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Озмоиши 4.** Ба рӯйи шишаи дар ҳамвории сатҳи мизи намоишӣ гузошташуда, як миқдор қуми хушк резед. Як тарафи шишаро мунтазам ба боло бардоред. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4. Озмоиши 5.** Ба рӯйи лавҳаи фанерии дар ҳамвории сатҳи мизи намоишӣ гузошташуда, як миқдор қуми хушк резед. Як тарафи лавҳаро мунтазам ба боло бардоред. Чиро мушоҳида кардед? Онро шарҳ диҳед.

Аз намоиши озмоишҳои мазкур хонандагон ба хулосае меоянд, ки сабабҳои дигари ба амал омадани лағжиши замин (ярч) сахт такон хӯрдани замин ё зилзила ва аз ҳад зиёд будани нишебии теппаҳои хокӣ будааст.

***Минилексия.***

Ин ҷо омӯзгорро зарур аст, ки чунин далелро ба хонандагон фаҳмонад:

Лағжиши замин (ярч) –ро шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

- ✓ хеле хурд (ҳаҷмаш аз 5 $м^3$ камтар);
- ✓ хурд (ҳаҷмаш 5-50 $м^3$);
- ✓ миёна (ҳаҷмаш 50-1000 $м^3$);
- ✓ бузург (ҳаҷмаш аз 1000 $м^3$ зиёд) [25].

***Мулоҳизаронӣ***

**Ҷамъбасти дарс.** Омӯзгор ба донишҳои азхуднамудаи хонандагон такя намуда, барои ҷамъбаст кардани дарс дар тахтаи синф чунин нақшаро тасвир мекунад ва аз онҳо хоҳиш менамояд, ки онро пур кунанд (хонандагон метавонанд дар нақша тағйирот ворид намоянд).



## Ҷавоби нақша

**Сабабҳои ба амал омадан**

1. Аз ҳад зиёд тар будани хоки теппаи хокӣ, дар натиҷаи боришоти дарозмуддати пай дар пай.
2. Хурд будани коэффитсиенти соиш.
3. Калон будани кунҷи нишебӣ.
4. Такони замин (зилзила).
5. Суст шудани мустаҳкамии ҷинсҳои кӯҳӣ дар натиҷаи шамолбарӣ ва шусташавӣ.
6. Дар таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ зиёд мавҷуд будани гил.
7. Табдилёбии ҷиснҳои кӯҳии тарнашаванда ба ҷинсҳои таршаванда.
8. Буридани ҷангалзор ва буттаҳо аз теппаҳои хокӣ.
9. Гузаронидани корҳои таркишӣ.
10. Шудгор кардани теппаҳои хокӣ ва аз меъёр зиёд объёрӣ кардани он.
11. Вайрон кардани теппаи хокӣ бо кандани хандакҳо.
12. Пур шудани заҳбурҳои дар поёни теппаҳои хокӣ кандашуда.
13. Сохтани хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти саноатӣ дар теппаҳои хокӣ, ки ба вайроншавии теппаҳо ва калон шудани қувваи вазнинӣ мусоидат менамояд.

**Роҳҳои паст кардани хатари он**

1. Дар теппаҳои хокӣ шинондани дарахтҳои бемева, вале сахту мустаҳками ба камобӣ тобовар.
2. Тоза кардани (ё кандани) ҷӯйу заҳбӯри дар поёни теппаи хокӣ воқеъбуда.
3. Дар теппаҳои хокӣ нагузаронидани корҳои таркишӣ.
4. Набуридани ҷангалзор ва буттаҳои теппаҳои хокӣ.
5. Ба қоидаҳои агротехникии шудгоркунӣ ва объёрии теппаҳои хокӣ риоя кардан.
6. Дар теппаҳои хокӣ накандани хандакҳо.
7. Насохтани хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти саноатӣ дар теппаҳои хокӣ.

**Супориши хонагӣ:** хондани §17-и китоби дарсӣ [16, с. 45] ва ба саволҳои зерин ҷавоб ёфтан:

1. Дар маҳалли зисти шумо теппаҳои хокии хавфнок мавҷуданд ё на?
2. Баҳри бартараф намудани хатари лағжиши замин (ярч) аз чунин теппаҳои хокӣ дар маҳалли зисти шумо чӣ тадбирҳо андешида шудааст?
3. Шахсан худи шумо баҳри паст кардани хатарилағжиши замин (ярч) чӣ тадбирҳо андешида метавонед.

### АДАБИЁТ


1. Абдурахманов С.Д. Исследовательские работы по физике в 7-8 классах сельских школ: Кн. для учителя: Из опыта работы. / С.Д. Абдурахманов. – М.: Просвещение, 1990. – 110 с.
2. Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004, - 48 с.
3. Бобониёзова Г.А., Умаров У.С. Алоқаманд намудани маълумотҳо доир ба офатҳои табиӣ ва паст кардани хатари онҳо бо мавзӯъҳои барномаи физикаи мактабӣ // «Маърифати омӯзгор». - №7-8. – 2013. - С. 64-69.
4. Бобониёзова Г.А., Умаров У.С. Зилзила ва эҳтиёт аз он (шиносоӣ бо хатарҳои зилзила зимни омӯзиши мавзӯи «Маркази вазнинӣ. Устувории ҷисмҳо» (синфи 10)). // Маърифати омӯзгор,-№8.-2012.-С. 32-35.
5. Булат В.Л. Оптические явления в природе. – Москва: Просвещение, 1974. -150 с.
6. Бычук А.Г. Урок-эксперимент по теме: "Происхождение обвалов и оползней". с сайта http://mini-soft.net.ru/.
7. Ильин А. Школа выживания при авариях и стихийных бедствиях. / А.А.Ильин.-М.: Эксмо, 2003.-384 с.
8. Кодиров Н., Ибрагимова Р. Масъалаҳои паст кардани хатари офати табиӣ дар таълими география. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география. – Душанбе: 2010. – 72 с.
9. Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо тибқи барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии физика / А.М. Мирзоев, У.С. Умаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. (Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ). – 2021. – №5-6 (9-10). – С.127-137.
10. Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офати табиии «Раъду барқ» зимни омӯзиши мавзӯи «Мавҷҳои садо» (синфи IX). / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Мушкилоти муосири рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 149-151.
11. Мирзоев А.М. Шинос намудани бачагони имконияташон маҳдуд бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши физика. / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ» бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан. – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 21-25.

12. Мирзоев А.М. Имкониятҳои барномаҳои фанҳои табиӣ барои шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офатҳои табиӣ ва паст кардани хатари онҳо. / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров // Конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ–риёзӣ: воқеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он» ба муносибати 30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ДДОТ, 2019.-С. 8-16.
13. Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офати табиии «Раъду барқ» ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Электрнокшавӣ дар табиат ва техника» дар синфи VIII зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физика / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров // Таҳқиқи таълими тафриқа: маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсиси кафедраи "Методикаи таълими химия" дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-солагии академик Убайд Зубайдов. – Душанбе: Ирфон, 2019. - С. 122-126.
14. Рабиза Ф.В. Опыты без приборов. / Ф.В.Рабиза - М.: «Детская литература», 1988. - 64 с.
15. Райхардт Г. Стихийные бедствия. Перевод с немецкого Б.И. Залесской. / Г.Райхардт - М.: Изд. «Слово», 1994.
16. Раҳимов Б. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10. / Б.Раҳимов, Т.Шукуров, П.Раҷабов - Душанбе: Матбуот, 2006. – 270 с.
17. Рымкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика. / А.П. Рымкевич - Душанбе: Маориф, 1989. – 176 с.
18. Сикорук Л.Л. Физика для малышей. Иллюстрации Е.Агафоновой. / Л.Л.Сикорук – Петразаводск: Изд. «Кругозор», «БНП», 1996. – 128 с.
19. Тарасов Л.В. Физика в природе: Кн. для учащихся. / Л.В. Тарасов - М.: Просвещение, 1988. - 351 с.
20. Тульчинский М. Е. Качественные задачи по физике в средней школе. / М. Е. Тульчинский // Пособие для учителей. -М.: Просвещение, 1972.
21. Умаров У. С., Раҷабов У. Х. Ҷадвалҳои (плакатҳои) таълимӣ аз физика. Душанбе, 2008, -130 номгӯй.
22. Умаров У.С. Шинос намудани кӯдакони имконияташон маҳдуд бо масоили паст кардани хатари офатҳои табиӣ. (Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони физика). – Душанбе: КҲФ, 2017. - 100 с.
23. Умаров У.С., Бобониёзова Г.А. Ба худмуҳофизаткунию худнаҷотдиҳӣ омода кардани хонандагон мавриди таҳдиди хатари офатҳои табиӣ дар дарсҳои физика. Дар маҷмӯаи «Маводи якумин конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш -асоси солимии миллат», бахшида ба 41-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов. – Душанбе: ДТҶТ, 2012. - С. 17-20.
24. Умаров У.С., Бобониёзова Г.А., Раҷабов У.Х. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиии обхезию сел ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Энергияи об ва шамол. Осиёи обӣ» (синфи 7) // Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Химия, технология ва экологияи об» бахшида ба соли «Ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва 55-солагии кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ. – Душанбе: ҶДММ «Дақиқӣ», 2013. - С. 147-152.
25. Умаров У.С. Масъалаҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ дар таълими физика. Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони физика / У.С. Умаров, Ҳ.Ҷумъаев, У.Х. Раҷабов– Душанбе, ДҶТИБКМ, 2011.
26. Ҷумъаев Ҳ.Қ. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ аз физика / Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.Б. Тоҳирова // Конференсияи илмӣ-методии байналхалқӣ дар мавзӯи «Такмили мазмун, методҳо ва васоити омӯзиш дар раванди таълими фанҳои табиию риёзӣ», бахшида ба 20 - солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 80 - солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 40 - солагии факултети физика, ёдбуд ва 70 - солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими физика Барот Мирзоев. – Душанбе: ДДОТ, 2011. - С.12-19.

# ШИНОС КАРДАНИ ХОНАНДАГОН БА ОФАТИ ТАБИИИ «ЛАҒЖИШИ ЗАМИН (ЯРЧ)» ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ҚУВВАҲОИ СОИШ» ДАР СИНФИ X

*Ба андешаи муаллиф омӯзиши роҳҳои паст намудани хатари офатҳои табиӣ имкон медиҳад, ки оқибатҳои онҳоро сабук гардонида, фарҳанги муносибати хонандагон ба муҳити зист ва ҳодисаҳои дар он рухдиҳанда баланд бардошта шавад.*

*Дар мақола доир ба шинос кардани хонандагон ба офати табиии «лағжиши замин (ярч)» зимни омӯзиши мавзӯи «Қувваҳои соиш» дар синфи X ва роҳҳои паст кардани хатари он маълумот гирд оварда шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили барномаи таълим ва китоби дарсии амалкунандаи физикаи синфи X, адабиёти педагогӣ, методӣ, таълимӣ ба хулосае меояд, ки барномаи таълими физика ва китобҳои дарсии амалкунанда баҳри шинос кардани хонандагони ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо шароити хубе муҳайё сохтаанд. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дорад. Бо назардошти он ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиатанд, бинобар ин ҳангоми таълими курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шинос намудани*

*хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо муфиду осон аст. Барои паст кардани хатари офатҳои табиӣ донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо зарур аст. Дар курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии бошад, сабабҳои ба амал омадани аксари офатҳои табиӣ омӯхта мешаванд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, муаллифон зимни омӯзиши мавзӯи «Қувваи соиш» дар синфи X хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо офати табиии «Лағжиши Замин (ярч)» шинос мекунад. Аз тарафи дигар, шинос намудани хонандагон бо роҳҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ баҳри ташаккули маҳорат ва малакаҳои татбиқи донишҳо дар шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ва техника мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *мафҳумҳои қувва, қувваи соиш, соиши лағжиш, соиши ғелиш, соиши оромӣ, ҳамвории моил, кунҷи моилӣ, коэффитсиенти соиш, вазни ҷисм, намнокӣ, ярч, офатҳои табиӣ хатари офатҳои табиӣ.*

## ОЗНАКОМЛЕНИЕ УЧАЩИХСЯ СО СТИХИЙНЫМ БЕДСТВИЕМ «ОПОЛЗЕНЬ» ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ «СИЛА ТРЕНИЯ» В X-ОМ КЛАССЕ

*По мнению автора, изучение способов снижения угроза стихийных бедствий поможет смягчить их последствия и повысить культуру отношения учащихся к окружающей среде и явлениям, которые в ней происходят.*

*В статье представлены сведения по ознакомлению учащихся со стихийным бедствием «Оползень» при изучении темы «Сила трения» в 10-ом классе и способами снижения его угрозы. В результате анализа существующей учебной программы и учебников по физике, педагогической, методической, учебной литературы автор приходит к выводу, что текущая учебная программа и учебники по физике создают хорошие условия для учащихся, чтобы узнать о стихийных бедствиях и способах снижения их риска. Знакомство учащихся со стихийными бедствиями и способами снижения их риска имеют большое образовательное и воспитательное значение. Учитывая, что физика изучает природные явления и стихийные бедствия также являются природными явлениями, полезно и легко познакомить учащихся средних общеобразовательных учреждений со стихийными бедствиями и способами снижения их угрозы во время школьных занятий по физикое Чтобы снизить угроз стихийных бедствий, необходимо знать причины их возникновения. В школьном курсе физики изучается причины большинства стихийных бедствий. Учитывая все это, авторы при изучении темы «Сила трения» в 10-ом классе знакомят учащихся средне общеобразовательных учреждений со стихийным бедствием «Оползень». С другой стороны, знакомство учащихся со способами снижения угроз стихийных бедствий способствует развитию умений и навыков знаний в объяснении явлений природы и техники.*

***Ключевые слова:*** *понятия сила, сила трения, трения скольжения, трения качения, трения покоя, наклонная плоскость, угол наклона, коэффициент трения, весь тела, влажность, оползень, угрозы стихийного бедствия.*

## INTRODUCING STUDENTS WITH THE NATURAL DISASTER "LANDSLIDE" WHILE STUDYING THE THEME "FRICTION FORCE" IN THE XTH CLASS

*According to the author, the study of ways to reduce the threat of natural disasters will help mitigate their consequences and increase the culture of students' attitudes towards the environment and the phenomena that occur in it.*

*The article provides information on familiarizing students with the natural disaster "Landslide" when studying the topic "Friction Force" in the 10th grade and ways to reduce its threat. As a result of the analysis of the existing curriculum and textbooks in physics, pedagogical, methodical, educational literature, the author comes to the conclusion that the current curriculum and textbooks in physics create good conditions for students to learn about natural disasters and ways to reduce their risk. Familiarization of students with natural disasters and ways to reduce their risk is of great educational and educational value. Considering that physics studies natural phenomena and natural disasters are also natural phenomena, it is useful and easy to introduce students of secondary educational institutions to natural disasters and ways to reduce their threat during school physics classes To reduce the threat of natural disasters, it is necessary to know the causes of their occurrence. In the school physics course, the causes of most natural disasters are studied.*

*Considering all this, the authors, when studying the topic "Friction Force" in the 10th grade, introduce students of secondary educational institutions to the natural disaster "Landslide".*

*On the other hand, familiarizing students with ways to reduce the threat of natural disasters contributes to the development of skills and knowledge in explaining natural phenomena and technology.*

***Key words:*** *concepts force, friction force, sliding friction, rolling friction, static friction, inclined plane, angle of inclination, coefficient of friction, whole body, humidity, landslide, natural disaster threats.*

***Дар бораи муаллиф:***

***Мирзоев Абдулазиз Маҷидович*** *– докторанти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Тел.: (+992) 934310772.*

***Сведения об авторе:***

***Мирзоев Абдулазиз Маҷидович*** *– докторант кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 934310772.*

***About the author:***

***Mirzoev Abdulaziz Majidovich*** *– doctorant of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 934310772.*

**ТДУ 38. 035 (345.3)**

# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ДАРСҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ШАРОИТИ ГУМАНИЗАТСИЯИ ТАҲСИЛОТ

***Табаров Д.Д.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар давраи гузариши ҷомеаи инсонӣ ба марҳилаи нави рушд, ки инсон дар ҷустуҷӯи маънои ҳастӣ ва мақоми худ дар ҷаҳон ба равандҳои тезутунд ва пуршиддат ру ба рӯ мегардад, зарурияти гуманизатсияи раванди таълим ва тарбия бо бартарӣ додан ба арзишҳои ахлоқиро ба вуҷуд оварда, бояд инкишофи ахлоқӣ-гуманистии шахсро таъмин намояд. Аммо дар низоми таҳсилоти ибтидоии муосир ҷанӯз инкишофи интеллектуалии шахсияти кӯдак нисбати инкишофи эмотсионалӣ аҳамияти бештар дода шуда дар ниҳоят ба инкишофи шахсияти кӯдак монеа эҷод намуда зарари ҷиддӣ мерасонад.

Барои ташаккули шахсияти барҷастаи муосир, шароити зарурии ғании фарҳанги маънавии ботинӣ, озодии зеҳнӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, завқи баланди эстетикӣ, таҳаммулпазирӣ дар баҳс, динистани мақоми иҷтимоии худ мебошад. Вазифаҳои асосии низоми таҳсилоти миллӣ дар замони муосир васеъ гардонидани доираи маънавии шахсияти хонандаи хурдсол, инкишофи сифатҳои ахлоқию эстетикии он бо баназаргирииии манфиатҳои умумибашарӣ, махсусан таърихию этникӣ мебошад.

Бартарияти принсипҳои гуманистӣ ва афзалият додан ба тарбияи ахлоқӣ-гуманистии хонандагон аз синни таҳсилоти ибтидоӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ, дар Сарқонуни кишвар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маориф”, консепсияҳои миллии таҳсилот ва тарбия, стандартҳои таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ, дар шароити таҷдиди низоми таҳсилот аз ҳадафҳо ва вазифаҳои асосӣ зикр гардида аст.

Расидан ба ин ҳадафҳо бе ташкили низоми махсус ва пурқуввати таълиму тарбия ғайриимкон аст. Дар алоқамандӣ бо ин, роҳҳо ва шаклҳои нави ташкили таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, алалхусус, татбиқи вазифаи тарбиявии таълим ҷустуҷӯ гардида такмил меёбанд. Ба фикри мо, маҳз бо ҳамгиро гардонидани равандҳои таълиму тарбияи ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ гуманистӣ нигаронидашуда имкон ба даст меояд, ки то андозае масъалаи таълиму тарбияи гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳал карда шавад.

Дарсҳои табиатшиносӣ барои тарбияи гуманистӣ ва ахлоқӣ-эстетикии хонандагони хурдсол имкониятҳои фарохтар доранд, ки дар рафти он хонандагон бо зебоии табиат,

мавҷудоти зинда ва ғайризинда, ҳамчун ҷузъи нодиру нотакроре аз ин табиат будани худ ошно гардида, инсон будан, инсонона муносибат намудан ва ҳифз карданро ёд мегиранд.

Барои муайян кардани имкониятҳои дарсҳои табиатшиносӣ дар тарбияи гуманистӣ ва ахлоқӣ-эстетикии хонандагони хурдсол зарур донистем як қатор хусусиятҳои дасрҳои табиатшинсоиро дар шароити татбиқи стандартҳои нав ва реформаи низоми таҳсилот мавриди баррасӣ қарор диҳем. [9; 10; 11; 18; 22; 23; 24; 25]

Таҳлил ва омӯзиши асарҳо ва мақолаҳои олимону педагогҳо Акрамов С., Амбросова Е.П., Маҷидова Б., Клепенина З.А., Лутфуллозода М., Нуров А., Подласий И.П., Лернер И.Я., [1; 2; 8; 13;14; 15; 17;], ба мо имкон доданд, ки хусусиятхои асосии дарси муосири табиатшиносиро дар шакли зер муайян намоем:

- дарс бояд ба иҷрои талаботҳои ҷамъият ва бозори меҳнат нигаронида шуда, фаъолияти таълимӣ бо баназаргирии комёбиҳои навтарини илми психология ва педагогика ташкил карда шавад;

- ҳар як дарс бояд ҳадафҳои гуногунро дошта бошад ва ба ҳалли вазифаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ равона карда шавад;

- таълим бояд фаъол бошад ва таносуби фаъолияти муаллиму омӯзгор тағйир ёфта шавқмандии маърифатии хонандагон баланд бардошта шуда ҳаргуна ташаббусси эҷодкоронаи онҳо дастгирӣ ёбад;

- оптимизатсияи мундариҷаи таълим ва муносибати комплексӣ доштани муаллим ва дигар ташкилкунандагони раванди таълим ба дарс амалӣ карда шавад;

- такмили сохтори дарс ва баланд бардоштани ҳолати эмотсионалии кӯдакон дар ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малакаҳои амалӣ, равонӣ, махсус ва умумии хонандагони хурдсол таъмин гардад;

- таснифот ва гурӯҳбандӣ кардани вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии дарс ва эҷоди вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ба роҳ монда шавад;

- баланд бардоштани суръати азхудкунӣ ва ҳосилшавии дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагони хурдсол тавассути ташкили муҳити мусоиди таълимӣ дар синфхона.

Барои муайян кардани хусусиятҳо ва навъҳои машғулиятҳои фанни табиатшиносӣ роҳҳои гуногун мавҷуд бошанд, ҳам, бе таҳлил ва баррасии муфассали онҳо мо ҳангоми баррасии таснифоти мушаххаси дарсҳои фанни табиатшиносӣ ба мушкилиии ҷиддӣ мувоҳеҳ мешавем. Дар рафти омӯзиши адабиёти марбута, мо дар қатори дигар хелҳои дарсҳо бештар ба дарси кори мустақилона, дарси бо истифодаи воситахои техникии таълим ва дарси кори амалӣ аҳамият додем.

Дар алоқамандӣ ба ин масъалае ба миён омад, ки кори мустақилона метавонад мазмунан гуногун бошад, ҳадфҳояш низ гуногун ва серҷанбаъ шуда метавонад, метавонад ба омӯзиши маводи нав, мустаҳкам намудани он, хулосабарорӣ ва ба низомдарории донишҳои нав, назорати сифат ва дараҷаи азхудкунии донишҳо аз тарафи хонандагон нигаронида шавад, пас арзёбии сифатии дарс душвор ва мураккаб намешавад? Он аз доираи принсипҳои ташкили дарс, ки вақт, макон, низоми муайянро талаб мекунад берун намебарояд? Дар бораи дарси бо истифодаи воситахои техникии таълим ва дарси кори амалӣ низ хамин гуна савол ба миён меояд.

Ба назари мо, дар ин ҳолат бознигарӣ ва такмили гурӯҳбандии машғулиятҳои таълимӣ зарур аст ва заминаи таҳияи ҳар яки он бояд ҳадафҳои таълимию тарбиявии онро дар алоҳидагӣ воқеан инъикос намуда, сохтори содда ва самараноктари раванди таълимро дар алоқамандӣ ба омӯзиши мавзӯи муайян таъмин намояд.

Дар ин вазъият типологияи машгулиятхои таълимиро дар заминаи сохтори маълуми раванди таълим таҳия намудан мумкин мебошад.

Ҳар як ҷузъи раванди азхудкунии донишҳо ва ҳосилшавии маҳорату малакаҳоро таҳлил намуда, вазифаҳои муаллимро дар ҳар як ҷузъи дарс муайян карда самаранокии ҷанбаъи тарбиявии онро таъмин кардан мумкин аст.

Дар раванди аз худкунии донишҳо ва ҳосилшавии маҳорату малакаҳо дар хонандагони хурдсол эҳсосот нақши муҳим ва аввалиндараҷаро мебозад.

Классикони методист - педагог Герд А.Я., Горошенко В. П., Коменский Я.А., Райков Б.Е., Севрук Л.С., Ушинский К.Д. Шалаев В. Ф., Ягодовский К. П., ва дигарон қайд мекунанд, ки ҳар кадаре дар раванди азхудкунии маводи таълими узвҳои эҳсосот зиёдтар иштирок намоянд, аз худкунии мавод ҳамонқадар сабук гузашта донишҳои мустаҳкам ва амиқ ҳосил мешаванд.[13; 16; 19; 26; 27]

Божович Л.И., Выготский Л. С., Левитов Н.Д.Леонтев А. Н., Рубинштейн С. Л., Элконин Д. Б. Якобсон С. Г. ва дигарон паҳлӯҳои психологии онро таҳқиқ ва баррасӣ намудаанд[4; 3; 5; 7; 12; 27].

Зинаи дуюми азхудкунии донишҳо дарк намудан мебошад, ки ин раванд нисбатан мураккабтар гардида бо таф аккур алоқаманд мебошад. Идрок ва ё дарк кардан, ин дар шуури шахс инъикос ёфтани хосиятҳои мутаалиқи ашё ва ҳодисаҳое мебошад, ки дар ҳамин

лаҳза ба воситаи узвҳои эҳсойт ҳис карда мешаванд. Дар ин раванд олами беруна-зоҳирӣ бо олами ботинии инсон алоқаманд мегардад. Яъне идрок раванди интиқолёбии ахбор ва ё маълумот аз узвҳои ҳис ба маркази таҳлилии асаб мебошад.

Идрок аз мутаммарказияти диққати хонандагон ба объекти омӯхташаванда вобаста буда боиси ҳосилшавии таҷрибаи субъективии хонандагон мегардад.

Дар ин марҳила омӯзгор вазифадор мешавад, ки таҷрибаи субъективии хонандагони хурдсолро такмил дода, маводи таълимиро қисм ба қисм шавқовар гардонида, диққати хонандагонро ба чизи муҳимтарин зиёдтар ҷалб карда, нуктаи асосиро нишон дода якчанд маротиба такрор намояд.

Ҳосилшавии тасаввурот ва донишҳои нав – фаҳмидани мазмун ва мундариҷаи маводи таълимии нав омӯхташавандаро дар бар гирифта бояд ҳатман муносибатҳои аз кулл гузаштан ба ҷузъ ва аз ҷузъ гузаштан ба кулл дар омӯзиш истифода гардад.

Дар раванди идрок байни маводи таълимии пештар омӯхташуда ва нав алоқаманд гардонида шуда, сабабҳои рӯй додани ҳодисаҳои омӯхташаванда мантиқан бо усули сабабӣ-натиҷавӣ барқарор ва мукаррар карда мешаванд.

Дар ин марҳила омӯзгор вазифадор мешавад он чиро, ки хонандагони хурдсол дарк кардаанд таҳлил намуда, алгоритм, яъне пайдарпайии қатъии мантиқии амалҳоро дар рафти муайян кардани моҳияти чизи омӯхташаванда фаҳмонида, ба хонандагон имкон диҳад, ки хусусиятҳои асосии донишҳои нав азхудкардаашонро мустақилона мураттаб созанд ва ба инкишофи қобилияти таҳлилнамоӣ, таркиббандӣ, муқоиса, дарёфти чизи асосӣ дар объектҳои омӯхташаванда дар хонандагони хурдсол шароит фароҳам оварда мусоидат намояд.

Дар хотиргирӣ - нигоҳ доштани дониш ва маъдумотҳо дар хотираи хонандагонро ифода менамояд.

Маълум аст, ки инсон ин ё он ҳодисаро дарк намуда, баъд аз гузаштани чанд вақт дар шарҳ додани он аллакай ба душвориҳо дучор омада онро ба пуррагӣ баён карда наметавонад. Ин аз мустаҳкамии хотир вобаста буда шароити он ҷаззобият ва шавқовар будани донишҳо, дараҷаи ниёзҳои кӯдак ба онҳо ва такрор ба шумор меравaнд. Таҳлил ва дарки маънои объекти омӯхташаванда ва маълумот дар рафти такрор боиси хосияти механикӣ пайдо накардани донишҳои азёд кардашуда мегардад. Мустаҳкамии хотир дар хонандагон гуногун ба назар мерасад.

Татбиқ ва ё амлинамоӣ - қобилияти дар амал татбиқ кардани дониш ва маълумоти азхудкардашударо дар бар гирифта дар хонандагони хурдсол барои мустақилона ба даст овардани донишҳои нав шарти зарурӣ ба шумор меравад.

Дар ин марҳила омӯзгор вазифадор аст, ки низоми машқҳо ва супоришҳоро барои татбиқи донишҳои гирифташуда дар ҳолатҳои гуногунтаҷия намуда, машқҳо ва супоришҳоро тадриҷан мураккаб гардонида, аз кортҳои гуногуни дидактикии инфиродӣ истифода намуда (чуноне ки болотар зикр рафт хотира ва имкониятҳои равонии кӯдакон сатҳан гуногун мешаванд), ки фаъолияти маърифатии хонандагонро бо усулҳои гуногун ташкил намояд.

Умумкунонӣ ва ба низомдарории донишҳо – ба як системаи ягона муттаҳид кардани маводи омӯхташударо дар назар дорад. Дар ин марҳила истифода бурдан аз усулҳои мантиқии дарёфти зиддиятҳо дар байни ҳодисаҳо, муқоиса, барқарорсозии муносибатҳои сабабӣ-натиҷавӣ самаранокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявиро баланд мебардорад.

Омӯзгор вазифадор аст, ки дар ин ҳолат дониши қаблан гирифтаашударо бо маводи нави таълимӣ алоқаманд гардонида, дар хонандагон хулосабароиҳои фалсафию мантиқиро инкишоф диҳад, аз схемаю ҷадфалҳои систематики истифода бурданро ёд диҳад ва дар тартиб додан ва сохтани чунин схемаю нақшаҳо ёрии амалии педагоги расонад.

Таҳлили мантиқии намудҳои гуногуни машғулиятҳои таълимӣ моро ба хулосае овард, ки ҳамаи шаклҳои ташкили таълим, аз қабили дарсҳои анъанавӣ, дарсҳои лоиҳавӣ, дарс-машваратҳо, дарсҳои ҷамъбастӣ, дарсҳои санҷишӣ ва ғайраҳо, инчунин шаклҳои ба истилоҳ ғайрианъанавии таълимӣ ба монанди экскурсияҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ, расмкашӣ дар табиат, гузаронидани озмоиш ва мушоҳидаҳо дар табиатро вобаста ба мақсадҳои таълимиашон гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст.

Ҳамзамон ҳар яке аз ин шаклҳои дарсҳоро вобаста ба ҳадафҳои таълимии фанниашон ба ин ё он гурӯҳ нисбат додан мумкин аст. Танҳо бо баназаргирии мазмуни мантиқии дарс онро дар кадом шакле набошад гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст. Вагарна дарси таълимӣ дар худ танҳо муттаҳидии ночаспон ва ноӯҳдабароёнаи қисмҳои алоҳидаи сохториашро таҷассум менамояду халос.

Дарс хамчун шакли муташаккилонаи таълиму тарбия дар асри XV11 пайдо шуда бошад, ҳам ин маънои онро надорад, ки аз он пештар мактабу таълиму дарс набуд. Вале баъд аз замони Натурфалсафаи Юнони қадим дар аҳди ҳукмронии дини насронӣ ва ислом чӣ дар

Шарқи исломӣ ва чӣ дар Ғарби насронӣ дарсҳо асосан хусусияти фардӣ доштанд. Вале ин мавзӯи баҳси дигар аст.

Бармегардем ба сари масъалаи дарси муосир.

Пас “дарси хуб" чист? Ва умуман дар илми муосир дарс чист? Мушкилот ва хусусиятҳои сохтори дарс дар синфҳои ибтидоӣ аз нуктаи назар илми педагогӣ-психологӣ кадомҳоянд? Дар мактаби муосири давраи гузариш ба сохтмони ҷомеаи навин дарс бояд чӣ гуна бошад? Онро чӣ тавр ба дарси озод аз ҳар гуна маҳдудият ва эҷодкорӣ табдил додан мумкин аст?

Ҳоло мактаби ибтидоӣ рӯ ба рушди шахсияти хонанда оварда, барои ташаккули он ҳамчун субъекти фаъолияти худ шароит фароҳам меоварад.

Мо дар ин ҷой кӯшиш намудем, ки мушкилоти дарси муосирро дар мисоли дарси фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ таҳлил кунем.

Дар замони ҳозира дарсҳои табиатшиносӣ бо хусусиятҳои вазифавии зерини худ фарқ мекунад, ки чандон нановарие нисбати дарсҳои табиатшиносии замони Шуравӣ надоранд.

Мушкилии дараҷаи аввали дарсҳои табиатшиносӣ, ин ташаккули фарҳанги элементарии экологӣ, дарки муносибатхои мутақобила дар низоми муносибатҳои «инсон – табиат – ҷамъият» ва мақоми инсон ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда, вале фарққунандаи табиат ба шумор рафта, амалисозии принсипҳои илмии инсонвор рафтор намудан дар табиат инчунин ҳамчун ҳанбаъи гуманистии таълиму тарбия ба шумор меравад.

Масъалаи инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон ва ташкили фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагон дар дарсҳои табиатшиносӣ дар шакли моделсозии объект ва ҳодисаҳои табиӣ мақоми дуюмро ишғол намуда дар умум бояд нерӯи бузурги тарбияи фарҳанги инсондӯстӣ, экологӣ ва ташаккули муносибатҳои инсонопаро дошта бошад.

Саввум самти амалии таълим ба монанди гузаронидани озмоишҳо, корҳои амалию лабораторӣ, ташкили мушоҳидаҳо ва экскурсияҳо бояд бо баназаргирии тарбияи гуманистӣ, борақм будан ва эҳтироми ҳар мавҷуди зинда ва муҳити зисти он ташкил карда шаванд.

Хусусиятҳои махсусан пурарзиши дарсҳои табиатшиносиро ҷудо мекунем.

Фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар синф чунон ташкил карда мешаванд, ки ба инкишофи муҳимтарин ҷиҳатҳои равонии хонандагони хурдсол ба монанди тафаккур, диққат, хотира, тасаввурот, нутқ мусоидат карда, бештар аз усулҳои эҷодии таълим (ҷустуҷӯи-эвристикӣ, проблемавӣ)истифода гардида сохтори дарсҳо дар асоси фаъолият бо истифода аз усулҳои муосири маҳорати педагогӣ: моделирони ҳодисаҳои табиӣ, ташкили шаклҳои фаъоли таълими ба инкишофи шахсияти хонанда нигаронидашуда истифода мегардад.

Вазифаҳои шахсии кӯдак, ба монанди ҷавасмандӣ, мақсадгузорӣ, худомӯзӣ, худтаҳлилнамоӣ, худбаҳогузорӣ ва худинкишофдиҳӣ фаъол гардонида шуда, бо такя ба принципҳои илмият ва бошууронагӣ дар таълим дар талабагон ташаккул додани тафаккури ҷузъе аз ин олами зинда ва табиат буданта, баробарманфиатии тамоми мавҷудоти зинда, дахлнопазирии муҳити зисти дигар мавҷудоти зинда таъмин карда мешавад.

Инчунин дар дарсҳои табиатшиносӣ бо истифода аз манбаъҳои гуногуни донишу маълумот дар шакли аёниятҳо ба мисли диаграммаҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, моделҳо ва ғайраҳо васеъ истифода гардида, барьало характери амалӣ пайдо мекунанд.

Ҳамзамон дар дарсҳои табиатшиносӣ қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдошти саломатии хонандагони хурдсол риоя шуда малакахои муошират ва рафтори бачагон инкишоф дода шаанд. Ҳадафи дарсҳои табиатшиосӣ дар баробари додани донишҳо ва ташаккули маҳорату малакаҳо боз тарбия намудани шахсияти инсондӯст, эҷодкор, фаъоли иҷтимоӣ, бодиққат, масъулиятшинос ба сарватҳои табиат ва ҷамъият мебошад.

Инсон махлуқест, ки воқеият, ягонагӣ ва мухолифати мазмуну шаклро тавассути эҳсосот дарк намуда, бо офаридани образҳои бадеӣ инъикос менамояд. Дар ин муносибат категорияҳои инсон будан, дӯст доштан ва эҳтироми дигар инсонҳо, дарки бошууронаи зебоиҳои табиати зинада ва ғайризинда, ба мавҷудоти зинда ва муҳити зисташон бо ҳиси эҳтиром ва масъулиятшиносӣ нигаристан, бадбахтиҳои дигар инсонҳо ва мавҷудоти зиндаро барои худ фоҷиа ҳисобидан хос аст. Яке аз аломатҳои инсондӯст будан, ин доштани завқи баланди зебоипарастӣ ва доштани зебоии ботинию зоҳирӣ мебошад. Зебоиҳои ботинӣ дар шакли сифатҳои ахлоқӣ ва рафтори ҳамидаи инсонӣ таҷассум меёбанд

«Дар табиат ҳузур доштан, онро дидан, бо табиат дар муошират будан - хушбахтист», — навишта буд Лев Толстой қариб 160 сол пештар. Аммо табиат ва ҷамъияте, ки Л. Толстой дар муҳити он зиндагӣ мекард, аз муҳити табии-иҷтимоии замони мо ба куллӣ фарқ мекард. Он замон инсоният ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки дар муддати кӯтоҳе (160 сол барои таърих бисёр ночиз аст) аз он табиати нотакрор, аз он дарёҳои софи нуқрафом, аз он ҷангалзорҳои касногузари бою рангин ва ҳавои шишасон софу беғубор ҳиссаи ночизе дар шакли дарёҳои хушкшудаистодаи ифлос, дашту саҳроҳои биёбоншудаистода, ҳавои ғуборолуди барои нафаскашӣ заҳрбор боқӣ мемонад. Танҳо 50-60 соли охир мо дарк кардем,

ки ҷамаи ин - дарёю кӯлҳои ширину соф, ҷангалҳои анбӯҳ, даштҳои бекорхобида, барфу пиряхҳои доимӣ, ҳайвонот ва паррандаҳо торафт кам шуда истодаанд.

Табиати зебою нодири ватани мо ҳам дар худ силаи дасти одами неки хирадманд ва ҳам зарбаи дасти табардори вазнини ҷоҳили нодонеро эҳсос мекунад. Гурӯҳи аввал оламро бо пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек хирадмандонаю дурбинона обод мекунанд ва гурӯҳи дуюм бошад ин олами зебою ободро бо чашме, ки дуртар аз теғаи биниашонро намебинад нигариста, харобу валангор сохта қадам ба қадам инсоният ва ин табиати нотакрорро ҳониби нестӣ ва маҳвшавӣ мебаранд.

Ҷамъияти бузурги насли инсонӣ, ки ҳоло дар сайёра қариб аз 8 миллиард нафарро ташкил медиҳад дар ду сангар қарор дорад, ки онҳоро рамзан қувваҳои некӣ ва бадӣ меномем. Ин раванд дар ҳолате идома ёфта истодааст, ки проблемаҳои ҳифзи муҳитизистӣ аҳамияти глобалӣ пайдо намуда рӯз то рӯз тезутундтар гирдида истодааст. Гурӯҳи олимони табиатшинос сабаби ин ҳолатро дар рушди босуръати саноату иқтисод ва зиёдшавии шумораи одамон мебинанд. Вале решаи онро беҳтар аст, ки дар шуур ва мафкураи одамон ҷуст.

Имрӯз зарур аст, ки на танхо вайронкори табиат ҷинояткор ҳисобида шавад, балки бефаъолиятӣ, бетафовввутӣ ва бетарафӣ дар баробари фалокати дар пешистода ҳам бояд ҷиноят шуморида шавад.

Зеро чуноне, ки бузурге гуфтааст:

Агар бини, ки кӯре асту чоҳ аст,

Агар хомӯш биншини гуноҳ аст!!!!!

Имрӯз ҳеҷ гуна ниёз ба исботе намондааст, ки барои аз байн бурдани тамаддуни инсонӣ зарурат ба ҷангу куштор нест, танҳо ҳамин тавр зиндагӣ кардан кифоя аст, ки мо ҳозир зиндагӣ карда истодаем.

Барои аз хавфи фалокати экологии глобалӣ, ки пешорӯи на танҳо инсоният, балки биосфера истодааст раҳои ёфтан, пеш аз ҳама шууури ҷамъиятиро, муносибати одамонро нисбат ба одамони дигар, нисбат ба худ шахсияти худ тағйир додан лозим аст. Зеро моликияти ҷангуфт, ҳирсу тамаъ дар гурӯҳи муайяни инсонҳо хислати гургонаро ташаккул медиҳад, ки пеш аз ҳама онҳо тӯъмаи худ дигар инсонҳоро қарор медиҳанд. Ва ҳалли ин масъала дар назди низоми таҳсилоти умумӣ истода, масъулияти бештареро дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ мегузорад.

Дар чунин шароит яке аз вазифаҳои низоми таҳсилоти ибтидоии муосир тарбия ва ташаккул додани шахсияте мебошад, ки нисбат ба одамон ва тақдири онҳо бетараф набуда ғамхор бошад, табиат ва махсусан биосфераро бо меҳру муҳаббат ва фаъолияти хирадмандонаю оқилонаи худ наҷот дода тавонад.

Бо асосҳои донишҳои экологӣ шинос кардани кӯдак танҳо ҳамон вақт самаранок буда метавонад, ки хонандаи хурдсол бо фаъолияти меҳнатии худ дар дарк намудани системаи муносибатҳо дар байни унсурҳои табиат намуна буда тавонад. Ин боиси ташаккули фарҳанги экологии кӯдак мегардад.

Фарҳанги экологии шахс дар заминаи азхудкунии донишхои илмӣ дар бораи табиат ташаккул меёбад. Барои он ки хонандагони хурдсол нерӯи бузурги донишҳо оид ба табиатро дарк кунанд, муҳим аст, ки дар онҳо шавқу рағбат ба шинохти олами атроф, маҳорату малакаҳои дарёфти ҷузъҳои аҷоиби диққатҷалбкунанда ва ғайриоддӣ дар чизи ба назар соддаро бедор кардан муҳим аст. Дарёфтани ҷузъиёти ғайриоддӣ дар чизҳои содда баназаррасанда муносибати эҷодкоронаро ба раванди таълими табиатшиносӣ талаб мекунад.

Муносибати эчодкорона ба табиат ниёз ба донишҳои илман асоснок оид ба қонуниятҳои табиатро дорад. Дар бораи табиати зинда ва ё ғайризинда, ҷузъиёти он, дар бораи тарзи зиндагонии растаниҳою ҳайвонот донишҳои чуқури илми надошта муҳокимаронӣ намудан ғайриимкон аст, дар бораи ҳифзи онҳо бошад сухан ҳам ронда намешавад. Кам ва ночиз будани миқдори соатҳои дарсии барои табиатшиносӣ ҷудогардида имкон намедиҳад, ки кӯдаконро бо шумораи нисбатан зиёди наботот ва ҳайвонот, қонуниятҳои табиат мушаххас ва амиқтар шинос кунем, дар бораи онҳо маълумоти таърихию фарҳангӣ дода ба асрори аҷиби ҳаёти онҳо ворид кунонем. Ва агар дарси табиатшиносӣ дар шакли намоиши зинда ва ё бо истифода аз воситаҳои айёни бо ҳикояти пуробуранги бадеӣ пешниҳод карда шавад, онҳо материалро беҳтар азхуд мекунанд, дар хайёлоти онҳо хотираи образнок ҳосил мешавад.

Азхудкунӣ ва ба низомдарории донишхо худ аз худ муҳим аст, вале аз ҳама муҳимтар он аст, ки онҳо воситаи боэътимоди идоракунии фаъолияти инсон ва нафсаш ба шумор рафта метавонад ҳамчун нерӯи бунёдкор амал кунад ва ё баракс.

Барои он ки дарсҳои табиатшиносӣ тамоюли экологӣ пайдо кунанд, муаллим табиатро дар шакли том, ҳамчун як низоми ягонаи экологӣ, ҳамчун хонаи умумии тамоми мавҷудоти зинда муаррифӣ намуда, хонандаи хурдсолро бо моҳияти таъсироти мутақобилаи инсон ва табиат шинос намуда, системаи донишҳои мушаххасеро оид ба конунхои инкишофи олами

растаниҳою ҳайвонот, ба монанди гуногунрангии намудҳо, мутобиқшавии онҳо ба муҳити зисташон, тағйирёбии равандҳои ҳайётиашон бо ивазшавии шароити зист ва ғ. дар онҳо ҳосил кунонад.

Усули муҳимтарини дарки олам дар дарсҳои табиатшиносӣ мушохидаи бевоситаи табиати атроф ва ходисахои он мебошад. Ян Амос Коменский борҳо таъкид намуда буд, ки донишҳо оиди табиат на аз китоб тавассути таҷрибаи дигарон, балки бевосита аз худи табиат гирифта шавад. Дар ин ҷо китоб бояд ҷамчун воситаи роҳнамо истифода гардад.

Мо бояд тамоми шароитро таҷия ва ташкил намоем, то ин ки хонандагони хурдсол дар заминаи таҷрибаи шахсӣ донишҳои дар ихтиёрашон бударо мустақилона азхуд карда такмил диҷанд. Дар дарсҳои табиатшиносӣ бояд бевосита дар табиат мушохидаи зинда, ташкил карда шавад. Маҳз ҳамин гуна донишҳо заминаи асосии шиносоии минбаъдаи кӯдак дар омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ мегарданд. Мушоҳидаҳои мақсаднок ба рушди кунҷковӣ, мустақилият, ҷамъ овардани таҷрибаи ҷаёти ва дарки илмии олам мусоидат мекунанд.

Мушоҳидаҷо дар давоми соли тахсил бояд мунтазам гузаронда шаванд. Дар ин ҳолат, аз донишҳои расмӣ, ки бо заминаи эҳсосоти асоснок нашудаанд, хосияти механикӣ пайдо намудани донишҷо пешгирӣ намудан мумкин аст.

Хонандагони хурдсол қариб, ки дар ҳама мавзӯъҳо шавқмандии баланд нишон дода, супоришҳои гирифтаашонро аксар вақт эҷодкорона барзиёд иҷро мекунанд.

Дар ин ҷолат зарур аст, ки принсипҳои дастрасият ва илмият дар таълим риоя гардида, хонанда ба фаъолияти худ бо мафтунӣ муносибат карда, аз натиҷаҳои фаъолияташ кайфият ва лаззат барад. Ба бачахо на танҳо дидану шуниданро, балки ба онҳо ёд додан лозим аст, ки табиати атрофи худро бо тамоми зебогиҷояш, камбудию норасоиҷояш дарк кунанд.

Ин нишондиҷандаи самаранокии фаъолият дар самти тарбияи гуманистии дар барнома ва стандартҳои таҷсилот, Консепсияи миллии маълумот ва Консепсияи миллии тарбия нишондодашуда мебошад, ки бояд дар дарҷои табиатшиносӣ ҷосил шаванд.

Бо мушоҷидаҷои бевоситаи хонандагони хурдсол ва фаъолияти мехнатии бачахо дар табиат моҷирона пайвастани матнҷо аз адабиёти бадеӣ, расмҷо, мусиқӣ ва ё воситаҷои аудиовизуалӣ ба инкишофи эҷодкорӣ, нутқ, диққат ва шавқу ҷаваси онҷо ба омӯзиши табиатшиносӣ ёрӣ мерасонад.

Бинобар ин, қисми ҷудонашавандаи дарсҷои табиатшиносӣ – воситаҷои аудиоӣ, расмҷо, амсилаҷо ва воситаҷои техникӣ ба шумор мераванд. Мундариҷаи барнома барои ҳамгиро гардонидани фанҳои гуногуни дар синфҷои ибтидоӣ омӯхташаванда талаботҷо дошта бошанд, ҷам воситаҷои таълимӣ, махсусан китобҷои дарсӣ аз доираи ин талаботҷо берун таҷия гардида, ба принсипҷои таълими ҷамгиро ҷавобгӯй нестанд, ки ин мушкилоти соҷаи таҷсилоти ибтидоиро бамаротиб бӯҷронӣ гардонидааст.

Кӯдакон, бо ҷисси зотии кунҷкобие, ки доранд бештар ба чузъиёти аҷоиб, тааҷубовар ва рангҷои равшан диққати худро мутамарказонида, таассуроти равшан зоҷир менамоянд. Яъне чизҷое, ки онҷоро мутааҷиб ва ҷайрон мекунанд фаъолияти фикрронии онҷоро фаъол мегардонад. Ва агар дар онҳо маҳорату малакаҷои дарёфтани чизи нисбатан заруриро дар байни гулҷои марғзор ҷосил накунонем, агар дар онҳо қобилияти дар ҳайрат монданро аз лонаи мурчаҷо ва рафтори онҷо ё лонаи фароштурук ва ғ. инкишоф надиҳем, шахсияти онҷо бетафовут ва бепарво, дорои ҷаҷонбинии маҷдуд ташаккул ёфта, барои онҷо хислатҷои бораҷм будан, лаззат бурдан аз зебогиҷои табиат ва бунёдкорӣ бегона мемонад. Агар одам ҳеҷ гоҳ надида бошад, ки пашша чи гуна худро мешӯяд, агар як дақиқа ҳам чӣ гуна нигоҳ кардани сагбачаро мушоҷида накарда бошад, ин шахс ҳеҷ гоҳ санъатро намефаҳмад, зебоии зиндагиро дарк мекунанд. Агар шумо низ ҳеҷ гоҳ аз зебогиҷои табиат ба ҳаяҷон наомада бошед, пас шумо як одами бепарво ва бетафоввуте ҳастед.

Табиате, ки кӯдаконро иҳота кардааст барои онҷо ғайриоддӣ, пурасрор, аҷоиб ба назар расида дар он ҳар як бутаю гиёҷ, ҳар як парранда, ҷашарот, сангу ҷодисаҷои дигар ва дар онҷо ҷудо карда тавонистани ҷузъиёти барояшон наву диққатҷалбкунанда кашфиёту мӯъҷиза ба шумор меравад

**АДАБИЁТ**


1. Акрамов С. Методикаи таълими табиатшиносӣ: Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни институтҳою омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ. Зери таҳрири номзади илмҳои педагогӣ, доцент Б. Раҳимов. / С.Акрамов – Душанбе: Маориф, 1987,-200 с.
2. Амбросова Е.П. и др. Методы интерактивного обучения: практическое руководство / А.В. Маковчик и др. рец. И. В. Шестико – Светлая Роша: ИППК МЧС Респ. Белорусь, 2013 – 53 с.
3. Амонашвили Ш А. Основы гуманной педагогики. Кн. 7. Легко быть садовником, трудно быть уроком семени / Шалва Амонашвили. – 2-е изд. – М.: Свет 2017.-400 с.
4. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. / Л.И.Божович М.: Просвещение,1995. - 208 с.
5. Воспитание и развития детей в процессе обучения природоведению: Из опыта работы. Пособие для учителей / сост. Л. Ф. Мельчаков. – М.: Просвещение, 1981. – 158 с.

6. Выготский Л.С. "Воображение и творчество в детском возрасте" / Л.С.Выготский - М.: Просвещение, 1991.-124 с.
7. Давыдов В.В., Теория развивающая обучения, / В.В.Давыдов - М.:-ИНТОР, 1996,-544с.
8. Клепинина З.А. Методика преподавания естествознания в начальной школе: учеб. пособие для студ. пед. вузов / З.А. Клепинина, Г.Н. Аквилёва - М.: Издательский центр «Академия», 2008. - 288с.
9. Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Маориф
10. Консепсияи миллии таҳсилот
11. Консепсияи миллии тарбия
12. Леонтев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. / А.Н.Леонтев - М.: Политиздать, 1975,-136с.
13. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения, / И.Я.Лернер - М.: Педагогика, 1981,-186 с.
14. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо/ М.Лутфуллозода, Бобизода Ғ. // муҳ. С. Камолзода; АТТ. - Душанбе, 2017.-86 с.
15. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. / Бибиҳафиза Маҷидова, Зарина Рустамова/ КТМ. Душанбе -2018.-195 с.
16. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. Книга для учителей. / М.И.Махмутов - М., «Просвещение», 1977.-240с.
17. Нуров А. Методикаи корҳои тарбияӣ дар синфҳои ибтидоӣ / А.Нуров – Душанбе: 2021. - 222с.
18. Омӯзиши системанок дар таълими табиатшиносӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ, Душанбе – 2009,-34 с.
19. Райков Б.Е. Общая методика естествознания. / гос. учебно-педагогическое изд. мин. Прос., / Б.Е.Райков Москва 1947, - 300 с.
20. Сериков В.В. Дидактика Лернера: идеи и развитие // Отечественная и зарубежная педагогика. 2017. Т.1. №3 (39). С.19-30.
21. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ Душанбе: Маориф, 2017. -116 с.
22. Табиатшиносӣ. Қодиров Н., Абдуллоев И., Исоев К., Давлатзода С., Табиатшиносӣ (Олами атрофи мо). Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: 2016. – 136 саҳ
23. Табиатшиносӣ. Қодиров Н., Абдуллоев И., Исоев К., Давлатзода С. Табиатшиносӣ (Олами атрофи мо). Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: 2017.–160 саҳ.
24. Табиатшиносӣ. Қодиров Н., Давлатзода С., Исоев К., Абдуллоев И., Зиёев М., Табаруков М. Табиатшиносӣ (Олами атрофи мо). Китоби дарсӣ барои синфи 4-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: 2019. – 256 саҳ.
25. Табиатшиносӣ. Мусоев З. Раҳмонов Ш. (Китоби дарсӣ барои синфи 1), Душанбе «Полиграфгруп», 2015. 112 саҳ.
26. Ягодовский К.П. Вопросы общей методики естествознания / К.П.Ягодовский - Москва., Учпедгиз 1951.-289 с.
27. Гуманизация и гуманитаризация образования: теории, концепции, опыт: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. Самарский государственный педагогический ун-т.- Самара,1997.–271с.

## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ДАРСҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ШАРОИТИ ГУМАНИЗАТСИЯИ ТАҲСИЛОТ

*Бартарияти принсипҳои гуманистӣ ва афзалият додан ба тарбияи ахлоқӣ-гуманистии хонандагон аз синни таҳсилоти ибтидоӣ дар шароити таҷдиди низоми таҳсилот аз ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии раванди таълим ба шумор меравад.*

*Қайд гардидааст, ки расидан ба ин ҳадафҳо бе ташкили низоми махсус ва пурқуввати таълиму тарбия ғайриимкон аст.*

*Ба фикри мо дарсҳои табиатшиносӣ барои тарбияи гуманистӣ ва ахлоқӣ-эстетикии хонандагони хурдсол имкониятҳои фарохтар доранд.*

*Бояд ба назар гирем, ки раванди аз худкунии донишҳо ва ҳосилшавии маҳорату малакаҳо дар хонандагони хурдсол эҳсосот нақши муҳим ва аввалиндараҷаро мебозад.*

*Та ақидаи мо азхудкунӣ ва ба низомдарории донишхо муҳим аст, вале аз ҳама муҳимтар он аст, ки онҳо воситаи боэътимоди идоракунии фаъолияти инсон ва нафсаш ба шумор рафта метавонад.*

*Танҳо дар ин сурат инсон рафторашро гуманизатсия намуда сифатҳои инсониашро такмил медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *Таълим, тарбия, тарбияи гуманистӣ, гуманизатсияи таҳсилот, дарс, фаъолияти беруназминфӣ, фаъолияти беруназдарсӣ, кори мустақилона, хогандаи хурдсол.*

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ К УРОКАМ ЕСТЕСТВОЗНАНИЯ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ В КОНТЕКСТЕ ГУМАНИЗАЦИИ ОБРАЗОВАНИЯ

*Приоритет гуманистических принципов и придание приоритетного значения нравственно-гуманистическому воспитанию учащихся с начального школьного возраста в*

*условиях модернизации системы образования является одной из основных целей и задач образовательного процесса.*

*Отмечено, что достижение этих целей невозможно без создания специальной и сильной системы образования.*

*На наш взгляд, уроки естествознания начальных классов имеют больше возможностей для гуманистического и нравственно-эстетического воспитания младших школьников.*

*Следует иметь в виду, что в процессе приобретения знаний и приобретения навыков у младших школьников важную и первостепенную роль играют эмоции.*

*На наш взгляд, важно овладевать и систематизировать знания, но главное, они могут быть надёжным инструментом управления собою и своей деятельностью.*

*Только в этом случае человек гуманизирует свое поведение и совершенствует свои человеческие качества.*

***Ключевые слова:*** *образование, воспитание, гуманистическое образование, гуманизация образования, уроки, внеурочная деятельность, внеурочная деятельность, самостоятельная работа, раннее детство.*

## SOME QUESTIONS TO THE LESSONS OF NATURAL SCIENCE IN ELEMENTARY SCHOOL IN THE CONTEXT OF THE HUMANIZATION OF EDUCATION

*The priority of humanistic principles and giving priority to the moral and humanistic education of students from primary school age in the context of the modernization of the education system is one of the main goals and objectives of the educational process.*

*It is noted that the achievement of these goals is impossible without the creation of a special and strong education system.*

*In our opinion, the lessons of natural science in the elementary grades have more opportunities for the humanistic and moral and aesthetic education of younger students.*

*It should be borne in mind that in the process of acquiring knowledge and acquiring skills among younger students, emotions play an important and primary role.*

*In our opinion, it is important to master and systematize knowledge, but most importantly, they can be a reliable tool for managing oneself and one's activities.*

*Only in this case a person humanizes his behavior and improves his human qualities.*

***Keywords:*** *education, upbringing, humanistic education, humanization of education, lessons, extracurricular activities, extracurricular activities, amateur performances, early childhood.*

***Сведение об авторе:***

***Табаров Дилшод Давлатхуджаевич*** *– ассисент кафедры начальная образования Таджикского Государственного Педагогического Университета имени С.Айнӣ. Электронная почта: tabarov72@list.ru Тел(+992) 934000369*

***About the author:***

***Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich*** *– an Assistant in the Departament of Primari Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. E-majl: tabarov72@list.ru Tel:(+992) 934000369*

**ТДУ 891.550 (091)**

## ТАЪЛИМИ ТАФРИҚА ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ МАЪРИФАТИ ХОНАНДАГОН

***Саидова Б.Т.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Аз ибтидои солҳои 90 асри XX мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мактабҳои намуди нав (мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ) аз он ҷумла гимназияҳо, литсейҳои тахассусӣ пайдо гардиданд. Мактабҳои мазкур барои ташкили таълими тафриқа имконият фароҳам сохтанд, ки омӯзгорон мувофиқи барномаҳои нави озмоишӣтаҳия гардида, шаклу усулҳои дарсдиҳиро комил гардониданд.

Дар бораи ташкили мактабҳои нав, ислоҳоти низоми мактаб, қабл аз ҳама таълими тафриқа, ки мақсади асосии он сифати таълиму дониши хонандагон «ба наврас нигаронида шуд» самараи муайян дод.

Имрӯзҳо таълими тафриқа дар раванди таҳсилот мавқеи муайянро ишғол намудааст. Ба назарияи тарафдорони таълими тафриқа муҳаққиқоне, ки ба мисли Л. Басне, Р. Винкелер, Г. Герберт, Д. Корф, Рональд де Грат, М. Фишер, У. Зубайдов чунин аст, ки маҳз таълими

тафриқа ба он мусоидат мекунад, ки хонандагон қобилият ва имконияти зеҳнию ақлии худро дарк намоянд ва ривоҷ диҳанд.

Масъалаи таҳқиқи таълими тафриқа ва татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар маркази диққати корҳои тадқиқотии олими шинохтаи тоҷик Убайд Зубайдов қарор дошт. Пажӯҳиши масъалаи мазкур дар рисолаи «Таълими тафриқо: проблема, мулоҳиза, воқеият» ва «Тафриқа -нерӯи пешбари таълим» - и устод Убайд Зубайдов инъикос ёфтааст. Олим дар рисолаҳои худ аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти татбиқи муносибати тафриқа дар таълим ва роҳу воситаҳои имконпазири татбиқи он дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон ибрози андеша намудаанд.

Убайд Зубайдов дар рисолаҳо ва мақолаҳои илмии худ моҳияти таълими тафриқа ва бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ роҳ ва воситаҳои татбиқи ин шакли ташкили таълимро дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намудааст. Дар баробари ин, муҳаққиқ ба маврид қайд мекунад, ки дар ин марҳала исбот кардану нишон додани роҳу татбиқи таълими тафарика, таҳияи нақшаю барномаҳои марбутаи таълим айни ҳол кам мебошанд.

Бинобар ҳамин сабаб ӯ дар татбиқи таҳсилоти тафриқавӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсан ширкат варзидааст.

Таълими тафриқа яке аз намудҳои самаранок ва сермаҳсули раванди таълим ба ҳисоб рафта, тавассути он амалҳои таъсиррасонии бомақсадро ба роҳ мондан мумкин аст. Ҷорӣ кардани воситаҳо ва намудҳои сермаҳсул дар таълими тафриқа аз ҷониби педагогҳо ва психологҳо имконият медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ ба сарфи оқилонаи вақт самаранокии сифати таълим ба роҳ монда шавад. Мафҳуми тафриқа тамоми кӯшишҳои ташкилӣ ё методиеро, ки барои ба ҳисоб гирифтани истеъдоди фардӣ, қобилият, майлу таваҷҷӯҳи ҳар як хонанда ё гурӯҳи хонандагон дар дохили як мактаб ё як синф равона шудааст, дарбар мегирад. Дар китоби «Таълими тафриқа ва мактаби муосир» соли 2013 нашр гардидааст, ки таълими тафриқа ба қобилият ва истеъдоди шахс такя карда, шароит фароҳам меорад, ки онҳо аз имкониятҳои табиӣ ва шахсии худ истифода баранд. Ин шакли омӯзиш қабл аз ҳама дар асоси талаботи ҳаматарафаи қобилияту истеъдодҳо ба даст меояд.

Таълими тафриқа барои интихоби касб ва тарбияи мутахассисони варзида шароити зеҳнӣ ва рӯҳӣ муҳайё месозад. Китоби «Таълими тафриқа ва мактаби муосир» аз 7 боб иборат буда, дар он кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки дар боби якуми он «Инкишофи ақидаи таълими тафриқа дар дидактикаи муосир» проблемаи таълими тафириқа боз ҳам аниқтар омӯхта шуда, аз диди илмӣ баён карда шавад. Боби дуюм, ки «Раванди таълими тафриқ дар мазмуни таҳсилот» унвон шудааст, ҳалли масъалаи муҳим ва нозукро дар замони муосир фаро мегирад. Дар бобҳои 3, 4, 5, 6 ва 7, ки масъалаҳои ташкили таълими тафриқа ва дурнамои он дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарёфти бачаҳои лаёқатманд, таълими тафриқа дар мактабҳои мамолики ҷаҳон, стандарти таълими химия ва рӯзномаи омӯзгорро фаро мегиранд, саҳеҳ, фаҳмо, васеъ ва дастрас ба хонанда маълумот пешкаш гардидааст. солҳои охир омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои алоҳидаи таълими тафриқа, аз ҷумла, системаи корҳои тарбиявӣ дар шароити таълими тафриқа, сохтори ташаккули мустақилияти фикрии хонандагон, тарҳи созандагии мазмуни маълумот аз тарафи як гурӯҳи олимону муҳаққиқони ҷавон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Таҳлили тадқиқоти сершумори проблемаҳои таълими тафриқа нишон медиҳад, ки моҳияти таълими тафриқа ба робитаи мутақобилаи принсипҳои дидактикӣ (мувофиқати табиӣ, умумият, мақсаднокӣ ва ғайр), ба принсипҳои тафриқа (таъмини зинаҳои таълим, самаранокии ҳамоҳангсозии раванди таълим ва инкишофи шахс) вобаста мебошад. Ҳамзамон аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар татбиқи муносибати тафриқавӣ дар таълим ташхис (мониторинг)-и доимии шахсияти хонанда, таҳлили мазмун ва шаклҳои ташкилии коркарди нақшаҳои таълим, барномаю китобҳои дарсии гуногундараҷа (алтернативӣ)-ро тақозо мекунад.

У.Зубайдов таълими тафриқаро дар шароити мактабҳои Тоҷикистон таҳқиқ намуда, мазмуни тафриқаи сатҳиро ба тариқи зайл навиштаанд: «Ҳангоми ташкили тафриқаи сатҳӣ хонандагон дар як синф аз рӯи як барнома ва аз рӯи як китоби дарсӣ таҳсил намуда, маводро дар сатҳҳои гуногун аз худ менамоянд. Таълиме, ки дар асоси тафриқаи сатҳӣ гузаронида мешавад, мақсад нест, балки он воситаи инкишофи хусусиятҳои шахсият ҳамчун фард мебошад. Вазифаи асосии он кушода додани хусусиятҳои фардии хонандагон ва таъмин намудани шароитҳои беҳтарин барои инкишофи шахсият дар ҷараёни маълумотгирӣ мебошад» [5, с.159].

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ҷанбаҳои муҳим ва мухталифи муносибати тафриқавӣ дар таълим як қатор душвориҳои объективию субъективӣ дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

-коркард нашудани асосҳои назарии муайян ва интихоби мазмуни таълими тафриқа, ки стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд;

- дар дарс ва берун аз он ташкили нокифояи технологияи ташкили байнигурӯҳии фаъолияти таълими хонандагон;

-набудани мониторинги доимии таъмини омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки бо барномаи таълими тафриқа кор мекунанд;

-таваҷҷӯҳи нокифоя дар самти тарбия кардани мутахассисони баландихтисоси касбӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳо ва монеаву душвориҳои тафриқаи таълим;

-дар сатҳи зарурӣ омода накардани омӯзгорон дар курсҳои баландбардории малакаи касбӣ ва хонандагону волидайни онҳо ҷиҳати гузариш ба муносибати тафриқавӣ дар таълим.

Дар шароити имрӯзаи раванди таълим, ки техника ва технологияи муосир ба таври васеъ истифода мешавад, хонандагон низ фаъолияти омӯзгоронеро мепазиранд, ки аз усули шавқовари дарс, муносибати воқеӣ, табодули афкор ва мунозираю мубоҳисаҳо истифода менамоянд. Яъне барои ба воя расондани насли нави озодфикру худогоҳ ва хештаншиносу донишманд усулҳои муосир ва самарабахши таълимро истифода намудан зарур аст. Муносибати тафриқавӣ дар таълим барои рушди озод, солим ва ҳаматарафаи насли нави созандаю эҷодкор мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, истифода намудани шаклҳои мухталифи муносибати тафриқавӣ дар таълим барои хонандагон муҳим буда, он аз омӯзгорон кӯшиши ҳаматарафа ба роҳ монда шавад, ки бо истифода аз шаклҳои нави методологӣ, дидактикӣ ва методии таълим ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот корҳои амалиро дуруст дар раванди таълим гузаронанд. Аз таҳқиқоту таҳлилҳои назарияҳои олимони хориҷию дохилии кишвар оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот бармеояд, ки дар шароити имрӯза маҳз истифодаи муносибати тафриқавӣ дар таълим ба самаранокии маълумот оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, чуноне ки меъёри интихоби мазмуни маълумот, пеш аз ҳама, ба талабот ва қобилияти хонанда мувофиқ кунонида шавад. Фардияти хонанда, ҳамчун субъекти асосии раванди таълим ва тарбия омӯхта шавад.

Таълими тафриқаро дар самти инкишофи ақлӣ дидактикаи муосир баҳои яктарафа гузошта намешавад, олимон – педагогон як қатор ҷанбаҳои мусбию манфиро ҷудо мекунанд.

Ҷанбаҳои мусбии таълими тафриқа:

- истисно намудани «баробарҳақӣ» ва миёнахонии беасос дар байни кӯдакон;
- дар омӯзгор имконияти кӯмак расонидан ба хонандагони сустхон ва диққат додан ба хонандагон беҳтарин пайдо мешавад;
- дар синф ҷой надоштани хонандагони ақибмонда зарурати паст кардани сатҳи таълимро бартараф мекунад;
- имконияти бештар барои бурдани кори самаранок бо хонандагони душвортарбия, ки мутобиқшавиашон ба меъёри ахлоқ суст аст;
- хоҳиши боз бештару чуқуртар омӯхтани беҳтаринҳо ва пешсафии онҳо дар таълим таъмин мешавад;
- сатҳи «консепсияҳои МАН» баланд мешавад: беҳтаринҳо устувор, сустхонҳо имконияти санҷидани муваффақиятро пайдо мекунанд, аз комплекси худбаҳодиҳии паст раҳо мешаванд;
- сатҳи асоснокии таълим дар гурӯҳҳои бақувват баланд мешавад;
- дар гурӯҳи хонандагони имконияташон якхела кӯдак душворӣ намекашад;

Ҷанбаҳои манфии тафриқа:

- тақсимоти кӯдакон аз рӯи сатҳи инкишоф аз рӯи адолат нест;
- хонандагони сустхон имконияти ба аълохонҳо такя карданро доранд, кӯмак пурсидану мусобиқа караданро гум мекунанд;
- нобаробарии иҷтимоӣ – иқтисодӣ падидор шуданаш мумкин;
- ба гурӯҳи сустхонҳо гузарониданро кӯдакон ҳамчун паст кардани шахсият қабул карданашонро мумкин аст;
- ташхиси нодуруст, баъзан ба сафи сустхонҳо ворид шудани кӯдакони боистеъдод мегардад;
- паст шудани «консепсияҳои МАН», дар гурӯҳҳои афзалиятдошта фикри «ман беҳтарин» пайдо мешавад;
- комплекси худпарастӣ ташаккул ёфтанаш мумкин аст, дар гурӯҳи хонандагон сустхон бошад сатҳи худбаҳодиҳӣ паст шуда, ноилоҷӣ ва ноустуворӣ пайдо мешавад;
- сатҳи далеловарӣ ва мақсадгузории хонандагони сустхон паст мегардад.

Қабл аз ҳама, ташкили таълими тафриқавӣ, муносибати фардиро талаб менамояд ва ба тариқи ин шакли муносибат омӯзгор метавонад, ҳар як хонандаро омӯзад, ташхиси педагогию психологӣ гузаронида, дараҷаи инкишофи равандҳои маърифатӣ (диққат, хотир, тафаккур, қобилият ва ғайраҳо), донишу маҳоратҳои онҳоро ҷиҳати иҷрои супоришҳо вобаста ба фанни таълимӣ муайян намояд, пас онҳоро ба гурӯҳ ворид намояд. Дар таълими мазкур омӯзгор ҳам бо хонандаи алоҳида ва ҳам бо гурӯҳи хонандагон кор мекунад. Дар ҳамбастагӣ ба роҳ мондани муносибати фардию гурӯҳӣ аз тарафи омӯзгор фаъолнокии хонандагонро зиёд намуда, ба ҳиссу рӯҳияи онҳо қувват мебахшад, хонандагонро ба

фаъолияти дастаҷамъона ҳидоят менамояд. Онҳо аз хурдсолӣ ба меҳнати коллективона одат намуда, ҳисси коллективизм, ҷамъиятчигӣ дар хонандагон рушд меёбад ва ҳамчун фарди комил ба воя мерасанд.

Дар таълими тафриқавӣ як қатор муаммоҳои раванди таълиму тарбия ҳали худро хоҳад ёфт:

*сустхонию қафомонии хонандагон дар таълим;

*бемасъулиятию беаҳамиятии талабагон ба омӯзиш;

*якрангу қолабӣ будани ҷараёни дарсҳо;

*супоришҳои тахминию умумии номувофиқ;

*сатҳӣ ва ноустувор будани дониши хонандагон;

*маҳдудияти омӯзиши маводи таълим;

*дилгиркунандаву ногувор будани машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ;

*такрор ва бетағйир истифодабарии методу воситаҳои таълим ва ғайра.

Аз ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои зикргардида, фаъолияти педагогию психологӣ ва методию эҷодкоронаи омӯзгор муҳим буда, қобилияти баланди фаъолияти омӯзгор лозим аст. Муаллими навҷӯю масъулиятшинос метавонад, таълими тафриқавиро мувофиқи мақсад ташкил намуда, мазмуну мундариҷаи дарсро низ тақсимбандӣ кунад.

Барои ташкили таълими тафриқавӣ нақши омӯзгор басо асосӣ ва зарур буда, бояд баҳри тамоми хонандагон чунин имконияҳоро ба роҳандозӣ намояд:

-интихоби иҷрои супоришҳо. Хонандагон дар гурӯҳ супоришҳоро мувофиқи тавоноиашон метавонанд интихоб кунанд, агар супориш якчанд амалро талаб намояд, амалҳо байни иштирокчиёни ҳамон гурӯҳ мувофиқи хоҳишашон тақсим карда мешавад, барои ин, вазифаю супоришҳо бояд шавқовару диққатҷалбкунанда бошанд;

-мустақилона фаъолият намудан дар ҳолате амалӣ мешавад, ки барои иҷрои супоришҳо вақт дода шавад ва ҳаҷм, мазмуну мундариҷаи супоришҳо мувофиқи донишу маҳорати гурӯҳи хонандагон пешниҳод карда шавад;

-озодона фаъолият намудан. Барои ин набояд омӯзгор ба фаъолияти хонанда фишор оварад, яъне ба иҷрои ин ё он супориш маҷбур намудан мумкин нест. Иҷрои ин ё он корро мувофиқи тавоноии хонанда талаб кардан лозим аст, то ки ӯ бо ҷуръати худ, дар дараҷаи душвории худ фаъолият намояд.

-истифодаи донишҳои захиравӣ. Хонандагон барои иҷрои вазифаҳо аз донишҳои пешгирифтаашон истифода мебаранд ва дар ин самти кор омӯзгорро лозим аст, ки саволу супоришҳои мавзӯи навро бо мавзӯъҳои гузашта алоқамандона таҳия намояд, ба ҳаёти воқеии хонандагон вобаста намояд. Маҳз, донишҳои захиравӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон роҳи ҳалли муаммою масъалаҳои таълимиро эҷодкорона ва бошуурона ёбанд ва ё ҳал намоянд;

-бозӣ кардан ва хушҳолӣ намудани хонандагон дар дарс, яъне истифодаи бозиҳои дидактикӣ, ки ба синну соли мактабиён мувофиқ буда, такмили донишҳои фаннии онҳоро таъмин менамояд;

-худидораи эҷодии мактабиён. Дар ин самт хонандагон рафтору кирдор ва амали якдигарро идора мекунанд, ақида, андеша, фикру пешниҳоди ҳамдигарро тасдиқу инкор мекунанд, ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд, хатогиҳои ҳамсабаққояшонро ислоҳ мекунанд, камбудиҳои кору амалашонро пурра мекунанд ва ғайра.

Бинобар ҳамин, таълими тафриқавӣ баҳри ба амал баровардани мақсадҳои ниҳоии таҳсилоти муосир ва беҳдошти сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ба ҳар як хонанда имконият медиҳад, ки вобаста ба қобилиятҳояшон дараҷаи баланди донишро аз худ карда, имкониятҳои шахсии худро истифода бурда тавонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Давидов В.В. Проблемы развивающего обучения. / В.В.Давидов – М., 1986.-293с.
2. Ёқубов С. Таълими тафриқа. / С.Ёқубов – Душанбе, 1993. -68с.
3. Зубайдов У.З. Намудҳои таълими тафриқа ва ташкили он омили сифати дониш // Маърифати омӯзгор, 2007.- №10.-С.34-44.
4. Зубайдов У.З. Таълими тафриқа ва мактаби муосир. / У.З. Зубайдов – Душанбе, 2013.-160с.
5. Зубайдов У.З. Таълими тафриқа ва намудҳои он. Маводҳои конф. илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои муосири таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, миёнаи махсус ва олӣ». / / У.З. Зубайдов – Душанбе, 2009. – С.158-161.
6. Лутфуллоев М. Таълимгоҳҳои типии нав ва дурнамои онҳо // Маърифат, 1996.- №5.-С.43-46.

## РАЗЛИЧИЯ ОБУЧЕНИЯ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАННОСТИ СТУДЕНТОВ

*В данной статье рассматривается создание новых школ, реформа школьной системы и, прежде всего, дифференцированное образование, основной целью которого является повышение качества образования и знаний учащихся, «ориентированных на подростков».*

*Сегодня дифференцированное обучение занимает особое место в образовательном процессе. По мнению сторонников дифференциального образования, такие исследователи, как Л. Басне, Р. Винкелер, Г. Герберт, Д. Корф, Рональд де Грат, М. Фишер, У. По мнению Зубайдова, именно обучение дифференциации помогает учащимся реализовать и развить свои интеллектуальные способности и потенциал.*

*Дифференцированное обучение является одной из наиболее эффективных и продуктивных форм образовательного процесса, посредством которой могут осуществляться целенаправленные действия.*

*Дифференцированное образование в сфере интеллектуального развития современная дидактика не оценивает однобоко, ученые-педагоги выделяют ряд положительных и отрицательных сторон.*

*Прежде всего, организация дифференцированного обучения требует индивидуального подхода, благодаря которому педагог может изучить каждого учащегося, провести педагогический и психологический анализ, уровень развития познавательных процессов (внимания, памяти, мышления, способностей и др.), их знания и умения определять выполнение заданий, связанных с предметом, затем включать их в группу.*

*Дифференцированное образование способствует реализации конечных целей современного образования и повышению уровня и качества образования. Также дает каждому студенту возможность приобрести высокий уровень знаний и использовать свои личные способности в зависимости от своих способностей.*

***Ключевые слова:*** *образование, дифференциация, образование, просвещение, эксперимент, метод, дидактика, условия, возможность, талант, интеллект, внимание, память, мышление.*

## DIFFERENCES IN LEARNING AS A FACTOR DEVELOPMENT OF STUDENT EDUCATION

*This article discusses the creation of new schools, the reform of the school system and, above all, differentiated education, the main goal of which is to improve the quality of education and knowledge of "adolescent-oriented" students.*

*Today, differentiated learning occupies a special place in the educational process. According to supporters of differential education, such researchers as L. Basnet, R. Winkeler, G. Herbert, D. Korf, Ronald de Grat, M. Fischer, W. abilities and potential.*

*Differentiated learning is one of the most effective and productive forms of the educational process, through which purposeful actions can be carried out.*

*Differentiated education in the field of intellectual development is not assessed by modern didactics one-sidedly; scientists and teachers identify a number of positive and negative aspects.*

*First of all, the organization of differentiated learning requires an individual approach, thanks to which the teacher can study each student, conduct a pedagogical and psychological analysis, the level of development of cognitive processes (attention, memory, thinking, abilities, etc.), their knowledge and ability to determine the performance of tasks related to with the subject, then include them in the group.*

*Differentiated education contributes to the realization of the ultimate goals of modern education and to the improvement of the level and quality of education. It also gives each student the opportunity to acquire a high level of knowledge and use their personal abilities depending on their abilities.*

***Keywords:*** *education, differentiation, education, enlightenment, experiment, method, didactics, conditions, opportunity, talent, intellect, attention, memory, thinking.*

***Сведения об авторе:***

***Саидова Барно Турахоновна****-кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: г.Душанбе, улица Рудаки 121, почтовый индекс: 734023.Электронный почта:* barnosaidova40@gmail.com *Тел.: (+992) 917777403*

***About the author:***

***Saidova Barno Turakhonovna*** *– Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Addres: Dushanbe, Rudaki street 121, postal code: 734023.Электронный почта:* barnosaidova40@gmail.com *Tel: (+992) 917777403*

# МЕТОДИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОЕ, КИ ҲАР ЯК УНСУРИ АМАЛИЁТРО РАВШАН МЕСОЗАД

***Қаландарова М.С***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*

Методи ҳалли масъалаҳо аз рӯи намуна бо амалиёти фикрӣ (устод барои намуна тарзҳои гуногуни ҳалли масъаларо нишон медиҳад) ва ё бо амалиёти амалӣ (масъалаҳое, ки бо тариқи таҷрибавӣ ҳал карда мешаванд) бояд гузаронида шавад. Бо ин мақсад ҳар як усули корро тарзе ба роҳ мондан лозим аст, ки он ҳар як унсури амалиётро равшан созад.

Ҳангоми бо усули машқҳои намунавӣ мустаҳкам кардани мавзӯъ диққати асосиро ба ҷиҳати амалиёти гузаронидашуда равона кардан лозим аст. Ин ҳолат душвории амалиётро андаке сабук мегардонад ва барои раванди минбаъдаи фаъолият замина пайдо мекунад.

Ҳалли масъала – ба воситаи маълумоти ҷадвали бузургиҳо ёфтани бузургии номаълумро ифода мекунад.

Барои омӯхтан ва ба осонӣ ҳал намудани масъала талаботҳои зеринро ба инобат гирифтан лозим аст:

1. Бо диққат матни масъаларо хонда, вазъияти проблемавии онро ошкор, матни масъаларо ба шарт ва талаботи он ҷудо карда, объекти ҳар як шарти элементарӣ ва тавсифи онро муайян кардан лозим аст. Бо ёрии ҳарфҳо бузургиҳоро ишора намуда, қиматҳои ададии онҳоро бо воҳидҳои якхела ифода кардан (дар СИ) зарур мебошад.

2. Талаботи ҳалли масъаларо ба инобат гирифта, алоқамандии бузурги-ҳоро ба воситаи расм, нақша ё диаграмма ифода кардан лозим аст.

3. Ба шарти масъала амиқ фикр кунед. Муайян намудан лозим аст, ки масъала ба кадом қонун тааллуқ дорад. Бо тариқи ҷиддӣ ҳалли масъаларо таҳлил ва пеш аз ҳама бузургии номаълумро муайян намуда, ба воситаи бузургиҳои маълум масъаларо ҳал кардан лозим аст.

4. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳаллашон душвор бузургии номаълумро ёфта, масъаларо то «охир» ҳал кардан. Ифодаи муносиберо ки барои ҳалли масъала лозим аст, аз мавзӯъҳои гузашта интихоб карда, ҳангоми зарурат китоб ё конспектро истифода бурдан мумкин аст. Ин гуна интихобкунӣ худ ба рафти эҷодкорӣ мувофиқ буда, моро водор менамояд, ки тарзи нисбатан мақсадноки ҳалли масъаларо интихоб кардан.

5. Муодилаи ҳосилкардашударо муоина намудан. Агар дар он як бузургӣ номаълум бошад, онро ҳисоб менамоем.

Агар бузургиҳои номаълум бисёр бошанд, формулаи умумии онро муайян менамоем ва аз он бузургии дигари номаълумро ёфтан. Ин амалиётро истифода намуда системаи муодилаҳои ҳосилшударо муоина менамоем.

6. Дар баъзе мавридҳо аз рӯйи формулаҳои додашуда ҳар як бузургии номаълумро дар алоҳидагӣ ҳисоб карда, пас дар муодилаи муоинашаванда қиматҳои ҳосилшударо гузошта бузургии асосиро ҳисоб мекунем. Мумкин аст, ки дар ин муодила бузургии номаълуми нав пайдо шавад, аз рӯи методи нишондодашуда онро ҷустуҷӯ карда ёфтан

Дар муодила бармаҳал ё бевақт бузургиҳои номаълум боқӣ намемонад. Аз рӯйи муодилаи ҳосилшудае, ки як бузургии номаълум дорад, масъала ҳал карда шуда, бо ифодаи ҳарфӣ ҷавоби он навишта мешавад.

Мазмуни дидактикии ин метод аз он иборат аст, ки муаллим бо мақсади ин ё он амалиётро ба донишҷӯён ёд додан фаъолияти онҳоро идора мекунад.

Талаботҳои нишондодашударо ба инобат гирифта намунаи ҳалли якчанд масъаларо барои баланд бардоштани қобилияти фикрии бакалаврҳо пешниҳод менамоем.

**Масъалаи 1**. Заврақ масофаи байни ду маҳалро ба равиши об ба поён дар 4 соат ва ба муқобили самти равиши об дар 10 соат тай мекунад. Дар оби ором ҳамин масофаро заврақ дар чӣ қадар вақт тай мекунад.

Дода шудааст; Ҳал. Масофаи байни пунктҳоро бо ($\ell$) ишора

$t_1$ = 4ст карда суръати завракро дар оби ором бо ($\vartheta$) ишора

$t_2$ = 10ст ва суръати ҷоришавии обро бо (u) ишора

t - ? мекунем.

Муодилаи ҳаракати завраҷро бо равиши об ба поён, чунин менависем:

$\ell = (\vartheta + u)\, t_1$.

Ҳангоми ба муқобили ҷараёни об ба боло ҳаракат кардан:

$\ell = (\vartheta - u)\, t_2$.

Аз рӯи ин муодилаҳо бузургии вақтро бо ёрии формулаи $t = \frac{\ell}{\vartheta}$

навишта u – ро ба ҳисоб намегирем, он гоҳ тарафҳои рост ва чапи ин муодилаҳоро ҷамъ карда ҳосил мекунем:

$\frac{\ell}{t_1} + \frac{\ell}{t_2} = \vartheta + u + \vartheta - u = 2\vartheta$; $\frac{\ell}{t_1} + \frac{\ell}{t_2} = 2\vartheta$.

Дар ин ҷо $t = \frac{\ell}{\vartheta}$ ё ки $\vartheta = \frac{\ell}{t}$, пас

$\frac{\ell}{t_1} + \frac{\ell}{t_2} = 2\frac{\ell}{t}$ ё ки $\frac{\ell t_2 + \ell t_1}{t_1 . t_2} = 2\frac{\ell}{t}$.

Аз ин ҷо $\ell(t_2 + t_1) / t_1 . t_2 = 2\frac{\ell}{t}$,

баъди ба ($\ell$) тақсим намудани тарафи чап ва рости ин муодила вақти

ҳаракати завраҷро дар оби ором ҳосил мекунем.

$t = \frac{2t_1 . t_2}{t_2 + t_1} = \frac{2.4ст.10\,ст}{10ст + 4ст} = \frac{80ст^2}{14ст} = 5{,}7$ ст.

(Ҷавоб: t = 5,7 ст.)

**Масъалаи 2**. Суръати ҷараёни оби дарё 1,2 м/с мебошад, вале заврақ нисбат ба соҳил перпендикуля бо суръати 3,2м/с ҳаракат мекунад. Суръати заврақ ($\vartheta_2$) нисбат ба ҷараёни об чӣ қадар аст? Кунҷи суръати ҳаракатро нисбат ба соҳил муайян кунед.

Дода шудааст: Ҳал. Ҳаракати заврақ хеле мураккаб аст. Дар

$\vartheta_1$ = 1,2 м/с навбати аввал он бо суръати $\vartheta_2$ нисбат ба об

$\vartheta$ = 3,2 м/с тахти кунҷи $\alpha$ ба соҳили дарё ҳаракат дорад.

Ин кунҷро мувофиқи шарти масъала меёбем.

$\vartheta_2$ -?, $\alpha$ -?

Суръати натиҷавӣ $\vartheta$ мувофиқи шарти масъала перпендикуляр ба соҳили дарё ба 3,2 м/с баробар аст. Аз шарти масъала бо ёрии суръати натиҷавӣ $\vartheta$ ва суръати $\vartheta_1$, суръати $\vartheta_2$ - ро муайян мекунем. Мувофиқи қоидаи параллелограмм суръатҳои $\vartheta_1$ ва $\vartheta$-ро ҷамъ менамоем ва $\vartheta_2$ диагонали паралелограммро ташкил менамояд (расми.2.1).




Расми 2.1.

Модули суръат мувофиқи теоремаи Пифагор:

$\vartheta_2 = \sqrt{\vartheta^2 + \vartheta_1^2}$ .

Кунҷи суръати ҳаракат ба соҳил аз ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$\cos\alpha = \frac{\vartheta_1}{\vartheta_2}$.

Суръати $\vartheta_2$- ро аз рӯйи қиматҳои додашуда ҳисоб мекунем.

$$\vartheta_2 = \sqrt{\vartheta^2 + \vartheta_1^2} = \sqrt{(3{,}2\text{м/с})^2 + (1{,}2\text{м/с})^2} = \sqrt{10{,}24\frac{\text{м}^2}{\text{с}^2} + 1{,}44\frac{\text{м}^2}{\text{с}^2}} =$$

$$= \sqrt{11{,}68\ \frac{\text{м}^2}{\text{с}^2}} = 3{,}417\text{м/с}:$$

cos $\alpha$ -ро ҳисоб мекунем:

$\cos\alpha = \frac{1{,}2\ м/с}{3{,}417\ м/с} = 0{,}35$; $\alpha = 21^0$

Ҷавоб: $\vartheta_2 = 3{,}417$м/с; $\alpha = 21^0$.

Масъалаи 3. Велосипедрон аз як шаҳр ба шаҳри дигар ҳаракат намуд. Нисфи аввали роҳро бо суръати 10 км/ст ҳаракат кард. Баъд он дар нисфи вақт бо суръати 6 км/ст ва дар нисфи дигари вақт бо суръати 4 км/ст ҳаракат намуд. Суръати миёнаи велосипедронро дар тамоми роҳ муайян кунед.

Дода шудааст: Ҳал. Дар ҳаракати номунтазам суръати миёна

$\vartheta_1$ = 10 км/ст аз ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$\vartheta_2$ = 6 км/ст $\vartheta_м = \frac{S}{t}$(1)

$\vartheta_3$ = 4 км/ст Дар ин ҷо S роҳи ҳаракати велосипедрон дар

муддати вақти t мебошад. Ҳамаи роҳи

$\vartheta_м$ - ? тайкардашудаи велосипедронро ба се қитъаи роҳ

бо $S_1$,$S_2$ ва $S_3$ ишора менамоем (расми 2.2)

$S_1$ $S_2$ $S_3$

S/2

Дар ҳар як қитъаи роҳ вақти ҳаракатро бо $t_1$ , $t_2$, $t_3$ ишора мекунем ва барои қитъаҳои роҳ менависем:

$S_1 = \vartheta_1 t_1$ ; $S_2 = \vartheta_2 t_2$; $S_3 = \vartheta_3 t_3$. (2)

Ҳамаи роҳи тайкардаи велосипедрон баробар аст:

$s = s_1 + s_2 + s_3$ .

Аз шарти масъала $s_2 + s_3 = s_1$ мебошад, пас

$s=2s_1$ (3)

Вақти пурраи ҳаракати велосипедрон баробар аст:

$t = t_1 + t_2 + t_3$ .

Мувофиқи шарти масъала $t_2 = t_3$, аст, бинобар он ҳосил менамоем:

$t = t_1 + 2t_2$ (4)

Ба ифодаи $s_2 + s_3$ қиматҳояшонро гузошта ҳосил мекунем:

$s_2 + s_3 = \vartheta_2 t_2 + \vartheta_3 t_3 = t_2(\vartheta_2 + \vartheta_3)$,

ё $s_2 + s_3 = t_2(\vartheta_2 + \vartheta_3)$.

Аз ин ҷо $t_2 = \frac{S_2 + S_3}{\vartheta_2 + \vartheta_3}$.

Дар ин ҷо $s_2 + s_3 = s_1$ мебошад, пас, $t_2 = s_1 / (\vartheta_2 + \vartheta_3)$ мешавад.

Барои вақти умумии ҳаракат t навиштан мумкин аст:

$t = t_1 + 2t_2$

$$t = \frac{S_1}{\vartheta_1} + \frac{2S_1}{\vartheta_2 + \vartheta_3}. \ (5)$$

Ба формулаҳои (1) қиматҳоро аз формулаҳои (3) ва (5) гузошта ҳосил мекунем:

$$\vartheta_м = \frac{s}{t} = \frac{2S_1}{\left({}^{S_1}/_{\vartheta_1}\right) + [2S_{1/(\vartheta_2+\vartheta_3)}]} = \frac{2\vartheta_1(\vartheta_2+\vartheta_3)}{2\vartheta_1 + \vartheta_{2+\vartheta_3}},$$

ё

$$\vartheta_м = \frac{2\vartheta_1(\vartheta_2+\vartheta_3)}{2\vartheta_1 + \vartheta_{2+\vartheta_3}}. \ (6)$$



Расми 2.5

Қиматҳои ададиро ба формулаи (6) гузошта,
суръати миёнаи
велосипедронро ҳисоб мекунем:

$$\vartheta_м = \frac{2.10\frac{км}{ст}.(6+4)\frac{км}{ст}}{(2.10\frac{км}{ст}+6.\frac{км}{ст}+4.\frac{км}{ст})} = \frac{200 км^2/ст^2}{30\ км/ст} = 6{,}66 км/ст \approx 6{,}7 км/ст$$

Ҷавоб; $\vartheta_м$ = 6,7 км/ст.

**Масъалаи 4.** Нуқта собитшитоб ҳаракат дорад. Он дар 5 сонияи аввал роҳи 25 м – ро ва дар 6 сонияи минбаъда 65 м масофаро тай мекунад. Суръати ибтидоӣ ва шитоби ин нуқтаро муайян кунед.

Дода шудааст: Ҳал. Муодилаи ҳаракатро барои роҳҳои $S_1$ва $S_2$

$t_1$ = 5 с менависем:

$t_2$ = 6 с $s_1 = \vartheta_0 t_1 + \frac{at_1^2}{2}$ (1)

$s_1$ =25 м $s_2 = \vartheta_0 t_2 + \frac{at_2^2}{2}$. (2)

$s_2$ = 65 м Аз муодилаи (2) муодилаи (1)-ро тарҳ мекунем:

$\vartheta_0$ - ? $a$ - ? $s_2 - s_1 = s_2 = \vartheta_0 t_2 + \frac{at_2^2}{2} - \vartheta_0 t_1 + \frac{at_1^2}{2} =$

$= \vartheta_0(t_2 - t_1) + \frac{a}{2}(t_2^2 + t_1^2)$

Аз ин ҷо барои шитоби нуқта ифодаи зеринро ҳосил мекунем:

$$a = \frac{2(S_2 - S_1) - 2\vartheta_0(t_2 - t_1)}{t_2^2 - t_1^2}. \ (3)$$

Қимати $a$-ро аз формулаи (3) ба формулаи (1) мегузорем:

$$S_1 = \vartheta_0 t_1 + \frac{2(S_2 - S_1) - 2\vartheta_0(t_2 - t_1)}{t_2^2 - t_1^2}.\frac{t_1^2}{2} = \vartheta_0 t_1 + \frac{(S_2 - S_1) - (t_2 - t_1)}{t_2^2 - t_1^2}.t_1^2.$$

Аз ин ҷо барои суръати аввалаи нуқта ифодаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\vartheta_0 = \frac{S_1(t_2^2 - t_1^2) - (S_1 + S_2)t_1^2}{t_1(t_2^2 - t_1^2) - (t_2 - t_1).t_1^2}. \ (4)$$

Қиматҳои ададиро ба формулаи (4) гузошта ҳисоб мекунем:

$$\vartheta_0 = \frac{25м(36\,с^2 - 25\,с^2) - (65\,м - 25\,м).25\,с^2}{5\,с(36\,с^2 - 25\,с^2) - (6\,с - 5\,с).25\,с^2} = \frac{25.11\,м.с^2 - 1000\,м.с^2}{5.11\,с^3 - 25\,с^3} = \frac{725\,м}{30\,с} = 24{,}17\frac{м}{с}$$

.

Қиматҳои ададиро ба формулаи (3) гузошта шитоби нуқтаро ҳисоб мекунем:

$$a = \frac{2(65\, м - 25\, м) - 2.25{,}17\frac{м}{с}(6\, с - 5\, с)}{36\, с^2 - 25\, с^2} = \frac{80\, м - 48{,}34\, м}{11\, с^2} = 2{,}88\frac{м}{с^2}.$$

Ҷавоб: $\vartheta_0 = 24{,}17\frac{м}{с}$; $a = 2{,}88\,\frac{м}{с^2}$.

**Масъалаи 5:** Тири тӯп бо суръати 500 м/с дар тахти кунҷи $30^\circ$ уфуқӣ парвоз мекунад. Дар кадом масофа тир аз тӯп ба Замин меафтад? Чанд вақт он ҳаракат мекунад? Тӯп ва нуқтаи афтиши тир дар уфуқ якхела ҷойгиранд. Муқовимати ҳаворо ба ҳисоб нагиред.

Дода шудааст: Ҳал. Тир аз рӯйи хати каҷ ҳаракат мекунад ва

$\vartheta_0$ = 500 м/с ба самти тири ӯ бо шитоби доимии g ҳаракат

$\alpha = 30^0$ карда, ба самти поён равона мешавад. Барои муайян

$g = 9.8 м/с^2$ кардани вазъияти тир дар лаҳзаи дилхоҳи вақт аз

S- ? t - ? системаи координатие, ки ба Замин алоқаманд аст,

истифода мебарем.

Ибтидои ин система (нуқтаи 0, расми 2.4) бо мавқеи тӯп мувофиқ меояд.

Системаи координатаро ба x – тири уфуқӣ ва y – тири амудӣ ишора мекунем.

Ба самти тири x тир мунтазам ҳаракат мекунад.

Аз рӯйи расм суръатҳои ибтидоиро дар тирҳои координата меёбем:

$\vartheta_{ox} = \vartheta_0 \cos\alpha$ ва $\vartheta_{oy} = \vartheta_0 \sin\alpha$

Муодилаи ҳаракати тир (муодилаи координатӣ):

$x = \vartheta_{0x}.t$ (ба сами уфуқӣ); $y = \vartheta_{0y}t - \frac{gt^2}{2}$ (ба самти амудӣ).

Аз рӯйи шарти масъала, нуқтаи афтиши тир дар ҳамон уфуқе мехобад, ки тӯп дар он уфуқ ҷойгир аст. Яъне дар нуқтаи афтиши y = 0 аст. Қимати y = 0 – ро дар муодили ҳаракати тир гузошта муддати вақти парвози тирро меёбем:

$\vartheta_{0y}t = \frac{gt^2}{2}$.

Аз ин ҷо

$t = t_1 = 2\vartheta_{0y}/g$.

Қимати $\vartheta_{0y}$ – ро гузошта ҳосил мекунем:

$t = \frac{2\vartheta_0 \sin\alpha}{g}$.




Расми 2.4.

Ба муодилаи $x = \vartheta_0.t\cos\alpha$ қимати t –ро гузошта масофаи нуқтаи афтиши тирро ба замин муйян мекунем:

$s = x_{max} = \dfrac{\vartheta_0^2 \sin 2\alpha}{g}$;

t ва s – ро ҳисоб мекунем:

$$t = \frac{2\vartheta_0 \sin\alpha}{g} = \frac{2.500м/с \sin 30^\circ}{9,8м/с^2} = \frac{1000\, м/с\, .0,5}{9,8\, м/с^2} = 51 \text{ с.}$$

$$s = \frac{\vartheta_0^2 \sin 2\alpha}{g} = \frac{(500м/с)^2\ .\sin 2.30}{9,8м/с^2} = \frac{26170м^2/с^2}{9,8м/с^2} = 2670м = 2,67 \text{ км}$$

Ҷавоб: t = 51 с; s = 2,67 км

**Масъалаи 6.** Тӯби массааш 300 г чандиран ба девор таҳти кунҷи $60^\circ$ мезанад. Бузургии қувваи миёна ва самти суръати онро муайян кунед, ки ба тӯб дар як муддат таъсир мерасонад. Вақти таъсир 0,06 сония (ҳангоми чандиран таъсир расондан модули векторӣ суръат тағйир намеёбад), аммо самташ тағйир меёбад. Кунҷи афтиш ба кунҷи инъикос баробар аст. Суръати тӯбро 5,6 м/с қабул намоед.

Дода шудааст: Ҳал. Барои ҳалли ин масъала аз формулаи

m =300 г=0,3 кг қонунидуюми Нютон истифода мебарем.

$\alpha = 60^\circ$ F = m$a$. (1)

$\Delta$t = 0,06 с Шитобе, ки ҳангоми таъсир ба девор,

$\vartheta$ = 5,6 м/ст ӯ соҳиб мешавад ба $a = \dfrac{\vartheta - \vartheta_0}{\Delta t}$баробар

$F_м$=? мебошад:

Қимати шитобро ба формулаи (1) гузошта ҳосил менамоем:

$F = \dfrac{m\vartheta - m\vartheta_0}{\Delta t}$.

Аз ин ҷо

$F\Delta t = m\vartheta - m\vartheta_0$

Дар ин ҷо F$\Delta$t – импулси қувва;

$m\vartheta_0$ - импулси

ибтидоӣ, $m\vartheta$– импулси охирони тӯб мебошад.

Тағйирёбии импулси ҷисм ($m\vartheta - m\vartheta_0$) ба

импулси қуввае, ки ба ҷисм таъсир мекунад

баробармебошад. Ҳангоми зарбаи тӯб импулси

он ба $m\vartheta$ ва баъди инъикос аз девор импулсион

ба – $m\vartheta$ баробар мешавад.

Дар ин маврид импулси қувваи ба девор таъсирбахшанда ба тағйирёбии импуси тӯб баробар мебошад:

$F_м\Delta t = m\vartheta - (-m\vartheta) = 2m\vartheta$. (2)

Мувофиқи расми 2.5:

$\vartheta = \vartheta_0 \cos\alpha$.

Аз формулаи (2) барои қувваи миёнаи аз ҷониби тӯб ба девор таъсиркунанда

$F_м = 2m\vartheta_0 \cos\alpha / \Delta t$, ҳосил мекунем:

Қувваи $F_м$–ро ҳисоб мекунем:

$$F_м = -\frac{2m\vartheta_0 \cos\alpha}{\Delta t} = \frac{2.0,3кг\ .5,6\frac{м}{с}.\cos 60^\circ}{0,06с} = \frac{3,36\ кг.\frac{м}{с}.(\sqrt{3/2})}{0,06\ с} = \frac{2,912}{0,06} \text{ Н} = 48,5\text{Н}$$

Ҷавоб: $F_м$= 48,5Н.

**Масъалаи 7 .** Поезди массааш 600 т бо суръати 72 км/ст ҳаракат дорад. Пеш аз истгоҳ поездро тормоз медиҳанд. Қувваи тормоздиҳӣ $4.10^5$ Н мебошад. Дар 1дақиқа поезд баъди саршавии тормоздиҳӣ чӣ қадар масофаро тай мекунад?

Дода шудааст: m =600 т=$6.10^6$кг $\vartheta_0$=72 км/ст=20 м/с $F_{тор}$ = $4.10^5$ Н t =1 дақ. = 60 с

Ҳал. Ҳангоми тормоздиҳӣ суръати поезд кам мешавад, яъне самти шитоб ба самти суръати ибтидоӣ муқобил мешавад.

Масофае, ки поезд тай мекунад, аз формулаи зерин муайян карда мешавад:

S - ? $S= \vartheta_0 t - \frac{at^2}{2}$. (1)

Қувваи тормоздиҳӣ ба поезд шитоби зерин мебахшад:

$a=\frac{F_{тор}}{m}$ .

Қимати шитобро ба формулми (1) гузошта, барои роҳи тайкардаи поезд ҳангоми тормоздиҳӣ ифодаи зеринро ҳосил менамоем:

$S = \vartheta_0 t - \frac{F_{торт}t^2}{2m}$.

Қиматҳои ададиро ба формула гузошта ҳисоб мекунем:

$S$= 20 м/с . 60 с – $\frac{4.10^5 Н.(60\ с)^2}{2.6.10^6 кг}$ =1200 м – $\frac{4.10^5\ Н.\ 3600\ с^2}{12.10^6 кг}$ = $\frac{144.10^7 Н.с^2}{12.10^6 кг}$= =1200 м – 120 м= 1080 м.

Ҷавоб: $S$ =1080 м.

Дар мавриди ҳал намудани ин гуна масъалаҳо бо мақсади инкишофи қобилияти фикрии бокалаврҳо равиши ҳалро бо пайдар-пайии муайян фаҳмонидан лозим аст, то ки минбаъд онҳо барои ҳалли масъалаҳо, тарзу усули гузоришҳои ҷустуҷӯиро истифода бурда тавон-анд. Ҳалли масъалаҳое, ки бо усули ҷустуҷӯӣ таҳлил карда мешаванд, қобилияти фикрии бакалаврҳоро баланд бардошта, имконият медиҳад, ки дар онҳо пайдарпаии қонуниятҳо пурра инъикос ёбанд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо барои боз ҳам чуқуртар аз худкардани қонунҳо дараҷаи душвории масъалаҳоро ба назар гирифта, аввал аз масъалаҳои содда ва баъдан ба ҳалли масъалаҳои мураккаб шурӯъ намоянд.

**Адабиёт:**


1. Архангельский М. М. Курс физики–механика М. «Просвещение» 1975.
2. Архангельский. С. И. Учебный протсесс в высшей школе, его закономерные основы и методы. – М. «Высшая школа» 1980.
3. Балаш В. А. Задачи по физике и методы их решении, изд., М., Просвещение.
4. Балаш, В. А. Задачи по физике и методы их решения [Текст] / В. А. Балаш // М.: - «Просвешение», 1983.


## МЕТОДИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОЕ, КИ ҲАР ЯК УНСУРИ АМАЛИЁТРО РАВШАН МЕСОЗАД


*Методи ҳалли масъалаҳо аз рӯи намуна ё бо амалиёти фикрӣ (устод барои намуна тарзҳои гуногуни ҳалли масъаларо нишон медиҳад) ва ё бо амалиёти амалӣ (масъалаҳое, ки бо тариқи таҷрибавӣ ҳал карда мешаванд) бояд гузаронида шаванд. Бо ин мақсад ҳар як усули корро тарзе ба роҳ мондан лозим аст, ки он ҳар як унсури амали-ётро равшан созад. Ҳангоми бо усули машқҳои намунавӣ мустаҳкам кардани мавзӯъ диққати асосиро ба ҷиҳати амалиёти гузаронидашуда равона кардан лозим аст. Ин ҳолат душвории амалиётро андаке сабук мегардонад ва барои раванди минбаъдаи фаъолият замина пайдо мекунад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо барои боз ҳам чуқуртар аз худкардани қонунҳо дараҷаи душвории масъалаҳоро ба назар гирифта, аввал аз масъалаҳои содда ва баъдан ба ҳалли масъалаҳои мураккаб шурӯъ намоянд.*



***Калидвожаҳо**: амалиёт, равшан, раванд, замина, инобат, амиқ, тартиб, бармаҳал, равиш, модул.*

**МЕТОДЫ РЕШЕНИЕ ЗАДАЧИ, КОТОРЫЕ КАЖДОГО ЭЛЕМЕНТА СВЕТЛИТЬ ПРОЗРАЧНЫЕ**

*Метод решение задачи по образец или непосредственно ё операциями умственный (преподаватель указывает разнообразный решение задачу) или по практические действие (задача который имеет практическое решение) должен проводиться. По этому целью преподаватель должен так поставит задачу то что каждого элемента светлить прозрачные. В момент использование данного метода и решение образцовый задач, преподаватель должен выделят особо внимание на действие самостоятельной работы тема урока.Во время решение задач для всестороннее освоить законы должен принимать трудныйзадач. Следовательно в первом варианта принимает легкого задачи и после того трудного задача.*

***Ключевые слова:*** *действие, светлый, процесс, основа, раскаяние, глубокий, тартиб, пораньше, течение, модуль.*

**METHODICAL SOLUTION PROBLEM TO ANY ONE ELEMENT ACTION CLEAR**

*Methodical solution problem from face specimen or with of l mental (l teacher for specimen flay l different solution problem sign floe) and or with action practical (problem to with l practical solution to separate diluting) ought to conduct. With this aim boundary lone principally (n) laws to way to leave necessary is to those any lone element action clear musician. Moment with principally l exercises model strong to theme l attention deific to side action transmitting to clean to make l necessary is. This l heavy action little l light and evection way subsequent l activity basis arisen. Moment solution problem for falcon and l hole mustering natural law level l heavy problem toglance to take root first out of problem plain and later to solution problem l compound beginning.*

***Key words:*** *action, clear, move, basis, repentance, deep, system, carly, cuxxtnt, modyle.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Қаландарова Манзура Саидасроровна***- *муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи маводҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ;*

***Сведения об авторе:***

***Каландарова Манзура Саидасроровна***-*старший преподаватель кафедры методика преподавания физики и технология материалов Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки;*

***About the author:***

***Kalandarov Manzura Saidasrorovna***- *Senior lecturer at the Department of Physics Teaching Methodology and Abuabdullo Rudaki Kulyab State University;*

## ТАШАККУЛИ НАТИҶАҲОИ МЕТАФАННИИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ ИНФОРМАТИКА

***Ҳасанов Ф.Р.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дигаргуниҳои доимие, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавии ҷамъияти мо ба амал меоянд, аз нав дида баромадани максаду вазифаҳои таълими касбии педагогиро талаб мекунанд. Дар заминаи ғояи беҳбуд бахшидан ба тамоми равандҳои педагогӣ педагогикаи метафаннӣ аҳамияти хоса дорад, зеро он меъёрҳои муҳим дар раванди гирифтани таълим, аз қабили: мустақилият; маҳорати самтёбӣ дар микдори калони иттилоот; дохил намудани усулҳои фарҳангшиносӣ, воситаҳои тафаккур ва фаъолияти эҷодиро амалӣ мегардонад, ки муҳимияти онро дар тарбияи кадрҳои педагогии соҳаи информатика зиёд мекунад.

Мазмуни метафании таҳсилот яке аз мафҳумҳои марказии педагогӣ, на камтар, балки назар ба “мазмуни фанни таҳсилот” муҳимтар ба шумор меравад. Дар марҳилаи тарҳрезии стандартҳо мазмуни метафаннӣ дар худ вазифаи пешазфаннӣ, умумифаннии инструметалиро дар бар мегирад. Дар вақти раванди худи таълимӣ метафанният дар фаъолияти таълимгиранда ҳамчун мазмуни махсуси таҳсилот таҷассум меёбад.

Дар низоми муосири таълим муносибати метафаннӣ ба мавқеъҳои асосӣ баромада, ҷойгоҳи аввалинро ишғол карда истодааст. Дар ин замина ягон фанро бидуни такя ба фанҳои дигар таълим додан номумкин аст. Бинобар ин робита, фанни информатика ҷойгоҳи асосиро

ишғол мекунад. Информатика дар ҳамҷаворӣи фанҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносию илмӣ қарор гирифта, ҳамаи принсипҳои асосии бунёди ин илмҳоро дар бар мегирад. Равандҳои иттилоотӣ аз тавсифи равандҳои табиӣ ва иҷтимоӣ сарчашма мегиранд. Ягон фанни дигар ба монанди информатика дастгоҳи пурқудраттарро надорад. Истифодаи он дар амалия маънои гузариш аз муносибати фаҳмондадиҳӣ - тасвирӣ ба таълими муносибати фаъолона - фаъолиятиро дорад.

Мазмуни метафанният сифатан аз мазмуни курси маъмулии таълимӣ бо он фарқ мекунад, ки майдони маъноии объектҳои маърифат дар он аз чаҳорчӯби фанҳои анъанавии таълимӣ берун баромада, як навъ дар метасатҳ қарор мегирад. Натиҷаи дарки ин объектҳо ба таълимгиранда ба сифати маводи тайёр барои азхудкунӣ хабар дода намешавад, балки аз ҷониби худи хонандагон ба таври худ дар рафти фаъолияти муташаккилонаи эвристикӣ ба даст оварда мешавад.

Мавзӯи метафанҳо ба асосҳои бунёди беруназфаннӣ ва дарки маҷмӯии маънои калидии аввалӣ аз ҷониби хонандагон такя мекунанд.

Барои метафан дар маҷмӯъ худи ҳамон талаботе хос мебошад, ки барои курсҳои муқаррарӣ пешбинӣ шудаанд, аз қабили: ҳамоҳангӣ ва ягонагии мақсадҳо, мазмун, шаклҳо ва усулҳои санҷиши натиҷаҳо. Фарқиятҳо аз имконияти аз нав ҷобаҷогузории метафан ва пайдо шудани метафанҳои нав дар асоси он дар вақти раванди таҳсилотӣ иборат мебошанд.

Ҳамаи донишҳои мавҷударо бо хонандагон "тавлид кардан" имконнопазир буда, лозим ҳам нест. Донишҳо аз рӯи муҳимияти худ баробарарзиш набуда, баъзеи онҳо бунёдӣ, дигариҳо - амалӣ буда, сеюмиҳо нақши ҷангалҳои сохтмониро барои бинои асосӣ мебозанд. Муайян кардани он, ки кадоми донишҳо муҳимтаранд, ва кадоми онҳо дуюмдараҷа мебошанд, аз китобҳои кунунии дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ қариб имоннопазир аст. Фаровонии мавод мавриди омӯзиш дарки асосҳои аслии онро душвор мегардонад.

Донишҳои бунёдӣ бо кумаки методҳо ва технологияҳои эвристикии таълим таъмин карда мешаванд. Донишҳои дигар бошанд, бояд нақши муҳитеро иҷро кунанд, ки дар он тавлиди донишҳои бунёдии низомташаккулдиҳанда, инчунин метадонишҳо ба вуқӯъ мепайвандад. Омӯзгор бояд муҳити таҳсилотиро бо нуқтаҳои масъаласозӣ, инчунин усулҳои амалҳоро дар ин муҳит фароҳам орад. Чизи асосӣ бояд ба хонанда пешниҳод карда шавад, то ки ӯ онро ба таври мустақилона кашф кунад. Ва танҳо баъди кашфиёт ё кӯшишҳо барои онҳо ба хонанда бо чунин истилоҳан монандиҳои фарҳангию таърихӣ - дастовардҳои инсоният дар соҳаи ҳалли худи ҳамон суолҳое муносибат кардан мумкин аст, ки хонанда ба онҳо посух медод. Дар натиҷа хонанда ҳамеша таҷрибаи шахсии ҳалли вазифаҳо, натиҷаҳои шахсии худро дошта, инчунин дастовардҳои умумифарҳангиро дониста, бо таҷрибаи худ муқоиса карда, онҳоро низ ба ҳамин тарз, вале аллакай аз тариқи муқоиса бо маҳсул ва фаҳмиши худ азхуд карда метавонад [5, с. 87-89].

Мазмуни метафаннӣ бояд бо хатти сурх аз тариқи ҳамаи фанҳои таълимӣ ва соҳаҳои таҳсилотӣ гузашта, ҳар дафъа инъикоси (инкисори) мушаххасро ба даст оварда, онҳоро дар мазмуни ягона, якпорча муттаҳид намояд.

Унсурҳои мазмуни метафаннӣ бояд асоси низомташаккулдиҳандаи таҳсилоти умумиро ҳам ба шакли амудии зинаҳои алоҳидаи таҳсилот, ҳам дар сатҳи робитаҳои уфуқии метафаннӣ муайян намоянд, аз ин рӯ мазмуни метафанни таҳсилот бояд ба ҷузъи ҳатмии стандарти таҳсилот табдил дода шавад.

Ҳоло замони он фаро расидааст, ки тамаркуз ба як фанни хос такя кардан кофӣ нест. Зарурияти сохтори он, ҷиҳатҳои тавсеа ва роҳҳои таркиби он ба анвои дигари дониш низ зарури аст. Бинобар ин ҳар омӯзгорӣ ин ё он фан бояд кам ва беш аз дигар фанҳо огоҳ бошад, яъне метафаннӣ бошад.

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки таҳсилот дар ҳама давру замон вазифаи таълими омухтан: муҷаҳҳаз кардани кӯдакон бо усулҳои ҷамъбаст кардашудаи фаъолияти таълимӣ буд, ки раванди бомуваффақияти таълимро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин мекард. Талаботи нав нисбати натиҷаҳои таълимгирандагон, ки стандарт муқаррар кардааст, зарурати тағйир додани мазмуни таълимро дар асоси принсипҳои метафанният ҳамчун шарти ноил шудан ба сифати баланди таҳсилот ба миён меорад. Омӯзгор имрӯз бояд тарроҳи вазъиятҳои нави педагогӣ, супоришҳои наве гардад, ки ба истифодаи усулҳои умумии фаъолият ва эҷоди маҳсули худи таълимгирандагон дар азхудкунии донишҳо нигаронида

шудаанд. Дар айни замон ташаккули метамаҳоратҳо вазифаи марказии ҳар як таълим мегардад.

Муносибати метафаннӣ гузаришро аз амалияи мавҷудаи тақсими донишҳо ба фанҳо ба дарки якпорчагии образноки ҷаҳон, ба метафаъолият таъмин мекунад. Метафанният ҳамчун принсипи ҳамгирсозии мазмуни таҳсилот, ҳамчун усули ташаккули тафаккури назариявӣ ва усулҳои универсалии фаъолият, ташаккули тасвири якпорчаи оламро дар шуури кӯдак таъмин мекунад. Имкониятҳои ташаккули метафаъолият дар як қатор методикаҳо, муносибатҳо ва технологияҳо, аз қабили: таълими рушддиҳандаи Элконин-Давидов; педагогикаи фаъолияти фикрӣ; дидактикаи иртиботӣ; таълими эвристикӣ; амсиласозии мантиқӣ-семантикӣ; мактаби ба номи М Шетинин ва дигарон фаро гирифта шудаанд.

Мушкилот дар он аст, ки омӯзиши бомуваффақият бидуни ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва метафаннӣ дар хонанда, ки ба ӯ барои фаъолияти минбаъдаи таълимӣ зарур аст, ғайриимкон аст. Бинобар ин, вазифаи омӯзгор аз ташаккул додани маҳорату малакаҳои фаннӣ ва метафаннӣ дар хонандагон иборат мебошад. Барои иҷрои вазифаи мазкур педагог бояд аз усулу методҳои самарабахши кор истифода барад, ки на танҳо барои фахмо ва осон фаҳмонида додан, нақл кардан, нишон додани хама чиз дар дарс, балки ҷалб намудани худи таълимгиранда ба фаъолияти таълимӣ, ташкили раванди таълимӣ, ташкил намудани раванди мустақилона азхуд намудани донишҳои нав, истифодаи донишҳои гирифташуда дар ҳалли масъалаҳои маърифатӣ, таълимию амалӣ ва ҳаётӣ кумак мекунанд.

Информатика ҳамчун фанни таълимӣ дар соҳаи маориф мавқеи устуворро ишғол кардааст. Аз ин рӯ, ҳадафи таълими информатика на танҳо ва на он қадар навиштани «кодҳои барномавӣ», чи қадар ташаккул додани муносибатҳо ва малакаҳои методологӣ ва технологӣ, тарбияи тарзи дурусти тафаккур, гузоштан ва ҳалл намудани вазифа дар таълимгирандагон мебошад. Чунин муносибат ба таълим имкон медиҳад муҳаққиқи фикркунанда ташаккул дода шавад. Воситаҳои барномавии таълими курси информатика дар якҷоягӣ бо шаклҳои гуногуни раванди таълим бояд самти тадқиқотӣ ва эҷодии онро таъмин намоянд.

Дар педагогикаи рус масъалаҳои ташаккули донишҳои метафаннӣ дар таҳқиқотҳои А.В. Хуторской, Ю В Громико, С В. Галян, А.К. Маркова ва дигарон баррасӣ шудаанд. Амсиласозӣ ва таҳияи сохтори мазмуни метафаннии таълим аз ҷониби олимон: Ю.В. Скрипкина, О.В. Коршунова, О.В. Гливинская, Я.В. Михайлюк, М. Победоностсева ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Масалан, дар таҳқиқоти Ю.В. Скрипкина технологияҳои муосири таълими метафанни донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ мешаванд, ки тавассути ҷорӣ намудани фанҳои интихобӣ, истифодаи технологияҳои муосири ба амалия нигаронидашуда (методи лоиҳавӣ, ТРИЗ, мубоҳисаҳо ва ғ.) [7, 46-55] амалӣ карда мешаванд. Бояд зикр кард, ки дар ин корҳо таърифи «метафанният» муродифи «байнифанният» ё ҳамгироӣ набуда, балки механизми мураккабтари таълимро кушода медиҳад, ки бояд ба якпорчагии раванди таҳсилотӣ ва амиқии донишҳо аз тариқи дарк оварда расонад.

А.В. Хуторской метафанниятро ҳамчун берун баромадан аз доираи предмет, ёфтани он дар асоси онҳо ва ҳамзамон дар робитаи решагӣ бо онҳо таъриф мекунад. Аммо, дар ниҳоят, метафанниятро аз фанният ҷудо кардан мумкин нест [11].

Ю.В. Громико таклиф мекунад, ки метадонишҳо аз ҳисоби блоки метафанҳои «Дониш», «Аломат», «Масъала», «Вазифа» ташаккул дода шавад, ки болобиноро дар дар болои фанҳои анъанавӣ ташаккул медиҳанд [3;с.4].

Н.И. Аксенова қайд мекунад, ки стандартҳои насли нав раванди таҳсилотро ба рушди «қобилиятҳои метафаннӣ» равона карда, «натиҷаҳои метафаннӣ»-и фаъолияти таҳсилотиро бунёдгузорӣ мекунанд [1; с.104-107]. Аз ин рӯ, «педагогикаи метафаннӣ» муносибати дигарро ба ташкили раванди таълим пешниҳод мекунад. Ташкили раванди таҳсилотиро ҳамчун фароҳам овардани шароит барои кӯдакон барои ташаккул додани таҷрибаи ҳалли мустақилонаи масъалаҳои маърифатӣ, иртиботӣ, ташкилӣ ва ахлоқӣ, ки маҳз онҳо мазмуни таҳсилотро ташкил медиҳанд, таъриф кардан мумкин аст [7, с. 60].

Муносибати метафаннӣ хуб донистани фанни худ ба ҳисоб рафта, моҳиятан маҳз ҳамин имкон медиҳад ба таври фаъолиятӣ маводи таълимӣ аз нав ҷамъоварӣ карда шуда, аз нав нуқтаи назари воҳидҳои фаъолиятии мазмун шарҳу тавзеҳ дода шавад. Муносибати

метафаннӣ гарчанде ба канорагирӣ кардан аз махсусгардии танги фаннӣ кумак кунад ҳам, дар ин зимн он даст кашиданро аз шакли фаннӣ пешбинӣ накарда, балки, баръакс рушди онро дар асосҳои рефлексивӣ пешбинӣ мекунад.

Информатика, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба ҷаҳонбинӣ ва усулби ҳаёти инсони муосир таъсири назаррас мерасонанд. Ҷомеае, ки дар он нақши ҳалкунандаро равандҳои иттилоотӣ, хусусиятҳи иттилоот, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ мебозанд, воқеияти замони муосир мебошад.

Муносибати метафаннӣ намунаҳо беҳтарини дидактикию методии рушди шакли фаннии донишро дар бар мегирад. Зимнан, он дурнамоҳои нави рушдро барои чунин шакли таҳсилотӣ, ба монанди фанни таълимӣ ва машғулияти таълимӣ боз мекунад.

Натиҷаҳои метафаннии таҳсилотӣ пешбинӣ мекунанд, ки дар таълимгирандгон сифатҳои зерин рушд хоҳанд кард: самтёбии боваринок дар соҳаҳои гуногуни фаннӣ аз ҳисоби истифодаи бошууронаи донишҳои фалсафӣ ва умумифаннӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои муассисаи таҳсилот; азхуд кардани маҳорату малакаҳои асосии умумитаълимии хусусияти иттилоотию мантиқидошта, маҳорату малакаҳои ташкили фаъолияти таълимии шахсии худ, маҳорату малакаҳои асосии универсалии хусусияти иттилоотидошта, амсиласозии иттилоотӣ ҳамчун методи ба даст овардани донишҳо, доираи васеи маҳорату малакаҳои истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, табдилдиҳӣ ва интиқоли намудҳои гуногуни иттилоот, маҳорату малакаҳои заминавии фаъолияти таҳқиқотӣ, гузаронидани озмоишҳои виртуалӣ, усулҳо ва методҳои азхуд кардани воситаҳои нави асбобӣ, асосҳои фаъолияти муштарак ва ҳамкории пурмаҳсул бо ҳамсолон ва калонсолон [8].

Ҳамчун натиҷаҳои метафаннии таълими информатика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ инҳо мебошанд:

- маҳорату малакаи мустақилона муайян кардани мақсади таҳсили худ, гузоштан ва баён кардани вазифаҳои нав дар таълим ва фаъолияти маърифатӣ, инкишоф додани ангезаҳо ва майлу манфиатҳои фаъолияти маърифатии худ;
- азхуд кардани асосҳои худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ, қабули қарорҳо ва амалисозии интихоби бошуурона дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ;
- маҳорату малакаҳои муайян кардани мафҳумҳо, ҷамъбасткунӣ, муқаррар кардани монандиҳо, тасниф, мустақилона интихоб кардани асосҳо ва меъёрҳо барои тасниф, муқаррар кардани робитаҳои сабабию натиҷавӣ, бунёди мулоҳизаронии мантиқӣ, хулосабарорӣ (индуктивӣ, дедуктивӣ ва аз рӯи монандӣ ё шабоҳат) ва баровардни хулосаҳо;
- маҳорати эҷод кардан, истифода бурдан ва табдил додани аломатҳо ва рамзҳо, амсилаҳо ва нақшаҳо барои ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва маърифатӣ;
- мутолиаи маъноӣ;
- маҳорату малакаҳои бошуурона истифода бурдани воситаҳои нутқӣ мувофиқи вазифаи иртибот; доро будани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ;
- ташаккул ва рушд додани салоҳиятнокӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ.

Информатика ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ имкониятҳои комилан навро барои эҷодкорӣ, касб ва мустаҳкам кардани малакаҳои гуногуни таълимӣ фароҳам оварда, имкон медиҳанд шаклҳо ва методҳои усулан нави таълим бо истифода аз амсиласозии падидаҳо ва равандҳо татбиқ карда шаванд.

Вазифаи муҳимтарини омӯзгори информатика бояд таълими маҳорати кор кардан бо иттилоот ба хонандагон, таълими усулҳои ҷустуҷӯ ва муқоиса кардани иттилоот ва дохил кардани он ба ҳалли он вазифаҳое гарданд, ки дар раванди таҳсилот гузошта мешаванд. Аммо, дар айни замон дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки иттилоот ба рушди тафаккури хонанда ва танҳо ба маҳорати истифодабарӣ аз технологияҳои иттилоотӣ низ нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки мақсад аз омодасозии касбии омузгори оядаи информатика дар муассисаи таҳсилоти олӣ ташаккул додани салоҳиятнокии касбии ӯ мебошад, ки онро ҳамчун маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ: методологӣ, психологию педагогӣ, фаннӣ ва методӣ баррасӣ кардан мумкин аст.

Салоҳияти методологии омӯзгор, ба ақидаи В.А.Сластенин, бо ташаккули муносибати ҳавасмандона - арзишӣ ба низомҳои дониш, дарки нисбият ва тағйирпазирии онҳо, ташаккули қобилияти тавлиди донишҳои нав дар донишҷӯён таъмин карда мешавад.

Салоҳияти психологию педагогии омӯзгор самти касбии ҳавасмандии фаъолияти ӯ, устуворӣ ва амиқии манфиатҳои маърифатӣ, мавқеъи инсонпарваронаи шахсиятӣ, низоми тамоюлҳо ва эътиқодҳои арзишӣ, инчунин тафаккури нави педагогии ӯро тавсиф мекунад.

Салоҳияти фаннӣ низоми донишҳои илмӣ ва маҳоратҳоро дар соҳаи информатика ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ тавсиф намуда, омодасозии омӯзгорро ба фаъолияти амалӣ дар бар мегирад.

Ва ниҳоят, салоҳияти методӣ дар омодагии омӯзгор ба фаъолияти касбӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, донишу маҳоратҳои махсуси илмӣ, психологию педагогиро муттаҳид намуда, дорои хусусияти ифодаёфтаи амалӣ мебошад. Салоҳияти методӣ аз низоми густурдаи донишу маҳоратҳо дар бунёди раванди таълими информатика ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) иборат мебошад.

Дар баробари ин, омодасозии методии омӯзгори оянда бояд ба парадигмаи муосири таҳсилотӣ мувофиқат карда, донишҷӯён бояд на танҳо методҳои ҷузъии таълимро аз худ кунанд, балки аз ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосии таҳсилоти муосир огоҳ буда, инчунин дорои маҳорати тарҳрезӣ ва татбиқи раванди таълим мувофики онҳо бошанд.

Натиҷаҳои метафании таълим, ба ғайр аз мафҳумҳои метафаннӣ (метафанҳо), фаъолиятҳои универсалии таълимиро дар бар мегиранд. Ба маънои васеъ, истилоҳи «амалҳои универсалии таълимӣ» маънои маҳорати таҳсил кардан, яъне қобилияти субъектро ба худрушдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ бо роҳи азхудкунии бошуурона ва фаъолонаи таҷрибаи нави иҷтимоӣ дорад [2, с. 48].

Қобилияти таълимгиранда ба бомуваффақият аз худ кардани донишҳои нав, ташаккули маҳорату салоҳиятнокӣ, аз ҷумла ташкили мустақилонаи ин раванд, яъне маҳорати таҳсил кардан бо он таъмин карда мешавад, ки фаъолияти универсалии таълимӣ ҳамчун амалҳои ҷамъбастшуда ба хонандагон имконияти самтёбии васеъро ҳар дар соҳаҳои гуногуни фаннӣ ва ҳам дар сохтори худи фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла дарки самтнокии мақсаднок ва хусусиятҳои арзишию-маъноии он боз мекунанд. Ҳамин тариқ, ба даст овардани маҳорати таҳсил кардан азхудкунии пурарзиши ҳамаи ҷузъҳои фаъолияти таълимиро пешбинӣ мекунад, ки ангезаҳои маърифатӣ ва таълимӣ, мақсади таълимӣ, вазифаи таълимӣ, амалҳо ва амалиёти таълимӣ (самтёбӣ, табдилдиҳии мавод, назорат ва баҳодиҳӣ)-ро дар бар мегирад.

Ба натиҷаҳои метафании таълим мафҳумҳои байнифаннӣ (метафанҳо) ва амалҳои танзимкунанда, маърифатӣ, иртиботӣ универсалиеро нисбат медиҳанд, ки инкишофи онҳо ба таълимгиранда имкон медиҳад фаъолияти таҳсилиро мустақилона амалӣ карда, ҳадафҳои таълимиро гузошта, воситаҳо ва усулҳои ноил шудан ба онҳоро ҷустуҷӯ ва истифода бурда, раванд ва натиҷаҳои фаъолиятро назорат ва арзёбӣ карда, шароитро барои рушди ҳамоҳанги шахсият ва худтатбиқкунии он дар асоси омодагӣ ба таҳсилоти бетанаффус эҷод мекунад [9, с. 22-26; 10, с. 34-40].

Ҳадафи афзалиятноки таҳсилот дар муассисаи муосири таҳсилот ташаккули шахсияте мебошад, ки барои фаъолият ва амали муштарак ҷаҳони атроф, барои худтаҳсилкунӣ ва худрушддиҳӣ омода аст. Мушкилот дар он аст, ки таҳсили бомуваффақият дар муассисаи таҳсилотӣ бидуни ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва метафанӣ дар хонанда, ки барои фаъолияти минбаъдаи таълимии ӯ заруранд, ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, вазифаи омӯзгор аз ташаккул додани ин маҳоратҳо дар хонандагон ташаккул диҳад.

Барои иҷрои ин вазифа педагог бояд аз усулу методҳои самарабахши кор истифода барад, ки на танҳо барои фаҳмо ва осон фаҳмонида додан, нақл кардан, нишон додани ҳама чиз дар дарс, балки ба ҷалби худи таълимгиранда ба фаъолияти таълимӣ, ташкили раванди аз худ намудани донишҳои нав, истифодаи донишҳои гирифташуда дар ҳалли масъалаҳои маърифатӣ, таълимию амалӣ ва ҳаётӣ кумак мекунанд.

Маълум аст, ки дар доираи шаклҳои мавҷудаи фаннии таълим амалияи тафаккурро бо тамоми мукаммалии назариявияш тарбия кардан номумкин аст. Аз ин рӯ, метафанҳо таҳия ва эҷод карда шуданд.

Стандартҳои нави таҳсилотӣ бояд ташаккули натиҷаҳои нави таҳсилотӣ (метафаннӣ, шахсиятӣ ва фаннӣ)-ро таъмин намоянд, ки муҳимтарини онҳо натиҷаҳои метафанние

маҳсуб меёбанд, ки ба маҳорату малакаҳои универсалии умумитаълимӣ (мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, ҷустуҷӯи иттилоот, муқоиса, таҳлил, синтез, назорат, баҳодиҳӣ) мансуб буда, сарфи назар аз он, ки “дар паси” фан қарор доранд, аммо аз фаннӣ будан (фанният) ва фаъолияти фаннӣ канда шуда наметавонанд [6, с. 3-10].

Муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ имрӯз аз рӯи стандартҳои нав кор мекунанд, бинобар ин, ба барномаҳои нави таълимӣ ворид намудани мазмуне, ки бо стандартҳои нави муассисаҳои таҳсилот алоқаманд аст, хеле муҳим мебошад. Омӯзгори ҷавон ба муассисаи таҳсилотӣ бояд омода барои ноил шудан ба он натиҷанокии таҳсилоте биёяд, ки дар санаду ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар бораи он дарҷ гардидаанд. Аз ин рӯ, дар мазмуни таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ, аз як тараф, бояд намунаҳои беҳтарини афкори педагогии дохилию хориҷӣ оварда шаванд. Аз тарафи дигар, донишҷӯён дар ҷараёни таҳсил бояд бо таҷрибаҳои пешқадами таҳсилотӣ шинос шуда, имконият дошта бошанд дар муассисаҳои таҳсилоте, ки дар онҳо стандарти давлатии таҳсилотӣ ба тариқи беҳтарин татбиқ мешавад, таҳсил кунанд. Муносибати метафаннӣ имкон медиҳад шахсияти якпорчаи таълимгиранда ташаккул дода шуда, инчунин варосати (робитаи) ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Аксенова Н.И. Метапредметное содержание образовательных стандартов [Текст] / Н. И. Аксенова // Педагогика: традиции и инновации: материалы междунар. науч. конф. (г. Челябинск, октябрь 2011 г.).Т. I. - Челябинск: Два комсомольца, 2011. - С. 104-107.
2. Асмолов А. Г., Бурменская Г. В., Володарская И. А. и др. Как проектировать универсальные учебные действия в начальной школе: от действия к мысли : пособие для учителя / под ред. А. Г. Асмолова. М. : Просвещение, 2008.-160 с.
3. Громыко Н. В. Метапредметный подход в образовании при реализации новых образовательных стандартов Сайт Учительской газеты «УГ Москва» [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.ug.ru /archive/36681 (дата обращения: 10.08.2021).
4. Громыко Н. В. Мыследеятельностная педагогика и новое содержание образования. Метапредметы как средство формирования рефлексивного мышления у школьников [Электронный ресурс]. URL: http://1314.ru/node/24 (дата обращения: 15.10.2021).
5. Громыко Н.В. «Метапредмет «Знание».- М., 2001.- 540с.
6. Краевский, В. В., Хуторской, А. В. Предметное и общепредметное в образовательных стандартах // Педагогика. 2003. N 2. С. 3 - 10.
7. Метапредметный урок: методические рекомендации для учителей общеобразовательных школ, студентов направления «Педагогическое образование» / авт.-сост. С.В. Галян. – Сургут : РИО СурГПУ, 2012. – 83 с.
8. Никитина Н. Б. Метапредметный подход в модели развивающего обучения. Новые технологии в начальной школе [Электронный ресурс].-Режим доступа: http://nsportal.ru/novye-tekhnologii-v-nachalnoi-shkole/forum/metapredmetnyi-podkhod-v-modeli-razvivayushchego-obucheni
9. Хуторской А. В. Метапредметное содержание и результаты образования: как реализовать федеральные государственные образовательные стандарты (ФГОС) [Электронный ресурс] // Эйдос: интернет-журнал. 2012. № 1. URL: http://www.eidos.ru/journal/2012/0229-10.htm (дата обращения: 20.10.2014).
10. Хуторской А. В. Метапредметный подход в обучении: научно-методическое пособие. М. : Эйдос, 2012.
11. Хуторской А.В. Метапредметное содержание и результаты образования: как реализовать федеральные государственные образовательные стандарты (ФГОС) // Интернет-журнал «Эйдос». - 2012. -№1. - http://www.eidos.ru/journal/2012/0229-10.htm. - [Дата обращения 15.10.2013].


## ТАШАККУЛИ НАТИҶАҲОИ МЕТАФАННИИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ ИНФОРМАТИКА


*Дар мақола мавзӯи ташаккули наиҷаҳои метафанни таълим дар дарси информатика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид карда мешавад, ки барои метафан дар маҷмӯъ худи ҳамон талаботе хос мебошанд, ки барои курсҳои оддӣ пешбинӣ шудаанд, аз қабили: ҳамоҳангӣ ва ягонагии мақсадҳо, мазмун, шаклҳо ва усулҳои санҷиши натиҷаҳо. Фарқиятҳо аз имконияти азнав ҷобаҷогузории метафан ва пайдо шудани метафанҳои нав дар асоси он дар вақти раванди таҳсилотӣ иборат мебошанд. Қайд шудааст, ки ҳамчун натиҷаҳои метафаннии таълими информатика дар муассисаи таҳсилотӣ маҳорату малакаи мустақилона муайян кардани мақсади таҳсили худ, гузоштан ва баён кардани вазифаҳои нав дар таълим ва фаъолияти маърифатӣ, инкишоф додани ангезаҳо ва майлу манфиатҳои фаъолияти маърифатии худ; азхуд кардани асосҳои худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ, қабули қарорҳо ва амалисозии интихоби бошуурона дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ва ғайра ба шумор мераванд. Хулоса карда мешавад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ имрӯз аз рӯи стандартҳои нав кор мекунанд, бинобар ин, ба барномаҳои нави таълимӣ ворид*

*намудани мазмуне, ки бо стандартҳои нави муассисаҳои таҳсилот алоқаманд аст, хеле муҳим мебошад. Дар ин росто, муносибати метафаннӣ имкон медиҳад шахсияти якпорчаи таълимгиранда ташаккул дода шуда, инчунин варосати (робитаи) ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин карда шуда, натиҷаҳои метафанни таълим ба даст оварда шаванд.*

***Калидвожаҳо**: натиҷаҳои метафаннӣ, таълим, дарси информатика, омӯзгор, таълимгиранда, мазмуни метафаннӣ, муносибат метафаннӣ, метадониш, салоҳият.*

## ФОРМИРОВАНИЕ МЕТАПРЕДМЕТНЫХ РЕЗУЛЬТАТОВ ОБУЧЕНИЯ НА УРОКАХ ИНФОРМАТИКИ

*В статье рассматривается формирование метапредметных результатов обучения в информатике. Подчеркивается, что к метапредмету в целом предъявляются те же требования, что и к простым предметам, такие как: связность и единство целей, содержания, форм и способов проверки результатов. Отличия заключаются в возможности перераспределения метапредмета и появления на его основе новых метапредметов в процессе обучения. Отмечено, что как метапредметный результат обучения информатике в образовательном учреждении являются способность самостоятельно определять цель своего образования, ставить и формулировать новые задачи в учебно-познавательной деятельности, развивать мотивы и интересы своей познавательной деятельности; овладение основами самоконтроля, самооценки, принятия решений и осуществления осознанного выбора в учебно-познавательной деятельности и др. Делается вывод о том, что высшие учебные заведения сегодня работают по новым стандартам, поэтому очень важно включить в новые учебные программы то содержание, которое связано с новыми стандартами образовательных учреждений. В связи с этим метафизический подход позволяет формировать целостную личность обучающегося, а также преемственность на всех уровнях образования и достижение метапредметных результатов обучения.*

***Ключевые слова**: метапредметные результаты, обучение, урок информатики, учитель, ученик, метапредметное содержание, метапредметный подход, метазнания, компетентность.*

## FORMATION OF META-SUBJECT LEARNING OUTCOMES IN INFORMATICS LESSONS

*The article deals with the formation of meta-subject learning outcomes in informatics. It is emphasized that the same requirements are imposed on the meta-subject as a whole as on simple subjects, such as: coherence and unity of goals, content, forms and methods of checking results. The differences lie in the possibility of redistributing the meta-subject and the emergence of new meta-subjects on its basis in the learning process. It is noted that as a meta-subject result of teaching informatics in an educational institution are the ability to independently determine the goal of one's education, set and formulate new tasks in educational and cognitive activity, develop the motives and interests of one's cognitive activity; mastering the basics of self-control, self-assessment, decision-making and making a conscious choice in educational and cognitive activities, etc. It is concluded that higher educational institutions today work according to new standards, so it is very important to include in new curricula the content that is associated with new standards of educational institutions. In this regard, the metaphysical approach allows the formation of a holistic personality of the student, as well as continuity at all levels of education and the achievement of meta-subject learning outcomes.*

***Keywords:** meta-subject results, learning, informatics lesson, teacher, student, meta-subject content, meta-subject approach, meta-knowledge, competence.*

***Маълумот дар бораи муаллиф**:*

***Ҳасанов Файзали** - унвонҷӯи кафедраи Асосҳои технологияи информатсионӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тел.: (+992) 907212041, E-mail: hfrt.1980@gmail.com;*

***Сведения об авторе**:*

***Хасанов Файзали** - соискатель кафедры Основы информационных технологий Таджикский государственного педагогического униврисистет имени С.Айни Тел.: (+992) 907212041, E-mail: hfrt.1980@gmail.com;*

***About the author**:*

***Khasanov Fayzali** - researcher in the department of basics of information technology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Tel.: (+992) 907212041, E-mail: hfrt.1980@gmail.com*

## МУШКИЛОТ ДАР ШУНИДАН ВА ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИИХТИСОСӢ

***Назарова М.К., Абдувалиева Н.Ю.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Гафуров*

Мушкилоти таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар методикаи таълими забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Аз чор фаъолияти нутқ шунида фаҳмидан навишта хондан ва нутқронӣ барои омӯзандагони забони хориҷӣ бахусус донишҷӯёни факултетҳои ғайритатахассусӣ мушкил аст. Имконияти дар хотир нигоҳ доштани мундариҷаи матни фаҳмидашуда дар ҳар донишҷӯ гуногун аст. Сарчашмаҳои методӣ исбот кардаанд, ки ҷумлаҳои аз ҷиҳати мазмун якхела, вале аз лиҳози созмони синтаксисӣ гуногун сабаби мушкилоти фаҳмиш мегарданд. Ҷумла чӣ қадар дароз ва дорои созмонҳои синтаксисии мураккаб бошад, фаҳмиши он ҳамон қадар душвор мегардад.

Ҳангоми шунида фаҳмидани забони хориҷӣ донишҷуён бояд хеле бодиққат бошанд ва хуб фикррронӣ намоянд. Онҳо бояд диққати худро ба маводи шунидашуда равона кунанд ваба фарқият ва мувофиқати овозҳое, ки онҳо мешунаванд, равона намоянд. На ҳамаи донишҷӯён мушкилиҳои тафаҳҳумро паси сар карда метавонанд. Омӯзгор бояд ба онҳо барои ин душвориҳоро осон ва шавқовартар кардан кӯмак карда тавонад. Омӯзгор барои ба

мақсад расидан се омилҳои зеринро ба эътибор гирифтанаш лозим аст, ки дар ташаккулёбии малакаи фаҳмиши донишҷӯён ба муваффақият соҳиб мегардад:

1. Интихоби маводи лингвистӣ барои тафаҳҳум;
2. Таҳияи мазмуни маводи пешниҳодшуда барои шунида фаҳмидан
3. Фароҳам овардани шароитҳое, ки дар он мавод пешниҳод шудаанд [1, с.24]. Аз ҷиҳати лингвистӣ бошад, шунида фаҳмидан чунин мушкилиҳоро дар бар мегирад:

a) Мушкилоти фонетикӣ;
b) Мушкилоти лексикӣ;
c) Мушкилоти грамматикӣ;
d) Мушкилоти услубӣ [2, с. 65].

Мушкилотои фонетикӣ барои он ба вуҷуд меоянд, ки системаи фонетикаи забонӣ англисӣ аз системаи фонетикии забони тоҷикӣ фарқиятҳои зиёд дорад. Шунаванда дар бисёр ҳолатҳо овозҳоро фарқ карда наметавонад, ки ин омил ба нофаҳмиҳо оварда мерасонад. Омӯзиши овозҳои зерин як қатор мушкилиҳоро ба вуҷуд меоранд:

Θ –S tr - ts ð – z s - z ɑː - ɔ
Θ – f dr - d ɜː ð - v t – ts ɔː - ɜː
W – V h - h æ - e
ɔː - ɔ a - ʌ iː - u uː - u

Масалан донишҷӯён ҳангоми шунидани калимаҳои ***worked-walked, first-fist-forced, lion-liner, tired-tide, bought-boat-board*** дар вақти тафаҳҳум бо мушкилот дучор мегарданд.

Фарқият дар оҳанг яъне дар интонатция низ зоҳир мегардад.Мисол: ***Good morning!*** *(Субҳ ба хайр!)* ***Good morning!*** *(Хайр!)*

Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд маҳорати шунавоии овозҳо ва оҳанги забони англисиродар донишҷӯён ташаккул диҳад.

Афтиши овоз аз таркиби ибораю ҷумлаҳо дар сарҳади гуфтор низ ба мушкилоти фонетикӣ дохил мешавад.

Мисол: ***Britain, suddenly, little***

Дигар мушкилоти фонетикӣ ин ҳамрангшавии ҳамсадои беҷаранги ҳамсоя.Мисол: *I have two sisters.* ***Does she*** *love you?*

Мушкилоти лексикӣ бо мушкилоти фонетикӣ зич алоқаманд аст. Донишҷуён дарбисёр ҳолатхо калимаҳоро нодуруст мефаҳманд, зеро онҳо калимаҳоро хато мешунаванд.

Мисол: *The horse is* ***slipping.*** *The horse is* ***sleeping****.They* ***worked*** *till night. They* ***walked*** *till night.*

Омофонҳо яке аз мушкилоти лексикӣ ба ҳисоб мераванд, дар мисоли овозҳои талаффузи якхела ва маънои гуногундошт. Ба монанди:

***write-right, mail-male, sea-see, scene-seen, site-sight, knight-night***

Дигар мушкилоти лексикӣ ин бисёрмаъногии калимаҳо дар забони англисӣ ба ҳисоб меравад.

Мисол: ***state – штат, state – давлат, run – давидан, роҳбарӣ кардан, country –деҳа, мамлакат, диёр***

Истифодаи синонимҳо ва антонимҳо дигар мушкилоти лексикиро ба вуҷуд меоранд.

Мисол: a) синонимҳо: ***to clean – tidy up, to cry – weep – shout, to speak – talk, to tell – to say, to stop – to cancel – to go up*** b) антонимҳо: ***east – west, take – put, ask – answer, right – wrong***

Аз ҳама калимаҳои мушкил дар вақти шунида фаҳмидан ин ифодаи феълҳо бо пешояндҳо ба ҳисоб мераванд.

Мисол : ***put on, put off, put down, take off, see off, going in for***

Мушкилоти грамматикӣ асосан бо маҷмӯи махсуси синтаксисии забони англисӣ алоқаи зич доранд:

a. созмони герундий: *After* ***coming*** *home (he): the father advised him to be a doctor. The father* ***being*** *a doctor made his son study medicine.* созмонҳои масдарӣ ва сифати феълӣ: *Met the official delegation who* ***came*** *fromJapan.*

***b.*** ҷумлахои мураккаб: ***The president of the Republic after ten days holidays decided to call him.***

c. ***They should be coming in two or three days*** ва ғайрахо.

Ба ғайр аз ин забони англисӣ аз омонимҳои граматикӣ хеле бой аст: ***to answer-answer,to walk-walk***

Пасванди- ***ed*** ҳам пасванди Past Indefinite ва ҳам пасванди Past Participle ба шумор рафтанаш низ ба мушкилоти грамматикӣ дохил мешавад.

Ба мушкилоти лингвистӣ инчунин воситаҳои услубии забон, диалектизмҳо, номҳои ҷуғрофии мамлакатҳои англисзабон мансубанд:

***He is hungry as a hunter.He is a chatterbox.***

***Big Ben is a famous sightseeing of London.***

Мазмуни маводи интихобшуда барои шунида фаҳмидан низ омили муҳим ба ҳисоб меравад. Сарлавҳаи матн ё ҳикояи интихобшуда барои шунида фаҳмидан ба омӯзандакӯмаки калон мерасонад. Нуқтахои назари гуногун доир ба муаммои суръати гуфтор дар омӯзиши тафаҳҳум дар забони хориҷӣ вуҷуд доранд. И.Л. Бим пешниҳод кардааст, ки дар омӯзиши шунида фаҳмидан суръат ва лаҳни гуфтор назар ба гуфтори аслӣ сустар бошад [6, 43].

Мӯҳлати вақти маводи барои шунида фаҳмидан пешниҳод шуда низ ба назар гирифта мешавад. Шунавандагон бояд чунин омӯзонида шаванд, ки бо баробари шунидани матн як маротиба, онро фаҳмонд. Баъзан дар ҳолати мушкилтар будани матн бори дуюм шунавонидани матн ба донишҷӯён кӯмак мерасонад.

Барои ба донишҷӯён ёрӣ расонидан истифодаи машқҳои мустаҳкамкунанда ба монанди (*true-false*) *дуруст ё нодуруст, муколама* байни омӯзгор ва донишҷӯ фоидабахш мебошанд. Аз ҳама роҳи беҳтарин ин нутқи омӯзгор бо забони хориҷӣ бо донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Аз ҳама шароити номуфид дар шунида фаҳмидан ин муколама ё муошират мебошад, ки донишҷӯён дар инҳолат гӯяндаро намебинанд ва дар сӯҳбат иштирок наменамоянд.

Шунидани сабти нутқи нотиқ низ ба шунида фаҳмидан таъсир мерасонад.Донишҷӯёне, ки ба овози омӯзгор одат кардаанд бо осонӣ онро мефаҳманд, лекин онҳо нутқи дигар одамоне, ки бо ҳамон забон суханронӣ мекунанд, намефаҳманд.

Нутқ бо забони хориҷӣ яке аз рукнҳои мушкилтарин дар омӯзиши забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан зарур аст, ки барои ягон чиз гуфтан ё фикри худро баён кардан асосе ё зарурате ба миён меояд. Омӯзгорон метавонанд тавассути ба миён овардани вазъияти табии муоширати донишҷӯро барои ҳарфзанӣ маҷбур созанд.

Бо мақсади аз байн рабудани баъзе мушкилоти лингвистии таълими ҳарфзанӣ омӯзгор бояд доқнишҷӯёнро пешакӣ бо маводи забонӣ шинос намояд.

Нутқ бо забони хориҷӣ се марҳиларо дар бар мегирад:

1. Пайдоиши эҳтиёҷоти сухангӯӣ. Аз дарси аввал омӯзгор бояд ба он кӯшиш намояд, ки дар дили донишҷӯ майлу рағбат бедор кунад, ки ӯ эхтиёҷоти муоширати худро тавассути забони хориҷӣ қонеъ гардонида тавонад. То қадри имкон бо ҳамсабақонаш чӣ дар донишгоҳ

ва чӣ берун аз он бо забони хориҷӣ ҳарф занад.

2. Тайёрӣ ба изҳори фикр марҳилаи дуюм ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила донишҷӯ бояд ботинӣ қолабҳои иборасозӣ ва гуфторсозии забони хориҷиро машқ намояд.

3. Марҳилаи сеюм, иҷроиш аст. Дар ин марҳила донишҷӯ аз малакаҳои ҳосилшуда, ибора ва ҷумласозӣ истифода бурда, эҳтиёҷоти муоширати ба миён омадаро дар шакли гуфтор нутқи ботинӣ дар майнаи худ пухта ва пас аз он, онро изҳор менамояд [5, с.108].

Ҳамин тариқ, таълими шунида фаҳмидан ва нутқ чун рукнҳои фаъолияти муоширатӣ аз зумраи мушкилтарин методикаи таълими забони хориҷӣ ба ҳисоб меравaнд. Шунида фаҳмидан ва нутқ мақсади асосии таълими забони хориҷӣ ҳисобида мешаванд. Машқҳое, ки барои шунида фаҳмидан истифода мешаванд, барои аз худ намудани маводи забонӣ хуб мусоидат мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Усмонов К., Бойматов А. Методикаи таълими забони англисӣ – Нашриёти «Нури маърифат» Душанбе, 2008. - 162 с.
2. Рогова Г., В. Рабинович Ф.М., Сахарова Т.Е. Методика обучения иностранному языку в средней школе. М.: Просвещение, 1991. — 287с. — (Библиотека учителя иностранного языка). — ISBN 5-09-001029-3.
3. Соловова Е.Н. Методика обучения иностранным языкам: Базовый курс лекций. Пособие для студентовпед. вузов и учителей. / Е.Н.Соловова — М.: Просвещение, 2002. — 239 с.
4. Rogova G.V. –Methods of Teaching English‖ Ленинград 1991 «Просвещение» Ленинградское об-е. 28 с.
5. Кочкина З.И. Что должен слышат и слушать студе1нт при овладении иностранным языком. жур. ин.яз. ввысшей школе, 1955, №1 – 159с
6. Беляев Б.В. Очерки по психологии обучения иностранным языкам 2 / Б.В. Беляев – издание, М.1965, - 182 с.
7. Бим И.Л. Некоторые проблемы обучения диалогический речь. журнал. «Иностранный язык в школе» 1985, №5 – 108 с.
8. Ashrapov, B.P. Principles towards interethnic tolerance formation among students of higher educational establishments / B.P. Ashrapov, N. Madumarov // 30 декабря 2021 года, 2021. – P. 49-53.
9. Ashrapov, B.P. The role and place of the notion of teaching methods in the system of didactic ones / B.P. Ashrapov, M. Karimova // 30 декабря 2021 года, 2021. – P. 60-65.
10. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. - DOI: 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
11. Ashrapov, B.P. Some views on students` self-sufficient work organization on the system of credit tuition / B.P. Ashrapov, N.I. Nigmatov // Актуальные научные исследования в современном мире.-2022.-№ 2-5 (82).-С. 14-17


## МУШКИЛОТИ ДАР ШУНИДАН ВА ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАРФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИИХТИСОСӢ


*Дар мақола масъалаи душвориҳои шунидан ва таълими забони англисӣ дар факултетҳои таълими ғайриихтисосӣ баррасӣ мешавад. Қайд карда мешавад, ки мавзӯи мавриди омӯзиш яке аз рукнҳои асосии муошират маҳсуб шуда, он механизми омӯзишии худро дорад.*

*Мақсади мақола: муайян кардани шунидан ва нутқ, ки ҳадафҳои асосии таълими забони хориҷӣ буда, яке аз мушкилтарин масъалаҳои таълими забони хориҷӣ ҳисобида мешавад.*

*Муаллифони мақола дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ба хулоса омадаанд, ки дар ҷараёни таълими ин рукнҳо, омӯзгор ба мушкилоти фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва услубӣ дучор мешавад. Нихоят роххои бартараф намудани ин душворихоро бо мисолхои конкретӣ нишон дода шудаанд.*



***Калидвожаҳо:*** *чор намуди фаъолияти нутқ, гӯш кардан, нутқ, мушкилоти таълими забони хориҷӣ, факултетҳои ғайризабонӣ.*


## ТРУДНОСТИ АУДИРОВАНИЯ И ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОЙ РЕЧИ НАНЕПРОФИЛЬНЫХ ФАКУЛЬТЕТАХ


*В статье рассматривается вопрос о трудностях аудирования и обучения английской речи на факультетах непрофильного обучения. Отмечается, что исследуемая тема считается одним из основных столпов общения и имеет свой механизм усвоения.*

*Цель статьи: определить аудирование и речь, которые являются основными целями обучения иностранному языку и являются одним из самых сложных вопросов при обучении иностранному языку.*

*По результатам исследования авторы статьи приходят к выводу, что в процессе преподавания этих столпов педагог сталкивается с фонетическими, грамматическими, лексическими и стилистическими проблемами. Наконец, они показывают способы*

*преодоления этих трудностей на конкретных примерах.*
***Ключевые слова:*** *четыре вида речевой деятельности, аудирование, речь, проблемы обучения иностранному языку, неязыковые факультеты*

## DIFFICULTIES OF LISTENING COMPREHENSION AND ENGLISH SPEECH TEACHING AT NON-SPECIALIZED FACULTIES

*The article dwells on the issue beset with difficulties of listening comprehension and English speech teaching at non-specialized faculties. It is noted that speech and listening comprehension are the main pillars of communication and they have their own mechanism of absorption.*

*Purpose of the article: is to point out listening comprehension and speech those ones are the main goals of foreign language teaching and to be one of the most difficult issues while teaching a foreign language.*

*According to the results of the study the authors of the article come to the conclusion that in the course of teaching these pillars a teacher faces phonetic, grammatical, lexical and stylistic problems. Finally, they show the ways to overcome these difficulties with specific examples.*

***Keywords:*** *four speech activities, listening comprehension, speech, problems of foreign language teaching, non-specific faculties.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Назарова Муаззам Каримҷоновна*** *- муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Гафуров» (Точикистон, Хучанд). E-mail: nazarova.muazzam@mail.ru тел: (+992) 928728104*

***Абдувалиева Нафосат Юсупҷоновна*** *- муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Гафуров» (Точикистон, Хучанд). E-mail: абдувалиева нафосат @mail.ru тел: (+992) 927518659;*

***Сведения об авторах:***

***Назарова Муаззам Каримджановна*** *- старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд).* ***E-mail****: nazarova.muazzam@mail.ru тел: (+992) 928728104*

***Абдувалиева Нафосат Юсупджоновна*** *- старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд).* ***E-mail****: abduvalieva nafosat @mail.ru тел: 927518659*

***About authors:***

***Nazarova Muazzam Karimdzhanovna*** *- senior teacher of all- university department of foreign languages under the SEI "Khujand State University named after academician B. Gafurov". (Tajikistan, Khujand).* ***E-mail****: nazarova.muazzam@mail.ru*

***Abduvalieva Nafosat Yusupjonovna*** *- senior teacher of all- university department of foreign languages under the SEI ""Khujand State University named after academician B. Gafurov". (Tajikistan, Khujand).* ***E-mail****: abduvalieva nafosat @mail.ru*

**УДК 371.32.**

## САМАРАНОКИИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

***Раҷабова С., Холматова Д.Н***

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров*

Ба вуҷуд омадани шавқу ҳавас ба фанни математика дар байни шумораи зиёди хонандагон бештар ба методикаи таълими он вобаста буда, ба маҳорату малака ва салоҳияти касбии омӯзгор ва сифати фаъолияти таълиму тарбиявии ӯ вобастагӣ дорад. Омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки ҳар як талаба дар дарс фаъолона ва бо шавқу ҳавас кор кунад ва барои бедор намудани нияти азхудкунии донишҳои навро дар онҳо вазифаи ҷонии хеш дарёбад. Ин раванд махсусан дар давраи наврасӣ, вақте ки шавқу завқ ва майлҳои доимӣ ба ин ё он мавзӯъ ҳанӯз ташаккул меёбанд, хеле муҳим мебошад. Маҳз дар ҳамин давра бояд барои ошкор намудани ҷанбаҳои ҷолиби риёзӣ талош кард.

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои математика – усули муосир ва эътирофшудаи таълиму тарбия, ки дорои вазифаҳои тарбиявӣ, инкишофдиҳанда, донишдиҳанда маҳсуб меёбад, ҷойгоҳи махсусро соҳиб аст. Дидактикаи муосир дар шаклҳои бозии таълимӣ дар синф сурат гирифта, дар онҳо имкони ташкили самараноки ҳамкории омӯзгор ва хонандагон дида мешавад.

Бозӣ эҷодкорӣ аст, бозӣ кор аст. Дар раванди бозӣ дар хонандагон одати мустақилона фикр кардан, инкишоф додани диққат, майл ба дониш пайдо мешавад. Ҳангоми истифодаи бозиҳо талабагон саргарми раванди он гашта, бевосита меомӯзанд, чизҳои навро ба ёд меоранд, бо вазъиятҳои ғайриоддӣ муносибат карданро меомӯзанд ва тасаввуротро инкишоф медиҳанд. Ба дарс дохил намудани бозиҳои дидактикӣ ва лаҳзаҳои бозӣ раванди таълимро шавқовару фароғатӣ мегардонад, дар бачаҳо табъи болидаи корӣ ба вуҷуд оварда, барои бартараф намудани душвориҳои азхудкунии маводи таълимӣ мусоидат мекунад. Бозиро ҳамчун як фишанги тавоно ва ҳатмӣ барои рушди рӯҳии кӯдак донистан лозим аст. Бозии дидактикӣ дар дарс мақсад не, балки воситаи таълиму тарбия мебошад.

Аҳамияти мавзӯъ дар он аст, ки математика муҳимтарин илм аст ва инсон ҳар рӯз дар ҳаёти худ бо он вомехӯрад. Аз ин рӯ, омӯзгорони фанни математика бояд дар сатҳи зарурӣ ва дастрас ба хонандагон раванди таълимро ба роҳ монанд. Муаллимон барои шавқовар гузаронидани машғулиятҳо бояд ба бозиҳои дидактикӣ, ки барои ташаккули таваҷҷӯҳи маърифатии хонандагон равона шудааст, таваҷҷӯҳ диҳанд.

Бозӣ як падидаи фарҳангӣ буда, ҷабҳаи таълимдиҳӣ, инкишофдиҳӣ ва истироҳатиро дорост. Ҳатто А.С.Выготский равоншиносӣ барҷастаи шӯравӣ таъкид карда буд, ки «бозӣ набояд аз ҳаёти кӯдак аз байн равад, идомаи онро дар таҳсили минбаъда ва меҳнати минбаъда дошта бошад» [5, с.26]. Аз ин рӯ, педагогҳо ва равоншиносон ба омӯзгорон таъкид менамоянд, ки бозиҳои дидактикӣ вазифаҳои инкишофи интенсивии кӯдаконро доранд.

Масъалаи асосии мақолаи мо низ ба аҳамияти истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими фанни математика дар мисоли синфи 6 бахшида шуда, то ҳадди имкон кӯшиш намудем дар заминаи таҷриба ва ақидаи методистону педагогони машҳури ватаниву хориҷӣ, маводҳои ҷолиб барои инъикоси мавзӯи мазкур ҷамъоварӣ намоем.

Пеш аз истифодаи бозӣ дар синф хусусиятҳои психологии кӯдакони ин синну сол ва намуди бозиҳои ба онҳо мувофиқ ба назар гирифта мешаванд. Олими машҳури рус О.С. Газман дар хусуси истифодаи бозӣ дар дарсҳо чунин ақидаро баён сохтааст: «Фаъолияти бозӣ соҳаи махсуси фаъолияти инсон аст, ки дар он инсон ба ҷуз лаззат бурдан аз зуҳуроти нерӯҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ ягон мақсади дигареро намебинад» [6, с56].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълим бо ҳамбастагӣ дар заминаи маводи таълимӣ боиси пурзӯр шудани фаъолияти равонии толибилмон гардида, шавқу ҳаваси онҳоро барои омӯзиш бештар месозад.

Мақсади бозӣ аз он иборат аст, ки муаллим масъалаи таълимро ташкил медиҳад ё вазъияти мушкилотро ба вуҷуд меорад ва донишҷӯён кӯшиш мекунанд, ки ин масъаларо ҳал кунанд. Онҳо мефаҳманд, ки барои ҳалли мушкилот дониши кофӣ надоранд.

Муаллим ҳамчун роҳбари бозӣ онро ба самти дурусти дидактикӣ роҳнамоӣ мекунад, агар лозим шавад, рафти онро бо усулҳои гуногун фаъол мегардонад, шавқу рағбати бозиро нигоҳ медорад, хонандагони ақибмондаро ҳавасманд менамояд.

Арзиши бозиҳои дидактикӣ дар таълим:

1. Истифодаи самараноки бозиҳо дар раванди таълим фароғатро таъмин мекунанд ва ҳамзамон тафаккури математикиро баланд мебардоранд. Бозӣ кардан тафаккури стратегии математикиро инкишоф медиҳад.

2. Кӯдакон дар ҷараёни бозӣ мустақилона донишҳои нав гирифта, дар ин раванд ба ҳамдигар фаъолона кӯмак мекунанд.

3. Бозиҳо барои дар амал татбиқ намудани донишҳои қаблӣ имконият фароҳам меорад. Муаллимон метавонанд хонандагонро баҳогузорӣ кунанд ва бо шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои хурди донишҷӯён кор кунанд.

4. Бозиҳои дидактикӣ омили ҳавасмандкунанда, махсусан барои омӯзандагони сустхон, донишҷӯёни донишашон сатҳи миёна ва шахсоне, ки қобилияти ҳалли мисолҳо дар онҳо кам зоҳир мешавад (dyscalculia- қобилият надоштан дар омӯзиши араифметика - мушкилоте, ки одатан дар натиҷаи халалдоршавии мағзи сар ба вуҷуд меояд) мадад расонад.

5. Такрори мунтазами бозиҳо маҳорати математикии талабагонро рушд медиҳанд [Harbor-Peters, 2001; Rutherford, 2015; Nekang, 2016].

Дар вақти истифода бурдани бозиҳои дидактикӣ шавқу ҳаваси мактаббачагонро ба бозӣ нигоҳ доштан хеле муҳим аст. Худи муаллим бояд то андозае ба бозӣ шомил шавад, вагарна роҳнамоӣ ва таъсири ӯ ба қадри кофӣ табиӣ нахоҳад буд. Дар бозӣ иштирок кардан ҳам яке аз нишондиҳандаҳои маҳорати педагогӣ мебошад. Дар сурати мавҷуд набудани шавқ ва ё паст шудани он, дар ҳеҷ ҳолат бозиро ба гардани кӯдакон маҷбуран бор кардан мумкин нест, зеро бозӣ арзиши дидактикии худро гум мекунад.

Агар шавқу рағбат ба бозӣ гум шавад, муаллим бояд сари вақт чораҳо андешад, ки боиси тағйир ёфтани вазъият мегардад. Агар шавқу рағбат вуҷуд дошта бошад, кӯдакон бо майли зиёд ба бозӣ машғул мешаванд, ки ин ба азхудкунии мавзӯъҳо таъсири судманд мерасонад. Бозиро ифоданок гузаронидан хеле муҳим аст, зеро агар муаллим бо бачаҳо хушку холӣ, бепарво, якранг сӯҳбат кунад, пас бачаҳо ба дарсҳо бепарвоёна муносибат мекунанд. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани таваҷҷӯҳи онҳо, хоҳиши гӯш кардан, иштирок дар бозӣ душвор буда метавонад.

Ҳангоми ташкили бозиҳои дидактикӣ қоидаҳои зеринро риоя кардан лозим аст:

1. Қоидаҳои бозӣ бояд одӣ, дақиқ тартиб дода шуда, мазмуни математикии маводи пешниҳодшуда барои мактаббачагон фаҳмо бошад.

2. Бозӣ бояд барои фаъолияти ақлӣ, ғизои кофӣ диҳад, вагарна он ба иҷрои ҳадафҳои педагогӣ мусоидат накарда, ҳушёриву таваҷҷӯҳи математикиро инкишоф намедиҳад.

3. Маводи дидактикии дар рафти бозӣ истифодашаванда бояд барои истифода осон бошад.

4. Ҳангоми гузаронидани бозӣ баҳисобгирии натиҷаҳо бояд ошкоро, равшан ва одилона бошад.

5. Ҳар як донишомӯз бояд иштирокчии фаъоли бозӣ бошад.

Ҳамин тариқ, дар дарс истифода бурдани бозиҳои дидактикӣ ба он мусоидат мекунад, ки ҳар як хонанда фаъолона ва бо шавқ дониш андӯхта, дарсро ба тариқи осон фаҳмад. Бозиҳои дуруст интихобшуда ба рушди хотира ва инкишофи салоҳияти дониши математикии хонандагон мусоидат мекунанд.

**Бозии дидактикии «Инопланетянин»**

***Мавзӯъ:*** Амалҳои арифметикӣ бо касрҳои даҳӣ (синфи 6).

***Мақсади дарс:*** барои ташаккули малакаи хонандагон оид ба иҷрои амалҳо бо касрҳои даҳӣ шароит фароҳам овардан.

**Рафти бозӣ**

Синф ба 4 гурӯҳ тақсим мешавад. Муаллим симои инопланетянинро дар тахтаи синф мекашад ё овезаро дар тахтаи мегузорем. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ карта бо рақам ва амалҳо (+, -, : , *), ки бо рақамҳои дар костюми бегона навишташуда иҷро карда мешавад, дода мешавад. Рақами охирон - ҷамъи натиҷаҳо. Гурӯҳе, ки ҳисобҳоро зудтар анҷом медиҳад, ғолиб мешавад.



**Бозии дидактикии «Кӣ аввалин салютро меафрӯзад?»**

***Мавзӯъ:*** Фоизҳо. Ҳалли масъалаҳо доир ба фоизҳо.

***Мақсади дарс:*** ташаккули малакаи хонандагон доир ба ҳалли масъалаҳо бо фоизҳо.

**Рафти бозӣ**

Ҳар як қатор як гурӯҳ мебошад. Ба ҳар як гурӯҳ лифофа бо варақаҳо дода мешавад. Дар мизи якум «ситораҳо» аз қоғазҳои ранга гузошта мешаванд,ки дар қафои онҳо ҷавоби масъалаҳо навишта шудаанд. Дар тахтаи синф аз рӯи шумораи варақаҳо 3 «буттаҳо» бо «шохаҳо» кашида мешаванд. Гурӯҳҳо масъалаҳоро ҳал намуда, ситораҳои мувофикро меёбанд ва ба шохаҳо бо ёрии магнитҳо насб мекунанд.

Дар охир, он гурӯҳе ғолиб меояд, ки аввалин шуда « салютро меафрӯзад».

**Бозии дидактикии "Машқҳои рамзӣ"**

***Мавзӯъ:*** «Ҷамъ ва тарҳ кардани касрҳои даҳӣ»

Қиматҳоро ҳисоб кунед :

1) 27,3-(-2,6)=a

2) -3,3-a + (-3,4) = в

3) -13-в-(-11.2)=c

4) a + b-c=x

Ҷавобҳои рамзӣ: 1) -41,5; 2) -36,6; 3) -43,9; 4) 3.4; 5) -9,3; 6) 29,9; 7)38; 8) 34.8.

Пас аз анҷоми машқи аввал, донишҷӯ дар байни ҷавобҳо ҷавоби ҳосилшударо меҷӯяд. Агар дар он ҷо чунин ҷавоб набошад, он гоҳ мисол хато аст. Талаба ҳамаи мисолҳои варианти худро иҷро карда, кори худро бо ҷавобаш ба муаллим пешниҳод мекунад. Масалан, 6281. Ин маънои онро дорад, ки a = 29,9; b=36,6; c=34,8; x=-41,5.

Шумо метавонед шумораи зиёди чунин вариантҳоро (мисолҳоро) омода созед ва барои ҳамаи донишҷӯён варианти ягонаи худро супоред, то ин ки рӯйбардории хонандагон аз якдигар бартараф карда шавад.

**Бозии дидактикии "Палитраи муодилаҳо"**

***Мақсади дидактикӣ:*** ташаккули малакаи ҳалли муодилаҳо, тафтиш ва ислоҳи дониши хонандагон оид ба мавзӯи омӯхташуда, ташаккули салоҳияти маърифатии хонандагон.

***Ҳадафи тарбиявӣ:*** ташаккул додани ҳисси масъулиятшиносӣ, эътимод ба худшиносии хонандагон, ба қобилияти худ, ташаккул додани қобилияти қабули ҳалли муодилаҳо.

**Рафти бозӣ**

Муаллим палитраро ба хонандагон тақсим мекунад. Дар ҷои рангҳо муодилаҳо навишта мешаванд, дар миёна доираҳои гуногунранг бо ҷавобҳо часпонида мешаванд. Пас аз ҳалли муодила, хонанда доираеро бо ҷавоби дуруст меёбад ва бо истифода аз скотчи дутарафа онро ба муодила мечаспонад. Ҳамин тариқ, палитра ташкил карда мешавад.

**Хулоса:** бозӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ҳар як хонанда дар дарси математика фаъолона ва бо шавқ кор кунад. Бо бозӣ кардани «Палитраи муодилаҳо» хонандагон маҳорати худро дар ҳалли муодилаҳо такмил медиҳанд.

**Маҷмӯи бозиҳои дидактикӣ барои синфи 6**

1. Дар сандуқ 100 дона қалами сурх, кабуд, зард ва сабз ҳаст. Чӣ тавр миқдори ками қаламҳоро надида аз сандуқ гирем, ки дар байни онҳо на кам аз 10 қалами якхела мавҷуд бошад?

Ҷавоб: аз ҳар як қалам 9-тогӣ мегирем, ки он 36-то мешавад. Пас, лозим меояд, ки боз 1-то қалам гирем, он гоҳ миқдори қаламҳо 37-то мешавад, ки дар байни онҳо шумораи яке аз қаламҳои ранга ба 10 баробар аст.

2. Қаламро аз варақ нагирифта, як хатро дубора накашида, расми зеринро кашед.



3. Адади серақамаи хурдтаринро нависед, ки ба 3 каратӣ буда, рақами якумаш 7 бошад.

Ҷавоб: ин адад 702 аст. Зеро суммаи рақамҳои он 7+0+2=9 аст.

4. Оё адади $10^{33}+8$ ба 9 тақсим мешавад?

Ҷавоб: Ҳа. Зеро, ин адад 100...8 (33сифр) аст, азбаски суммаи рақамҳои он 1+0+0..+0+8=9 аст, ки ба 9 тақсим мешавад, пас ин адад ҳам ба 9 тақсим мешавад.

5. Дар варақ ё дар тахтаи синф сутуни ададҳо навишта шудааст:

1000
30
1000
40
1000
20
1000
10

Ҳамаи ададҳо бо варақҳо пинҳон карда мешаванд. “Сутун”-ро аз рӯи тартиб кушоед ва ба талабагон ҳангоми кушодан супориш диҳед, ки даҳонӣ суммаи ададҳоро ҳисоб намоянд ва ҷавоби худро бо навбат ба шакли даҳонӣ ё хаттӣ пешниҳод намоянд. Оё онҳо дуруст ҳисоб намуданд?

Ҷавоб: суммаи ададҳо 4100 мебошад. Аммо бисёре аз хонандагон ҷавобро адади 5000 ҳосил намуданд.

6. Ба рӯи миз бо навбати сиёҳ, сафед, сиёҳ, сафед 6-то шоҳмотҳоро гузоред. (расми 2)



Дар тарафи рост ё чап ҷойи холӣ барои 4 шоҳмоти дигар ҷой гузоред.

Шоҳмотҳоро чунон гузоред, ки дар тарафи чап ҳамаи шоҳмотҳои сафед ва пас аз онҳо пайдарпай ҳамаи шоҳмотҳои сиёҳ ҷойгир шаванд. Ҳангоми ҳаракат кардан дар ҷойи холӣ якбора ду шоҳмоти назди ҳам хобидаро бе ивази тартибашон гузоштан лозим аст. Барои ҳалли ин масъала сето ҳаракат(ход) кардан мумкин аст.

Ҳал:




7. Аз 9 танга якеаш қалбакӣ (сабук) аст. Чӣ тавр бо ёрии тарозуи дупаллагӣ дар ду баркаш тангаи қалбакиро муайян кард?

Ҷавоб: аввал, тангаҳоро ба 3 гурӯҳи баробар ҷудо мекунем. Дар ду палла 3-тогӣ танга гузошта бар мекашем, агар мувозинат бошад, он гоҳ тангаи қалбакӣ дар 3-тои боқимонда, агар яке сабук бароyад,қалбакӣ дар ҳамон гурӯҳ аст. Аз он 1-тогӣ ба ду паллаи тарозу мегузорем, мувозинат бошад, пас тангаи қалбакӣ яктои боқимонда, мувозинат набошад, он дар паллаи сабук ҷойгир аст.

Албатта ҳар назарияе, ки дар методикаи таълими ин ё он фан баён мешавад, бо гузаронидани таҷриба ва қисмати экспериментали тақвият меёбанд. Барои тасдиқи гипотеза

ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар литсейи физикӣ-математикии №1 ба номи М.Осимӣ кори таҷрибавӣ гузаронидем.

Мо 2 синфи 6-и гурӯҳи “а” ва “б”-ро интихоб намудем. Ба гурӯҳи “а” мо мавзӯи навро бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ фаҳмонидем ва кори санҷишӣ гирифтем. Ба гурӯҳи “б” бошад, мо ҳамон мавзӯъро ба таври анъанавӣ бе истифодаи бозиҳои дидактикӣ гузаштем ва пас, аз онҳо кори санҷишӣ гирифтем.

| Синф | Ҳамагӣ | Аъло(5) | Хуб(4) | Миёна(3) | Бад(2) | ғоиб | Сифат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 “а” | 35 нафар | 10 | 17 | 5 | - | 3 | 77% |
| 6 “б” | 32 нафар | 4 | 19 | 7 | 1 | 1 | 72% |

Аз натиҷаҳо маълум шуд, ки хонандагон мавзӯи навро бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ хеле хуб омӯхтанд.

Боз аз якчанд муаллимони фанни математика пурсишнома гузаронидем, ки оё онҳо дар дарсашон аз бозиҳои дидактикӣ истифода мебаранд. Аз посухи омӯзгорон маълум гардид, ки онҳо дар дарсашон аз бозиҳои дидактикӣ хеле кам истифода мебаранд.

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиши маводи риёзӣ воситаи муассири баланд бардоштани фаъолияти таълимии мактаббачагон буда, ба сифати дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон, инкишофи фаъолияти фикрӣ таъсири мусбат мерасонад.

Албатта ҳар назарияе, ки дар методикаи таълими ин ё он фан баён мешавад, бо гузаронидани таҷриба ва қисмати эксперименталӣ тақвият меёбанд. Барои тасдиқи гипотеза ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда кори таҷрибавӣ гузаронида шуд, ки дар се марҳила сурат гирифт:

1) Таҷрибаи санҷишӣ

2) Таҷрибаи ташаккулдиҳанда

3) Таҷрибаи назоратӣ

Мақсади тадқиқот: санҷидани самаранокии истифодаи намудҳои гуногуни бозиҳои дидактикӣ барои рушди шавқу завқи маърифатӣ дар дарсҳои математика.

Омӯзиш дар асоси маводи мактаби миёна дар ду синфи 6 гузаронида шуд: 4 - таҷрибавӣ ва 4 - назорат.

Дар синфи 6 в 4 нафар: 3 писар ва 1 духтар. Синф аз руи китоби дарсии Вилинкин Н. Я., Жохов В.И., Математика 6 класс.

Дар синфи 6 б 5 нафар: 3 писар ва 2 духтар. Синф хам аз руи китоби дарсии Вилинкин Н. Я., Жохов В.И., Математика 6 класс.

1. Таҷрибаи муайянкунӣ.

**Мақсад:** муайян кардани дараҷаи фаъолнокӣ ва шавқмандии кӯдакон дар дарси математика дар марҳилаи ибтидоии таҷриба.

1.1. Тадқиқоти таҷрибавии синф

Ба толибилмон саволномаи зерин дода шуд:

1) Мавзӯи дӯстдоштаи шумо дар мактаб кадом аст?

2) Оё шумо шифоҳӣ ё хаттӣ зудтар ҳал мекунед?

3) Вақте ки бозиҳо дар дарси математика истифода мешаванд, ба шумо маъқул аст?

4) Оё шумо бештар иҷро кардани супоришҳоро аз забони русӣ, адабиёт ё математика дӯст медоред?

5) Шумо ба кадом дарс дер мемонед? (англисӣ, математика, адабиёт)

Диққати асосӣ дар таҳлили саволномаҳои донишҷӯён ба саволҳои 1 ва 5 дода шуда, 3 ва 4, 2 саволҳо ҷавобро пурра карда буданд. Пас аз таҳлили протокол, натиҷаҳои зерин муайян карда шуданд.

| Ном ва насаб | Саволи 1 | Саволи 2 | Саволи 3 | Саволи 4 | Саволи 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| Солеҳова Мафтуна | Математика | шифоҳӣ | ҳа | Математика | адабиёт |
| Маъруфзода Сумайя | Санъати тасвирӣ | шифоҳӣ | ҳа | Адабиёт | Математика |
| Олимов Парвиз | Таърих | шифоҳӣ | ҳа | Адабиёт | Математика |
| Холматов Қосимҷон | Англисӣ | шифоҳӣ | Не | Англисӣ | адабаиёт |

Ҳангоми ҷавоб додан ба саволи аввал, на ҳама донишҷӯён дарсҳои математикаро дӯст медоранд. 58% донишҷӯён бештар ба математика, 9% - санъати тасвирӣ, 9% -и дигар

технология, 12% таърих ва инчунин 12% англисиро дӯст медоранд. Ҳамин тариқ, на ҳама донишҷӯён иҷрои математикаро осон меҳисобанд.

Натиҷаи саволи дуюм чунин буд: 71 фоизи хонандагон назар ба хаттӣ тезтар даҳонӣ ҳал мекунанд; 29% донишҷӯён дар шакли хаттӣ назар ба даҳонӣ зудтар ҳал мекунанд.

Ба саволи сеюм чунин посух доданд: 90% талабагон ҳангоми бозӣ бо онҳо писанд меоянд, 10% ба онҳо маъқул нест.

Натиҷаи саволи чорум чунин буд: 50% талабагон бештар аз ҳама иҷрои супоришҳоро аз фанни математика, 29% иҷрои супоришҳоро ба забони англисӣ, 21% иҷрои супоришҳоро аз фанни адабиёт дӯст медоранд. Гуфтан мумкин аст, ки нисфи хонандагони ин синф ба математика шавку ҳавас надоранд.

Ҷавоб ба саволи панҷум: 33 фоизи талабагон аз фанни математика, 46 фоиз забони англисӣ, 21 фоиз аз фанни адабиёт.

Ҳамин тавр, 33 фоизи талабагони синфи таҷрибавӣ ба математика шавқу ҳаваси баланд доранд. Донишҷӯён дарсҳои математикаро дӯст медоранд, онҳо дар дарс фаъоланд, иҷрои вазифаҳои гуногуни риёзиро дӯст медоранд ва ҳеҷ гоҳ аз дарси математика намемонанд.

25% хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ба математика ба ҳисоби миёна таваҷҷӯҳ доранд. Дар дарс талабагон фаъоланд. Дар таҳлили саволҳои душвор ба ёрии муаллим муроҷиат мекунанд.

42 фоизи талабагони синфи таҷрибавӣ ба математика шавқу ҳаваси паст доранд. Донишҷӯён дарси математикаро дӯст намедоранд, инерсияи маърифатӣ вуҷуд дорад. Онҳо барои фаҳмидани масъалаҳои душвор кӯшиш намекунанд.

Пурсишнома аз муаллимони фанни математикаи синфҳои 6в ва 6б литсейи рақами 1-и ба номи М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Насимова Шаҳодат ва Ҷӯраева Нигора гирифта шуд.

**Мақсад**: муайян кардани он, ки муаллимон оид ба истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои математика чӣ гуна натиҷагирӣ мекунанд.

Ба муаллимон саволҳои зерин дода шуданд:

1) Оё шумо дар синф бозӣ мекунед?

2) Агар ҳа, чанд вақт (ҷавобро зери хат гузоред)

а - ҳар дарс б - 3-4 маротиба дар як моҳ

в - агар вақти иловагӣ мавҷуд бошад

3) Дар кадом марҳилаи дарс шумо бозиҳои дидактикиро мегузаронед? (ҷавоби зери хат)

а - бо ҳисобкунии даҳонӣ б — ҳангоми тайёрӣ ба омӯхтани маводи нав

в — ҳангоми шиносоӣ бо маводи нав г - дар назорати дониш, малака ва малака

4) Ба назари шумо, таваҷҷуҳи маърифатӣ ба ин мавзӯъ дар чист?

5) Вазифаи муаллим дар баланд бардоштани шавку хаваси хонандагон ба дарси математика аз чӣ иборат аст?

Таҳлили пурсишнома нишон дод, ки муаллимон дар дарси математика аз бозиҳо истифода мебаранд, аммо аз сабаби кам будани вақт бозиҳо мунтазам гузаронида намешаванд. Асосан, омӯзгорон бозиҳоро барои ҳисобкунии даҳонӣ ва санҷиш ва арзёбии дониш, малака ва маҳорат истифода мебаранд. Ба ақидаи омӯзгорон шавқи маърифатӣ мафҳумест, ки моҳияти он аз ташвиқи толибилмон ба азхудкунии дониш, дар майли хонандагон ба кор, рафъи душвориву монеаҳо иборат аст. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки дар дарси математика аз бозиҳо ва лаҳзаҳои бозӣ самаранок истифода барад, барои дарс супоришҳои шавқоварро интихоб намояд, то шавқу ҳавас ба дарс зиёд шавад.

Дар ин мақола як намуди махсуси бозиҳо - бозиҳои дидактикӣ, шакли махсуси дарсҳо - шакли бозӣ баррасӣ карда шуданд. Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки бозии дидактикӣ аз бозии муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки иштирок дар он барои ҳамаи хонандагон ҳатмист. Қоидаҳо, мундариҷа, методикаи он тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки барои баъзе хонандагоне, ки ба математика шавқ надоранд, бозиҳои дидактикӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ дар пайдоиши шавқи маърифатӣ хизмат кунанд. Мақсади асосии истфодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарси математика таълими самараноки математика мебошад.

Ҳолатҳои бозӣ танҳо хонандагонро фаъол мекунанд, дарккуниро фаъолтар, эҳсосотӣ ва эҷодӣ мегардонанд. Истфодаи бозӣ дар дарси математика шавқу рағбатро ба математика зиёд мекунад, ба кори таълим рангҳои гуногун ва эҳсосотӣ зам мекунад, хастагиро рафъ мекунад, диққат, заковат, ҳисси рақобатро инкишоф медиҳад.

Ҳудуд 25 сарчашмаи адабиёти таълимӣ ва илмиро омӯхта, барои синфҳои 6 дар мавзӯи «Ҷамъкунӣ ва таркунии касрҳои даҳӣ» 12 бозиро интихоб намуда, якчанд мақолаҳои илмиро бо забони хориҷӣ дар ин мавзӯъ таҳлил намудем. Масъалаҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсро муфассал ва амиқ омӯхта, ҳадаф ва вазифаҳои онро дар маърӯза пешниҳод сохтем. Гипотеза натиҷаи мусбат дод. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиши маводи риёзӣ воситаи муассири баланд бардоштани фаъолияти таълимии мактаббачагон буда, ба сифати дониш

**АДАБИЁТ**


1. Автайникова, А.К. Некоторые формы организации устного счета // Математика в школе.-2001.-№3.-123с.
2. Бабкина, Н.В. Использование игр и упражнений в учебном процессе // Начальная школа.–1988.-№4.-56с.
3. Бондаренко, А.К. Воспитание в игре. / А.К.Бондаренко, А.И. Матусин – М.: Просвещение, 1983. - 192 с.
4. Бойматов, А. Ирование коммуникативного умения и его использования в научных исследованиях профессора Гарвардского университета США В. Райверс и система упражнений К.Б.паулстона / А. Бойматов, Д. А. Рашидова // Вестник Педагогического университета. – 2018. – № 4(76). – С. 83-87. – EDN PIFHDN.
5. Вилинкин Н.Я. Математика 6 класс. / Н.Я.Вилинкин, В.И.Жохов - М.: Мнемозина, 2021.-328с.
6. Выготский А.С. Вооброжение и творчество в детском возрасте. / А.С.Выготский//СПб.: Союз, 1997.-96 с.
7. Газман, О.С. В школу с игрой. / О.С.Газман, Н.Е.Харитонова – М.: Просвещение, 1991.- 96с.
8. Данилов, И.К. Об игровых моментах на уроках математики // Математика в школе. – 2005.- №1.- 98с.
9. Демченкова, Н., Моисеева Е. Формирование познавательного интереса у учащихся // Математика. -2004.- №19. – 30с.
10. Коваленко, В.Г. Дидактические игры на уроках математики./В.Г. Коваленко-М.: Просвещение, 1990.-95с.
11. Минскин, Е.М. От игры к занятиям. / Е.М.Минскин, Е.М. – М.: Просвещение, 1982.- 192с.
12. Нагибин Ф.Ф., Математическая шкатулка: Пособие для учащихся.-4-е изд., перераб. и доп. - / Ф.Ф.Нагибин, Е.С. Канин - М. : Просвещение, 1984,-С.129-133
13. Рябцева И. М., Сборник дидактических игр по математике для учащихся 5-6 классов, ГУО «Запольская детский сад – средняя школа Витебского района», 2015,2016.
14. Спиваковская Т.В. Игра – это серьезно / М.: Педагогика 2001
15. Усмонов О.Ҳ., Бобоев Қ.Б.- Масъалаҳои шавқовар ва мушкил аз математика. (маводи дидактикӣ барои хонандагони синфҳои 5-7). Хуҷанд,2003, -С. 36-46.
16. Ashrapov, B.P. Some views on students` self-sufficient work organization on the system of credit tuition / B.P. Ashrapov, N.I. Nigmatov // Актуальные научные исследования в современном мире. – 2022. – № 2-5 (82). – С. 14-17.
17. Ashrapov, B.P. The role and place of the notion of teaching methods in the system of didactic ones / B.P. Ashrapov, M. Karimova // 30 декабря 2021 года, 2021. – P. 60-65. – EDN KIBRTD.
18. Rashidova, D. The role and contribution of the leader of the nation Emomali Rahmon in the study and tuition of foreign languages / D. Rashidova, B.P. Ashrapov // 30 декабря 2021 года, 2021. – P. 44-48. – EDN NYCEVU.
19. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. - DOI: 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
20. Harbor-Peters, 2001;
21. Rutherford, 2015;
22. Nekang, 2016


## САМАРАНОКИИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА


*Дар мақола масъалаи самаранокии бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими математика баррасӣ шудааст. Таъкид мешавад, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарси математика як усули муосир ва эътирофшудаи таълими математика буда, вазифаҳои тарбиявӣ ва мавқеи хоса дорад.*

*Мақсади мақола муайян кардани самаранокӣ ва натиҷаҳои бозиҳои дидактикӣ дар таълими математика мебошад.*

*Муаллифи мақола дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ба хулосае меояд, ки омӯзиши масъалаи баррасӣ дар дарс ва баёни мақсад ва вазифаҳои он яке аз ҷанбаҳои асосии мавзӯи таҳқиқшаванда ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаҳои гуногуни таълими математика воситаи муассири такмили фаъолияти таълимии мактаббачагон ва умуман донишҷӯён мебошад.*



***Калидвожаҳо:*** *усулҳои таълим, математика, бозиҳои дидактикӣ, раванди таълим.*


## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ

*В статье рассматривается вопрос об эффективности дидактических игр в процессе обучения математике. Подчеркивается, что использование дидактических игр на уроках математики является современным и признанным методом ее обучения, имеющим воспитательные функции и особое место.*

*Цель статьи - определить эффективность и результаты дидактических игр при обучении математике.*

*По результатам исследования авторы статьи приходят к выводу, что изучение рассматриваемого вопроса на уроке и изложение его целей и задач считается одним из основных аспектов исследуемой темы. Следует отметить, что использование дидактических игр на разных этапах обучения математике является эффективным средством совершенствования учебной деятельности школьников и студентов в целом.*

***Ключевые слова:*** *методика обучения, математика, дидактические игры, учебный процесс.*

**EFFECTIVENESS OF DIDACTIC GAMES IN THE PROCESS OF MATHEMATICS TEACHING**

*The article dwells on the issue concerned with the effectiveness of didactic games in the process of mathematics teaching. It is underscored that the usage of didactic games at mathematics lessons being a modern and recognized method of its teaching which has educational functions and a special place.*

***Purpose of the article*** *is to determine the effectiveness and results of didactic games while teaching mathematics.*

***According to the results of the study*** *the authors of the article come to the conclusion that the study of the issue in question in the classroom and presentation of its goals and objectives is considered to be one of the main aspects of the theme explored. It worth mentioning that the usage of didactic games at different stages of mathematics teaching is an effective tool to improve the educational activities of schoolchildren and students, upon the whole.*

***Key-words:*** *methods of teaching, mathematics, didactic games, educational process.*

***Сведения об авторах:***

***Раджабова Саодат*** *- кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой методики преподавания математики ГОУ «Худжандский государственный университет им. акад. Бободжон Гафурова»*

***Холматова Дилноза Назиржоновна*** *- студент второго курса факультета математики ГОУ «Худжандский государственный университет им. акад. Бободжон Гафурова»*

***About authors:***

***Rajabova Saodat*** *- candidate of pedagogical sciences, Associate Professor, head of the department of mathematics methods of teaching under the SEI "Khujand State University named after acad. Bobojon Gafurov"*

***Kholmatova Dilnoza Nazirjonovna*** *- a second year student of the faculty of mathematics under the SEI "Khujand State University named after acad. Bobojon Gafurov"*

**УДК 371.384.1**

## ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАЪЛИМИ КАСБИИ ЗАБОНИ ХОРИЧӢ

***Саттарова Ш.А.,Эрматова М.Н.***

*Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова*

Вазифаи аввалиндарачаи мактаби олӣ аз омода намудани мутахассисони соҳибхтисос бо тафаккури фасеҳ ба ҳисоб меравад. Мутахассис бояд мунтазам дониши азхудкардаашро нав кунад, муаммоҳои дар назди илм истодаро таҳлил намуда, онҳоро ба як системаи интегралӣ пайваст намояд, вай бояд барои беҳтар фаҳмидани қонунҳои тараққиёти илм мубориза барад.

Барномаи таълимии баъдидипломӣ ташаккули як қатор салоҳиятҳои асосиро дар бар мегирад ва забони хориҷӣ низ дар омодасозии касбии мутахассисони оянда саҳми худро мегузорад. Хусусияти фаъолияти касбӣ азхудкунии амалии забони хориҷиро аз ҷониби донишҷӯён ва намудҳои онро дар назар дорад.

Забони хориҷӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамаҷониба баррасӣ карда мешавад: ба монанди муаммоҳои таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират И.Л. Бим, Н.Н. Гез, И.А. Зимняя); мушкилоти ташаккули малакаҳои муоширатӣ тавассути забони хориҷӣ (В.Л. Кузовлев, В.Г. Костомаров, А.А. Леонтьев, Е.И. Пассов; ташаккули самти касбӣ Л.Ш. Гегечгори, Н.И. Гез, М.А. Давыдова, Б.К. Есипович, Р.П. Милруд; усули коммуникативӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ И.Л. Бим, А.Н. Леонтьев, Е.И. Пассов, Г.В. Рогова.

Мақсади таълими забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ истифодаи амалии забони хориҷӣ дар фаъолияти касбӣ мебошад.Талаботе, ки дар айни замон ба хатмкунандагони факултетҳои ғайритахассусӣ гузошта шудааст, хеле баланд аст: иштирок дар конфронсҳои байналмиллалӣ, гузаронидани вохӯриҳои корӣ, кор бо ҳуҷҷатҳо аз рӯи ихтисос ва адабиёт бо забони хориҷӣ.

Муоширати ба самти ихтисос нигаронидашуда низ метавонад дар шароити ғайрирасмӣ, дар шакли сӯҳбат бо ҳамкасбони хориҷӣ сурат гирад, аз ин рӯ, хатмкунандаи донишгоҳ бояд забони хориҷиро ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ истифода барад. Чунин омодагӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ, ба ақидаи пажӯҳишгарон, бархӯрди навро ба интихоби мундариҷа – ҳамгироии забони хориҷӣ бо фанҳои тахассусӣ тақозо мекунад, ки ба манфиатҳои касбии донишҷӯён таъсир расонида, ба рушди касбии онҳо мусоидат мекунад.

Тавре, ки таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, таълими касбии забони хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусӣ бояд вазифаҳои зеринро ҳал намояд:

1.Ташаккули маҳорати муошират аз рӯи намудҳои фаъолияти нутқ: гуфтор, шунида фаҳмидан, хондан, навиштан;

2.Ташаккул додани малакаҳои фонетикӣ, грамматикӣ, калимасозӣ;

3.Ташаккули донишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки донишҷӯёнро бо фарҳанги мардум шинос мекунад ва ин барои мутобиқ шудан ба муҳити забони хориҷӣ мусоидат мекунад;

4. Азхуд намудани маҷмӯи муайяни лексикаи касбӣ, истилоҳоти махсуси забони хориҷӣ.

Таълими забони хориҷӣ ба донишҷӯёни факултети геоэкология ва туризм бо душвориҳое, ки бо миқдори маҳдуди соатҳо барои азхудкунии забон ва дараҷаҳои гуногуни тайёрии донишҷӯён ҷудо карда шудаанд, вобаста аст. Аксари донишҷӯёне, ки дар деҳот ба воя расидаанд, одатан аз грамматика ва лексикаи забони омӯхташаванда дониши кифоӣ надоранд ва омӯзгорони забони хориҷӣ бо мушкили кор бо як гурӯҳи донишҷӯёне, ки дар онҳо лексикаи омӯхта мешавад, рӯ ба рӯ мешаванд. Истифодаи усулҳои интерактивӣ барои ҳалли ин мушкилот мусоидат мекунад.

Усулҳои интерактивии таълим ба мо имкон медиҳанд, ки душвориҳои вазифаҳои таълимиро бо назардошти сатҳи фардии дониши забони хориҷӣ ва хусусиятҳои шахсии донишҷӯён танзим кунем. Истифодаи усули интерактивӣ ба нававарӣ асос ёфтааст, ки он на бо азхудкунии ғайрифаъолонаи мавод, балки бо ҳамкории фаъолонаи омӯзгор ва донишҷӯ, истиснои бартарии як ақидаро бар ақидаи дигар, алоқаманд мекунад. Яке аз ҳадафҳои усулҳои интерактивӣ фароҳам овардани шароити мувофиқ барои ташаккули қобилияти зеҳнии ин донишҷӯён мебошад. Парадигмаи нави таълим як раванди интерактивии таълим мебошад, ки дар он ҳар як донишҷӯ бо се манбаи иттилооти омӯзиш ҳамкорӣ мекунад: бо муаллим, маводи таълимӣ ва гурӯҳ, он инчунин омӯзиши ҳуҷҷатҳои тахассусӣ бо забони хориҷӣ, махсусан, донистани истилоҳот ва ташаккули малакаи кор бо адабиёти махсусро талаб мекунад.

Дар барномаи омӯзиши забони хориҷӣ барои донишҷӯёни факултети геоэкология ва туризм мавзӯи дар бахшҳои муоширати ҳаррӯза, таълимӣ, иҷтимоъӣ-фарҳангӣ ва касбӣ пешбинӣ бояд шавад. Мутобиқи ин бахшҳо мавзӯи таълими гуфтугӯи монологӣ ва диалогӣ, навиштан, хониш бояд ба роҳ монда шавад. Донишҷӯён бо маводҳои таълимӣ ва тарҷумаи адабиёт аз рӯи ихтисоси худ шинос мешаванд, кор бо адабиёти тахассусиро меомӯзанд. Қобилияти кор кардан бо адабиёти забони хориҷӣ аҳамияти калон дорад, зеро он дар фаъолияти касбии мутахассис зарур аст.

Донишҷӯён бояд забони адабиёти илмӣ ва истинодӣ дошта бошанд, адабиёти заруриро бо забони хориҷӣ интихоб карда тавонанд, иттилооти муҳимро барои худ фаҳманд ва инчунин аз дастовардҳои соҳаи дониши худ огоҳ бошанд. На мутолиаи адабиёти хориҷӣ аз рӯи ихтисос ва на муоширати шифоҳӣ бо мутахассисони хориҷӣ бидуни аз худ кардани лексикаи истилоҳот дар ихтисос имконнопазир аст, аз ин рӯ, азхуд кардани лексикаи истилоҳот аз рӯи ихтисос аз ҷониби донишҷӯён яке аз вазифаҳои асосӣ ҳисобида мешавад. Азхуд кардани воҳидҳои истилоҳот як раванди тадриҷан тӯлонӣ аст.

Чунин ақида вуҷуд дорад, ки фаъолияти асосии фаннии донишҷӯён дар таълими касбии забони хориҷӣ фаъолияти матнӣ мебошад. Ю.А. Молчанова чунин мешуморад, ки фаъолияти матнӣ раванди яклухти зеҳнӣ ва тафаккурӣ, аз ҷумла амалҳои дохилии зеҳнӣ: дарк, азёдкунӣ, азхудкунии луғат мебошад. Ба ақидаи муаллиф натиҷаи мусбати ин фаъолият азхуд намудани луғатҳои истилоҳӣ, истифодаи он дар мубоҳисаҳои илмии шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад [1, с.125 ].

Дар раванди мутолиа ахбороти нави аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок кор карда мешавад ва дар натиҷа «ба вуҷуд омадани дискурси дуюмдараҷаи даҳонӣ ё хаттии касбӣ нигаронида шудааст». Донишҷӯ бо вазифаи истихроҷи иттилооти матнӣ, азхуд кардани усулҳои истихроҷи маълумот аз матн ва азхудкунии шаклҳои забонӣ дар матн ҷойгиршуда сарукор дорад.

Омӯзгор ҳангоми кор бо матн усулҳои гирифтани маълумотро аз хабари забони хориҷӣ дар асоси донистани сохтори таркибӣ-маъноӣ таълим медиҳад, маводи забониро, ки барои азхудкунӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар мекунад. Кор бо матнҳои тахассусӣ аз донишҷӯён талаб мекунад, ки намудҳои гуногуни хонишро азхуд кунанд, ки ҳар яки онҳо ҳадафҳои худро доранд. Таҳлили корҳои илмӣ оид ба ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки модели зерини таълими хониш самараноктар ба назар мерасад: омӯзиш - тамошои муқаддимавӣ - ҷустуҷӯ.

Таълими хониш фаҳмиши пурра ва дақиқи тамоми маълумоти дар матн мавҷудбуда, ташаккули қобилияти донишҷӯён барои мустақилона бартараф кардани душвориҳои дарки матнро дар бар мегирад. Ҳангоми хониши муқаддимавӣ вазифаи асосии коммуникативӣ аз он иборат аст, ки маълумоти асосӣ дар натиҷаи мутолиаи пурраи матн, муайян кардани он, ки кадом масъалаҳо ва чӣ гуна дар матн ҳал карда мешаванд. Дар раванди хониш муҳим аст, ки донишҷӯёни байни маълумоти ибтидоӣ ва дуюмдараҷа фарқ карда тавонанд [2, с.21].

Барои таълими хониши матнҳои тахассусӣ вазифаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Матнро ба қисмҳои муқаддимавӣ, асосӣ ва ниҳоӣ тақсим кунед. Сархатҳоеро қайд кунед, ки дорои маълумоти муҳим ва маълумоти дуюмдараҷа мебошанд.

2. Параграфи матнро хонед ва ҷумлаеро, ки маълумоти асосиро дорад, муайян кунед. Ҷумлаеро ёбед, ки пайванди қисмҳои маъноии матн бошад.

3. Масъалаҳои асосии ба миён гузошташударо бо рӯйхат гирифтани пайдарпайии далелҳоро дар матн нишон диҳед. Қисмҳои асосии маъноии матнро номбар кунед.

4. Ба саволҳои матн ҷавоб диҳед ва саволҳои худро тартиб диҳед.

Ҳангоми хониши матн кӯшишҳо ба муайян кардани он равона карда мешаванд, ки оё дар матн маълумоти ҷолиб аст ва аз ин рӯ, танзими дохилии мувофиқ барои дараҷаи фаҳмиш - ба таври умум фаҳмидани он, ки ин кор дар бораи чӣ аст [3, с.125].

Барои таълими хониши биноӣ ба донишҷӯён вазифаҳои зеринро додан мумкин аст:

1. Сарлавҳаи матнро хонед ва мавзӯи асосиро муайян кунед.

2. Муайян кунед, ки ин матн аз рӯи сарлавҳа, расмҳо, графикҳо ва охири матн дар бораи чӣ аст.

3. Мавзӯи матнро аз рӯи расмҳо муайян кунед.

4. Калимаҳои асосии матнро нависед ва занҷираи далелҳои асосии матнро тартиб диҳед, ки дар онҳо калимаҳои асосӣ аз ҷиҳати маъно алоқаманд хоҳанд буд.

Хониши ҷустуҷӯӣ истихроҷи мукаммал ва дақиқи иттилооти мавҷударо дар бар мегирад, ки бо дарки иттилоот, тафсири он, муқаррар кардани хотираи дарозмуддат, ки аллакай дар раванди хондан аст, алоқаманд аст.

Дар вақти таълими хониши ҷустуҷӯӣ ба донишҷӯён вазифаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Матнро хонед ва бо изҳороти дар поён овардашуда розӣ ё норозигии худро баён кунед. Мазмуни асосии матнро бо суханони худ шарҳ диҳед.

2. Нақшаи такрории матнро тартиб диҳед.

3. Матнро бо забони модарӣ (хориҷӣ) нақл кунед.

4. Ба савол ҷавоб диҳед, ки ҳангоми омӯзиши кадом мавзӯҳо маълумоти дар матн мавҷуд буда лозим аст.

Барои расидан ба ин мақсади таълими забони хориҷӣ омӯзгор бояд аз рӯи принципи «аз содда ба мураккаб» амал кунад. Барои кор бо маводи забони касбӣ бо назардошти донистани забон ва ихтисос, дараҷаи маълумотнокии донишҷӯёнро интихоб намуда, кори мустақилонаи онҳоро ташкил кардан лозим аст.

Муаммои таълими забони хориҷии ба касбнигаронидашуда дар факултетҳои ғайритахассусӣ актуалӣ ба ҳисоб рафта, дар ин ҷода барои донишҷӯёни факултетҳои ғайритахассусӣ ташаккул додани кор бо матнҳои тахассусӣ муҳим мебошад. Истифодаи усулҳои интерактивии таълим низ хеле муҳим ба шумор меравад.


**АДАБИЁТ**

1. Матухин Д.Л. Профессионально-ориентированное обучение иностранному языку студентов нелингвистических специальностей // Язык и культура. — 2011. — № 2 (14). - С. 121-128.
2. Молчанова Ю.А. Методика обучения студентов неязыкового вуза профессиональной терминологии на основе компенсаторной терминологии: автореф. дис…. канд. пед. наук. - Нижний Новгород, 2009.-22 с.
3. Образцов П.И., Иванова О.Ю. Профессионально-ориентированное обучение иностранному языку на неязыковых факультетах вузов. — Орел: Изд-во ОГУ, 2005. — 129 с.
4. Ashrapov, B.P. Some views on students` self-sufficient work organization on the system of credit tuition / B.P. Ashrapov, N.I. Nigmatov // Актуальные научные исследования в современном мире. – 2022. – № 2-5 (82). – С. 14-17.
5. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. - DOI: 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
6. Ashrapov, B.P. The role and place of the notion of teaching methods in the system of didactic ones / B.P. Ashrapov, M. Karimova // 30 декабря 2021 года, 2021. – P. 60-65.


## К ВОПРОСУ О ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННОМ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ


*Статья посвящена проблеме профессионально-ориентированного обучения иностранному языку. В статье приводится обзор литературы по заявленным проблемам. Подчеркивается важность обучения студентов неязыковых вузов работе с текстовыми материалами.*

***Цель статьи:*** *осуществить практическое обучение при обучении иностранным языкам в профессиональной деятельности на непрофильных факультетах.*

***По результатам исследования*** *авторы статьи приходят к выводу, что исследуемая тема считается одной из актуальных тем, и в связи с этим для студентов непрофессиональных факультетов важно организовать рабочие группы с специализированные тексты и использование интерактивных методов обучения также очень важны.*



***Ключевые слова:*** *профессионально-ориентированное обучение, обучение навыкам чтения, текстовая работа, обучение иностранному языку в неязыковом вузе.*


## ON THE ISSUE CONCERNED WITH PROFESSION-ORIENTED FOREIGN LANGUAGE TEACHING


*The article dwells on the issue concerned with profession-oriented foreign language teaching. The literature review on stated problems is given in the article. It is underscored that the*

*importance of teaching students of non-language institutions, how to work with text materials is stressed.*

***Purpose of the article:*** *is to realize the practical tuition while teaching foreign languages in professional activities at non-specialized faculties.*

***According to the results of the study*** *the authors of the article come to the conclusion that the relevant issue is considered to be one of the actual topics, and in this regard, it is important for students of non-professional faculties to organize working groups with specialized texts and the usage of interactive teaching methods is very crucial as well.*

***Keywords:*** *profession-oriented teaching, teaching reading skills, text work, foreign language teaching at a non-language institution of higher education.*

***Сведения об авторах:***

***Сатторова Шаходат Абдурашидовна*** *- преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ "Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистана, г.Худжанд). Email: shahlo_81@bk.ru тел: (+992) 926007500*

***Эрматова Махина Насимовна*** *- преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан,Худжанд).****E-mail****:mahina 0393@mail.ru. тел:: (+992) 927046960*

***About authors:***

***Sattorova Shahodat Abdurashidovna*** *- lecturer of the all-university department of foreign languages under the SEI "Khujand State University named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan Republic, Khujand), Email: shahlo _81@bk.ru phone (+992) 926007500*

***Ermatova Mahina Nasimovna*** *- lecturer of the all-university department of foreign languages under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand).* ***E-mail****:mahina 0393@mail.ru. phone: (+992) 927046960*

**ТДУ372.8:502**

## ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМОИШҲО АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ

***Табаров Д.Д.***

*Донишгоҳ давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Стандарти нави давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии вориди раванди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида дар назди оммаи васеи муаллимон вазифаҳои сатҳан ва сифатан навро гузошт. Мувофиқи он ташаккул додани қобилияти мустақилона донишомӯзӣ, инкишоф додани худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ ва худтакмилдиҳии дониш, маҳорат ва малакаҳо аз тарафи хонандагон на дар доираи як фанни конкретӣ, ки ба ташаккули шахсияти салоҳиятманд мусоидат мекунад аз ҳадафҳои асосии раванди тахсилот ба шумор меравад. Бо назардошти он ба хонандагони хурдсол бояд мустақилона иҷро намудани вазифаҳои таълимӣ, мустақилона тартиб додани матн, интихоб карда тавонистани усулҳои самараноки ҳалли масъалаҳо, таҳлилнамоӣ, таркиббандӣ муқоисакунӣ, барқарор карда тавонистани робитаи сабабу натиҷавии ҳодисаҳои табиӣ, қобилияти пешниҳод намудани фарзия ва далелҳоро омӯзонид.

Дар алоқамандӣ бо реформаи низоми таҳсилоти ибтидоӣ дар замони муосир вазифа ва ҳадафҳои он низ тағйир ва такмил меёбад. Имрӯз пешорӯи низоми таҳсилот вазифаи ташаккул ва инкишофи шахсияти хонандаи хурдсол ба мадди аввал истода ба назаргирии ниёзҳои маърифатӣ ва қобилияти мустақилона аз худ кардани дониш аз тарафи онҳо, ба таълими бефосила ва худомузӣ ҷалб карда шуданашон аз вазифаҳои мактаби муосири миллӣ мебошад. Ҳалли ин масъала бе ташаккули барангезандаҳои маърифатӣ ба раванди таълим, бедор кардани шавқи маърифатӣ дар ҳар як хонанда имконнопазир аст.

Муваффақ будани насли наврас дар оянда на танҳо дар давоми солҳои таҳсил, балки қобилияти дарк намудан ва неруи ботинии онҳо дар таҳсилоти минбаъдаи касбӣ низ маҳз ба ҳамин вобаста аст. Мушкилоти муосири вобаста ба баланд бардоштани шавқи маърифатии

хонандаи синфи ибтидоӣ дар марҳилаи кунҷкобӣ боз беш аз пеш ниёз ба баррасӣ ва омӯзиш пайдо менамояд.

Омӯзиши ҳолат ва таҳлили адабиёти педагогӣ-психологии алоқаманд ба прооблемаи бедор кардан ва баланд бардоштани шавқмандӣ ва фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол нишон дод, ки масъалаи инкишофи шавқу ҳаваси маърифатии мактаббачагон ҳамчун воситаи муҳими фаъолгардонии таълим ва дарки шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони гурӯҳҳои синну соли гуногунро олимони зеррин мавриди баррасӣ қарор додаанд ( Акрамов С., Александрова, О. Н., Ананев Б.Г., Бабанский Ю.К., Божович Л.И.,Виготский Л.С., Давидов В.В., Дусавитский А.К., Дюи Д., Крутетский В.А., Левитов Н.Д., Лернер И.Я., Лисина М.И., Лутфуллоев М., Маҷидова Б., Менчинская Н.А., Морозова Н.Г.,Нуров А., Рубинштейн Л.С., Поддяков А.Н. ва дигарон)[1; 2; 3; 4; 6; 9; 10; 12; 13; 14; 16].

Назарияи ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол дар асарҳои бисёр муҳаққиқони педагог-психолог баррасӣ гадидааст. Ҳанӯз Ушинский К.Д. зикр намуда буд, ки “Дар раванди таълим мушоҳида нагардидани ҳавасмандӣ ва таълим додан танҳо бо роҳи зӯроварӣ, шавқмандии донишомӯзиро мекушад...”[17].

Сарфи назар аз он, ки масъалаи ташаккул додани шавқу рағбат ба таълим дар байни хонандагон тӯли даҳсолаҳо аз ҷониби муаллифони гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, он то ҳол яке аз масъалаҳои мубрами рӯзмарра ва мураккаби психологию педагогӣ боқӣ мондааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии раванди таҳсилот моро зарур аст, ки пеш аз ҳама фаъолияти маърифатии хонандагонро дар зинаи ибтидоии таҳсилот ва ҳатто пештар дар марҳилаи томактабии рушди кӯдак фаъол гардонем. Барои фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ дар марҳилаи ибтидоии таълим дар омӯзиши фанҳои асосии таълимӣ, аз ҷумла фанни «Табиатшиносӣ» бояд кӯшиши намуд.

Муайян кардани шароити педагогию психологӣ ва омилҳои ба ташаккул ва инкишофи фаъолияти маърифатию тарбиявии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидаткунанда мавриди омӯзиши табиатшиносӣ ва исботи самаранокии онҳо дар озмоишӣ педагогӣ аз ҳадаҳои асосии фаъолияти методӣ-таҳқиқотии ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд бошад, ки дар натиҷаи иҷрои алгоритмии амалҳои зерин имконпазир буда метавонанд.

Ошкор кардани моҳияти фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол ва баррасӣ намудани мундариҷаи китобҳои фаннии табиатшиносӣ барои синфҳои ибтидоӣ аз мавқеи ташаккул ва инкишоф додани фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол бояд дар мадди аввал бошад.

Баъдан шароити психологӣ-педагогии ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсолро дар раванди омӯзиши табиатшиносӣ муайян намуда меъёрҳои ташхиси сатҳи ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсолро коркард намудан зарур мебошад.

Дар охир маҷмӯи вазифаҳои ба ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол мусоидаткунандаро дар дарсҳои табиатшиносӣ таҳия ва татбиқ намуда, самаранокии онро исбот менамоянд.

Барои ноил гардидан ба вазифаи гузошташуда ва санҷиши самаранокии натиҷаҳои он усулҳои зеринро истифода бурдан лозим аст.

Адабиёти психологию - педагогӣ ва методиро оид ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол таҳлили чуқури назариявӣ намуда, мазмуни мафҳумоти марбут ба проблемаи зикргардидаро равшан ва бознигарӣ намуданро зарур донистем.

Маърифат (калимаи арабии шинохтан, донистан) – ҷараёни иҷтимоӣ донистагирӣ ва азхудкунии маълумотҳо ва фаъолияти эҷодии одамон буда, дониши онҳоро дар заминаи инъикоси фаъоли олами воқеӣ ташаккул медиҳад ва дар заминаи он марому мақсади фаъолияти одамонро муайян мекунад.

Маърифат- гуфта саршор гардидани олами маънавии инсон бо донишҳои нав ба навро мегӯянд.

Назарияи маърифат дар фалсафа ё ин ки назарияи гносеологӣ (кал. юн. «gnosis»- дониш ва «logos» – таълимот) яке аз фаслҳо асосӣ ва фундаменталии ҳамаи илмҳо, хусусан илмҳои фалсафа, педагогика ва психология ба шумор меравад. Он табиати маърифати инсонро дар шаклу қонуниятҳои аз тасаввуроти сатҳии ашё ва ҳодиса ва дарки моҳияти онро таҳқиқ менамояд.

Мафҳуми «назарияи маърифат» соли 1854 аз ҷониби файласуфи шотландӣ Ҷ. Феррер ба фалсафа ворид карда шуда, баъдтар мавзӯи баҳси психология ва педагогика гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар замони пайдоиши фалсафа ва илм, замони натурфалсафаи Юнони Қадим донишмандоне зуҳур намуданд, ки донисташавандагии оламро эътироф мекарданд ва ё онро рад менамуданд ва ё ин ки донисташавандагии оламро эътироф намоянд ҳам ба донишҳои инсон бо шубҳа назар менамуданд.

Онҳоеро, ки оламро донисташаванда медонистанд - реалистон, онҳоеро, ки донисташавандагии оламро инкор мекарданд - агностикҳо ва онҳоеро, ки ба донишҳои инсон бо шубҳа назар кардаанд – скептикҳо (шаккокон) меномиданд.

Сохтори маърифат мураккаб буда, аз объект ва субъект иборат аст.

Мафҳуми «объект» – аз калимаи лотинии objectum - гирифта шуда, маънои предмет ва ё ашёро дорад. Объект - предмети фаъолияти маърифатии инсон ба шумор меравад.

Мафҳуми «субъект» ҳам аз забони лотинии гирифта шуда, бо маъноҳои гуногун истифода мегардад. Дар фалсафа субъект гуфта инсонро мегӯянд. Аммо инсон ҳамон вақт ҳамчун субъекти маърифат баромад мекунад, ки фаъолияташ бошуурона, бомақсадона ва эҷодкорона бошад. Инсон ҳамчун чизи воқеӣ баробари тамоми олами воқеӣ ба сифати объект зоҳир гардида, чун объекти тадқиқ қарор мегирад. Бояд зикр намуд, ки субъект ва объекти маърифат танҳо дар робитаи диалектикӣ вуҷуд дошта метавонад.

Дар педагогика ва психология «маърифат» ҳамчун истилоҳоти «фаъолияти маърифатӣ» ва ё «фаъолияти таълимӣ» дучор меояд.

Мафҳуми фаъолияти маърифатӣ дар аксари адабиётҳо дар шакли “фаъолияти таълимӣ” дучор меояд. Дар Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика категорияи “фаъолият ҳамчун «шакли муҳими зуҳуроти муносибати фаъолонаи инсон ба воқеияти атроф» тавсиф ёфта зикр гардидааст, ки “Ҳар як фаъолият мақсаде дошта, шахс ба он майл, хохиш, ҳис ва масъулият зоҳир менамояд”. [11, с.264]. Ҳамзамон дар ин луғатнома истилоҳи “фаъолонидани протсеси таълим” ро дучор омадем, ки дар шакли зер омадааст: “такмили метод ва шаклҳои ташкили кори таълиме, ки фаъолиятмандӣ ва кори мустақилонаи хонанданонро дар протсеси тамоми звеноҳои таълим таъмин мекунад...” [11, с.265].

Левитов Н.Д. фаъолияти маърифатии хонандагонро марбут ба муносибати бошууронаашон ба маводи омӯхташаванда, равандҳои иртиботи бевоситаи ҳиссии онҳо бо обекти омӯзиш, тафаккур, тасаввурот ва сифатҳои диққати хонанда вобаста медонад. [7, с.80-81.]

Платонов К.К. фаъолияти маърифатии хонандагонро баррасӣ намуда таъкид кардааст, ки ба тамоми фаъолияти кӯдак тобиши маърифатӣ додан лозим аст. Дар фаъолияти маърифатии кӯдак такрор намуданро на хамчун модари дониш балки зараровар, ҳам номидааст. Ӯ зикр менамояд, ки танҳо бошуурона такрор намудан, ҳамбастагии он бо фаъолияти таҳлилию таркибӣ фоиданок буда дар ҳолати бешуурона такрор намудан донишҳо хосияти механикӣ пайдо мекунанд [ 15, с.384].

Гоноболин Ф.Н. фаъолияти маърифатиро ҳамчун шакли олии зуҳуроти эҳсос, хотир, тафаккур ва тасаввурот номида самаранокии онро аз диққат вобаста медона[ 5, с.36-37.] Ӯ таъкид менамояд, ки тафаккур ва фаъолияти равонии ба он алоқаманд, инчунин идрок дар инкишофи фаъолияти маърифатии кӯдакон нақши асосиро мебозанд[ 5, с.79-80.].

Поддяков А.Н. таъкид менамояд, ки барои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон пеш аз ҳам ба вуҷуд овардани ҳолати проблемавӣ ва дар онҳо ташаккул додани рафтори таҳқиқотӣ зарур аст[ 16].

А.Г. Асмолов, Г.В. Бурменская, М. Лутфуллоев ва дигарон қайд мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ хусусиятҳои хоси худро доро буда муттасилии тамоми марҳилаҳои раванди таълимро таъмин карда, фаъолияти маърифатии хонандаро новобаста аз мазмуни махсуси предметии он танзими карда, марҳилаҳои азхудкунии мазмуни таълим ва ташаккули қобилияти равонии хонандаро ба низоми муайян дароварда, ба ҳамгироии инкишофи умумии фарҳангӣ, маданӣ, маърифатӣ ва худшиносии шахсият мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари фалсафӣ ва педагогию психологӣ фаъолияти маърифатӣ аз мушкилоти илмию иҷтимоии ҷаҳони муосир ба шумор меравад. Фаъолияти маърифатӣ муносибатҳоеро ба танзим медарорад, ки дар меҳвари он саволҳои Мо чиро медонем? Чӣ тавр мо донистем? Чиро бояд мо донист? Чӣ тавр бояд донишҳоро аз худ кард? бо таври доимӣ мечархад. Дар натиҷаи он вазифаҳои инсон дар ҷаҳон муайян карда шуда, дониш ҳамчун сатҳи олитарини иттилоот дар бораи олам шуморида мешавад, ки бо кӯмаки ақидаи худ қабул мекунад.

Фаъолияти дарк намудан, яъне идрок, натиҷаи эҳсос буда, ба фикру мулоҳизот оварда мерасонад ва ба шумо имкон медиҳад, ки донишро ба даст оред.

Фаъолияти маърифатӣ догма набуда давомнокии бефосила бояд дошта бошад: дар гуфтугуй, фаъолияти меҳнатӣ, фаъолияти таълимӣ, дарс, гузаронидани озмоиш, чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, фаъолияти фарҳангию маданӣ, ҳалли мушкилоти гуногуни этикию эстетикӣ мушоҳида мешавад, вале дар рафти фаъолиятҳои махсус ташкилкардашуда суръати баландтар пайдо мекунад. Чунин фаъолият хоси ҳама организмҳои зинда бошад ҳам, вале дар инсон, шакли махсуси мақсаднокона ва бошуурона тарҳрезишударо дар шакли фаъолияти таълимӣ ва ё маърифатӣ зоҳир мегардад. Намудҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ, ба монанди фаъолияти амалии ҳаррӯза, фаъолияти илмӣ, мифологӣ-динӣ фарҳангӣ, фалсафӣ мавҷуданд.

Фаъолияти маърифатии таълимӣ якчанд вазифаҳоро бояд иҷро кунад. Инҳо пеш аз ҳама инкишоф додани қобилияти хонанда ба иҷроиши мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, тавонистани гузоштани ҳадафҳои таълимӣ, ёфтан ва истифода кардани воситаҳо ва роҳҳои самарабахши ноил шудан ба онҳо, назорат ва арзёбии натиҷаҳои фаъолиятмебошанд. Баъдан барои инкишофи мунтазами шахсият ва худшиносии он фароҳам овардани шароити мусоид ва дар асоси он ташкили таълими бефосила, ки ба донишандӯзӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои байнифанию баъдифанӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми амалию тарбиявии "фаъолияти маърифатӣ"-и хонандагони хурдсолро ба назар гирифта, мо онро ҳамчун маҷмӯи усулҳои амалнамоӣ, инчунин усулҳои кори таълимӣ-тарбиявии ба он алоқаманд дарк менамоем, ки қобилияти мустақилона донишомӯзӣ кардан, бошуурона ва фаъолона аз худ кардани таҷрибаи нави ҷамъиятии мустақилонаи субъектҳои раванди таълимро таъмин мекунанд.

Фаъолияти маърифатӣ моро ба он водор мекунад, ки таҷрибаи дигарон ва чизҳои навро омӯзем ва донишҳои навро ба восита ва ё бевосита ҳосил кунем.

Фаъолияти амалии ҳаётии ҳаррӯза манбаи асосии донишҳои ибтидоӣ ва нав ба шумор мераванд. Вале қисми зиёди ин донишҳо хосияти примитивӣ дошта ба рефлекс ва ё инстинкт табдил меёбанд. Ҳама кӯдак медонад, ки агар дасти худро дар оби ҷӯш ғутонад, дасташ месӯзад. Ва ё агар пояи марминҷон ва ё гули садбаргро беэҳтиётона дорад ба дасташ хор мехалад.

Фаъолияти маърифатӣ-илмӣ ҳам аз таҷрибаи амалӣ сар шуда, дар он сабаб ва натиҷаи воқеаю ҳодисаҳо тахмин(пешгӯӣ), озмоиш ва санҷида шуда дар шакли таърифҳо, тавсифҳо ва ё қонуниятҳо ба дигарон пешниҳод карда мешаванд. Тағйирот дар андешаҳои илмӣ бо натиҷаҳои дар озмоишҳо санҷидашуда тасдиқ карда мешавад ва ё рад мешаванд. Барои муайян кардани амсилаи ҳодисаи пешниҳодшуда ва ё дурустии фарзия, баъд аз муқоиса кардани натиҷаҳо ва сабабҳои мантиқӣ хулосабарорӣ намудан мумкин аст.

Донишҳои мифологӣ-динӣ маърифатро дар шакли ҳаққонияти илмӣ пешниҳод карда натавониста, балки бо ёрии ғояҳо, эътиқодот ба Худо шарҳ дода, оламро ба майдони муборизаи ду қувваи муқобил (некӣ ва бадӣ) қарор медиҳад.

Маърифат дар фалсафа қонуниятҳои умумии ҷаҳонбинии илмиро дар маркази баҳс ва таҳқиқ қарор дода, бо таври доимӣ муборизаи ба ҳам зидҳоро дар кушодани гиреҳҳои муаммоҳои проблемаҳои илмӣ истифода менамояд.

Ташаккул ва инкишоф додани шавқмандии маърифатии хонандагони хурдсол дар раванди таълим яке аз шароит ва омилҳои муҳимтарини самаранокии таълим на танҳо дар синфҳои ибтидоӣ, балки дар тамоми низоми таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ ба шумор меравад. Фаъолияти таълимии омӯзгор барои дар кӯдакон ташаккул додани ҳама гуна ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти илмӣ бенатиҷа ба анҷом мерасад, то хонандагон муносибати худро ба мазмуни мавзӯъ бо тафаккури мантиқӣ зоҳир карда натавонанд.

Шавқу рағбати маърифатӣ бар асари як ангезаи амиқи ботинӣ пайдо мешавад, ки ба ниёзҳои ирсии маърифатии шахс алоқамандии хос доранд. Доштани шавқмандии баланл яке аз шартҳои асосии самаранокии фаъолияти таълимӣ ба шумор рафта, гувоҳи ташкили дурусти ин раванд мебошад. Бетавофутии хонандагони хурдсол далели ҷой доштани камбудиҳои ҷиддӣ дар ташкили раванди таълим мебошад.

Одатан, пайдоиш ва баланд гардидани шавқмандии маърифатӣ марҳиланок гузашта зина ба зина инкишоф меёбад.

Аввал кунҷковии паст ҳисси зотии кӯдак ба марҳилаи кунҷковии фаъол гузашта шавқи маърифатӣ ҳосил мешавад. Нуктаи болотарини шавқмандӣ, ин хосил шудани тафаккури назариявӣ ва гузоштан фарзияҳо мебошад. Аз як зинаи инкишофи худ ба зинаи дигар гузаштани шавқмандии маърифатӣ ҳеҷ гоҳ маънои аз байн рафтани марҳилаи пешинаро надошта, балки онҳо дар баробари шаклҳои нав пайдошуда боқӣ монда амал мекунанд ва ҳамдигарро тақвият мебахшанд.

Кунҷкобӣ ҳисси зотии азалии кӯдак ва умуман инсон ба шумор рафта дар ибтидо аз ҳолатҳои сирф берунӣ, аксар вақт ғайричашмдошту ногаҳонӣ, ки диққати кӯдакро ба худ ҷалб мекунад, вобаста буда оҳиста -оҳиста муносибати ҳадафмандона ва интихобӣ пайдо мекунад. Дар аввал кӯдак танҳо бо самте, ки ин ё он ашё, ин ё он вазъият диққаташро ҷалб мекунад, қаноат мекунад. Ин марҳала ҳоло хоҳиши ҳақиқии ба даст овардани донишро ошкор накунад ҳам, ҳолати мусоиди психологиеро ҳамчун омили ошкорсозӣ диққати маърифатиро ҳамчун такони ибтидоии он фароҳам меоварад.

Кунҷкобӣ як сифати арзишманди шахс буда бо хоҳиши ӯ барои ворид шудани маълумотҳо ба маркази асаб ва идрок ба амал меояд. Дар ин марҳила, шавқмандӣ дар шакли эҳсосоти начандон пурзӯри тааҷҷуб, шодӣ аз донистагирии чизҳои барояш номаълум, қаноатмандӣ аз фаъолият зоҳир мешавад. Кунҷкобӣ ба як хислати устувори характери кӯдак табдил ёфта, дар ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти назаррас дорад.

Диққати маърифатӣ одатан бо фаъолияти маърифатӣ, махсусан дараҷаи шавқмандии маърифатии кӯдак, дурустии интихоби дақиқи объектҳои таълимӣ, ки ҳамчун ангезандаҳои маърифатӣ ҷои асосиро ишғол мекунанд, вобаста мебошад.

Фаъолияти маърифатӣ яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти хонанда буда сатҳи инкишофи он муайянкунада ва ченаки меъёрии маҳсулнокии раванди таълим ба шумор меравад. Ташаккули шавқмандии маърифатии баланди хонандагони хурдсол дар шароити муосири таълим, ки ангезандаҳои иловагӣ зиёданд аҳамияти бузург дорад. Ҳамзамон масъалаи чӣ гуна ба даст овардани натиҷаи бештару хубтар дар инкишофи он то ҳол паҳлуҳои нокушодаи зиёде дошта бе омӯзиши ҳаматарафаи назариявии моҳияти мафҳуми «ниёзҳои маърифатӣ» ғайриимкон аст. Барои баррасии амиқи ин масъала ба муқарраротии назариявии психология ва педагогика такя карда, моҳият ва хусусиятҳои асосии шавқ, аҳамияти онро дар ташаккули шавқмандии маърифатии шахсиятро ошкор намудан мумкин аст.

Шаклҳои гуногуни фаъолияти таълими вуҷуд доранд, ки сифати аз худкунии донишҳоро хосият ва гуногунии фаъолияти шахсӣ, субъективӣ ва метасубъективиро муайян мекунанд.

Банизомдарории фаъолияти таълимӣ (ҳамчунин қобилияти ташкили фаъолияти худ) ташаккули фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандаро бо баназаргирии ҳамаи қисмҳояш (ҳадафгузорӣ, барангезанда, фарзия ва тахминҳо, усулҳо, назорат, арзёбӣ) дар худ таҷассум менамояд.

Фаъолияти маърифатӣ ин доштани қобилияти самаранок фикр ва кор кардан бо ахборот ва маълумот дар ҷаҳони муосир мебошад. Системаи методҳои таълими Табиатшиносӣ, ташаккули мустақилона ҷустуҷӯ намудан, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиётҳо оид ба коркард, ба низомдорорӣ, умумгардонӣ, хулосабарорӣ ва амалинамойю истифодаи маълумоти гирифташударо дар назар дорад.

Мо адабиёт ва маводҳои марбути масъаларо омӯхта, баррасӣ ва таҳлил намуда ба хулосае омадем, ки фаъолиятҳои маърифатиро ба се намуд ҷудо намудан мумкин аст: амалҳои умумитаълимӣ, мантиқӣ, инчунин гузориш ва ҳалли масъала.

Ба амалҳои таълимӣ ва умумитаълимӣ интихоби мустақилонаи масъала ва мураттабсозии ҳадафҳои маърифатӣ, ҷустуҷӯ, дарёфт ва интихоби маълумоти зарурӣ, интихоб ва истифодаи усулҳои ҷустуҷӯи маълумот, аз ҷумла истифодаи воситаҳои компютерӣ, сохтори донишҳои азхудкардашуда, бошуурона ва мустақилона таҳия намудани баёния дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ, интихоби усулҳои самараноки ҳалли масъала вобаста ба вазъият, инъикоси метод ва шароити фаъолият, натиҷагирӣ ва арзёбии натиҷаҳои фаъолиятро доҳил намудан мумкин аст.

Ҳангоми ташкил намудани озмоишҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳои бамиёномада ва санҷиши тахмину фарзияҳои пешгӯишуда ин системаро боз ҳам такмил додан мумкин аст.

Дар ин ҳолат мустақилона гузоштани проблема, мустақилона сохтани алгоритмҳои фаъолият ҳангоми ҳалли мушкилиҳои хусусияти эҷодӣ ва ҷустуҷуи дошта зарур буда шароити зерринро ба назар гирифтан лозим аст. Аввало таҳлили объектҳоро бо усули синтез (аз ҷузъҳо ҷамъоварии як кулл, аз ҷумла мустақилона пурра намудани қисмҳои норасида), бо мақсади нишон додани хусусиятҳо (муҳим, ғайримуҳим) гузаронида, меъёрҳоро барои муқоиса, банизомдорорӣ, гурӯҳбандии объектҳо муайян карда, натиҷаҳоро тахмин намудан мумкин аст. Баъдан робитаҳои сабабӣ-натиҷавиро муқаррар намуда занҷири мантиқии тафаккурро таҳия карда фарзияҳоро бо далелҳо асоснок намудан зарур аст.

Бо мақсади ташаккули фаъолияти маърифатӣ ташкил ва гузаронидани озмоишҳои таълимӣ дар дарсҳои табиатшиносӣ бояд дар кӯдакон қобилияти кор кардан бо навъҳои гуногуни иттилоотро инкишоф дод. Агар ин ин гуна фаъолиятҳо мунтазам гузаронда шаванд характери репродуктивӣ пайдо карда шавқмандии маърифатии кӯдак боло рафта, хонанда дар нихояти кор мувофиқи ниёз ва ҳадафи таълимӣ ба фаъолияти ҷуяндагӣ - ҷустуҷӯи иттилоот, ҷамъоварӣ ва интихоби иттилооти заруририӣ аз сарчашмаҳои гуногун барангехта мешавад.Инчунин бо ёрии амалҳои мантиқии муқоиса, таҳлил ва умумикунони вазифаи амалиро ба кори маърифатӣ табдил дода бо истифода аз аломатҳои шартӣ, схемаҳо, сабти санадҳо, расму овезаҳо, видеороликҳо фаъолияти маърифатиашрол бою рангин ва гуногунсамт мегардонад.

Ба ғайр аз гуфтаҳои боло, фаъолияти маърифатии озмоишӣ ташаккули малакаҳоеро таъмин мекунад, ки ба инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол дар марҳилаи муайяни раванди таълим кӯмак ва мусоидат мекунанд.

Ин малакаҳо, қобилияти дуруст ва пурмазмун хондани матнҳо, схемаҳо, расмҳо, ребусҳо, формулаю нақшаҳо, кор карда тавонистан бо амалҳои мантиқии муқоиса, таҳлил, таркиб, умумгардонӣ, гурӯҳбандӣ аз рӯи аломатҳои умумӣ, муқаррар кардани аналогияҳо(мушобеҳҳо) ва барқарорсозии робитаҳои сабабу натиҷавӣ, пешниҳоди далелҳо, шарҳи мафҳумҳо, дарк карда тавонистани моҳият ва хусусиятҳои предметҳо, равандҳо ва ҳодисаҳоиҳои воқеӣ, дар фаъолияти худ татбиқ намудани мафҳумҳои асосии фаннӣ ва

байнисоҳавӣ, ки робитаҳо ва муносибатҳои муҳими байни объектҳо ва равандҳо, истифода бурдани воситаҳои аломатӣ-рамзии инъикоси иттилоот ҳангоми сохтани моделҳои объектҳо ва ҳодисаҳои омӯхташаванда ва дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯиро дар бар мегиранд.

Дар раванди тавассути озмоиш ташаккул додани фаъолияти маърифатии кӯдакон ёд додани муаррифии натиҷаҳои фаъолияти худ худ хеле муҳим аст. Хонандагони хурдсол дар синфи якум масъалаҳоеро ҳал мекунанд, ки хеле соддаанд, вале имкони инкишофдиҳии зеҳнӣ доранд. Бинобар ин, раванди ҳалли масъалаҳое, ки бо фарзияҳо, иштибоҳҳо, муқоисаи ақидаҳои гуногун, баҳогузорӣ ва бозёфтҳо ниёз доранд, боиси ноил гардидани шахсияти ҳар як кӯдак дар инкишофдиҳии қобилиятҳои равониаш мегардад.

Стандарти давлатии таълим низ тамоми субъектҳои таҳсилотро ба иҷрои ин вазифаҳо мувazзаф мегардонад.Дар ин ҳолат хонандагони хурдсол донишҳоро дар шакли тайёр қабул накарда, балки ба мустақилона аз худ кардани ин донишҳо, инчунин истифода бурдани ин донишҳо дар ҳалли масъалаҳои маърифатӣ ва амалӣ роҳнамоӣ карда мешаванд.

Хулоса, фаъолиятҳои маърифатии хонандагони хурдсол мавриди ташкили озмоишҳои таълимӣ ба рушди тафаккури мантиқии фаъол ва кор карда тавонистан бо иттилоот дар ҷаҳони муосири зудинкишофёбанда бояд нигаронида шаванд.


**АДАБИЁТ**

1. Акрамов С. Методикаи таълими табиатшиносӣ: Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни институтҳою омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ. Зери таҳрири номзади илмҳои педагогӣ, доцент Б. Раҳимов. / С. Акрамов – Душанбе: Маориф, 1987, - 200 с.
2. Александрова, О. Н. Педагогический проект на тему «Развитие познавательно-творческих способностей младших школьников во внеурочной деятельности» / О.Н. Александрова // Завуч начальной школой. – 2013. - № 4. – С. 87-93
3. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г.Ананьев -СПб.: Питер, 2001. - 288 с.
4. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. / Л.И.Божович - М.: Просвещение, 1995. - 208 с.
5. Гоноболин Ф.Н. Детская психология, / Ф.Н.Гоноболин - М. Просвешение 1973 - 240 с.
6. Дьюи Д. Психология и педагогика мышления / Пер. с англ. Н.М. Никольской. / Д.Дьюи – М.: Совершенство, 1997. -208с.
7. Левитов Н.Д. Детская и педагогическая психология, / Н.Д.Леонтев - Москва, Просвещение, 1964, 477с.
8. Леонтев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. / А.Н.Леонтев - М.: Политиздать, 1975, 136с.
9. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения, / И.Я. Лернер - М.: Педагогика, 1981,-186 с.
10. Лисина М.И. Развитие познавательной активности детей в ходе общения со взрослыми и сверстниками //Вопросы психологии. 1982. № 4. С. 18-35.
11. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика , Душанбе: Маориф, 1988, 304 с..
12. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо/ Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. // муҳ. С. Камолзода; АТТ. - Душанбе, 2017. - 86 с.
13. Маҷидова Б. Рустамова З., Педагогикаи томактабӣ, (КТМ). - Душанбе: 2018, 194с.
14. Нуров А. Методология ва методҳои таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ./А.Нуров-Душанбе: «Ирфон», 2014.-282 с.
15. Платонов К.К. Занимательная психология, / К.К. Платонов-М. “Молодая гвардия” 1964.-384 с.
16. Поддьяков А.Н. Исследовательское поведение: стратегии познания, помощь, противодействие, конфликт. 2-е изд., испр. и доп. / А.Н.Поддьяков - М.: PER SE, 2006. - 240 с.
17. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения: В 2-х т. Т.2. / К.Д.Ушинский - М., 1974.-440с.


## ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМОИШҲО АЗ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ


*Муваффақ будани насли наврас дар оянда на танҳо аз тӯли солҳои таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ, балки аз шавқмандии маърифаташон низ вобаста аст.*

*Зикр гардидааст, ки мушкилоти муосири вобаста ба баланд бардоштани шавқи маърифатии хонандаи синфи ибтидоӣ дар марҳилаи кунҷкобӣ боз беш аз пеш ниёз ба баррасӣ ва омӯзиш пайдо менамояд.*

*Гуфта шудааст, ки шаклҳои гуногуни фаъолияти таълими вуҷуд доранд, ки сифати аз худкунии донишҳоро, хосият ва гуногунии фаъолияти шахсӣ, субъективӣ ва метасубъективиро муайян мекунанд.*

*Бояд гуфт, ки Стандарти давлатии таълим низ тамоми субъектҳои таҳсилотро ба иҷрои ин вазифаҳо мувazзаф мегардонад.*

*Хулосабарорӣ гардидааст, ки раванди ҳалли масъалаҳое, ки бо фарзияҳо, иштибоҳҳо, муқоисаи ақидаҳои гуногун, баҳогузорӣ ва бозёфтҳо ниёз доранд, боиси ноил гардидани шахсияти ҳар як кӯдак дар инкишофдиҳии қобилиятҳои равониаш ва баланд гардидани шавқмандии маърифатиаш мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *Стандарти таълим, тарбия, фаъолият, фаъолияти маърифатӣ, кунҷкобӣ, эҳсос, идрок, таҳлил, хулосабарорӣ, хонандагони хурдсол, табиатшиносӣ.*

## РАЗВИТИЕ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ АКТИВНОСТИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ПРОВЕДЕНИЯ ЭКСПЕРИМЕНТОВ ПО ЕСТЕСТВОЗНАНИЮ

*Успех подрастающего поколения в будущем зависит не только от количества учебных лет начального школьного образования, но и от его познавательного интереса к образовании.*

*Отмечено, что актуальные проблемы, связанные с повышением познавательного интереса младших школьников на этапе любознательности, как никогда нуждаются в рассмотрении и изучении.*

*Сказано, что реализуется различные формы учебной деятельности, качество которой определяется характером и разнообразием личностной, субъектной и метасубъектной деятельности.*

*Следует отметить, что Государственный стандарт образования также обязывает все субъекты образовательного процесса выполнять эти задачи.*

*Сделан вывод, что процесс решения задач, требующих гипотез, ошибок, сравнений, оценок и открытий, ведёт к развитию личности каждого ребёнка в развитии его умственных способностей и повышению его познавательного интереса.*

***Ключевые слова****: Стандарты образования, воспитание, деятельность, познавательная деятельность, любознательность, эмоция, восприятие, анализ, умозаключение, учащаяся молодежь, естественные науки.*

## DEVELOPMENT OF COGNITIVE ACTIVITY OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN THE PROCESS OF CONDUCTING EXPERIMENTS IN NATURAL SCIENCE

*The success of the younger generation in the future depends not only on the amount of primary school education, but also on their cognitive interest in education.*

*It is noted that the actual problems associated with increasing the cognitive interest of younger students at the stage of curiosity, more than ever, need to be considered and studied.*

*It is said that various forms of educational activity are implemented, the quality of which is determined by the nature and diversity of personal, subjective and metasubjective activities.*

*It should be noted that the State Education Standard also obliges all subjects of the educational process to perform these tasks.*

*It is concluded that the process of solving problems that require hypotheses, errors, comparisons, assessments and discoveries leads to the development of the personality of each child in the development of his mental abilities and increase his cognitive interest.*

***Keywords:*** *Education standards, upbringing, activity, cognitive activity, curiosity, emotion, perception, analysis, conclusion, student youth, natural sciences.*

***Сведение об авторе:***

***Табаров Дилшод Давлатхуджаевич** – ассисент кафедры начальная образования Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айнӣ. Электронная почта: tabarov72@list.ru Тел(+992) 934000369*

***About the authors:***

***Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich** – an Assistant in the Departament of Primari Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. E-majl: tabarov72@list.ru Tel:(+992) 934000369*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МОДЕЛЕЙ И АНИМАЦИИ ДЛЯ УЛУЧШЕНИЯ ПОНИМАНИЯ СТУДЕНТОВ СТРУКТУРЫ И ФУНКЦИИ БЕЛКОВ

***Хидиров Г.Т.***

*Таджикский государственный педагогический университет им С. Айни*

Биохимия, изучение веществ и процессов жизнедеятельности, происходящих в живых организмах, требует понимания химии. Химическое понимание опирается на понимание невидимого и неприкосновенного. Хорошее понимание химии требует от учащихся способности правильно ориентироваться между четырьмя уровнями понимания: макроскопическим, микроскопическим, символическим и технологическим уровнями [1, 2]. По словам Чандрасегарана и его коллег [3], студенты, изучающие химию, должны мыслить

на молекулярном уровне и объяснять изменения на макроскопическом уровне с точки зрения взаимодействия между отдельными атомами и молекулами [4].

Исследователи показали, что многим студентам трудно правильно связать разные уровни понимания [3, с.5]. Было предложено несколько решений для преодоления этих трудностей, таких как: интеграция инструментов 3D-визуализации, представление динамической и интерактивной природы химии и поощрение переходов между различными химическими представлениями. Передовые технологии могут предоставить инструменты, позволяющие студентов вращать объекты, манипулировать представлениями пространственных структур и создавать молекулярные модели [1, с.6].

Образец: В ходе чтения электронного таблоида *The Times* в 10 классе учащиеся встречают слово a loser. Определите способ семантизации лексической единицы во фрагменте урока.

*В англо-таджикском словаре данное слово переводится как зиёновар (на русский – неудачник). Студент считает, что, если слово удача – бахт (счастье), значит a loser может переводиться как несчастный.*

*Тогда учитель объясняет толкование слова через английский язык, и поясняет, что a loser – a person who does not win a game or competition. Однако при использовании слова в контексте, обучаемые всё еще сталкиваются с определенными трудностями.*

*Но только лишь тогда, когда толкование представлено преподавателем на родном языке (a loser –* шахсе, ки одатан дар бозӣ ё мусобиқа ғолиб намеояд), студенты верно понимают значение слова и используют его в своей речи.

В основе решения данной задачи лежит опознавательный процесс: студент сличает

выявленные во фрагменте признаки использованного метода с хранящимися в его памяти признаками способов семантизации. В результате процесса сличения может быть назван способ семантизации.

*5. Воспроизведение учебного материала для обоснования и аргументации использованных во: фрагменте методов и приемов работы.*

Образец:

В 7-классе со средней языковой подготовкой учитель раскрывает значение слова *beautiful* с помощью перевода. На этом же уроке ему предстоит ввести еще 4 новых лексических единицы. Правильно ли поступил учитель? Обоснуйте выбор переводного способа семантизации в данном случае.

Для того чтобы решить эту задачу, студенту нужно проанализировать ситуацию и выявить те условия, которые определили выбор данного способа семантизации. Далее ему нужно проанализировать факторы, определившие этот выбор, и актуализировать один из них – педагогический, обобщив условия задачи и признаки, характерные для него. В результате такого обобщения студент называет фактор и поясняет его.

Дидактическая ценность подобных задач заключается в том, что студенты учатся анализировать учебные ситуации и аргументировать использованные учителем методические приемы, что представляется весьма важным для осознанного усвоения материала. Практика показывает, что часто студенты совершенно верно выбирают способы и приемы обучения, но затрудняются аргументировать свой выбор. Подобные задачи заставляют обучающихся обдумывать каждый свой шаг, руководствуясь методической теорией и условиями обучения. Кроме того, в предложенных ситуациях иллюстрируется реальное воплощение определенных теоретических положений.

В процессе решения задач на противопоставление и сравнение студенты учатся анализировать учебные ситуации и выделять их существенные черты. Умение выбрать для семантизации верный способ, который более всего соответствует конкретным условиям обучения, является важным компонентом методического мастерства учителя.

Таким образом, при решении вышеуказанных задач студенты учатся аргументировать свои суждения, используя теоретические положения лекций и методической литературы, что способствует их осмысленному усвоению. Использование такого рода задач представляется весьма важным, так как при их решении студенты учатся анализировать факторы учебной ситуации и строить свою работу в соответствии с ними. В ходе их решения студенты усваивают сам способ решения, общий подход к анализу проблемной ситуации.

Вопрос об эффективности предлагаемой системы задач решался экспериментальным путем и был проверен в практической работе на факультете иностранных языков ГОУ «Худжандский госуниверситет имени академика Б.Гафурова».

Как показали результаты работы, использование системы методических задач в целях активизации мыслительной деятельности студентов в процессе использования сравнительно-сопоставительного метода на начальном этапе обучения обеспечивает более высокий уровень усвоения учебного материала, который характеризуется умением студентов применять знания по методике преподавания иностранных языков в своей будущей профессиональной деятельности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Костомаров В. Г., Митрофанова О. Д. Методика как наука. Ст. 2: Методическая проблематика двуязычья // Русский язык за рубежом. 1979. №6. – С. 67–73.
2. Мильруд Р.П., Максимова И.Р. Учебный билингвизм: вчера, сегодня, завтра // Язык и культура. 2017. № 37. – С.185-204
3. Цветкова З.М. О преподавании иностранного языка в средней школе. – М., 1949. – 32 с.
4. Чамшедов П., Чоматов С. English (Забони англисӣ) // Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе, «Маориф», 2014. – 224 с.
5. Щерба Л.В. Преподавание иностранных языков в средней школе. Общие вопросы методики. – Изд-во АПН, М.-Л., 1947. – С.56-57
6. Языкова Н.В. Сборник задач и заданий по методике преподавания иностранных языков. – Ленинград: «Просвещение», 1977. – С.20
7. Atkinson D. The mother tongue in the classroom: A neglected resource? // ELT Journal. 1987. No. 41(4). – Pp. 241–247
8. Copland F., Neokleous G. L1 to teach L2: Complexities and contradictions // ELT Journal. 2011. No. 65(3). – Pp. 270–280
9. Cummins J. The construct of language proficiency in bilingual education. Washington, DC. - 1980. – P. 81-103.
10. De La Campa J. &Nassaji H. (2009). The amount, purpose, and reasons for using L1 in L2 Classrooms // Foreign Language Annals. - 2009.- Vol. 42.-P. 742-759.
11. Ellis R. The Study of Second Language Acquisition, by Rod Ellis. Oxford, UK: Oxford University Press, 1994. – 824 Pp.

12. https://www.collinsdictionary.com/dictionary/english/halfway
13. https://www.merriam-webster.com/dictionary/halfway

## РАЗВИТИЕ УМЕНИЙ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

*В настоящей статье автор описывает процесс проведения мини-исследования, цель которого заключалась в научении будущих учителей иностранного языка эффективно использовать родной язык в иноязычной аудитории.*

*Для проверки степени владения будущими учителями умениями применения родного языка в иноязычной аудитории автором использована система методических задач на практических занятиях по методике преподавания иностранных языков на 3 курсе языкового факультета, которые были основаны на четырех принципах, лежащих в основе психологических закономерностей усвоения, определения учебной методической задачи и уровней овладения учебным материалом.*

*Исходя из результатов работы, автор считает, что использование системы методических задач в целях активизации мыслительной деятельности студентов в процессе использования сравнительно-сопоставительного метода обеспечивает более высокий уровень усвоения учебного материала, который характеризуется умением студентов применять знания по методике преподавания иностранных языков в своей будущей профессиональной деятельности.*

***Ключевые слова:*** *студенты, иностранный язык, родной язык, методика преподавания, сравнительно-сопоставительный метод, эффективность, методические задачи.*

## ABILITIES OF A FUTURE FOREIGN LANGUAGE TEACHER TO USE THE NATIVE LANGUAGE WHEN TEACHING A FOREIGN LANGUAGE

*In this article, the author describes the process of conducting a mini-research, the purpose of which was to teach future teachers of a foreign language to effectively use their native language in a foreign-language audience.*

*To test the degree of future teachers' proficiency in the ability to use their native language in a foreign language audience, the author used a system of methodological tasks in practical classes on the methodology of teaching foreign languages in the 3rd year of the language faculty, which were based on four principles underlying the psychological patterns of assimilation, the definition of an educational methodological task and levels of mastery of educational material.*

*Based on the results of the work, the author believes that the use of a system of methodological tasks in order to enhance the mental activity of students in the process of using the comparative method provides a higher level of assimilation of educational material, which is characterized by the ability of students to apply knowledge according to the methodology teaching foreign languages in their future professional activities.*

***Key words:*** *students, foreign language, native language, teaching methodology, comparative method, efficiency, methodological tasks*

***Сведения об авторе:***

***Джураева Назира Ибрагимовна****-соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». тел.: (+992) 92 7606882. E-mail:naziraxon.juraeva@mail.ru*

***About the author:***

***Juraeva Nazira Ibragimovna****- Competitor of the Department of Social and Professional Pedagogy SEI "Khujand State University named after Academician B. Gafurov".tel.: (+992) 927606882. E-mail: naziraxon.juraeva@mail.ru*

**УДК 371.384.4**

## МАВОДҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИТАХАССУСӢ

***Сатторова М., Атаева Х. Г.***

*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров*

Дар ҷаҳони муосир дониши забонҳои хориҷӣ нақши рӯзафзунро мебозад. Донистани забони хориҷӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки ба фарҳанги ҷаҳонӣ ҳамроҳ шаванд, аз фаъолиятҳои худ ва имконоти фаровони интернет истифода кунанд, бо технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсионӣ , воситаҳои таълимии мултимедиявӣ кор кунанд. Солҳои охир забони англисӣ мавқеи бартаридошта гирифтааст. Зарурати ташаккули салоҳият дар соҳаи забонҳои хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ, чизи нав ва ғайричашмдошт нест. Яке аз коршиносони руси пешбари соҳаи методикаи коммуникативии таълими забонҳои хориҷӣ дар

Э.И. Пассов, ки соли 1989 китоби худро "Асосҳои усули коммуникативии таълими муошırати забонҳои хориҷӣ" ба табъ расонд, ки он барои мутахассисони касбӣ дар ташаккул ва рушди салоҳияти муоширатӣ муҳим диниста шуд. Салоҳияти забон, ки як ҷузъи мафҳуми салоҳияти муоширатӣ аст ва дорои системаи иттилоотӣ дар бораи забон аз рӯи сатҳҳои он (фонетика, лексика, таркиби калима ва ташаккули калима, морфология, синтаксиси ҷумлаи содда ва мураккаб, асоси услуби матн) имрӯз муҳим аст, зеро дар ҷаҳони афзояндаи ҳамгироии глобалӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ, қобилияти ба роҳ мондани робитаҳо бе миёнаравон ба мустаҳкам шудани мавқеи ширкатҳо ва афзоиши фоидаи онҳо оварда мерасонад [4, с.25].

Гузариши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба низоми дузинагии таҳсил мувофиқи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба таври возеҳ зарурати ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯёнро, аз ҷумла салоҳияти забониро муайян кард. Аз ин лиҳоз зарурияти таълиф ва таҳия намудани дастурҳо ё китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайритахассусӣ ба миён омад.

Пеш аз оне ки сухан дар бораи интихоби маводҳои таълимӣ барои китоби дарсии забони хориҷӣ равад, мо бояд оиди талаботи методологӣ-дидактикӣ ва беҳдошти таълифи китоби дарсӣ, ки дар асоси барномаи таълимии фан тартиб дода мешавад, истода гузарем. Барномаи таълимӣ санади меъёрии таълимиест, ки дар он доираи донишҳои заминавӣ, малака, қобилият, салоҳият ва маҳоратҳои мушаххас инъикос ёфта, ба ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ равона шудаанд ва онҳо бояд зимни омӯзиши фанни муайян аз худ карда шаванд.

Инчунин он номгӯи мавзуҳо, соатҳои барои таълими онҳо ҷудошударо дар бар гирифта, дар он тафсифи умумии фан, мақоми он дар нақшаи таълимӣ, робита бо фанҳои дигар, мафҳум, масъала ва унсурҳои дигари асосии ҳар як мавзӯъ, шаклҳои гузаронидани дарс бо аёният, воситаҳои техникии таълим ва маълумоти дигари зарурӣ оварда мешаванд. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии нав аз фанни забони хориҷӣ низ бояд дар асоси барномаҳои таълимии нав таълиф ва таҳия карда шаванд. Ҳамчунин зарур аст, ки дар барномаҳои нави таълимӣ ҳатман вазифаҳо барои рушди маънавию ахлоқии донишҷӯён, ташаккули шахсияти онҳо дар асоси арзишҳои миллӣ, ташаккули ватандӯстии онҳо, тарзи ҳаёти солим ва тафаккури ақлию мантиқии онҳо ва ғайра гузошта шаванд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки китобҳои дарсии нав бояд бо риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, бо баёни фасеҳу содда, ба донишҷӯён дастрасу фаҳмо, бо услуби махсус ва ғайра таълиф карда шаванд. Қайд намудан ҷоиз аст,ки таълими донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ кайҳо боз дар системаи таҳсилоти олӣ мавқеи махсусро ишғол кардааст [2, с.234].

Мавқеи махсуси донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ зарурати муоширати касбии онҳоро дар шароити кунунии геополитикӣ муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло зарурати эҷоди воситаҳои махсуси таълимии забони англисӣ, ки талаботи тайёр намудани мутахассисони муосири соҳаҳои ғайризабонӣ ҷавобгӯ мебошанд, бармеояд. Омӯзгорон ва методистон, ки дар ин соҳа корбарӣ менамоянд, бояд баъзе хусусиятҳои хоси таълимӣ- касбиро ба назар гиранд. Аввалин чизе, ки онҳо бояд ба он диққат диҳанд, ин ҳамгироии омӯзиши забони англисӣ бо фанҳои махсус мебошад. Маводи таълимӣ бояд дастовардҳои навтарини соҳаи муайяни фаъолиятро инъикос намуда, ба донишҷӯён имкон диҳад, ки маълумоти иловагӣ гиранд, ки ҷаҳонбинии касбии онҳоро васеъ гардонад.

Хусусиятҳои зерини воситаҳои таълимии ба касб нигаронидашударо ноустувор номидан мумкин аст. Сабаби ин навтарин дастовардҳо ва прогресси илмию техникӣ мебошад ва азбаски маводи асосии таълимӣ матнҳои ҳақиқӣ мебошанд, ки воқеияти воқеиро инъикос мекунанд, ин маълумотҳо зуд кӯҳна мешаванд ва аҳамияти худро гум мекунанд.

Ғайр аз ин, ҳангоми тартиб додани воситаҳои таълмии ба касб нигаронидашуда душвориҳоеро ба назар гирифтан лозим аст, ки донишҷӯён дар раванди таълим ба он дучор мешаванд. Чӣ хеле ки таҷриба нишон медиҳад, мушкилоти асосии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ хондан ва фаҳмидани адабиёти аслӣ бо забони англисӣ мебошад.

Аввалан, донишҷӯ бо миқдори зиёди маводи нави лексикӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки фаҳмиши онҳо бевосита аз дониши касбии ӯ вобаста аст.

Дуюм, матнҳои аслии субъектҳои касбӣ дошта аксар вақт маҷмӯи ибораҳои хеле мураккаби сохторӣ доранд, ки барои фаҳмидани онҳо ҷудо кардани гурӯҳҳои семантикии асосӣ ва дуюмдараҷа зарур аст, ки малакаҳои муайяни таҳлили ҷумларо талаб мекунад.

Аксар вақт душвориҳои дар боло зикршуда аз он сабаб зиёд мешаванд, ки донишҷӯёни курси якум дар соҳаи ихтисоси интихобкарда дониши кофӣ надоранд. Қайд карданием, ки душвории фаҳмидани матн танҳо нест. Бисёр вақт дар рафти омӯзиш ихтилофи байни натиҷаи воқеӣ ва нақшавӣ мушоҳида карда мешавад. Нотавон будани донишҷӯ чӣ маъно дорад? Донишҷӯ ҳатто қобилияти хеле хуби хонда фаҳмидан дошта бошад ҳам, забони хориҷиро ҳамчун воситаи муошират истифода бурда наметавонад. Сабаби ин робита надоштани истилоҳоти маҷмӯи лексикии касбии донишҷӯ ва маҳорати муошират ӯ мебошад.

Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки мундариҷаи маводи таълимӣ набояд танҳо бо маҷмӯи луғату матнҳо маҳдуд карда шавад, балки инчунин вазифаи хавасммандгардонии истифодаи лексикаи омӯхташавандаро, ки дорои хусусияти касбӣ мебошад, дар бар гирад. Мусаллам аст, ки дар интихоби маводи таълими омӯзгороне, ки барои эҷоди дастурхои муосир машғуланд,.бояд нозукихои зиёдеро ба инобат гиранд. Онхо вазифаи на танхо лексики, балки грамматикиро низ дар хотир дошта бошанд, ки ба он чараёни мукаммали коммуникативи ниёзманд аст.

Аммо азбаски сухан дар бораи донишҷӯёне меравад, ки забоншинос нестанд, бояд маводи грамматикиро чунон интихоб кард, ки ба мақсад мувофиқ бошад, яъне қоидаҳои бисёри грамматикӣ оварда нашавад, танҳо онҳоеро интихоб кардан лозим аст, ки барои фаҳмидан ва баён кардан аҳамияти аввалин дараҷа дошта бошад, маънои семантикиашро вайрон нанамояд. Дар навбати дигар ҳангоми интихоби маводи таълимӣ имкониятҳои инфиродии донишҷӯёнро низ бояд ба инобат гирифт. Маводи таълимӣ набояд аз имкониятҳои воқеии донишҷӯён зиёд бошад, вагарна он раванди таълимро ба таври назаррас суст мекунад ё ба паст шудани ҳавасмандии омӯзиш мусоидат мекунад [1, с.36].

Бо ибораи дигар, мазмуни маводи таълимӣ бояд то ҳадди имкон дастрас ва имконпазир бошад. Дар баробари ин дар бораи ҳаҷми маводҳои (материалҳои ) таълимӣ ногуфтан мумкин нест. Меъёри асосӣ дар ин ҷо шумораи соатҳои дар барномаи таълимӣ барои омӯзиши забони англисӣ пешбинишуда ба инобат гирифта мешавад. Дар асоси ин маҷмӯи минимуми мавзуҳоеро ташкил кардан лозим аст, ки дар доираи ихтисоси муайян самаранок аз худ карда шаванд. Қисми асосии мундариҷаи маводи таълимӣ дастури касбии матн мебошад.

Аҳамияти матн бо мавҷудияти маълумот дар он муайян карда мешавад, ки барои фаъолияти касбӣ шароит фароҳам меорад. Илова бар ин матн метавонад заминаи рушди минбаъдаи худшиносӣ ва худомӯзии донишҷӯ гардад. Асоси матни ба касбияти донишҷӯ нигаронидашуда бешубҳа истилоҳоти касбӣ мебошад.

Аз ин рӯ, ба интихоби минимуми лексикӣ бояд на камтар аз интихоби ҳама гуна маводҳои таълимии дигар масъулиятшиносона муносибат кард. Пеш аз ҳама калимаҳои маъмулро ба назар гирифтан лозим аст, яъне такроршавандагии истифодаи ҳар як калимаи интихобшуда дар маводи таълимии минбаъда. Илова бар ин, минимуми луғавӣ бояд ба принсипи дастрас, ки қаблан дар боло пештар зикр шуда буд, мувофиқат кунад. Инчунин ба мувофиқати калима бо дигар воҳидҳои луғавӣ аҳамият додан зарур аст, яъне ба ғайр аз калимаҳои алоҳида ибораҳоро низ интихоб кардан мумкин аст. Арзиши ибора дар он аст, ки маънои як вожа вобаста ба муҳити он метавонад фарқ кунад ё комилан тағйир ёбад.

Агар дар бораи системаи вазифаҳо сухан равад, пас вай бояд ҳамаи намудҳои фаъолияти нуткро дар бар гирад ва ба баланд шудани ҳавасмандии донишҷӯён ба таълим ёрӣ расонад. Инчунин дар он ҷо баъзе хусусиятҳои таълими донишҷӯёни соҳаҳои ғайризабониро ба назар гирифтан лозим аст. Яъне омӯзиши тарҷума аз забони англисӣ ба забони модарӣ бояд ҷумлаҳои асосӣ ва миёна ва семантикиро дар бар гирад ва омӯзиши тарҷума аз забони модарӣ ба забони англисӣ баръакс, бояд дар асоси ҷумлаҳои дорои сохтори грамматикии содда ё ибораҳои дорои луғати касбӣ бошад.

Ҳамчун вазифаи умумисозӣ ё ҷамбасти донишандӯзии донишҷӯён дар мавзӯи мушаххас мо метавонем лоиҳаҳо, машқҳо ё муаррифиҳоро тартиб диҳем , ки донишҷӯён метавонанд онҳоро ҳам дар гурӯҳ ва ҳам инфиродӣ иҷро кунанд. Иҷрои ин гуна вазифаҳо на танҳо дониши касбӣ ва қобилияти ҷамъбаст кардан, хоста гирифтани маълумоти зарурӣ, аз миқдори зиёди ахборот, аз манбаҳои гуногун, интихоб кардани маводҳои зарурииро талаб мекунад. Ғайр аз ин, ин гуна вазифаҳо кори мустақилонаи донишҷӯёнро ба мақсади мувофиқ ташкил мекунанд, ки дар он вазифаи муаллим барои тавсифи намуди кор барои аниқу мураттаб сохтани мақсаду вазифаҳо дастрас аст, вале дар айни замон барои амалисозии қобилиятҳои эҷодии худ донишҷӯ метавонад мустақилона кори худро пешниҳоди дигарон намуда, аз манбаъҳои иттилоот ва адабиётҳои иловагӣ истифода барад.

Муваффақияти эҷодии донишҷӯ, албатта, бевосита аз роҳнамоии методӣ ва салоҳиятнокии омӯзгор дар фаъолияти таълимӣ, вобаста аст, ҳамин тариқ метавон ба хулосае омад, ки бо таълими босифати забони англисӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайритахассусӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки воситаҳои таълимии аз ҷиҳати методӣ дуруст мавҷуд бошанд. Тайёр намудани воситаҳои таълимӣ як қисми кори омӯзгорон ва методистони ба чунин донишҷӯён сабақдиҳанда мебошанд.

Ба ғайр аз он, интихоби маводи таълимӣ аз омӯзгор дариҷаи баланди касбӣ ва дониши чуқури методикаю педагогикаро талаб мекунад. Айни замон донистани забони хориҷӣ сатҳи баланди салоҳияти касбии донишҷӯёни факултетҳои ғайризабониро талаб менамояд, зеро қисми зиёди иттилооти илмӣ, техникӣ ва касбӣ ба забони англисӣ пешниҳод карда мешавад. Бо назардошти хусусиятҳои таълими забони хориҷӣ дар факултетҳои ғайритахассусии

мактабҳои олӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки б истифода бурдани забони хориҷиро ҳамчун воситаи муошират байнифарҳангӣ омӯзанд.

Қобили қайд аст, аст, ки назария ва амалияи таълими касбӣ нигаронидашуда ҳангоми тартиб додани барномаҳои корӣ ва навиштани дастурҳо, аз ҷумла истифодаи чунин усулҳои интенсивии таълим усули лоиҳавӣ, фаъолсозии қобилияти шахс ва усули бозиҳои даставӣ, ки ба касби донишҷӯён нигаронида шудааст,равона карда шавад.

Таълими касбии забони хориҷӣ дар факултетҳои ғайризабонии донишгоҳҳо равандест, ки ба ташаккули шахсияти фаъол ва эҷодкори мутахассиси оянда равона карда шудааст, ки ӯ қодир аст донишу малакаҳои махсуси гирифтаашро дар фаъолияти касбии худ дар соҳаҳои гуногуни илм ва истеҳсолот бо муваффақият татбиқ намуда метавонад. Моҳияти таълими касбии забони хориҷӣ дар ҳамгироии он бо фанҳои махсус бо мақсади ба дастовардани донишҳои иловагии касбӣ ва ташаккули хислатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми шахсият иборат аст.

**АДАБИЁТ**


1. Ashrapov, B. P. Foreign Language Learning Strategies / B. P. Ashrapov // Тенденции развития науки и образования. – 2022. – No 85-5. – P. 64-66. – DOI 10.18411/trnio-05-2022-201.
2. Ashrapov, B.P. Effectiveness of video materials for foreign language teaching / B.P. Ashrapov // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2022. – № 4-1(67). – С. 74-76. - DOI: 10.24412/2500-1000-2022-4-1-74-76.
3. Ashrapov, B.P. Some views on students` self-sufficient work organization on the system of credit tuition / B.P. Ashrapov, N.I. Nigmatov // Актуальные научные исследования в современном мире. – 2022. – № 2-5 (82). – С. 14-17.
4. Rashidova, D.A. The Leader of the Nation Emomali Rahmon`s Contribution into Enactment of Programme of Foreign Languages / D.A. Rashidova, B.P. Ashrapov // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2022. – № 1 (11). – С. 132-136.
5. Rizoeva, P.S. Some Consideration Beset with the Notion of Teaching Methods in the System of Didactical Tuition / P.S. Rizoeva, B.P. Ashrapov // Научные известия. – 2022. – № 28. – С. 135-137.
6. Бим И.Л., Цели и содержания обучения иностранным языкам.Общий подход к их расмотрению / И.Л. Бим // Методика обучения иностранным языкам: традиции и современность / Ред. А.А.Миролюбова. Обнинск. – Титул, 2010. - С. 39-49.
7. Брейгина М.Е. Обучения чтению. Методика обучения ин.яз: Традиции и современность. - С. 151-178.
8. Луговая А.Л. Целесообразно ли работать с общетехническими текстами? / Иностранный язык в высшей школе. Учебное методическое пособие / Ред. Н.С.Чемоданова. Вып.3. – М.: с.72.
9. Чередниченко М.Ю. Решение коммуникативных задач на основе профессионально ориентированного текста. Доклады ТСХЛ. Вып. 278. - М., 2006. - С. 935 - 939.


## УЧЕБНО-МЕТОДИЧЕСКИЕ МАТЕРИАЛЫ К УРОКУ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА ДЛЯ СТУДЕНТОВ, ОБУЧАЮЩИХСЯ НА НЕПРОФИЛЬНЫХ ФАКУЛЬТЕТАХ


*В статье рассматривается вопрос использования учебных материалов на уроке английского языка для студентов, обучающихся на непрофильных факультетах. Подчеркивается, что изучаемая тема играет основную роль в совершенствовании навыков студентов, как практических, так и теоретических.*

*Направлена на формирование активной и творческой личности будущего специалиста, способного успешно применять полученные знания и умения в своей профессиональной деятельности в различных областях науки. Суть профессионального обучения иностранному языку заключается в его интеграции со специальными дисциплинами.*

*Авторы статьи приходят к выводу, что исследуемая тема является одной из актуальных проблем в области методики обучения иностранному языку в целом.*



***Ключевые слова:*** *учебные материалы, лексический материал, грамматический материал, иностранный язык, неспецифические факультеты.*


## EDUCATIONAL MATERIALS FOR ENGLISH LESSON TO STUDENTS WHO STUDY AT NON-SPECIALIZED FACULTIES


*The article under consideration dwells on the issue beset with usage of educational materials for English lesson to students who study at non-specialized faculties. It is underscored that the relevant issue plays a main role in students` skills improvement practically and theoretically.*

*Aimed at developing an active and creative personality of future specialist, who is able to successfully apply the acquired knowledge and skills in their professional activities in various fields*

*of science. The essence of professional foreign language teaching lies in its integration with special disciplines.*

*The authors of the article come to the conclusion that the theme explored is considered to be one of the urgent issues in the sphere of foreign language methods of teaching, upon the whole.*

***Key-words:** educational materials, lexical materials, grammar materials, foreign language, non-specific faculties.*

***Сведения об авторе**:*

***Салторова Махфират**-старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ "Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистана, г.Худжанд).*

***Атаева Хафизахон Гафаровна**-кандидат филологических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ "Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистана, г.Худжанд).*

***About the author***

***Sattorova Makhfirat**-senior lecturer of the all-university department of foreign languages under the SEI "Khujand State University named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan Republic, Khujand)*

***Ataeva Hafizakhon Gafarov**-candidate of philological sciences, senior lecturer of the all-university department of foreign languages under the SEI "Khujand State University named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan Republic, Khujand)*

## МАВҚЕИ БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ-КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ АҚЛОНИИ КӮДАКОНИ БОЗДОРИИ РУШДИ ЗЕҲНИДОШТА

***Баротов Ҷ. Ш.***

*Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ*

Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», самтҳои асосӣ ва вазифаҳои таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ чунин муайян карда шудааст:

- таъмини муассисаҳои таҳсилот бо таҷҳизоти компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ;

-гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ оид ба вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ дар раванди таълим ва тарбия;

- омоданамоӣ ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба истифодабарӣ ва вориднамоии технологияҳои нави иттилоотӣкоммуникатсионӣ;

- пайваст намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи Интернет ва дар ин замина воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилотӣ; - эҷоди низоми ягонаи идоракунии иттилоотии таҳсилоти умумӣ; - таъмини манфиатҳои шахсият, давлат ва ҷомеа дар раванди вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилот [1, с.4-5].

Дар ҳар як зинаи рушди ҷомеа дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ чӣ гуна сурат гирифтани таълиму тарбияи кӯдакон дар ҷараёни таҳсил самти муҳим ба шумор меравад. Дар замони мо ба таъмини дарки осони ҷараёни таълиму тарбия ва ҳавасмандгардонӣ ба инкишофи минбаъда бо воситаву усулҳои гуногун диққати кӯдакро ҷалб намудан муҳим аст.

Имрӯз технологияҳои нави иттилоотӣ ба воситаи ояндадори кориислоҳӣ бо кӯдакони дар инкишоф нуқсондошта табдил ёфтанд. Истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ дар муқаррароти заминавии таҳиянамудаи С.Н. Алиев, С.Я. Балхова, С.Г. Бандаев, М. Лутфуллоев, Л. Иматова, С. Шербоев, Н.Н. Шоев, Б. Маҷидова, Х. Раҳимзода, Ф.К.Раҳимов, С.Ҳ. Ҳабибов, Н.С. Салимов, Р. Мирзоев, Т.К. Ҳусанова, Б.Х. Умарова, С.С. Ҷаматов, П. Ҷамшедов, У.Р. Юлдошев, М.Р. Юлдашева,Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, В.В. Давидов ва дигарон асос ёфтааст.

Илми педагогикаи махсус исбот намудааст, ки асоси назариявии истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар таълими ислоҳию инкишофдиҳандаро муқаррароти Л.С. Виготский дар бораи сатҳи фаъоли инкишофи кӯдак ва минтақаи наздики инкишофи ӯ ташкил медиҳад. Кори ислоҳӣ бо кӯдаконе, ки нуқсони онҳо дар натиҷаи осеб дидани

системаи асаб пайдо шудааст, бо назардошти хусусиятҳои психофизикии онҳо гузаронда мешавад. [2, с.225]

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар сатҳи сифатан нав дарк кардани маълумотро имконпазир мегардонанд, ки ин фаъолнокии маърифатии кӯдакро хеле баланд мебардорад. Кӯдак бояд аз ҳар як супориши иҷрокардааш муваффақиятро ҳис карда, ҳар дафъа баҳогузорӣ ба меҳнати худро бинад, ки дар ин раванд воситаҳои компютерии таълим аз ҳама беҳтар мусоидат карда метавонанд.

Мақсади истифодаи технологияҳои компютерӣ – инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакони боздории рушди зеҳнидошта бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ.

Афзалиятҳои истифодаи технологияҳои компютерӣ дар чораёни кор бо кӯдакони боздории рушди зеҳнидошта:

- сатҳи таркиби маромнокӣ, фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва таълимии кӯдак дар машғулиятҳои инфиродӣ баланд бардошта мешавад;
- компютер таъсири полисенсорӣ ва интерактивӣ ба кӯдакро таъмин мекунад;
- ҳалли вазифаҳои гузошташудаи инкишофдиҳанда ва ислоҳӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин таъмин мегардад, аз ҷумла аз ҳисоби механизми алоқаи биологии баръакс (кӯдак ҳангоми иҷрои супоришҳо ишораҳои ҷавобии бинои ва шунавоиро мегирад).[8, с.124]

Супоришҳои компютерӣ имкониятҳои методу технологияҳои ислоҳиро васеъ мегардонанд, бояд гуфт, ки истифодаи технологияҳои компютерӣ ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсондор хусусияти нимафунксионалӣ дорад. Яъне, на танҳо азхудкунии донишҳо ва инкишофи сифатҳои асосии кӯдакон мувофиқи мақсадҳои гузаронидани машғулиятҳо сурат мегирад, балки диққат, ҳамоҳангии биноию моторӣ ва фаъолнокии маърифатӣ инкишоф меёбад. Инчунин инкишофи танзими ихтиёрии фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ рӯй медиҳад: маҳорати тобеъияти фаъолияти худ ба қоидаву талаботҳои додашуда, нигоҳ доштани шиддати эмотсионалӣ, банақшагирии амалҳо ва пешбинии натиҷаҳои рафтори худ. Истифодаи компютер ба кӯдак имкон медиҳад, ки ба андозаи муайян ба иҷроиши дурусти супориш мустақилона баҳо гузошта, натиҷаи амалҳои худро дар монитор бинад.

Ҳоло усулҳои зиёди баланд бардоштани ҳавасмандии тарбиягирандагон ба омӯзиши барномаҳо мавҷуданд, ки яке аз онҳо бозии таълимӣ ба андешаи - усули босифату босамар аст.

Тавре маълум аст, бозии мултимедӣ бозиест, ки дар он плейери муошират дар шакли виртуалӣ сохта шудааст, муҳити виртуалӣ ба плейер тавассути усулҳои гуногуни интиқол додани иттилоот (аудиоӣ, визуалӣ, расмӣ) интиқол дода мешавад. Айни замон, бозиҳо дар компютер бозиҳои мултимедӣ мебошанд, бояд қайд кард, ки ин намуди бозиҳоро дар планшет ва ё компютер тавассути шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ бозӣ кардан мумкин аст. Намунаҳои гуногуни маълумоти мултимедӣ барои содда кардани тасвири иттилоот аз ҷониби истеъмолкунандагон метавонанд истифода шаванд. Масалан, барои иттилоот на танҳо дар шакли матн, балки онро бо нишон додани иттилооти аудиоӣ ё видеоӣ метавон ба роҳ монд, яъне санъату маҳорати муосир доир ба технологияи мултимедӣ метавонад ҳар рӯз дар шакли нав зуҳур кунад.

Бозии таълимӣ аз рӯи моҳияти худ падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, ба сифати усули таълим истифода шуда, вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- таълимӣ (ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, донишҳои назариявӣ ва маҳоратҳои амалӣ, васеъгардонии доираи назар, малакаҳои худомӯзӣ ва ғ. мусоидат мекунад);
- инкишофдиҳанда (фикррониӣ, фаъолнокӣ, хотира, қобилияти баёни фикрҳои худ, инчунин шавқи маърифатӣ инкишоф меёбад);
- тарбиявӣ (тарбияи коллективизм, муносибати хайрхоҳона ва боэҳтиромона ба шарикону ҳамроҳон дар рафти бозӣ);
- маромнокӣ (водор кардан ба истифодаи донишу маҳоратҳои ҳосилшуда, ташаббускорӣ, мустақилият).[10]

Бозии таълимӣ- интерактивӣ – усули муосири таълиму тарбиявиест, ки дар маҷмуъ функсияҳои таълимӣ, инкишофдиҳанда ва тарбиявиро дар бар мегирад.

Бозии таълимӣ- интерактивӣ натиҷаи муайян дошта, ҷамъбасти бозӣ буда, бозиро пурра мегардонад. Он дар шакли ҳалли вазифаи гузошташудаи таълимӣ пешниҳод шуда, ба хонандагон қаноатмандии ахлоқӣ ва зеҳнӣ медиҳад. Барои муаллим натиҷаи бозӣ нишондиҳандаи сатҳи муваффақиятҳои талаба, донишомӯзии ӯ ва истифодаи ин донишҳо аст.

Таркибҳои сохтории бозии таълимӣ :

- вазифаи таълимӣ ;
- амалҳои бозӣ;
- қоидаҳои бозӣ;
- натиҷа.

Вазифаи таълимӣ бо мақсади таълим ва таъсири тарбиявӣ муайян ва аз тарафи муаллим таҳия гашта, фаъолияти таълимии ӯро инъикос менамояд. Вазифаи бозиро кӯдакон иҷро мекунанд, яъне он дар бозии таълимӣ тавассути бозӣ иҷро гардида, амалҳои бозиро муайян ва ба вазифаи кӯдак табдил меёбад.

Ҳар қадар амалҳои бозӣ гуногун бошанд, ҳамон қадар бозӣ барои кӯдакон шавқовар гашта, вазифаи маърифатӣ ва худи бозӣ бомуваффақият ҳал карда мешаванд. Дар бозиҳои гуногун амалҳои бозӣ аз рӯи самт ва муносибат ба бозикунандагон гуногунанд. Онҳо аз мақсади бозӣ вобаста буда, аз он сарчашма мегиранд. Амалҳои бозӣ воситаҳои татбиқи мақсади бозиянд, вале амалҳоеро ҳам, ки ба иҷрои вазифаи таълимӣ равона шудаанд, дар бар мегиранд.[10, с.115]

Мазмун ва самти онҳо ба вазифаҳои умумии ташаккули шахсияти кӯдак, мазмуни маърифатӣ, вазифаҳо ва амалҳои бозӣ вобастаанд. Дар бозии таълимӣ қоидаҳо дода мешаванд. Бо ёрии қоидаҳо муаллим бозӣ, ҷараёнҳои фаъолияти маърифатӣ ва рафтори кӯдаконро идора мекунад. Қоидаҳо ба ҳалли вазифаи таълимӣ таъсир мерасонанд: амалҳои кӯдаконро номаълум маҳдуд карда, диққати онҳоро ба иҷрои вазифаи мушаххас ҷалб мекунанд.

Ҷамъбасти натиҷаҳо- дарҳол баъди анҷоми бозӣ ҷамъбаст карда мешавад. Ин ҳисоби баҳоҳо; муайян намудани кӯдаконе, ки вазифаи бозиро беҳтар иҷро карданд; муайян намудани дастаи ғолиб ва ғ. шуда метавонад. Илова ба ин, дастоварди ҳар як кӯдакро қайд карда, муваффақиятҳои кӯдакони боқимондаро таъкид намудан лозим аст. Ҳангоми гузарондани бозиҳо ҳамаи таркибҳои сохториро нигоҳ доштан лозим аст. Зеро маҳз бо ёрии онҳо вазифаҳои таълимӣ ҳал карда мешаванд.

Муносибатҳо дар байни кӯдакон ва муаллим на бо вазъияти таълимӣ, балки бо бозӣ муайян мегарданд. Кӯдакон ва муаллим иштирокчиёни як бозиянд. Агар ин шарт вайрон шавад, муаллим дар роҳи таълими бевосита қарор мегирад. Ҳамин тавр, бозии таълимӣ танҳо барои кӯдак бозӣ буда, барои шахси калонсол усули таълим аст.

Бозии таълимӣ-интерактивӣ маҳсулоти мултимедӣ буда, хосиятҳои таъминкунандаи алоқаи баръакс бо истифодабарандаро дорад, яъне ҳамкории контентро бо истифодабаранда таъмин мекунад. Интерактивӣ будан аз ҳисоби истифодаи таркибҳои гуногуни интерактивӣ таъмин мешавад: истинодҳо, тугмаҳои гузариш, триггерҳо, макросҳо, расмҳои пайдошаванда ва сабтҳои тавзеҳӣ, ҳамроҳии садоӣ ё видеоӣ ва ғ.

Бо пайдо шудани компютер ва тахтаи интерактивӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ мо қарор додем, ки бозиҳои дидактикиро «зинда гардонем»: онҳоро равшан ва таъсирбахш гардонем.

Ин бозиҳоро дар машғулиятҳо мувофиқи машғулияти «Ташаккули тасаввуроти оддии математикӣ» истифода бурда, мазмуни бозиҳоро вобаста ба маводи барнома тағйир додан мумкин аст.

Дар бозии таълимӣ кӯдак бояд мустақилона вазифаҳои гуногуни фикриро ҳал кунад: тавсифи ашёҳо, гурӯҳбандӣ аз рӯи хосиятҳо ва нишонаҳои гуногун, ёфтани ашёҳо ва амалҳо аз рӯи тавсиф, фикр кардани қиссаҳо. Кӯдакон бояд донишу таҷрибаи доштаашонро истифода бурда, ҷавоб ёбанд, сарфаҳм раванд, муқоиса кунанд, хулосаи дуруст бароранд. Илова бар ин, зиракӣ нишон дода, мустақилона вазифаҳоро ҳал кунанд ва бо кӯшишу ғайрат ба мақсади гузошташуда ноил шаванд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки бозии таълимӣ воситаи муҳими тарбияи фаъолнокии зеҳнии кӯдакон аст. Дар он кӯдакон бо камоли майл душвориҳои зиёдро бартараф карда, қобилияту маҳоратҳои худро инкишоф медиҳанд. Он ба ҷолибу шавқовар гардондани ҳамагуна мавод ёрӣ расонда, муҳити хушнудиро фароҳам меорад ва ҷараёни донишомӯзиро осон мегардонад.[10]

Дар компютер бозӣ карда, кӯдак банақшагирӣ ва танзими мантиқи таркиби ҳодисаҳои мушаххас, тасаввуротро ёд мегирад, дар ӯ қобилияти пешгӯии натиҷаи амалҳо инкишоф меёбад. Ӯ мулоҳизакорона амал карданро меомӯзад. Холисона ин ҳама оғози азхудкунии асосҳои фикррониро мефаҳмонад, ки шарти муҳими ба мактабхонӣ омода кардани кӯдакон аст.

Истифодаи бозиҳои компютерӣ «чобукии когнитивӣ» – қобилияти миқдори зиёди роҳҳои комилан гуногуни ҳалли вазифаҳоро ёфтани кӯдакро инкишоф медиҳад.

Бозиҳои компютерии математикӣ ба устувор ва аниқгардонии мазмуни мушаххаси математикӣ ёрӣ расонда, ба такмили фикррониии аёнию амалӣ, ба нақшаи аёну образнок табдил додани он мусоидат карда, шаклҳои муқарраририи фикррониии мантиқиро ташаккул медиҳанд, таҳлилу муқоиса ва ҷамъбасти предметҳоро ёд медиҳанд, маҳорати ба вазифаи таълимӣ диққат додан, азёдкунии шартҳо ва дуруст иҷро кардани онҳоро талаб мекунанд. Бозиҳои компютерии математикӣ ба кӯдакон суръати бозиро бо зӯрӣ бор намекунад, балки дар ин бозиҳо ҷавобҳои кӯдакон ҳангоми ташкили вазифаҳои нав ба назар гирифта шуда, муносибати инфиродӣ ба таълим таъмин мегардад.

Бозӣ воситаи муҳими кори тарбиявӣ аст, зеро дар тарбияи зеҳнии кӯдакон он нақши ягона дорад. Дар бозӣ идрок, хотира, фикррони ва ҳалли ҷараёнҳои бунёдии психика, ки бе инкишофи кофии онҳо дар бораи тарбияи шахсияти муносиб сухан гуфтан номумкин аст, ташаккул меёбад.

Бозӣ шакли бозии таълим буда, ба ҳам пайвастани таркибҳои маърифатию шавқангез ва азхудкунии донишҳои устуворро имконпазир мегардонад. Бояд гуфт, ки донишҳои устувор ва маҳорату малакаҳоро кӯдакони аз ҷиҳати психикӣ ақибмонда дар ҷараёни фаъолияти маърифатии фаъол, ки заминаи муҳими он шавқ аст, аз худ мекунанд. Шавқи устувори маърифатӣ, тавре маълум аст, бо мувофиқати таълими эмотсионалӣ ва ратсионалӣ ташаккул меёбад. Маҳз барои ҳамин истифодаи технологияҳои бозӣ ҷараёни таълимро шавқовар гардонда, барои бартараф намудани душвориҳо ҳангоми азхудкунии мавод мусоидат мекунад.[3, с.45]

Дар ҷараёни кор бо кӯдакон бозиҳои компютерии таълимиро бештар истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Зеро онҳо ба ҳалли масъалаҳои логопедӣ ва психологӣ, инкишофи хотира ва диққат, тарбияи овоз, инкишофи талаффуз, моторикаи ихтиёрии ангуштони дастон, тамрини нутқи бурро, таълими хониш, ҳисоб, инкишофи доираи назар ва дигар ҷанбаҳои инкишоф, инчунин ба маҳорати кор бо компютер мусоидат мекунанд.

Бисёр бозиҳои муосири компютерии инкишофдиҳанда барои кӯдакон аниматсияи рангоранг ва интерфейси мувофиқ дошта, танзимоти иловагиро талаб намекунанд.

Истифодаи ТИК дар ҷараёни кор бо кӯдакони аз ҷиҳати психикӣ ақибмонда имкониятҳои зеринро фароҳам меорад:

• пешниҳоди аёни падидаҳое, ки онҳоро бо усулҳои дигар нишон додан номумкин аст;
• ташкили маромнокии мусбат аз ҳисоби истифодаи воситаҳои диққатҷалбкунанда;
• фаъолгардонии фаъолияти маърифатии тарбиягирандагон;
• истифодаи мутобиқи вақт барои машғулиятҳо;
• дидани аксуламали тарбиягирандагон ва саривақт аксуламал нишон додан ба вазъияти тағирёбанда.

Яке аз шаклҳои муваффақи таҳия ва пешниҳоди маводи чорабиниҳои тарбиявӣ, ба фикри мо, ташкили презентатсияҳои мултимедӣ аст.

Истифодаи презентатсияҳои электронӣ дар машғулиятҳо имрӯз хеле муҳим ба шумор меравад. Зеро маҳз дар ин ҷо хусусияти гурӯҳи мушаххаси тарбиягирандагон, доираи мушаххаси кӯдаконро бо сатҳи инкишофи психикӣ, ҷисмонӣ ва эмотсионалии онҳо ба назар гирифтан мумкин аст.

Методикаи Железновҳо яке аз методикаҳои компютерии шавқовар буда, машғулиятҳои зеринро дар бар мегирад:

-инкишофи ҷисмонӣ,
-инкишофи нутқ,
-инкишофи сенсомоторӣ,
-инкишофи шунавоии мусиқии кӯдак.

Асоси методикаи Железновҳоро мусиқӣ ташкил медиҳад: сурудҳои сурурбахш бо оҳангҳои номураккаб ва калимаҳои осон азёдшаванда. Мусиқӣ ва суруд бо намудҳои гуногуни фаъолият, ки барои инкишофи кӯдакон заруранд, ҷараён мегиранд: бозиҳои серҳаракат ва ҷолибу нақшдор, тақлиди овоз, навохтани асбобҳои зарбии кӯдакона, гимнастика, масҳ дар зери навои мусиқӣ ва суруд[12].

Ба бозиҳои компютерии таълимии "**Мерсибо диққати махсус дода мешавад, ки афзалиятҳои зерин доранд:**

• азхудкунии таҳлили садоҳо ва ҳарфҳо
• беҳтаргардонии малакаҳои грамматикӣ
• пуррагардонии захираи луғавӣ
•инкишофи нутқи бурро
• коркарди фавраи ҳаво ва мавзунии нутқ
• фаъолгардонии фикррони, диққат, хотира
• шиносшавӣ бо рақамҳо ва ҳисоб
• тамрини малакаҳои ҷамъ, тарҳ ва муқоиса
• тамрини малакаҳои ҳисоби ҳиҷоӣ
• азёдкунии калимаҳои навишта
• сохтани ҷумлаҳо аз калимаҳо
• фаҳмидани маънои матни хонда
• шиносшавӣ бо имло[13]

Инчунин имконияти таҳияи осони воситаҳои таълимӣ мавҷуд аст.

Дар машғулиятҳо бо истифодаи техникаи компютерӣ ба технологияҳои ҳифзи саломатӣ диққати махсус дода мешавад:

• риояи талаботҳои техникӣ, санитарию гигиенӣ ва ҳифзи меҳнат дар машғулиятҳо. Гузаронидани дақиқаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва машқҳо барои чашмон дар дарсҳо ҳатмист, дақиқаҳои тарбияи ҷисмониро барои тарбиягирандагон бо ёрии презентатсияҳо гузарондан мумкин аст.

• Инчунин, барномаҳои компютерӣ-тренажёрҳо барои чашмон ҳастанд, ки истироҳат додани чашмони кӯдакро имконпазир мегардонанд.

Хулоса, истифодаи технологияҳои компютерӣ ба муаллим барои баланд бардоштани маромнокии таълими кӯдакон мусоидат карда, ба якчанд оқибатҳои мусбат оварда мерасонад:

• пуррагардонии донишҳои кӯдакон бо мафҳумҳои образнок ва тобишҳои эмотсионалӣ;
• осонгардонии ҷараёни маводазхудкунии кӯдакони синни томактабӣ;
• бедор кардани шавқи фаъол ба дарки ашё;
• васеъгардонии умумии доираи назари кӯдакон;
• баланд бардоштани сатҳи истифодаи воситаҳои аёнӣ дар машғулиятҳо;
• баланд бардоштани самаранокии меҳнати муаллим.

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи компютерикунонии мактаби таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои солҳои 2011-2015 [Матн] / - Душанбе, 2010. - 42с.
2. Выготский Л. С. Проблемы дефектологии. М.: Просвещение, 1995. - 525 с.
3. Дадобоева М.С. Истифодаи методҳо дар таълими кӯдакони ношунаво: бозӣ, фаъолияти ашёгӣ ва воситаҳои сурдотехникӣ. Маводи таълимӣ-методӣ. Душанбе:ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020 – 78 с
4. Дадобоева М.С. Логопсихология. Маводи таълимӣ-методӣ. Душанбе:ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2017–138 с
5. Дадобоева М.С. Маҷидова Б., Обидова М. Асосҳои логопедия. Маводи таълимӣ-методӣ. Душанбе:ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020 – 186 с
6. Дадобоева М.С. Психологияи бачагони ақланақибмонда (олигофренопсихология). Китоби дарсӣ. Душанбе:Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022 - 290 с
7. Каримова И.Х. Инклюзивное образование: проблемы и перспективы. Международная конференция «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения»: материалы международной конференции -Душанбе, 2012.- Душанбе: Ирфон, 2012.- С. 3-7.
8. Кукушкина О.И., Королевская Т.К., Зеленская Ю.Б. Информационные технологии в обучении произношению./И.О.Кукушкина, Т.К.Королевская, Ю.Б.Зеленская - М: Полиграф сервис, 2004 - 159 с.
9. Маҷидова Б. Юнусова Н. Қурбонова Г. Асосҳои таҳсилоти фарогир. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2013 – 250с
10. Маҷидова Б.Фаъолиятҳои кӯдакон. Китоби дарсӣ. Душанбе: Матбаии ДДОТ, 2015. – 180 с
11. Нарзуллоева М. Баъзе хусусиятҳои инкишофи психологии бачагони синни томактабӣ. Кулоб, 1995–с.120
12. https://www.ya-roditel.ru/professionals/pedagogika/muzykalnaya-metodika-zheleznovykh/
13. https://razvitie-krohi.ru/razvitie-rebenka-do-goda/razvitie-rechi-detey-s-pomoshhyu-igr-mersibo.html


## МАВҚЕИ БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ-КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ АҚЛОНИИ КӮДАКОНИ БОЗДОРИИ РУШДИ ЗЕҲНИДОШТА

*Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба бозиҳои таълимӣ-компютерӣ маълумот медиҳад, ки компютерӣ як намуди нисбатан нави бозиҳои эҷодӣ мебошанд, ки истифодаи асбобҳои барномаҳои бозиҳои компютериро дар бар мегиранд.*

*Рушди телевизион ва баъд пайдо шудани бозиҳои электронӣ ва барномаҳои компютерии фароғатӣ шаклҳои классикии бозии кӯдаконро тадриҷан тағйир дод. Олимон ва донишмандон тавсия медиҳанд, ки робитаи кӯдакони синни томактабӣ бо компютер бо бозиҳои он бо назардошти синну сол ва тамоюли таълимӣ, бодиққат интихоб карда шаванд.*

*Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки истифодаи беандешонаи бозиҳои компютерӣ ва бозиҳо он метавонад боиси он гардад, ки одамоне ба воя мерасанд, ки на фикр кардан, балки таассуротро ҷудо карданро афзал медонанд. Аксарияти кӯдакони синни томактабӣ, ки дар хона компютер доранд, онро ҳамчун абзори, барои бозӣ қабул мекунанд. Аз ин рӯ, тавсияҳои мутахассисонро, ки барои сохтани асбоби таълимӣ кӯмак мекунанд, ба назар гирифтан муҳим аст, на бозичае, ки кӯдакро ғулом мекунад.*

*Кӯдакон, вақте ки ба дасташон чизи нав меафтад, дар бораи он чизе, ки дар дохили онҳост, фикр накунед, балки танҳо тамоми тугмаҳои мавҷударо пахш кунед. Ҳангоми бозӣ дар компютер ҳамин чиз дуруст аст. Тасвири дурахшон дар монитор рефлекси визуалиро, скринсейверҳои мусиқӣ рефлекси шунавоиро ба хашм меорад. Барои баъзеҳо, ин метавонад ҷойгузини эҳсосоти ҳаёт бошад.*

*Бозиҳои компютерӣ тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки раванди азхудкунии онҳо кӯдакро ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ водор месозад, ки аз он тамоман бехабар бошад: кӯшиш кунад, маълумот гирад, равшан кунад, хулоса барорад, амалҳои худро мувофиқи вазъи кунунӣ ислоҳ кунад. Роҳи беҳтарини расидан ба ин он аст, ки калонсолон аз мушкилоти кӯдаки бозигар огоҳ бошанд ва онҳоро якҷоя бо ӯ ҳал кунанд. Муҳокимаи муштарак ва ҳалли ин масъалаҳо метавонад аввалин зуҳуроти фаъолияти илмии кӯдак бошад.*

## ПОЛОЖЕНИЕ УЧЕБНО-КОМПЬЮТЕРНЫХ ИГР В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ НАВЫКОВ ДЕТЕЙ С ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫМ РАЗВИТИЕМ

*В данной статье автор рассматривается компьютерно-образовательных играх, которые представляют собой относительно новую форму творческих игр, предусматривающую использование компьютерных игровых программ.*

*Развитие телевидения, а затем открытие электронных игр и развлекательных компьютерных программ постепенно изменили классические формы детских игр.*

*Ученые и ученые рекомендуют тщательно выбирать отношение детей школьного возраста к компьютеру и его играм с учетом их возраста и склонности к обучению.*

*Исследователи заявляют, что бездумное использование компьютерных игр и их игр может сбивать с толку людей, которые предпочитают не думать, а изолировать последствия. Большинство детей школьного возраста, у которых дома есть компьютер, воспринимают его как инструмент для игры. Поэтому важно учитывать советы специалистов, которые помогают делать развивающие игрушки, а не игрушки, порабощающие ребенка.*

*Дети, когда в руки попадает что-то новое, не задумываются о том, что у них внутри, а просто раскладывают все имеющиеся пуговицы. То же самое и при игре на компьютере. Яркое изображение на мониторе возбуждает зрительный рефлекс, музыкальная заставка — слуховой рефлекс. Для некоторых это может заменить эмоции жизни.*

*Компьютерные игры устроены таким образом, что процесс самоуглубления вынуждает ребенка заниматься научно-исследовательской деятельностью, о которой он совершенно не подозревает: пробовать, добывать информацию, уточнять, обобщать, корректировать свои действия, согласно текущей ситуации. Лучший способ добиться этого — чтобы взрослые знали о проблемах ребенка-актера и решали их вместе с ним. Совместное пробивание и решение этих задач может стать первым проявлением научной деятельности ребенка.*

***Ключевые слова**: игра, ребенок, учебная задача, обучающая игра, действие игры, процесс работы, развивающая игра, Инклюзивное образование, коррекционная работа, международная конференция, учебно-интерактивная игра.*

## THE POSITION OF EDUCATIONAL-COMPUTER GAMES IN THE PROCESS OF DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL SKILLS OF CHILDREN WITH INTELLECTUAL DEVELOPMENT

*In this article, the author considers computer educational games, which are a relatively new form of creative games that involve the use of computer game programs.*

*The development of television, and then the discovery of electronic games and entertainment computer programs, gradually changed the classic forms of children's games.*

*Scientists and scholars recommend carefully choosing the attitude of school-age children to the computer and its games, taking into account their age and propensity to learn.*

*The researchers say mindless use of computer games and their games can be confusing for people who prefer not to think but to isolate the consequences. Most school-age children who have a computer at home perceive it as a tool for playing. Therefore, it is important to take into account the advice of specialists who help to make educational toys, and not toys that enslave the child.*

*Children, when something new falls into their hands, do not think about what they have inside, but simply lay out all the available buttons. The same is true when playing on a computer. A bright image on the monitor excites the visual reflex, a musical screen saver - the auditory reflex. For some, this can replace the emotions of life.*

*Computer games are designed in such a way that the process of self-deepening forces the child to engage in research activities that he is completely unaware of: try, extract information, clarify, generalize, correct his actions, according to the current situation. The best way to achieve this is for adults to be aware of the problems of the child actor and solve them with him. The joint breaking through and solution of these problems can be the first manifestation of the scientific activity of the child.*

***Key words:** game, child, learning task, learning game, game action, work process, developmental game, Inclusive education, correctional work, international conference, interactive learning game.*

***Свдения об авторе:***

***Баротов Джаамахан Шарофиддинович**-соискател второго курса Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана*

***About the author**:*

***Barotov Jaamakhan Sharofiddinovich**-second-year applicant of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan*

## ИСТИФОДАИ МЕТОДУ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ МАТЕМАТИКА

**Ҷонмирзоев Э.Ҷ.**
*Донишкадаи ҷумҳурии такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон дар ВМКБ*

Ҳар як омӯзгор барои гузаронидани дарси худ кӯшиш менамояд то чӣ андоза онро шавқовар, самарабахш, фоиданок ва пурмазмун гардонад. Бинобар ин ҳар як омӯзгор аз маҳорати педагогии худ истифода бурда, дарсро ғанӣ мегардонад. Барои пешбурди кори худ омӯзгор мақсад мегузарад ва барои ба он расиданаш кӯшиш ба харҷ медиҳад, то аз имкониятҳои ҷойдошта васеъ истифода барад.

Омӯзгор пеш аз ин методҳои имконпазири педагогӣ, роҳҳо ва муносибату рафторҳои гуногуни педагогиро ҳаматарафа таҳлил менамояд. Методу усулҳои шакли навгирифта, ки имрӯз истифодаи онҳо ба талаботи замон мувофиқ аст ва амалигардонии онҳо барои рушд додани салоҳияти хонандагон муҳим ба ҳисоб меравянд, хело зиёд ва бешумор ҳастанд. Лекин онҳоро таҳлил намуда, аз байнашон методу усулҳои нисбатан самарабахшро интихоб намудем ва барои омӯзиши давомноки шумо пешниҳод менамоем, ки яке аз онҳо намудҳои технологияи омӯзишӣ мебошанд.

Мафҳуми «Технологияи иноватсионии таълим» аз методикаи хориҷӣ гирифта шудааст, ки дар он раванди омӯзишро бо тарзи гуногун истифода мебаранд. Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои самараноки муносибатҳои ба хонандагон равонагардида, яъне дар шакли ҳамфаъол, бо тарзи ташкили муҳити дидактикии мусоид равона шудааст.

Намудҳои технологияи педагогӣ гуногунанд ва онҳоро аз рӯи муҳимияташон ба 3 гурӯҳ ҷудо менамоянд: (1.288)

I. *Технологияи омӯзиши фаҳмондадиҳӣ-намоишдиҳӣ*, ки моҳияти он иборат аз ахборотдиҳӣ, маърифатноккунии хонадагон ва ташкили фаъолияти тазаккурӣ (репродуктивӣ) бо мақсади кор карда баромадани маҳорати умумиилмӣ ва маҳоратҳои махсус нигаронида шудааст.




II. *Технологияи омӯзиши ба рушди салоҳиятҳои академӣ, техникӣ ва шахсият равонагашта*, ки он аз равона кардани омӯзиш ба ташаккули салоҳият ва шахсияти хонандагон иборат аст.

III. *Технологияи омӯзиши ташаккулёфта*, ба мақсади ташаккули механизмҳои дохилии шахсияти хонанда равона мегрдад.

Ҳар кадом аз ин гурӯҳҳо боз якчанд технологияҳоро дарбар мегирад. Масалан, технологияи омӯзиши ба шахсият равона гашта аз:

- технологияи омузиши (тафриқавӣ) гуногунзина;
- ҳамкорӣ ва омӯзиши коллективона;
- технологияи пурра азхудкунии донишҳо;
- технологияи омӯзиши модулӣ ва ғайра иборат аст.

Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои фардии хонандагон ба инобат гирифта шуда, ба такмил додани салоҳиятҳои ҳамкории хонанда ва муаллим мусоидат намояд.

Методикаи таълими интерактивӣ чунин методе аст, ки дар он ҳангоми таълим байни хонандагон ва инчунин байни хонандагон ва муаллим дараҷаи баланди ҳамкорӣ дар шакли мубоҳиса дар хусуси ин ё он проблема, ки чӣ гуна ҳал мешавад, ё роҳи ҳалли пешниҳодшуда то чӣ андоза мақбул аст, ба амал меояд.

Ҳадафи методи интерактивӣ на танҳо ба таври оддӣ додани иттилоот, балки дар хонандагон ҳосил кардани малакаҳои дарёфти мустақилонаи ҷавобҳо мебошад. Ин метод доираи васеи вазифаҳо ва навъҳои ҳамкориро фаро мегирад. Аммо методи интерактивӣ, чӣ гуна ки набошад, таҷрибаи ҳаётии худи хонандагон манбаи асосии омӯзиш ҳисоб мешавад.

Омӯзгороне, ки ин методро истифода мебаранд, мутақиданд, ки маҳз дар раванди ҳамкорӣ омӯзиши нисбатан муваффақатона ба амал омада метавонад. Ба андешаи онҳо хонандагон бо ин роҳ беҳтар таҳсил мекунанд ва он чиро, ки ҳангоми мубоҳиса донистаанд, беҳтар дар хотир нигоҳ медоранд, ки сабабаш инҳоянд:

- Хонандагон на танҳо маълумот мегиранд, балки онҳо вазифадоранд, шарҳи мантиқӣ диҳанд, ки чаро роҳи интихобкардаи онҳо барои худашон дуруст аст ва ё варианти беҳтарини ҳал мебошад.

- Хонандагон ғояҳоро нисбатан амиқтар кор мекунанд, зеро онҳо медонанд, ки бе асоси мантиқӣ боиси баҳсҳои доманадор мегарданд. Хонандагон ҳангоми ҳалли проблемаҳо таҷрибаҳои ҳаётии худ ва дигаронро истифода мебаранд. Чунин муносибат ба бойгардонии хазинаи умумии дониши хонандагон мувофиқат мекунад.

Ҳамкорӣ ҳангоми кори ҷуфт-ҷуфт ё дар гурӯҳои корӣ ё дар гурӯҳои хурд

чунин бартариҳо дорад;

*1.* Хонандагоне, ки фикрашонро баён намекарданд ва ё фақат ба муаллим мегуфтанд, акнун фикрашонро дар назди гурӯҳҳои начандон калони ҳамсолонашон иброз медоранд.

*2.* Хонандагон мефаҳманд, ки ҳамсабақони дигар низ фикрҳои худро доранд, ки назар ба фикрҳои онҳо беҳтаранд.

Омӯзгороне, ки ин усулро истифода мебаранд, мутақиданд, ки агар дар синф фақат муаллим сухан ронанд ва ягон муҳокимаронӣ ташкил нашавад, хонандагон маводро хуб аз худ карда наметавонанд, захираи мавҷудаи хонандагон беистифода мемонад. Чунончи аз шунидани ҳикояи аспсаворӣ, малакаи аспсавориро аз худ кардан ғайриимкон аст.

- Оё методи интерактивӣ ва методи анъанавӣ муқобили якдигаранд?

Чунин фикр, ки дар байни методҳои зиёди интерактивӣ ва кам интерактивӣ методҳои мобайнӣ ҳастанд. Ин чунин маъно дорад: садҳо методҳое мавҷуданд, ки аз якдигар бо имкониятҳои ҳамкории муҳасилин фарқ мекунанд. Фаромӯш накунед, ки агар Шумо ҳатто бо китоби кӯҳнаи дарсӣ кор карда, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷуфт-ҷуфт ягон масъаларо муҳокима намоянд, пеш аз он дафтар кӯчонанд, аллакай методи интерактивиро истифода кардаед. Агар шумо кори худро аз ҳамин нуқтаи назар тахлил кунед, мебинед, ки пештар ҳам методи интерактивиро каму беш истифода кардаед. Яъне он барои шумо чизи нав нест. Дар ин чо чизи нав боиси истифода аст.

Аз кам интерактивӣ ~~ба зиёд интерактив~~ӣ.

Баъзе муаллимон мепурсанд; оё лозим аст, ки истифодаи методи анъанавӣ қатъ карда шавад? Албатта не! Зеро мақсади мо ин аст, ки хонандагонро бо усулҳои гуногуни таълим дониш диҳем. Муаллими касбӣ бояд тавонад, ки ҳатто дар ҷараёни як дарс дар марҳилаҳои гуногуни он аз рӯи зарурат аз методҳои интерактивӣ ба ғайриинтерактивӣ гузарад. Бале, чунин методро дар ҳар фан истифода бурдан мумкин аст. Барои равшанӣ андохтан чунин мисол меорем. Шумо дар тайёра парвоз доред ва аз ҳалабон мепурсед, ки бо ӯ дар ин тайёра парвоз карданро чӣ тавр омӯзониданд. Вай ба шумо, посух медиҳад, ҳама дар раванди амалиёт ба вуқӯъ меояд. Зимнан инструкторҳо маротиба ҷавоби дурусту тайёр додаанд. Фактҳо ва тартиби амали ҳалабонро дар вазъиятҳои гуногун шарҳ надодаанд. Шумо шояд афсус хӯред, ки бо ин тайёра парвоз кардед. Чаро? Чунки он вақти зиёди таълимро дар асоси

донишҳои амиқи назариявӣ ва амалиро тақозо дорад. Ба ҳамин тариқ, муаллимро лозим аст, ки чун васила, барои иҷрои вазифаҳои гуногун аз методҳои гуногун истифода барад. Методҳои нисбатан интерактивӣ кай беҳтар ба кор меравaнд? Ҳангоми Интихоби васила ҳои дуруст.

Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки методҳои интерактивиро барои он истифода мебаранд, ки онҳо шавқоваранд. Ин он қадар дуруст нест. Ҳадафи ҳар гуна машғулият назар ба бедор кардани шавқмандӣи калонтар аст. Сабаби интихоби методи нисбатан интерактивӣ бояд аз он иборат бошад, ки вай назар ба ҳама гуна усули дигари таълим нисбатан самараноктар мебошад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки метод интихоб гардад, шумо бояд ба худ аниқ тасаввур кунед, ки чиро таълим медиҳед, яъне ҳадафи таълимии шумо чист? Агар шумо хоҳед муваффақ шавед, ки хонандагон системаи муайяни маводи мушаххасро аз бар намоянд, он вақт шояд истифодаи методи каминтерактивӣ самараноктар бошад. Агар шумо хоҳед, хонандагон малакаю маҳорат ҳосил намоянд, он вақт лозим аст, ки методи бештар интерактивиро истифода намоед. Ин ҷо мувофиқати аҷибе мушоҳида мешавад, дар бисёр ҳолат методи нисбатан пурсамар барои хонанда шавқовартар мегардад.

Баъзе маҳоратҳо, чун маҳорати ҳалли супоришҳои математикӣ, бо методи интерактивӣ барои хонанда беҳтар ҳосил мегарданд (зеро ин чо раванд назар ба чавоби гирифташуда аҳамияти бештар дорад), беҳтар аст, ки ӯ худ дар танҳои машқ кунад.

Амалан истифодаи методҳо назар ба он, ки аз ин шарҳ тасвир мешавад, кори хеле мураккабтар аст, зеро дар методҳои гуногун шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ истифода мешаванд. Шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ бошанд, барои тарафҳои гуногуни ҷараёни таълиму тарбия манфиатбахшанд. Масалан, барои амали забономӯзӣ ба шумо лозим аст, бештар аз методҳое истифода баред, ки барои истифодаи ҳарчи бештари ҳамкориҳо ва кам кардани комплексҳои боздоррандаи хонандагон имконият медиҳанд. Дар ин ҳолат истифодаи корҳои ҷуфт-ҷуфт айни муддаост, зеро дар як вақт синфи иборат аз 30 нафар 15 ҳамкориро ба амал меорад. Фарз кардем, агар ҳамкории байни муаллим ва хонандаро интихоб кунед, пас дар ҳар лаҳзаи ҷудогона танҳо як ҳамкорӣ ба вуқӯъ меояд. Баръакс, инкишоф додани консепсияи мураккаб дар гуруҳҳои иборат аз чор нафар беҳтар аст, то ки мулоҳизаҳои носаҳеҳу нодуруст дар ин ҳолатҳо ҳамеша зери шубҳа қарор мегиранд, вале баъзан ин кор аз ҷониби як хонанда бе ҳеҷ гуна ҳамкорӣ беҳтар ба ҷо оварда мешавад. Шумо методҳои гуногунро истифода карда дар рафти ҳамкорӣ ба амал омадани ин ё он ҳолатро фаҳмида, интихоби ҳар чӣ зудтар шаклҳои ҳамкорӣ ва ба ин тариқ он методҳоеро ёд мегиранд, ки барои муваффақшавӣ ба ҳадафҳо дар ҳамин марҳилаи дарс заруранд.

Тартиби умумии кор.

А). Тайёрӣ.

Тайёрӣ аз қадамҳои зерин иборат аст:

1. Интихоби супоришҳо, ки тавассути онҳо хонандагон кадом мавзӯҳоро мустаҳкам дар хотир нигоҳ медоранд.

2. Муайян кардани он, ки оё сохти супориш, ки ба имкониятҳои синфи шумо мувофиқанд?

Б). Нишондодҳо ба хонандагон.

1. Ба хонандагон ҳадафи корро шарҳ диҳед (онҳо барои иҷрои кадом кор кӯшиш мекунанд ва онро чӣ тавр ба ҷо меоранд). Тартиби кор ва вақти барои иҷрои супориш ҷудошударо нишон диҳед. Дар ин маврид чунин усулҳои хубро чун хоҳишҳои марҳилавӣ аз хонандаи тахминан интихобкарда (бахусус аз байни онҳое, ки дар дарс бедиққатанд) доир ба такрор кардани дастур барои аҳли синф истифода кардан мумкин аст.

2. Муайян кардани ҳайати гурӯҳ, ё ки дар гурӯҳҳои дунафара, сенафара, чорнафара ва ғайра кор мекунанд.

3. Хонандагон ба кор шурӯъ мекунанд. Шумо метавонед каме интизор шавед.

4. Назорат ба кори гурӯҳҳо. Аагар шумо бинед, ки хонандагон ягон чизро нафаҳмидаанд, шояд лозим ояд, ки диққати аҳли синф ё гурӯҳро ба он ҷалб намоед. Агар ҳамаи гурӯҳҳо

муваффақона кор кунанд шумо метавонед ҳамчун иштирокчӣ (на муаллим) ба яке аз онҳо ҳамроҳ шавед.

5. Анҷоми муҳокима дар гурӯҳҳои хурд.

Чун вақти ҷудогардида тамом шуд ё хонандагон супоришро пеш аз мӯҳлат иҷро карданд ва шумо ҳис кардед, ки муҳокимаи минбаъда дигар манфиате надорад, таваҷҷӯҳи аҳли синфро ба худ ҷалб созед.

Марҳилаи хулосаҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳо.

Муаллим ба гурӯҳҳо пешниҳод менамояд, ки хулосаҳои худро баён карда, он ҷузъҳои умумиеро муайян намоянд, ки бо онҳо ҳама розианд. Аммо нақши асосии муаллим аз он иборат аст, ки мунтазам аз хонандагон бипурсад: чаро онҳо маҳз ҳамин тавр фикр мекунанд. Аксаран ин корро ба фикрҳои мухталифи дар синф баён гашта такя карда, ба ҷо овардан беҳтар аст. Ба назар гиред, ки ба синфи шумо аз рӯи ҳамаи масъалаҳо ба як фикри умумӣ омадан на ҳамеша муяссар мегардад. Муаллим бояд фаҳмад, ки на ҳамаи супоришҳо хулосаи якхеларо тақозо мекунанд.

Баъд муаллим вобаста ба тавсифи супоришҳо метавонад аз хонандагон хоҳиш намояд, ки хулосаҳои худро бо якдигар муқоиса намоянд.

Мехоҳем оид ба истифодаи таълими тафриқавӣ истода гузарем ва онро дар шакли зерин пешниҳод менамоем.



*Қоидаҳои асосии омӯзиши тафриқавӣ аз инҳо иборатанд:*

1. Хонандагон бояд нафаҳманд, ки онҳоро ҳамчун хонандагони сустхон ба гурӯҳ ҷудо намуданд.

2. Муаллим бояд пешакӣ, то гузаронидани дарс дараҷаи дониши хонандагонро бо усулҳои гуногун (тест, анкета, таҳлили журнали синфӣ, сӯҳбатҳои фардӣ, сӯҳбат бо волидайн ва роҳбари синф, санҷиши чандинкарата ва ғайра) муайян намояд.

3. Баҳо барои хонандагон дар журнали алоҳида ё дафтари қайди муаллим гузошта мешавад ва ҳангоми гузоштани баҳои умумии он ба инобат гирифта мешавад.

4. Муаллим бояд ҳама вақт ба саволи "Чаро талабаи сустхон баҳои аъло гирифт?" ҷавоб дода тавонад.

***Агар талабаи сустхон баҳои "аъло" гирад чӣ?***

5. Муаллим бояд ҳама вақт раванди баҳогирии хонандагонро дар назорати худ қарор диҳад ва ҳама вақт таҳлил намояд.(2. 5 - 8)

*Мақсадҳои асосии омӯзиши тафриқавӣ.*

***Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ*** *- ин мураттаб сохтани эҷодкорӣ, тафаккур, потенсиали касбӣ, сарфакорона истифода бурдани имкониятҳои фардӣ ва ташаккули онҳо мебошад.*

***Аз нуқтаи назари дидактикӣ*** *- ин ташкил кардани омӯзиши дидактикии хонандагон вобаста ба имконятҳои онҳо.*

***Аз нуқтаи назари психологӣ*** *- ин омӯзиши шахсият, фардикунонии омӯзиш вобаста ба ҷиҳатҳои психологии хонандагон, омӯзиш вобаста ба шароит, ташаккули шавқу ҳавас ва ғайра.*

Мақсади асосии омӯзиши тафриқавӣ - ин баланд бардоштани дараҷаи дониши хонандагон вобаста ба нерӯи шахсии онҳо ва таъмин намудани шароити иммконпазир барои ташаккул додани шахсияташон мебошад, ки мо онро чунин тасвир намудем:




Ташаккул донани чунин хусусиятҳо ба баланд бардоштани сифати таълим алоқаманд буда, зинаҳои зеринро риоя менамояд: [4. 176]

1. Ба як шакл даровардани алоқамандии хонандагон ва маводи хониш ва фаъолияти маърифатҷӯйии онҳо.

2. Ба як шакл даровардани дониши хонандагон, имконияти шахсию тарафҳои қобилиятнокии онҳо.

3. Мураттаб сохтани муошырати коммуникатсионии хонандагон (муошират, сӯҳбат, муайян карда тавонистани мақоми худ, қобилияти фикрбаёнкунӣ).

4. Ба як шакл даровардани алоқамандии мусбӣ барои ҳамкорӣ.

5. Мураттаб сохтани маданияти муошират.

6. Ба як шакл даровардани шароити мусоиди хониш.

7. Мураттаб сохтани доираи рафоқати байни хонандагону муаллим. Ба як мақом даровардани мустақилияти хонандагон.

8. Ба як шакл даровардани муҳити ҳамфдигарфаҳмӣ ва ҳурмати байниҳамдигарии хонанда бо хонанда ва муаллим бо хонанда.

**Аҳамияти омӯзиши тафриқавӣ дар чист?**

1. Омӯзиши тафриқавӣ (дифференсиалӣ) принсипҳои асосии омӯзиши шахсиятро тақозо мекунад.

2. Омӯзиши тафриқавӣ қувваи тавоноии омӯзиш барои ҳаматарафа таҳлил намудани шахсияти хонандагон равона карда мешавад.

3. Ин усули кор дар дохили синфҳои гуногун (гетерогенӣ) бо сохтани гурӯҳҳои якхела (гомогенӣ) асосонок карда мешавад.

Омӯзиши тафриқавӣ намуди гуногун дошта, ба такмил додани ду чизи асосӣ: тафаккур ва қобилият равона мегардад ва ин ду хусусияти асосиро бо рафтори шахсӣ устувор мегардонад.

Омӯзиши тафриқавӣ метавонад гуруҳи хонандагонро бо як ё якчанд хусусияти дахлдор алоқаманд гардонад ва дар якчояги метавонад қобилияти ҷисмонӣ, тавоноӣ, маҳорати шахсӣ, қобилияти фикрӣ ва ғайраро такмил диҳад.

Омӯзиши тафриқавӣ омӯзиши он маводро дар назар мегирад, ки вобаста ба дараҷаи мушкилиашон аз ҳам фарқ мекунанд.

Принсипи асосии гузариши маълумот аз муаллим ба хонанда аз хонанда ба хонанда ва аз хонанда ба муаллим риоя мегардад.

***Бартариҳо ва камбудиҳои омӯзиши тафриқавӣ***

| Бартариҳо | Норасоиҳо |
|---|---|
| Хусусиятҳои психологии хонандагонро ташаккул медиҳад:<br>А) шахсият;<br>Б) фардият;<br>В) шавқу ҳаваси хонандагонро медиҳад;<br>Г) тарсу ҳаросро бартараф менамояд;<br>Д) дилшикастагии хонандагонро пешгирӣ менамояд;<br>Е) ҷуръатнокии хонандагонро зиёд менамояд;<br>Ё) дар хонандагон ҳисси кӯшиш ва ғайраткуниро пайдо менамояд;<br>Ж) диққати хонандагонро мураттаб месозад;<br>З) хонандагонро ба қобилияти фикрронӣ водор менамояд;<br>И) масъулият ва ҷавобгариро дар хонанда пайдо менамояд. | А) кори омӯзгоронро душвортар месозад;<br>Б) ба руҳияи баъзе хонадагон таъсири манфӣ мерасонад;<br>В) дар баъзе хонандагон вобаста ба руҳияи онҳо ҳисси бадбинӣ ва дилшикастагӣ пайдо мегардад;<br>Г) дар хонандагон ҳисси мубориза ва ҳимояи шахсияти худ пайдо мешавад;<br>Д) дар баъзе хонандагон вобаста ба руҳияи онҳо мутобиқат пайдо мешавад. |

***Дараҷаи ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малакаҳо***

Тайёрии сифатии толибилмон пешбинӣ мекунад, ки дар баробари тафриқаи беруна, тафриқаи дохилӣ низ амалӣ гардад. Барои он ки толибилмон минбаъд дар мактаби олӣ бомуваффқият таҳсил карда тавонанд, зарур аст, дар онҳо дониш, маҳорат ва малакаи

умумитаълимӣ ташаккул дода шавад. Дар ин ҳолат пеш аз ҳама диққати асосӣ барои рушди маҳорату малакаи хонандагон доир ба нақша даровардани фаъолияти таълимӣ, қабули иттилоот, фаъолияти дарккунӣ, баҳодиҳӣ ва дарк намудани натиҷаи амали худ равона карда шавад.

Возеҳу равшан аст, ки дараҷаи ташаккулёбӣ дар хонандагон аз рӯйи дониш, маҳорат ва малакаи умумимактабӣ дар ягон ҳолат якхела шуда наметавонад. Дар қиёс бо тафриқаи беруна (тақсимот ба гурӯҳҳои A,B,C) 3 дараҷаи ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малака дар хонандагон ҷудо карда мешавад: (***репродуктивӣ)такрор, баҳодиҳӣ дар ҳамкорӣ, (креативӣ)эҷодӣ.***

*Дараҷаи репродуктивии* ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малакаи умумитаълимӣ ба он тавсиф карда мешавад, ки хонандагон муташакилона:

- маводи таълимиро танҳо дар дараҷаи бахотиргирии механикӣ аз худ карда метавонад;
- ҳангоми тартиб додани конспект на ҳама вақт метавонад ҷои асосиро ҷудо намояд;
- мустақилона маводи омӯхташавандаро дарк менамояд ва ба натиҷаи фаъолияти худ баҳо медиҳад;
- қобилияти ҳалли масъалаҳои оддиро дорад, ки дигаргун кардани формуларо талаб намекунад;
- ба дурустии ҳалли масъала баҳо дода наметавонад.

*Дараҷаи баҳодиҳӣ дар ҳамкорӣ* бо он тавсиф карда мешавад, ки хонанда фаъолона мақсади таълимро қабул мекунад ва метавонад бо роҳи пешниҳодшудаи комёбиҳои он мустақилона амал намояд;

- ✓ метавонад бо манбаҳои гуногуни иттилоот аз рӯйи нақшае кор кунад, ки бо ёрии муаллим тартиб дода шудааст;
- ✓ қобилият дорад дар ҳалли масъалаҳое, ки дигаргун намудани формуларо талаб менамояд;
- ✓ бо ёрии начандон зиёди муаллим қобил аст, ба дурустии ҳалли масъала баҳо диҳад.

*Дараҷаи эҷодӣ* бо он тавсиф карда мешавад, ки хонанда метавонад мустақилона мақсад гузорад ва роҳи самараноку муфиди дастрасии онро интихоб намояд;

- қобил аст фаъолона бо манбаҳои гуногуни иттилоотӣ кор кунад;
- метавонад ҷои асосиро дар маводи омӯхташаванда ҷудо намояд;
- қобилияти мустақилона аз худ гамудани маводи таълимӣ ва баёни далелнок, тафсири онро бо истифодаи ҷавобҳои худ дорад;
- мустақилона хулосабарорӣ менамояд;
- метавонад мустақилона масъалаҳоро талаб намояд, ки дигаргун намудани формулаҳоро талаб менамояд, иҷро намояд;
- қобилияти баҳо доданро ба дурустии ҳалли масъала ва дар як қатор ҳолатҳо роҳи дигари ҳалли онро бо интихоби роҳи нисбатан судманд дорад. (5. 76 – 78)

Барои ташхиси ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои асосии умумитаълимӣ омӯзгорон супоришҳои дараҷаи мураккаби гуногунро истифода мебаранд. Инҳо метавонанд пурсишномаи комёбиҳо (тест), супоришҳои санҷиши шифоҳӣ ва хаттиро, ки аз болои он кор бурда мешавад, истифода мебаранд. Ба хонандаҳо давра ба давра супоришҳо бо афзудани дараҷаи мураккабиашон, ки имконият медиҳанд гузаришро ба супоришҳои боз ҳам мураккаб амонӣ намоянд, баъди он ки давраи гузаштаро паси сар мекунанд, мегузаранд. Чунин шакли ташкили машғулиятҳои таълимӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, хатогиҳоро дар дониши хонандаҳо бартараф намуда, амалӣ гардидани омӯзиши инкишофёбандаро таъмин намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Кабанова – Меллер Е.Н. Формирование приёмов умственной деятельности и умственного развития учащихся. - М., Просвещение, 1968. - 288 с.
2. Клустер Д. Что такое критическое мышление. - М.: ЦГЛ, 2005. - с. 5 – 8.
3. Халперн Д. Психология критического мышления. – СПб., 2000. – 126с.
4. Бутенко А.В., Ходос Е.А. Критическое мышление: метод, теория, практика. Учеб. метод. пособие. М.: Мирос, 2002. – 176 с.
5. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии. Учебное пособие. М., 1998, 76 -78

## ИСТИФОДАИ МЕТОДУ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ МАТЕМАТИКА

*Мақола дар бораи фардикунонии ҷараёни таълим бо истифодаи усули фаъол мебошад. Инчунин дар хонандагон ташаккулдиҳии мустақилият, қобилияту маҳоратҳои худидоракунӣ, муошират кардан, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳиро баррасӣ менамояд. Илова бар ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки дониши назариявиро дар амал татбиқ намоянд. Дар ин усули тадрис омӯзгор метавонад алоқамандсозии ҷараёни таълим бо ҳаётро мувофиқ гардонад, то ки хонандагон аз мавзӯи омӯхташаванда маълумоти зарурӣ пайдо менамоянд. Ҳамин тариқ, тафриқаи бисёрсоҳаи гуногунзина имконият медиҳад, на танҳо тайёрии сифатии хонандаҳоро барои таълими минбаъда дар макотиби олӣ амалӣ намояд, балки ба воситаи фаъолияти гуногуни таълимӣ ба ҳар яки онҳо шароити мусоидро барои нигоҳ доштан ва инкишофи мустақилияти онҳо ёрӣ мерасонад. Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои самаранокии муносибатҳои ба хонандагон равонагардида, яъне дар шакли ҳамфаъол, бо тарзи ташкили муҳити дидактикии мусоид равона шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *усули фаъол, мустақилият, қобилияту маҳоратҳои худидоракунӣ, муошират кардан, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳӣ, такрор (репродуктивӣ), баҳодиҳӣ дар ҳамкорӣ, эҷодӣ (креативӣ), таълими тафриқавӣ, муносибати тафриқавӣ, Усули «Хониши босифат; ҳамгироӣ, тафриқакунонӣ, технологияи инноватсионӣ, муносибати проблемавӣ, салоҳият, тафаккури интиқодӣ.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АКТТИВНЫХ МЕТОДОВ И СПОСОБОВ В ПРОЦЕССЕ УРОКОВ МАТЕМАТИКИ

*Статья посвящена индивидуализации процесса обучения, при помощи активных методов. Активные методы позволяют повышение у учащихся самостоятельность, способность и умение самоуправлять, диалогизацию, анализ и оценивание. В этом методе обучения учитель имеет возможность связивать процесс обучения с жизнью, чтобы учащихся при изучение матерала получили необходимие знания. Таким образом, многообразные степенные дифренциации позволяют не только пависить качественное подготовке для дальнешей подготоаке в вищых учебных завиденях, но и помогаеть им способов самостоятельного развития. Использование инновационой технологии в процессе обучения повышает активные отношения, связанные с учащимся и способствуют необходимой дидактической организации данного процесса.*

***Ключевые слова:*** *активный способ, самостоятельность, способность и навыки самоуправления, диалогизация, анализ и оценка, повторение (репродуктивный), оценка при совместной деятельности, творчество (креативныӣ), дифференцированное обучение, способ “Качественное изучение”, дифференцироанность, инновационные технологии, проблемное отношение, критическое мышление.*

## USE OF ACTIVE TEACHING APPROACHES IN MATH LESSON

*This article is about the individualization of the educational process by using the active teaching method. Moreover, it develops students' independence, self-management, communication, analysis, and evaluation skills. In addition, it allows students to apply theoretical knowledge in practice. In this teaching method, the teacher can the teaching process to life, so that the students get the necessary information about the topic they studied. In this way, multi-disciplinary and multi-level differentiation allows not only to implement the qualitative preparation of students for further education in higher schools, but also helps each one of them to maintain and develop their independence through*

*various educational activities.The use of innovative technologies is aimed at effective student-oriented relations, in an interactive way of creating a favorable didactic environment.*

***Keywords:*** *active method, independence, abilities and self-management skills, communication, analysis and assessment, repetition (reproductive), assessment in collaboration, creativity (creative), differential education, differential approach, "quality reading" method, integration, differentiation, innovative technology, problem-solving approach, competence and critical thinking.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҷонмирзоев Эраҷ*** *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи фанҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи ҷумҳурии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ,. Тел.: (+992) 937936464; E mail: eraj1964@mail.ru*

***Сведение об автор:***

***Джонмирзоев Эрадж*** *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики естественно-математических наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников образования в ГБАО. Тел.: (+992) 937936464; E mail: eraj1964@mail.ru*

***About the author:***

***Jonmirzoev Eraj*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Natural and Mathematical Sciences of the Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Educational Workers in BMAR. Tel.: (+992) 937936464; Email: eraj1964@mail.ru*

## РОҲУ УСУЛҲОИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бегимов Ҳ.Х.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 Омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Навгониҳое, ки дар системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мешавад ба рушду ташаккулёбии шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Яке аз ин самтҳо ҳалли масъалаҳои роҳандозии кор оид ба муносибати босалоҳият дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Муносибати босалоҳият дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ – ин яке аз равияҳои муҳимми ҷустуҷӯи усулу методҳои нави ҳалли мисолу масъалаҳои гуногун мебошад, ки боиси инкишофи нуфузи коллективи омӯзгорон гардида, бо мақсади таъсири самараноки онҳо ба хонандагонро ифода менамояд.

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди ҷомеаи демократӣ ва ба ҳайси кишвари демократии озод бо иқтисодиёти бозоргонӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шомил шудани он тақозо менамояд, ки ба равандҳои пешрафти бесобиқаи илму технологияи нав, ки ҷаҳони имрӯзаро фаро гирифтааст, бештар аҳамияти рӯзафзун пайдо намояд.

Дар замони муосир шахсиятҳои озодандеш, эҷодкор, созанда, саҳмгузоре лозиманд, ки барои татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир, инкишофи он истифода бурда, арзёбӣ намоянд. Ин гуна шахсиятҳо ҳамон вақт тарбия меёбанд, ки агар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба эътибор гирифтани арзишҳои умумибашарӣ дар асоси урфу одат, расму оин, ахлоқу одоб, арзишҳои миллӣ, барои пешравии соҳаҳои муосири илму технология азму талош намуда, кӯшиш намоянд, ки мақоми дониши ин шахсият- ҳоро боз ҳам мустаҳкамтар гардонанд. Аз ин лиҳоз, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон водор менамояд, ки дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ

ва сиёсию фарҳангӣ вобаста ба ҷаҳони инкишоф- ёфтаи имрӯза баробари дигаргунсозиҳои куллӣ дар мазмуни таҳсилот барои истифодаи шаклу методҳои нави таълим аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад.

Дар замони имрӯза инкишофи илму техника ва истеҳсолот ба ҷомеа навоварон, ихтироъкорон – инсони тафаккури эҷодидошта ва созандаю бунёдкор лозим аст. Барои тарбияи чунин инсон анъанаи имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳоро тағйир дода, мақсади таҳсилот, аз ҷумла таълими математикаро ба ташаккулёбии шахсияти хонандагони хурдсол, тафаккур ва қобилияти эҷодии онҳо равона кардан зарур аст.

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятники рушди давлат эътироф мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ сатҳу сифати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, мазмуну мундариҷаи ҷараёни таълимро ботадриҷ метавонад баланд бардорад. Дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нуқта дар суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиёни давлат мушаххас баён гардидааст: «… калиди ҳама гуна дастоварду пешравии омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, самаранок ба роҳ мондани таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, то ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии хонандагон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон бошанд» [10].

Дар ҷаҳони муосир шаҳрвандон бояд шахсони бомаърифат ва кордон бошанд, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк намоянд, мушкилиҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ ва ҳаётиро ҳал карда тавонанд. Барои ташаккули ҳамаи ин сифатҳо маҳз дар зинаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ заминаи омӯзгор фароҳам оварда мешавад.

Бо назардошти пешрафти илму техника ва технологияи иттилооти ва коммуникатсионии муосир ба назария ва қоидаҳои асосии дидактикии таълим низ тағйироати зиёде ворид шуда истодааст. Дар ин маврид ташаккули босалоҳиятро дар алоқамандӣ бо таълимӣ анъанавӣ ба роҳ мондан зарур аст. Муҳаққиқони муносибати босалоҳият ба ҷараёни таълим дар он ақидаанд, ки роҳи ягонаи ташаккули босалоҳиятҳо тавассути масъалагузорӣ дар назди хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҳудуди мазмуни таълим вобаста ба ҳалли он дар вазъияти гуногуни таълимӣ ба вуҷуд меояд.

Зарурияти ислоҳоти соҳаи маориф бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аз омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот вобастагӣ дорад, ки чунин асос ёфтааст:

- муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад. Ин талабот барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба вучуд меорад.
- заминаи асосӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ гузошта мешавад ва дар заминаҳои баъдина ташаккул меёбад. Аз ин ҷиҳат бе гузоштани асос дар синфҳои ибтидоӣ малакаю маҳорати мустақилона ба даст овардани дониш ғайриимкон аст. Таҳқиқ шудааст, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ беш аз натиҷаи дониши азхудкардаашонро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар хотир мегирад.
- муносибати босалоҳият аз раванди таълим вақти тӯлониро талаб мекунад, бинобар ин онро аз давраи синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Хуторский А.В. дар бораи зарурати ворид намудани таълими босалоҳият дар зинаи ибтидоии таълим чунин баён намудааст: «… мо мафҳуми босалоҳияти таълимро ҳамчун як таркиб ҳисоб менамоем, на ба хотири он, ки дар синфи ёздаҳум ин босалоҳиятҳо ба даст оварда шавад, балки имконияти пай дар пай рушд кардан ё ҳадди имкон самти раванди таълимро ба босалоҳият оварда расонад» [11].

Талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи Стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқи муносибати босаҳоҳият ба таълимро ба вуҷуд меорад ва татбиқи он дар ҷумҳурӣ натиҷаҳои хуб дода истодааст. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии дониш, маҳорату

малака ва босалоҳиятиро баланд бардошта ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

Яке аз хусусияти муносибати босалоҳият ба таълим дар он зоҳир меёбад, ки он ҳамчун маҷмӯи ягонаи истифодаи дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошад. Дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусияти таҳқиқотӣ ва ба амалия нигаронидашударо гирифта, ба объекти омӯзиш мубаддал мегардад. Си пас, муносибати босалоҳият ин муносибатест, ба татбиқи хусусияти амалии таълим равона гардида, раванди таълим ва тарбия мафҳуми «салоҳиятнок»-ӣ пайдо шуд.

Мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро мутахассисони соҳа барои ифодаи мафҳумҳои «компетенция» ва «компетентность», ки забони лотинӣ **«competens; competentis»** ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода бурда мешавад.

Дар стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми «салоҳият» чунин шарҳ дода шудааст: салоҳият маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои бо ҳам пайванд буда, ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ, маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад.

Салоҳият – маҷмӯи якҷояшудаи дониш, малака ва маҳоратро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи таҷрибаи амалӣ ва фаъолият бо истифодаи ин донишҳо ба даст омадааст. Босалоҳият натиҷаи таҳсил буда, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикӣ муайян карда мешавад. Салоҳият вобаста ба муҳимият ба салоҳиятҳои асосии умумитаҳсилотӣ, умуми фаннӣ ва фаннӣ ҷудо карда мешавад.

Боиси зикр аст, ки «салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, он дар натиҷаи азхуд кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо ташаккул меёбад. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, маҳорат ва малака аст.

- Дониш – маҳсул ва натиҷаи фаъолияти маърифатии инсон буда, аз фарогирии маънавӣ ва тасвири хаёлии олам аз тафаккур иборат аст. Ҷузъҳои таркибии дониш далелҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, ҳодисаҳо, нуктаҳои асосии назарияҳои илмӣ, фарзияҳо, равандҳо, методҳои таҳқиқот, инчунин манзараи илмии олам мебошанд. Дар асоси дониш эътиқод, ақида ва маҳорату малакаҳои амалӣ пайдо шуда, қобилияти маърифатии хонандагон инкишоф меёбад.
- Маҳорат – ин фаъолияти дар амал татбиқ карда тавонистани дониш буда, фаъолияти фикрӣ мебошад. Ба низом даровардан ва татбиқ кардани дониш, ҳал карда тавонистани мисолу масъалаҳо, гузаронидани таҷриба, ҳисобкунӣ, ченкунӣ, нақшакашӣ, тартиб додану хондани нақшаю график ва ғайра маҳоратҳое мебошанд, ки дар мактаб ташаккул дода мешаванд. Маҳорат кору амали бошуурона аст, ки дар асоси дониш ва таҷрибаҳои рӯзгори ҷамъиятӣ ба амал меояд.
- Малака – тарзу усулҳои устувори мустаҳкамгардидаи иҷрои амал аст, ки дар натиҷаи машқу такрори зиёд ҳосил мешавад. Малакаю маҳорати такмилёфта, яъне донишҳои борҳо дар таҷриба озмоиш шуда, ба маҳорати устувори доимоамалкунанда табдил меёбад. Ҳосил кардани малака пеш аз ҳама, аз бошуурона омӯхтани ҷузъҳои дониш ва дар амал татбиқ кардани онҳо сар мешавад. Малака аҳамияти ҳаётӣ ва таҷриба- вии калон дошта, он зуд ва босифат иҷро кардани корро таъмин мекунад.

Босалоҳият - дар мисоли мо хонандаест, ки маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳои ба ҳам тавъами дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ андӯхтаашро дар ҳаёти ҳамарӯза истифода карда метавонад.

Мақсади таҳияи босалоҳиятҳо ин банақшагирии пешакии натиҷа ҳои таълим, натиҷаҳои чашмдошти фаъолият аст.

Вазифаи босалоҳиятҳо ин воситаи арзёбӣ будани онҳо мебошад, яъне тавассути истифодаи воситаҳои гуногуни арзёбӣ ба босалоҳиятҳо ноил гаштани хонандагон дар раванди дарси математика санҷида мешаванд.

Дар баъзе адабиёти илмию методӣ истилоҳои босалоҳият, қобилият, маҳорту малака ба як маъно истифода мешаванд. Си пас дар асоси гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалро хуб, қобилиятнок, бомаҳоратона иҷро карда метавонад.

Дар модули «Муносибатҳои салоҳиятнокӣ ба таълим» дарҷ ёфтааст: «Салоҳиятро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад» [3; - С. 11]. Ҳамаи онҳое, ки «салоҳиятро таълим намедиҳанд» мегӯянд,

мафҳуму моҳияти салоҳиятро яктарафа мефаҳманд. Салоҳиятро дорои васеи зиндагӣ фаро мегирад, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) салоҳиятҳои таълимӣ; 2) салоҳиятҳои ғайри таълимӣ.

Салоҳияти таълимӣ дар стандарту барномаҳои таълим, китоби дарсӣ ва дигар воситаҳои таълим ифода меёбанд. Ба монанди коммуни- кативӣ, мустақилӣ, ахборӣ, интиқодӣ, таҳқиқотӣ, эҷодӣ ва монанди инҳо.

Салоҳиятҳои ғайритаълимӣ беохир аст, ки онҳо таҷассумгари ҳаёт ва зиндагонӣ аст. Инсон ба қадри зиндагонӣ бояд расад. Ба даст овардани дили касе, бахусус дардмандону бечорагарон, эҳтиёҷмандону бекасон ин худ салоҳияту салоҳиятнокӣ мебошад.

Дар бораи босалоҳияти таълимӣ чунин баҳо додан мумкин аст. Дар тафаккури шогирдон салоҳияти худшиносӣ, ватандӯстӣ, зебоипарастӣ, ифтихори миллӣ, мустақилӣ, хулосабарорӣ, ва монанди инҳоро тарбия ва ташаккул медиҳем. Ҳамаи ин босалоҳиятҳо мавриди таваҷҷуҳи таълим аст. Бинобар ин, дар раванди дарси фанҳои синфҳои ибтидоӣ, алалхусус математикаи синфҳои ибтидоӣ доир ба мавзуъ ин ё он салоҳиятро бояд таълим дод.

Яке аз салоҳиятҳои асосӣ ин ташаккулёбии амалҳои мустақилият дар хонандагони хурдсол аст. Кори мустақилона на танҳо тарзи таълим, инчунин роҳи донишандӯзӣ мебошад. Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани малакаҳои устувори корҳои мустақилона яке аз муаммоҳои фаъолияти таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ба ҳисоб меравад. Ташаккул додани малакаҳои кори мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бе ҳал намудани мисол ва масъалаҳо имконнопазир аст. Пеш аз гузариши муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ ба мундариҷаи нави таълим ҷустуҷӯҳои муттасили роҳҳои фаъолгардонии амалиётҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим, инкишофи ҳамаҷонибаи қобилияти эҷодии онҳо ба пешрафти кори таълим мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, пешниҳоду тавсияҳои муфид роҷеъ ба ҳалли масъ алаҳои таълими дар таҳқиқотҳои М.А. Данилов, И.Т. Огородников, М.И. Скаткин, Л.Н. Занков, Д.Н. Богоявленский, Н.А. Менчинская, Ҷ. Шарифов, М. Нуъмонов, Т. Раҷабов ва дигарон мураттаб гардидаанд.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ҳангоми системанок иҷро кардани корҳои мустақилона сифату самаранокии таълим афзуда, савияи дониши хонандагон баланд гашта, малака ва маҳорати хонандагон ташаккул ёфта, раванди тафаккур инкишоф меёбад. Бо вуҷуди ин, як қатор масъалаҳо ба мисли методикаи ташкилкарда гузаронидани корҳои мустақилонаи хонандагон дар раванди таълим, мазмун ва мундариҷаи корҳои мустақилона тибқи ҳалли мисолу масъалаҳо дар синфҳои ибтидоӣ то ҳол ҳалли худро ёфтааст. Зиёда аз ин, намудҳои ба мақсад мувофиқи корҳои мустақилонаи хонандагон вобаста ба талаботҳои дидактикии дарс, мазмуни маводи талимӣ ва дараҷаи тайёрии хонандагон муайян карда шудааст.

Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешавад ва новобаста, ки фан ташаккул меёбад. Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонандагони сифҳои ибтидоӣ то кадом андоза ин ё он амали арифметикиро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим ба хонандагони хурдсол имконияти таҷриба карданро фароҳам овардан лозим аст. Ин гуна равандро муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим меноманд.

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос доранд. Ин хусусиятҳо муносибати хонандаро ба омӯзиш, мавқеи омӯзгорро дар раванди таълим, муносибатҳои байни- ҳамдигарии хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян мекунад. Донистан ва амалигардонии ин хусусиятҳо ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии дониш ва салоҳиятҳоро боло бардошта, ҳамзамон бобати ташаккули шахси масъулиятнок, бо тарбия ва маърифатнок замина мегузорад.

Дар илмӣ-методӣ оид ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим шаш хусусияти асосӣ муайян карда шудааст:

1. Масъулиятшиносӣ – хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои таълим гирифтан масъул мебошанд.

2. Имкониятҳо – хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон доранд, ки мақсаднок хонанд, нависанд, ҳисоб карда тавонанд, тасвир карда тавонанд, созанд ва дигар фаъолиятҳои

таълимиро иҷро намоянд. Онҳо ғайр аз китоби дарсӣ, инчунин аз дигар манъбаҳои дониш ва адабиётҳои иловагӣ низ истифода карда тавонанд.

3. Машғулият – хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон доранд, ки барои таҳияи кори лоҳиявӣ ва дигар корҳои эҷодӣ машғул шаванд.

4. Пешниҳоди ақида – хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои таҳқиқи мавзуи додашуда ҳавасманд гардонида шаванд.

5. Аксуламал – хонандагони синфҳои ибтидоӣ муносибати шахсии худро нисбат ба суҳбат, ҳикоя, афсона, зарбулмасал, чистон, мисолу масъалаҳои шавқовар, виктарина, кружок, ва ғайра пешгӯӣ менамоянд, савол медиҳанд ва дар доираи фаҳмиши худ дар бораи мазмуни матни ин ё он масъала тавассути варақаҳои таҳлилӣ нишон медиҳанд, муҳокима мекунанд, натиҷаи корро ба аҳли синф муаррифӣ менамоянд.

6. Арзёбӣ – омӯзгорону хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон- диҳандаи арзёбиро якҷоя бо ёрии ҳамдигар таҳия менамоянд. Ин нишон медиҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ кори худро назорат мекунанд ва дар раванди арзёбӣ бевосита иштирок менамоянд.

Дар таълими босалоҳият натиҷаи таълим таҳлилу баррасӣ мешаванд. Дар тамоми раванди омӯзиш хонандагони синфҳои ибтидоӣ натиҷаи корашонро арзёбӣ ва таҳлил менамоянд. Ғалатҳои худро бевосита муайян намуда, сабаби содир кардани ғалатро мустақилона, ки бо ёрии ҳамсинфон ё омӯзгорон аниқ мекунанд ва баъдан корро такмил медиҳанд.

Дар таърихи назарияҳои педагогӣ омӯзиши маъалагузорӣ мавқеи махсус дорад. Дар омӯзиши мазкур фаҳмонидани мавзуъ аз масъала- гузорӣ оғоз меёбад. Дар ҷараёни таълим масъалагузорӣ ба хонандагони хурдсол роҳу усулҳои гуногуни ҳалли мушкилотро ҷустуҷӯ мекунанд. Ин ба хонадагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзуи дарсро фаҳмида гиранд.

Вобаста ба ҷаҳонишавӣ зарурат ба миён омад, ки фаъолӣ, ташаб- бускории хонандагони синфҳои ибтидоӣ зиёд карда шавад, яъне дар меҳвари фаъолияти таълим хонанда бошад, омӯзгор ҳамчун роҳбаладу роҳнамо ба фаъолияти онҳо арзёбӣ менамояд.

Фаъолият ва таҷрибаи амалии таълими хонандагон маҳаки асосии муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Ин омил шаклҳои нави таълим ва истифодаи технологияҳои муосири педагогиро талаб мекунад. Фаъолияти амалии таълимӣ тақозо месозад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ масъалаи асосии таълимиро дарк карда тавонанд, барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ мақсад гузоранд, оид ба рафъи мушкилот роҳу усулҳои гуногунро ба нақша гиранд, масъалаи таълимиро бо роҳбарии омӯзгор ё мустақилона ҳал кунанд, натиҷаи корро арзёбӣ намоянд, барои такмили дониши азбаркардаашон масъулиятро ба дӯш гиранд.

Истилоҳи «технология» аз калимаи юнонии «techne» - «санъат» ё «маҳорат» ва «logos» - «илм» гирифта шуда, маънои илм дар бораи санъат ё маҳоратро дорад.

Технологикунонии таълим яке аз самтҳои илми педагогика буда, қонун, қоидаи асосӣ, восита ва роҳҳои самаранокӣ ба мақсадрасии таълимро тавассути ба роҳ мондани муносибати технологӣ инкишофи маърифатии хонандагони хурдсолро таҳқиқ мекунанд [9, с.86].

Вобаста ба раванди таълиму тарбия мафҳуми «технология»-ро ҳамчун санъати таълим маънидод кардан ба маврид аст. Мафҳуми «технолигия»-ро ҳамчун маҷмӯи роҳу усулҳои равишҳо барои бомаҳоратона иҷро кардани коре шарҳ додан ба маврид аст.

Дар таълими хонандамеҳвар хусусиятҳои фардии хонандагонро ба эътибор гирифта, он дар раванди таълим ба таври самаранок ва мақсаднок истифода карда мешавад. Мақсади асосии таълими хонандамеҳвар ташаккули дар амал татбиқ кардаи дониш, маҳорат ва малака, инчунин худмуҳофизатӣ, худтарбиядиҳӣ ва дигар хусусиятҳое, ки барои ташаккули шахсият заруранд, мебошад.

Таълими хонандамеҳвар дар асоси якчанд қоидаҳои асосӣ ба роҳ монда мешавад:

➢ Қобилияти маърифатии хонандагони хурдсол – ҳар як хонанда қобилияти фаҳмидан ва азхудкуниро дорад. Ба эътибор гирифтани ин омил ва дар асоси он ташкил намудани раванди таълим маҳаки асосии таълими хонандамеҳварро ташкил медиҳад.

➢ Дар ин қоида на танҳо ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем), балки боз ба раванди таълим (чӣ тавр омӯзонем?), диққати асосӣ дода мешавад.

➢ Роҳҳои гуногуни омӯзиши хонандагони хурдсол – ҳар як хонанда қобилияти гуногуни дарккунӣ ва зеҳнӣ дорад. Ба эътибор гирифтан ва инкишофи ин қобилиятҳо яке аз элементҳои асосии таълими хонандамеҳр маҳсуб меёбад.

➢ Омӯзиш ҳамчун раванди фаъоли инкишофёбанда – барқарор кардани алоқамандии байни омӯзгору хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарси математика. Барои баён кардани фикру андешаҳо доир ба мавзуъ ва ҳалли масъалаҳои мушкил хонандагони хурдсол ҳавасманд гардонида мешаванд. Хонандагон ба фаъолияти таълимии худ ва якдигар баҳо медиҳанд. Хонандагону омӯзгорон якҷоя мақсаду вазифаҳои таълимро муҳокима мекунанд.

➢ Дар таълими хонандамеҳвар фаъолияти асосӣ ба дӯши хонандагони хурдсол меафтад - омӯзгор дар раванди дарс камтар кор карда, хонандагон дар ҳамкорӣ бо аҳлисинф зери назорати омӯзгор бештар фаъолият менамоянд.

➢ Муҳайё будани шароити хуби таълимӣ – хонандагони хурдсол дар синфхона мавҷуд будани китобҳо, харитаю ҷадвалҳо, тахтаи электронӣ ва монанди инҳо дарс мехонанд.

Дар технологияи таълим ба ташаккули шахсият нигаронидашуда шахсияти хонандаю омӯзгор ҳамчун симои раванди таълим фаҳмида мешавад. Мақсади таълим ташаккули шахсияти хонанда, фикрҳо ӯ ба эътибор гирифта мешавад ва дар заминаи ин омилҳо ҷаҳонбинии шахсии хонандагони хурдсол, қобилиятҳои дарккунӣ, фикрронии онҳо инкишоф меёбад. Муносибати омӯзгору хонандагон дар асоси ҳамкорӣ ба роҳ монда мешавад[9, с. 108].

Дар технологияи таълим ба ташаккули шахсият нигаронидашуда хонанда худро ба методи дарсдиҳии омӯзгор мутобиқ насохта, балки баръакс омӯзгор метод ва воситаҳои гуногуни омӯзишро ба тарзи азхудкунии хонандагон мутобиқ месозад. Яъне, омӯзгор аз истифодаи усули «фармондиҳӣ» ба усули «ҳамкорӣ» мегузарад ва диққати асосиро ба фаъолияти маърифатии хонандагон равона месозад. Дар натиҷа мавқеи хонанда низ тағйир иеёбад, яъне ӯ аз «иҷрокунандаи боғайрат» ба «эҷодкори фаъол» табдил меёбад.

Вазифаи асосии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бедор кардани шаќу завқи хонандагони хурдсол ба таълим, ташкил кардани фаъолияти маърифатию эҷодии ҳар як хонанда мебошад.

Мувофиқи технологияи таълим ба ташаккули шахсият нигаронида шуда барои ҳар як хонанда барномаи фардӣ таҳия карда мешавад. Барномаи мазкур дар асоси хусусиятҳои фардии хонандагони хурдсол тархрезӣ шуда, ба имкониятҳои зеҳнӣ мутобиқ гардонида мешавад.

**Хулоса,** дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб, қобилона ва боэътимодона иҷро карда метавонад, муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити имрӯза дар соҳаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав аст. Дар муносибати босалоҳият хусусияти асосӣ омӯзиши масъалагузорӣ, технологияи муосири педагогӣ, таълими хонандамеҳвар, таълим ба шахсият нигаронидашуда шарти асосии бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таълими математика мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Бабанский Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагоги- ческих исследований. / Ю.К. Бабанский -М.: Педагогика, 1982. - 72 с.
2. Каримов Т. Технологияи педагогии таълими фаъол дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: 2016. – 240 с.
3. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим. – Душанбе: 2016. – 260 с.
4. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим. – Душанбе: 2017. – 133 с.
5. Ниёзов Ф., Зиёев М., ва дигарон. Методикаи таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. (Дастур барои омӯзгор). / Ф.Ниёзов, М.Зиёев – Душанбе: 2016. – 141с.
6. Стандарти давлатии таҳсилот ва Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ. – Душанбе: 2016 с.
7. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. – Душанбе: 2012 с.
8. Таҳсилоти мактабӣ: Воқеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии стандартҳои насли нав. // Маводи конференсияи илмӣ-методии чумҳурӣ. –Душабе: - 2016. – 360 с.
9. Технологияи педагогии таълими фаъол ва нақши он дар ташкили корҳои эҷодии талабагон. // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмию амалӣ. – Душанбе: 2015. -352 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2015 с.
11. Хуторский А.В. Современная дидактика: Учебное пособие. -/ А.В. Хуторский М.: Высшая школа. 2007. - 639 с.

## РОҲУ УСУЛҲОИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*Дар мақолаи мазкур асосан ба таври системанок пешниҳод ва аз худ кардани дониш, малакаю маҳорат, тартиби пешниҳоди маводи таълим, фарогири миқдори зиёди хонандагон ва ташаккул додани дониш омилҳои асосии устувории ин навъи таълими босалоҳият шуда метавонад, диққати асоси ба ташаккули малакаҳои амалӣ дар раванди дарси математика барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.*

***Ҳадафи мақола:*** *Гуфтан бамаврид аст, ки таълими математика дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои ташаккул додани асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат менамояд, қобилияти азхудкунии хонанда- гони хурдсолро инкишоф медиҳад ва муносибати онҳоро бо фанҳои табиӣ вусъат мебахшад.*

*Вазифаи асосии таълими босалоҳият дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки ҷараёни таълими маърифатӣ дар хонандагон хусусияти тафаккури доштани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне хонандагон шунидан, хондан, гуфтан, шуморидан, ҳисоб кардан, дар асоси формулаҳо, қоидаҳо, ҳал кардани мисоли масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ва ғайра мебошад.*

***Натиҷаи тадқиқот*** *нишон дод, ки ҳангоми ташаккули малакаҳои амалӣ аз математикаи синфҳои ибтидоӣ масъалаи муҳиме мебошад, ки зарурати ворид намудани тағйиротҳоро тақозо менамояд, ин ба сохтори мисолу масъала ва таҳлилҳои амиқи илмию методи ҳамаҷониба назар кардан аст, зеро бо водор шудани муносибатҳои босалоҳият дар натиҷаи таълим ҳамгироии истифодаи донишҳои хонандагони хурдсол дар ҳаёт мусоидат мекунад ва ба баланд бардоштани сифати таълим оварда мерасонад. Аз ин рӯ, ҳангоми ташаккули малакаҳо, бояд шумораи мисолҳо, масъалаҳо ва тақсимоти онҳоро дар вақташ ба назар гирифтан бамаврид аст. Ҳамаи инҳо барои ташаккулёбии ғояҳои ибтидоӣ аз математика дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ роҳ мекушоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳсилот, дониш, малака, маҳорат, таълим, тарбия, таҳлил, барномаи нави таълимӣ, салоҳият, босалоҳият, салоҳиятнокӣ, муносибати босалоҳият, муносибатҳои салоҳиятнокӣ, технологияи таълим, математикаи синфҳои ибтидоӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ.*

## ПУТИ И МЕТОДЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОМПЕТЕНЦИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

*В данной статье можно систематизировать изложение и усвоение знаний, умений и навыков, порядок изложения учебных материалов, включение обучающихся и формирование знаний об основных и устойчивых функциях данного вида авторизованного образования, основное внимание уделяется формированию практических навыков по математике у учащихся начальной школы.*

*Цель статьи: следует сказать, что преподавание математики у учащихся начальной школы способствует формированию основ мировоззрения науки, развивает способность младших школьников к обучению и развивать отношения с естественными предметами.*

*Основная задача педагогической компетентности в процессе обучения математике в начальных классах заключается в том, что учебный процесс обучения формирует особенности мышления учащихся. То есть учащиеся слушают, читают, говорят, считают, применяют формулы, правила, решают задачи как основную учебную деятельность и т.д.*

*Результаты исследования показали, что при формировании практичес- ких навыков по математике начальных классов важным вопросом, тре бующим внесения изменений, является рассмотрение структуры примеров и задач и углубленный научно-методический анализ всех сторон, так как формирование компетентностных установок в результате*

*обучения способствует использованию знаний учащейся молодежи в жизни и ведет к повышению качества образования.*

*Поэтому при отработке навыков необходимо учитывать количество примеров, задач и их распределение во времени. Все это создает основу для формирования основных представлений о математике у учащихся начальных классов.*

***Ключевые слова:*** *образование, знания, умения, навыки, воспи- тание, обучение, анализ, новый учебный план, компетенция, компетент- ностный подход, компетентность, компетентностное отношение, образовательная технология, математика начальных классов, учащиеся начальных классов, учителя начальных классов, образовательные учреждения.*

## WAYS AND METHODS FOR FORMING COMPETENCES IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS IN PRIMARY SCHOOL

*This article can systematize the presentation and assimilation of knowledge, skills and abilities, the order of presentation of educational materials, the inclusion of students and the formation of knowledge about the main and stable functions of this type of authorized education, the main attention is paid to the formation of practical skills in mathematics in elementary school students.*

*The purpose of the article: it should be said that teaching mathematics to elementary school students contributes to the formation of the foundations of the worldview of science, develops the ability of younger students to learn and expands relationships with natural subjects.*

*The main task of pedagogical competence in the process of teaching mathematics in primary school is that the educational process of learning forms the characteristics of students' thinking. That is, students listen, read, speak, count, apply formulas rules solve problems as the main learning activity, etc.*

*The results of the study showed that in the formation of practical skills in primary school mathematics, an important issue that needs to be changed is the consideration of the structure of examples and tasks and an in-depth scientific and methodological analysis of all aspects, since the formation of competency-based attitudes as a result of training contributes to the use of students' knowledge in life and leads to improved quality of education.*

*Therefore, when developing skills, it is necessary to take into account the number of examples, tasks and their distribution over time. All this creates the basis for the formation of basic ideas about mathematics in primary school students.*

***Key words:*** *education, knowledge, skills, upbringing, training, analysis, new curriculum, competence, competence-based approach, competence, competence-based attitude, educational technology, primary school mathematics, primary school students, primary school teachers, educational institutions.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Бегимов Ҳусен Худоёрович****-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ****,*** *Тел: (+992) 985762634, E-mail: begimovhusen@gmail. com*

***Сведение об авторе:***

***Бегимов Хусен Худоярович****-кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой методики начального образования, Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, Тел: (+992) 985762634, E-mail: begimovhusen@gmail. com*

***About the author:***

***Begimov Husen Khudoyarovich****-Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Methods of Primary Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel: (+992) 985762634, E-mail: begimovhusen@gmail. com*

ТДУ 372.851

# БА МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ОИД БА АМАЛИСОЗИИ ТАМОИЛИ АЛГОРИТМИИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

***Шукурзода Х. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Рушду нумуи ҷомеа ба инкишофи системаи таҳсилот таъсири калон расонида, талабот нисбати сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ зиёд мешавад, ки ин мувофиқан, боиси беҳдошти тайёрии касбӣ-методии донишҷӯён дар мактаби олӣ мегардад. Яъне, зарурияти ба миқдори муайяни ихтироот оид ба фаъолияти таълим ва бунёди сифатҳои шахсият ба амал меояд. Ин ба донишҷӯён-омӯзгорони оянда имконият медиҳад, то тамоми маҷмуи донишҳо ва маҳоратҳои азхудкардаашонро барои ҳалли масъалаҳои касбӣ-методӣ ва ҳолатҳои ғайристандартӣ истифода намуда, салоҳиятҳои худро фаъолона рушд диҳанд.

Баррасии раванди касбӣ-методӣ, ки тамоми ҷузъҳои онро дар робитанокӣ ба назар мегирад, аз омӯзгорони оянда омодагии бисёрҷабҳаи методиро тақозо менамояд.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Бинобар ин, ба омӯзгорониояндаи математика ҳамин тамоюлҳои мавҷударо, аз он ҷумла тамоюли алгоритмии раванди таълими математикаи мактабиро шинос менамоем. Тамоюли алгоритмии раванди таълими математикаи мактабӣ ба ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ бояд ҳамгиро бошад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур дар ин давру замон рӯзмарра мебошад.

Нақши ҳалли масъалаҳо оид ба омодагии методии омӯзгорониояндаи математика дар муассисаҳои олии касбии омӯзгорӣ дар таҳқиқотҳои В.А. Гусев, Ю.М. Колягин, В.И. Крупич, Д.А. Далингер, Г.Л. Луканкин, ва дигарон мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Александров А.Д. ёдрас менамояд, ки дар зери мафҳуми «фарҳанги алгоритмӣ » бояд «маҷмуи хусусӣ » ё «алгоритм» ифодагари маҳорат ва малакаҳое, ки дар замони муосири рушди ҷомеа бояд қисмати фарҳанги умумии ҳар як инсон ва инчунин ҷузъиёти нигаронии таҳсилоти умумимактабиро фаҳмидан лозим аст [2, - С. 8].

Маълум аст, ки мафҳуми алгоритми умуми илмӣ мебошад. Вайро на фақат барномасозҳо, балки лингвистикҳо, коркунони техникӣ ва дигарон истифода менамоянд. Дар ҳамин замина арзиши умумии дидактикии онро муайян мекунанд.

Алгоритм яке аз ғояҳои заруртарин буда, он заминаи худро аз мактаб оғоз менамояд. Бисёре аз олимон дар ин ақида мебошанд. Аз он ҷумла,_Б.В. Гнеденко, В.А. Ушинский ва ғайра. Маҳорати истифодаи алгоритм яке аз ҷузъҳои фаъолияти инсон буда, дар дараҷаи ками ба инсон зарурӣ таҳияи алгоритм зарур мебошад.

Гузашта аз он, дар солҳои охир ба бисёр соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, хусусан вобаста ба фаъолият таҳлили масъалаҳои ғайристандартӣ, истифода намудани дигар алгоритмҳоро меноманд. Бинобар ҳамин, алгоритмҳои гуногун қисмати ниҳоят зарурӣ барои фаъолияти инсон мебошад.

Дар мувофиқа бо дигар таърифҳо, В.П. Беспалко таърифи зеринро баён намудааст: «зери алгоритм - фаҳмиши дақиқ, мафҳуми навишти амалиётҳои зеҳнии пайдарҳамӣ зарур ва кифоя барои ҳалли дилхоҳ масъала, ки ба ягон гурӯҳ тааллуқ дорад, фаҳмидан ҷоиз аст» [4, - С. 110].

Вай инчунин ибрози ақида менамояд, ки дар назарияҳои математикӣ зери алгоритм инро бояд дарк кард, ки навиштаҷоти дақиқи муайянкунандаи раванди ҳисобкунӣ аз масъалаҳои додашуда ба натиҷаи матлуб равоншударо дарк кардан мумкин аст.

Яке аз шартҳои самараноки амалисозии раванди амалӣ-нигаронии таълими фанни математика ин баландбардории фарҳанги алгоритмӣ дар таҳсилот мебошад. Ин раванд дар ҳамбастагӣ бо фанни технологияи информатсионӣ сурат мегирад. Фарҳанги алгоритмӣ яке аз қисматҳои таркибии фарҳанги математикӣ буда, боиси ташаккули рушди тасаввуротҳои махсус вобастаи мафҳуми алгоритмӣ мебошад.

А.Д. Александров чунин андеша дорад: «Нақши пешбаранда дар ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагон ба математика мансуб мебошад, ки мавриди омӯзиши он амалиётҳои алгоритмӣ ва гуногун, ташаккули маҳоратҳо оид ба алгоритми додашуда ва таҳияи алгоритмҳои навин ба қисматҳои асосии мазмуни фаъолияти таълими математика мебошад. Бинобар ҳамин, ба самтҳои мазмунӣ-методии пешбарандаи таълими математика инчунин

фаъолияти алгоритмӣ низ мансуб мебошад. Дар ҳақиқат, барои ҳамин ташаккули салоҳиятҳои алгоритмии хонандагон ба таълими математика ҳама вақт вобаста намоем» [2, - С. 98].

Ин имкониятҳо аз таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ оғоз мешавад. Лекин амалия нишон медиҳад, ки дар барномаҳо ва китобҳои дарсии математика барои синфҳои ибтидоӣ ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ин масъала инъикоси худро наёфтааст.

Аз ин лиҳоз, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки салоҳиятҳои алгоритмии хонандагони синфҳои болоӣ дар сатҳи паст қарор доранд - ин натиҷаи кори пайдарҳамии системанок оид ба ташаккули ҷузиётҳои салоҳиятҳои алгоритмӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Л.С. Юнева чунин мегӯяд, ки мафҳуми «Алгоритм – аз номи мутафаккири асримиёна, математик Ал-Хоразмӣ гирифта шудааст» [10].

Н.А. Анипченко [3] ба хосиятҳои асосии алгоритм инҳоро мансуб медонад:

- дискретӣ- алгоритм бояд корро донад, раванди ҳалли масъалаҳои пайдарҳами элементарии пешҳалшуда пайиҳам бошад. Ҳар як амалиёт ин ифодаи алгоритмӣ иҷроишаш фақат ҳатмӣ аст.

- детерминант –ҳар як амалиёти алгоритм бояд дақиқу ягона, ки иҷрокунандаро дар ҳолати интихоб нагузарад;

- натиҷавӣ-алгоритм бояд ба ҳалли дилхоҳ масъала аз гурӯҳи маълум ба миқдори муайяни қоидаҳояш бошад;

- умумӣ-алгоритм барои як масъала не, балки барои як гурӯҳ масъалаҳо пешбинӣ шуда бошад.

Ғайр аз алгоритм барои усули умумии ҳалли масъалаҳои якамала бештар истифода мешавад, ки онҳо ифодагари алгоритми ноошкор мебошанд.

Одатан дар қоидаҳо ба таври аниқ қадамҳои алгоритмӣ барои ин ё он ҳолат пешбинӣ намешавад ва иҷрои аниқу дақиқи пайдарҳамии амалиётҳо нишон дода мешавад.

Дилхоҳ алгоритмро ҳамчун қоида тасавур кардан мумкин аст, лекин дилхоҳ қоидаро ҳамчун алгоритм пиндошта ғайриимкон аст.

Зарурати пайдоиши банақшагирии кор оид ба рушди маҳоратҳои элементарии қадамҳо ба фаъолияти худ пеш меояд.

Л.С. Юнева шарҳ медиҳад, ки «Ин боиси ташаккули дар хонандагон иҷрои амалиётҳои пайдарҳамии алгоритмӣ, рушди суръатафзуни иҷрои амалиётҳои мувофиқро тақозо менамояд» [10].

Ин гуфтор собиткунандаи заруриест, ки омодагии системаноки хонандагон на фақат бо алгоритми тайёр, балки дар таҳияи он саҳмгузор бошанд.

Александров А.Д. чунин баён карда аст: «Фарҳанги алгоритмӣ мавриди тавсифи маҳорати хонанда таҳлил карда шуда, ҳодисаҳои моделонӣ, равандҳо, тасдиқи гуногуни ҳолатҳо ва маҷмуи онҳо дар ҳамбастагӣ, таҳияи навиштаҷот ба ҳалли иҷрои масъала мебарад» [2, - С. 60].

Хонандагон ҷудокунии робитаҳоро сабабӣ - натиҷавӣ зимни таркиби ягон масъалаҳои математикӣ, мантиқан муайянкунии пайдарҳамии амалиётҳо ва фаъолиятнокии амалисозии иҷрои супоришҳои математикӣ, ки ифодаи фарҳанги экологӣ аст, андеша рондааст [2].

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ маҳоратҳое, ки ба салоҳияти алгоритмии донишҷӯёнро ифода мекунанд, инҳоянд:

1) маҳорати дурусти амалкунӣ бо алгоритми додашуда;
2) маҳорати «эҷодӣ»-и алгоритм;
3) тасвир кардани алгоритм бо аёният;
4) гузориши кӯтоҳ аз амалиёти мукаммал;
5) ёфтани алгоритми ратсионалӣ ё ин ки гуворо;
6) ҷудокунии масъалаи мураккаб ба масъалаҳои одӣ;
7) маҳорати асосноккунии алгоритми пайдошуда;
8) дарки робитаноки алгоритмҳо.

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ ба мо имконият дод, ки назарияи пешбарандае, ки асоси ташаккули салоҳиятҳои алгоритмиро ифода мекунанд, ин назарияи марҳиланоки ташаккули амалиётҳои фикрӣ дар корҳои П.Я. Галперин, Н.Ф. Тализин ва дигарон баррасӣ шудааст, таҳия менамояд. Такя ба назарияи додашуда мо марҳилаҳои ташаккули фарҳангии хонандагон, ки З.А. Анипченко пешниҳод кардааст, меорем:

1) Марҳилаи бунёдкунии алгоритм. Мақсади асосии ин марҳила –ёдоварии донишҳои зарурӣ ва омодагии хонандагон барои таҳияи алгоритми баррасишаванда, намоиши зарурии воридкунии зимни ҳалли масъалаи амалӣ;

2) Марҳилаи воридкунии алгоритм. Мақсади ин марҳила-водоркунии хонандагон барои «эҷод»-и алгоритми лозима ва таҳияи он.

3) Марҳилаи азхудкунии алгоритм. Мақсади асосии ин марҳила аз машққунии амалиётҳои ба алгоритм воридбуда ва азбаркунии таркиби пайдарҳамии он.

4) Марҳилаи татбиқи алгоритм. Мақсад - коркарди алгоритм дар ҳолатҳои шинос ё ношинос.

Акнун амалисозии ин марҳилаҳоро дар мисоли ташаккули хонандагон оид ба алгоритми тақсими бақиянокро намоиш медиҳем.

Сараввал ба хонандагон ҳалли мисолҳои зеринро пешкаш менамоем: 15:5, 28:7, 10:4, 47:8.

Дутои аввалро донишҳои оид ба ҷадвали зарб, вале мавриди ҳалли мисоли сеюм, ҳолати проблемавӣ дар хонандагон бо назардошти вобастагии норасоии донишҳо, маҳорат ва малакаҳо пайдо мешавад.

Бо роҳи таҳлили ҳолати онҳо усули нави иҷрои ин супориш лозим аст, ки 10 нуқтае кашида ба чортогӣ ҷудо мекунанд. Дар натиҷа ҷавоб меёбад - ҳосили тақсим 2 ва боз 2 нуқта зиёда мемонад.

Баъдан якчанд ба ҳамин монанд мисолҳоро хонандагон ҳал карда усули нави иҷрои амалиётро меёбанд. Дар марҳилаи дигар, ба хонандагон супоришҳои намуди зеринро пешкаш мекунем: 9:4, 8:5, 47:6.

Дар ин маврид миқдори зиёди нуқтаҳоро тасвир менамоем. Аз ин ҷо зарурати ёфтани усули мувофиқ барои иҷрои амалҳо пеш меояд. Ҳолати баррасишавандаро барои хонандагон нафақат формулаи тайёр, барои иҷрои асосии амалиёт, балки таҳияи онро аз тарафи худи хонандагон мустақилона ё ин ки бевосита зери роҳбарии омӯзгор сурат бояд гирад. Дар ин маврид омӯзгор бевосита роҳнамоии фаъолияти хонандагонро барои таҳияи алгоритм равона месозад. Вазифаи хонандагон аз амалиёте, ки барои ҳалли масъалаи гузошташуда равона аст, баъдан таҳияи амалиётҳо худи онҳо дар шакли алгоритм иҷро карда мешавад.

Чунин рафтор имкон медиҳад, ки маводи омӯхташаванда дар намуди системаи мантиқӣ оварда шавад.

Хонандагон бо роҳи санҷиш ва ҳатто дар раванди ташкили фаъолияти махсус иҷрои алгоритм таҳияи амали тақсими бақиянокро пайдо менамоянд:

1. Адади аз ҳама калони хурди тақсимкунанда, ки тақсимшаванда ба он бақия тақсим мешавад, меёбанд.

2. Адади додашударо ба тақсимкунанда тақсим мекунем. Ин натиҷаи тақсим мешавад.

3. Қисми боқимондаи тақсимшаванда ин бақия мешавад.

4. Месанҷем, ки бақия аз тақсимкунанда бояд хурд бошанд.

Хулоса, ҳамаи он амалиёте, ки хонандагон муқаррар карданд, дар намуди пайдарҳамӣ иҷрокарда мешавад. Иҷрои ҳар як амалро фақат баъди иҷрои амали пешоянд бояд ба сомон расонд. Ҳамаи амалиётҳоро хонандагон иҷро карда, пас масъалаи дар назди худ гузошташударо ҳал мекунанд

**АДАБИЁТ**


1. Абасов Ш.М. О возможности раннего изучения геометри- ческого материала в общеобразовательной школе. / Ш.М. Абасов., М. А. Гаджимурадов . // Мир науки, культуры, образования. 2016. № 1 (56). - С. 61-63.
2. Александров А.Д. Библиографический указатель. -Новосибирск 2012. – С.143.
3. Анипченко Н.А. Автореферат дессертации на соискание ученой степени кандидата медицинский наук. – М.: 2017. – 24 с.
4. Беспалько В.П. Теория учебника: дидактический аспект. - М.: 1988. – 160 с.
5. Быкова Т.П. Нестандартные задачи по математике: 2 класс. [Текст] /Т.П. Быкова. - 4-е изд., - М.: 2012.
6. Волочков А.А. Интегративный подход в диагностике универсальных учебных действий. // Вестник ЮУрГУ: Психология развития и педагогическая психология. - 2012. № 19. - С. 58-67.
7. Голиков А. И. Теория и методика математического развития младших школьников в учебной деятельности. / А.И. Голиков - автореферат дисс. докт. пед. наук - М.: 2008. – 64 с.
8. Изучение математических понятий в начальной школе: Учебное пособие для студентов направления «Педагогическое образование», профиль «Начальное образование». / Составитель: Н.Н. Осипова. - Пенза: Изд-во ПГУ, 2015. - 45 с.
9. Федосеева Н.Н. Формирование регулятивных универсальных учебных действий младших школьников в рамках технологии проблем- ного обучения. // Начальная школа. № 5. 2014. - С. 14-23.
10. Юнева Л.С. Информационные технологии в науке и образовании: сб. нау. ст 2. Ежегод. межвуз. студ. науч. практ. конф. –Пенза: 11.03. 2015.


## БА МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ОИДИ БА АМАЛИСОЗИИ ТАМОИЛИ АЛГОРИТМИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА


*Дар мақола дар бораи методҳои таълими омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ, тамоюлҳои мавҷударо, аз он ҷумла тамоюли алгоритмии раванди таълими математикаи*

*мактабӣ сухан рафта истодааст. Тамоюли алгоритмии раванди таълими математикаи мактабӣ ба ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ бояд ҳамгиро бошад. Аз ин ру проблемаи мазкур дар ин давру замон рӯзмара мебошад. Аз ин ба хулосае баровардан мумкин аст, ки ба самтҳои махзмуни-методии пешбарандаи таълими математика инчунин фаъолияти алгоритми низ мансуб мебошад. Дар ҳақиқат, барои хамин ташаккули салоҳиятҳои алгоритмии хонандагонро дар раванди таълими математика ҳама вақт вобаста бояд намоем.*

*Имконият ба давраи ҷамъият иттиолооти ворид гашта истодааст, ки дар он намуди асосии фаъолияти истеҳсолот ва истифодаи иттиоолот мебошад ва компютернамои як қисм таркибии ин ҷараён мебошад. Иттиоолоти дар инкишофи илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият ҳамчун сарчашма ба ҳисоб рафта ба рушди бемайлонии илм ва техника сабабгор мегардад. Дар равандҳои таълим ва тарбиявӣ, насли наврас, робитаи мадании байни одамон таъсир мерасонад.*

*Мақсади мақола: омӯзиши усули ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика оиди алгоритми математикӣ ва ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ;*

*Объекти таҳқикот: раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ;*

*Предмети таҳқиқот: усулҳои ташаккули салоҳиятҳои алгоритмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика;*

***Калидвожаҳо**: математика, алгоритм, ҳалли масъалаҳои матнӣ, мафҳум, омӯзиш, салоҳият, раванди таълим, фарҳанги алгоритмӣ, таҳқиқот, раванд, таҳлил, назария, маҳорат, малака, дониш.*

## БУДУЩЕМУ УЧИТЕЛЬЮ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ ОБ РЕАЛИЗАЦИИ АЛГОРИТМИЧЕСКОЙ ПОДХОДЫ К ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ

*В статье рассматриваются методы обучения будущих учителей начальных классах, существующие направления, в том числе алгоритмические направления в процессе обучения школьной математике. Алгоритмический подход к процессу обучения школьной математике должен быть интегрирован в процесс обучения информационным технологиям. Поэтому данная проблема актуальна в данный период. Отсюда можно сделать вывод, что к содержательно-методическим направлениям, ведущим к преподаванию математики, относится и деятельность алгоритмов. Собственно, поэтому развитие алгоритмических компетенций учащихся всегда должно зависеть от преподавания математики.*

*Введение: по мери возможности вступает в эпоху информационного общества, где основной деятельностью является производство и использование информации, а компьютеризация является неотъемлемой частью этого процесса. Информация рассматривается как источник в научно-техническом и социально-экономическом развитии общества и способствует неуклонному развитию науки и техники. В процессе обучения и воспитания подрастающее поколение находится под влиянием культурных связей между людьми.*

*Цель статьи: изучить методы развития компетенций учащихся начальных классов в процессе обучения математике по математическим алгоритмам и решению математических задач;*

*Объект исследования: процесс обучения математике в начальной школе;*

*Предмет исследования: методы развития алгоритмических компетенций учащихся начальных классов в процессе обучения математике;*

***Ключевые слова:** математика, алгоритмы, решение текстовых задач, понятия, обучение, компетенция, процесс обучения, алгоритмическая культура, исследование, процесс, анализ, теория, навыки, знания.*

## THE FUTURE PRIMARY SCHOOL TEACHER ABOUT THE IMPLEMENTATION OF ALGORITHMIC APPROACHES TO TEACHING MATHEMATICS

*The article discusses the methods of teaching future teachers of primary school, existing directions, including algorithmic directions in the process of teaching school mathematics. An algorithmic approach to the process of teaching school mathematics should be integrated into the process of teaching information technology. Therefore, this problem is relevant in this period. From this we can conclude that the content-methodical directions leading to the teaching of mathematics include the activity of algorithms. Actually, therefore, the development of algorithmic competencies of students should always depend on the teaching of mathematics.*

*Introduction: Opportunity is entering the era of information society, where the main activity is the production and use of information, and computerization is an integral part of this process. Information is considered as a source in the scientific, technical and socio-economic development*

*of society and contributes to the steady development of science and technology. In the process of education and upbringing, the younger generation is influenced by cultural ties between people.*

*The purpose of the article: to study the methods of developing the competencies of primary school students in the process of teaching mathematics on mathematical algorithms and solving mathematical problems;*

*Object of research: the process of teaching mathematics in primary school;*

*Subject of research: methods of developing algorithmic competencies of primary school students in the process of teaching mathematics;*

***Keywords**: mathematics, algorithms, solving text problems, concepts, learning, competence, learning process, algorithmic culture, research, process, analysis, theory, skills, knowledge.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Шукурзода Хуршеди Абдумумин**- унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

***Сведение об автора:***

***Шукурзода Хуршеди Абдумумин**- соискатель кафедры методики начального обучения Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни*

***About the author:***

***Shukurzoda Khurshedi Abdumumin** - Applicant of the Department of Methods of Primary Education of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini*

## ПРИНСИПҲО ВА МЕТОДҲОИ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ ИСТИФОДА КАРДАНИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ

***Норов Р.С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон таъкид карда буданд: «Муҳимтарин вазифаи мактаб ва ҷомеа дар шароити нави таърихӣ аз он иборат аст, ки шогирдонро дар рӯҳи хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ, дарки равшани арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд». Аз ин таъкидҳои Пешвои миллат бармеояд, ки баъди соҳибистиқлол шудан ҳадафи таълиму тарбия бояд ба худшиносӣ, донистану омӯхтани маданияти халқи худ, одамони бузург ва хизмату корнамоиҳои онҳо, эътибори махсус додан ба арзишҳои миллӣ равона карда шавад.

Таҷрибаи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, ихтисосҳои ғайриматематикӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми дар донишҷӯён ташаккул додани мафҳуму тасаввуроти илмӣ, баёни муҳимтарин назарияю теоремаҳои геометрӣ, ба мундариҷаи дарс дохил намудани маводи таърихӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин маврид истифода бурдани маълумоти таърихии ба маводи таълимӣ робитаи узвидошта имкон медиҳад, ки донишҷӯён доир ба методҳои тадқиқоти илмӣ тасаввурот ҳосил карда, робитаи геометрияро бо фанҳои дигар ва истеҳсолоту ҳаёти ҷомеа дарк намоянд, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанни таълимӣ ташаккул ёбад [6].

Таърихи илмро донистан барои ҷавонон, баҳри онҳое, ки моҳият ва аҳамияти муваффақиятҳои ҳозиразамони илмиро донистан мехоҳанд, хеле муҳим аст. Бинобар ин, дар таълими геометрия фақат бо маълумоти таърихие, ки дар китобҳои дарсӣ мавҷуданд, маҳдуд шудан лозим нест. Вақти берун аз дарсро моҳирона истифода бурда, дар раванди таълим аз сарчашмаҳои гуногун маводи таърихиро дохил намудан мувофиқи матлаб аст. Мақсади асосии бо ҷузъиёти таърихи геометрия шинос намудани донишҷӯён - ба онҳо нишон додани динамикаи инкишофи илм, робитаи он бо техникаю истеҳсолот, фаҳмонидани нақши илм дар ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани хусусиятҳои меҳнати олимон, далелҳои аз ҷиҳати тарбиявӣ муҳими тарҷумаи ҳоли олимони намоён мебошад [3, с. 196]. Дар Тоҷикистони мо шахсоне, ки бо меҳнати ҳалоли худ ба тараққиёти илм ва техникаи ватанӣ ибтидо гузошта, шараф ва шӯҳрати ватани моро дар миқёси ҷаҳон баланд бардоштаанд кам нестанд ва мо ҳақ дорем, ки бо чунин фарзандони фарзонаи миллати худ фахр намоем.

Дар баробари ин бо далелҳои возеҳи ҳаёти олимони бузург шинос намудани донишҷӯён имкон медиҳад, дар онҳо чунин хислатҳоро тарбия намоем, ки ба ҳар як кор шавқу завқи беандоза дошта, тамоми ҳаёти худро ба он бахшанд. Ба ватани азизи худ манфиат оваранд ва ҳамзамон дар худ меҳнатдӯстӣ, сабурӣ, таҳаммулпазирӣ, пуртоқатиро барои комёб шудан ба мақсадҳои дар наздашон гузошташуда, кӯшиши ба одамон беғаразона некӣ карданро талқин намоянд [4].

Аз андешаҳои боло бармеояд, ки дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ аҳамияти бағоят калон дорад. Боиси зикр аст, ки то ҳол омӯзиши маводи таърихӣ дар таълими геометрия нокифоя аст. Маводи таърихӣ дар таълими геометрия тасодуфан, аксаран бемақсад, гоҳ-гоҳ фақат барои ҳавасмандии таълиму шавқовартар кардани он истифода мешаваду халос [9, с. 3]. Доир ба истифодаи маводи таърихӣ дар таълими геометрия танҳо маълумоти мухтасари тарҷумаиҳолии баъзе олимони намоён мақоми хоса доранд. Ба масъалаи шинос намудани донишҷӯён ба таърихи инкишофи методу назарияҳои геометрӣ ва тараққиёти минбаъдаи онҳо хеле кам диққат дода мешавад. Бар замми ин, қайд кардан бамаврид аст, ки баъзе маводи таърихӣ аз маводи барномавии геометрия ҷудо ва ба сифати як навъ маводи иловагӣ истифода мешавад.

Аксари китобҳои дарсии амалкунандаи геометрия маводи таърихӣ надоранд ва агар дошта бошанд, ҳам ба сифати маълумоти таърихӣ ҳамчун эзоҳоти мавзӯи барномавӣ дохил карда шудаанд. Шароити имрӯза бошад, онро тақозо менамояд, ки маводи таърихӣ бояд ҳамчун маводи асосӣ пешниҳод карда шавад.

Ба андешаи мо, масъалаи мазкурро бо роҳи куллан тағйир додани методҳо ва принсипҳои истифода кардани маводи таърихӣ дар таълими геометрия амалӣ гардонидан имконпазир мебошад. Чунин тағйирдиҳӣ боиси он магардад, ки маводи таърихӣ ҷузъи сохтории мазмуну мӯҳтавои таълими фанни мазкур гардад.

Принсипҳои асосии методии дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ бевосита аз асосҳои методологии истифодаи маълумоти таърихӣ дар таълими математика бармеоянд. Баъзе далелҳои таърихи геометрияи халқамонро ба донишҷӯён ошкор намуда, ин маводро ба мақсадҳои педагогӣ истифода карда, мо бояд онҳоро бо далелҳои таърихи умумии математика, таърихи математикаву геометрияи дигар халқу ва мамлакатҳо муқоиса намоем.

Дар асоси омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, маъхазҳои таърихӣ, матбуоти даврии педагогӣ ва амалияи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ принсипҳои методии умумии дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихиро ба тариқи зайл пешниҳод намудан мумкин аст (Барои таҳияи принсипҳои мазкур мо аз [1, 2, 7, 8, 9, 10] истифода кардем):

1. Ба матни мавзӯи дахлдори барномавии геометрия дохил намудани маводи таърихӣ.

2. Принсипи дар донишҷӯён ташаккул додани фаҳмиши илман асосноккардашуда, диалектикию материалистии пайдоиш ва инкишофи геометрия ҳамчун илм. Ҳақиқатан, таърихи геометрия ба таври эътимодбахш собит менамояд, ки фанни мазкур аз рӯйи пайдоиши худ фақат маҳсули «ақли солим» набуда, балки дар натиҷаи эҳтиёҷоти амалии инсон ба вуҷуд омада, дар натиҷаи фаъолияти зеҳниву амалии инсон тӯли асрҳо ташаккул ёфтааст. Мо бояд ба донишҷӯён фаҳмонем, ки мафҳумҳои геометрӣ ҳам дар асоси зиддиятҳои дохилӣ, дар заминаи амалия, бо рушди ҷомеаи инсонӣ тағйир ва инкишоф меёбанд, яъне ба эшон роҳи диалектикии инкишофи геометрияро фаҳмонидан зарур аст.

Маълумот оид ба инкишофи геометрияро дар давраҳои ҷудогонаи таърихӣ дохил намуда, қувваҳои таҳрикдиҳандаро дар рушди илм, таъсири шароити ҷамъиятиву иқтисодиро ба инкишофи геометрия маънидод кардан имконпазир мебошад. Масалан, тараққиёти пуравҷи истеҳсолот ва савдо дар асрҳои XIV-XV ба инкишофи геометрия (ҳандаса) ва астрономия дар Осиёи миёна (марказаш шаҳри Самарқанд) мусоидат намуд [3, с. 197].

Шогирдон ҳам бояд ба робитаи байни истеҳсолот ва илм диққати ҷиддӣ диҳанд. Онҳо бояд фаҳманд, ки истеҳсолот барои рушди илму техника дари имкониятҳоро боз мекунад, талаботи нав пешниҳод менамояд, пояи моддӣ ташкил медиҳад ва аз ҷониби дигар худаш низ дар асоси дастовардҳои илмӣ инкишоф меёбад. Талаботи илмҳои дигару техникаро ба инобат гирифта, зарурате ба миён омад, ки геометрия масъалаҳои навро ҳал кунад, методҳои нави ҳалли масъалаҳоро, ки худи геометрияро низ ғанӣ мегардониданд, ба вуҷуд оварад.

3. Истифодаи маводи таърихӣ барои фаҳмонидани мантиқи инкишофи геометрия. Фақат дар сурати васеъ истифода кардани таърихи геометрия мантиқи инкишофи онро дуруст ва оқилона фаҳмонидан имконпазир аст. Барои фаҳмидани он, ки чаро дар курси геометрия ин ё он мафҳуму назарияҳоро меомӯзанд, фақат ба худи мантиқи фан назар афкандан кофӣ нест. Барои ин истифодаи маводи таърихӣ доир ба таърихи ин мафҳуму назарияҳо мувофиқи матлабанд.

4. Истифодаи мааводи таърихӣ барои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ дар дарсҳои геометрия. Солҳои охир самаранокии истифодаи ғояҳои таълими проблемавӣ ба таври эътимодбахш собит шуд. Асоси таълими проблемавиро дар ҷараёни таълим ба вуҷуд овардани вазъиятии проблемавӣ ташкил медиҳад, ки ҳалли он боиси хуб азхуд кардани донишҳо, малакаву маҳоратҳо мебошад. Одатан вазъияти проблемавӣ бо роҳи ба донишҷӯён пешниҳод кардани ҳалли ягон масъала ба вуҷуд оварда мешавад, вале дар як қатор мавридҳо

истифода бурдани баъзе далелҳои таърихи илм боиси ба вуҷуд омадани вазъияти проблемавӣ мегардад [6].

Яке аз мисолҳои истифодаи маводи таърихиро дар таълими геометрия муоина мекунем.

Омӯзгор ба шогирдон маълумот медиҳад, ки то нимаи дуюми асри XIX ҳамаи математикҳоро одатан муҳандисон (геометриядонҳо) меномиданд ва исботи тамоми теоремаҳо, ҳатто агар хусусияти соф алгебравӣ дошта бошад ҳам, онҳо дар шакли геометрӣ баён мекарданд. Сипас, омӯзгор ба донишҷӯён чунин савол пешниҳод менамояд: Чаро ин тавр буд? Сабаби чунин ҳолат дар математикаи ҳамон замон чист?

Бо ҳамин омӯзгор вазъияти проблемавиро ба вуҷуд меорад, ки ҳалли он боз ҳам истифодаи васеи маводи таърихиро тақозо менамояд.

Масалан, ба донишҷӯён чунин нақл кардан мумкин аст. То асри VI пеш аз милод ҳам геометрияву ҳам арифметика инкишоф ёфтаанд. То ин вақт аксар хосиятҳои шаклҳои (фигураҳои) геометрӣ, тарзҳои сохтани онҳо, инчунин аксари хосиятҳои ададҳои том ва касрӣ, тарзҳои амалҳо бо онҳо, тарзҳои ҳалли масъалаҳо аллакай маълум буданд.

Дар асри VI то милод математики Юнони қадим Пифагор мактаби математикии худро ташкил карда буд, ки дар он ададҳо худо дониста мешуданд. Ба ададҳо хусусиятҳои тасаввуфиро нисбат медоданд, бо ёрии онҳо кӯшиш мекарданд, ки бисёр ҳодисаҳо, ҳатто дӯстӣ, камолот ва ғайраҳоро шарҳ диҳанд. Чӣ тавре ки муаррихон шаҳодат медиҳанд, дар ҳамин мактаби математикӣ чунин ихтирооте карданд: гӯё порчае мавҷуд будааст, ки дарозии онро бо ҳеҷ як адади дар ҳамон давру замон маълум (яъне на бо адади том, на бо адади касрӣ) ифода кардан ғайриимкон будааст. Ин кашфиётро, чӣ тавре ки дар афсонаҳо нақл мекунанд, пифагорчиҳо кӯшиш мекардаанд, ки махфӣ нигоҳ доранд, вале бо вуҷуди ин кадом як пифагорчии ҷавон Иппас сирро пинҳон дошта натавонистаасту онро паҳн кардааст. Ин кашфиёт дар бобати таълимот оид ба ададҳо нақши фалокатовар бозид: аз ҳамон вақт математикон ба исботи ададӣ бовар намекардагӣ шуданд ва ҳар гуна далелҳоро мекӯшиданд ба забони геометрӣ гардонанду геометрӣ исбот кунанд. Фақат дар нимаи дуюми асри XIX, вақте ки назарияи ҷиддии математикии ададҳо (аз он ҷумла, ҳамонҳое, ки бо ёрии онҳо порчаҳои дарозиашон ба адади бутун ва ё ба адади касрӣ баробар нестанд, чен карда мешаванд) ба вуҷуд оварда шудаанд, ба нобоварӣ ба исботи ададӣ хотима дода шуду ҳоло ҳамаи инҳо дар баробари геометрия аз тарафи умум шинохта шудаанд.

Ба чунин тарз истифода кардани маводи таърихӣ барои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ барои аксари мавзӯъҳои барномавии геометрия имконпазир аст ва ҳамзамон чунин вазъиятҳои проблемавиро шогирдон беҳтар мефаҳманд.

5. Истифодаи маводи таърихӣ барои дар донишҷӯён ташаккул додани шавқу ҳавас ба омӯзиши геометрия. Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои тарбия намудани шавқу ҳавас ба омӯзиши геометрия - ин дар ҷараёни таълими фан истифода кардани маводи таърихӣ мебошад. Ин барои донишҷӯён аҳамияти махсус дорад. Бо саҳми бузурги мутафаккирони тоҷику форс дар инкишофи геометрия шинос намудани донишҷӯён бешубҳа асоси пайдо шудани шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши илм мебошад. Чунончи, баъзан ҳатто якчанд сухан дар бораи ҳаёту фаъолияти илмии яке аз чунин мутафаккирон, ки дар сарзамини мо зиндагӣ кардааст, хоҳиши бо ҳаёт ва фаъолияти ин олим аз наздик шинос шудани шогирдонро бедор мекунад ва ин ё он мавзӯи барномавии геометрияро пурраву амиқтар меомӯзанд. Бо ин роҳ донишҷӯёнро ба машғулиятҳои берунисинфӣ аз геометрия ҷалб намудан имконпазир мегардад.

Ҷавобҳои донишҷӯён низ ба саволҳои зерин инро тасдиқ менамоянд: Таърихи геометрия ба таълими он чӣ таъсир (ё аҳамият) дорад? Шумо ба геометрия кай шавқу ҳавас пайдо кардед? Масалан, донишҷӯе чунин ҷавоб навиштааст: «Ман ба геометрия аз синфи VI шавқу ҳавас пайдо карда будам. Дар ин синф ба мо муаллими хеле пурқуввату соҳибтаҷриба дарс медод. Вай дар бораи таърихи инкишофи илми геометрия дар мамлакатҳои гуногун нақлҳои ҷолиб мекард. Дар машғулиятҳои берунисинфӣ мо дар бораи олимони бузурги соҳаи геометрия Евклид, Нютон, Абӯрайҳони Берунӣ, Ал-Хоразмӣ ва дигарон, дар бораи кашфиёти аҷоиби мутафаккирони тоҷику форс маърӯзаҳои ҷолиб мешунидем. Дар маҳфили математикии муассисаи таълимиамон мо масъалаҳои аҷоиби зиёдеро, ки ҳанӯз дар давраҳои қадим маълум буданд, муоина намуда ҳал мекардем. Ана, аз ҳамон вақт ман ба фанни геометрия шавқу ҳавас пайдо намудам. Дар овони донишҷӯӣ ман таърихи математикаро омӯхта донистам, ки олимони осиёимиёнагии мо ҳам хеле асарҳои барҷаста таълиф намуда, ба хазинаи илми ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд ва дар ман ҳисси ифтихор ба халқи худам эҳё шуд. Албатта, он донишҳое, ки ман дар Донишгоҳ андӯхтам, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ азхуд карда наметавонистам. Ҳоло боварӣ дорам, ки омӯзгор бояд донишҷӯёнро ба фанни худаш шавқманд гардонида, онро на фақат дар ҳаёти имрӯза татбиқ карда тавонад, балки таърихи ин фанро хуб донад».

6. Истифодаи маводи таърихӣ барои дар донишҷӯён тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва башардӯстӣ. Дар шароити имрӯза, ки давлати мустақили тоҷиконро беш

аз 180 давлати ҷаҳон расман шинохтааст, дар рӯҳияи ватандӯстиву башардӯстӣ тарбия намудани ҷавонон махсусан аҳамияти калон пайдо мекунад. Якум, дар Ҷумҳурии мустақили мо намояндагони халқу миллатҳои гуногун иқомат доранд ва ҳаёти дохилии халқи Ҷумҳурӣ торафт бештар бо интернатсионаликунонии бузург тавсиф меёбад. Дуюм, Ҷумҳурии мо ҳамчун давлати мустақил бо давлатҳои дигар ҳамкорӣ мекунад ва дар доираи низоми ҷаҳонӣ раванди ташаккулёбии муносибатҳои байни Ҷумҳурии мо ва дигар давлатҳо, инчунин миллати мо бо дигар миллатҳо ба амал меояд. Бинобар ин, кори фаъолона бобати дар рӯҳи ватандӯстӣ ва башардӯстӣ, дар рӯҳияи дӯстии халқҳо ва нағз фаҳмидани вазифаи интернатсионалии худ тарбия намудани ҷавононон муҳим аст.

Муассисаҳои таҳсилоти олии педагогиву омӯзгор дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон нақши калон доранд. Ҳамаи фанҳои таълимӣ дар инкишофи ҳиссиёти ватандӯстии донишҷӯён мавқейи муайяне доранд. Аз ҷумла геометрия ҳам, ки аҳамияти бузурги таълимию тарбиявӣ дорад, дар шуури донишҷӯён ғояҳои ватандӯстӣ, халқдӯстӣ, ифтихормандӣ ва ҳисси миллатдӯстӣ мепарварад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар раванди таълими геометрия бояд ҳар як омӯзгор ба ин ҷиҳати тарбия диққати ҷиддӣ диҳад. Яке аз роҳҳои самарабахши дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия намудани донишҷӯён – ин шинос намудани онҳо ба таърихи тараққиёти геометрия дар Ҷумҳурӣ, шинос намудани онҳо бо корҳои илмии олимони тоҷик доир ба геометрия мебошад, зеро дар Тоҷикистони мо шахсоне, ки бо меҳнати ҳалоли худ ба тараққиёти илми ватанӣ ибтидо гузошта, шараф ва шӯҳрати ватани моро дар миқёси ҷаҳон баланд бардоштаанд кам нестанд ва мо ҳақ дорем, ки бо чунин фарзандони фарзонаи миллати худ фахр намоем.

Дар баробари ин бо далелҳои возеҳи ҳаёти олимони бузург шинос намудани шонирдон имкон медиҳад, дар онҳо чунин хислатҳоро тарбия намоем, ки ба ҳар як кор шавқу завқи беандоза дошта, тамоми ҳаёти худро ба он бахшанд. Ба ватани азизи худ манфиат оваранд ва ҳамзамон дар худ меҳнатдӯстӣ, сабурӣ, таҳаммулпазирӣ, пуртоқатиро барои комёб шудан ба мақсадҳои дар наздашон гузошташуда, кӯшиши ба одамон беғаразона некӣ карданро талқин намоянд.

7. Дар таълими геометрия бевосита истифода кардани маводи таърихӣ. Ин принсипи чунин маъно дорад, ки маводи таърихӣ бояд дар курси геометрияи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ на ҳамчун маводи иловагӣ, балки чун маводи ба мавзӯи барномавии омӯхташаванда алоқаманд, дохил карда шавад. Дар курси геометрия ягон мавзӯъ ва ё боби махсуси ба таърихи фанни мазкур бахшидашударо дохил кардан лозим нест. Маводи таърихи геометрия истифода карда мешаванд, чунки мақсад ва мазмуну мӯҳтавои мавзӯи омӯхташаванда истифодаи маводи таърихиро тақозо менамоянд.

Ин ҷо ҳолати зеринро зикр намудан лозим аст. Масъала аз он иборат аст, ки мақсад ва мазмуну мундариҷаи мавзӯи омӯхташавандаи барномавӣ оё истифодаи маводи таърихии ба ин мавзӯъ бевосита ва ё бавосита алоқамандро тақозо мекунад ё на? Ин масъала шояд он қадар содда набошад ва бо тарзҳои гуногун ҳал карда шавад.

Мутаассифона, аксари омӯзгорон, на танҳо эшон, балки методистон, муаллифони китобҳои дарсӣ ин масъаларо тавре ҳал менамоянд, ки маводи таърихӣ дар бештари муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз доираи таълими геометрия берун мондаанд. Онҳо асосан дар имтиҳонот ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ба назар гирифта мешаванд, ки донишҳои донишҷӯён аз таърихи геометрия ба талаботи ҳатмии имтиҳонот дохил намешаванд.

Дар заминаи он комилан равшан аст, ки маводи таърихиро васеъ истифода накарда, ҳамаи мақсадҳои таълиму тарбияро ҳангоми омӯзиши геометрия амалӣ гардонидан, аз имкон берун аст. Барои он ки ин ақида барои омӯзгорони математика (геометрия) ҳатмӣ гардад, дар байни онҳо мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидан зарур аст. Албатта, ба омӯзгорон тавассути таҳияи дастурҳои методиву таълимӣ, мақолаҳову тавсияҳои методӣ, методӣ хондани лексияҳо ёрӣ расонида даркор аст, то ки онҳо принсипи дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихиро дар кори ҳаррӯзаашон татбиқ карда тавонанд.

8. Истифода кардани осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими геометрия. Ин принсип фақат ба методикаи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Ин чунин маъно дорад, ки дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истифодаи маводи таърихӣ дар таълими геометрия осори илмии мутафаккирони тоҷику форсро афзалтар донистан даркор аст. Принсипи мазкур ҳангоми ҳатман ба инобат гирифтани тамоми принсипҳо фавқуззикр, алалхусус принсипи якум татбиқ мегардад. Чунинанд, ба андешаи мо, принсипҳои методии асосӣ, ки дар заминаи онҳо маводи таърихӣ дар таълими геометрия истифода карда мешаванд.

Акнун муоина мекунем, ки роҳҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ кадомҳоянд? Дар асоси омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, маъхазҳои таърихӣ, матбуоти даврии педагогӣ ва амалияи таълими геометрия дар

муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ роҳҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихиро ба тариқи зайл пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Роҳи асосии истифода кардани маводи таърихи геометрия ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳо, фаслҳо ва масоили ҷудогонаи курси геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз рӯйи принсипҳои фавқуззикр мувофиқи нақша тақвимӣ-мавзӯӣ дохил намудани онҳо мебошад.

Барои ин ҳар як омӯзгори геометрия нақшаи тақвимиро аз рӯйи барномаи таълим барои соли таҳсили оянда (ва ё барои чоряки нимсолаи таҳсил) тартиб дода, бояд дар он тарзи истифодаи маводи таърихиро пешакӣ нишон диҳад.

Таҷрибаи кори мо нишон медиҳад, ки маводи таърихиро дар дасрҳои геометрия тавассути васоити зерин истифода кардан имконпазир аст (Барои таҳияи воситаҳои мазкур мо аз [1, 2, 7, 8, 9, 10] истифода кардем):

- нақли омӯзгор доир ба ягон далелу воқеаҳои таърихӣ, дар бораи ягон олим;
- сӯҳбати омӯзгор бо донишҷӯён оид ба маводи таърихӣ, ки ба онҳо аз дарси гузашта маълум ва ё аз китоби дарсӣ ё ягон манбаи дигар хондаанд;
- маърӯзаҳои донишҷӯён ва муҳокимаи онҳо дар дарсҳои геометрия, ки аз рӯйи дастурҳо, китобҳои мавҷуда ва ё маъхазҳои дигар тайёр кардаанд;
- ҳалли масъалаҳои мазмуни таърихидошта бо шарҳи зарурии омӯзгор;
- намоиши расмҳои олимон, нақшаҳо, овезаҳо, ҷадвалҳо, диапозитивҳо бо тасвири маводи таърихӣ ва ғайраҳо.

2. Ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруниаудиторӣ аз геометрия оид ба шинос кардани донишҷӯён ба таърихи ин фан, ки аз рӯйи мундариҷаи худ бо мавзӯъҳои китоби дарсӣ, ки дар аудитория гузаронида мешаванд, на он қадар алоқаманданд. Чунин машғулиятҳо дар шаклҳои мухталиф ташкилу гузаронида мешаванд.

Чунинанд, ба андешаи мо, принсипҳо ва методҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ.


**АДАБИЁТ**

1. Абдулакимова Ҷ.А. Методикаи истифодаи маводи таърихӣ дар ҷараёни таълими математика дар донишгоҳҳои тамоюли омӯзгорӣ (дар мисоли ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров). Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ. – Бохтар, - 47 с.
2. Бабаев Н.М. Развитие математики и математического образования в связи с развитием астрономии на Среднем и Ближнем Востоке в XV-XVIII вв. Автореферат дис. … канд. пед. наук. – Душанбе: 1968, - 22 с.
3. Гуломов И. Воспитание научно-материалистического мировоззрения студентов в процессе обучения курса «История и методология математики» // В матер. Межд. конф. посвящ. 1025 – летию Абу Али ибн Сина (Авиценны) и 100–летию специальной теории относительности А. Эйнштейна. Курган-Тюбе, 2005. – с. 195-197.
4. Кодиров Б.Р. Развитие идеи обучения математике на основе средневековых педагогических воззрений мыслителей Востока. Дисс. … канд. пед. наук. – Душанбе: 2001. - 148 с.
5. Комили Абдулхай. Луғати мухтасари риёзиёти Шарқи исломӣ. – Душанбе: Нодир, 2010. – 48 с.
6. Методика преподавания математики в средней школе: Общая методика / Составители: Р.С.Черкасов, А.А. Столяр. - М.: Просвещение, 1985. – 336с.
7. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы системы методической подготовки учителя математики в педвузе. – М.: Прометей, 1999. – 247 с.
8. Шерматова У.К. Использование элементов историзма в обучении математике в школах Среднеазиатских советских республик. Автореферат дис. … канд. пед. наук. Ташкент, 1978, - 20 с.
9. Шерматова У.К., Фридман Л.М. Истифодаи элементҳои таърихи математикаи Осиёи Миёна дар таълими математика. – Душанбе: Маориф, 1986, - 72 с.
10. Юшкевич А.П. История математики в средние века. М.: Физматгиз, 1961. – 448 с.


## ПРИНСИПҲО ВА МЕТОДҲОИ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ ИСТИФОДА КАРДАНИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ

*Принсипҳои асосии дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ бевосита аз асосҳои методологии дар таълими математика истифода намудани маълумоти таърихӣ бармеоянд. Принсипҳои методии умумии дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихиро ба тариқи зайл пешниҳод намудан мумкин аст:*

*1. Ба матни мавзӯи дахлдори барномавии геометрия дохил намудани маводи таърихӣ.*

*2. Принсипи дар донишҷӯён ташаккул додани фаҳмиши илман асосноккардашуда, диалектикию материалистии пайдоиш ва инкишофи геометрия ҳамчун илм.*

*3. Истифодаи маводи таърихӣ барои фаҳмонидани мантиқи инкишофи геометрия.*

*4. Истифодаи маводи таърихӣ барои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ дар дарсҳои геометрия.*

*5. Истифодаи маводи таърихӣ барои дар донишҷӯён ташаккул додани шавқу ҳавас ба омӯзиши геометрия.*

*6. Истифодаи маводи таърихӣ барои дар донишҷӯён тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва башардӯстӣ.*

*7. Дар таълими геометрия бевосита истифода кардани маводи таърихӣ.*

*8. Истифода кардани осори илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими геометрия.*

*Методҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихиро ба тариқи зайл пешниҳод намудан мумкин аст:*

*1. Методҳои истифода кардани маводии таърихи геометрия ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳо, фаслҳо ва масоили ҷудогонаи курси геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз рӯйи принсипҳои фавқуззикр мувофиқи нақшаи тақвимӣ дохил намудани онҳо мебошад.*

*2. Ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруниаудиторӣ аз геометрия оид ба шинос кардани донишҷӯён ба таърихи ин фан, ки аз рӯйи мундариҷаи худ бо мавзӯъҳои китоби дарсӣ, ки дар аудитория гузаронида мешаванд, на он қадар алоқамананд. Чунин машғулиятҳо дар шаклҳои мухталиф ташкилу гузаронида мешаванд.*

***Мақсади таҳияи мақола*** *дар асоси омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, маъхазҳои таърихӣ, матбуоти даврии педагогӣ ва амалияи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ пешниҳод кардани принсипҳо ва методҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ.*

***Натиҷаҳои тадқиқотро*** *устодони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар амалияи кори хеш татбиқ намуда, барои баланд гардидани сатҳу сифати дониши донишҷӯёну хонандагон заминаи мусоид фароҳам меоранд.*

***Калидвожаҳо:*** *принсипҳои методӣ, геометрия, барномаи таълим, китобҳои дарсӣ, маводи таърихӣ, далелҳои таърихӣ, таърихи геометрия, вазъияти проблемавӣ, шаклҳои геометрӣ, шавқу ҳавас, мутафаккирони тоҷику форс, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, башардӯстӣ, осори илмӣ, нақшаи тақвимӣ, ҳалли масъалаҳо, машғулиятҳои берунисинфӣ.*

## ПРИНЦИПЫ И МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИСТОРИЧЕСКОГО МАТЕРИАЛА В ОБУЧЕНИИ ГЕОМЕТРИИ

*Основные принципы использования исторического материала в обучении геометрии непосредственно вытекают из методологических принципов использования исторических сведений в обучении математике. Общие методические принципы использования исторического материала в преподавании геометрии можно представить следующим образом:*

*1. Введение исторического материала в текст соответствующего программной темы по геометрии.*

*2. Принцип формирования у студентов научно обоснованного, диалектико-материалистического понимания происхождения и развития геометрии как науки.*

*3. Использование исторических материалов для объяснения логики развития геометрии.*

*4. Использование исторического материала для создания проблемной ситуации на уроках геометрии.*

*5. Использование исторических материалов для развития у студентов интереса к изучению геометрии.*

*6. Использование исторических материалов для воспитания у учащихся чувств патриотизма, национальной гордости и гуманизма.*

*7. Непосредственное использование исторического материала в преподавание геометрии.*

*8. Использование научных наследий таджикско-персидских мыслителей в обучении геометрии.*

*Методы использования исторического материала в преподавание геометрии можно предложить таким образом:*

*1. Методика использования материалов по истории геометрии при изучении тем, разделов и отдельных вопросов курса геометрии в СОУ, основываясь на вышеуказанных принципах, нужно использовать в соответствии с календарно-тематическим планом.*

*2. Организация и проведение внеаудиторных занятий по геометрии для ознакомления студентов с историей данного предмета, которые по своему содержанию не так уж связаны с темами учебника, которые преподаются на уроках. Такие занятия организуются и проводятся в различных формах.*

***Цель статьи*** *- представить принципы и методы использования исторических материалов в преподавание геометрии на основе изучения научной, методической, педагогической, психологической литературы, исторических источников, периодической педагогической печати и практики преподавания геометрии в ВУЗах.*

***Результаты исследования*** *применяются преподавателями педагогических ВУЗов и учителей средних общеобразовательных учреждений в своей практической деятельности и создают благоприятную основу для повышения уровня и качества знаний студентов и учащихся.*

***Ключевые слова:*** *методические принципы, геометрия, учебная программа, учебники, исторические материалы, исторические факты, история геометрии, проблемная ситуация, геометрические фигуры, интерес, таджикско-персидские мыслители, патриотизм, национальная гордость, гуманизм, научные труды, календарный план, решение задач, внеклассные занятия.*

## PRINCIPLES AND METHODS OF USING HISTORICAL MATERIAL IN TEACHING GEOMETRY

*The basic principles of using historical material in teaching geometry directly follow from the methodological principles of using historical information in teaching mathematics. The general methodological principles for the use of historical material in the teaching of geometry can be represented as follows:*

*1. Introduction of historical material into the text of the corresponding program topic in geometry.*

*2. The principle of forming a scientifically grounded, dialectical-materialistic understanding of the origin and development of geometry as a science among students.*

*3. The use of historical materials to explain the logic of the development of geometry.*

*4. Using historical material to create a problem situation in geometry lessons.*

*5. The use of historical materials to develop students' interest in the study of geometry.*

*6. The use of historical materials to instill in students feelings of patriotism, national pride and humanism.*

*7. Direct use of historical material in the teaching of geometry.*

*8. The use of scientific heritage of Tajik-Persian thinkers in teaching geometry.*

*Methods for using historical material in the teaching of geometry can be suggested in the following way:*

*1. The methodology for using materials on the history of geometry in the study of topics, sections and individual issues of the course of geometry in SOU, based on the above principles, must be used in accordance with the calendar and thematic plan.*

*2. Organization and conduct of extracurricular classes in geometry to familiarize students with the history of this subject, which in their content are not so related to the topics of the textbook that are taught in the classroom. Such classes are organized and conducted in various forms.*

***The purpose of the article*** *is to present the principles and methods of using historical materials in the teaching of geometry based on the study of scientific, methodological, pedagogical, psychological literature, historical sources, pedagogical periodicals and the practice of teaching geometry in universities.*

***The results of the study*** *are used by teachers of pedagogical universities and teachers of secondary educational institutions in their practical activities and create a favorable basis for improving the level and quality of knowledge of students and pupils.*

***Keywords:*** *methodological principles, geometry, curriculum, textbooks, historical materials, historical facts, history of geometry, problem situation, geometric figures, interest, Tajik-Persian thinkers, patriotism, national pride, humanism, scientific works, calendar plan, problem solving, extracurricular activities.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Норов Раҷабалӣ Саломович****-муаллими калони кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Телефон: 915251453.*

***Сведение об авторе:***

***Норов Раджабали Саломович*** *- старший преподаватель кафедры методика преподования математика Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина АйниАдрес: Республика Таджикистан,.Телефон: 915251453*

***About the author:***

***Norov Rajabali Salomovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Mathematics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: Republic of Tajikistan. Tell: 915251453*

# ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВА ҲИФЗИ САЛОМАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Самиев С.Ф.***
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Ҷавонон-донишҷӯён яке аз гурӯҳҳои муҳимтарини гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар сохтори ҳар гуна ҷомеаи рушдёфта маҳсуб ёфта, суръати баланди иҷтимоию иқтисодии рушди кишварро таъмин намуда, ба дараҷаи назаррас ояндаи онро муайян мекунанд. Дар назарияи муосири тарбияи ҷисмонӣ масъала на дар бораи тарбияи "ҷисмонӣ", балки дар бораи тарбияи "тарбияи ҷисмонӣ"-и инсон гузошта мешавад ва дар ин робита, қайд кардан зарур аст, ки дар калимаи "ҷисмонӣ" ба таври анъанавӣ таъкид ба ҷанбаи ҳаракатӣ–биологӣ карда мешавад. Дар истилоҳи "тарбияи ҷисмонӣ" бошад, мафҳуми "тарбия", яъне тарбия аз тариқи фарҳанг, тавассути азхудкунии нерӯи арзишӣ ва имкониятҳои рушддиҳанда, меъёрҳои ахлоқӣ, усулҳои фаъолияти он ҳузур дорад. Нерӯи фарҳанги ҷисмониро арзишҳои хусусияти маърифатӣ, ҳаракатӣ, технологӣ, интенсионӣ ва сафарбаркунанда ташкил медиҳанд, ки барои азхудкунии онҳо шароити оптималӣ дар доираи тарбияи шахсият–меҳвари ҷисмонӣ эҷод карда мешаванд [1, С. 19-22]. Дар ҷомеаи муосир омодасозии ҷисмонии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии унсури таркибии раванди таълими тарбиявӣ, яъне кисми муҳими ташаккули фарҳанги умумӣ ва касбии шахсият дар маҷмӯъ маҳсуб меёбад.

Мақсади тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ташаккул додани омодагии ҷисмонӣ, қобилияти мақсаднок истифода бурдани воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ барои ҳифз ва таҳкими саломатӣ, омодагии психикию ҷисмонӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ, ташаккули мавқеи фаъоли иҷтимоӣ дар донишҷӯён дониста мешавад. Вазифаи афзалиятноки иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таълими донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ таъмини фаъолнокии таълимию меҳнатӣ ва сатҳи баланди қобилияти корӣ, бевосита баъди хатм кардани муассисаи таҳсилот мебошад. Зарурати тарбияи ҷисмонӣ ва такмил додани саломатии донишҷӯён на танҳо бо дархостҳо ва ҳуқуқҳои шахсияти донишҷӯ, балки инчунин бо шароити доимо тағйирёбанди фаъолияти ҳаётӣ, "фармоиши иҷтимоӣ"-и ҷомеа барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос муайян шудааст [11].

Тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои зерини иҷимоиро иҷро мекунад:

1. **ташаккулдиҳанда – созанда**, ки азхудкунии сатҳи муайяни рушди ҷисмонӣ, омодагӣ ва рушди шахсият дар маҷмӯъ, таҳкими саломатии он, омодасозӣ ба фаъолиятро дар соҳаи касбӣ таъмин менамояд;
2. **ҳамгиросозанда – ташкилӣ**, ки ба ҳамгиросозии донишҷӯён ба гурӯҳҳо, дастаҳо бо мақсади фаъолияти муштараки тарбияи ҷисмонию варзишӣ нигаронида шудааст;
3. **лоиҳавӣ – эҷодӣ**, ки рушди қобилиятҳоро барангехта, худшиносӣ, худрушддиҳиро амалӣ гардонида, шароитро барои рушди қобилиятҳои фардӣ муҳайё месозад.
4. **лоиҳавӣ – пешбиникунанда**, ки имконияти баланд бардоштани донишмандии донишҷӯён дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, истифодаи фаъоли донишҳо дар фаъолияти тарбияи ҷисмонию варзишӣ ва қиёс кардани ин фаъолиятро бо категорияҳои мубрами касбӣ фароҳам меорад;
5. **арзишӣ – тамоюлдиҳанда**, ки дар раванди самтҳои касбӣ ва шахсиятӣ – арзишӣ ташаккул меёбанд;
6. **иртиботӣ – танзимкунанда**, ки раванди рафтор, муошират, ҳамкории фарҳангии ҷонибҳои фаъолияти тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ташкили фароғати босифатро инъикос карда, ба ҳолатҳо, эҳсосоти гурӯҳӣ, қонеъгардонии талаботҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва эҳсосотию зебоишиносӣ, ҳифз ва навсозии ҳолати психикӣ, инчунин дур кардани худ аз ҳар гуна одатҳои бад; иҷтимоишавии доничшӯ таъсир мерасонад [5].

Тарбияи ҷисмонии амалӣ ба баланд бардоштани сатҳи қобилияти умумии кории донишҷӯ, баланд бардоштани сатҳи сифатҳои ҷисмонӣ нигаронида шудааст. Татбиқи омодасозии амалии ҷисмонӣ ба сифати амалияи тарбияи ҷисмонии донишҷӯён ба: кӯтоҳ шудани муҳлатҳои мутобиқшавии касбӣ, баланд шудани маҳорати касбӣ; ноил шудан ба қобилияти баланди корӣ ва маҳсулнокии меҳнат; баланд шудани маснуният ба бемориҳо; коҳиш ёфтани осебҳои истеҳсолотӣ мусоидат мекунад [9, С. 34-36].

Вазифаҳои асосии тарбияи ҷисмонии амалӣ аз инҳо иборат мебошанд:

– азхуд кардани донишҳо ва маҳоратҳои махсус барои истифода дар омодашавии касбии худ;

– ташаккул додани маҳоратҳо ва малакаҳои зарурии ҳаракатӣ;

– тарбияи самтдодашудаи сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳими ҷисмонӣ, сифатҳои психикӣ ва хислатҳои шахсият;

– тарбияи сифатҳои махсус, ки ба баланд шудани устувории бадан ба таъсироти шароити махсуси фаъолияти меҳнатӣ: сардӣ ё гармӣ, гипокинезия ва ғайра мусоидат мекунанд.

Истифодаи мунтазами воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ (машқҳои ҷисмонӣ, воситаҳои солимгардонӣ ва чорабиниҳои беҳдоштӣ) ба бадан ва саломатии донишҷӯ таъсири мусбат мерасонад. Тарбияи ҷисмонӣ омили ҳалкунанда дар таъмини қобилияти кории баланди ҳаётии донишҷӯён маҳсуб меёбад. Фаъолнокии ҷисмони одам омили асосӣ ва ҳалкунандаи ҳифз ва таҳкими саломатӣ, воситаи беназири пешгирии бемориҳо ва коҳиш додани равандҳои пиршавии бадан мебошад. Аксарияти таҳқиқотҳои анҷомёфта аз тасъироти мусбати машқҳои ҷисмонӣ ба дастгоҳи такягоҳию ҳаракатӣ, қадду баст дар маҷмӯъ, низомҳои марказӣ ва вегетативии асаб, хунгардӣ, нафаскашӣ, ҷудо шудани балғам, метаболизм, ғадудҳои дохилӣ шаҳодат медиҳанд.

Хеле муҳим аст дар донишҷӯён ба машғул шудан бо тарбияи ҷисмонӣ ва ба тарзи ҳаёти солим ҳавасмандӣ ташаккул дода шавад. Барои ин омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ бояд салоҳиятнок, муоширатнок, донишманд буда, тарзи ҳаёти солимро риоя кунад. Омӯзгор бояд донишҷӯёнро ба нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим ҳавасманд гардонад, то ки худи таълимгиранда ба ин майлу хоҳиш пайдо кунад. Чунин таъсирро ба ҷаҳонбинии доишҷӯ вақте расонидан мумкин аст, ки агар педагог усулҳои психологиро хуб дониста, онҳоро дуруст истифода барад. Омӯзгор зимни кор бо донишҷӯён бояд дорои ҳисси ҳамдардӣ (эмпатия) бошад, яъне ӯ ҳолати эҳсостии донишҷӯро муайян карда, ба ӯ ҳамдилӣ зоҳир карда, ӯро дастгирӣ карда тавонад [14, С. 211-216].

Унсури хеле муҳим ҳангоми ташаккул додани ҳавасмандии донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим гузориши дурусти мақсад ва вазифаҳо шуморида мешавад. Ҳангоми риоя кардани чунин унсурҳо ба ҳар як донишҷӯ ва на ба тамоми гурӯҳ дар маҷмӯъ самтгирӣ кардан муҳим аст. Зеро ҳар як одам хусусиятҳои фардии худро дошта, маҳз аз ҳамин принсипи умумипедагогии муносибати инфиродӣ иборат мебошад [16, С. 58-69]. Аз ин рӯ, мақсад барои худи донишҷӯ бояд хеле муҳим бошад ва агар ӯ ба дастёбӣ ба ин мақсад ҳавасманд набошад, ҳар гуна фаъолият камсамар хоҳад буд.

Ҳавасмандии донишҷӯро бо усулҳои гуногун, масалан, бо тақсимоти дурусти машғулиятҳо ва гуногунии шаклҳо ва методҳои истифодашуда; таҳсин; иштирок дар олимпиадаҳо ва бозиҳои гуногун; нишон додани афзалиятҳои шахсияти донишҷӯ дастгирӣ кардан зарур аст. Донишҷӯ ба натиҷаи самаранок зимни ҳавасмандии дуруст ва дарки маънавии муҳимияти тарзи ҳаёти солим ноил мешавад.

Омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз истилоҳот дуруст бохабар буда, методологияи машғулиятҳо, маводи дидактикиро хуб донад. Зимни ташкили дурусти машғулияти таълимӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ таваҷҷуҳи донишҷӯён, фаъолнокӣ ва хоҳиши дуруст иҷро кардани машқ ва ба ин васила хоҳиши тарзи ҳаёти солим низ баланд мешаванд [8, С. 271-273].

Г.В. Усков қайд мекунад, ки реҷаи меҳнат ва истироҳат, хусусияти ғизо, сатҳи фаъолнокии ҳаракатӣ ва як қатор омилҳои дигаре, ки ба саломатии инсон таъсир мерасонанд, қобили қабули навсозӣ ва ислоҳ мебошанд. Мутаассифона, бояд зикр кард, ки фаъолнокии ҷавонон дар амри ҳифз ва таҳкими саломатии худ имрӯз дар сатҳи ҳадди ақал қарор дорад. Дар миёни донишҷӯён чунин ақидаи дурӯғин дар бораи он ташаккул ёфтааст, ки саломатии хуб бо синну соли ҷавон кафолат дода шуда, вайроншавиҳои ҷиддии реҷаи ғизо ва истироҳат, майлу рағбат ба одатҳои зарарнок, камбудии фаъолнокии ҳаракатӣ ва гиподинамия ба саломатӣ дар солҳои минбаъда таъсири назарраси манфиро намерасонанд.

Дар тайи 30–40 соли охир, ба ақидаи М.И. Попичев [12, С. 71-75], низоми устувории инсон ба таври назаррас заиф гардидааст. Бинобар ин, барои беҳтар кардани вазъи саломатӣ дар шароити он муҳите, ки инсон имрӯз дар он умр ба сар мебарад, зарур аст, ки тарзи ҳаёти мавҷуда тағйир дода шуда, ғизои дуруст истеъмол карда, нафас кашида, ҳаракат намуда, ба худ сарбориҳои ҷисмониро муносиб донисти, ташхиси ҳолати низомҳо ва узвҳои ҳаётан муҳим гузаронида шавад. Дар шароити муосир барои ҳар як инсон низоми илман асоснокшудаи фаъолияти ҳаётӣ зарур аст, ки аз ҷумла ба ҳифзи саломатӣ нигаронида шудааст. Ҳифзи саломатии ҷисмонӣ, психикӣ ва иҷтимоии донишҷӯёни муосир дар шароити ташаккулёфта ташкили низоми махсугардонидашудаи ташаккул, рушд ва ҳифзи саломатиро талаб мекунад, ки бояд ба муносибатҳои нави илмӣ ба ташаккули фарҳанги саломатӣ, малакаҳои тарзи ҳаёти солим, истифодаи самарабахши технологияҳои гуногуни солимгардонӣ такя кунад. Таҳқиқотҳои сатҳи солимии ҷавонон ва омилҳое, ки ба он таъсири бевосита мерасонанд, то дараҷаи зиёд дорои хусусияти порчагӣ (фрагментарӣ) мебошанд. Комилан тасдиқ кардани он, ки асосҳои методии омӯзиши маҷмӯӣ ва арзёбии сатҳи саломатии ҷавонони донишҷӯ ба таври кифоя таҳия гардида, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, мумкин нест. Дар ин робита, ба вазифаи мубрам ошкор кардани омилҳои пешбаре табдил меёбад, ки ба сатҳи саломатии донишҷӯён, таҳияи асосҳои илмӣ–методии

стратегия ва тактикаи ҳифз ва таҳкими саломатии ҷавонон дар шароити муосир, зудтағйирёбандаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсири мустақил мерасонанд.

Ҳангоми таҳияи масъалаи ҳифз ва таҳкими саломатии инсон таъкиди муҳимтаринро масъалаи ташаккули он ҳамчун сатҳи кифоя барои фаъолияти бомуваффақияти ҳаётӣ касб мекунад. Ҳамин тариқ, масъала дар бораи рушд ва ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатии шахсият, муносибат ба саломатӣ ҳамчун ба арзиши олии маънавӣ, психикӣ ва ҷисмонӣ дар раванди татбиқи чораҳои илман асоснокушудаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тиббӣ–биологӣ, экологӣ, психологӣ–педагогӣ ба миён меояд, ки ба баланд бардоштани фаъолияти ҳаётии инсон дар шароити тағйирёбандаи муҳити беруна нигаронида шудаанд [2].

Тарбияи ҷисмонӣ барои ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатии шахсияти донишҷӯ дар шароити муассисаи таҳсилоти олӣ ба шарти коркардшудагии ҷанбаҳои назариявӣ, технологӣ ва методии раванди мазкур дорои нерӯи баланд мебошад. Маҳз бо ҳамин зарурати таҳияи маҷмӯи шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён дар раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ ба миён омадааст [10].

Шартҳои педагогиро фарқгузорӣ карда, мо бар он асос меёбем, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён танҳо зимни эҷоди маҷмӯи муайяни чунин шароит метавонад муассир бошад, зеро шартҳои алоҳида наметавонанд ба андозаи пурра ноилшавиро ба мақсади гузошташуда таъмин намоянд.

Зери “маҷмӯъ” мо маҷмӯи бо ҳамдигар алоқаманди раванди педагогиро мефаҳмем, ки аз як тараф якпорча, ягона ва аз тарафи дигар чандиру динамикӣ мебошад, ки густаришёбии раванди мазкурро дар реҷаи оптималӣ дар ҳар як марҳилаи нави он ба ҳисоб мегирад [7].

Ба сифати шартҳои асосии педагогии ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён дар таҳқиқот инҳо фарқгузорӣ карда шуданд:

1. Дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯ таъкид бояд ба ташаккули ҷузъҳои асосии салоҳиятҳои ҳифзи саломатии шахсият (маърифатӣ, арзишӣ–талаботӣ, эҳсосотӣ–иродавӣ ва фаъолиятӣ–амалӣ) карда шавад.
2. Зарурияти мумбрамшавии рефлексияи донишҷӯ бо мақсади ошкоркунии роҳҳо ва усулҳои оптималии худрушддиҳӣ ва худтакмилдиҳии муттасил бо воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва фаъолияти ҳифзи саломатӣ.
3. Таъмини ҳамгироии фаъолияти таълимӣ (машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, курси махсус) ва беруназтаълимӣ (маҳфилӣ–солимгардонӣ ва варзишӣ) дар муассисаи таҳсилоти олӣ.

Шарти аввали педагогӣ – ин тамаркузи таваҷҷуҳ ба ташаккули ҷузъҳои асосии салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ мебошад. Азбаски сохтори салоҳиятҳои ҳифзи саломатии аз ҷониби мо ошкоршуда аз чор ҷузъ иборат аст, пас таъмини тамаркузи таваҷҷуҳи омӯзгорон ва донишҷӯён ба ташаккули чунин ҷузъҳо (маърифатӣ, арзишӣ–талаботӣ, эҳсосотӣ–иродавӣ ва фаъолиятӣ–амалӣ) дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба назар мантиқӣ мерасад.

Шарти дуюми педагогӣ мубрамсозии рефлексия бо мақсади ошкор кардани роҳҳо ва усулҳои оптималии худрушддиҳӣ ва худтакмилдиҳии муттасил ба воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва фаъолияти ҳифзи саломатӣ мебошад.

Ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён ҳалли ҷанбаи педагогии масъаларо дар асоси методҳои рефлексивӣ пешбинӣ менамояд. Дар шуури донишҷӯёне, ки ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ шомил карда шудаанд, талабот, майлу рағбатҳо, мавқеъҳои онҳо ва одамони дигаре, ки бо онҳо ҳамкорӣ амалӣ карда мешавад, муаррифӣ гардидаанд. Дар ин зимн ҳар як донишҷӯ метавонад фаъолияти худро бо назардошти талабот, майлу рағбатҳо, мавқеъҳо баррасӣ ва арзёбӣ карда, ба нақша гирад. Аз ҳисоби ин бо кумаки равандҳои рефлексивӣ тадриҷан ҷузъҳои салоҳиятҳои ҳифзи саломатии шахсият дар раванди тарбияи ҷисмонии донишгоҳӣ ташаккул меёбанд [3].

Шарти сеюми педагогӣ таъмини ҳамгироии фаъолияти таълимӣ ва берун аз таълимиро дар раванди ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатии донишҷӯён пешбинӣ менамояд.

Хусусияти муҳити берун аз таълимӣ (беруназудиторӣ)-и таҳсилотӣ аз он иборат аст, ки он дар ихтиёрии мутлақи иштирок ва мушоракати донишҷӯ, озодии интихоби фаъолият бидуни маҷбуркунӣ ва имконияти чунин интихоб, хориҷшавии озодона аз фаъолият бидуни паёмадҳо асос меёбад. Дар ин ҷо вазъияти зӯроварӣ истисно карда шудааст. Пеш аз он, ки донишҷӯ дар фаъолияти ғайритаълимӣ ширкат кунад, ӯ имконияти рефлекс кардани имконият ҳо ва майлу рағбатҳои худро дорад ва ин маънои онро дорад, ки фаъолияти он бештар бошууронатар ва маҳсулноктар мегардад. Ҳар як нафар метавонад фаъолияти беруназудитории худро мувофиқи майлу рағбатҳои худ ба роҳ монад [6, С. 121-125].

Имкониятҳои назарраси фаъолияти ғайритаълимӣ дар ҳалли масъалаи мазкур дар таҳқиқоти пешниҳодшудаи мо аз он иборатанд, ки ин фаъолият омезиши чунин намудҳо, аз қабили истироҳат, фароғат ва эҷодкориро пешбинӣ менамояд. Дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва намудҳои солимгардонӣ истироҳати фаъол амалӣ карда мешавад, ки барои

донишҷӯ боиси сарбории хастакунандаи ҷисмонӣ намегарад ва имкон медиҳад, ки хастагӣ ва шиддат бартараф шуда, қувваҳои ҷисмонӣ ва маънавии донишҷӯ барқарор шаванд. Аз тарафи дигар, вазифаи ҷубронкунӣ бо пурра кардани якрангии рӯзҳои таълимӣ татбиқ мешавад. Аз фаъолияти худ дар муҳити ғайриталимии таҳсилотӣ донишҷӯён ва омӯзгорон хурсандӣ, лаззат, баланд шудани рӯҳия ва эҳсосотро эҳсос мекунанд. Илова бар ин, дар фаъолияти ғайриталимӣ нерӯи эҷодии донишҷӯ равшантар кушода мешавад [15].

Ба назари мо, *ҳифзи саломатӣ* – ин эҷоди шароити бароҳат, эҳсосоти мусбат, ҳавамасмандии бошуурона, муносибати аз ҷиҳати инфиродӣ фарққунанда, ташкили муошрати бароҳат, ки ба фаъолияти муштарак, ҳамкории донишҷӯ ва омӯзгор лаззат мебахшад ва инчунин донистани усулҳо, воситаҳо, методҳои ҳифзи саломатӣ мебошад. Усулҳо ва воситаҳои ҳамкорӣ ба таъмини сатҳи баланди ҳавасмандӣ ба фаъолияти таълимӣ, фаъолияти ҳифзи саломатӣ, ҳифзи саломатии худ нигаронида шудаанд.

*Шарти асосии ҳифз ва таҳкими саломатӣ* фаъолнокии муайяни инсон нисбати худ мебошад, ки, аввалан дар зарурати ташаккули талабот ба саломатӣ ҳамчун ба яке аз ангезаҳои пешбари рафтор, сонияն дар гузориши вазифаҳои муайян кардани роҳҳо ва методҳои ҳалли масъалаи саломатии худ, сеюм дар кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ ва пайваста нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим ифода меёбад.

Дар раванди ташкили чорабиниҳои варзишӣ муносибати донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим ташаккул меёбад. Дар ин зимн, ба назари мо муносибатҳои зерини педагогиро ба назар гирифтан лозим аст: ҳар гуна фаъолияти варзишӣ барои самтгирии донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим ҳам бевосита дар раванди худи фаъолият, ҳам бавосита аз тариқи таъсирррасонӣ шароити мушаххас, вале на шароити доимиеро, ки дар онҳо амалӣ мешавад, фароҳам меорад; фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ–варзишӣ на танҳо доираи малакаҳо ва маҳоратҳои ҳаракатиро васеъ мекунад, қобилияти корӣ ва имкониятҳои мутобиқшавии бадани донишҷӯён ва самаранокии таълимии онро баланд мебардорад, балки дараҷаи камолоти ҷисмониеро ташаккул медиҳад, ки талаботро ба ташкили тарзи ҳаёти солим таъмин намуда, ба такмили ҳар гуна намуди фаъолияти таълимӣ–касбии мутахассисони оянда мусоидат менамояд; вазифаи тарбиявии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки ба самтдиҳӣ ба тарзи ҳаёти солим нигаронида шудааст, то дараҷаи бештар дар низоми машғулиятҳои таълимӣ ва кори варзишӣ муаррифӣ гардидааст, ки дар он роҳбарии педагогии такмили касбӣ, ҷисмонӣ ва психикии ҷавонони донишҷӯ таъмин мешавад [13, С. 174-181].

Шароити ташаккули тарзи ҳаёти солими донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олӣ дар раванди таълим ташкили ҳамкории педагог ва донишҷӯёнро ҳангоми омӯзиши модули алоҳида, масалан дар шакли иҷрои лоиҳаи таълимӣ пешбинӣ менамоянд, ки ба таври пайдарпай марҳилаҳои маърифатӣ–таҳлилӣ, созанда, ташкилӣ ва арзёбиро мегузарад.

Муносибатҳои гуногун барои ташкили кори тарбиявӣ дар раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим мавҷуданд. Аввалан, хусусиятҳои синну солии хонандагон ба назар гирифта мешаванд ба монанди морфологӣ, хусусиятҳои ҷинсӣ, ки барои роҳандозии раванди тарбия дар ҳар як гурӯҳи синну солӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, ҳавасмандӣ дар муҳити атрофи рушд кумак мекунанд, ба инобат гирифта мешаванд.

Лозим аст, ки равандҳои суратгирандаи рушд муайян карда шуда, фаъолнокии ҳаракатӣ, ташаккули хусусиятҳо, талаботи иродавӣ ба инобат гирифта шаванд, ки ба туфайли он танзими рафтор ва фаъолият имконпазир аст. Шароити ташаккули ҷисмонии гурӯҳҳо дар намудҳои гуногуни фаъолият (бозӣ, муошират, таҳсил) баробармаъно нестанд, зеро онҳо метавонанд мусоид ё изтиробовар бошанд, ки бешак дар ташаккули манфиатҳо ва самтнокии шахсият ба ин ё он намуди фаъолият ва рафтор таъсир мерасонад.

Истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ боиси баланд шудани салоҳиятнокии касбии роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, педагогҳо мегардад, ки барои иҷрои бомуваффақияти фаъолияти ҳифзи саломатӣ бо назардошти шароит ва талаботи навтарини давлат ва ҷомеа дар маҷмӯъ зарур аст. Мафҳуми “технологияи ҳифзи саломатӣ”–ро ҳамчун маҷмӯи принсипҳо, усулҳо ва методҳои кори педагогӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки технологияҳои анъанавии таълиму тарбияро пурра карда, нишонаҳои ҳифзи саломатиро муайян месозад [4, С. 5].

Меъёрҳои баҳодиҳӣ бояд оқилона буда, ба баландшавии хударзёбии таълимгиранда ва ҳавасмандаии ӯ муассир бошад. Зеро баҳодиҳии нодурусти натиҷаҳои донишҷӯ ба пастшавии ҳавасмандӣ ба машғулияти тарбияи ҷисмонӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, раванди ташаккули муҳити ҳифзи саломатӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ дар алоқаи зичи мутақобилаи фаъолияти амалии ҳамаи субъектҳои раванди таҳсилотӣ: роҳбарият, омӯзгорон, донишҷӯён асос ёфтааст. Фаъолияти маъмурият ба ташкили фаъолияти самараноки ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ, эҷоди шароити ба ҳадди аксар бароҳат барои машғулиятҳои донишҷӯён ва омӯзгорон, амалисозии назорат ва ислоҳсозии кори ҳифзи саломатӣ, фаъолияти ҳайъати омӯзгорон асосан ба азхудкунии методикаи ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни

тарбиягирандагони худ тавассути фанни таълим ва фаъолияти донишҷӯён дар муҳити ҳифзи саломатии таҳсилотӣ ба ҳифзи саломатии худ ва ташаккули тамоилоти арзишӣ, ҳамроҳкунии онҳо ба машғулиятҳои варзишӣ нигаронида шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Бальсевич, В. К. Спортивно ориентированное физическое воспитание: образовательный и социальный аспекты / В. К. Бальсевич, Л. И. Лубышева // Теория и практика физической культуры, 2003. №5. С. 19-22
2. Бундин М.В., Кирюшкина Н.Ю. Формирование общекультурных компетенций у студентов вуза: Учебное пособие. Нижний Новгород, 2012.
3. Валетов М.Р. Формирование здоровьеориентированной направленности личности студентов в процессе физического воспитания: автореф. дис.... канд. пед. наук. – Челябинск, 2006. – 24 с.
4. Горелов А.А. Анализ показателей здоровья студентов специальной медицинской группы / А. А. Горелов, В.А. Кондаков // Научные проблемы гуманитарных исследований, 2008. – 98 с.
5. Дзержинская Л.Б., Прохорова И.В., Дзержинский Г.А. Физическая культура: учебное пособие – Волгоград, 2016. – 122 с.
6. Ермакова М.А. Образовательная среда школы как фактор сохранения и укрепления здоровья учащихся // Вестник Южно-Уральского государственного университета / М.А. Ермакова, П.П. Тиссен. – 2011. – № 13 (230). – Вып. 12. С. 121–125.
7. Кондрашов В.А. Новейший философский словарь / В.А. Кондрашов, Д.А. Чекалов, В.Н. Копорулина; под общ. ред. А.П. Ярещенко. – Ростов н/Д.: Феникс, 2005. – 672 с.
8. Кутепов М.М., Никишина О.А. Планирование учебной работы по физической культуре // Воспитание и обучение: теория, методика и практика. Сборник материалов IV Международной научнопрактической конференции. – 2015. С. 271-273.
9. Ляшенко А.А., Цой В.Г. Роль физической культуры в укреплении здоровья студентов Оренбургского государственного медицинского университета // Молодой ученый. – 2018. – №1. – С. 34-36.
10. Меерзон Т.И. Здоровьесберегающие технологии в процессе физкультурного образования: учебное пособие / Т.И. Меерзон, Л.М. Степанова, М.А. Ермакова – Оренбург: Изд-во ОГПУ, 2011. – 152 с.
11. Мельников П.П. Физическая культура и здоровый образ жизни студента (для бакалавров). – М.: КноРус, 2013. – 240 с.
12. Попичев М.И. Комплексная диагностика и оценка уровня здоровья студентов // Физическое воспитание студентов, 2011. №3. С.71 - 75.
13. Семенченко В.В. Использование теоретических, практических материалов и контрольных нормативов при проведении занятий по физической культуре в Дон ГАУ //В сборнике: Российское образование: проблемы, векторы и ориентиры развития /Материалы международной научно-практической конференции. пос. Персиановский, 2015. С.174-181.
14. Челнокова Е.А., Разоренов В.А., Пшеничный А.Ю., Траханов А.А.Активные методы обучения как фактор формирования мотивационно-ценностного отношения к занятиям физической культурой и спортом студентов высшей школы // Известия Балтийской государственной академии рыбопромыслового флота: психолого-педагогические науки. – 2018. №4(46). С. 211-216.
15. Чуклова Н.В. Гуманизация физического воспитания студентов: монография / Н.В. Чуклова, Т. И. Меерзон, М.А. Ермакова. – Оренбург: ОГИМ, 2009. – 116 с.
16. Шадриков В.Д., Кузнецова И.В. Профессиональные компетенции педагогической деятельности // Справочник заместителя директора школы. – 2016. С. 58-69.


# ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВА ҲИФЗИ САЛОМАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ


*Дар мақола шароити педагогиии ташаккули салоҳиятҳои тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи саломатии донишҷӯён дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зикр карда мешавад, ки ҷавонон яке аз гурӯҳҳои муҳимтарини гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар сохтори ҳар гуна ҷомеаи рушдёфта маҳсуб ёфта, суръати баланди иҷтимоию иқтисодии рушди кишварро таъмин намуда, ба дараҷаи назаррас оияндаи онро муайян мекунанд. Шартҳои педагогиро фарқгузорӣ карда, муаллиф бар он асос меёбад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯён танҳо зимни эҷоди маҷмӯи муайяни чунин шароит метавонад муассир бошад, зеро шартҳои алоҳида наметавонанд ба андозаи пурра ноилшавиро ба мақсади гузошташуда таъмин намоянд. Таъкид карда мешавад, ки дар назарияи муосири тарбияи ҷисмонӣ масъала на дар бораи тарбияи "ҷисмонӣ", балки дар бораи тарбияи "тарбияи ҷисмонӣ"-и инсон гузошта мешавад, дар ин робита дар вожаи "ҷисмонӣ" ба таври анъанавӣ таъкид ба ҷанбаи ҳаракатӣ–биологӣ карда мешавад. Хулоса карда мешавад, ки шароити педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солим ва салоҳиятҳои ҳифзи саломатӣ дар донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олӣ дар раванди таълим як ҷузъи таркибӣ, аз қабили кори тарбияи ҷисмонӣ–солимгардониро дар назар дорад.*

***Калидвожаҳо**: шароити педагогӣ, салоҳият, тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатӣ, донишҷӯён, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ,муассисаи таҳсилоти олӣ.*

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ КОМПЕТЕНЦИЙ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ И ЗДОРОВЬЕСБЕРЕЖЕНИЯ СТУДЕНТОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЕ**

*В статье рассматриваются педагогические условия формирования компетенций здорового образа жизни и здоровьсбережения студентов на занятиях физической культуры. Отмечается, что молодежь является одной из важнейших групп социальных групп в структуре любого развитого общества, обеспечивающей высокое социально-экономическое развитие страны и во многом определяющей ее будущее. Выделяя педагогические условия, автор утверждает, что процесс формирования у студентов компетентности здоровьесбережения может быть эффективным только при создании определенного набора таких условий, так как отдельные условия не могут в полной мере достичь поставленной цели. Подчеркивается, что в современной теории физического воспитания речь идет не о «физическом» воспитании, а о «физической воспитании» человека, в связи с этим слово «физический» традиционно подчеркивает двигательно-биологический аспект. Делается вывод, что педагогические условия формирования здорового образа жизни и компетенций здоровьесбережения у студентов высших учебных заведений в образовательном процессе подразумевают физкульурно-оздоровительную работу в высших учебных заведениях.*

***Ключевые слова***: *педагогические условия, компетенция, здоровый образ жизни, здоровьесбережени, студенты, занятия физической культуры,вуз.*

**PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR THE FORMATION OF COMPETENCIES FOR A HEALTHY LIFESTYLE ANDSTUDENTS' HEALTH САЙКУ IN PHYSICAL EDUCATION CLASSES**

*The article reviews the pedagogical conditions of the formation of competencies for a healthy lifestyle and health care of students in physical education. It is noted that young people are one of the most important groups of social groups in the structure of any developed society, ensuring a high socio-economic development of the country and significantly determining its future. Distinguishing pedagogical conditions, the author argues that the process of developing the competence of health care in students can be effective only when creating a certain set of such conditions, as individual conditions can not fully achieve the set goal. It is emphasized that in the modern theory of physical education the question is not about «education», but about the «physical education» of man, in this regard, the word «physical» traditionally emphasizes the motor-biological aspect. It is concluded that the pedagogical conditions for the formation of a healthy lifestyle and competencies tohealth care of students in higher education is an integral part of the educational process, such as physical education and health caring in higher education.*

***Keywords***: *pedagogical conditions, competence, healthy lifestyle, health care, students, physical education classes, health, higher education institution.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Самиев Сироҷиддин Файзуллоевич** – унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи тибби ҳарбии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. **Суроға:**735320, н. Данғара, кӯчаи И.Шарифов- 3. E-mail: Sirochiddin.s@mail.ru Тел: (+992) 903055532.*

***Сведения об авторе:***

***Самиев Сирожиддин Файзуллоевич** – соискатель Института развития образования им. Награда Академии образования Таджикистана, преподаватель кафедры военной медицины Хатлонского государственного медицинского университета. Адрес: 735320, н. Дангара, улица И.Шарифова-3 E-mail: Sirochiddin.s@mail.ru Тел: (+992) 903055532.*

***About the author:***

***Samiev Sirojiddin Fayzulloevich** - competitor of the Institute for the Development of Education. Award of the Academy of Education of Tajikistan, lecturer at the Department of Military Medicine, Khatlon State Medical University. Address: 735320, n. Dangara, I. Sharifov street-3 E-mail: Sirochiddin.s@mail.ru Phone: (+992) 903055532.*

# САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ

***Бадалова М.А., Назаров Д. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Ҳангоми бошуурона аз худ намудани донишҳои математикӣ хонандагон аз амалиётҳои асосии фикрронӣ дар дараҷаи ба онҳо дастрас истифода мебаранд. Бошуурона азхудкунии донишҳои математикӣ аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ фикрронии онҳоро инкишоф медиҳад. Мусаллаҳ будан ва истифода бурда тавонистани амалиётҳои фикрӣ боиси самаранокии азхудкунии донишҳо аз тароафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мегардад.

Омодагӣ математикие, ки хонандагон дар муассаҳои таълими доро мешавем ин танҳо ба онҳо аз додани донишҳои математикӣ ва малакаҳо иборат нест, балки дар назди омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ вазифаи муҳим, амалӣ намудани имкониятҳои фанни худ дар инкишофи шахсияти хонандагон низ меистад.

Дар ҳар як дарси математика барои самаранок намудани таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ҳал намудани супоришҳои гуногуни математикӣ аҳамияти калони таълимӣ ва тарбиявӣ доранд. Ҳалли чунин масъалаҳои таълими математикаи синфҳои ибтидои ба инкишофи тафаккур, нутқ, тасаввур, диққат ва хотираи хонандагон кӯмак мерасонад. Дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳои гуногуни таълимӣ мафҳум дар бораи алоқамандии байни бузургиҳо ташаккул ёфта, ташаккули салоҳиятҳои ҳисобкуниҳои даҳони ва хаттӣ такмил меёбанд. Истифодаи масъалаҳои гуногуни таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар хонандагон мақсаднокӣ, суботкорӣ, сарфакорона интихоб намудани воситаҳо барои ба мақсад ноил шудан, бо нақша кор кардан, амалиёти худро асоснок ва таҳлил намуданро меомӯзонад.

Дар замони имрӯза раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар ду низом: анъанавӣ ва салоҳиятнокӣ гузаронида шуда истодааст.

Ғайр аз ин барои самаранок гардидани дарсҳои имрӯза ташаккули тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ салоҳиятҳои (малака ва маҳорат)-и характери математикӣ доштаи зеринро тарбия кардан лозим аст:[8]

- маҳорати ба мисолҳои мушаххас намоиш дода тавонистани баъзе масъалаҳо;
- дар лахзаҳои мушаххас истифода бурда тавонистани натиҷаҳои ҳосилкардашуда;
- маҳорати ба ҳалли масъалаҳо татбиқ карда тавонистани таърифҳо, хосиятҳои амалҳои арифметикӣ ва натичаҳои назариявӣ;
- маҳорати таҳлил карда тавонистани матни масъалаи пешниҳодшуда;
- маҳорати ба элементҳои таркибӣ маънодор чудо карда тавонистани маводи муайян;
- маҳорати дарк карда тавонистани қонуният ва алоқамандии байни далелҳои гуногун, ба фикри том оварда тавонистани донишҳои пароканда оид ба мафҳумҳои пароканда;
- доштани малакаи тафаккури дедуктивӣ;
- маҳорати аз шарти пешакӣ додашуда баровардани натиҷаи мантиқӣ;
- малакаи заковати тафаккури математикӣ (асоснок будани хулосаҳо, муқаррар кардани алоқамандии байниҳамии ҳодисаҳои муоинашаванда);

ба намми ин хонандагон бояд мафҳумҳои содаи мантиқӣ математикиро аз худ кунанд ( аз қабили тағйирёбанда, баёнот, ҷумлаҳои тағйирёбандадор, дуруст ё нодуруст ва ғайра).

Зеро муддати дароз масъалаҳои якхелаи алгоритми ҳалдоштаро ҳал карда, табиист, ки дар ин маврид хонандагон дар бораи тарзи ҳал фикр намекунанд ва аз ин рӯ, оиди ташаккули қобилияти фикрии онҳо ҳочати баён нест. Оқилона иҷро кардани ҳалли

машқҳо шарти зарурии фаъолияти фикрии маҳсулнок мебошад. Дар ин маврид танҳо фаҳмидани шарти масъалаи пешниҳодшуда кифоя нест, балки хонанда он мафҳуму қонунҳоро бо шуурона аз худ кунад, ки ҳангоми ҳал кардани масъала аз онҳо истифода мебарад. Маҳз, дар ҳамин маврид тарзҳои хубу оқилонаи ҳалли супоришҳои гуногуни математикӣ пайдо мешавад.

Барои амалӣ шудани ин ҳадафҳо, сараввал, ғояҳои муҳимтарини худи илми муосири математикаро донистан, методҳои асосии таҳқиқотии онро дарк намудан, оид ба методологияи он тасаввурот доштан зарур аст.

Табиист, ки ҳар фарди солимақл мантиқан фикр карда метавонад ва фикркунии мантиқӣ хоси шуури инсонист, вале он мунтазам муҳточи омӯзиш ва инкишоф аст. Аз рӯйи марҳилаҳои ташаккули салоҳиятҳо навъҳои супориш муайян карда мешаванд.

Одатан супоришҳо аз рӯйи навъ ба ҳисобкунӣ, исботкунӣ, тасвиркунӣ ё муайянкунӣ, табдилдиҳӣ ва коркарди маълумот ҷудо мешаванд. Бо назардошти он ки дар ҳаёти воқеӣ бештар аз супоришҳои омехта истифода мешаванд, таълим асосан бояд пай дар пай ва мантиқан ба нақша гирифта шавад.

**Намунаи супоришҳо (барои кор дар дарсҳои математика)**:

Ташаккули салоҳият тавассути супоришҳои мафҳумҳояшон гуногун ба роҳ монда мешавад. Дар барномаи кор муаллим нишон медиҳад, ки ба воситаи кадом мафҳум ӯ ин ё он салоҳиятро дар кадом вақт инкишоф медиҳад. Вақти боқимонда барои иҷрои супоришҳо аз китоби дарсӣ истифода бурда мешавад. Ҳангоми интихоб ё таҳияи супориши таълимӣ омӯзгор бояд ба якчанд савол ҷавоб гардонад.

Аз ҷумла,

-хонандагон дар кадом марҳилаи ташаккули салоҳият қарор доранд?

-ин марҳилаи ташаккули салоҳият иҷрои кадом амалҳоро талаб мекунад?

-раванди таълимро мувофиқи кадом технологияи таълим ба роҳ мемонем? Талабот ба супориши таълимӣ кадомҳоянд?

-кадом шакли кор истифода мешавад (мустақилон, дунафарӣ ё гурӯҳӣ)?

Намунаи системаи супоришҳои гуногуни математикиро барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ меорем, ки ба ташаккули салоҳиятҳои зерини математикии хонандагон оварда мерасонанд [ 3].

**Намуна барои синфи якум.**

**Салоҳият:**

1.1.1. Ададҳоро аз 1 то 20 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад.

Татбиқи дониш дар амал. Мавқеи ҷойгиршавии ашёҳо, номи ашёҳоро гуфта метавонад.

2.1.2. Рамзҳои математикӣ (+, -, x. =) ва маънои онҳоро медонад ва дар амал истифода карда метавонад.

Синфи 1.

1. Ин расмҳо чӣ монандӣ ва фарқият доранд ?



1. Ранг
2. Чандто зиёд?
3. Чандто кам ?
4. △ Зиёд
5. □ кам назар ба △ ва чандто кам?
6. Онҳо баробар шуда метавонанд ё не?

**Натиҷа**: мавқеи ҷойгиршавии ашёҳо, номи ашёҳоро гуфта метавонад. Ададҳоро муқоиса ва худоса бароварда дар амал тадбиқ мекунад. Ададҳои ҷуфт ва тоқро фарқ карда метавонад.




Синфи 2.
2. Давом диҳед: Шаклҳои ояндаро кашед.
3.



**Синфи 3.**

1. Вазни гов ва гӯсфанд ҳамагӣ чанд кг аст ?




**Синфи 4.**

1. Ададҳои мувофиқро гузоред.




Барои ҳал намудани ин супоришҳо мушкилиҳо гуногун шуда метавонанд: Норасогӣ ё ин ки номувофиқии дониш, восита ва тарзҳои татбиқи дониш, зарурати иҷрои ягон амалиёти маълум ё ин ки номаълум, интихоби тарзу воситаҳое, ки ба мақсади гузошташуда ноил мегардонанд. Вақте, ки субъект дар рафти амалиёти худ ба вазъияти проблемавӣ дучор мешавад, ӯ одатан барои аз он раҳоӣ ёфтан ҳаракат мекунад. Натиҷаҳои чунин таҳлилҳоро ба воситаи матн ва ё ин ки бо ёрии нақшаю рақамҳо, ҷадвалу схемаҳо, ки ҳамаи онҳо қисмати ягон забон мебошанд, ифода менамояд. Дар натиҷа баёни вазъияти проблема пайдо мегардад, ки мо онро модели вазъияти додашуда меномем.

Дар алоқаманди бо фикрронӣ равандҳои дарккунӣ инкишоф меёбанд. Бо инкишофи фикррронӣ чунин ҳолати психологии ба синни соли хонандагон хос нақшаи амалиёти маҳорати дида баромадан ва баҳодиҳии амалиётҳои худ пайдо мешаванд.

Хулоса

Таълим ҳамон вақт самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон инкишоф ёбанд;
- мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шавад;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти хуби машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро бо мақсади такрор ва дар хотир нигох доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба "чӣ тавр фикр кардан" равона гардад, на ба "оид ба чӣ фикр кардан";
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар чараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омузгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

**АДАБИЁТ**


1. Бантова М.А. Методика преподавания математики в начальных классах. / М.А. Бантова -М., 1983.-220с.
2. Барномаи таълимии математика дар синфҳои ибтидоӣ, Душанбе, 2002, 2007, 2010, 2012 ва 2016 – 117с.
3. Бадалова М. А., Бадалов А. А., Бадалова С. А. Системаи супоришҳо оид ба рушди салоҳиятҳои математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, / М. А.Бадалова, А. А.Бадалов, С. А.Бадалова - Душанбе – 2021.-123с.
4. Нугмонов М., Эрматова У., Бадалова М. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ фанни математика барои синфҳои 1- 4 ва раҳнамои омӯзгор, / М.Нугмонов, У.Эрматова, М. Бадалова - Душанбе, 2012. (саҳ.31)
5. Расулов. Д. Методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ. / Д.Расулов, Ҷ.Саидаҳтамов, Ч.Шарипов, Д.Ҳакимова -Кулоб, 2000 – 174с.
6. 6.Эльконин Д.Б. Психология обучения младшего школьника. Д.Б. Эльконин –М.,1974 – 182с.
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар адабиёти педагогӣ асосан се намуди масъала: 1) масъалаҳо доир ба ҳисоббарорӣ; 2) оид ба сохтан ва 3) роҷеъ ба исбот дучор меояд.

Масъалаҳоро аз рӯи хусусияти талаботҳояшон ба чор гурӯҳ: 1) масъалаҳо оид ба ёфтани номаълум; 2) масъалаҳо ба табдилдиҳиҳои объекти дода шуда; 3) масъалаҳо доир ба сохтани ягон объект ва 4) масъалаҳо ба исбот ҷудо намудаанд.

Қайд бояд кард, ки дар ин гурӯҳбандӣ масъалаҳои инкишофдиҳанда, ки ба мушоҳида, муқоиса ва аналогия асос меёбанд, ворид нашудаанд. Дар ҳалли ҳаргуна масъала зарраи хурди кашфиёт маҳфӯз аст, бинобар ин дар он ҷой барои фарз (тахмин) ва хулосабарории ҳақиқатмонанд бояд бошад.

Яке аз мафҳумҳои асосӣ дар илмӣ сотсиологӣ, фалсафа, педагогикаю психология мафҳуми инкишоф ҳисоб меёбад. Дида мебароем, ки дар адабиёти фалсафӣ ин истилоҳ чӣ тавр маънидод карда мешавад. Дар луғати фарҳанги забони тоҷикӣ ҷилди 1 **инкишоф** (калимаи арабӣ буда- кашф шудан, ошкор шудан, ба воя расида ва паҳншуда, пешрафтани ҳар чиз, рушд, тараққӣ, пешрафт), навъи олии ҳаракат, тағйири материя ва шуур, гузаштан аз якҳолат исифатӣ ба дигар, аз кӯҳна ба нав мебошад. “Инкишоф” муборизаи “бо ҳам зидҳост”[16].

Идеяи инкишоф дар принсипи таърихият ифода ёфта, яке аз принсипҳои асосии тамоми таърихи фалсафа, табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ мебошад. Дар таҳлили мафҳуми инкишоф хизмати Арасту, Р. Декарт, Б. Спинзода, И. Кант, Ж.Ж. Руссо, М.В. Ломоносов, Д. Дидро, И. Г. Фихте, П.С. Лаплас, Н. Каперник, Ч.Дарвин, Д.И.Менделеев, К.А.Тимирязев ва др бузург аст. Аз олимони ҳозираи тоҷик бошад, корҳои Хайруллоҳ Раҳимов, Абдулбоқи Нуров, Муҳиддин Саидов, Нугмон Қурбонов, Шавқат Ҷураев ва дигарон мафҳуми инкишофро аз ҷиҳати педагогӣ психологӣ вафалсафӣ таҳлил намудаашон назаррас мебошанд [9], [10], [11], [19].

Дар луғатҳои фалсафӣ [1], [11], [12], [14] қайд гардидааст, ки **инкишоф** - хислати тағйиротҳои дар ҷаҳон ба амал омадаро мекушояд. Дар воқеъ предметҳо ва мавҷудиятҳо дар ҳолати бетағйирӣ доимо вуҷуд дошта наметавонанд, онҳо таърихи ҳақиқиро тай мекунанд, аз пайдошавӣ то нобудшавиро аз сар мегузаронанд. Мафҳуми инкишоф хислати бебаргардандаи ҳамаи ин тағйиротҳоро ифода мекунад. Ин маънои онро дорад, ки дилхоҳ предмет, мавҷудот, система, умуман тамоми ҷаҳон на танҳо тағйир меёбанд, балки ба ҳолати наве мегузаранд, ки то ҳанӯз набуданд ва ҳеҷгоҳ он ҳолати пештарае, ки доштанд саҳеҳ такрор намеёбанд. Зеро ҳолати дилхоҳ предметҳо, системаҳо на фақат ботинан, балки алоқаи зоҳирии онҳо ҳам тағйир меёбанд. Яъне инкишоф тағйирёбии тарафҳои зоҳирӣ ва ботинии объектҳои олами моддӣ ва рӯҳиро фаро мегирад. Инкишоф ҳар гуна тағйирот набуда, балки чунин тағйиротест, ки дар он аз навсозии сохти дохилии объект, ҳамчунин маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманд, анҷом меёбад. Ҳама протсессҳои алоҳидаи инкишоф ибтидо ва интиҳо доранд.

Аломати асосии инкишоф тағйирот исифатӣ аст, зеро яқинан тараққӣ ва зиёдшавии (камшавии) оддӣ ва кӯллӣ доимӣ намебошад. Инкишоф гузаштани як объект аз сохти сифатии кӯҳна ба сохти сифатии нав буда, тағйироти миқдории унсурҳои таркиби он

ҳамеша мувофиқат намекунад. Тағйири таркиби объект аз ибтидо то охири инкишоф дар бораи ҳолатҳои гуногуни таърихи вай маълумот дода, пешрафти онро аз зинаи паст ба зинаи баланд ифода мекунад.

Инкишоф дар дохили вақт ба амал меояд. Вале инкишофи объект функсияи ҷараёни объективии вақт набуда, қобили ҳаёт худи объект аст. Аз ин рӯ худ ҳаракатии объект протсесси имманентӣ (лот. сириштӣ, табиӣ, дохилӣ,ботинӣ,) мебошад, чунки манбаи инкишоф дар худи объект воқеъ гаштааст. Инкишоф дар натиҷаи зиддиятҳо, муборизаи наву кӯҳна, тамоюлҳои мухолифатнок ва якдигарро истиснокунандаи табиат, ҷамъият ва шуур ба амал меояд. Дар фалсафа инкишофро ба шаклҳои эволютсия ва револютсия ҷудо мекунанд. Дар байни ин ду шакли инкишоф алоқаи мураккаби диалектикӣ вуҷуддошта, эволютсия револютсияро тайёр мекунад ва баробари ба итмом расидани вай хотима меёбад. Инкишофро ҳамчун ҳаракат ба самти муайян фаҳмидан ҷоиз аст, зеро гузаштани объект аз як ҳолат ба ҳолати дигар такрорӣ беинтиҳои роҳи тайшуда набуда, ба таври диалектикӣ бисёр хислатҳои пешина такроршуда, ба пешрафт ва такомули он кӯмак мерасонад. Дар ин маъно самти прогресс ва регрессро дар инкишофи объект фарқ кардан зарур аст. Инкишофи шаклҳои гуногуни материя ва шуурро ба самти прогрессивӣ алоқаманд шумурданд чунин маъно дорад, ки ҳаракат аз оддӣ ба мураккаб ба роҳи доимо афзояндаи спиралмонанд ҷараёндорад.

Дар таърихи фалсафа ду ақида, ду таълимоти як дигарро истиснокунанда–метафизикӣ ва диалектикӣ, дар маънидоди инкишоф вуҷуд доранд. “Ду консепсияи асосии инкишоф (эволютсия) инҳоянд: инкишоф ҳамчун камшавӣ ва зиёдшавӣ, ҳамчун ягонагии бо ҳамзидҳо”. Фақат баъди табадулоти револютсионии дар ҷамъият шиноси ба вуҷуд овардаи марксизм идеяи инкишоф принсипи асосии метадологӣ гардид ва нахустин бор инкишоф ҳамчун протсесси табиӣ, ки дар асоси қонуниятҳои объективӣ ҷараён дорад, шинохташуд.

Китоби “ Асосҳои фалсафа”-и А.Спиркин ва Приписнов В.И “Основы социальной философии”- оиди мафҳуми инкишоф чунин навиштаанд [11],[13],[17]. Категорияи махсус ва универсалии диалектика – мафҳуми инкишоф натиҷаи татбиқи мақсаднокӣ, робитаи куллӣ ва таъсири мутақобил мебошад. Дар олам ягон чизи бо тамом анҷом ёфтае нест: ҳама чиз дар роҳӣ расидан ба ҳолати дигараст. Вале ин ё он типи робита ва таъсири мутақобил самти муайяни ин роҳ: аз куҷо ба куҷо аст. Мо аз принсипи робитаи куллӣ идеяи умумии инкишофи оламро ҳосил менамоем. Чи тавре, ки дар боло зикр гардид инкишоф тағйироти бебозгашт, самташ муайяну қонуни объектҳои моддӣ ва идеалистиест, ки боиси пайдоиши сифати нав мегардад. Алвонҷи рақосаки соат, ҳаракату калоншави бача мисоли инкишоф ҳастанд. Ҳамаи чор нишонаҳои хоси дар боло гуфташударо аз як сар дида мбароем.

“Тағйироти бебозгашт” чунин маъно дорад, ки дар рафти инкишоф хилофи мавридҳои амалӣ даврии система бозгаштан ба ҳолати пештара имкон надорад. Ҳама чиз аз худи ҳамон як ҳолат фақат як мароти ба мегузарад; масалан, аз пирӣ ба ҷавони ҳаракат кардани организм имконнопазир аст. Аз худи ҳамин ҷо самти инкишоф намоён аст.

Маънои нишонаи дуюми инкишоф – тағйироти самташ муайян буда, дар рафти инкишоф тадриҷан тағйироти яксифата ҷамъ мешавад, ки он ба типи таъсири мутақобилии объекту олами атроф ва зиддиятҳои дохилии объект вобаста аст. Маҷмӯи тағйироти яксифата самти тағйироти матлуби объектро пешакӣ муайян мекунад.

“Тағйироти қонунӣ” гуфта ин аст, на воқеаҳои тасодуфие, ки теғйироти матлуби объектро бешумор ба ҷараён меоранд, балки воқеаҳои асоси инкишофанд, ки аз худ имоҳият ва типи таъсири мутақобили он ва муҳит бар меоянду характери ногузир доранд.

Ҳамаи се нишонаи зикршудаи инкишоф диққатро ҳатман ба нишонаи чоруми он – ба пайдоиши сифати нав ҷалб менамояд, ки як навъ ҷамъбасти муайяни протсесси пешинаи инкишоф ва лаҳзаи ибтидоии протсесси минбаъда мебошад. Ба ҳамин тариқ, инкишофи пешравона на ҳамчун як навъ ҳаракати чизе аз як нуқта ба нуқтаи дигар, балки чун протсесси мулоҳиза мешавад, ки он дар ҳар зинаи ояндаи ҳаракати минбаъда тамоми мундариҷаи пеш ҳосил шударо торафт баланд бардошта ягон чизи муҳимро на фақат гум намекунад, балки тамоми натиҷаҳоро ҳамроҳ оварда, онро бо мазмуну мундариҷаи нав натиҷаи мобайнӣ ғанӣ мегардонад. Ҳосилаи нав натиҷаи мобайнӣ ё ниҳоӣ инкишофест, ки бо ҳосилаи кӯҳна қиёс шудааст. Инкишоф протсесси дубора аст: дар он сифати кӯҳна ғоиб шуда, сифати нав меояд ва худро на бороҳӣ вусъати бемалоли қудраташ, балки дар рафти муборизаи зидди кӯҳна пойдор месозад.

Таносуби мафҳуми “инкишоф” ва “ прогресс” ро ба худ равшан бояд тасавур кард. Ин мафҳумҳо ба ҳамдигар ҳар қадар наздик бошанд ҳам айнан як маъно надоранд. Дар натиҷаи инкишоф сифати нав пайдо мешавад, вале ҳатмӣ нест, ки он назар ба сифати пешина мураккабтар ё мукаммалтар бошад. Агар сифати нав аз сифати кӯҳна аз ягонҷиҳат авлотар бошад, дар ин ҳол тамоюли прогрессивии инкишоф равшан намоён аст, вале агар он аз сифати кӯҳна монандӣ дошта бошад, тамоюли регрессивии инкишоф яқинаст. Регресс ҳам мисли прогресс ҳатмист, яъне дар ҳар зинаи регресс сифати наве пайдо мешавад, кибаҳолатҳоипешинамонанднабошад. Регресс аз тамоюлҳои инкишофи организмҳои зинда буда, бо таназзул ё ин қи роз алоқаманд шуданаш ҳатми нест.

Идеяи инкишоф қувваи азими эвристикӣ дошта, принсипҳои ҷаҳонбинӣ ва методологии илмро хеле бой мегардонад.

В.И.Приписнов [13] гуфтааст, инкишофи болораванда ин инкишоф аз оддӣ ба мураккабу мукаммалтар, дақиқтар ташкилёфта буда, имкониятҳояш фаровон ва серахборест, ки дар сурати он структура мукаммалтар гардида, модаю энергияи бисёртар ғуншуда, ахбори рамзнок торафт бештар гирд меояд. Инкишофи паст раванда ин роҳи харобшавӣ, муфлису фаноёбист.

Мутафаккирон дар ҳаёт пай бурдаанд, ки ин протсессҳо алоҳида-алоҳида набуда, бо таносубҳои гуногун муттаҳид мешаванд, аммо инкишофи прогрессивӣ тамоюли афзалтар мебошад, зеро сиклият ва парокандагӣ асосан ба объекту прогрессҳои фарди олами моддӣ хос буда, аз нуқтаи назари тамоми олам ҳаракати умумии доштанашавандаю но бозгашта баҳс нопазир аст, ки дар аснои он шаклҳои нав ба нав пайдо мешаванд.

Вақт нишонаи муҳимтарини муайянкунандаи инкишоф мебошад: инкишоф фақат дар давоми вақт муяссар мешавад ва самту бознагардии онро фақат вақт муайян мекунад. Аз ин рӯ таърихи мулоҳиза кардани инкишоф чун пайдоиши шаклҳои нав аз пайдоиши тасаввуротҳои назариявии самти муайяну бознагардии он аз вақт сар мешавад. Маданияти қадим инкишофро ба маънои ҳақиқият намедонист: он замонҳо вақт чун давомоти муттасил дониста мешуд ва тамоми воқеаҳо чун такрори оддии ҳодисаҳои кӯҳнае пиндошта мешуд, ки бо тақозои тақдир рӯй медода бошанд.

Мафҳумҳои сабаб ва натиҷа дар категорияи принсипҳои робита ва инкишофи куллӣ пайдо мешаванд. Татбиқи категорияи сабабиятро на принсипи инкишоф, балки принсипи робитаи куллӣ маҳдуд менамояд.

Струкрураи худи протсесси инкишоф соҳаи махсуси зуҳуроти якҷояи мутаносиботи системавӣ ва принсипи инкишоф мебошад. Маҷмӯи тағйироте, ки дар натиҷаи инкишофи система пайдомешавад, ҳолати нави сифатии система буда, ба он сохти структурии худ хос аст. Ин ақидаҳои оварда шуда дар адабиёти Блауберга И.В. ”Краткий словар по философии”, Розентал М.М.”Филосовский словар ”ва Э.С.Т ҷилди чорумаш дарҷ гардидаанд [1], [9], [10].

Инкишоф дар адабиёти педагогӣ низ мафҳуми асосӣ ҳисоб меёбад, Хайрулло Раҳимовва Абдулбоқи Нуровдар китоби “Педагогика” [19] қонуниятҳои умумии онро оварда, ба чор категория ҷудо кардаанд:

1. Раванди инкишофи шахсият.
2. Омилҳои асосии инкишофи шахсият.
3. Фаъолият ҳамчун омили инкишоф
4. Ташхиси инкишоф.

**Раванди инкишоф** – ин дигаргунии миқдорӣ ва сифатии ҷисми инсон аст. Натиҷаи инкишоф ин ташаккули одам ҳамчун намуди мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Инкишофи ҷисмонии одам ба хусусиятҳои биологӣ вобаста буда, дар худ тағйироти морфологӣ, биокимиёӣ, физиологӣ мегирад. Аммо инкишофи иҷтимоӣ ба рӯшди психологӣ, рӯҳӣ ва ақлонӣ хос аст.

Агар одам ба дараҷаи рушди иҷтимоӣ расад, онро шахсияти дорандаи ҳуш ва худогоҳ, қобили фаъолияти мустақилонаро дигаргун созанда меноманд. Одам ҳамчун шахсият таваллуд намеёбад, балки дар ҷараёни инкишоф ба он молик мегардад.

**Инкишофи одам** – ҷараёни басо мураккаб, давомдор ва бо ихтилоф аст. Инкишоф на бо ҷамъшавии тағйироти миқдории оддию хати рост, балки аз паст ба боло ҳаракат мекунад. Хусусияти ин бо роҳи диолектикии аз тағйироти миқдорӣ, ба дигаргунии сифати ҷисмонӣ, психологӣ ва маънавӣ гузаштани шахсият мебошад. Намояндагони ҷараёнҳои гуногуни файласуфӣ ин тарзи инкишофро гуногун маънидод кардаанд, ки аз бисёр ҷиҳат ин раванд ҳалли пурраи худро пайдо накардааст.

Инкишофи одам раванди табиӣ, идорашаванда, худ ба худ рӯйдиҳӣ муайянкарда шудааст. Фалсафаи диолектикии материалистӣ маънидод мекунад, ки инкишоф ҳамчун хосияти материя дар ҳаракат ва худ идоракунӣ мебошад. Дар инкишоф кӯҳнаҳо нест мешаванд ва навҳо ба вуҷуд меоянд. Одам аз ҳайвон бо қобилияти ақлӣ фарқ мекунад, таввасути воситаҳои меҳнат мавҷудияти худро бунёд мегардонад. Қувваи ҳаракаткунандаи инкишоф ин муборизаи мухолифатҳо мебошад. Мухолифатҳо дар ҳаракати инкишофи оммаи одамон ва ба инкишофи баъзеи онҳо хосанд.

Азбаски шахсият дар тули зиндагӣ инкишофу ташаккул меёбад, аз нигоҳи педагогӣ моҳият ва мафҳумҳои "инкишоф" ва "ташаккул"-и шахсиятро ифшо додан зарураст.

Бинобар ин дар таҳти фаҳмиши инкишоф равандҳои бо ҳам робитадори дигаргунии миқдорӣ ва сифатие, ки дар расиши анатомию физиологӣ, дар такомулоти системаи асаб ва рӯҳиёти одам рӯй медиҳад, ҳамчунин фаъолияти идрок ва эҷодкорӣ, ғанӣ гардидани ҷиҳатҳои ҷаҳонбинӣ, ахлокӣ, ақидаҳои оммавию сиёсӣ ва эътиқодии вай фаҳмида мешавад.

Ташаккул бошад натиҷаи инкишофро ифода намуда, ташаккулёбӣ, маҷмӯи хусусият ва сифатҳои устуворона ҳосил кардаи шахсиятро мефаҳмонад. Илова бар ин ташаккул ин ба шахсият додани ягон қувва ва ё навъи устувору комили муайян, чунончи асосҳои фан, ахлоқи шоиста аз ҷониби ягон шахс ё коллективиро низ ифода мекунад. Ба хусус барои педагогика ва умуми дигар фанҳо, ки нисбати инкишофи шахсият баҳс мекунад, ба назар гирифтани сарчашма ва омилҳои асосии инкишоф ва ташаккули шахсият масъалаҳои умда мебошанд. Нисбати ин масъалаҳо файласуфон, педагогон ва психологон ақидаҳои мухталиф изҳор намуданд.

Тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ собит мекунанд, ки омилҳои инкишоф ва ташаккулёбии шахсият–аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит (табии ва иҷтимоӣ) ва тарбия (бо таълим) на фақат байни ҳамдигар алоқамандӣ доранд, ҳамчунин ҳар яке ба дараҷаи таъсирбахшии худ низ моликанд. Дар баробари ин инкишофи шахсият ҷараёни дигаргунии миқдорӣ ва сифатӣ буда, он ба ду намуд зоҳир мегардад–тағйироти анатомӣ-физиологӣ, яъне инкишофи ҷисмонӣ: қад, мушакҳо, вазн, сохти бадан, гардиши хун ва ғайра. Ба тағийроти рӯҳӣ– психологӣ: инкишофи тафаккур, ҳофиза, диққат, захираи луғавӣ–нутқ ва ғайра. мансубанд. Дар ин ҳарду намуди инкишоф ва ташаккулёбии шахсият омилҳои номбурда нақши муайян мебозанд.

Генетика барномаи инкишофи ирсияти инсонро рамзкушоӣ кард. Барномаи инкишофи ирсияти инсон ба худ қисми муқараркунӣ ва дигаргуншавии умумиро мегирад, ки одамро одам мегардонад. Қисми муқараркунии барнома, пеш аз ҳама насли одамизод, аз ҷумла аломатҳои нутқ, қад, роҳгардӣ, фаъолияти меҳнатӣ, тафаккурро таъмин мекунад.

Аммо ақлу шуури инсон ба сатҳи аҳли волидайн–ирсият вобастагӣ надошта маҳз ба барномаи инкишофи ҷомеа ва тарбия тааллуқ дорад. Истеъдоди махсуси онҳое, ки дар синни бармаҳал қобилияташон зоҳир мегардад, дар фаъолияти мусиқӣ, бадеӣ, риёзиёт, физика, кимиё, варзиш ва ғайра. рушду нумӯи онҳо дастгирӣ ва ҳамкории педагогиро мепарварад.

Муҳит инсонро маҳз дар ҷараёни иҷтимоӣ, яъне равобити ҳамкорӣ бо дигар одамон шахсият мегардонад. Бидуни ҷамъияти иҷтимоӣ дорои инкишофи маънавӣ, ҷамъиятӣ, психологӣ шудан мумкин нест. Ҳаёти воқеие, ки дар шароити он одам инкишоф меёбад, муҳит ном дорад. Ба ташаккулёбии шахсият шароити гуногуни берунӣ, аз ҷумла муҳити географӣ, иҷтимоӣ, мактабӣ, оилавӣ таъсир мекунад.

Ба инкишофи инсон хусусан айёми кӯдакӣ муҳити оила таъсири калон мерасонад. Дар хонадон одатан инкишоф ва ташаккулёбии аввалини ҳайёти инсон ҳалли худро меёбад.

Таъсиррасонӣ ба инкишофи одам, худи тарбия аз инкишоф вобаста буда, он мунтазам ба сатҳи ноилшудаи инкишоф такя мекунад. Мураккабии диалектикии муносибатҳои тарафайни инкишоф ва тарбия ҳамчун мақсад ва восита дар ҳамин дида мешавад. Ба таъсири инкишофи ирсият, муҳит ва тарбия боз як омили ниҳоят муҳим ҳамроҳ мешавад, ки онро"фаъолияти шахсият"меноманд. Хуллас, натиҷаҳои инкишоф ва фаъолияти сермаҳсул алоқаи мустақими байни натиҷаҳо ҳисоб меёбад. Ин ҳоло як қонуни умумии инкишоф аст, ки онро чунин маънидод кардан мумкин аст: одам дар соҳаи муайян ҳар қадар зиёд кор кунад ҳамон қадар сатҳи инкишофаш зиёд аст. Бояд дарк кард, ки ҳудуди ин амалиёт ин қонуният бе канор, вале он бо омили "тобоварӣ"-қобилият, синусол, шиддат ва ташкилкунандаи худ фаъолияти дигарҳоро муайян карда метавонад. Дар раванди фаъолият инкишофи ҳамаҷониба ва мақсади шахсияти одам,

муносибати вай пиромуни атрофиён ташаккул меёбад. Дар таҷрибаи педагогии муосир талабот нисбати ташхиси фавран муайянкунии сатҳи пешрафту инкишофи талабагон бештар ҳис карда мешавад. Ин ба самаранок идоракунии раванди ташаккулёбии шахсият, ки барои муайян кардани умқи дониш, суръат ва хусусиятҳои хоси тағйирёбӣ ба миён омада аст.

Ин ақидаҳои педагогӣ ва психологӣ оид ба мафҳуми инкишоф дар адабиётҳои дигар ҳамин мазмун оварда шудааст.

Аз рӯи гуфтаҳои боло ва таҳлилҳои фалсафӣ, педагогӣ ва психологӣ ба хулосае омадан мумкин аст ки психика танҳо дар сатҳи баланди инкишофи материяи зинда ба амал меояд.

Акнун суол ба миён меояд, ки мафҳуми инкишоф дар таълими математика чӣ тавр шарҳ дода мешавад. В.А.Далингер дар китобаш " Методика развивающего обучения математике" чунин навиштааст: фаъолияти ҳар як омӯзгорӣ фанни математика аз он иборат аст, ки таълими математикаро барои ҳар як хонанда дастрас ва сатҳи дониши математикии онро барои фаъолияти минбаъдаи ҳайёт зарур намуда, ҳар як хонандаро ба инкишофи интелектуалии фаъолият таъмин намояд"[4, с.29].

Ҳалли ин ва дигар масъалаҳо сохти навро дар фаъолияти омӯзгорони математика ва хонандагон дар протсесси таълим талаб менамояд. Ба сифати мисол мактабҳои Ҷопон оварда шудааст. Яке аз принсипҳои асосии таълим ва тарбия дар мактаҳои Ҷопон дар он аст, ки дар хонандагон идеяи худ ба худ дар рақобат буданро ҷорӣ намудаанд. Яъне хонанда бояд кӯшиш намояд, ки имрӯзаш аз дирӯзаш фарқ карда худаш ба худаш монанд бошад на ба ҳамсабақаш тақлид намояд. Ҷопониҳо мегӯянд, ки"дирӯз тӯ аз имрӯз беҳтар будӣ", " имрӯз тӯ аз дирӯз хубтар ҳалли мисолҳоро нишон додӣ ва фардо боз аз ин ҳам беҳтар шуда метавонӣ". Ин мақсаднокии тарбия ба амалкунии мақсаднокии шахсият равона карда шуда, нофаҳмиҳои дохила ва берунаро кам мекунад.

Консепссияи таълим ҳоло дар ҷои аввал ба шаклдарории шахсиятро мегузорад. Қайд бояд кард, ки таълим ва аз ҷумла таълимӣ математика бештару бештар хислати инкишофидиҳандаро мегирад. Ҳангоме, ки оиди инкишофи таълим сухан меронем бояд ин ё он фаҳмиши амиқи фаъолиятро дар назар доща бошем [4].

Истилоҳӣ"таълимӣ инкишофдиҳанда" дар адабиёти педагогӣ–психологӣ ва методӣ бо тарзҳои гуногун таҳлил карда мешавад. Ҷавобҳо ба саволи "таълими инкишофдиҳанда чист?", "Чиро бояд дар хонандагон инкишоф диҳем?", "Таълим ва тарбияи шахс протсесси инкишофи психикии онро муайян мекунад?", " Алоқамандии таълим ва тарбия бо инкишофи психикӣ чӣ гуна аст?"то ҳол мухолиф ҳастанд.

Вобаста ба саволи гузоштташудаи охирин қайд бояд кард, ки таълим дар зери инкишоф сохта мешавад. Чӣ тавре, ки Л.С.Вигодский [3] гуфтааст: "Ҳангомӣ дар инкишоф будан мо функсияи маълумотдиҳии таълимро, ки мақсаднокии он дар коркарди дониш, маҳорату малака мебошад, ба даст меорем. Агар таълим аз қафоихуд инкишофро биёрад дар ин маврид ба функсияи инкишофдиҳандаи таълим ноил мегардем" [3].

Дар яке аз равиятҳо таъсири таълим ва тарбияро ба инкишофи психикии шахс рад менамоянд, ки бо ин амалашон вуҷуд доштани таълими инкишофдиҳанда низ рад карда мешавад. Намояндагони гурӯҳӣ дигар нақши муайяни таълим ва тарбияро ба инкишофи психикии шахс доранд.

Ба саволи "дар кадом мувафақият протсесси таълим ва инкишоф ҷой доранд?", ҷавоби Д.Б.Элконинро Далингер В.А. дар китоби "Методика развивающего обучения математике" оварда чунин қайд кардааст: Мушкилӣ дар он аст, ки категорияҳои таълим ва инкишоф худ гуногунанд. Таъсирбахшии таълим ҳамчун қоида аз рӯи миқдор ва сифати донишҳои аз худ карда чен карда шуда, таъсир бахшии инкишоф бо сатҳи маҳорати ба даст овардаи хонандагон чен карда мешавад ва ғ.. Барвақт қайд шудааст, ки бисёр дониста дар баробари ин ягон маҳорату истеъдод нишон надодан мумкин аст [4].

Аз таҳлили адабиётҳои педагогӣ ва психологӣ чунин бармеояд, ки аввалин маротиба масъалаи сохтани системаи хуби таълим, ки ба инкишофи хонандагон таъсирбахш аст, аз тарафи педагог ва психологӣ рус Л.В.Занков дар солҳои 1950-ум гузошта шудааст. Баъди марги устодаш С.Вигодский Л.В.Занков роҳбарии яке аз донишкадаҳои илмӣ-амалии дефектологӣ (таълими кӯдакони иллатдор)-ро ба ӯҳда гирифт. Дар корҳои тадқиқотии худ Л.В.Занков ба хулосае омад, ки таълим бояд аз

қафои худ инкишофро биёрад, ва ӯ нишон додааст, ки таълим чи гуна бошад, ки инкишоф таъмин менамояд.

Инкишофи умумии хонандагони синфҳои поёни дар доираи кори таҷрибавии Л.Занков чунин дида мешуд:

- маҳорат ба мушоҳидакорӣ, моҳияти қабул кардани фактҳои ҳақиқӣ, шифоҳӣ, математикӣ, эвристикӣ ва ғ..

-фикрронӣ, маҳорати таҳлилкунӣ, синтез намудан, муқоисакунӣ, ҷамъбасткунӣ ва ғ..

-фаъолияти амалӣю сохтани баъзе маводҳои объект, гузаронидани амалҳои дастӣ, дар як вакт инкишоф додани омӯзиш ва хулосабарорӣ.

Ӯ қайд намудааст, кисистемаи таълимие, ки инкишоф медиҳад ба принсипҳои дидактикии тадбиқ кардаи олимон Занков Л.В., Давыдов В.В.,Вигодский Л.С., Галперин В.В., Леонтев А.Н., Элконин Д.Б. ва дигарон. такя мекунад. Нисбат ба принсипҳои дидактикии анъанавӣ онҳо барои ба даст овардани инкишофи умумии хонандагон равона карда шудаанд, ки шаклдарории донишро таъмин месозанд. Сухан дар бораи принсипҳоизерин меравад:

- дониши назариявӣ дар таълими ибтидоӣ
- таълим дар сатҳи баландӣ мушкилӣ
- таълим бо равиши тез
- ёдгирии хонандаон дар протсесси таълим
- мақсаднокӣ ва корҳои системавӣ барои инкишофи умумии ҳамаи хонандагон, ҳатто хонандагони ғайри фаъол.

Далингер В.А. боз қайд мекунад, ки аз ҷониби О.В.Попов модели инкишофи назариявии фикрронии хонандагон пешниҳод гардида, дар он дигар ҷанбаҳое, ки ба натиҷаи корҳои педагогӣ таъсири мусбӣ мерасонанд инъикоси худро ёфтаанд [4].

Л.Н.Скаткина қайд намудааст, ки бисёр педагогҳои машҳур саволҳоро нисбат ба методи таълими математика дар фаъолияти педагогии худ дида баромадаанд. Аз ҷумла педагогӣ машҳури чехӣ Амос Каменский (1592-1670) дар китоби ”Великая дидактика”-и худ талабот ва қоидаҳои дидактикии умумиро ҷой дода, ҳамчунин диқати умумро ба таълими арифметика ҷалб намудааст. Педагогӣ шведсариягӣ И.Г.Песталотсӣ (1746-1827) таълими элементариро асос интихоб намуда, масъалаи педагогии методӣ ибтидои таълими арифметикаро ба кӯдакон дида баромадааст. Педагогӣ машҳурӣ рус К.Д.Ушинский ( 1824-1870) дар “Руководстве к преподование родному слову ” якчанд саҳифаро барои равшани андохтан дар методикаи таълими ибтидоии ҳисоб ҷудо намудааст.

Ҳамчунин дарҷ шудааст, ки методикаи таълими математикаи ибтидоӣ бо умумӣ алоқаманд аст. Дар методикаи умумии таълими математика масъалаҳои зерин дида баромада мешаванд: роҳҳои ба шаклдарории мафҳумҳои математикӣ, дедуксия ва индуксия дар таълими математика, қонунгузорӣ дар методикаи умумии математика бо назардошти синусолии хонандагон.

Скаткина Л.Н мегӯяд, ки методи ибтидоии таълими математика мавқеи мантиқиро ҳангоми таҳлили маводҳои таълимӣ истифода менамояд. Барои он, ки маводи таълимӣ дуруст ба қисмҳои хулосабарории мантиқӣ ва алоқамандии онҳо ҷудо гардад, бояд аз формулаҳои муайяни математикӣ, мафҳумҳои алоқамандкунии байни онҳо истифода бурда тавонем. Дар пртсесси таълим дар хонандагони синфҳои поёни қадам ба қадам мафҳумҳои асосии зерини математикӣ ба шакл даровარда мешаванд: мафҳуми адади натуралӣ ва сифр, мафҳуми баландӣ, мафҳумҳои фигураҳои геометрӣ.

Ҳамаи ин мафҳумҳои математикӣ аз ҷиҳати абстрактӣ фарқ мекунанд. Фридрих Энгельс навишта аст: “ Чӣ мафҳумҳои адад ва чӣ мафҳуми шаклҳо мувофиқан аз ҳаёти ҳастӣ пайдо шудаанд, на дар сари касе аз фикраш ”[15].

**Хулоса** дар охир қайд бояд кард, ки **масъалаҳои инкишофдиҳанда** дорои функсияҳое мебошанд, ки ба инкишофи тафаккури хонандагон, ташаккул додани хислатҳои илмӣ – техникии онҳо, маҳорату малакаи фаъолияти фикрии хонандагон равона гардидааст. Яъне мушоҳидакорӣ, муқоисанамоӣ, таҷрибакунӣ, таҳлил ва синтез, абстракт ва конкреткунӣ ва ғайра дар қатори масъалаҳои инкишофдиҳанда ҷой доранд. Дар баробари ин гузаронидани ташаккули индуктивӣ ва дедуктивӣ, қоидаҳои хусусии истифодаи аналогия ва интуитсия, дуруст гузоштани экспереме нти амалӣ ва фикрӣ, баёни гипотезаҳо ва гузаронидани онҳо истифода мегарданд. Онҳо имконият медиҳанд, ки дар вазъиятҳои таълими истифодаи моделсозии оддӣ ва моделҳои ҷойдоштаро барои хосиятҳои объектҳо истифода карда тавонед, мавҷудотҳо ва объектҳои омӯхташударо

ба синфҳо ҷудо кунед, системакунонии донишҳоро ёд гиред. Мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сабаби татқиқотӣ ва структуравии онҳоро муайян намудан, интихоби шарт ва методҳои ба даст овардани мақсади гузошташуда бо назардошти шарти конкретӣ, алоқаи байни материали таълимӣ ва ҳаёти одамонро таҳлил ва баҳогузории материалӣ, амалӣ ва татқиқотӣ кардан, хосият ва граматикаи мантиқӣ, тафаккури илмӣ ва ғайраҳо бо функсияиҳои инкишофдиҳанда амалӣ мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Блауберга И.В. Краткий словарь по философии. / И.В.Блауберга, И.К. Пантина - Москва:Политической литературы, 1979. - [С. 267-268].
2. Бадмаев Б.Ц. Психология в работе учителя. / Б.Ц. Бадмаев - Москва: Владос, 2000. - С.7-40
3. Выготский Л.С. Педагогический психология. /Л.С.Выготский-Москва: Педагогика,1991.-С.374-410.
4. Далингер В.А. Методика развивающего обучения математике. / В.А.Далингер, Н.Д.Шатова - Москва: Юрайт, 2018. - С.6-29.
5. Давыдов В.В. Теория развивающего обучния. / В.В.Давыдов - Москва: Интор,1996. – 517 с.
6. Занков В.Л. Развитие учащихся в процессе обучения (1-2 классы). / В.Л.Занков - Москва: АПН, - С.105-146.
7. Иванов П.И. Общая педагогика. Тошкент: / П.И.Иванов - Уқитувги,1967, - С. 62-85.
8. Ковалёв А.Г. Психология личности. / А.Г.Ковалёв Москва: Просвещение, 1970, - С.77-85.
9. Саидов Муҳиддин. Психология / М.Саидов, Н.Қурбонов, Ш.Ҷураев - Душанбе: матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2018 - С.171-185
10. Немов Р.С. Психология. / Р.С.Немов Москва: Просвещение, 1990-1991,-С.97-107.
11. Осимов М.С. Э.С.Т қисми 2 / М.С. Осимов -Душанбе: Ирфон, 1980 С.1745-1747].
12. Петровский А.В. Психология. словарь./А.В Петровский ва М.Г.Ярошевский Маосква: 1996,-С.45- 90.
13. Приписнов В.И. Основы социальной философии./И.В.Приписнов. Душанбе: Маориф,1992, С.20-35.
14. Розентал М.М, Филосовский словарь./М.М.Розентал и Юдина П.Ф.Москва:Политический литературы, 1968, С. 300-301.
15. Скаткина Л.Н. Методика начального обучения математике./Л.М. Скаткина. Москва: Просвещение, 1972, С. 7-50.
16. Сайфиддин Назарзода, Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ./Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов вадр. Душанбе: 2008, С.548.
17. Спиркин А. Асосҳои фалсафа. / А.Спиркин. Душанбе:Маориф, 1991, С.160-165.
18. Фридман Л.М, Психологический спровочник учителя. /Л.М. Фридман, Кулагин И.Ю. Москва: Просвещение, 1991, С. 41-166.
19. Хаёруллоҳ Раҳимов, Педагогика./ Хаёруллоҳ Раҳимов, Абдулбоқи Нуров. Душанбе: Ирфон, 2011, С.30-49.


## МАСЪАЛАҲОИ ИНКИШОФДИҲАНДА ДАР АДАБИЁТИ ФАЛСАФӢ, ПЕДДАГОГӢ ВА РИЁЗӢ

*Қисми асосии эҷодиёти фикрии инсон ба ҳалли масъалаҳо алоқаманд аст. Фикри ӯ ба ягон мақсад равона карда шудааст. Вай тарз ва воситаҳои ба даст даровардани мақсадҳои пешгузошташударо меҷӯяд. Фақат одам ба ҳал кардани масъала қодир аст. Мсъалаҳое, ки ҳар фард дар назди худ мегузорад ва он масъалаҳое, ки дар назди ӯ дигарон мегузоранд, ҳамаи эҷодиёти ӯро муташаккил ва муайян менамояд.*

*Масъалаҳо яке аз воситаҳои муҳим ва шакли пешбарандаи фаъолияти таълимӣ дар раванди омӯзиши математика ба ҳисоб меравад. Он ба хонандагон имконият медиҳад, ки фаъолияти фаҳмидагирии мустаҳқилонаи онҳо инкишоф ёбад. Аз ин рӯ истифодаи масъалаҳо дар таълим ба предмети махсуси тадқиқотии соҳаи методика мубаддал гаштааст.*

*Муайян шудааст, ки дар омӯзиши таълим математика зарур меояд, ки бисёр маҳоратҳои муҳимро аз худ намоем, зеро масъалаҳо дар ҳаёт ва фаъолияти ҳар як шахс нақши калон мебозанд. Аз ҷумла сохтани объектҳои математикӣ, мафҳуми ин объектҳоро дуруст муайян намудан, хосиятҳои ин мафҳумҳоро аниқ ва исбот кардан, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намудан ва ғайраҳо. Аммо боз як вазифаи муҳим ва мураккаб мавҷуд аст, ки мо бояд ёд гирем, - ин маҳорати ҳал кардани масъалаҳо мебошад, ки дар протсесси он тафаккури техникии ҳар як хонанда инкишоф меёбад.*

***Мақсади мақола** инкишофи тафаккури хонандагон бо ёрии масъалаҳо мебошад. Бо ҳал кардани масъалаҳо пешрафти тафаккури математикии хонандагон дараҷа ба дараҷа боло рафта, мустақилияти математикии онҳо зиёд гашта, фаҳмиши материалистӣ ва*

*диалектикии онҳо ба шакл дароварда шуда, хусусиятҳои шахсии онҳо тарбия мешаванд. Дар рафт ва натиҷаҳои он дар хонандагон сатҳу сифатҳои маълумотнокӣ, ақлию зеҳнӣ инкишоф меёбанд.*

***Аз рӯи натиҷаи татқиқот** маълум аст, ки ҷавҳари математикаро масъалаҳо ташкил медиҳанд ва ҷараёни таълим ҳам ба воситаи ҳал кардани масъалаҳо пеш меравад. Бо ёрии масъалаҳо хонандагон зарурияти дохил намудани мафҳумҳои нави математикиро возеҳу равшан дарк хоҳанд кард.*

*Масъалаҳо имконият медиҳанд, ки қобилияти фикрронӣ ва тафаккури толибилмон инкишоф дода шавад, дар ҳалли масъалаҳои математикӣ онҳо бояд фаъол бошанд, пешравӣ дошта бошанд, муҳокима намудани мантиқиро ёд гиранд, муқоиса намоянд, тасвир кунанд, нақшаҳоро шиносанд, амсила (модел)- и масъалаҳоро тартиб диҳанд ва ғайра.*

***Калидвожаҳо:** масъала, инкишофдиҳанда, намудҳои масъала, функсияҳои масъала, эҷодкорӣ, махорату малака, фаъолияти таълимӣ, пешбаранда, мустақилона, функсияи назоратӣ, функсияи тарбиявӣ, вазъияти проблемавӣ, фаъолият, тадқиқот, амалиёт, мафҳум, категория, объект, субъект, дидактика, мутахассис, мушаххас, ташаккул, математика, модел, анализ, синтез, абстракткунонӣ.*

## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ И МАТЕМАТИЧЕСКОЙ ФИЛОСОФСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

*Большая часть человеческого творчества связана с решением задач. Его разум сосредоточен на какой-то цели. Он ищет пути и средства для достижения поставленных целей. Только человек имеет возможность решить задачу и проблему. Вопросы, которые ставит перед собой каждый человек, и те вопросы, которые ставят перед ним другие, организуют и определяют все его творения.*

*Задачи являются одним из важных средств и ведущей формой учебной деятельности в процессе обучения математике. Это позволяет учащимся развивать самостоятельную познавательную деятельность. Поэтому использование проблем в образовании стало особым предметом исследования в области методологии.*

*Установлено, что в математике необходимо овладеть многими важными навыками, ведь задачи играют большую роль в жизни и деятельности каждого человека. В том числе создание математических объектов, правильное определение смысла этих объектов, определение и доказательство свойств этих понятий, разделение их на группы и так далее. Но есть еще одно важное и сложное понятие, которое нам необходимо усвоить – это умение решать задачи, в процессе которого развивается техническое мышление каждого ученика.*

***Цель статьи-** развивать мышление учащихся с помощью задач. При решении задач шаг за шагом повышается прогресс математического мышления учащихся, повышается их математическая самостоятельность, формируется материалистическое и диалектическое понимание, воспитываются личностные качества. В процессе и его результатах у студентов реализуются воспитательные, воспитательные и развивающие качества.*

***По результатам исследования** видно, что суть математики составляют задачи, и через задачи протекает процесс обучения. С помощью задач учащиеся четко поймут необходимость введения новых математических понятий.*

*Задачи позволяют учащимся развивать способность мыслить и мыслить, они должны проявлять активность в решении математических задач, иметь успехи, учить логически рассуждать, сравнивать, описывать, знать планы, составлять модели задач, давать и так далее.*

***Ключевые слова:** задача, развивающие, виды задач, функции задач, креативность, умения и навыки, учебная деятельность, руководитель, самостоятельнность, контрольная функция, учебная функция, проблемная ситуация, деятельность, исследование, операция, понятие, категория, обект, субект, дидактика, специалист, спецификация, формирование, математика, модель, анализ, синтез, абстракция.*

## PROBLEMS OF DEVELOPMENT IN PEDAGOGICAL AND MATHEMATICAL PHILOSOPHICAL LITERATURE

*Much of human creativity has to do with problem solving. His mind is focused on some goal. He is looking for ways and means to achieve his goals. Only man can solve the problem. The questions that each person poses to himself, and the questions that others pose to him, organize and determine all his creations.*

*Tasks are one of the important means and the leading form of learning activity in the process of teaching mathematics. This allows students to develop independent cognitive activity. Therefore, the use of problems in education has become a special subject of study in the field of methodology.*

*It has been established that in mathematics it is necessary to master many important skills, because tasks play a big role in the life and work of every person. Including the creation of mathematical objects, the correct definition of the meaning of these objects, the definition and proof of the properties of these concepts, their division into groups, etc. But there is another important and complex concept that we need to learn - this is the ability to solve problems, in the process which develops the technical thinking of each student.*

***Purpose of the article** is to develop the thinking of students with the help of tasks. When solving problems, step by step, the progress of mathematical thinking of students increases, their mathematical independence increases, a materialistic and dialectical understanding is formed, and personal qualities are brought up. In the process and its results, students realize educational, educational and developing qualities.*

***According to the resultsof the study**, it can be seen that the essence of mathematics is tasks, and the learning process flows through tasks. With the help of tasks, students will clearly understand the need to introduce new mathematical concepts.*

*Tasks allow students to develop the ability to think and think, they must be active in solving mathematical problems, be successful, learn to reason logically, compare, describe, know plans, model problems, give, and so on.*

***Key words:** problem, developer, problem types, problem functions, creativity, skills, learning activity, leader, independent, control function, learning function, problem situation, activity, research, operation, concept, category, object, subject, didactics, specialist , specification, formation, mathematics, model, analysis, synthesis, abstraction.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна** – муалими калони кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Сурога: 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 918889077, E-mail: barkiashomurodova@gmail.com;*

***Сведения об авторе:***

***Шомуродова Баркия Рахматуллоевна** – соискательница и старшая преподавательница кафедры алгебра и теории чисел, Таджикского государственного педагогического университет имени С. Айнӣ, адрес: 734003 г. Душанбе, пероспект Рудаки 121, Тел: (+992) 918889077, E-mail: barkiashomurodova@gmail.com;*

***About the author:***

***Shomurodova Barkiya Rahmatulloevna** – Applicant and senior thacherDepartment of Algebra and Number Theory, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, address: 734003 Dushanbe, even Rudaki 121, Phone: (+992) 918889077; E-mail: barkiashomurodova@gmail.com;*

## НАҚШИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ТАЛАБАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Ҷамолбии Ҳ.***

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯадкӣ*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қарори махсус қабул кард. Мувофиқи ин қарор ба таълими забони англисӣ дар мактаб аз зинаи аввал сар карда, эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Мактаб ин рукни таркибии фарҳангу маданият мебошад, ҳамчун муассисаи таълимию тарбиявии ҷомеа дар афрухтани нури маърифат ва ахлоқи ҳамида мавқеи муҳим мебозад.

Асоси ҳама гуна ғояи илмро принсипҳои сиёсати давлат дар соҳаи маориф, ки ҳануз дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми июни соли 1994 рақами 9 маъқул дониста шудааст, ташкил медиҳад. Баъди ин санад Қонун «Дар бораи маориф» дар таҳрири нав ду

маротиба, солҳои 2004 ва 2013-ум қабул карда шудааст. Методологияи илмӣ бо боварии пурра тасдиқ менамояд, ки ҳар як мактаби миллӣ дорои хусусиятҳои хос ва низоми мустақили методӣ буда, дар худ унсурҳои таркибии ба ҳам алоқаманди шаклҳои ташкили кори омузишу парвариш, усулҳо ва тарзу воситаҳои таълимиро таҷассум менамояд.

Тавре, ки дар пешгуфтори «Қонуни маориф» таъкид карда шудааст: «Вазифаи таълим ва тарбия ҳамчун ҷузъи таркибии маориф ва дар шароити давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аз он иборат аст, ки шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиб и дониши амик дорои маҳорату малакаи касбӣ тайёр намояд».

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ҳавасмандии хонандагон синф ба синф паст мешавад. Вале боиси қайд аст, ки сатҳи ҳавасмандӣ пеш аз оғози омӯзиши забон ва дар зинаи аввал хеле баланд аст. Талабаҳо мехоҳанд бо ҳамдигар бо забони хориҷӣ суҳбат кунанд, суруду шеърҳоро, ки бо забони хориҷӣ иншо шудаанд, қироат кунанд, дар бораи мамлакатҳои хориҷӣ маълумот пайдо кунанд. Баъзе аз хонандагон ҳатто дар омӯзиши забон як чизи шавқоварро дармеёбанд. Хулоса, ҳама меҳоҳад забони хориҷиро азхуд намояд. Тавонад бо забони бегона муошират кунад, адабиёти хориҷиро мутолиа кунанд. Ҳамин тариқ, ҷараёни омӯзиш сар мешавад ва муносибати хонандагон ба омӯзиши забон иваз мешавад, теъдоди зиёди хонандагон ҳавасманд мегарданд. Зеро ин ҷараён давраи «ҷамъкунии мавод»-ро дорост. Марҳалае, ки аз ҷараёни таълим ҷудонашаванда аст. Марҳилаи душвориҳо аст, ки билохира ҳадафи ноил гаштан ба комёбиро пахш мекунад [4, с. 48-53].

Аз ин лиҳоз, саволе ба миён меояд, оё паст шудани сатҳи ҳавасмандӣ ҷараёни ҳатми аст? Хушбахтона, таҷрибаи омӯзгорони беҳтарин, ки тарбиягирандаҳояшон забонро хеле хуб аз худ менамоянд, муқобили ин гуфтаҳост. Талабаҳо ҳис мекунанд, ки ба комёбӣ ноил гашта истоданд ва ин ҳиссиёт онҳоро ҳама вақт фарогир аст.

Ҳавасмандгардонӣ бояд ҳамчун як қисмати муҳим дар ҷараёни таълим ба назар гирифта шавад. Ҳавасмандӣ ин худ як тарафи субъективии муҳити шахсии талаба мебошад, ки онро худи талаба вобаста аз талаботу ҳоҳишҳои худ муайян месозад. Муаллим метавонад бевосита ба ин ҷараён таъсир расонад, асосҳо биёрад, то талаба худ шавқмандии фанро дарк намуда, нисбати омӯзиши фан ҳавасманд гардонад.

Агар муаллим тавонад худро дар ҷои талаба ҳис кунад, талаботу хоҳиши талабаро муайян кунад, албатта дар кори ҳавасмандгардонӣ комёб мешавад. Дар ин ҳолат, муаллим на танҳо метавонад дар бораи мақсади фаъолияти талаба маълумот пайдо кунад, балки онро инкишоф диҳад, дуруст кунад. Барои ин бояд муаллим талабагони худро хеле хуб донад. Инчунин омузгор бояд аз тамоми намудҳои воситаҳои муосиру таҷрибаи гузаштаи ҳавасмандгардонӣ фаъолона истифода барад. Ҳамин тариқ, омӯзгор метавонад ҷараёни таълимро зери назорат гирифта, ҷараён и омӯзиши забони хориҷиро дуруст ташкил кунад [1,с.20-25].

Ҳадафҳое, ки дар назди фанни таълими забони хориҷӣ меистад, бояд аз тарафи омӯзгор аз ҷиҳати методӣ босавод, ки аз технологияи муосири таълими забони хориҷӣ ва хусусиятҳои психологӣ-педагогии талабаган бохабар аст, ҳал гарданд. Хеле муҳим аст, ки ҷараёни таълиму тарбия ва инкишофи талаба дар асоси методҳои муосир ба роҳ монда шавад.

Мутаасифона, дар замони ҳозира омӯзгороне ки хусусиятҳои синну соли ва психологии талабагонро ба назар мегиранд, каманд. Дар баробари ин, масъалаи босаводона таълим додани маҳорати муошират кардан бо забони хориҷӣ осон набуда, масъулияти зиёдро талаб мекунад.

Бомуваффақият оғоз шудани ҷараёни таълими забони хориҷӣ ба баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии хонандагон нисбати омӯзиши забон ёрманди мекунад. Муваффақияти таълим ва муносибати хонандагон ба фан пурра аз сифати дарс вобаста аст. Дар ҷараёни таълим дар зинаи аввал роли бозиҳои таълими хеле бузурганд. То чанде муаллим аз технологияҳои бозӣ ва айёнӣ истифода мебарад, то ҳамон дараҷа дарс барои талаба шавқовар мегузарад ва мавод аз тарафи хонандагон беҳтар азхуд мешавад.

Инчунин, омӯзгор бояд кушиш намояд, ки гузашта аз як зина ба зинаи дигар дар натиҷаи маҳорату малакаи ба даст овардашуда гум нашавад. Ин, ҳадафи омӯзгор дар он сурат ноил мегардад, ки дар тамоми рафти таълим як системаи муайяни таълим, ки ифодаи аниқ дорад, нигоҳ дошта шавад. Чунин таъсири мутақобилро мо метавонем танҳо дар ҳолати истифодабарии айёниятҳое ки аз як зина ба зинаи дигар гузаштанро ба талаба ёри мерасонад, ба даст орем. Дар ин карина, айёниятҳое ки дар зери нуқтаи назари ягонаи муаллиф қарор доранд, беҳтаранд. Китоби дустдошта ва шинос ин пеш аз ҳама мусоқибест, ки «хислатҳои»

кудакро хуб медонад. Барои ҳамин, омӯзгор медонад, ки чӣ гуна мушкилиҳо ҳангоми гузариш аз як дастури методӣ ба дигар ба миён меоянд.

Инчунин ҳолатҳое вомехуранд, ки муаллим на он дастуре ки барои шароити муайян сохта шудааст, интихоб менамояд, балки дастурҳое, ки расми шудаанд, интихоб менамояд. Масалан, дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ баъзан дастурҳое истифода мешаванд, ки асосан дар мактабкои махсус истифода мешаванд. Ин хеле номатлуб аст ва метавонад ба натиҷаи таълим манфӣ таъсир расонад ва кар як омузгор-тадқиқотчӣ, хусусиятҳои хеш ва толибилмони худро ба назар гирифта, бояд эҷодкорона ба ҷараён и таълим нигарад ва мувофиқи принсипҳои дастури интихобшуда фаъолият кунад.

**Муайян кардани мафҳуми ҳавасмандгардонӣ**

Мафҳуми ҳавасмандгардониро метавонем ба ду ҷараён тақсим намоем. Якумин ҳавасмандгардониро ҳамчун яклухтии мақсаду омилҳо ҳисобида, сохтори ӯро меомузад. Масалан, мувофиқи нақшаи шаҳриҳова В.Д (1982) ҳавасмандгардонӣ аз талаботу мақсадҳои шахсӣ, сатҳи иддао ва идеалӣ, шароитҳои фаъолиятӣ (объективӣ, берунӣ, субъективӣ, дарунӣ - дониш, маҳорат, малака, хислат) ва ҷаҳонбинӣ сарчашма мегирад. Дар натиҷаи ба назар гирифтани камаи ин омилҳо ҷараён и қарор кардану қабули амр замина меёбад. Ҷараёни дуввум ҳавасмандгардониро на ҳамчун маълумоти оддӣ маънидод мекунад, балки онро ҳамчун маълумоти серамал шарҳ медиҳад. Ҳамин тариқ, Ковалёв В.И ҳавасмандгардониро чунин шарҳ медиҳад: «Ҳавасмандгардонӣ ин ҷараёни серамалӣ идораи рафтори дарунӣ, психологӣ ва физиологи аст, ки дар худ ҷараёни равонасозӣ, ташкили фаъолияти мақсаднокро муттаҳид месозад» [5,с.22].

Солҳои охир тадқиқотҳои зиёд оиди мақсадҳои фаъолият, хусусан, мақсадҳои фаъолияти таълимӣ аз тарафи равоншиносону методистон гузаронида шудаанд. Ҳамин тариқ, дар ҷараёни тадқиқот оиди муносибати хонандагон ба таълим, Божович Л.И. муайян сохтааст, ки яке аз лаҳзаҳои муҳим, ки моҳияти психологии муносибатро ошкор месозад, ин маҳз ҳамон маҷмуи мақсадҳоест, ки фаъолияти таълимии хонандаро муқаррар мекунад. Маҳз барои ҳамин, «проблемаи ташаккул ёфтани разонати шахси пеш аз ҳама проблемаи хусусияти иҷтимоию маънави пайдо кардани рафтор мебошад» [5,с.83], ба хамин тарз, мақсади таълим гуфта муаллиф он чизе ки шавқи кудакро нисбати таълим бедор мекунад, дар назар дорад [5,с.85].

Рогова Г.В. дар тадқиқот ҳои худ оиди ҳавасмандгардонии хонандагон нисбати дарси забони англисӣ ба гуногунии он диққат додааст: ҳавасмандгардонии коммуникативӣ - аз тарафи худи талаба муайян сохтани шавқоварии дарс; лингводарккунӣ - муносибати мусбии талабагон нисбати маводи забони, азхуд намудани хусусиятҳои аломатии забон; ҳавасмандгардонии ашёӣ - шавқу ҳавасе ки дар муносибати мусбии хонандагон нисбати ягон намуди фаъолият асос ёфтааст [6,с17]. Дар натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидааш Рогова Г.В. ҳавасманд-гардониро ҳамчун «як қисмати муҳити субъективии хонанда, ки бо хоҳиши худи у муайян мешавад» шарҳ додааст [10,с.61].

Илин Е.П. ҳангоми таҳлили корҳои баъзе аз равоншиносони хориҷӣ ба хулосае омадааст, ки муаллифон мафҳуми ҳавасманд гардониро ҳар яке гуногун мефаҳманд. Ҳамин тариқ, Левин, ки методикаи эксперементалии омухтани мақсадҳоро кор карда баровардааст, мақсадҳоро ҳамчун як чизи мустақил мефахмид [9,с.81].

Ҳамин тариқ, дар байни равоншиносон якчанд фахмиши вокеии ҳавасмандгардонӣ ва мақсад, дарккунии онҳо, мавқеи онҳо дар сохтори шахсиятӣ вуҷуд дорад. Дар хусуси проблемаи гуруҳбандии мақсадҳо бояд ҳаминро қайд кард, ки ҷидду ҷаҳд нисбати ин масъала хеле зиёд ҳастанд. Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки гуруҳбандии мақсадҳо аз фаҳмиши худи муаллифон вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, тақсимоти мақсадҳо ба мақсадҳои биологӣ ва иҷтимоӣ, мақсади ноил гаштан ба комёбӣ, вулуъ нисбати худи фаъолият, мақсади ба муваффақият нойл гаштан имконият медиҳанд, ки талаботҳои шахсӣ дар мадди аввал истанд.

Мувофиқи ақидаи Ковалёв В.И. шахс дорои ду системаи ҳавасманд-гардонист: ҳавасмандградонии даруни ва беруна: «Системаи ҳавасманд-гардонии беруна бо фаъолияти ашёӣ ва системаи идоракунии беруна алокамандии зич дорад. Дар ҷараён и фаъолияти ин система дараҷаи шиддатноки меафзояд. Вақте ки мақсади фаъолияти ашёӣ дастрас мегардад, ҳисси қаноатмандӣ пайдо мешавад.

Системаи ҳавасмандгардонии даруна ин системаи фаъолият ва идоракунии дарунӣ, кофту кови шиддат ва мушкилиҳое ки шавқу ҳавас онро ҳамроҳи мекунанд, мебошад. Набудани шиддат дар ин система ба паст шудани шавқу ҳавас оварда мерасонад» [11, с.56]. Рогова Г.В. қайд кардааст, ки мақсадҳои ичтимоие, ки талаботҳои ҷамъиятро муайян месозад, дар ҷамъ ҳавасмандгардонии дарунию берунаро ташкил медиҳад. Божович Л.И

мақсадҳоро ба мақсадҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ, ҳақпарастона ҷудо менамояд [11,с.103]. Инчунин ба ин киссмат бояд «мақсадҳои ақидавӣ ва кирдориро, ки ифодакунандаи ақидаҳои шахси, ҷаҳонбинии у, меёрҳои кирдорӣ ва принсипҳои рафтор, инчунин мақсадҳои коллективона»-и Ковалев В.И.-ро илова созем [11,с.76].

Дигар роҳи гуруҳбандии мақсадҳо аз руи фаъолнокӣ одам: мақсади суҳбат кардан, бозӣ, омузиш, фаъолияти касбӣ, варзиши ва ҷамъияти гузаронида мешавад. Дар ин ҷо номгӯи мақсад вобаста аз фаъолияти дарнамудшудаистода муайян мешавад. Ҳамин тариқ, С.А. Рубенштейн дар корҳояш мақсадҳои меҳнатӣ, бозӣ, ва алалхусус мақсади таълимиро хеле хуб шарҳ додааст: «Мақсадҳое, ки бартарии шавқро нисбати ин ё он фан муайян менамояд, гуногунанд. Масалан: шавқу ҳавас бевосита ба худи фан, ба мундариҷаи воқеияте ки дар он инъикос мегардад» шавқу ҳавас маҳз ҳамон хусусиятҳои фаъолияти зеҳниро, ки ин ё он фан талаб мекунад, ташаккул медиҳад.

Дар баъзе ҳолатҳо шавқу ҳавас тариқи ба назар гирифтани гароишҳои ҳонанада баланд бардошта мешаванд. Шавқи барзиёд нисбати ин ё он фан инчунин аз интихоби ояндаи фаъолият низ вобастагӣ дорад.

Дигар тарзи гуруҳбандии мақсадҳо ин гуруҳбандии онҳо аз чиҳати хусусиятҳои замонавӣ мебошад. Аз як ҷиҳат, ин мунтазам ва ситуативӣ зухур ёфтани мақсадҳо буда, аз тарафи дигар, ин мақсадҳои кутохмуддат ва қавӣ мебошанд. Инчунин насбҳои ҳавасмандкунӣ: оҷил - давоммуддат, ки хусусиятҳои шахсиро муайян месозад, ба ин зина алоқамандии зич доранд [11,с.19-23]. С. Пряжников чунин намуди гуруҳбандии мақсадҳоро пешниҳод мекунад: вобаста аз намудҳои гуногуни талабот: биологӣ ва иҷтимоӣ; кушиши ба даст овардани муваффақият, мақсади ба худи фаъолият ва комёбиҳо авл кардан; вобаста аз мансубияти соика, ки масъули фаъолияти талаботҳо мебошанд. Аз ҷумла, соикаҳои беруна ва даруна;вобаста аз насбҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои шахсӣ: шахсӣ ва ҷамъиятӣ, худпарастона ва умумиоммавӣ (инчунин насбҳои кирдорона, ки ҷаҳонбини ва ақидаи шахсиро муайян месозанд); вобаста аз ҳавасмандгардонии равонкунанда: ҳаммаъно ва гуногунмаъно (боисҳои муқобил); вобаста аз фаъолнокии мақсадҳо: муошират, таълим, касбӣ, варзишӣӣ ва фаъолиятӣ ҷамъиятӣ; бо назардошти хусусиятҳои замонавӣ: фаъолияти ситуативӣ ва мунтазам; насбҳои кутохмуддат ва қавӣ; дар асоси таркиби мақсадҳо: аввалиндараҷа (дорои хусусиятҳои абстрактӣ); дуюминдараҷа - дорои хусусиятҳои пурра. [13, 42-49].

Ҳамин тариқ, Н.С. Пряжников гуруҳбандии пурра ва васеъро пешниҳод кардааст. Вале, новобаста аз ин, муаллиф қайд мекунад, ки «гуруҳбандии ягона ва мукаммал, ки ҳамаро конеъ карда метавонад, то ҳол вуҷуд надорад. Намуди гуруҳбанди аз мақсади тадқиқот и гузаронида-шудаистода вобастагӣ дорад» [13,с.49].

Мақсадҳои омузиши забонҳои хориҷӣро аз назар гузаронида, Г.Д. Юрченкова мақсадҳоро чунин гуруҳбанди кардааст:

- ҳавасмандгардонии беруна хонандагонро водор месозад, ки мақсади ниҳонии таълим ба даст оварда шавад.

- ҳавасмандгардонии дарунӣ, ки худи ҷараёни азхудкунии забони хориҷӣро идора мекунад ва худ ба намудҳои зерин тақсим мешавад.

Х. Хекҳаузен бошад, чунин намуди мақсадҳоро ҷудо мекунад: «мақсадҳои умумигардонишудаи қавӣ, ки дар хусусиятҳои инфиродӣ-шахсӣ зоҳир мегарданд (мақсади ноил гаштан ба комёби новобаста аз намуди фаъолият ва ё ҳолат), мақсадҳои кавии мушаххас, ки хусусияти дам ба дам такрор шуданро доранд (масалан, ҳангоми фаъолияти касбӣ: тайёр кардани ашёҳо, бо илм сару кор кардан ва ғ.), мақсадҳои умумии беқарор, ки мундариҷаи умумикунонидшудаи ашёй доранд».

Е.П. Илин бошад, мақсадҳоро вобаста аз таркиби онҳо, ҷудо мекунад: мақсадҳои якуминдараҷа, ки ҳадафи танҳо абстрактӣ доранд, дуюминдараҷа - ҳадафи муайян доранд. Билохира, чунинанд гуруҳбандии мақсадҳо, ки аз тарафи намояндагони муосири мактабҳои психологи кор карда шуда баромадаанд. Ва бояд қайд кунем, ки гуруҳбандиҳо аз ҳадафи тадқиқот и гузаронида шудаистода вобастагии зиёд доранд [9,с.142].

Роҳҳои ҳавасмандгардонии талабагон дар ҷараёни таълими забони англисӣ

Чихеле, ки маълум аст, ворид кардани хонандагон ба муҳити забонӣ, омузиши фан ва ба даст овардани донишҳо аз фанни забони англисӣ дар як вақт имконнопазир аст, ки худ ба як қатор омилҳо - чӣ объективӣ (мушкилии азбаркунии забон, махдуд будани малақаҳои коммуникативӣ, паст будани тамаркузи диққат ва ғ.) ва чӣ субъективӣ (шармгини, тарс аз хатои кардан, дар назди ҳамсинфон ҳандаовар вонамуд шудан ва ғ) вобаста аст. Бомуваффақият оғоз шудани таълими забони хориҷӣ ба баланд шудани сатҳи шавқмандии хонандагон нисбати забономузӣ мусоидат мекунад. Муваффақият ва муносибати хонандагон

ба фан пурра аз омӯзгор вобастагӣ дорад, яъне то чӣ андоза дарс шавқовар ва боҳиссиёт гузарад, то ҳамон андоза дар хонандагон ҳавасмандӣ нисбати фан пайдо мешавад. Бинобар ҳамин, зарурияти дар хонандагон бо тавассути методу усулҳои таълим поя гузоштани шавқмандӣ нисбати фанни омухташудаистода, хеле бузург аст [9, с.131].

Нақши бузурги ҳавасмандгардониро дар таълими забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта, омӯзгор бояд роҳу усулҳои дурусту натиҷабахшро коркарда барояд. Ҳангоми азназаргузаронии масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ ва дарёфти роҳу усулҳои ташаккулдиҳандаи он, соддакунии маънои ғайриимкон аст.

Зеро ташаккулёбии ҳавасмандӣ ин на дар каллаи хонандагон ҷой кардани роҳу усулҳои аллакай тайёрбуда, балки пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити мусоид барои ифодаёбии ташфиҳотҳои шахсии хонанда нистаби таълим мебошад. Танҳо дар ҳамин маврид хонанда ташфиҳотҳои шахсии худро нисбати таълим дарк карда, дар оянда ҳиси ҳавасмандияш ташаккул меёбад. Дар баробари ин, ҳангоми азхуд кардани фарҳанги кишвари забонаш омухташаванда, мақсадҳое ки нақши равонакунандаи фаъолиятиро мебозанд, аз мадди назар дур нахоҳан шуд. Бомуваффақият оғоз шудани таълими забони хориҷӣ ба баланд шудани сатҳи шавқмандии хонандагон нисбати забономузӣ мусоидат мекунад. Муваффақият ва муносибати хонандагон ба фан пурра аз омӯзгор вобастагӣ дорад, яъне то чӣ андоза дарс шавқовар ва боҳиссиёт гузарад, то ҳамон андоза дар хонандагон ҳавасмандӣ нисбати фан пайдо мешавад. Бинобар ҳамин, зарурияти дар хонандагон бо тавассути методу усулҳои таълим поя гузоштани шавқмандӣ нисбати фанни омухташуда истода, хеле бузург аст.

Пеш аз ҳама, мебояд таҳлили маводҳои таълимӣ гузаронида шавад. Мавриди зикр аст, ки истифодабарии мадмуи методи-таълимии иловагӣ инчунин барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ёрмандӣ мекунад. Ҳоло бошад, бархе аз маҷмуии таълимӣ-методии иловагӣ, ки дар баъзе мактабҳо истифода бурда мешаванд, дида мебароем.

Пеш аз ҳама, бояд меёрҳои таҳлили маҷмуаи методӣ-таълимӣ муайян карда шаванд:

- ҷой доштани мавзуъҳои нутқӣ, ки дар онҳо талаботҳои хонандагон ба назар гирифта шудаанд;
- ҷой доштани айёният, ки дар баробари худ ба ҳавасмандии хонандагон нисбати забони хориҷӣ мусоидат мекунанд;
- мавҷудияти машқҳои ҳалталаб доир ба намудҳои асосии фаъолияти нутқу (шунавоӣ, гуфтор, хониш, хат);
- мувофиқат намудани машқҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ ба талаботҳои мотиватсионии хонандагон;
- ҷой доштани бозиҳои дидактикӣ ва дигар воситаҳои ҳавасманд-гардонии хонандагон.

Ҳоло бошад, бевосита ба таҳлили маҷмуаҳои методӣ - таълимӣ мегузарем. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки ММТ муосир дар асоси компентенсияи коммуникативӣ - когнитивӣ сохта шудаанд, ки худ пайдарпаии мавзуиро таъмин мекунад. Чунин бахшҳо, одатан, дорои спектори васеъи мавзӯъҳо, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти хонандаи имрузаро дарбар мегирад, мебошанд. Масалан, **"Weather", "Holidays", "Travelling", "Climate", "Seasons", "Natural World", "Free Time", "Plants and Animals", "Clothes", "Pets", "Hobbies", "Town and Country", "Pollution", "Keeping Fit", "Food", "Holidays"** ва ғ. Инчунин дар мавзуъҳо, ки дар ММТ муосир пешниҳод шудаанд, принсипҳои хусусиятҳои фарҳангидошта, инчунин консепсияи муколамавии фарҳангҳо ба назар гирифта шуданд, ки дар мавзӯъи зерин инъикос меёбанд: **"England", "Shakespeare's Land", "Scotland", "Wales", "The USA", "The American Presidents", "Australia".** Ҳамин тариқ, хонандагонро ба фарҳанг, урфу одат ва муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар ИМА, Британияи Кабир ва Австралия шинос мекунанд.

Дар натиҷа, хонандагон бо ҳаёти ҳамсолони хориҷиашон шинос мешаванд, ки ин худ як воситаи ҳавасмандгардонӣ нисбати забони хориҷӣ шуда метавонад.

Масалан, дар асоси ММТ **Happy English 2**, принсипҳои равонасозии коммуникативӣ дар омузиши забони хориҷӣ, алоқамандии намудҳои асосии фаъолиятҳои нутқ (шунавоӣ, гуфтор, ҳониш ва хат) дар забони омухташаванда, даркшавӣ ва фаъолнокии таълим, гузошта шудаанд. Мавзӯъҳои нутқии дар ММТ оварда шуда, асосан ба ҳаёти наврасони америкоӣ бахшида шудаанд. Мисол: **"Wellcome to America!", "An American Family", "Celebrate!", "An American School", "Washington,D.C.", "Sports And Hobbies", "Food Fair", "Museums", "Famous Americans".**

Назар ба дигар намудҳои ММТ, ки аз тарафи баъзе омӯзгорон истифода бурда мешаванд, дар **Happy English** 2 диққати асосӣ ба фарҳанг, урфу одатҳои Амрико бахшида шудаанд, ки дар баробари худ воситаи тавонои баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон нисбати забони хориҷӣ, фарҳангу таърихи кишварҳои англисзабон, мебошанд.

Агар дар бораи айёният, ки ба баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон нисбати забони хориҷӣ мусоидат мекунад, гап занем, ММТ муосир бо назардошти принсипи барзиёд будани воситаҳои айёнӣ сохта шудаанд. Ҳамин тариқ, ММТ «Забони англисӣ» (О.В. Афанасева, И.В. Михеева) имконияти пурра амалӣ гардонидани принсипи айёниятиро дар забони англисӣ медиҳад. Дар ин бахш, маводҳои расмӣ, ки ба инкишофёбии нутқи монологӣ ва муколамавӣ, ҷараёни фахмидагирии маводро осон мегардонад, мусоидат мекунанд. Китоб аз тасвирҳои гуногун, суратҳои ҷойҳои диданибоб, суратҳои одамони машхур, нақшаю таблитсияҳо, комиксҳо барои тартиб додани колабҳои гуфтор бо назардошти қоидаҳои лексикию грамматикӣ, ҳаритаҳо, графикҳо ва дигар намудҳои айёнияти биной, бой аст. Айёнияти шунавой дар бахши мазкур низ хеле хуб ифода ёфтааст. Дар ин бахш инчунин микдори зиёди шеър, **"I meant to do my work today" by Richard Le Yalleinne; "My Heart's in the Highlands" by Robert Burns; "Why" by Raymond Wilson; "The Arrow and the Song" by H.W.Longfellow", "Jingle,Bells!", "This Land is Your Land", "America, The Beautiful"** ва г.,зарбулмасалҳою мақолҳо ҷой дода шудаанд, ки худ воситаи тавоно ҳавасмандгардонии хонандагон мебошанд.

Ороиши рангоранги ММТ-и **«Happy English»** пояҳои айёниятиро барои инкишофи малақаҳои гуфтор ва ҳониш (тасвирҳо, суратҳо, ҳаритаҳо ва ғ) пешниҳод менамояд. Фаркияти асосӣ дар истифодабарии таблитсаю нақшаҳо барои ифодаи маводҳои грамматикию лексикӣ, ки худ барои хубтару фаҳмотар азхуд кардани вохидҳои грамматикию лексики мусоидат мекунанд, зоҳир мегардад. Айёнияти шунавоӣ асосан асарҳои фолкориро дар бар мегирад **("America, The Beautiful", "Silent Night", "Home on the Range"** ва ғ.).

Ҳамин тариқ, принсипи истифодабарии айёният ҳамчун воситаи натиҷабахши баландбардоштани ҳавасмандии хонандагон дар ММТ-и муосир пурра ба назар гирифта шудаанд.

Акнун меъёри дигари таҳлилкунии ММТ-ҳои муосирро дида мебароем. Меёри мавчудияти машқҳои ҳал талаб доир ба намудҳои асосии фаъолияти нутқ (шунавоӣ, гуфтор, ҳониш, хат), ки ба ҳавасмандии хонандагон нисбати омузиши забони хориҷӣ мусоидат мекунад. Яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар замони ҳозира ин ташаккулёбии компетенсияи коммуникативии хонандагон аст. Бинобар ҳамин, дар ММТ-и муосир машқҳое ки барои расидан ба ин ҳадаф равона шудаанд, хеле зиёданд. Мавриди зикр аст, ки дар байни чӣ омузгорон ва чӣ хонандагон истифодабарии методикаи проекти васеъ пахн гашта истодааст. Бинобар ҳамин, дар ММТ-и муосир ҳамаи намудҳои проектҳои мавчудбуда шарҳ дода шудаанд. Ҳамин тариқ, хулосае бармеояд, ки дар ММТ-ии муосир аудиоматнҳо бартарӣ доранд, ки дар баробари ин ба талаботҳои методикаи таълими забони хориҷӣ ҷавобгу мебошанд [10,с.34].

Ҳониш ҳамчун як намуди фаъолияти нутқ, ботадриҷ мавқеи худро гум карда истодааст, вале ин омил то ҳол мавқеӣ муайёяни худро дар ММТ-и муосир пайдо нақарда истодааст. Бинобар ҳамин, барои нигох доштан ҳавасмандии хонандагон, муаллифони бахшҳои зерин одатан матнҳое ки хусусиятҳои чор намудҳои баёнро дарбар мегиранд, ворид месозанд. Ҳоло бо ҳар яки он аз наздик шинос хоҳем шуд. Матнҳои бадеи имкониятҳои зиёдро барои гирифтани маълумот доир ба фарҳанги кишвар, таърих география, адабиёт ва ғ фароҳам меоранд, ки дар баробари худ воситаи иловагии ҳавасмандгардонӣ нисбати забони хориҷӣ шуда метавонад. Мисол: **"The Rose is Red" by Carol Brink; "A Lesson" by Jerome K.Jerome, "The Luncheon" by S.Maugham, "The Nightingale and the Rose" by O.Wilde** ва ғ.

Вазифаи асосии матнҳои илмӣ-публисистӣ бошад, ин хонандагонро бо дастовардҳои илмию техникии ҷаҳони муосир шинос кардан мебошад. Аз сабабе ки матнҳои зерин ба омма равона карда шудааст, маводҳои ин намуд мақолаҳо содда ва шавҳовар шарҳ дода мешаванд, ки фаҳмидагирии маълумотӣ бо забони хориҷӣ ифодаёфтаро осон гардонида, ҳавасмандии хонандагонро нигох медорад. Матнҳои бо услуби илмӣ навишташуда, дар худ маълумотҳои аз соҳаҳои гуногуни илмӣ мутаҳид сохта, нафакат шавку ҳаваси хонандагонро нисбати забони хориҷӣ, балки нисбати илм низ бедор месозад. Масалан, матнҳои **"Blue Whales", "Meteorology", "Facts about the Empire State Building", "Computers"** ба инкишофёбии ҷаҳонбинии хонандагон нисбати ҳаёти илмии ҷаҳони имрӯза мусоидат намуда, нахши бастагии байнифанниро (чуғрофия, биология ва ғ) мебозад.

Матнҳои бо усули публисистӣ навишташуда, имконият медиҳанд, ки хонандагон бо фарҳанги кишвар ҳамчун соҳиб забон шинос гарданд, ки он худ низ як воситаи ҳавасманд гардонист. Ҳамин таърих дар ММТ-и муосир чунин матнҳои дар усули публисистӣ навишташуда оварда шудаанд: **"Back in Time", "Time to Spare", "The Living Planet"; "Washington, D.C.", "Girl Scouts", "New York City!", "Popular American Sports" ["Happy**

**English-2",** Т.Б. Клементева, Д. Шэннон]; "**The British Nation", "Country and People", "Australia",** О.В. Афанасева, И.В. Михеева] Ҳамин тариқ истифодабарии матнҳои услубҳои гуногун имконият медиҳад, ки фаъолияти ҳиссиёти-фикрии хонандагон ташаккул ёфта, шавқу ҳавасашон нисбати забони хориҷӣ ва фарҳанги кишвари бегона баланд гардад, ки дар натиҷа, ҷараёни таълим бомуваффақият хоҳад шуд.

Таълими хат ҳамчун махсади таълим дар зинаҳои гуногуни таълим ба назар гирифта шудааст. Мундариҷаи таълими ҳат азхуд намудани ҳат дар ҳолатҳои гуногуни муоширатро дар бар мегирад. Барои нигоҳ доштани шавқмандии хонандагон дар ММТ-ии муосир машқҳои зерин ба назар гирифта шудаанд: навиштани иншо доир ба ин ё он мавзуъ - *"Describe in 5-7 sentences a typical day in spring, summer, autumn and winter"; "Make a calendar of your most important days", "Write about the happiest day in your life"; навиштани ҳат - Write a letter to your British friend describing your flat. Draw a plan of your flat"; эссе: "Karim imagined the ideal school and described a typical day there. This is what he wrote. Read it and write an essay describing a typical day in your ideal school"; мақолаҳо: "Write an article for your school newspaper about how to protect the environment. Tell the students what they can do. Add some statistics in your article."; иҷро кардани вазифахи эҷодӣ: "You're opening a new restaurant in your town/city. Write your own menu. What would you call your restaurant?"* ва ғ.

Хулосае бар меояд, ки ММТ-ии муосире иловагие, ки аз тарафи баъзе муаллимон барои дилгир нашудани дарс барои хонандагон дар ҷараёни таълим истифода мебаранд, имкониятҳои зиёдро барои пурра гардонидани дониши хонандагон, васеъ гардонидани ҷаҳонбинии онҳо, инкишоф додани ҳама намудҳои фаъолияти нутқ (шунавоӣ, гуфтор, хониш, ҳат) ва барои баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон нисбати забони хориҷӣ, фароҳам меоранд [3,с.31-34].

Азхудкунии забони хориҷӣ дар мактаб фаъолнокии талабаро талаб мекунад. Яке аз омилҳое, ки қобилияти фаъолияткуниро дар талабаҳо баланд мебардоранд ин ҳавасмандгардонии онҳо мебошад. Дар байни омилҳое ки шавқу ҳаваси хонандагонро баланд мебардорад, диққати махсусро, ҳама вақт дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳавасмандии хонандагон ба ҷараёни худи таълим, натиҷаҳои он, инчунин истифодабарии методу усулҳои гуногуни таълимӣ, ки талаботҳои хонандагонро қонеъ мегардонанд, талаб мекунад. Истифодабарии усулҳои гуногуни таълим ба мустаҳкам акс ёфтани маводи таълимӣ дар хотири талабагон, бавуҷуд омадани шаклҳои мустахками намоишию шунавоӣ, ёрмандӣ мекунад. Ҳоло бошад, бархе аз усулҳои ҳавасмандгардонии хонандагонро дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ дида мебароем.

Бозӣ ин фаъолияти таълимиест, ки хусусиятҳои ба худ хос дошта, мавқеӣ тадқиқот и дошт ва дорад. Аллакаӣ дар асри XIX, бархе аз зиёиёни ҷамъият аз омузгорону волидайн талаб мекарданд, ки усули истифодабрии бозӣ дар ҷараён и дарс фаъолона истифода бурда шавад. Бозӣ ин намуди асосии фаъолияти кудаки синни томактабӣ аст. Дар давраи таълими мактабӣ бошад ҳамчун омили ёрирасони таълим мегардад.

Педагоги бузург А.С. Мироненко мавқеи бозиро дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ баланд мегузошт: «Бозӣ дар ҳаёти кудак мавқеӣ баланд дорад. Ба монанди мавқеӣ фаъолияти касбӣ дар ҳаёти калонсол. Дар бозӣ кудак чӣ гуна бошад, дар оянда дар фаъолияти касбӣ ҳамин гуна хоҳад шуд». Боз дар дарс нақши воситаи мустаҳкамкунии маводи азхудшударо мебозад. Ба монанди дигар намудҳои фаъолияти, бозӣ аз мақсади шавқмандӣ оғоз гашта, ҳадафи муайянро тарбиявӣ менамояд.

Тадқиқотчии бузург Д.Б. Элконин тахмин менамояд, ки табиати бозӣ хусусияти иҷтимоӣ дошта, худ як симои муҳити калонсолон аст. у инчунин бозиро «ҳисобкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ» номидааст.

Элкони бозиро ҳамчун фаъолияте, ки дар давраи муайян пайдо шуда, ки яке аз воситаҳои инкишофдиҳандаи функсияҳои психологии хонанда аст, шарҳ додааст. Бозӣ фаъолиятест, ки шиддати муайяни ҳиссӣ ва фикриро талаб мекунад. Бозӣ ҳамавақт талабгори қабули қарор аст, яъне чӣ бояд кард, чӣ бояд гуфт, чи бояд кард барои ба даст овардани Ғолибият? Хоҳиши ҷавоб додан ба ин саволҳо хонандаро водор месозад, ки фаъолияти фикрии худро ба кор орад. Илова бар ин агар хонанда бо забони хориҷӣ гап занад, имкониятҳои таълимии бози дучанд мегарданд. Хонандагон дар ин бобат фикр намекунанд. Барои онҳо бози ин пеш аз ҳама машғулияти шавқовар аст. Дар бози ҳама баробар аст. Дар он ҳатто хонандагони сустхон низ комёб шуда метавонанд [3,с.13-16].

Бози ин воситаи фаъолгардонии маводҳои лексикию грамматикӣ буда, инкишофдиҳандаи маҳорату малакаи ҳамаи намудҳои фаъолияти забони мебошанд. Бо тавассути бози малакаҳои талаффузи, шунавоӣ, нутқи хуб кор карда баровардa мешаванд.

Ҳоло бошад бархе аз бозиҳое, ки дар ММТ-и муосир, ки аз нуқтаи назари ҷанбаҳои забон (фонетика, грамматика, лексика) оварда шудаанд, дида мебароем.

Барои инкишофёбии маҳорату малакаҳои истифодабарии лексика дар намудҳои гуногуни муошırати нутқи ва хаттӣ, инчунин барои ҳавасманд кардани хонандагон, дар ММТ-ии муосир бозиҳои коммуникативии зерин истифода бурда мешаванд:

- бозиҳои забоние, ки мустаҳкамкунии маводи лексикиро таъмин менамоянд (лото, кроссвордҳо, карточкаҳо, тартиб додани калимаҳо ва ғ):

"Joe has made a puzzle for you with American English vocabulary. In this puzzle there are 10 hidden words. Find them. "A game: "Are You a Responsible Pet Owner? Ten Steps to Good Pet Care." You'll need a dice and a counter. Throw the dice to start the game. If you speak Tajik, miss a turn. If you land on bad behavior, go back one step. If you land on good behavior, go ahead two steps. The first person to reach Finish wins.";

- "Write the name and surname of each student in your class on a separate sheet of paper. Let everybody in the class write something good about this person. Choose paper with your name and read about yourself. Are there many good things your friends noticed? The following expressions will help you." ["Happy English-2", Т.Б. Клементьева, Д. Шэннон];

Бозиҳое, ки барои инкишоф додани фарзкунии забони равона карда шудаанд:

"Be a detective! Imagine you are an archeologist. You found these things under the ice in China. They are 4,000 years old. What can you guess about them?";

"Play a game. Work in a small group. One person chooses a job from the list below. The others can ask 4 questions to find out which job the person is thinking of." ["Английский язык", О.В. Афанасева, И.В. Михеева];

"This is a page from Mr. Green's diary. Mr. Green is a weatherman and every day he makes notes about the weather. Yesterday he was caught in a rainstorm and his diary got wet. Can you help Mr. Green to read his notes? Use the words from ex.12, ex.13.";

Ҳамин тариқ, бозиҳои коммуникативӣ метавонанд дар ҷараёни таълими лексика низ фаъолона истифода бурда шаванд, зеро бо ёрии онҳо муносибати байниҳдигарии омӯзгор ва хонанда беҳтар мешаванд, чунки муаллим дар бозӣ нақши ҳамсуҳбатро мебозад; шароит барои фаъолияти эҷоди пайдо мешавад; ҷаҳонбинии хонандагон васеъ мегардад, зеро шиносоӣ бо таърих фарҳанг, урфу одати кишвари забонаш омухташудаистода бараъло ҳавасмандии хонандагонро баланд мебардорад.

Имкониятҳои васеъро барои ташаккул додани ҷараёни таълим бозиҳои нақши фароҳам меоранд. О.А. Колесников таъкид кардааст, ки «бо тавассути бозиҳои нақши ҳодисаҳое ки дар ҳаёти ҳаррӯза вомехуранд, айнан такрор карда мешаванд, ки дар натиҷа ҳолатҳои ҳаррӯзаи муоширатӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки натиҷаи таълим хуб гашта, шавқу ҳаваси хонандагон нисбати фан зиёд шавад» [14,с.23-29]. Баъдан, муаллиф хусуиятҳои мусбии бозиҳои нақширо дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ номбар мекунад: «бозиҳои нақши фаъолияти нутқиро мақсаднок мегардонад. Зеро таълимгиранда ба ҳолате меғалтад, ки талаботи бо забони хориҷӣ сухан кардан, чизеро пурсидан, фаҳмидан, муайян кардан, ба ҳамсуҳбати худ чизеро фаҳмондан пайдо мешавад».

Ҳамин тариқ, маркази диққати хонандагон ин мундариҷаи суҳбат мешавад, ки дар баробари худ ба хонанда айёни нишон дода мешавад, ки забони хориҷиро ҳамчун забони муошırати истифода бурдан имконпазир аст. Дар натиҷа, бозиҳои нақши дар хонанда компетенсияи коммуникатии нутқиро ташаккул дода, малакаҳои лозимаи муоширатиро инкишоф медиҳад: «дар давоми бозиҳои нақши хонандагон соҳиби малақаҳои муоширатӣ, аз қабили оғози дурусти суҳбат, дар ҳолати лозима бо ҳамсуҳбат розӣ шудан ва ё баръакс, малакаи бодиққат гуш кардани ҳамсуҳбат, савол додан, мегарданд» [12,с. 23]. Ба ғайр аз ин, муаллиф таъкид мекунад, ки «бози хонандагонро водор месозад, ки бо ҳамдигар ва муаллим муошират кунанд, бундубасте ки байни муаллиму хонанда вуҷуд дорад, яктарафа мекунад. Инчунин бозӣ ба хонандагони шармину ба худ боварӣ надошта имконият медиҳад, ки муошират кунанд» [12,с.15]. Дар баробари ин ба ҷараёни таълим ва ташаккул ёфтани муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон ҳиссаи сазовор ҳамроҳ месозад. Т.В. Семенова низ аҳамиятнокии тарбиявии бозиҳоро қайд кардааст: «Бозиҳои нақширо ҳамчун як воситаи ифодақунандаи модели ҳақикии муошират қабул кардан имконпазир аст. Зеро он айнан хусусиятҳои ҳодисаҳои ҳаётиро такрор мекунад» [12,с.16]. Муаллиф инчунин бартариҳои истифодабарии бозиҳои нақширо муайян кардааст:

- бозиҳои нақши ба васеъ гардидани пояҳои дарккунӣ ҳангоми азхуд кардани мавод ёрмандӣ менамояд, зеро ҳолатҳои таълимӣ дар асоси сохторҳои пиесаҳои театрӣ тартиб дода мешаванд.

- бозиҳои нақшӣ имкониятҳои зиёди ҳавасмандгардониро соҳибанд.

- бозиҳои нақшӣ маънои таълимӣ дорад, зеро ҳангоми ба шақли нав таҷассум шудан **диапазони психологӣ** дар фаҳмиши дигарон васеъ мегардад.

- бозиҳои нақшӣ зиёд гаштани дахлдории шахсиятиро дар назар дорад.

Хонанда вориди вазъияти дар бози ифода гашта мегардад, ки дар натиҷа шавқу ҳавас нисбати роли бозикарда истодааш зиёд мегардад [39,с.16-17].

О.А. Колесникова ҳамчунин аҳамияти зиёд доштани бозиҳоро дар ҷараёни таълим қайд намудааст: «Бозиҳои нақшӣ хонандаро водор месозад, ки киссиёташ нисбати истифодабарии иҷтимоии забони хориҷӣ баланд гардад. Ҳамсуҳбати хуб дар бисёри мавридҳо камон талабае шуда метавонад, ки воқеияти дар бозӣ ифодашударо беҳтар мефаҳмад (Таҷриба), на он хонандае, ки аз структураи забонӣ хубтар истифода мебарад» [1,с.15].

Аз ин лиҳоз хулосае бар меояд, ки бозиҳои нақшӣ яке аз усулҳои хуби таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаб мебошад. Зеро бозӣ имконият медиҳад, ки дар дарс муҳити форам барои талаба фароҳам оварда шавад. Дар натиҷа, ҳавасмандии хонанда нисбати фан, нисбати забони хориҷӣ баланд гардида, фаъолнокии хонандагон зиёд мегардад. Ба ғайр аз ин, ба хонанда имконияти дар тарҷиба истифода бурдани донишҳои гирифташуда, маҳорату малакаи муошират кардан дар вазъиятҳои гуногунро фароҳам оварда, умедвор месозад, ки натиҷаҳои таълим кам муаллим ва кам хонандаро қаноатманд кунанд. Дигар усули баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон нисбати омӯзиши забони хориҷӣ ин истифодабрии матнҳои назмӣ ва сурудҳо мебошад. Ҳар як омузгор мекушад, ки дарсаш дорои хусусияткои эҷодӣ бошад, то ки дарс толибилмонро дилгир нақунад. Ва мақсади асосии омӯзгор ин ҳамавақт дар сатҳи баланд нигоҳ дошатани ҳавасмандии хонандагон нисбати омӯзиши забони хориҷӣ аст [1,с.68].

Кор бо шеъру сурудҳои англисӣ на танҳо вазифаи таълимиро иҷро мекунад, балки ҳадафои тарбиявию инкишофдикиро дорад, ки натанко чаҳонбинии хонандагонро васеъ мегардонад, балки захираи луғавиро бой гардонда, имконият медиҳад, ки маводҳои лексикию грамматикӣ беҳтар азхуд шаванд, дар талабагон меҳру муҳаббатро нисбати назми адабиёти хориҷиро тарбия мекунад, зебопарастиро ситоиш мекунад.

Муносибат ба ин намуди фаъолият пеш аз ҳама аз синну соли хонандагон ва мақсадҳои дар пеш гузоштаи омӯзгор вобастагӣ дорад. Бисёре аз масъалаҳо, ба монанди таълими фонетика, грамматика, лексика ва тарҷума ба тариқи комплексӣ ҳал мегарданд. Азхудкунии шеър ва ё суруд бештар дар муддати якчанд дарс мегузарад. Ин аз андоза ва миқдори калимаҳои ношинос вобаста аст. Шеъру суруд метавонанд ҳамчун воситаи мустаҳкамкунии маводи нав, инчунин воситаи истироҳати аз дарс хизмат расонанд.

Яке аз воситаҳои таъсирбахш ба ҳиссиёти хонандагон ин мусиқи мебошад, ки дар баробари ин яке аз ангезандаҳои бохуввати психологи, ки ба қарнҳои чуқури тафаккур метанонад расанд, ба ҳисоб меравад. Маҳз барои ҳамин, дар синфҳои болои, мавзӯъи мусиқиро барои муҳокимаҳо интихоб кардан хеле қулай аст. Муҳокима худ як намуди фаъолияти нутқист, ки барои васеъ кардани фонди луғавӣ ва инчунин амалӣ гардондани донишҳои назариявӣ дар амалия мусоидат мекунад. Суруд имконияти инкишоф додани малакаҳои талаффузиро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ суруду мусиқиро дар дарсҳои забони англисӣ истифода кардан шарт ва зарур аст. Дар натиҷаи истифодабарии ин усул дар хонандагон на танҳо шавқу ҳавас нисбати фан баланд мешавад, балки маводи забони бехтар азхуд мешавад, хотира инкишоф меёбад, дар хонандагон фаъолнокии эҷодӣ бедор мешавад, инчунин хурмату эҳтиром нисбати мероси адабии мамлакати хориҷӣ пайдо мегардад. [Якобсон П.М. 1998; 304; Ушинский К.Д. 1998; с. 640]

Ҳама намуди воситаҳои айёнии таълимии техникӣ, ки бо тарихи махсус ташкил карда шудаанд: видеомаводҳо (филмҳо, барномаҳои телевизионӣ, видеоклипҳо), инчунин суратҳои мавзуӣ - расмҳои дидактикӣ - (слайдҳо, ақсу суратҳо, ҷадвалу нақшаҳо) - муддати зиёдест, ки ҳамчун як қисмати муҳими ҷараёни таълим ба ҳисоб рафта, барои хубтар азхуд шудани маводи таълимӣ васеъ истифода карда мешаванд. Ҳамаи воситаҳои дар боло номбаршуда пеш аз ҳама бо хусусиятҳои ба худ хос, шароити хуб ва муҳити ҳавасмандиро дар ҷараён и таълими забони хориҷӣ фароҳам месозанд. Дар натиҷа, хусуиятҳои эҷодии хонандагон бедор шуда, ёрманди инкишофёбии компетенсияи таълимӣ, когнитивӣ ва коммуникативии онҳо мегардад. Аз тарафи дигар, дар баробари ангезандаи берунаи бошуурона ё баръакс бешуурона буданаш, воситаҳои айёнии таълимӣ барои хонандагон барои бехтар азхуд кардани маводи нави таълимӣ дар асоси конкретизатсияи абстрактӣ, пояи баризофаи психологиро таъмин карда, дар хотир мустаҳкам акс ёфтани онҳоро таъмин менамоянд. Ҳамин тариқ, айёнияти тасвирӣ дар дарс худ нақши контекстии биноиро мебозад, ки бидуни

он ташаккулёбии ҳама гуна намудҳои компетенсияи таълимии хонандагон ғайри имкон аст. Ҳоло бошад ҳар як қисматҳои ин бобатро хубтар аз назар мегузаронем.

Яке аз усулҳои натиҷабахш дар баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ин истифодабарии технологияҳои проектсионӣ дар дарси забони хориҷӣ мебошад. Методи проектӣ дар замони хозира дар тамоми манотиқӣ ҷаҳон хеле васеъ истифода бурда мешавад, зеро у имконият медиҳад, ки донишҳои ҳаматарафаи хонандагон дар ҳалли як проблема интеграл ёбад, имконияти амалан татбиқ кардани донишҳои гирифташударо медиҳад. Ҳамин тариқ, Н.Ф Коряковсева методи проектиро ҳамчун «як технологияи замонавии таълимӣ, инчунин таълими забони хориҷӣ, ки дар асоси айнан такрор кардани муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷараёни таълим; муносибати ҳамдигарӣ дар рафти таълим ва таълим дар системаи ичтимоии муносибатӣ, ки дар рафти он хонанда нақшҳои гуногуни ичтимоиро мебозад» шарҳ додааст [4,с.125]. Технологияҳои проектӣ дар фаъолияти мустақилонаи хонанда инкишофёбии ситуативиро таъмин сохта, шароитҳои лозимаро барои фаъолияти продуктивӣ фароҳам меорад:

**АДАБИЁТ**


1. Барменкова О.И. Видеозанятия в системе обучения иностранной речи. О.И. Барменкова // ИЯШ - 1993 - №3. С. 20-25.
2. Борисова З.С., Смолина Л.П. Некоторые пути развития интереса учащихся к изучению иностранного языка. З.С., Борисова Л.П. Смолина /Иностранные Языки в Школе.-1990.-№3. С. - 40.
3. Верисокин Ю.И. Видеофильм как средство повышения мотивации школьников при обучении иностранному языку. Ю.И. Верисокин // ИЯШ -2003 - №5 С. - 31-34.
4. Волокитина Н.М. Очерки психологи и младших школьников. Н.М. Волокитина М., 1995.310 с.
5. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте. Л.С. Выготский -Просвещение, 1991-400 с.
6. Верисокин Ю.И. Видеофильм как средство повышения мотивации школьников при обучении иностранному языку. Ю.И. Верисокин // ИЯШ -2003 - №5 С. - 31-34.
7. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения Н.Д. Гальскова ИЯ.-М.:Аркти,2003.-192 с.
8. Гальскова Н.Д., Гез Н.И. Теория обучения иностранным языкам: Лингводидактика и методика. Н.Д., Гальскова Н.И. Гез -М.:Академия,2004.-336 с.
9. Ильин Е.П. Мотивация и мотивы. Е.П. Ильин - СПб.: Питер, 2006.-512 с.
10. Колесникова О.А. Ролевые игры в обучении иностранным языкам. О.А. Колесникова /Иностранные Языки в Школе.-1989.-№4. С. -15.
11. Ляковицкий М.В и др. Методика обучения иностранным языкам в средней школе. М.В Ляковицкий - М.:Высшая школа,1982.-373.
12. Пассов Е.И. Урок иностранного языка в средней школе. Е.И. Пассов -М. :Просвещение, 1988.-223 с.
13. Подласый И.П. Педагогика: Новый курс: Учеба. для студентов высших учебных заведений. И.П. Подласый - М.: Гуманит. изд. центр «ВЛАДОС», 2001. -. Общие основы. ПО. - 576 с.
14. Рогова Г.В. Методика обучения иностранным языкам в средней школе. Г.В. Рогова– М.: Просвещение, 1991. – 187 с.


## НАҚШИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ТАЛАБАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


*Дар мақолаи мазкур яке аз масъаладои муҳими методикаи таълими забони хориҷӣ роҳу усулҳои ҳавасмандгардонии хонандагон нисбати забони хориҷӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.*

*Дар адабиёти педагогию психологӣ масъалаи истифодабарии методҳои гуногун ҳамчун воситаи баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон хеле хуб омухта шудааст. Ба омӯзиши ин масъала олимони зиёд, аз ҷумла А.С. Макаренко, Виготский Л.С, Матюхина М.В., Якобсон П.М, Скаткин М.Н. таҳқиқоти илмӣ бурдаанд.*

*Ҳамин тариқ, ҳавасмандию ҳисси кунҷковиро дар талаба бо роҳи истифодабарии фаъоли воситаҳои мотиватсионӣ, методҳои фаъоли таълим, бозиҳо ва воситаҳои техникии таълим бедор кардан имконпазир аст.*



***Калидвожа:*** *ҳавасмандӣ, кунҷковӣ, маводҳои таълимӣ, методикаи таълими забони хориҷӣ, шунавоӣ, гуфтор, азбаркунии забон, коммуникативӣ, фаъолиятӣ ҷамъиятӣ, психологияи талабагон.*


## РОЛЬ МОТИВАЦИИ ШКОЛНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

*В данной статье исследуется один из важнейших вопросов методов обучения иностранному языку и способов мотивации учащихся к изучению иностранного языка.*

*В педагогической и психологической литературе очень хорошо изучено использование различных методов как средства повышения интереса учащихся. Многие ученые, в том числе А.С. Макаренко, Выготский Л.С., Матюхина М.В., Якобсон П.М., Скаткин М.Н. проводил научные исследования.*

*Таким образом, можно вызвать интерес и любознательность у школьника за счет активного использования мотивационных средств, активных методов обучения, игр и средств обучения.*

***Ключевые слова:*** *мотивация, любознательность, методические материалы, методика обучения иностранному языку, аудирование, говорение, изучение языка, общение, социальная деятельность, психология студента.*

## THE ROLE OF MOTIVATING PUPILS IN THE PROCESS OF ENGLISH LANGUAGE LEARNING

*This article explores one of the most important issues in foreign language teaching methods and ways to motivate pupils to learn a foreign language.*

*In the pedagogical and psychological literature, the use of different methods as a means of increasing the interest of students is very well studied. Many scholars, including A.S. Makarenko, Vigotsky LS, Matyukhina MV, Jacobson PM, Skatkin MN conducted scientific research.*

*Thus, it is possible to arouse interest and curiosity in the student through the active use of motivational tools, active teaching methods, games and teaching aids.*

***Keywords:*** *motivation, curiosity, teaching materials, methods of teaching a foreign language, listening, speaking, language learning, communication, social activities, psychology of pupil.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҷамолбии Ҳабибулло*** *–омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.* ***Адрес:*** *735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16.* ***Тел:*** *(992) 931097377*

***Сведения об авторе:***

***Джамолбии Хабибулло*** *- ассистентка кафедры иностранных языков Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16.* ***Тел:*** *(992) 931097377*

***About the author:***

***Jamolbii Habibullo*** *–English teacher of the department of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.* ***Address:*** *735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16.* ***Phone:*** *(992) 931097377*

## АСПЕКТЫ И НАПРАВЛЕНИЯ ПРЕПОДАВАНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА КАК ИНОСТРАННОГО В НЕФИЛОЛОГИЧЕСКИХ ВУЗАХ

***Шукрихудоев М., Ахмедов Б.У.***

*Таджикский государственный финансово-экономический университет*

Русский язык как средство общения между народами и профессиями, как язык таджикской науки и техники вызывает большой интерес, прежде всего, среди зарубежных нефилологов. В нашей стране на протяжении почти 50 лет в отдельный контингент ведется подготовка иностранных студентов нефилологического профиля. Учебный план «установленный тип обучения иностранных студентов по русскому языку и другим дисциплинам в зависимости от их профессиональных интересов, их потребностей в русском языке и продолжительности обучения» [1, с. 200].

Главной отличающей характеристикой нефилологического профиля обучения является подход к изучению русского языка как средства освоения выбранной специальности. Несомненно, определение нефилологического профиля стало одним из основных направлений методики преподавания русского языка как иностранного. Это связано с разными причинами. Во-первых, в 60-е годы существовал социальный заказ, который включал в себя ряд учебных пособий и учебных материалов, программ иностранных студентов нефилологического профиля. В эти годы достижения, возникшие с помощью науки и техники, вызвало интерес иностранцев к изучению русского языка. Э. Пиневич.

Это привело к созданию подготовительных факультетов в ряде учебных заведений для иностранных граждан, созданию Научно-методического центра русского языка в Республике Таджикистан, а затем и в Институте языков.

В 1970-1980-х гг. были представлены и разработаны различные теоретические положения в области работы со студентами-нефилологами. Такие ученые, как А. Амелчонок, Г. Битехтина, Г. Вишнякова, Д. Изаренков ЛП Клобукова ИП Курганова, О. Лаптева, Н. Лариохина, Н. Мец, О. Митрофанова, Е.И. Матина и многие другие. Именно в эти годы они получили описание поля общения (образовательно-профессиональное, социально-бытовое, социально-политическое, административно-правовое, социокультурное).

Характеристики направлений общения студентов, соответствующие академическим профилям, позволили определить содержание обучения для разных контингентов. Область образования и профессионализма в работе со студентами нефилологического профиля заняла лидирующие позиции.

**Основная часть.** В 70-е г. одна из самых фундаментальных работ в этой области - книга О. Митрофанова «Научный метод речи: проблемы обучения». В статье рассматриваются лингвистические и методологические основы обучения русскому языку как иностранному.

Также будут даны ответы на следующие вопросы: когда и с помощью каких материалов преподавать специальности: общенаучным, научно-популярным или высококвалифицированным, каков словарный запас терминов, какую систему упражнений следует предложить, чтобы изучение большего количества аспектов и направлений в обучении русскому языку было более эффективным.

Достаточно подробно определены характер научного стиля речи, его лексический состав и морфолого-синтаксические особенности научной речи; дана типология текстов. Отметим ряд конструкций, которые, на наш взгляд, особенно актуальны в настоящее время. О. Митрофанова отмечает, что русский язык является обязательным предметом в любом техническом вузе, но не ведущим, поскольку основная цель образования должна заключаться в «подготовке квалифицированных специалистов с широким научным кругозором и соответствующими реальными знаниями». Основная цель обучения, по мнению автора - понимание правил практики и практики речи [2, с.198].

В 80-е гг. проявляет большой интерес к лингвистическим методам преподавания в нефилологической аудитории. Текст становится объектом многих исследований. Одно из таких исследований - книга Н. Мец, О. Митрофанова, Т.Б. Одинцова. «Структура научного текста и обучение монологической речи». Авторы рассматривают текст как коммуникативную единицу. Различают текст литературного произведения и систему языка, особенности устной и письменной научной речи. В частности, авторы подчеркивают, что «в области науки и техники языки в первую очередь изучаются и используются в письменной форме» [3, с. 72].

В исследовательской работе Э. Мотина «Язык и специальность приобретают важность лингвистические и методические основы обучения русскому языку студентов нефилологов», которая посвящена проблеме формирования языковой базы иностранных студентов. Исследователю целесообразно организовать процесс обучения студентов языку специальности на основе речевого материала изучаемых дисциплин. Мы полностью разделяем мнение автора о том, что «преподавание языка специализации должно основываться на материале данной области научного знания ... и этот материал должен быть представлен именно в том виде, в котором он отражен в данной области науки. »[4, с. 7].

В то же время, по мнению Э. Мотина учитель русского языка не должен следовать за учителем-предметником и работать над изучаемым материалом на уроках, а для каждого основного предмета необходимо разделять и работать с типовыми текстами [4, с. 256]. В этом случае перед исследователями и методистами встает новый вопрос: каким должен быть типовой текст специальности? Мы находим этот ответ в работе Л. Клобуковой «Обучение языку по специальности», текст которой служит высшей единицей такого обучения. Автор отмечает, что любой текст в уроке уместно использовать на каждом этапе учебного процесса.

При построении текста необходимо учитывать следующие особенности: «функционально-смысловой тип текста; основная тема предложения в тексте и перспективы его рассмотрения; тема и проблема текста; соответствие текста определенному функционально-стилистическому регистру; форма речи (устная или письменная); способ представления текста; количество сообщений, производящих текст; текстовый жанр; степень адаптации текста »[5, с. 28].

С появлением учебников и учебных пособий по русскому языку возникает вопрос о месте и роли учебной лексики в процессе обучения языковой или сублингвальной специальности. Т. Трубникова предлагает систему описания подъязыков специальности, описывает методику использования таких словарей для изучения лексико-грамматических

средств подъязыка специальности и развития различных видов речевой деятельности, а также критерии составления словарей.

Исследователь подчеркивает, что «профессиональную лексику должны развивать учителя русского языка совместно со специалистами-предметниками. Учебный словарь по специальности должен сочетать особенности, энциклопедический и толковый словарь с принципом тематического размещения материалов »[6, с. 114].

На наш взгляд, лексика специальности - это не только необходимый инструмент, но и обязательный инструмент для подготовки будущих специалистов. Иностранные студенты на всех этапах обучения имеют постоянный доступ к такому словарю для разъяснения конкретных терминов или новых слов, поэтому критерии составления единиц словаря, выбор языковых единиц являются важными проблемами методики обучения студентов нефилологов. Для студентов-нефилологов преподавание устной науки так же важно, как и обучение письменному языку.

Уже в период с 1970-х по 1990-х годов эти проблемы обсуждали методисты и исследователи: А.Н. Болдырева М В Зайковская, Т.Д. Карпова, Т.Г. Копыткова, О. Лаптева СЛ Нистратова и др. Копыткова представила методику обучения диалогическому общению иностранных студентов вузов и институтов. Для применения авторской методики она разработала систему упражнений: условно-коммуникативные, некоммуникативные и собственно коммуникативные.

Учитывая, что условия задания должны давать читателю не только определенную реакцию на речь, но и способность осознавать процесс общения, адаптироваться к коллективу, в незнакомой обстановке автор ставит комплекс упражнений на обучение диалогическому общению [7]. Аспекты и направления обучения русскому языку в вузах и институтах - одно из основных направлений.

Процесс обучения чтению изучали такие исследователи, как Т.В. Астахова, Л. Бартошевич, С. Вишнякова, И. Гапочка, II Засадская, БЛ Имнадзе З.И. Кличникова, Е.Л. Корчагин, М. Павленко, Н.В. Пиротти, Э. Троянская, С.К. Фоломкин и др.

Таким образом, в своей работе З.И. Кличко выражает взгляды отечественных и зарубежных методистов на психологию чтения и раскрывает методические приемы обучения чтению [8]. Вслед за З. И. Кличко, мы утверждаем, что шрифт, используемый в учебниках, очень важен при обучении чтению. Типы букв, стили (обычные, курсив, жирный, подчеркнутые слова и т. Д.), оказывают психологическое воздействие на читателя в зависимости от процесса понимания и осмысления смыслового содержания текста.

